**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**

**ISSN 2617-5320**

# ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***

# ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

***Серия педагогических и психологических наук***

# BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

***Series of pedagogical and psychological sciences***

***2023, №4 (44)***

**ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
(Маҷаллаи илмиву методӣ)
***Муассис:*** *Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.*

***Сармуҳаррир:***
***Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо*** — *номзади илмҳои физика-математика, дотсент директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

***Муовини сармуҳаррир:***
***Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна*** — *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. Қ.** | *доктори илми филология, профессор* |
| **Каримова И. Х.** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Лутфуллозода М.** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Нуъмонов М.** | *доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Маҷидова Б.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Неъматов С.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Иматзода Л.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Ҷураев Х.** | *доктори илмҳои физика-математика, профессор* |
| **Амонов Н.** | *номзади илмҳои психологӣ, дотсент* |
| **Мираказода Ф.** | *номзади илмҳои таърих, дотсент* |

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

| | |
|---|---|
| **Саидзода Р. Ҳ.** | *вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Раҳимӣ Ф. Қ.** | *президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон* |
| **Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.** | *муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Саломиён М.Қ.** | *президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* |
| **Хушвахтзода Қ. Х.** | *ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.*
*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*
*Маҷалла мақолаҳоро аз рӯйи илмҳои педагогӣ (13.00.00) ва психологӣ (19.00.00) ба чоп қабул менамояд.*
Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj ҷой дода шудааст.
Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2023. – № 4 (44). ISSN 2617-5320.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст. Шаҳодатномаи №0219/МҶ-97, аз 27 сентябри соли 2021.
**Суроғаи идора**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов, 11/2, тел.: 2274525, 2270238; E-mail: shohin_7875@mail.ru
Индекси обуна: 77772

**© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2023**

ISSN 2617-5320

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
(Научно-методический журнал)
***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*
*Журнал основан в 2012 г. Выходит 4 раза в год.*

| | |
|---|---|
| ***Главный редактор:*** ***Наджмиддиниён Асадулло Мирзо*** | *кандидат физико-математических наук, доцент директор Института развития образования имени А. Джами АОТ* |
| ***Зам. главного редактора:*** ***Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна*** | *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. К.** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Каримова И. Х.** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Лутфуллозода М.** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Нуъмонов М.** | *доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Маджидова Б.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Неъматов С.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Иматзода Л.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Джураев Х.** | *доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Амонов Н.** | *кандидат психологических наук, доцент* |
| **Мираказода Ф.** | *кандидат исторических наук, доцент* |

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

| | |
|---|---|
| **Саидзода Р. Х.** | *министр образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Раҳими Ф. К.** | *президент Национальной Академии наук Таджикистана* |
| **Джуразода Дж. Х.** | *первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Саломиён М.К.** | *президент Академии образования Таджикистана* |
| **Хушвахтзода К. Х** | *ректор Таджикского национального университета* |

*Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.*

*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*

*Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.*

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj

Вестник Института развития образования. – 2023. – №4 (44).
ISSN 2617-5320.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 219/ЖР-97, от 27 сентября 2021 года.

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А.Адхамова, 11/2; Тел.: 2274525, 2270238, E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекс подписки:77772

**©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2023**

ISSN 2617-5320

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
*The journal is established in 2012. Issued 4 times a year.*

***Chief editor:***
***Najmiddiniyon Asadullo Mirzo*** — *Candidate of Phisico–Mathematic Sciences, associate professor, Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

***Deputy editor:***
***Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna*** — *Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

| | |
|---|---|
| **Salomiyon M.K.** | *Doctor of Philological sciences, Professor* |
| **Karimova I.Kh.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Lutfullozoda M.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Numonov M.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Majidova B.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Nematov S.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Imatzoda L.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Juraev Kh.** | *Doctor of Phisico–Mathematic Sciences, Professor* |
| **Amonov N.** | *Candidate of Psychological Sciences, Docent* |
| **Mirakzoda F.** | *Candidate of History, associate Professor* |

**EDITORIAL COUNCIL:**

| | |
|---|---|
| **Saidzoda R. H.** | *Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Rahimi F. K.** | *President of the National Academy of Sciences of Tajikistan* |
| **Jurazoda J.H.** | *first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Salomyon M.Q.** | *President of the Academy of Education of Tajikistan* |
| **Khushvakhtzoda K. Kh.** | *Rector of the Tajik National University* |

*The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.*

*The journal is included in the database Of the Russian science citation index.*

*The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – Pedagogical sciences and 19.00.00 – Psychological sciences*

The journal is published in Tajik, Russian and English.
The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj; www.payom-prmatt.tj
Bulletin of the Institute of Development of Education. – 2023. – №4 (44).
ISSN 2617-5320.
The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.219/JR-97, dated September 27, 2021.

**Editorial address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adhamov street; Tel: 2274525, 2270238, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

Subscription index: 77772
**© IDE named after Abdurahmon Jomi, 2023**

ISSN 2617-5320

**ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ**
**ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ**
**PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY**

# ҶАШНИ САДА ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

*Амонӣ Салоҳуддин*
**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ҷашни Сада аз ҷашнҳои мардуми эронинажод ва форсизабон маҳсуб меёбад, ки дар рӯзгори эшон на камтар аз Наврӯзу Меҳргон мақом дорад. Он шоми даҳуми баҳманмоҳ (мувофиқи тақвими мелодӣ 30-уми январ) баргузор мегардад, ки он рӯзро Обонрӯз мегӯянд.

Такя ба андешаҳои пажуҳишгарони мардумшинос пайдошавии ҷашни Сада, ки ба Хуршед ҳамчун рамзи оташ робитаи қавӣ дорад, қадимӣ буда, ба гузаштаҳои дур мерасад. Он аввал дар фарҳанги шифоҳӣ ва ривоятҳо зоҳир гашта, сипас, ба осори хаттӣ ворид гаштааст. Имрӯз ҳам он ҳамчун рамзи ихлос ба оташу Хуршед дар миёни мардум пазируфта шудааст.

Дар бораи пайдошавии ҷашни Сада андешаҳо мухталифанд. Баъзе пажуҳишгарон онро падидаи рӯзгори қавмҳои эронитабор дониста, иддаи дигаре ба замонҳои пештар мансуб медонанд. Назар ба муҳтавои ҷашн, ки таниши оташу рӯшноист, метавон гуфт, ки робитаи рӯзгори инсону табиат ҷавҳари асосии онро ташкил медиҳад.

«Дар миёни қувваҳои сершумори бадӣ, дар дашту ҷангалҳои Осиёи Марказӣ, ки ҷони инсонро дар азоб ва ба таҳлука меандохт, бахусус, хушкӣ ва торикӣ бисёр зиёновар буданд. Онҳо дарёфта буданд, ки бар зидди неруҳои номбаршудаи бадӣ, озар ё оташ ва раъду барқ муассир буданд. Бар зидди торикӣ бошад, Хуршед чун унсури тавоно муқаддас дониста мешуд. Нисбати ҳамин аст, ки Хуршед дар миёни нажоди қавмҳои зиёди олами бостон ситоиш ва парастиш шудааст». (9.263)

Ин хусусиятро гузаштагон пазируфта, аз гармии Хуршед баҳрабардорӣ мекарданд, сипас, онро ситоишу ниёиш ва арҷгузорӣ менамуданд, ки сабаби пайдо гардидани ҷашни Сада гардид.

Сада дар забони авастоӣ ба маънои баромадан ва тулуъ кардан истифода мешудааст. Дар забонҳои эронии бостон башакли «sadok» ва дар форсии миёна ба гунаи «sadag» будааст.

Доир ба истилоҳи «Сада» андешаҳои гуногун мавҷуд бошанд ҳам, онҳо ба ҳамдигар умумият дошта, қадимӣ будани ҷашнро тасдиқ менамоянд. Масалан, донишманди маъруфи эронӣ Ҳошими Ризоӣ дар бораи вожаи сада менависад:

«Сада вожаи форсӣ аст. Дар паҳлавӣ бояд ба шакле аз ин ашкол: сат (sat), сатаг (satag), садҳаг (sadhag), садҳ (sadh), сата (sata) буда бошад. Дар арабӣ ба сурати сазақ ё садақ навишта ва гуфта мешавад. Маъмулан, вожаҳое, ки аз форсии миёна ба форсии нав даромада, ба „ҳо“-и ғайрималфуз хатм мешаванд, дар асл ба ҳарфи „гоф“ ё „коф“ тамом мешаванд. Ҳамчунин ҳарфи „т“ дар паҳлавӣ, дар форсии ҷадид ба „д“ ва дар арабӣ ба „зол“ табдил мешавад. Дар форсии миёна ва форсии бостон ва Авесто ба ҳар ҳол вожаи сата (sata) ба маънии сад, адади сад мебошад, чунонки дар форсӣ низ Сада ба маънии сад сол дар баробари қарн ба кор меравад». (7.99)

Ҷашни Сада дар миёни мардуми форсизабон ба гунаҳои мухталиф таҷлил карда мешавад. Яке аз онҳо чунин аст:

Дар даҳумин рӯз ё Обонрӯз аз баҳманмоҳ бо афрӯхтани оташ ин ҷашн оғоз мешавад. Дар ишороти таърихӣ ин ҷашн ҳамеша ба шакли дастҷамъӣ ва бо гирдиҳамоии мардуми шаҳр, маҳалла ва русто дар як ҷо баргузор мешудааст. Мардум дар гирд овардани ҳезум бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд ва ба ин тартиб ҷашни Сада ҷашни ҳамкорӣ ва ҳамбастагии мардум аст. (10.144)

Мувофиқи ривояти «Шоҳнома» Ҳушанг-шоҳи пешдодиён ин ҷашнро асос гузоштааст. Гӯё Ҳушанг ҳамроҳи дарбориёнаш дар саҳро ба море дучор меояд. Ҳушанг сӯйи мор санг

меандозад. Санг бар санги дигар бархӯрда, аз он оташак меҷаҳад ва ба ҳамин васила оташ кашф мегардад. Минбаъд одамон ба ҳамин муносибат оташ афрӯхта, ба он саҷда мекарданд.

Сада ҷашни мулуки номдор аст,
Зи Афридуну аз Ҷам ёдгор аст. ( Унсурӣ)

Ҷашни Сада ба оини Меҳргарой (Митроӣ) шабоҳат дорад, ки аз оини Зардуштӣ 3000-5000 сол пеш мавҷуд буд. Дар оини Зардуштӣ муқаддасоти ҷашни Сада нигоҳ дошта шудааст. Сада то садаи XII ҷашн гирифта мешуд, лекин баъдҳо аз байн рафта бошад ҳам, нишонаҳои он мисли гулхан афрӯхтан, дар гирди он базм оростан, аз болои он ҷаҳидан ҳанӯз дар байни мардуми тоҷик ба назар мерасанд.

Ҳаким Фирдавсӣ оғози ин ҷашнро ба Ҳушанг, писари Сиёмак нисбат медиҳад:

Зи Ҳушанг монд он Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр. (1.171)

Дар Тоҷикистон аз рӯйи тақвими мардуми форсизабон Сада дар баъзе рустоҳо ҷашн гирифта мешавад.

Иди Сада дар поёни чиллаи калон чун рамзи гузаштани сардиҳои зимистон расонандаи муждаи баҳор будаст. Мардум, бахусус, деҳқонон дар шаби ҷашн бори дигар бузургии гармию фурӯғи миноии Митра (Меҳр)- ро ёдоварӣ намуда, ба поси он гулханҳои бузург меафрӯхтанд ва шодиву хушҳолӣ менамуданд. Сада пирӯзии рӯшноиро бар торикӣ ифода намуда, бо тантанаи оташафрӯзӣ аз омадани баҳору Наврӯз мужда мерасонад.

Сада ном гирифтани ин ҷашн беҳуда нест, зеро он аслан аз шумораи сад гирифта шуда, аз 10-уми моҳи Баҳман то омадани Наврӯз 50 шабу 50 рӯзро фаро мегирад. Ба қавли Абурайҳони Берунӣ ниёгони барӯманди мо шабу рӯзро алоҳида ҳисоб мекарданд ва он то расидани Наврӯз 100 шабу рӯзро дар бар мегирифт.

Дар робита ба Сада ном гирифтани ин ҷашн ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Аллома Абӯрайҳони Берунӣ чунин менависад: “Ва низ гуфтаанд, ки андар ин рӯз аз фарзандони падари нахустин (Одам) сад тани тамом шуданд” . Гардезӣ муаллифи “Зайн - ул - ахбор” овардааст: “Садаи бузург чунин гӯянд муғон, ки андар ин рӯз сад мардум тамом шуда буд аз насли Мишо ва Мишияна ва эшон ду мардуми нахустин дар бурҳон буданд. Чунон, ки мусулмонон гӯянд Одам ва Ҳаво, Муғон онро он ду тан гӯянд. “Возе (асосгузор) - и ин ҷашн Каюмарс аст. Дар чунин рӯзе фарзандони вай ба сад тан расидаанд ва чун болиғ шуданд дар шаби ин рӯз ҷашн гирифтанд ва ҳамаро кадхудо карду фармуд оташи бисёр афрӯхта бадон сабаб онро сада гӯянд” (2.264).

Дар бархе аз манобеъ ин ҷашнро ба Ҳушанг ибни Сиёмак нисбат медиҳанд ва баъзе гӯянд Ҳушанг ба чаҳорум пушт ба Одам мерасад. Рӯзе Ҳушанг ҳамроҳи сад кас ба тарафи кӯҳе рафт, ногоҳ море бузург ба назараш даромад ва чун ҳаргиз мор надида буд, ба шигифт омад ва гуфт ҷамеи ҷонварон мутобеати мо мекунанд ҳамоно ин ҷонвар душмани мост, ки сар аз итоат бипечид. Санге бардошту бар ҷониби мор андохт ва санг хато шуду бар санги дигар хӯрд, оташ дар он биҷаст ва бар хасу хошок афтод ва мор бисӯхт. Чун дар он замон ҳанӯз оташ зоҳир нашуда буд, Ҳушанг аз пайдо шудани оташ хуррам ва шодон гардид ва гуфт ин нури худост, ки душманамонро кушт ва ба саҷда рафт ва шукри эзид ба ҷой овард ва дар он рӯз ҷашни бузурге гирифт.

Назар ба пиндори олимон тақрибан ёздаҳ ҳазор сол пеш дар қисмати шимолии Осиё, яъне зистгоҳи бумии қабилаҳои сершумори ориёӣ, давраи яхбандиҳои тӯлонӣ ва сардиҳои даҳшатнок фаро расида, зиндагии осудаи онҳоро сангин намудааст. Рӯдҳои паҳновари Об ва Енисей, ки дар маркази сарзамини нахустини онҳо ҷойгир буданд, ях бастанд ва сардиҳои зимистон то даҳ моҳ давом меёфт. Чарогоҳҳо зери барфҳои абадӣ монда, ҷангалзорҳои анбӯҳ ва дарахтони ёбоӣ дигар ҳосил намедоданд ва талафоти чорво меафзуд. Метавон гуфт, ки дар замони яхбандии ёздаҳ ҳазор сол пеш рӯйдода, ориёиҳо аз паҳноҳои Сибир ва доманкӯҳҳои Урал фаромада, дар канораҳои баҳри Хазар ва Осиёи Миёна сокин гаштаанд.

Дар «Авесто» аз маҳали сукунати минбаъдаи қабилаҳои ориёӣ, аз ҷумла бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиён, сакоиҳо маълумоти нодире маҳфузанд, ки бо номи қаламрави зисташон зикр шудаанд. Ориёиҳо аз ғояти сармо ва хунукиҳои шадид маҷбур мешаванд, ки “Аирйанам

Ваеҷаҳ”-и беамсолро тарк карда, дар саргаҳи “Гава, макони суғдиён”, “Моуруи (Мари) тавоноюю ростипараст”, “Баҳдӣ (Бохтари) зебо бо дирафшҳои афрошта”, “Нисайа, ки байни Моуру ва Баҳдӣ воқеъ аст”, “Ҳарайва” (Ҳирот) ва кишварҳои дигар то мавзеи Ҳинд, “кишвари Гургониён ва Роғ” (шимоли шарқии Мод) паҳн шуда, дар ноҳияҳои асосии Осиёи Миёна, Афғонистон ва Хуросони кунунӣ маскан бигиранд. Дар “Меҳр Яшт” (Яшти 10) омадааст, ки “сипаҳбадони мағлубнашавандаи онҳо корзорҳои беададе месохтаанд, ки кӯҳҳои баланди пурчарогоҳаш ба касони парастори чорпоён хизмат мекардаанд. Кӯлҳои булӯринаш ба масоҳати бузург паҳн шуда, дарёҳои васеи пуробаш сӯйи Ишкату Нарут, Ҳироту Марв, Ғави Суғд ва Хоразм равон буданд”.

Тавре ки гуфтем, Абулқосим Фирдавсӣ дар“Шоҳнома”пайдоиши ҷашни Садаро ба подшоҳи дуюми пешдодӣ Ҳушанг нисбат медиҳад. Мувофиқи нигориши ҳакими бузург Ҳушанг ба мардум тарзи афрӯхтани оташро омӯзонид ва ҷашни Садаро бунёд гузошт. Ҳушанг рӯзе ҳамроҳи ёронаш ба шикор рафт. Дар шикоргоҳ мори сиёҳи дарозеро дучор омад, ки ба одамон ҳамла меовард. Санги калонеро бардошта, сӯи мор ҳаво дод ва он санг ба санги дигаре бархӯрда, шарора афканд. Ӯ аз шарора афкандани ду санг ба ҳайрат монда, онро чун шуои фурӯғи яздонӣ пазируфт ва аз ҳамон рӯз бузургдошти оташро ба ҷо овард. Ин маросим ҷашни Сада номида шуд, ки онро халқҳои ориёинажод пос дошта, дар арафаи фаро расиданаш гулханҳо меафрӯхтанд. Баъди ихтирои оташ Ҳушанг нахустин касе буд, ки ба истихроҷи филизот аз санг оғоз намуд ва онро гудохта, алайҳи аҳриманзодаҳову девҳо аслиҳа сохт. Фирдавсӣ пазироии ҷашни Садаро аз ҷониби Ҳушанг чунин менигорад:

Шаб омад, барафрӯхт оташ ба кӯҳ,
Ҳамон шоҳу дар гирди шоҳ он гурӯҳ.
Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)ард,
Сада номи он ҷашни фархунда кард.
Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр. (1. 169)

Ниёгони мо афрӯхтани оташро омӯхта, барои нигоҳдории он мекӯшиданд. Дар оғоз нигоҳдории оташ андаруни ғорҳо ва дигар ҷойҳои мусоид маъмул гардида, сипас, ин ҷойгоҳ ба оташкада табдил ёфт. Одатан, оташи муқаддасро атарбонҳо, яъне оташбонҳо андаруни оташкада нигаҳдорӣ мекарданд. Ҳамин тариқ, парастиши оташ ва бузургдошти он ба ҳукми анъана даромада, бунёди оташкадаҳо дар минтақаҳои гуногуни будубоши ориёитаборон роиҷ гардид, ки оташкадаҳои овозадори Навбаҳор дар Балх, Озарфарнбағ дар Кориёни Форс, Озармеҳрбарзин дар Реванди Хуросон, Озаргӯшнасп дар Шизи Озарбойҷон аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Абурайҳони Берунӣ дар “Китоб - ут-тафҳим” ҷашни Садаро рамзи пирӯзии Фаридун бар Заҳҳок шумурда, фаворасии адолату осоишро дар мамлакат ба оташафрӯзии оини Сада нисбат медиҳад. Ҳамин тариқ, пазироии ҷашни Садаро ба шоҳони пешдодӣ Ҳушангу Фаридун нисбат дода, онро бо афрӯхтани гулхан ва дар атрофи он рақсу тараб намудан бо шукуҳу шаҳомоти хос пешвоз мегирифтанд.

Ҷашни Сада дар масири таърих ҷойгоҳи хос дошта, ҳангоми давлатдории Ашкониён, Сосониён ва Сомониён бо тантанаву шукӯҳи тамом истиқбол мегардид. Беҳуда нест, ки дар бузургдошти Сада шоири тавоно Фаррухӣ (асри XI) чунин овардааст:

Сада омад, ки туро мужда диҳад аз Наврӯз,
Мужда бипзиру бидеҳ хилъату кораш ба тироз.

Ҳамин тариқ, ҷашни Сада яке аз ҷашнҳои мавсимию маросимии мардуми ориёитабор, аз ҷумла ниёгони тоҷикон буда, он ҳамчун рамзи бузургдошти Митра (Меҳр), омодагӣ ба киштукори баҳорӣ ва муждаи Наврӯз пазироӣ мегардид. Сада рамзи рафтани нимаи зимистон буда, деҳқононро барои киштукори саҳро омода менамуд. Сада бо гулхани рӯшноиафзои хеш сардиҳои зимистонро бо рӯшноиву гармиҳои баҳор мепайваст ва 50 рӯзу 50 шаби фаворасии Наврӯзро мардум бесаброна шумурда, ба пазироии бузургтарин ҷашни баҳор ва истиқболи Соли Нави аҷдодӣ – Наврӯзи оламафрӯз омода мегаштанд.

Ин ҷашн маъмулан рӯзи даҳуми (обонрӯз) аз моҳи баҳман гирифта мешудааст ва ҳамаи муаррихону фарҳангнависон ба он ишора кардаанд, ки миёни рӯзи даҳум ва ёздаҳум оташафрӯзӣ роиҷ будааст. Сада дар маъхазҳои мавҷуд номи шаб аст на номи рӯз ва зоҳиран маросими ин ҷашн оташафрӯзӣ буда, дар шаби пеш аз рӯзи наваду нӯҳуми зимистон воқеъ мешуд ва дар ҳақиқат метавон гуфт, ки дар поёни озаррӯз ё нӯҳуми моҳи баҳман ин ҷашн сурат мегирифтааст. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ айни ҳамин маълумотро дар “Шоҳнома” зикр намудааст:

Ҳам ону ин санг гардид хурд,
Баромад ба санги гарон санги хурд.
Дили санг гашт аз фурӯғ озранг,
Фурӯғе падид омад аз ҳарду санг.
Ниёиш ҳаме карду хонд офарин,
Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин.
Ҳамин оташ онгоҳ қибла ниҳод,
Ки ӯро фурӯғе чунин ҳадя дод.
Сада номи он ҷашн фархунда кард,
Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)рд (1.173)

Ҳамин тариқ, садумин рӯзи зимистон бо номи сада маъруф буда, аз ибтидои зимистон (аввали обонмоҳ) то даҳуми баҳман ва аз даҳуми баҳман то Наврӯз, яъне аввали баҳор панҷоҳ рӯзу шаб будааст. Аз сабаби ин ки дар ҳамин рӯз оташ ба даст оварда шудааст, шаб ҳам монанди рӯз равшан, гарм ва зинда гардидааст, шабҳо ҳам шуморида мешудаанду дар маҷмуъ то Наврӯз сад рӯз боқӣ мемондааст.

Яке аз сабабҳои дигари гиромидошти ин шаб он будааст, ки мувофиқи боварии эрониёни бостон ду моҳи миёни зимистон, яъне дай ва баҳман бисёр сахт ва давраи неруманд гаштани Аҳриман будааст ва барои поён ёфтани ин ду моҳ ниёишҳои вижае низ хонда мешуданд ва аз ин рӯ, ҷашн баргузор мекарданд. Аз шаби чилла, (чилаи бузург) то шаби даҳуми баҳманмоҳ, ки Меҳр барои мубориза бо Аҳриман дубора зода мешуд, баробари чил рӯз аст ва ба сабаби ҷашни Сада (чилаи кӯчак), ки оташ (маҳзари гармо, нур ва бузургӣ) дар рӯзи сада кашф шуда буд, воситаи дигаре барои мубориза бо Аҳриман ва бинобар равшан шудани шаб, шаб ҳам монанди рӯз ба ҳисоб гирифта шуд, яъне аз шаби чилаи кӯчак то аввали исфанд бист рӯзу ва бист шаб дар маҷмуъ чилро ташкил дод.

Яке аз нишонаҳои пайванди ин ду падида маросимест, ки шаби даҳуми баҳман оташи бузурге ба номи оташи сада (чил дарахти парваришшударо, ки нишони чил рӯзи “чилаи бузург” аст) дар майдон бармеафрӯхтанд.

Сада дар фарҳангҳои форсӣ ба адади сад муносибат дошта, инчунин ба маънии оташ ё шуълаҳои баланд низ маънидод шудааст.

Як зумра муҳаққиқони дигаре бар он назаранд, ки вожаи “сада” ба шумораи сад ҳеҷ гуна муносибати маъноие надорад. Аз ҷумла, Меҳрдод Баҳор дар китоби “Ҷусторе чанд дар фарҳанги Эрон” бар ин бовар аст, ки сада ба маънои баромадан ва тулуъ кардан аст. Ва иртиботе ба адади сади авастоӣ надорад. Адади сад дар шакли (صد ) (бо сод) маъруф шудааст. Дар ҳоле, ки вожаи сада дар шакли (سده ) (бо син) муарраб шудааст. Агар нахустин рӯзи зимистонро (пеш аз шаби ялдо) тавлиди дигаре барои Хуршед ё Меҳр бидонем, метавон онро ҳамоҳанг бо ҷашн гирифтан дар даҳумин ва чилумин рӯзи тавлиди оиини кӯҳан ва зиндаи эронӣ донист ва ин вижа “sadag” ва дар форсии миёна “sadok” ошкор шудан аст. Дар Эрони бостон вожаи арабии “сазақ” (سذق ) ва “навсазақ” (و سذق ) муарраби “навсада” (ذو سده) аз он омадааст (4). Ривоятҳое, ки ҷашни Садаро ба сад рӯз гузаштан аз зимистон ва ё панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз то Наврӯз таъбир мекунанд, ҳамагӣ дар давраҳои охир сохта шудаанду дар матнҳои қадима дучор намешаванд. (4.124)

Дар бораи ҷашни Сада дар аҳди Сосониён ҳеҷ гуна маълумоте дастрас нагардид, вале бешак пеш аз Ислом он ҳамчун маросими пуршукуҳ маъмул будааст. Фирдавсӣ борҳо дар “Шоҳнома” аз ин ҷашн ёдоварӣ кардаву маросимҳои онро зикр намудааст. Дар “Худойнома” – ҳо низ ёдоварӣ гардидааст ва ҷашни Сада дар азамату аҳамият назири Наврӯзу Меҳргон будааст.

Чун рӯзи Сада фаро мерасид, муҳимтарин расм, ки шукуҳу шуҳрати ҷашни Сада низ дар асоси он устувор будаасту ҳаст, дар поёни рӯзи даҳуми (обонрӯз) ва шаби ёздаҳуми аз моҳи баҳман анҷом мегирифтааст. Мардум ҳезум ҷамъ оварда, гулхан меафрӯхтаанд. Дар рӯбарӯйи оташе, ки дар ҳузури султон ё амир афрӯхта мешудааст, хоне мегусурдаанд ва шуаро қасоидеро, ки дар мадҳи шоҳу васфи Сада суруда буданд, дар он ҳангом ё пас аз он мехонданд. Ва мардум ба шодиву ромиш пардохта ва ба ҷаҳидан аз болои тӯдаҳои кӯчаки оташ нишоти худро ошкор месохтанд. Дар ин шаб падарон барои фарзандону хурдсолони хеш буқи сафолин мехариданд. Ба қавли Берунӣ дар шаби Сада эрониён дуд меангехтанд то ҳамаи зараркунандагонро нобуд созанд.

Зардуштиён аз хору хас пуштаи бузурге месохтаанд. Қисме аз мардум ба ҷашнгоҳ ҳозир гашта, се рӯз дар он макон шодию хурсандӣ мекарданд, аз ними рӯз ва баъд тамошогарон, ки бештар аз аҳли шаҳр буданд, меомаданд ва ҷашнро оғоз менамуданд. Ҳангоме, ки Офтоб дар паси уфуқ пинҳон гашт, даҳ муъбади машъалдор дасти ҳамдигарро гирифта, даври пуштаи хор гардиш мекунанд ва ниёиши оташ мехонанд. Ин муъбадон либоси сафед ба тан доранд ва баъд аз он ки се маротиба гирди пуштаи ҳезум гаштанд, оташ бар он меафкананд. Пуштаи хор, ки ба тундӣ фурӯзон мешавад, бисёр диданист, ба тавре, ки гармии он ҳалқаи ҷамъиятро бо ҳаёҳу ва ҷунбуҷул аз давраи худ пароканда мекунад. Гирдомадагон низ зуд пароканда мешаванд. Ҳамин ки шиддати шуълаи оташ паст шуд, аз сари нав ба сӯйи он рӯ меоваранд, оташбозӣ мекунанду аз болои он меҷаҳанд, ҳатто аспсаворон аз фазои тӯдаи оташ мепаранд.

Ҷашнгирии Сада дар баъзе мавзеъҳои Эрон содатар аст. Яъне ба ҳамин тартиб, ки гуфта шуд мардум пуштаҳое аз хору хошок гирд овардаву ҳангоми ғуруби Офтоб оташ мезананд, гоҳе лаб ба сурудани таронаи дилкаш мекушоханд ва гоҳе низ ҷомаҳои вижае ба тан карда, ба шодӣ мепардозанд, монанди Наврӯз онро баргузор мекунанд.

Ҳамин тавр, метавон ба хулосае омад, ки ҷашни Сада, ҷашни Офтоб, таҷлили нуру гармӣ, пирӯзии равшанӣ бар торикӣ аст. Сада шуълаи умеду орзуҳоро ба фардои хушу нек фурӯзон менамуд ва ба ин хотир онро ҷашни ҳамкорӣ ва ҳамбастагии мардум номидан мумкин аст.

Таҷлили ҷашнҳои миллӣ моро ба андеша водор месозад, то ба диди илмию астрологии ниёгони хеш тан бидиҳему арҷгузорӣ намоем. Ифтихори миллию эҳсоси ватандӯстии мо аз умқи қарнҳо, аз олами маънавии аҷодамон сарчашма мегирад ва моро водор месозад, ки имрӯзу ояндаи хешро бо муҳаббати тамом ба расму оинҳои миллӣ, шодмонию ояндабинии нек ва умеду талошҳои созанда таниш бидиҳем. Ҷашнҳои миллӣ рукнҳои ҳувийятзо ва руҳангези чеҳраи миллии мо ба шумор мераванд.

## АДАБИЁТ:

1. Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» /Фирдавсӣ А. Ҷилди 1. –Душанбе.: Ирфон,1984. – 487с.

2. Абусаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ «Зайн-ул-ахбор» (Зайн-ал-ахбор). Таълифи Абдулҳайи Ҳабибӣ. Теҳрон: Бунёди фарҳангии Эрон, 1347. – 351с.

3. Баҳор М. Аз устура то таърих / М. Баҳор. Теҳрон.: Нашри Чашма, 1384 шамсӣ. - 346 с. (бо ҳуруфи форсӣ).

4. Баҳор М. Ҷусторе чанд дар фарҳанги Эрон // Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳани Эрон./ М. Баҳор. Теҳрон.: Интишороти Фикри рӯз. 1373. - С. 124-114

5. Бертелс Е.Э. Праздник джашни сада в таджикской поэзии // Сборник статей по филологии народов Средней Азии посвященный 80-летию со дня рождения А.А. Семёнова. / Е.Э. Бертелс Сталинабад.: Издательство Академия наук РСС Таджикис-тан. 1953. – С. 33 – 43.

6. Берунӣ Абӯрайҳон, «Ат -тафҳим» / Абӯрайҳон Берунӣ. Теҳрон.: Интишороти анҷумани осори миллӣ. 1351шамсӣ-456с. (бо ҳуруфоти форсӣ).

7. Берунӣ Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия. / Абӯрайҳон Берунӣ Теҳрон.: Интишороти Амири Кабир. 1363 шамсӣ- 462с..

8. Ризо Ҳошим. Ҷашнҳои оташ ва меҳргон. Теҳрон, 1383, саҳ.99.)

9. Эмомалӣ Раҳмонов. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», 2006, С.263

10. Якубов Ю. Праздник Сада или древней масленицы // Мероси ниёгон, № 6, 2003.- С. 144-149

## ҶАШНИ САДА ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Муаллиф дар мақола дар бораи пайдошавии ҷашни Сада сухан ронда, ба таърихи пайдоиш ва мазмуни он такя бар пажуҳишҳо ва андешаҳои олимону адибону муаррихон ибрози назар намудааст. Баъзе пажуҳишгарон онро падидаи рӯзгори қавмҳои эронитабор дониста, иддаи дигаре ба замонҳои пештар мансуб медонанд. Назар ба муҳтавои ҷашн, ки таниши оташу рӯшноист, метавон гуфт, ки робитаи рӯзгори инсону табиат ҷавҳари асосии онро ташкил медиҳад.

**Калидвожа:** *Сада, ҷашн, оин, Митро, Наврӯз, пушта, хору хас, ҳувийят, ниёгон, ориёитаборон.*

## ПРАЗДНОВАНИЕ САДА В «ШОХНОМЕ» АБУЛКАСИМА ФИРДАВСИ

В статье автор рассказывает о происхождении праздник-фестиваля Сада и высказывает свое мнение об истории его происхождения и содержании, основанное на исследованиях и мнениях ученых, писателей и историков. Некоторые исследователи считают его повседневным явлением иранских народов, другие относят его происхождение к более ранним временам. Глядя на содержание фестиваля, представляющее собой напряжение огня и света, можно сказать, что связь между жизнью человека и природой является его основной сутью.

**Ключевые слова:** *Сада, праздник, обряд, Митро, Навруз, хребет, шипы, личность, предкие, арийцы.*

## CELEBRATION OF THE SADA IN “SHOKHNOMA” BY ABULQASIM FIRDAVSY

In the article, the author talks about the origin of the Gardens holiday festival and expresses his opinion about the history of its origin and content, based on research and opinions of scientists, writers and historians. Some researchers consider it an everyday phenomenon of the Iranian peoples, others attribute it to earlier times. Looking at the content of the festival, which is the tension of fire and light, it can be said that the connection between human life and nature is its core essence.

**Key words:** *Sada, holiday, ritual, Mitro, Navruz, ridge, thorns, personality, ancestors, Orians.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Амонӣ Салоҳуддин, мудири шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола)-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. E.mail: h.amoni @mail.ru, тел: 907909062*

**Сведения об авторе:** *Амони Салохуддин, заведуюший отделом разработки, применения инновационных образовательных технологий (12-летнее образование) НИИ развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана. E.mail: h.amoni @mail.ru,тел: 907909062*

**Information about the author:** *Amoni Salohuddin, head of the department for the development and application of innovative educational technologies (12-year education) of the Research Institute for Educational Development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. E.mail: h.amoni @mail.ru. Tel: 907909062*

**УДК 378(075.8)**

## ОБРАЗОВАТЕЛЬНО-ИННОВАЦИОННЫЙ ПОТЕНЦИАЛ ЦЕННОСТНО-СМЫСЛОВОГО УПРАВЛЕНИЯ ВРЕМЕНЕМ В КОНТЕКСТЕ РЕАЛИЗАЦИИ МОТИВАЦИОННО-РАЗВИВАЮЩИХ ТЕХНОЛОГИЙ В ВУЗЕ

***Джафарзода С. Ф.***

**Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб**

Новые условия и стремительные изменения, которые происходят во всем мире и в каждой стране по отдельности, диктуют необходимость подготовки специалистов,

умеющих анализировать, проектировать, разрабатывать модели и системы развития каждой из отраслей, учитывать угрозы по функционированию систем и обретать ряд других качеств, которые для каждой из отраслей экономики страны имеют свои специфические особенности реагирования на них. Кроме формирования профессиональных знаний, поднятия уровня воспитанности личности, моральные императивы занимают особое место, так как на эти качества личности обращено внимание из глубин веков, например, Фаридаддин Аттор еще в 12 веке указывает на важность 72 качеств мужества (джавонмарди), среди которых такие критерии, как «правдивость», «желание другим того, что хочется самому», «чистота намерений», «не унижать себя», «не терять собственного достоинства и уважать других», быть упорным в труде «соотносить действия со сказанными словами» и т.д. [1, с. 18]. Что касается места и роли образования, Абуали Ахмад ибн Мескавейх отмечает, что все поступки людей заложены на четырёх основах: знании, терпении, целомудрии, справедливости [2, с. 88], которые, на наш взгляд, адекватно отражают происходящие перемены в мире и те требования, которые предъявляют к современному специалисту в этих условиях. Если эти требования проанализировать с точки зрения А. Бергсона, то «жизнь есть поток творческого формирования, проходящий через человека, жизненный порыв («elan vital»), нечто первичное, подлинное и первоначальная реальность, проникнуть в суть которой может развитая интуиция и формируется эта реальность в мозге» [3, с. 17], то есть в этом аспекте формирование таких качеств, как творческое воображение, предвидение, моделирование процессов, как было упомянуто ранее, занимают важное место. Помимо реализации различных моделей образования и воспитательных технологий в этих условиях, то есть проектирования будущего, требуются также современные средства оценивания результатов обучения в соответствии с принятыми, не только в пределе одного произвольно взятого вуза, системы образования страны, а также опыт ведущих вузов функционирующих на основе базовых принципов Болонского процесса и Всеобщей хартии университетов, так как «образование стало ведущим фактором развития – так называемым локомотивом экономического роста и одним из важнейших факторов геополитической стабильности [4, с. 11]. В этом аспекте вхождение вузов Республики Таджикистан в общемировое пространство позволило активизировать деятельность вузов по внедрению современных образовательных технологий и формирование конкурентоспособности студентов – будущих специалистов с учетом создания мотива и мотивации в том, что получение образования в Республике Таджикистан и получение дипломов соответствующего образца в соответствии с конвенцией о признании квалификации, относящихся к высшему образованию в Европейском регионе, реализации опыта академической мобильности и ряда других факторов создают условия для системного развития как отрасли в целом, так и активизации студентов и преподавателей в инновационной образовательной среде вуза во взаимосвязи с работодателями, о важности этих задач, которые отмечаются в работах [5,6]. Следует при этом отметить также, что стремительно происходящие перемены в мире в условиях жесткой конкуренции между странами порождают также существование ряда общих человеческих проблем, среди которых, по мнению Максаковского В.П., «сохранение мира, кризис культуры и нравственности, межнациональные отношения, сырьевые проблемы, распространение терроризма, отсталость, экологические проблемы» [7, с. 390]. Следовательно, если выбрать базовые условия проектирования успешной модели специалиста во имя развития не только с учетом нынешних условий, но и происходящих перемен, когда, по мнению Новикова А.М., «человеку теперь надо быть готовым действовать в условиях высокой динамики происходящих процессов, для этого надо уметь работать с информационными потоками, уметь анализировать происходящее вокруг, быть динамичным, легким на подъем, коммуникабельным и т.д., то есть быть готовым тогда, когда завтра наступает» [8, с. 41]. Следовательно, отношение к специалистам в этих условиях может существенно измениться в процессе овладения знаниями в высшем учебном заведении, которые зависят от качества преподавания и формы проведения

занятий, активизации учебно-воспитательного процесса и ряда других факторов, при этом особый замысел приобретает понятие выбора «стратегии жизни личности». Обращаясь к тем, кто выбирает будущую профессию и может быть готовым к особенностям этого жизненного выбора, Клейтон Кристенсен выдвигает простой по содержанию тезис «Осторожно, впереди важное решение» [9, с. 197]. Эту идею наряду с другими задачами можно рассматривать в качестве дидактической идеи разработки воспитательно-образовательного потенциала, предложенные нами мотивационно-развивающие технологии ценностно-смыслового управления временем и изменениями в инновационной и культурной среде вуза и учитывать при этом также то, что проблема формирования высокого уровня интеллектуальных качеств личности неразрывно связана с национальными интересами государства, так как от уровня достигнутого профессионализма и морально патриотических качеств личности и умением реализовать себя в будущем зависят многие задачи в условиях жесткой конкуренции между странами, на которые указывает Фатхуддинов Р.А., где он предлагает дополнительно обращать внимание на то, что «конечно, обдумывай: «Что? Где? Когда?», но в экономике сначала глубже и системно обдумывай: «Почему? Как? Что это даст?» [6, с. 9]. В продолжение этой мысли, к примеру, Салтыков Щедрин М.Е. отмечает, что «воспитайте в себе идеалы будущего, ибо это своего рода солнечные лучи, вглядывайтесь часто и пристально в светящиеся точки, которые мерцают в перспективе будущего» [10, с. 14-15]. С учетом анализа этих факторов и предложенных позиций ученых и мыслителей о месте и роли образования, воспитания и проектирования – предвидение будущего в условиях визуализации представляемых проблем, как показывают результаты репрезентативных социологических исследований общественного мнения, «основными мотивациями получения высшего образования являются: интеллектуально-прагматическая (получение знаний и конвертация их в высокие доходы) – 31.5%; преимущественно-интеллектуальная – 23.0%; преимущественно- прагматическая – 31.3%; побочная (внеобразовательные мотивы, например, стремление избежать призыва в армию) – 14.2%» [11, с. 8]. Как видно из представленных данных, 14.2% респондентов указывали на внеобразовательные мотивы, например, стремление избежать призыва в армию. По этой же логике нами проведены и обработаны результаты серии социологических исследований с участием 320 студентов, среди которых «случайный, неосознанный выбор профессии» составил более 18%, а насколько вы представляете будущее и с какими трудностями будете сталкиваться по мере окончания вуза, то 26% ответили, что «когда закончим, тогда и видно будет», на «осознанное обучение и достижение карьерного роста» указывали 19%, а по аналогии предыдущего примера по этическим соображениям мы не сформулировали жизненную позицию «избежать призыва в армию», так как косвенно эти проблемы, а также взгляды, естественно, имеют место быть среди преобладающего большинства студентов вузов нашей страны, у которых при выборе жизненной стратегии, присутствует вышеуказанный тезис – «осторожно, впереди важное решение». С учетом обработки данных результатов опроса и их сравнительно-сопоставительного анализа с другими работами по этой тематике при выборе дидактических целей мотивационно-развивающих технологий нами было обращено особое внимание на то, какие критерии и «измерения» в аспекте достижения целей и профессиональной готовности будущих специалистов способствовали мотивированности в обучении и постоянное стремление совершенствовать базовые и профессиональные качества личности. В этом смысле, в качестве первого шага, принимая за основу высказанное Фатхуддинова Р.А. серии вопросов «Что?», «Где?», «Когда?», в ходе упомянутой ранее серии поиска ответов на серию этих вопросов, в условиях ограничений в предположении представления ответов на эти вопросы с учетом ограничения времени, например, 50 минут, которые соответствуют одному часу аудиторного времени с напоминанием о том, что Торонто Шон Шеннон, который показал незаурядный талант членораздельно говорить с невероятной скоростью, и получил звание самого быстрого говорящего в Книге рекордов Гиннесса еще в 1995 году, прочитав знаменитый монолог Гамлета «Быть или не

быть» за 23,8 секунды. Монолог Уильяма Шекспира состоит из 260 слов. Это означает, что Шон Шеннон говорил со скоростью 655 слов в минуту! [https://records-world.com/samaya-bystraya-rech/] Или же у Дионисия были такие способности, как «запоминал слова, надпись из 100 строк» [12, с. 10]. С такими примерами возможностей человека можно ознакомиться в серии книг по рекордам Гиннесса и в других источниках, на основе которых можно заниматься самотренингом и каждый раз проверять, на что «способен человек, и какие у тебя есть возможности», с использованием базовых идей в контексте «твои возможности человек» и с соблюдением условия, чтобы в пределе до 50 минут представить свои ответы и принять при этом один из подходов активизации учебного процесса, то есть «вручение титула» победителя команды «Время+» серии ответов с базовыми словами – что, где, когда, с учетом внесения дополнения к этим вопросам, то есть «Что это за профессия – специальность, которую выбрали вы?», «Где можете работать и кем по мере окончания вуза или во время обучения?», «Когда и на основе каких требований будут принимать вас на работу?». При оценке уровня активности и представленных ответов с учетом их содержания были приняты следующие рейтинговые оценки, принимая при этом следующие содержания оценивания результатов: «на достаточно высоком уровне с использованием, как минимум, кроме государственного двух иностранных языков – с учетом условного обозначения рейтинга – RO5», «на высоком уровне – RO4», «на достаточно хорошем уровне – RO3», «на хорошем уровне – RO2», «на удовлетворительном уровне – RO1», «на низком уровне – RO0» и учитывая, что изложения ответов на государственном языке является обязательным и при этом считается, как проявление качеств патриотического воспитания и уважительного отношения к национальным ценностям, следовательно по этой критерии льгот не предусматривается, владение этими компетенциями является обязательной, а при рейтинге RO5, RO4 и RO3 учитывались дополнительно выполненные задания на других языках, результаты обработки данных показали следующее: по рейтингу RO5 – 5%, RO4 – 9%, RO3 – 15%, RO2 – 30%, RO1 – 24%, RO0 – 17%.

Как видно из представленных результатов с учетом того, что студенты проходили программу обучения и сдавали экзамены по группе языков, а также с условием, что в процессе реализации кредитной технологии обучения, кроме основных занятий предусмотрено время для самостоятельной работы и самосовершенствования, во время которого студенты имеют возможность, кроме обязательных дисциплин, дополнительно освоить программы владения другими языками, например, участвуя в тренингах по овладению этими языками. С учетом этих предположений видно, что в целом студенты, владеющие иностранными языками, допустим более двух, составляют в диапазоне 5%, одним иностранным языком – 9%, в основной массе студенты не смогли представить в заданное время ответы с учетом принятых условий по вручению титула лучшего пользователя «Время+». При выборе содержания поставленных вопросов, то есть овладения иностранными языками было косвенно учтено то обстоятельство, что при реализации опыта академической мобильности эти качества студентов являются доминантными, так как обучение в других вузах Европы требует владение на высоком уровне иностранными языками. Эти показатели свидетельствует о том, что вопросы, связанные с повышением качества образования, которое является одним из приоритетов Болонского процесса, должны находиться в качестве задач пристального внимания вузов и проведения при этом серии тренингов, рекламной деятельности и других видов работ, чтобы создать определённые мотивы и мотивации по овладению иностранными языками и умением работать в условиях открытого информационного пространства. На основе анализа выше изложенных результатов, нами предлагается при вузах создавать «центры управления временем и компетентностями», которые с одной стороны, оказали бы помощь студентам в овладении разными иностранными языками, с учетом оценки их результативности, то есть умением не только иметь коммуникативные компетентности, но и применять их на практике, при подготовке самоотчетов по результатам изученных

дисциплин и других работ. В качестве примера реализации данного опыта, можно привести составление опыта энциклопедии профессионального роста на каждом этапе обучения или, по мере завершения отдельно взятой дисциплины, актуальность которого нами доказана в ходе проведения серии формирующих экспериментов по программе «Время+», где время означает за какой заданный промежуток времени студент представляет приобретенные знания (знаневая компетентность) и знак (+) означает, что студент, кроме достижения профессиональной компетентности, единовременно представляет свою лингвистическую компетентность, где на основе данного опыта можно представить следующий пример [14, с. 178]:

**Перечень изучаемых дисциплин за второй семестр 2018-2019 гг.**
**The list of studied subjects for the second semester 2018-2019**

| **Цикл дисциплин Cycle of disciplines №/#** | **Название дисциплин Name of subjects** | |
|---|---|---|
| 2.01 | Иностранный язык | Foreign Language |
| 2.02 | Таджикский язык | Tajik |
| 2.03 | Русский язык | Russian |
| 2.04 | Математический анализ | Mathematical Analysis |
| 2.05 | Основы программирования | Basics of Programming |

**I. Шаги самоутверждения по избранной специальности:** По мере освоения специальных дисциплин «Основы программирования», «Установка аппаратного и программного обеспечения» научился составлять алгоритм к различным математическим задачам, освоил язык программирования QBasic, разобрался с архитектурой компьютера, научился собирать и разбирать составляющие компьютера, устанавливать программное обеспечение. В процессе работы с компьютером улучшил свой показатель набора, который составил 68 символов в минуту. Быстрота перевода с английского языка на русский язык и наоборот составляет примерно 12 слов в минуту. Набрал баллы по системному модулю с перечнем экзаменационных вопросов по всем учебным дисциплинам и получил 78 баллов из 90 возможных. В свободное время люблю играть на фортепьяно.

**II. Перспективы профессионального развития:** **1.** Освоить язык программирования Visual Basic; **2.** Изучить PaintShop Pro; **3.** Приобрести навыки работы с Adobe Illustrator.

По этой логике, если студент по избранной специальности изучает 45 основных и 12 элективных дисциплин, то в ходе подготовки самоотчёта в виде составления энциклопедии профессионального роста единовременно достигаются и целевые задачи выбора стратегии карьерного роста, на основе которых студент может внести соответствующие свои достижения в портфолио и представить достигнутые результаты в виде видео-презентации с использованием современной технологии в области программирования с использованием базовых основ теории и практики искусственного интеллекта, например, при составлении карты памяти с 1500 условными знаками, где каждый «код» означает требуемые знания и навыки студента, например, к-1200 – владение программой С++, к-1210т – умение составить базу данных, к-18 – умение осуществить деловую корреспонденцию с использованием английского языка, к-320 – владение приёмами статистического анализа и т.д.

На основе представленной информации и анализа полученных данных, обработки и сравнения результатов можно выделить следующие составляющие «воспитательно-образовательного потенциала», «мотивационно-развивающих технологий» с условием, что «воспитательные ресурсы» и «образовательные задачи» во взаимосочетании и взаимодополнении создают условия по достижению стратегической цели обучения, то есть, когда «образовательные модели» дают основополагающую идею воспитания, как

отмечает Доценко Е.Л., «которые показывают начало, и возможный результат, выраженный в цели воспитания и формирования личности», но не отражают механизма воспитательных воздействий или взаимодействий … ступеньки лестницы представляют собой не что иное, как противоречие между настоящим и будущим состоянием человека. Настоящее состояние вербально характеризуется как «я могу», будущее состояние – «либо должен» или «хочу достичь» [15, с. 172-173]. Следовательно, к числу базовых слагаемых «воспитательно-образовательного процесса», учитывая, что воспитательный потенциал имеет студент, как развивающаяся личность при выборе идеалов, ценностей, стратегии жизни по достижению успехов (ВП1), взаимодействия между студентами, как главными субъектами учебно-воспитательного процесса по формированию трансформационной коммуникации, то есть это «способ помочь себе и другим обрести целостность и стать целеустремленным человеком. Это способ выразить себя и жить, исходя из своей внутренней правды, поддерживая при этом других» (ВП2) [16, с. 20], взаимодействие в процессе «студент-преподаватель, преподаватель-студент» (ВП3), взаимодействие с другими участниками и субъектами учебно-воспитательного процесса в вузе (ВП4), влияние медиа и других источников информации на выбираемые ценности и ценностной ориентации личности с учетом знаний в области информационной безопасности (ВП5), использование и самосовершенствование при использовании образовательных онлайн-технологий (ВП6), выполнение самостоятельных работ, курсовых и инновационных проектов (ВП7), занятие изобретательной деятельностью (ВП8), взаимодействие с гражданским обществом (ВП9), взаимодействие с родителями (ВП10), взаимодействие с работодателями (ВП11), взаимодействие с ресурсными центрами и отделами студенческого самоуправления (ВП12), воспитательный потенциал каждой изучаемой дисциплины (ВП13), воспитательный потенциал преподавателя в процессе реализации учебной программы (ВП14), воспитательный потенциал учебных и производственных практик (ВП16), воспитательный потенциал самоанализа и самооценки личности (ВП17), воспитательный потенциал в процессе культурно-массовых мероприятий (ВП18), воспитательный потенциал в занятии спортом и участие в групповых соревнованиях (ВП19), участие в олимпиадах и в других интеллектуальных шоу-программах (ВП20), воспитательный потенциал по налаживанию связи с зарубежными партнерами (ВП21), воспитательный потенциал участия в финальных экзаменах и в других видах контроля и оценивания знаний (ВП22), воспитательный потенциал этического кодекса студента (ВП23), воспитательный потенциал соблюдения этикета и формирование имиджа личности (ВП24), воспитательный потенциал учебных достижений и их эффективной презентации (ВП25), эти компоненты можно логически продолжить, на их основе можно разработать целевые задачи педагогического проектирования, организации деловых игр и других методов активного обучения. Что касается понятия образования, в смысле потенциала, с учетом рассмотрения компонента «ценностно-смыслового управления временем», прежде всего, предлагаем, что на каждом этапе жизненного роста студента создаются условия развития как интеллектуальные, профессиональные и ряд других и, с учетом проектирования ожидаемого результата, можно предусмотреть разные уровни обучаемости, которыми можно измерять и уровень воспитанности личности, и которые могут быть определены только на основе наблюдения, поведения личности и проявления тех форм самопрезентации, на основе которых можно судить какие мотивы и мотивации имеются у человека, его стремление, придерживания определённых принципов и моральных императивов, которые могут происходить в процессе «ощущаемой на уровне внутренних потребностей и одобряемых и признаваемых успехов и достижений, перспективно побуждающих мотивов, то есть… это развитие его мировоззрения, самосознания, отношения к деятельности, характера, способностей, психических процессов, накопления опыта [17, с. 382]. Из приведенного в психологическом словаре понятия «развитие» условный компонент «мировоззрения» в теоретическом плане вступает в качестве доминанта и еще «вера в будущее благополучие личности», в которых Гершунский Б.Г. уделяет этому вопросу особое внимание, то есть

«гармоничное единение Знаний и Веры, их мировоззренческого синтеза, возвращение человеку понимания смысла его жизни. Веры в свое уникальное предназначение и знание путей наиболее полной жизненной самореализации» [18, с. 24]. Следовательно, при выборе стратегии жизни, особое место занимает, во-первых «создание образа успешного счастливого будущего и если эти цели будут достигаться, то они будут отражать адекватно также те цели, которые ставятся при реализации педагогических технологий и различных моделей обучения, в противном случае, если у личности не будут готовности к изменениям, то внедряемые различные модели технологии обучения не будут результативными», во-вторых, «приверженность в смысле выбора приоритетов, так-как окружающий мир может ставить под угрозу тот образ, который был выбран первоначально, будут меняться условия из вне, эти условия диктуют необходимость визуализировать новые цели этого образа», в-третьих выбор показателей измерения, то есть «если буду так поступать, предпринимать, осуществлять, то к какому позитивному результату я приближусь, и какие цели достигну». Следовательно условно выбранные ранее 25 компонентов воспитательного потенциала (ВП1…ВП25) в зависимости от характера и цели развития, которые ставятся в каждом отдельном случае в условиях взаимоинтеграции и взаимодополнении, на наш взгляд, это приводит к формированию базового ядра образовательного потенциала, то есть умение формировать и применять системные знания, умения, навыки, модели обучения, технологии и дидактические принципы по созданию позитивного образа будущего (ПОБ), приверженностью к выбранным приоритетам, с верой и проявляемыми качествами волевой устойчивости, целеустремлённостью, работоспособностью (ПВП) и выбора планирования, проектирования, прогнозирования их значимости, ценности, ключевых показателей, то есть показателей позитивных измерений, ради достижения каких-то целей и задач в жизни (ППИ), что в итоге представляется возможным составить базовое ядро, то есть условный модуль воспитательно-образовательного потенциала мотивационно-развивающих технологий и представить следующим образом:




Рисунок 1. Базовое ядро и условный ряд содержания сущности воспитательно-образовательного потенциала мотивационно-развивающих технологий (МТРТ) в инновационной образовательной среде вуза, где понятийная сущность ВОП, ПОБ, ПВП, ППИ приведены по ходу изложения текста, а ЦСУВ – ценностно-смысловое управление временем, Т – условный индекс распределения интервала времени с учетом невозвратности в предположении того, что управление временем означает управление возможностями человека, соотносимые к достижению целей тех интервалов, которые человек выбирает в качестве локуса контроля измеряемых достижений.

На основе представленного базового ядра воспитательно-образовательного потенциала, нами предложены серии педагогических технологий и активных методов обучения с использованием теории и практики педагогического проектирования и моделирования в обучении [3,19,20], например, Фокин Ю.Г. приводит следующие воспитательные действия в процессе преподавания любой учебной дисциплины, которые нами приняты с учетом предложенного ядра воспитательно-образовательного потенциала и условных факторов сформулированных ранее в 25 вариациях в виде ВОП1…ВОП25

Предложенные дидактические идеи воспитательно-образовательного потенциала и мотивационно-развивающих технологий ценностно-смыслового управления временем

внедрены в процессы преподавания 5 дисциплин, приведенных в энциклопедии профессионального роста студента, которые со стороны преподавателей получили следующие отзывы, «предложенные методы и технологии представляют интерес в том числе и для проведения дальнейших научных исследований – ВП1 – высказанная позиция преподавателя, было бы целесообразно для каждого отдельного случая ВОП разработать отдельные методические указания и алгоритмы применения ВП2», предложенные технологии представляют интерес при проведении деловых игр и других методов активного обучения ВП3, было бы целесообразно выделяя дидактические цели предложенных методов привести перечень литературных источников, как для преподавателей, так и для студентов ВП4, представленная модель воспитательного потенциала – действия преподавателя было бы целесообразно представить всем участникам учебно-воспитательного процесса, чтобы и преподаватели и студенты знали эти условия ВП5. Предпочтение преподавателей в осуществление задач в опроснике распределились следующим образом ВП1 – 23%, ВП2-16%, ВП3 – 41%, ВП4-16%, ВП5-9%.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Восиев К.В. Средневековая персидско-таджикская литература Джавонмарди (10-15 веков) – Душанбе: Дониш, 1995. – 431 с.
2. Лутфуллоев М. Антология педагогической мысли таджикского народа / сост.: С. Сулаймони, Афзалов Х., Мальцев Ю., Айни К. – Душанбе: Матбуот, 2009. – 448 с.
3. Дронова Т.А. Формирование интегрально-креативного стиля мышления будущих педагогов в образовательной среде вуза: Монография / Т.А. Дронова. – М.: Издательство Московского психолого-социального института; Воронеж: Издательство НПО «МОДЭК», 2007. – 368 с.
4. Гретченко А.И. Болонский процесс: интеграция России в европейское и мировое образовательное пространство / А. И. Гретченко, А. А. Гретченко. – М.: КНОРУС, 2013. – 430 с.
5. Кирьякова А. В. Университеты в современном мире: аксиологический ресурс развития: учебные пособия для преподавателей высших учебных заведений / А. В. Кирьякова, Л. В. Мосиенко, Т. А. Ольховая; Оренбургский гос. Ун-т. – Оренбург: ОГУ, 2010. – 374 с.
6. Фатхуддинов Р.А. Управление конкурентоспособностью организации. Учебное пособие / Р.А. Фатхуддинов. – М.: Изд-во Эксмо, 2004. – 544 с.
7. Максаковский В.П. Географическая карта мира: В 2 кн. Кн. I: общая характеристика мира. – М.: Дрофа, 2003. – 496 с.
8. Новиков А.М., Постиндустриальное образование. –М.: Издательство «Эгвес», 2008. – 136 с.
9. Кристенсен К. Стратегия жизни / Клейтон Кристенсен, Джеймс Оллворт, Карен Диллон; Пер. с англ. - М.: Альпина Паблишер, 2013. – 242 с.
10. Ландесман П., Согомонов Ю. Мысли и афоризмы. – М: АГИ, 1962. – 261 с.
11. Правовые аспекты модернизации высшего образования в России в свете идей Болонского процесса и современного зарубежного опыта: Монография / Под ред. проф. В.Ю. Сморгуновой. – СПб.: Изд-во РГПУ им А.И. Герцена, 2005. – 119 с.
12. Микрюков В.Ю. Практика самосовершенствования. Как стать выдающейся личностью и обезопасить свою жизнь. / В.Ю. Микрюков. – М.: Вече, 2011. – 256 с.
13. Пекелис В. Твои возможности человек» – Москва: Знание, 1974. – 352 с.
14. Джафаров С.Ф. (Джафарзода С.Ф.), Шохиён Н.Н. Инновационные мотивационно-развивающие педагогические технологии в контексте творческого управления временем в вузе. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 220 с.
15. Доценко Е.Л., Фомичева И.Г. Психология и педагогика: учебно-методический комплекс. Тюмень: изд-во Тюменского государственного университета, 2001. – 220 с.

16. Аткинсон М. Достижение целей: Пошаговая система/Мэрилин Аткинсон, при участии Рае Т. Чойс; Пер. с англ. – М.;Альпина Паблишер, 2012. – 281 с.

17. Дьяченко М.И., Кандыбович Л.А. Психологический словарь-справочник. – Мн.: Харвест, М.: АСТ, 2001. – 576 с.

18. Гершунский Б.С. Философия Образования для XXI века: учеб. пос. для самообразования. Изд. 2–е, переработанное и дополнение. – М.: Педагогическое общество России, 2002. – 512с.

19. Татур Ю.Г. Высшее образование: методология и опыт проектирования. Учебно-методическое пособие. – М.: Университетская книга; Логос. – 256 с.

20. Фокин Ю.Г. Преподавание и воспитание в высшей школе: Методология, цели и содержание, творчество: Учебное пособие для студентов высших учебных заведений. – М.: Издательский центр «Академия», 2002.

## ОБРАЗОВАТЕЛЬНО-ИННОВАЦИОННЫЙ ПОТЕНЦИАЛ ЦЕННОСТНО-СМЫСЛОВОГО УПРАВЛЕНИЯ ВРЕМЕНЕМ В КОНТЕКСТЕ РЕАЛИЗАЦИИ МОТИВАЦИОННО-РАЗВИВАЮЩИХ ТЕХНОЛОГИЙ В ВУЗЕ

В данной статье подробно приводится научно-теоретическое обоснование основных компонентов воспитательно-образовательного потенциала ценностно-смыслового управления временем в вузе, на основе которых последовательно изложены базовые идеи воспитания и образования, их взаимосвязь с учетом потенциала, которые содержат каждый из этих компонентов. При обосновании предложенных методов использованы серии литературных источников в области педагогического проектирования, управления инновационными процессами, а также серия работ в области психологии развития и психодиагностики. Выдвинутые идеи и гипотезы, методы и технологии, предложенные в статье, принимались за основу при проведении серии педагогических экспериментов с участием 175 студентов и 5 преподавателей в процессе реализации образовательных программ 5 дисциплин.

**Ключевые слова:** *Воспитание, образование, потенциал, развитие, мотивация, развивающаяся личность, измерение, создание образа, выбор предпочтения, управление временем, ценности, воспитательно-образовательный потенциал, мотивации, развитие, педагогические технологии.*

## ЗАРФИЯТИ ТАЪЛИМӢ-ИННОВАТСИОНИИ ИДОРАИ АРЗИШӢ ВА МАЪНОИИ ВАҚТ ЗИМНИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ АНГЕЗИШ ВА РУШДДИҲАНДА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Дар ин мақола асосҳои муфассали илмӣ-назариявии ҷузъҳои асосии тарбия ва зарфияти таълимии идоракунии арзишӣ-маъноии вақт дар муассисаи таҳсилоти олӣ, ки дар асоси он ақидаҳои асосии тарбия ва таълим пайваста бо назардошти иқтидори мавҷудияти ҳар яке аз ин ҷузъҳо баён гардидаанд. Ҳангоми асосноккунии усулҳои пешниҳодшуда як силсила сарчашмаҳои соҳаи тарҳрезии педагогӣ, идоракунии равандҳои инноватсионӣ, инчунин як силсила корҳои илмиро дар соҳаи психологияи инкишоф ва психодиагностика истифода шудаанд. Андешаҳо ва фарзияҳои ба миён гузошташуда, усулҳо ва технологияҳои дар мақола пешниҳодшуда барои як силсила таҷрибаҳои педагогӣ бо иштироки 175 нафар донишҷӯён ва 5 нафар омӯзгорон дар раванди татбиқи барномаҳои таълимии 5 фан асос гирифта шудаанд.

**Калидвожаҳо**: *Тарбия, таълим, зарфият, рушд, ҳавасмандкунӣ, ташаккули шахсият, андозагирӣ, эҷоди имиҷ, интихоби афзалиятҳо, идоракунии вақт, арзишҳо, иқтидори таълимию тарбиявӣ, ҳавасмандкунӣ, рушд, технологияҳои педагогӣ.*

## EDUCATIONAL AND INNOVATION POTENTIAL OF VALUE-SENSITIVE TIME MANAGEMENT IN THE CONTEXT OF IMPLEMENTATION OF MOTIVATIONAL AND DEVELOPMENTAL TECHNOLOGIES IN A UNIVERSITY

This article provides in detail the scientific and theoretical substantiation of the main components of the educational potential of value-semantic time management at a university, on the basis of which the basic ideas of upbringing and education, their relationship, taking into account the potential that each of these components contain, is consistently presented. To substantiate the proposed methods, a series of literary sources in the field of pedagogical design, innovation process management, as well as a series of works in the field of developmental psychology and psychodiagnostics were used. The proposed ideas and hypotheses, methods and technologies proposed in the article were taken as the basis when conducting a series of pedagogical experiments with the participation of 175 students and 5 teachers in the process of implementing educational programs in 5 disciplines.

**Keywords:** *Upbringing, education, potential, development, motivation, developing personality, measurement, image creation, choice of preference, time management, values, educational potential, motivation, development, pedagogical technologies.*

**Сведения об авторе:** *Джафарзода Сабзали Файзали – кандидат технических наук, доцент кафедры гуманитарных наук и права Института технологии и инновационного менеджмента города Куляб. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, п. Борбад.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Ҷаъфарзода Сабзалӣ Файзалӣ – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб. Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Борбад.*

**Information about the author:** *Jafarzoda Sabzali Faizali – Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities and Law of the Institute of Technology and Innovation Management of the city of Kulob. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab, Borbad village.*

## БОЗТОБИ АНДЕШАҲОИ ПЕДАГОГИИ САЙИДОИ НАСАФӢ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

***Д. Маҳкамов***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23. 12. 2022 омадааст: *«Дар ин самт зарур аст, ки ба беҳтар гардонидани сифати таҳсилоту касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ба омӯзиши ихтисосу ҳунарҳои барои бозори меҳнат зарурӣ фаро гирифтани аҳолӣ, хусусан ҷавонон ва занону бонувон, тадбирҳои фаврӣ андешида шавад».* [1. 22].

Ин андешаи пешқадамро дар замони худ Сайидои Насафӣ ҷидан ташвиқ менамуд ва пеш аз он ва баъд аз он ҳам, дар осори шоирону нависандагони классик ва муосир бараъло мушоҳида мегардад. Лаёқати шеъргӯйӣ ва майл ба касбу ҳунар доштани фарзандашро Миробид дарк намуда, Сайидои ҷавонро ба шаҳри Бухоро барои илму ҳунаромӯзӣ фиристод.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23. 12. 2022 таъкид гардидааст: *«Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад».*[1. 24].

Сайидои Насафӣ бузургтарин шоири асри XVII ва ибтидои асри XVIII маҳсуб ёфта, ниҳоят зиндагии фақиронаро аз сар гузаронидааст. Гузаштагони Сайидои Насафӣ аз Насаф (Қаршии имрӯза) буданд, вале худаш дар Бухоро дар оилаи ҳунарманди камбизоат ба дунё

омада, дар Бухоро ба таҳсил шуруъ карда, дар яке аз ҳуҷраҳои мадрасаи Лаби Ҳавзи Нодир Девонбегӣ маскан гирифта, то охири умраш дар он зистааст, ки ин аз надоштани хонаю манзили шахсии ӯ далолат менамояд:

*Зи рашки кулбаи ман Каъбаю бутхона месӯзад.*
*Ту дар як хона оташ мезанӣ, сад хона месӯзад.*
*Ту май бо ғайр менӯшиву мегардам кабобат ман,*
*Ту шамъи ин чаман мегардиву парвона месӯзад*. [4. 94].

Ин гуфтаҳо шикояти шоирро аз муҳити зиндагониаш баён менамоянд, ки ҳамеша дар талаби доштани хонаю ҷой будааст. Зиндагии Сайидо Насафӣ ҳангоми таҳсил дар мадраса ва солҳои аввали хатми он нисбатан осудаҳолона гузаштааст, зеро он вақт дӯстону рафиқони ҳунармандаш ба ӯ ёрии моддӣ мерасонданд.

Инчунин дар ин давра Сайидои Насафӣ бо ҳокими Самарқанд Раҳимбой робитаи дӯстӣ дошта, аз ӯ кумаки моддӣ мегирифт. Аз тазкираи Малеҳо маълум мешавад, ки Сайидои Насафӣ бо даъвати Раҳимбой ду бор ба Самарқанд рафта, зимнан, бо шоирону фозилони он ҷо ҳамсуҳбат гаштааст. Вале аз сабаби суханшиносу ҳунарпарвар набудани мансабдорони ин дарбор, Сайидои Насафӣ қарор медиҳад, ки онҳоро тарк намояд.

Сайидои Насафӣ ба монанди дигар намояндагони аҳли илму адаби он замон аз тангии рӯзгор қарор дод, ки зодгоҳашро тарк намуда, ба Ҳиндустон сафар намояд. Танҳо бо сабаби дил канда натавонистан аз Ватан ва фаро расидани камолоту пирӣ аз ин ният даст кашид. Беқадрии шеъру шоирӣ ва ҳунару ҳунармандӣ дар назди ҳукуматдорон Сайидоро дар айёми пирӣ ба гӯшанишинӣ водор кард.

Чанде дертар шоир фаҳмид, ки аз гӯшанишинӣ муроде ҳосил намешавад, касе ба додаш намерасад, қарор дод, ки худро ба «бозор» зада ба зиндагии фаъол ворид гардад:

***Ҳосил нашуд зи гушанишинӣ муроди ман,***
***Худро зи хона бар сари бозор мекашам.***
***Он кӣ мегиряд ба ҳолам, чашми хунини ман аст***
***В-он ки бардорад сарам аз хок, болини ман аст.***
***Гул ба гулшан даъвии соҳибкамолӣ мекунад,***
***Ҳар кӣ зар дорад, таманноҳои олӣ мекунад.***
***Хар кӣ худро мекунад дар базми нодонон сифат,***
***Пеши курон даъвии соҳибҷамолӣ мекунад.***
***Дар муҳаббат тифли ашкам гавҳари дил мешавад,***
***Чун мураббӣ шуд падар, фарзанд қобил мешавад.*** **[3. 94].**

Мероси адабии Сайидои Насафӣ, ки дар шакли куллиёт ва девони ашъор фароҳам омадаанд, то замони мо расида, аз ғазалиёт, қасидаву маснавӣ, мухаммасу мусаддас, рубоиёту қитъаҳо, асари тамсилии «Баҳориёт», «Шаҳрошуб» иборат буда, 8500 байтро дар бар мегирад.

Вай аз имкониятҳои ғазал моҳирона истифода бурда, дар доираи он мавзуъҳои танқиди замон ва аҳли он, тарғиби касбу ҳунар, ҳаёти мушкили заҳматкашон, аҳволи халқу мамлакат ва ғайраҳоро баён кардааст. Нуқтаи басо муҳимми эҷодиёти Сайидои Насафӣ боварии ӯ ба қудрати азими халқ мебошад. Ӯ аҳли ситамро огоҳ мекунад, ки сиёсати хешро ба муқобили оммаи меҳнаткаш равона накунанд, балки аҳли меҳнатро ҳифзу ғамхорӣ намоянд:

***Ҳар ки бо душмании халқ равон аст чу баҳр,***
***Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб х ӯрад.***

Дар андешаҳои педагогии хеш дар «Баҳориёт» («ҳайвонотнома») Сайидо ғояи иттифоқу ягонагии халқро баён намудааст, ки ниҳоят муҳим мебошад. Ин ғоя дар асари мазкур ба шакли тамсил, яъне ба воситаи амалиёт ва гуфтори ҳайвонҳо ифода гардидааст. Мундариҷаи «Баҳориёт»-ро баҳсу мунозираи 18 ҳайвон ташкил додаст, ки ҳар як ҳайвон дар навбати худ хислатҳои бади ҳайвонҳои дигарро баён карда, баъд ба таърифу тавсифи сифатҳои хуби хеш пардохтаанд.

Дар андешаҳои педагогии хеш Сайидои Насафӣ дар образи ҳайвонот хислатҳои хосси намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъияти замони хешро инъикос намудааст. Сайидои Насафӣ бахшида ба ҳаёти халқи меҳнаткаш, ҳунармандон асаре дорад, ки бо номи «Шаҳрошӯб» машҳур гардидааст ва 405 байтро дар бар мегирад.

***Зи дунё ҳар кӣ шуд лабрез, умраш бебақо гардад,***
***Чу киштӣ пур шавад аз об, гирдоби фано гардад.***
***Шудам пиру намеояд бурун гаҳвора аз ёдам,***
***Қадам дар мулки ҳастӣ то ниҳодам, хонабардӯшам.*** [4. 94].

Сайидои Насафӣ аз барҷастатарин симоҳои адабиёти қарни XVII ва ибтидои асри XVIII буда, бо мероси пурқимату арзишманди адабӣ ва афкори баланди инсонӣ ва педагогии хеш дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мақом ва манзалати шоистро ишғол менамояд.

Хусусан дар асари “Шаҳрошӯб” шоир 212 намуди ҳунарҳоро, ки дар замони ӯ дар Бухорои амирӣ мавҷуд буд, ситоиш намуда, ҷавононро барои аз бар кардани касбу ҳунар ташвиқ намудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки замони ҳаёти Сайидо давраи шаҳрсозӣ ва тараққии саноати ҳунармандӣ ба ҳисоб мерафт, ки имрӯз дар ҳаёти мо аҳамияти хосса пайдо намудааст ва дар Паёми Пешвои миллат ҷойгоҳи хоссаро ишғол менамояд.

Шоир ҳунарҳои даврони худро ситоиш ва омӯзиши онҳоро барои ҷавонон таъкид намуда, дар ин радиф сухандонию сухангӯйиро сарҳалқаи тамоми ҳунарҳо меҳисобид ва иброз менамуд, ки ҳар касе суханро эҳтиром дорад, дар сатҳи баланд сухан гуфта тавонад, соҳиби эҳтироми баланди мардум хоҳад гашт:

***Сайидоро ба сар намоён ҷо намудам хонаро,***
***Сар ба пояш мениҳам ҳар кас сухан мепарварад.***

Дар андешаҳои педагогии Сайидо аз ҷумла ҷойи асосиро шикоят аз паст гардидани қадру қимати сухан, сухангӯ ва сухандонӣ дар замони ӯ ташкил менамояд, ки шоир фармудааст:

***Дар замони мо сухан қадре надорад Сайидо,***
***Ин гуҳар з-ин пеш дар ганҷинаҳо ноёб буд.***

Ё дар ин раванд шоир аз замони хеш чунин шикоят менамояд:

***Тутиён бар лаби худ муҳри ҳомӯшӣ задаанд,***
***Ҷуғзо дода фалак мансаби шакаршиканӣ.* [5. 124].**

Дар андешаҳои педагогии Сайидо ташаккул додани санъати муошират дар байни одамон ҷойи асосиро ишғол менамояд, ки ниҳоят дуруст аст. Ӯ дар андешаҳои педагогии хеш тарафдорӣ дар ҷавонон ташаккул додани санъати суханварӣ буд. Сухани хуб доруест, ки тавассути он одамон аз дард шифо мeёбанд ё сухан қудрате дорад, ки инсонро ба марг бирасонад ё аз он раҳо бахшад. Дар шароити муосир сухан ва сухандонӣ диққати Ҳукумати Тоҷикистонро ба худ ҷалб намуда, озмунҳои гуногуни илмӣ- маърифатӣ мунтаззам баргузор карда мешаванд ва ҳарчи бештар ба мероси ниёгон рӯ оварда, ояндаро умедбахш мегардонад.

Дар замони Сайидо кашмокашиҳо ва ҷангҳои бемаънӣ дар миёни хонигариҳо ривоҷ гирифта буд, Сайидо кишвари худро дар ҳолати оромӣ дидан мехост, ки ҳунару ҳунармандон озодона амал намуда, сарзаминро обод намоянд, зеро аз ҷангу ҷидол мардумон дилмонда гардида буданд. Ин андешаҳои Сайидо насли наврасро дар руҳияи ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ тарбия менамоянд.

Сайидо, ки дорои андешаи баланди педагогӣ буд, касбу ҳунарро барои инсонҳо дар ашъори худ хело барҷаста таҷассум намудааст. Вай ба тарғиби илму ҳунар диққати ҷиддӣ зоҳир намуда фармудааст:

***Сайидо аҳли ҳунар иззати дигар дорад,***
***Нарасад оҳуи ваҳшӣ ба ғизоли хутанӣ.***

Ӯ инсонро ҳамеша дар такопӯи зиндагӣ дидан мехост ва одамонро даъват менамуд, ки ҳамеша ба монанди осиё дар пайи обу дона бошанд, ки мисоли он гуфтаҳои зериананд:

***Рӯзӣ насиби кас ба нишастан намешавад.***
***Бояд чу осиё зи паси обу дона рафт.***

Ин андешаи Сайидо одамонро аз фатализм, насибу қисмат дур сохта, аз муфтхӯрӣ раҳо бахшида, ба талоши доимӣ ва бо меҳнати ҳалол ризқ пайдо намудан ҳидоят мекунад. Дар андешаҳои педагогии Сайидо ҳунармандӣ ва эҷодкорӣ омили беҳтарин дар афзоиши қадру қимати инсон дониста мешавад. Шоир таъкид менамояд, ки ҳунар ба одамон манфиат бахшида, мушкилоти оҳоро осон мегардонад ва фикрашро бо мисраҳои зерин тасдиқ менамояд:

***Сайидо, марди ҳунарманд аз тараддуд фориғ,***
***Даст агар дар кор машғул аст, по осуда аст.*** **[5. 194].**

Дар ин мисраҳо Сайидо ба насли наврас таъкид менамояд, ки марди ҳунарманд аз тарадуди коркобӣ фориғ аст, зеро дастҳояш дар кор банданд.

Дар андешаҳои педагогии Сайидо боғбонӣ ва касби боғбон аз зумраи ҳунарҳои созанда буда, шахсе, ки ба ин ҳунар майл дорад, ҳеҷ гоҳ ба касе муҳтоҷ намемонад, ки фармудааст:

***Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар,***
***Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехӯрад.***

Ё дар мисраҳои дигар таъкид менамояд:

***Ба зери бори миннат кай ҳунарвар мениҳад гардан,***
***Наҷунбад Кӯҳкан гар бар сари ӯ бесутун афтор.***

Шоир баракати ҳунарро дар талошу кӯшиш мебинад ва қайд менамояд, ки шахси ҳунарманд ризқи худро аз ҳар ҷое, ки меҳнат кунад, пайдо менамояд. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки инсонро дар ин роҳ тарбия намуда, дар замири ӯ меҳнатдӯстиро бедор намудан зарур аст, ки мисоли равшани он ин гуфтаҳоанд:

***Ҷӯи шир ояд бурун аз кӯҳ баҳри куҳкан,***
***Рӯзии худ мекунад соҳибҳунар ҳосил зи санг.***

Дар ҳақиқат соҳибҳунар сангро бо ҳунари худ ба чизи зебою дилкаш табдил дода, хонадони дигаронро зебо гардонида, ризқи ҳаку ҳалолашро бо ин роҳ пайдо менамояд. Сайидо беҳунариро дар ҷомеа як мушкилоти вазнин медонад ва андешидани тадбирҳои заруриро барои бартараф намудани беҳунарӣ пешниҳод менамояд:

***Паймонае, ки бода надорад шикастанист,***
***Даст, ки нест масдари эҷод бастанист.*** **[5. 199].**

Ӯ дар андешаҳои педагогии хеш, барои аз байн бурдани беҳунарии мардум, мактаби устоду шогирдро тарафдорӣ менамуд. Агар устоҳо дар наздашон 10- 15 нафар ҷавонро ҳамчун шогирд ҷамъ намуда, кор баранд, мушкилоти ҷомеа ҳал хоҳад гашт.

Касби заргар ва заргариро аз ҳунарҳои созанда дониста шуда, ба ин навъи ҳунар эҳтироми хосса зоҳир менамуду сифати заргарро чунин ба қалам додааст:

***Ҳар, ки як дам ҳамдами он дилбари заргар шавад***
***Санг гирад лаъл гардад, хок гирад зар шавад.***

Дар ҳақиқат заргар қудрате дорад, ки сангро ба лаъл ва хокро ба зар табдил дода, хурсандию шодии одамонро ба вуҷуд биёрад. Шоир ҳунари меъмориро аз зумраи ҳунарҳои волои замони худ дониста, таъкид месозад, ки шаҳр аз ҳунари меъмор ранг мегирад ва ҳусн пайдо мекунад, ки ин аст мисоли ин гуфтаҳо:

***Шӯхи меъморам ба олам тарҳи нав андохта,***
***Аз пайи таъмир ҳарҷо рафт чун боз сохта.***

Ҳатто гилкор дар ободии шаҳру деҳоти мамлакат аз назари Сайидо берун намондааст. Ин ҳунарро дар асараш «Шаҳрошӯб» таърифу тавсиф намуда, мефармояд:

***Бо моҳи гилкори худ гуфтам: «туро ёрӣ кунам»,***
***Ҳар куҷо вайронае дорӣ ту, гилкорӣ кунам”***

Сайидо дар педагогикаи миллии тоҷик яке аз аввалинҳоест, ки ҳар як касбу ҳунарро дар алоҳидагӣ васф намуда, мавқеи арзандаи гурӯҳҳои истеҳсолкунандаро дар ҷомеа таъкид намуда, иттифоқ ва ҳамбастагии онҳоро дархост намудааст. Дар андешаҳои педагогии Сайидо табақаи ҳунармандон ҳамчун бахшандаи ризқу рӯзии мардум бояд дар ҷомеа соҳиби ҳурмату эҳтиром бошанд. Сайидо бо ин иқдом ба ҳаёти воқеии аҳли заҳмат наздик шинос буда, дар симои халқи ҳунарманд як қувваи созанда ва бунёдкорро медид ва онро ташвиқ менамуд.

Дар андешаҳои педагогии Сайидо ҷои хоссаро ростӣ ва ростгӯйӣ ишғол менамояд, ки дар ин раванд ба насли наврас таъкид намудааст:

***Ростиро набувад, ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,***
***Сарв чун хушк шавад боз асо мегардад.*** **[3. 56].**

Агар дигар чиз хушк шуда бошад, фавран ба ҳезум табдил меёбад, лекин сарв ба шарофати ростӣ ба асо, такягоҳ табдил меёбад. Ҳунар ва ҳунармандӣ ва тарғиби он имрӯз ҳам дорои аҳамияти бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ мебошад ва дастгирии ин табақаҳои ҷомеа боиси пешравии зиндагӣ хоҳад шуд.

Аз шиносоӣ бо ашъори Сайидои Насафӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки шоир дар замони хеш чандон зиндагӣ ва рӯзгори хубу осоишта надоштааст, ки мисоли равшани он ин гуфтаҳоанд:

***Рӯзиам меҳнату манзилгаҳи ман дарду ғам аст,***
***Меҳрубонӣ талабидан зи ҳарифон ситам аст.***
***Ин сухан вирди мани сӯхта, ҳар субҳдам аст,***
***«Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст.***
***В-арна нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст».*** **[4. 94].**

Ӯ дар андешаҳои педагогияш тарафдори хушу хурсандона гузаронидани ҳаёти мардум мебошад. Агар зиндагии инсон вазнину носозгор бошад, мегӯяд, чунин зиндагӣ ба касе даркор нест, зеро як нафаси он ба садсолаҳо баробар меояд.

Дар андешаҳои педагогии Сайидо омӯхтани ҳунар ва ҳунармандӣ аз синни ҷавонӣ тавсия дода мешавад, ки дар ҳақиқат дуруст аст. Мутобиқи андешаи ӯ касбу ҳунареро, ки инсон дар давраи камолот ва пирӣ аз бар менамояд, чандон маҳсулнок ва самаранок намебошад:

***Дар огози ҷавонӣ тавба иқболи дигар дорад,***
***Насими файз дар бӯстон ба вақти бомдод ояд.***

Ин андешаи Сайидо насли наврасро водор менамояд, то дуруст дарк намоянд, ки сарчашмаи баракати зиндагӣ бомдод, яъне ҷавонист. Сайидо диққати асосиро ба зоеъ гузаронидани вақт аз ҷониби ҷавонон медиҳад. Ӯ таъкид менамояд, ки одамон фасли ҷавониро бояд оқилона ва сариштакорона гузаронида, ба омӯзиши касбу ҳунар диққати хосса диҳанд.

## АДАБИЁТ:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23.12.2022 с. 22-25.

2. Э.Ш. Мирзоалиев. Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ оид ба «Омӯзиш ва татбиқи афкори педагогии ниёгон дар таҳсилоти муосир»./- Душанбе, 2021.

3.Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. / М Лутфуллоев-Душанбе, ҷилди 6, 2015, 703 саҳ.

4. Маҳкамов Д. Тарбия - асоси ҷомеа./ Д.Маҳкамов.- Душанбе, «Сифат», 2021, 120с.

5. Маҳкамов Д. Андешаҳои миллӣ ва тарбияи маънавӣ- ахлоқии донишҷӯён// Маҳкамов Д, «Сифат», 2022. 165с.

## БОЗТОБИ АНДЕШАҲОИ ПЕДАГОГИИ САЙИДОИ НАСАФӢ

## ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар мақолаи мазкур андешаи пешқадамро дар замони худ Сайидои Насафӣ ҷидан ташвиқ менамуд ва пеш аз он ҳам дар осори шоирону нависандагони классикӣ адабиёти тоҷику форс ин анъана бараъло мушоҳида мегардад. Лаёқати шеъргӯӣ ва майл ба касбу ҳунар доштани фарзандашро Миробид дарк намуда, Сайидои ҷавонро ба шаҳри Бухоро барои илму ҳунаромӯзӣ фиристод.

**Калидвоҷаҳо:** *касбу ҳунар, заргарӣ, сохтмончӣ, гилкор, коркарди санг, оҳангарӣ, дӯзандагӣ, заргарӣ, бофандагӣ.*

## ОБЗОР ПЕДАГОГИЧЕСКИХ СООБРАЖЕНИЙ САЙИДО НАСАФИ В ПОСЛАНИИ ЛИДЕРА НАЦИИ

В данной статье разговор ведётся вокруг передовых мыслей о профессии и ремеслах в творчестве Сайидо Насафи, который намечается в трудах таджикско - персидских представителей классической литературы. Обнаружив способность сына к стихотворениям и ремеслам Миробид отправил его в Бухару для освоения науки и ремесла.

**Ключевые слова***: профессия и ремесло, ювелир, строитель, глинодель, шкотурчик, обработчик камней, кузнец, швей, ювелир, ткач.*

## REVIEW OF THE PEDAGOGICAL CONSIDERATIONS OF SAYIDO NASAFI IN THE MESSAGE OF THE LEADER OF THE NATION

In this article, the conversation is centered around the advanced thoughts about the profession and craft in the works of Sayido Nasafi, which is outlined in the works of the Tajik-Persian representatives of classical literature. The ability to write and craft his son discovered Mirobid sent him to Bukhara to master science and craft.

**Keywords:** *profession and craft, jeweler, builder, clay maker, shkoturchik, stone processor, blacksmith, seamstress, jeweler, weaver.*

**Маълумот дар бораи муаллиф***: Дастам Маҳкамов, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ. Тел:93 502 15 64.*

**Сведения об авторе***: Дастам Махкамов, заведующий отделом начального, среднего и высшего профессионального образования ИРО им. А. Джами АОТ. Тел:93 502 15 64.*

**Information about the author:** *Dastam Makhkamov, Head of the Department of Primary, Secondary and Higher Professional Education of IDE named after A. Jami, AET. tel: 93 502 15 64.*

# АСОСҲОИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ИЛОВАГӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ МИЁНА

***Асҳобиддини Шералӣ***

**Муассисаи давлатии таълимии “Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе”**

Таҳсилоти иловагии мактабӣ зерсистемаи таҳсилоти иловагии кӯдакон мебошад, ки ба принсипҳои асосии таълим ва ғояҳои инсондӯстии он асос ёфтааст ва дар иттиҳодияҳои гуногуни эҷодии хонандагон дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ ба амал баровара мешавад.

Таҳсилоти иловагии мактабӣ бо кори беруназсинфӣ алоқаманд буда, аз рӯйи вазифаҳои худ хеле васеътар аст. Хусусиятҳои асосии таҳсилоти иловагӣ, ки дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ ташкил карда мешаванд, бештар ба муқаррароте, ки корро дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ тавсиф мекунанд, мувофиқат мекунанд. Бо вуҷуди ин, тамоми асосҳо вуҷуд доранд, то бигӯем, ки таълими иловагии мактабӣ як қатор вазифаҳои мушаххаси зеринро ҳал мекунад:

- барои дарки мусбати арзишҳои таҳсилоти умумӣ ва бомуваффақият аз худ намудани мундариҷаи он заминаи васеи фарҳангӣ ва эмотсионалӣ фароҳам меорад;

- ба машғулиятҳои беруназсинфӣ зич алоқаманд буда, ба вусъати алоқаҳои ҷамъиятии он мусоидат мекунад, машғулиятҳоро дар иттиҳодияҳои эҷодӣ боз ҳам кушоду равшан мегардонад ва аъзои онҳоро ба иштирок кардан дар корҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ аҳамиятнок равона мекунад;

- ҳамчун алоқамандӣ байни машғулиятҳои синфӣ ва беруназсинфӣ баромад карда, ба ташкили системаи «дарс -кори беруназсинфӣ - машғулиятҳо дар иттиҳодияҳои эҷодӣ» мусоидат мекунад;

- хонандагонеро, ки ба баъзе намудҳои машғулият (бадеӣ, техникӣ, варзишӣ ва ғайра) шавқу ҳаваси зиёд зоҳир менамоянд, ҳавасманд мегардонад, то қобилиятҳои худро дар муассисаҳои таълимии иловагии кӯдакон, муассисаҳои фарҳангӣ ва варзишӣ дар сатҳи баландтар амалӣ гардонанд;

- набудани курсҳои алоҳидаи таълимӣ (асосан аз фанҳои гуманитарӣ), ки ба хонандагон барои муайян кардани роҳи инфиродии таҳсил, муайян намудани нақшаҳои ҳаёт ва роҳнамоии касбӣ, ташаккул додани хислатҳои муҳимми шахсии худ зарур аст, дар зинаи таҳсилоти умумиро ҷуброн мекунад;

- ба худмуайянкунии хонандагон дар соҳаҳои шахсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, касбӣ, ба намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ фаро гирифтани онҳо мусоидат мекунад.

Хусусияти муҳимми таҳсилоти иловагии мактабӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии комили хонандагон, ҳамоҳангсозии талабот оид ба татбиқи стандарти таълимӣ ва фароҳам овардани шароит барои инкишофи шавқу завқ ва ниёзҳои маънавии шахс мебошад. Ҳалли ин масъалаҳо танҳо дар сурати ба вуҷуд овардани фазои ягонаи таълимӣ имконпазир аст, ки ин, албатта, ҷустуҷӯйи роҳҳои оптималии ҳамгироии таҳсилоти умумӣ ва иловагиро тақозо мекунад [12, 167-172].

Агар таҳсилоти умумӣ ба ташаккули шахсият, ки арзиш ва рисолати асосии он аст, асос ёфта бошад, пас таҳсилоти иловагӣ рушди худшиносии шахсиятро ташкил намуда, барои тарбияи он қобилиятҳо шароит фароҳам меорад ва ба ҳар як кӯдак барои гузаштан ба тарзи худшиносӣ кӯмак мерасонад.

Ҳамин тариқ, таҳсилоти иловагии мактабӣ ба иҷрои вазифаи дугона мусоидат мекунад: таъмини фардикунонӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ташкили системаи динамикии алоқамандии байни муассисаҳои таълимии гуногун, сатҳҳои таълим ва технологияҳои педагогӣ.

В.А Горский моделҳои ғайрисохторӣ ва сохтории ташкили таҳсилоти иловагии мактабро ҷудо мекунад [4, 51]. Ба гурӯҳи аввал шаклҳои ташкилӣ дохил мешаванд, ки сохтори возеҳ надоранд ва бештар маҷмуи иттиҳодияҳои беруназсинфиро дар бар мегиранд, ки ба ҳамдигар алоқаманд нестанд (яъне онҳо дар сатҳи аввали рушд қарор доранд). Ба гурӯҳи дуюм моделҳое дохил мешаванд, ки сохтори ташкилии каму беш равшан доранд. Барои тасдиқи фикрамон якчанд вариантҳои умумиро пешниҳод мекунем, ки ба онҳо номҳои шартӣ додаем.

«Довталаб» — шумораи хеле зиёди маҳфилҳо ва дарсҳое, ки хонандагон интихобан мераванд. Дар байни онҳо амалан ягон робита вуҷуд надорад.

«Меҳмони гиромӣ» - як иттиҳодияи эҷодӣ (одатан серсоҳа, масалан, студияи театрӣ), ки бо пайдоиши як чеҳраи дурахшон, ки танҳо ба кори худ дилбастагӣ дорад ва мактабро ҳамчун як навъ озмоишгоҳ барои амалӣ кардани эҷодиёти худ истифода мебарад.

«Ифтихори мактаб» — коллективи варзишӣ, ансамбли мусиқӣ ё рақсӣ, хор ё ягон иттиҳодияе, ки солҳои зиёд дар басаҳнагузорӣ ва фестивалҳои гуногун сазовори мукофотҳо гардидаанд. Вазифаи асосии онҳо ин аст, ки шуҳрати мактаб ва воситаи ҳисоботи гуногуни маъмурият бошанд. Бо чунин коллективҳои "дурахшон" аксар вақт ба дигар маҳфилҳо диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

«Муассисаи беруназмактабии назди мактаб» як сохтори калони серсоҳа мебошад, ки ба ин ё он дараҷа таҷрибаи муассисаҳои таълимии иловагии кӯдаконро нусхабардорӣ мекунад ва бо назардошти барномаи хуб андешидашудаи фаъолият ва ҳамкории роҳбарони иттиҳодияҳои

гуногуни эҷодӣ фаъолият мекунад. Ин сохтор мустақкил ва худтаъмин аст, ки аксаран ин мустақилият ба муносибат бо коллективи педагогии мактаб халал мерасонад.

“Филиал” як воҳиди нисбатан мустақили мактаби мусиқӣ, рассомӣ, варзишӣ буда, дар он дарсҳоро омӯзгорони ин муассисаҳо мегузаронанд ва мактабро асосан минбари иловагии дарсҳо бо кӯдакони лаёқатманд мешуморанд. Фаъолияти онҳо хеле хуб ба роҳ монда шуда, таъминоти ҷиддии барномавию методӣ дорад, вале на ҳамеша ба ҳамкорӣ бо омӯзгорони мактаб нигаронида шудааст. Роҳбарони муассисаи таълимии умумӣ бо дуруст ба миён гузоштани масъала маҳорати касбии омӯзгорони мактаби рассомии бачагонаро барои ташкил намудани иттиҳодияҳои нави эҷодии хонандагон моҳирона истифода бурда, блоки таълими иловагиро умуман инкишоф медиҳанд.

«Клуб» - иттиҳодияи маҳфилҳо, доираҳои гуногун, ки якдигарро пурра мекунанд ва аксаран дар асоси принсипҳои методологияи коммуналӣ сохта шудаанд, ки бо корҳои гуногуни беруназсинфӣ ва амалҳои ичтимоӣ зич алоқаманданд. Ин модел хусусияти ошкоро дошта, ҳам бо мактаби асосӣ ва ҳам бо муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, фарҳанг ва илм ҳамкории самаранок дорад. Дар байни нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти онҳо на бештар мукофоту дастовардҳо, балки иштирок дар маъракаҳои якҷоя, ҷашнвораҳо, бозиҳо мебошад.

«Академия» - сохторе, ки бо назардошти хусусиятҳои профили таҳсилоти асосӣ (физика-математика, биология, забон, гуманитарӣ) ё намуди муассиса (гимназия, литсей) сохта шудааст. Дар ин сурат баъзе ассотсиатсияи «мавзуъӣ» (клуби англисӣ, театри таърихӣ) мағзи таҳсилоти иловагӣ мегардад, ки барои таъсиси студияю маҳфилҳои дигар ҳамчун қувваи марказгурез хизмат мекунад.

«Маркази эҷодкорӣ» як блоки таҳсилоти иловагӣ мебошад, ки бо назардошти мақсаду вазифаҳои асосии мактаб сохта шуда, ба ҳалли муштараки онҳо тавассути таълими иловагӣ, эҷоди робитаи мутақобила бо таълими асосӣ ва корҳои беруназсинфӣ дар сатҳи мазмун ва ташкилӣ нигаронида шудааст.

Моделҳои номбаршуда дар шакли «ягона»-и худ каманд ва номҳои шартии онҳо, пеш аз ҳама, як навъ умумисозии аломатҳои муҳимтарин, як навъ «портрети шифоҳӣ»-и модели мушаххас мебошанд. Аён аст, ки онҳо дар мактабҳои типи гуногун: дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар литсей, гимназия, мактаби омӯзиши амиқи фанҳо, дар маркази таълимӣ, дар мактаби комплексӣ ва ғайра ба амал бароварда мешаванд [3, 126] .

Зерсохтори таҳсилоти иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бояд дорои чунин сифатҳо, монанди мустақилияти нисбӣ, худтаъминӣ ва дар айни замон муттаҳидшавии дохилӣ, яъне ба ҳам алоқамандии унсурҳои алоҳидаи он (маҳфил, студия, клуб) бошад. Вай бояд алоқаи мустаҳками дохилимактабӣ (бо шурои педагогӣ, иттиҳодияҳои фаннии омӯзгорон, шурои методӣ ва ғайра) ва алоқаи берунӣ (бо муассисаҳои таълими иловагии бачагон, муассисаҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии бачагон) дошта бошад. Муносибати мутақобила бо онҳо бояд боандеша ва дарозмуддат бошад ва ба ҳадафҳои асосии таҳсилоти иловагии мактабӣ мувофиқ бошад [1, 150; 9, 80].

Дар амалияи муосир намудҳои зерини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фарқ мекунанд, ки таҳсилоти иловагии мактабиро нисбатан мунтазам амалӣ карда метавонанд:

Комбинати таълимию тарбиявӣ (КТТ) муассисаест, ки дар зери як сақф муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, филиалҳои мактабҳои мусиқӣ, санъат ва варзиширо муттаҳид намуда, аз рӯйи нақшаи ягона кор мекунад. Дар сурате, ки мактаб базаи истеҳсолӣ дошта бошад, вай ҳам ба КТТ дохил мешавад. Чунин модели ташкилӣ имкон медиҳад, ки коллективи калони педагогӣ аз рӯйи нақшаи ягона кор кунад, ки дар он ғайр аз омӯзгорони мактабҳо мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва фарҳангӣ шомил ҳастанд. Хусусияти КТТ, инчунин омезиши бомуваффақияти шаклҳои оммавӣ, гурӯҳӣ, инфиродии дарсҳо бо хонандагон дар эҷодиёти бадеӣ мебошад [5, 23]. Дар баробари машғулиятҳои маҳфилҳо таълими умумии эстетикӣ, танаффусҳои мусиқӣ, ритмикӣ ва хореографӣ ташкил карда мешаванд, ки онҳо ба ҷадвали умумии машғулиятҳо дохил шуда, барои ҳамаи хонандагон ҳатмӣ мебошанд.

Маркази омӯзишӣ — муассисае, ки дар номгузории муассисаҳои таълимӣ ба таври қонунӣ ҷорӣ кардани он дар охири солҳои 90-ум сурат гирифтааст. Аксари онҳо дар заминаи маҷмааҳои таълимӣ нав ташкил карда шуда, мутаносибан бисёр хусусиятҳои худро доранд. Хусусияти асосии чунин марказҳо таваҷҷуҳ ба ҳалли мушкилоти таҳсилоти давомдор тавассути таъсиси низоми «Боғча – мактаб – муассисаи таҳсилоти умумӣ – курсҳои омодагӣ ба донишгоҳ» мебошад, онҳо ҳамкориҳоро бо донишгоҳҳо, муассисаҳои илмӣ фаъолона инкишоф медиҳанд.

Мактаб-клуб — иттиҳодияи мактабӣ-ғайримактабӣ бо муассисаҳои таълими иловагӣ ё фарҳангӣ (маркази эҷодӣ, китобхона, театр, музей ва ғайра), ки бо онҳо мунтазам робитаи зич барқарор шудааст. Ин ҳамкорӣ бештар мазмуни таълими иловагиро дар мактаб муайян мекунад. Мутахассисони ин муассисаҳо нақши калон мебозанд. Онҳо на танҳо бо кӯдакон машғулият мегузаронанд, балки ба омӯзгорон дар ташкили идҳо, намоишҳо, экскурсияҳо низ ёрӣ мерасонанд.

Мактаб-гимназия — бо самти махсусгардонии таълими иловагӣ дар гимназияҳо, литсейҳо, мактабҳо бо омӯзиши амиқи як қатор фанҳо хос аст. Чунин модел бо бунёди система дар унсури асосии мактаб (дар синфҳои 1-4, 5-9) тавсиф мешавад, ки ба интихоби бошууронаи равияи таълим дар синфҳои болоии кӯдак мусоидат мекунад. Ин ба кӯдак ва оилаи ӯ имкон медиҳад, ки марҳилаи мураккабтари таълимро ҳал кунанд, фаҳманд, ки кӯдак ба кори пуршиддати ақлӣ майл дорад ё не, оё ӯ қувваи кофии руҳӣ ва ҷисмонӣ дорад. Мазмуни таълими иловагӣ дар чунин мактабҳо ба фаъолияти зеҳнӣ, маърифатӣ ва ҷустуҷӯйӣ нигаронида шудааст.

Мактаби мутобиқшавӣ - як варианти мактаби пешниҳодкардаи Е.А.Ямбург - ба татбиқи модели таълимӣ асос ёфтааст, ки пеш аз ҳама ба рушди қобилиятҳои маърифатии мактаббачагон ва шахсият, психо- модели сарфаҷӯйӣ, ки ташаккули модели эмотсионалию образии кӯдакро афзалтар медонад, гузариш аз мафҳуми зеҳнӣ, академии таълимро ба консепсияе дар назар дорад, ки на танҳо ба фард, балки ба равандҳои иҷтимоии дар ҷомеа ба амаломада нигаронида шавад. Дар ин раванди мураккаб таълими иловагӣ нақши махсус мебозад [7, 26]. Мактаби мутобиқшавӣ ба шарофати чандирии худ ва такя ба имкониятҳои таҳсилоти иловагӣ барои ҳамаи кӯдакон фазои эҷодкорӣ ва инкишофёбандаро бидуни истисно фароҳам меорад, фаъолияти омӯзгоронро ҳавасманд мекунад, барои барқарор намудани робита бо оила ва ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ, муассисаҳои фарҳангӣ кӯмак мерасонад.

Мактаби худмуайянкунӣ, ки онро П.И. Третяков пешниҳод додааст, ба инкишофи шаклҳои якҷояи ҳаёти омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон барои пурра зоҳир намудани шахсияти онҳо нигаронида шудааст [10, 202]. Хусусияти кори мактаб риояи принсипҳои худидоракунӣ, худидоракунӣ ва худмуайянкунии озодонаи омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон мебошад. Таҳсилоти иловагӣ дар чунин мактаб дорои самти баръало мутобиқшавии иҷтимоӣ мебошад. Ассотсиатсияҳои гуногуни манфиатдор фазои махсуси муошира берун аз омӯзишро ташкил медиҳанд.

Мактаби дорои ҷузъи этнофарҳангӣ дар даҳсолаи охир ба муносибати ба автономияҳои миллӣ-фарҳангӣ дода шудани ҳуқуқи таъсиси муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳуқуқи гирифтани маълумоти ибтидоии умумӣ дар муассисаҳои таълимии худ фаъолона инкишоф ёфт. Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ҷузъи этнофарҳангӣ ҷузъи ҷудонашавандаи барномаҳои таълимии мактаб буда, бевосита дар раванди таълим амалӣ карда мешавад. Дар дигар мавридҳо таълими забон ва фарҳанги миллӣ ҳам дар доираи барномаи таълимӣ ва ҳам дар системаи таҳсилоти иловагӣ сурат мегирад [8, 47].

Мактаби ба омӯзиши амиқи як қатор фанҳо нигаронидашуда. Аксар вақт дар муассисаҳои таълимии ин тип кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки барои васеъ намудани андешаҳои хонандагон дар бораи самти интихобкардаи эҷодкорӣ, соҳаи илмӣ ё техникӣ, шиносоӣ бо таърихи илму фарҳанг, бо намояндагони барҷастаи он фазои иловагӣ фароҳам оварда шавад. Ҳалли ин масъала истифодаи тамоми имкониятҳои таълими иловагиро дар назар дорад [11, 155-161].

Муваффақияти рушди таҳсилоти иловагӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ бештар ба сатҳи ташкили он ва фарҳанги ташкилии он вобаста аст. Имрӯз, ҳадди аққал чаҳор сатҳро номбар кардан мумкин аст .

Якум бо маҷмуи тасодуфии маҳфилҳо ва иттиҳодияҳои таълимӣ хос аст, ки самтҳои фаъолияти онҳо кам ба ҳам пайвастаанд ва комилан ба кадрҳо ва захираҳои моддӣ вобастаанд. Дар чунин вазъият мазмуну шаклҳои кор хусусиятҳои ин муассисаи таълимиро инъикос намекунанд, арзиши таълими иловагӣ ба амал намеоял.

Сатҳи дуюм мураккабтар ва пешрафтатар аст. Он бо консолидатсияи муайяни дохилӣ фарқ мекунад. Ба вай чунин шаклҳои фаъолият, монанди клубҳо, экспедитсияҳо, лабораторияҳо ва ғайра хос аст, аммо умуман корро дар асоси мазмуни ягона сохтан мумкин нест. Вай аз сабаби набудани барномаи мукаммали фаъолият ва мутобиқ карда натавонистани кори омӯзгорони таълими иловагӣ ба порчаҳои алоҳида ҷудо мешавад.

Дараҷаи сеюм — ташкили таълими иловагӣ дар шуъбаи алоҳидаи мактаб, ки иттиҳодияҳои гуногуни эҷодӣ дар асоси барномаи ягонаи таълимӣ кор мекунанд ва омӯзгорон метавонанд фаъолияти худро мутобиқ намоянд.

Дараҷаи чорум омезиши таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ, ягонагии ташкилӣ ва мазмуни сохторҳои асосии мактабро дар бар мегирад. Дар ин сатҳ фаъолияти онҳо ба идеяҳои асосии консептуалӣ асос ёфтааст, ки рушди муассисаро дар маҷмуъ таъмин мекунанд.

Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ вазифадоранд, ки хусусиятҳои кори якдигарро донанд, душвориҳо ва бартарии онро фаҳманд. Бинобар ин, дар бораи он нуқтаҳое таваққуф кардан лозим аст, ки барои дар мактаб ба дараҷаи ҳозиразамон ташкил намудани таълими иловагӣ ёрӣ расонида метавонанд. Гузашта аз ин, таҷрибаи ҳамгироии таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ барои кӯдакон ҷорист, ки ин ҳолат бештар натиҷаҳои мусбат медиҳад. Таълими иловагӣ дар мактаб дорои хусусиятҳои зерин мебошад [6, 3-14]:

аз ҷониби кӯдак ихтиёран ва мақсаднок истифода бурдани вақти аз дарс озод бо мақсади инкишофи ҳаматарафаи ӯ;

соҳибихтиёр будан дар интихоби самти фаъолият, омӯзгор ва барномаи таълим;

имкони иваз кардани фаъолият, гурӯҳ, омӯзгор;

хусусияти эҷодии раванди таълим, ки дар асоси барномаҳои таълими иловагӣ гузаронида мешавад;

муносибатҳои махсуси байни кӯдак ва омӯзгор (ҳамкорӣ, эҷоди муштарак, муносибати инфиродӣ ба кӯдак);

имконияти гирифтани таълими пеш аз касбӣ.

Дар асоси хусусиятҳои номбаршудаи таҳсилоти иловагӣ вазифаҳои онро дар мактаби таҳсилоти умумӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст [2, 130]:

1. Таълимӣ – таълими кӯдак аз рӯйи барномаҳои таълимии иловагӣ, гирифтани донишҳои нав;

2. Тарбиявӣ – ғанӣ гардонидан ва тавсеаи қишри фарҳангии муассисаи таҳсилоти умумӣ, ташаккули муҳити фарҳангӣ дар мактаб, дар ин замина муайян намудани дастурамалҳои равшани ахлоқӣ, тарбияи беғаразонаи кӯдакон тавассути ошноии онҳо бо фарҳанг;

3. Эҷодкорӣ – эҷоди низоми чандир барои амалӣ намудани манфиатҳои эҷодии инфиродии шахс;

4. Ҷубронкунанда – аз ҷониби кӯдак инкишоф додани самтҳои нави фаъолият, амиқсозӣ ва пурра намудани таҳсилоти асосӣ ва фароҳам овардани заминаи эмотсионалӣ барои кӯдак дар раванди азхудкунии мундариҷаи таҳсилоти умумӣ, таъмини кӯдак бо кафолатҳои муайяни муваффақият дар самтҳои интихобкардаи фаъолияти эҷодии ӯ;

5. Фароғатӣ – ташкили фароғати пурмазмун ҳамчун соҳаи барқарорсозии қувваи равонӣ-ҷисмонии кӯдак;

6. Роҳнамоии касбӣ – ташаккули таваҷҷӯҳи устувор ба фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок, мусоидат дар муайян намудани нақшаҳои ҳаёти кӯдак, аз ҷумла самти пеш аз касбӣ. Дар баробари ин мактаб на танҳо ба фаҳмидан ва фарқ кардани шавқу ҳавасҳои гуногуни кӯдак мусоидат мекунад, балки барои интихоби муассисаи таълимии иловагӣ, ки дар

он бо кушиши мутахассисон қобилиятҳои кашфшударо боз ҳам инкишоф додан мумкин аст, ёрӣ мерасонад;

7. Ҳамгироӣ – ташкили фазои ягонаи таълимии мактаб;

8. Функсияи иҷтимоӣ – инкишофи таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби кӯдак, аз худ намудани малакаҳои таҷдиди робитаҳои иҷтимоӣ ва сифатҳои шахсии барои ҳаёт зарурӣ;

9. Функсияи худшиносӣ – худмуайянкунии кӯдак дар шаклҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муҳими ҳаёт ва зиндагии ӯ дар ҳолатҳои муваффақият, рушди худшиносии шахсӣ.

Рӯйхати функсияҳои дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки таълими иловагии кӯдакон бояд ҷузъи ҷудонашавандаи системаи таълим бошад. Аз ин рӯ, муносибатҳои байни омӯзгорони таҳсилоти умумии асосӣ ва иловагӣ бояд на чун рақобату мубориза, балки ҳамчун ҳамкории зич ба роҳ монда шаванд.

**АДАБИЁТ:**


1. А.Б. Фомина. Учреждение дополнительного образования детей: инновационная социально-педагогическая модель (Учебно-методическое пособие). - М., 1996.- 150 с.

2. А.М. Новиков. Научно-экспериментальная работа в образовательном учреждении. - М.: 1996. - 130 с.

3. Авторские программы дополнительного образования. 1 часть. - М.: Центральное окружное управление МДО, 1996.- 126 с.

4. В.А Горский. Принципы развития содержания дополнительного образования детей. - М.: МО РФ, ЦРСДОД, 1995. - 51с.

5. В.В. Белова Взаимодействие внешкольных учреждений и школы в воспитании творческой индивидуальности подростка. Автореф. дисс. ... канд. пед. наук.- М., 1986. - 23с.

6. В.Г. Бочарова Научно-педагогическая концепция взаимодействия школы и других социальных институтов во внешкольном воспитании учащихся // Социально-педагогические проблемы взаимодействия государственных учреждений и общественности во внешкольном воспитании учащихся. - М.: Педагогика, 1981.- с.3-14.

7. Е.А. Ямбург. Школа для всех. - М.: Новая школа, 1996. 26с.

8. Е.Б Евладова., Л.А. Николаева. Развитие дополнительного образования в общеобразовательном учреждении. (Методические рекомендации). - М.: МО РФ Институт общего образования, 1996. - 47с.

9. Н.С. Лейтес. Способности и одаренность в детские годы. - М.: Знание, 1984. - 80 с.

10. П.И. Третьяков. Практика управления современной школой: Опыт педагогического менеджмента. - М., 1995. - 202 с.

11. Ш. Норматов. Махсусияти таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. /Ш. Норматов // [Матн] - Идоракунии давлатӣ, №3 (47), 2020. с.155-161;

12. Ш. Норматов. Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун муҳити рушди қобилият ва лаёқати хонандагони боистеъдод. Ш.Норматов // [Матн] - Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши педагогика, №2 (2), 2020. с.167-172;


## АСОСҲОИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ИЛОВАГӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ


Дар мақолаи мазкур зарурати дарёфт ва инкишоф додани лаёқатмандии кӯдакон дар шароити таҳсилоти иловагӣ, ки он ба бо назардошти майлу хоҳиши фардӣ ҳар як кӯдак имконияти озодона интихоб намудани самти таълим, равия ва мӯҳлати таҳсилро фароҳам меорад, баррсӣ шудааст. Дар ин баробар тазаккур додан бамаврид аст, ки таълими иловагӣ дар инкишофи қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакон нақши муҳим дорад.

Системаи таълими иловагӣ барои дар ин ё он самт азхуд кардани донишхои фундаменталӣ, ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намудан ва ташаккули заковат ёрӣ мерасонад. Вазифаи асосии омӯзгорон нисбат ба кӯдакони болаёқат аз он иборат аст, ки ҳарчи зудтар қобилиятҳои онҳоро муайян карда, ба онҳо сарбории зарурии равонӣ дода, намудҳои фаъолияте, ки ба қобилиятҳои кӯдак мувофиқат мекунанд, муйаян намояд.

Ҳамчунин дар мақола равишҳои гуногун ба таърифи лаёқатмандӣ, кӯдаки лаёқатманд, низоми имконпазири кори омӯзгор бо кӯдакони лаёқатманд дар шароити муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон, мушкилоти ҳамроҳии шахси болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баррасӣ шудааст. .Сохтор, мундариҷа, технология ва усули фаъолияти маҳфилҳо ҳамчун яке аз шаклҳои самараноки рушди истеъдоди зеҳнии кӯдакон дар шароити таҳсилоти иловагӣ ошкор карда шудаанд.

**Вожаҳои асосӣ:** *таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, барномаҳои таълимӣ, мазмуни таҳсилот, таълими инфиродӣ, инкишофи қобияти зеҳнию эҷодӣ, истеъдод, қобилият, кӯдакони болаёқат, маҳфилҳо.*

## ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В данной статье раскрывается необходимость выявления и развития одаренности детей в условиях дополнительного образования, где дополнительное образование представляет каждому ребенку возможность свободного выбора образовательной области, профиля программ, времени их освоения, включения в разнообразные виды деятельности с учетом индивидуальных наклонностей. Однако нужно отметить, что дополнительное образование играет важную роль в развитии творческих и интеллектуальных способностей детей.

Система дополнительного образования помогает получить фундаментальные знания в том или ином направлении, включить их в творческую деятельность, повысить эрудицию. Основная задача педагогов по отношению к одаренным детям: как можно быстрее выявить способности школьников, дать им необходимую умственную нагрузку и определить виды занятий, которые будут соответствовать способностям ребенка.

Также в статье рассматриваются различные подходы к определению одарённости, одарённого ребёнка, возможная система работы педагога с одарёнными детьми в условиях учреждения дополнительного образования детей, проблемы сопровождения одарённой личности в учреждениях дополнительного образования. Раскрывается структура, содержание, технологии и методы деятельности кружков как одной из наиболее эффективных форм развития интеллектуальной одарённости детей в условиях дополнительного образования.

**Ключевые слова:** *дополнительное образование, учреждения дополнительного образования, образовательные программы, содержание образования, индивидуальное образование, развитие интеллектуальных и творческих способностей, талант, способности, одаренные дети, кружки.*

## FUNDAMENTALS OF THE ORGANIZATION OF ADDITIONAL EDUCATION IN GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS

This article reveals the need to identify and develop the giftedness of children in the conditions of additional education, where additional education provides each child with the opportunity to freely choose the educational field, the profile of programs, the time of their development, inclusion in various types of activities, taking into account individual inclinations. However, it should be noted that additional education plays an important role in the development of creative and intellectual abilities of children.

The system of additional education helps to acquire fundamental knowledge in one direction or another, to include it in creative activity, and to increase erudition. The main task of teachers in relation to gifted children is to identify the abilities of schoolchildren as soon as possible, give them the necessary mental load and determine the types of activities that will correspond to the abilities of the child.

The article also discusses various approaches to the definition of giftedness, a gifted child, a possible system of work of a teacher with gifted children in the conditions of an institution of additional education for children, problems of accompanying a gifted person in institutions of additional education. The structure, content, technologies and methods of activities of circles are

revealed as one of the most effective forms of development of intellectual giftedness of children in conditions of additional education.

**Key words:** *additional education, institutions of additional education, educational programs, content of education, individual education, development of intellectual and creative abilities, talent, abilities, gifted children, circles.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Асҳобиддини Шералӣ – номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе", шаҳри Душанбе, к.Маяковский 27/1. E-mail: asomnazarov@mail.ru, тел: +(992) 93-999-96-99*

**Сведения об авторе**: *Асхобиддини Шерали - кандидат педагогических наук, директор Государственного образовательного учреждения "Лицей для одаренных учащихся в городе Душанбе", город Душанбе, ул.Маяковского27/1. E-mail: asomnazarov@mail.ru, тел: +(992) 93-999-96-99*

**Information about the author:** *Ashobiddini Sherali - candidate of Pedagogical Sciences, Director of the State Educational Institution "Lyceum for Gifted Students in the city of Dushanbe", Dushanbe, 27/1 Mayakovskogo st. E-mail: asomnazarov@mail.ru , tel: +(992) 93-999-96-99*

**ББК 74.00+88.8**
**УДК 37 тоҷик+371**
**+34 (036) (575.3)**
**А - 14**

# МУШОИАТИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГИИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМ ДАР РАВАНДИ МУТОБИҚШАВИИ ОНҲО БА ТАЛАБОТИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРӢ

***Абдурашитов Н. Ф.***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**
***Раҷабов Д. А.***
**Унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Масъалаи «мушоиати психологию педагогии донишҷӯёни курси якум дар раванди мутобиқшавии онҳо ба талаботи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Мутобиқшавии иҷтимоии шахсияти ҷавонон, ташаккули ҳувийяти иҷтимоӣ ва касбии онҳо беш аз пеш масъалаи муҳими раванди таҳсилот гардида, дар маркази таваҷҷуҳи бисёр олимону амалияпардозоне, ки дар соҳаи маориф кор мекунанд, қарор гирифтааст.

Калимаи «*мушоиат*» ё ҳаммаъноҳои он «*ҳамроҳӣ, мурофиқат*» аз калимаи русии «сопровождение» [15, с. 1045] оварда шуда, ба маъноҳои «ҳамроҳӣ кардан», «ёрӣ додан», «кумак кардан», «дасти мадад дароз намудан» фаҳмида мешавад. «*Мушоияти психологию педагогӣ*» – вобаста ба вазъияти муайяни ҳаётиву фаъолият тавассути расонидани ёрии психологӣ ва роҳнамоии педагогӣ дастгирӣ намудани шахси эҳтиёҷманд мебошад. Масалан, ёрии психологӣ ва дастгирии педагогии донишҷӯёни соли аввали таҳсил, ки раванди мутобиқшавиро ба муҳити таҳсил дар мактабҳои олӣ нисбатан душвортар мегузаронанд.

**Донишҷӯ** – шахсе, ки дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ (бакалавриат, магистратура ва мутахассис) таҳсил менамояд. Талаботи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ нисбат ба сатҳи дониш, одобу ахлоқ ва рафтори довталабон ва донишҷӯёни курси якум худтанзинамоии сатҳи зарурии шахсро инъикос менамояд. Зеро донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ – омӯзгорони ояндае мебошанд, ки нисбат ба онҳо дар баробари донишгоҳ ҷомеаи шаҳрвандӣ низ имрӯз серталабанд. Тибқи муқаррароти моддаи якуми Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" "*омӯзгор* – шахси дорои таҳсилоти касбӣ, ки ба таълиму тарбия машғул мебошад».

Тавсифи муфассали моҳияти таҳсилоти олии касбӣ ва талаботи донишгоҳҳои олӣ дар моддаи 19-и Қонуни номбаршуда дарҷ гардидаанд [1].

Ҳамин тариқ, дар миёни талабот ва масъалаҳои низоми таҳсилоти олии кишвар масъалаи мутобиқшавӣ донишҷӯён ба раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ махсусан муҳим ба шумор меравад.

Дар шароити рушди босуръати тамоми самтҳои ҷомеаи муосир – сиёсӣ, касбӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ – нисбат ба сатҳу сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ талаботи ҳарчи баландтар зоҳир карда мешаванд. Такмили зинаи таҳсилоти олии касбӣ ҷустуҷӯйи шаклу усули нави таълимро, ки мақсад аз он такмили раванди таълим ва пурзӯр намудани омодасозии мутахассисони ҷавон ба ҳаёт ва меҳнат дар шароити иқтисоди бозор мебошад, талаб мекунад.

Маъмулан, мутобиқшавӣ ҳамчун раванди ворид шудан ба муҳити нав ва мутобиқшавӣ ба шароити он фаҳмида мешавад. Ду намуди мутобиқшавӣ: биофизиологӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ вуҷуд дорад. Мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ ин раванди ба даст овардани мақоми муайяни иҷтимоӣ-психологӣ, азхудкунии вазифаҳои нақши иҷтимоӣ-психологӣ мебошад. Дар рафти он одам кӯшиш мекунад дар байни шароитҳои дохилӣ ва берунии ҳаёт ва фаъолият ба ҳамоҳангӣ ноил шавад. Ба қадри ба амал баровардани мутобиқшавии иҷтимоию психологӣ мутобиқшавии фард дараҷаи созгорӣ ба шароити ҳаёт ва фаъолият баланд мешавад. Мутобиқшавӣ як раванди фаъолест, ки ба натиҷаҳои мусбат ва манфӣ оварда мерасонад.

Дар адабиёти психологию педагогӣ масъалаи дастгирии раванди мутобиқшавӣ ҳамчун як низоми фаъолияти касбии психолог ва омӯзгор баррасӣ мешавад, ки ба фароҳам овардани шароити иҷтимоию психологӣ барои таълими бомуваффақият, худмуайянкунӣ ва рушди психологӣ дар вазъиятҳои фаъолият ва амали муштарак дар раванди таълим нигаронида шудааст.

Дар давраи муосир мақсади раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ на танҳо омодасозии босифати хатмкунандагон ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ, балки ошкор ва амалӣ намудани қобилият, маҳорату малака ва имкониятҳои шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта маҳсуб мешавад. Яке аз роҳҳои ҳалли ин вазифаи муҳим омӯзиши мутобиқшавии таълимгирандагон ба раванди таълим, ки асоси воқеии фаъолсозии мақсадноки қобилиятҳои таълимгирандагонро барои рафъ намудани монеаҳои психологӣ ташкил медиҳад, ба шумор меравад.

Солҳои охир давраи мутобиқшавии донишҷӯён ба раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ вобаста ба суръатёбии ҷараёни ҳаёт, инкишофи интенсивии равандҳои иҷтимоии ҷамъият, ихтилофҳои байнишахсиятӣ ва дохилишахсиятӣ хеле мураккаб гардидааст. Омода намудани таълимгирандагон ба фаъолияти фаъоли омӯзгорӣ на танҳо азхудкунии як давраи муайяни дониш, маҳорату малакаҳо, балки дарки низоми арзишҳо ва меъёрҳоеро, ки ҳаёти ҷамъиятиро муайян мекунанд, дар бар мегирад. Вақти мутобиқшавӣ ва сатҳи мутобиқшавӣ ба азхудкунии бомуваффақияти раванди таҳсилотӣ, бароҳатии психологӣ, қаноатмандии шахсият аз интихоби касбӣ – ба самаранокии фаъолияти низоми таҳсилоти олӣ аз бисёр ҷиҳат таъсир мерасонанд [6].

Барои илмҳои психология, ҷомеашиносӣ, педагогика ва дигар соҳаҳои дониш масъалаи мутобиқшавии психологию педагогӣ аз аҳамияти калон бархӯрдор аст, зеро он ҳамчун воситаи ҳалли масъалаи ташаккули салоҳиятҳои зарурии донишҷӯ амал мекунад. Бояд гуфт, ки комёбиҳои имрӯза ва ояндаи донишҷӯён ва раванди ташаккулёбии касбии онҳо ба он вобаста аст, ки раванди мутобиқшавӣ аз рӯйи вақт ва «хароҷоти» гуногун то кадом андоза сурат мегирад. Ҳамин тариқ, масъалаи мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити донишгоҳӣ, аз ҷумла, таҳқиқи масъалаи дастгирии психологию педагогии мутобиқшавии донишҷӯён дар муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ, аз ҷумла омӯзгорӣ муҳим ба шумор меравад.

Сарфи назар аз он ки вақтҳои охир ба масъалаҳои мутобиқшавии инсон дар шароити иҷтимоӣ диққати калон дода мешавад, бисёр ҷиҳатҳои масъала ба кадри кифоя мавриди таҳқиқу таҳлил қарор нагирифтаанд. Ҳамин тариқ, дар муассисаи таҳсилоти олӣ то ҳол таҳияи муназзами консепсияи мутобиқсозии психологию педагогии донишҷӯён, ки тамоми мураккабӣ ва номутобиқатии ин падидаро ба инобат гирад, вуҷуд надорад; номуайянӣ дар усули омӯзиши падидаи мазкур дар заминаи фаъолияти худидоракунии донишҷӯён вуҷуд надошта, масъалаи мубрамтарини захираҳои мутобиқшавии шахсият то ҳол ҳалли пурраи методологии худро пайдо накардааст [20, с. 76-79].

Масъалаи нақши донишҷӯён ҳамчун муҳити иҷтимоӣ-психологӣ дар раванди мутобиқшавӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Моҳияти мураккаби масъалаи мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ, инчунин миқдори зиёди маводи таснифнашуда оид ба ин масъала зарурати баррасии баъзе муносибатҳои методологиро ба омӯзиши он ҷиҳати таҳияи консепсияи ягона ба миён меорад [17].

Сарфи назар аз мушкилоти назаррас дар мутобиқшавии донишҷӯён, ба ақидаи муҳаққиқон (Л.Д. Демина, В.В. Лагерев, М.С. Янитский), дар бораи мазмуни методологии раванди мутобиқсозии самараноки донишҷӯён ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ маводи кофӣ мавҷуд нест [4, с. 5-9], [14, с. 49].

Истилоҳи «мутобиқшавӣ» дар доираи физиология пайдо шуда, ба раванди мутобиқшавии таҳлилкунандаи шунавоӣ ё босирагӣ ба амали ангезанда ишора мекунад. Мутобиқшавӣ ин маҷмӯи созгоршавӣ ба шароити муҳити зист, аксуламалҳои психологӣ ва физиологии организм мебошад.

Минбаъд он ба доираи васеътари падидаҳое, ки мутобиқшавии вазифаҳои организмро ба шароити беруна тавсиф мекунанд, паҳн мешавад. Ин истилоҳ аз ҷониби илмҳои психология ва ҷомеашиносӣ қабул карда мешавад. Дар ҷомеашиносии муосир мутобиқшавӣ ҳамчун раванди ҳамоҳангсозии субъект ва муҳити зист фаҳмида мешавад, яъне мутобиқшавӣ раванди таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити зист, ки дар натиҷаи он стратегияҳои рафтор ба вуҷуд меоянд, маҳсуб мешавад [2, с. 166].

Дар адабиёт меъёрҳои муваффақиятнокии мутобиқшавӣ ба меъёрҳои субъективӣ ва объективӣ тақсим шуда, дар ин росто меъёри объективӣ ин самаранокии фаъолият ё самаранокии он буда, меъёри субъективӣ дараҷаи қаноатмандии бошуурона ё бешууронаи иҷрогар аз паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ ба шумор меравад [8, с. 194].

Дар асоси ин мавод ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мутобиқшавии донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олӣ як раванди мураккаб ва бисёрҷанбаест, ки бояд дар консепсияи муносибати ҳамгиро бунёд карда шавад. Дар баробари ин, мутобиқшавӣ танҳо бо мутобиқ шудан ба шароити нави муассисаи таҳсилоти олӣ маҳдуд нашуда, балки инкишофи донишҷӯро ҳамчун шахсият дар назар дорад.

Мутобиқшавӣ имкон медиҳад шахсият на танҳо ба шароити нав мутобиқ шавад, балки амсилаҳои нави рафторро ҳангоми бартараф кардани душвориҳои мавҷуда низ муайян кунад. Ба туфайли мутобиқшавӣ нокифоятии рафтори муқаррарӣ дар шароити нави муҳити йеруна ҷуброн карда шуда, он имкон медиҳад шахсият дар муҳити нав беҳтар фаъолият кунад Агар мутобиқшавӣ ба амал наояд, шахсият дар азхудкунии фане душворӣ мекашад [9].

Дар бораи қонуниятҳои падидаи мутобиқшавии психологию педагогӣ ҳарф зада, марҳилаҳои зерини мутобиқшавиро ҷудо кардан мумкин аст.

*1) Марҳилаи омодагӣ аз ҷамъоварии маълумоти дахлдор дар бораи шароити фаъолияти касбии дарпешистода.* Дар асоси хосиятҳои инфиродии шахсият ва муҳити ҳавасмандии ӯ, ин марҳила метавонад дар шаклҳои фаъол ё ғайрифаъол ҷараён гирад. Марҳилаи фишори психикии ибтидоӣ бо ҳолати эҳсоси психологии амалҳои пешакӣ ва воридшавӣ ба шароити нави фаъолияти таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ алоқаманд аст.

2) *Марҳилаи аксуламалҳои шадиди психикии воридшавӣ.* Дар ин давра донишҷӯ таъсири омилҳои табдилёфтаи муҳити берунаро эҳсос мекунад.

*3) Марҳилаи инкишофи мусбати раванди мутобиқшавӣ.* Дар ин вақт марҳилаи фишори ниҳоии психологӣ, ки аз омодагии психикаи мутобиқшаванда ба мубрамгардонии восита ва тарзҳои рафтори барои ӯ маъмулӣ иборат мебошад, оғоз мешавад.

Таҳлили ҷамъбастии адабиёти психологию педагогӣ оид ба ин масъала имкон медиҳад натиҷагирӣ карда шавад, ки мутобиқшавии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ як падидаи якпорчаест, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, психологӣ, психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-касбӣ ва педагогиро дар бар мегирад.

Мутобиқшавии иҷтимоӣ раванди мутобиқшавии шахсият ба муҳити тағйирёфта бо истифода аз воситаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун мутобиқшавии шахсият ба шароити муҳити иҷтимоӣ инҳоро пешбинӣ мекунад:

– тағйирпазирии рафтор мутобиқи интизории нақшии дигарон.
– дарки воқеияти атроф ва худ;
– қобилияти худхизматрасонӣ ва худташкилдиҳӣ дар гурӯҳ;
– низоми муносибатҳо бо дигарон.

Ҷанбаи иҷтимоӣ аз азхудкунии аҳамияти иҷтимоии фаъолияти худ, қабули мақсадҳои муайян аз ҷониби субъект ва ташаккули малакаҳои амалӣ дар соҳаи коммуникатсия иборат мебошад.

Ҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дар муқаррар намудани мақоми муайяни иҷтимоии субъект дар муҳити нави иҷтимоӣ, дар ташаккули муносибатҳои нави мутақобила дар гурӯҳи донишҷӯӣ ифода меёбад.

Ҷанбаи психофизиологӣ бо он алоқаманд аст, ки ҳангоми дохил шудан ба муассисаи таҳсилоти олӣ донишҷӯён дар шароити ношиноси муҳити таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ қарор гирифта, дар натиҷа қолаби рафтори дар солҳо ташаккулёфтаи онҳо аз байн рафта, малакаю одатҳои нав ташаккул меёбанд. Дар байни фаъолияти таълимгирандагон дар шароити муассисаи таҳсилоти олӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фарқи калони миқдорӣ ва сифатӣ мавҷуд аст. Ҳангоми ба муассисаи таҳсилоти олӣ дохил шудан донишҷӯйи курси якум бояд ба талаботи – нави таҳсилоти олӣ, инчунин ба шароити нави таҳсил ва маишат мутобиқ шавад.

Ҷанбаи психологӣ дар вобастагии равандҳои мутобиқшавӣ ба хусусиятҳои психологии шахсият ифода меёбад.

Ҷанбаи педагогӣ барои омода кардани донишҷӯ ба шаклу усули нави кор, мусоидат ба ташаккули малакаҳои кори мустақилона, худидоракунӣ ва худомӯзӣ зарур мебошад.

Ҷанбаи иҷтимоию касбӣ аз тағйир додани сифатҳои психологии шахсият вобаста ба талаботи фаъолияти касбӣ иборат мебошад [21].

Мутобиқшавии ботинии шахсият дар таҷдиди сохторҳо ва низомҳои функсионалии шахсият ҳангоми тағйирёбии муайяни ҳаёт ва фаъолият зоҳир мешавад. Шаклҳои берунии рафтор ва фаъолияти шахсият тағйир ёфта, ба интизориҳои муҳити атроф, талаботи беруна мувофиқ гардида, мутобиқати пурра, умумии шахсият ба амал меояд [22, с. 152-156]. Зимни мутобиқшавии беруна – рафторӣ, созгоршаванда – шахсият ботинан аз рӯйи мазмун тағйир наёфта, худ ва мустақилияти худро нигоҳ медорад, ки ин ҳамчун мутобиқшавии абзории шахсият маҳсуб мешавад. Олимон инчунин мутобиқшавии омехтаро ҷудо мекунанд, ки зимни он шахсият қисман аз нав бозозӣ шуда, ботинан ба муҳити беруна, арзишҳо, меъёрҳои он мутобиқ гардида, дар айни замон қисман ба таври абзорӣ, рафторӣ низ мутобиқ гардида, «Ман», мустақилияти худро нигоҳ медорад [22, с. 155]. Зимни мутобиқшавии пурра мувофиқати фаъолияти психикии шахсият ба шароити муҳит ва фаъолият дар ин ё он ҳолатҳо ба даст меояд. Мутобиқшавии иҷтимоию психологӣ ҳамчун воситаи ҳифзи шахсият низ амал мекунад. Бо кумаки он шиддати дохилии психологӣ, изтироб ва ҳолатҳои ноустуворкунандае, ки

дар одам ҳангоми муошират бо одамони дигар ба вуҷуд меоянд, суст ва бартараф карда мешаванд. Ба ғайр аз ҳифзи психологӣ мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ вазифаҳои зерин: ноил шудан ба мувозинати оптималӣ дар низоми «шахс-муҳити иҷтимоӣ»; зуҳур ва рушди қобилиятҳои эҷодии шахсият, баланд шудани фаъолияти ӯ, танзими муошират ва муносибатҳо; нигоҳ доштани солимии психологӣ, худтатбиқкунӣ, худшиносӣ ва худислоҳкунии шахсиятро низ иҷро мекунад [13].

Мутобиқшавии бомуваффақият дар аксуламалҳои рафторӣ ва давомнокии хусусияти мутобиқшавӣ зоҳир мешавад. Давомнокии раванди мутобиқшавӣ чанд рӯз ё бештар аз он тӯл кашида метавонад.

Хусусияти мутобиқшавӣ аз якчанд омилҳо: синну соли шахсият, ҳолати саломатӣ ва сатҳи инкишоф, таърихи биологӣ ва иҷтимоӣ, хусусиятҳои низоми олии асаб, намуди он, тамрини низоми асаб, хусусиятҳои фардии фарқияти ҷинсӣ, сатҳи тамрингирифтагии механизмҳои мутобиқшавӣ вобаста мебошад.

Таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, ки дар кори мутобиқ намудани донишҷӯён як қадар муназзамӣ ба мушоҳида мерасад. Имрӯз муассисаҳои таҳсилотӣ ҳарчи бештар ба тарбияи шахсият дар асоси эҷоди низоми якпорчаи мутобиқшавӣ муроҷиат мекунанд. Воситаи самарабахши мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якум ба фазои фарҳангию маърифатии муассисаи таҳсилоти олӣ гурӯҳи донишҷӯён мебошад. Гурӯҳ донишҷӯёни курси якумро бо ҳаёти гурӯҳ шинос карда, шароити нави фаъолияти ҳаётӣ ва имкониятро бар ташаббускор, муаллиф ва иҷрокунандаи лоиҳаҳо шудан фароҳам меоварад.

Дастгирии психологию педагогӣ технологияи мураккаб, фарҳанги махсуси дастгирӣ ва кумак ба донишҷӯйи курси якум дар ҳалли масъалаҳои рушд, таълим, тарбия ва иҷтимоишавӣ мебошад.

Мақсади асосии дастгирии психологию педагогӣ кумак расонидан ба ҳар як донишҷӯ мебошад. Инчунин мақсадҳои дастгирии психологию педагогӣ аз: расонидани кумаки психологию педагогӣ дар мутобиқшавии бомуваффақияти ҳар як донишҷӯйи курси якум ба шароити нави иҷтимоӣ, фароҳам овардани фазои бехатарӣ ва эътимод дар низоми «омӯзгор – донишҷӯ – падару модар – ҳамкурс» иборат мебошанд.

Шаклҳои дастгирии психологию педагогӣ аз шумораи таълимгирандагон вобаста буда, онҳоро ба таври дастаҷамъӣ, дар гурӯҳи хурд ва инфиродӣ амалӣ кардан мумкиин аст.

Мактаби мутобиқшавӣ як шакли беназири кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дастгирии психологию педагогӣ мебошад, ки берун аз деворҳоиҳудуди муассисаи таҳсилоти олӣ сурат мегирад [19]. Барномае, ки дар ин лагерҳо сурат мегирад, ба донишҷӯёни курси якум барои ба осонӣ ва бедард ҳамроҳ шудан ба гурӯҳ кумак мекунад. Донишҷӯён муоширати самаранокро бо ҳамкурсон ва омӯзгорон ёд гирифта, нерӯи шахсиятӣ ва эҷодии худро кушода, фаҳмидани худ ва дигаронро ёд мегиранд.

Дигар воситаи муҳимми мутобиқшавии бомуваффақият дар муассисаи таҳсилоти олӣ иштироки донишҷӯён дар иттиҳодияҳои гуногуни донишҷӯён ба шумор рафта, самаранокиаш аз он иборат аст, ки раванди иштироки фаъолона дорои хусусияти тарбиявӣ ва инкишофдиҳандаи шахсият мебошад. Он имкон медиҳад марҳилаи ибтидоии мутобиқшавӣ дар руҳияи мусбати эҳсосӣ паси сар карда шавад. Тавассути иштироки эҷодӣ дар фаъолияти ҳаётии иттиҳодия донишҷӯ ба муаллифи худиинкишофдиҳии худ табдил меёбад: маъниҳои ҳаётӣ, арзишҳо, идеалҳои ахлоқӣ ташаккул меёбанд.

Эҷодиёти гурӯҳӣ рушди қобилиятҳо, инкишофи фардияти эҷодиро ҳавасманд намуда, барои худтасдиқкунӣ ва худтарбиякунӣ имкониятҳои мусоидро фароҳам меорад. Ҳамчун шаклҳои ҳамгироии донишҷӯёни курси якум ба фазои фарҳангию маърифатии муассисаи таҳсилоти олӣ анъанаҳои зерин шуда метавонанд: пазироӣ ба сафи

донишҷӯёни курси якум, шомҳои вохӯриҳои донишҷӯёни курси якум бо хатмкунандагон ва донишҷӯёни синфҳои боло ва ғайра.

Нақши назаррасро дар мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ниҳоди кураторӣ мебозад. Он яке аз шаклҳои кори тарбиявиест, ки аз ҷониби омӯзгорони факултет дар доираи ухдадориҳои меҳнатии худ, ки дар нақшаҳои инфиродӣ пешбинӣ шудаанд, иҷро карда мешавад. Самтҳои асосии фаъолияти куратор дар муассисаи таҳсилоти олӣ аз: ҷалби донишҷӯён ба ҳаёти фаъоли ҷамъиятӣ, ташаккул додани ҳисси масъулият дар онҳо, тарбияи шахсияти аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ҷисмонӣ солим иборатанд [10, с. 87-89].

Вазифаҳои кураторҳо: иттилоотӣ, муоширатӣ, назоратӣ, эҷодӣ, ташкилӣ ва ғайра мебошанд. Куратор донишҷӯёнро ба аз худ кардани анъанаҳо, идеалҳо ва арзишҳои донишгоҳӣ ҳидоят мекунад. Шаклҳои кори кураторон низ гуногун буда, вохӯриҳо, пурсишҳо, шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таҳсилоти олӣ, муайян намудани фаъолон, сарварон, ташкили лоиҳаҳо ва ғайраро дар бар мегиранд.

Кураторӣ низоми ивазнашаванда буда, дар сурати ташкили дуруст ҳамчун низоми самарабахши ҳамкории омӯзгорон ва донишҷӯён ба шумор рафта, имкон медиҳад масъалаҳои зиёде дар таҳсил ва масъалаҳои дигари донишҷӯён ҳал карда шуда, ба ҷавонон таҷрибаи ҳаётӣ, донишҳо, анъанаҳо интиқол дода шуда, ба ҷаҳонбинӣ ва рафтори онҳо таъсири муайян расонида шавад [7, с. 19-24]. Барои кураторони курси якум таҷрибаи фаъолияти инноватсионии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташкили дастгирии мураббиён ба таълимгирандагон мавриди таваҷҷуҳ мебошад [5, с. 21-26].

Фаъолияти кураторҳо дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба ҳалли вазифаи аввалиндараҷаи таҳсилоти донишгоҳӣ – фароҳам овардани шароити беҳтарин барои рушди худидоракунии шахсияти донишҷӯ нигаронида шудааст. Куратор дар ҳалли ин вазифа тавассути машварат, роҳнамоӣ ва дастгирии психологӣ ба донишҷӯён иштирок мекунад. Ҳамзамон, ӯ бояд дорои қобилияти таҳлили мунтазами вазъиятҳои проблемавӣ, барномарезӣ ва банақшагирии чорабиниҳо ва намудҳои фаъолияте бошад, ки ба ҳалли онҳо ва ҳамкории иштирокчиёни раванди таҳсилотӣ (донишҷӯён, ҳамкурсон, падару модарон, омӯзгорон) ба ин мақсад нигаронида шудааст.

Барои мутобиқшавии бомуваффақият мавқеи фаъолеро, ки на танҳо дар омӯзгор, балки дар шогирд ҳам бошад, нишон додан лозим аст, яъне бояд фаъолияти муштарак вуҷуд дошта бошад. Донишҷӯ боядхудаш роҳу воситаҳои расидан ба мақсади муайяни тарбиявиро барои худ пайдо ва интихоб намояд ва омӯзгор барои ин шароити заруриро фароҳам оварад [10, с. 87-89].

Унсури дигари низоми мутобиқшавӣ конференсия оид ба масъалаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён, шиносоӣ бо нақшаи таълимӣ, ҷадвали раванди таълимӣ маҳсуб мешавад. Дар рафти кори озмоишӣ мо мушкилотеро муайян кардем, ки ба манзараи душвориҳои давраи мутобиқшавӣ равшанӣ меандозанд: 29% донишҷӯёни курси якум ҳаҷми калони барномаи муасссисаи таҳсилоти олӣ; 36 % – ба омодагии нокифояи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 15% – ба шароити номусоиди зиндагӣ, 32% – ба шароити моддӣ, 25% – ба вазъи саломатӣ, 15% – ба вазъи оилавӣ, 15% – мушкилоти дигарро қайд намуда, дар посух додан душворӣ кашиданд.

Бо вуҷуди ин, ҷанбаи амалии татбиқи вазифаҳои мутобиқсозии шахсияти донишҷӯи курси якум ба қадри кофӣ кушоданашуда боқӣ мемонад, зеро бисёр нуқтаҳои назар зуд тағйир ёфта, насли ҷавони донишҷӯӣ нисбатан тағйир ёфта, мувофиқан, технологияи кори педагогҳо низ бояд тағйир ёбад [23].

Ба донишҷӯёни соли аввал маҳорату малака ва қобилиятҳои гуногун, ки барои азхудкунии бомуваффақияти барнома дар муассисаи таҳсилоти олӣ заруранд., кифоят намекунанд. Кӯшиши бо суботкорӣ ҷуброн кардани ин на ҳамеша ба муваффақият оварда мерасонад. Вақти зиёде то мутобиқшавии донишҷӯ ба шароити таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ мегузарад. Барои аксарият ин бо қимати хеле баланд ноил мешавад. Аз ҳамин ҳам нишондиҳандаҳои пасти таҳсил дар соли аввал, ҳам сатҳи

баланди тарки муассисаи таҳсилоти миёнаи олӣ аз рӯйи натиҷаҳои сессия ба амал меоянд. Мутобиқшавӣ ба шароити нав саъю кӯшиши зиёдро талаб мекунад, ки дар натича дар фаъолият ва натичаҳои таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаи таҳсилоти олӣ тафовутҳои калон ба вуҷуд меоянд. Яке аз сабабҳои паст будани сатҳи мутобиқшавии таълимгирандагон номутобиқатии ҳамкории педагогии омӯзгор ва донишҷӯ ҳангоми ташкили усулҳои таълим мебошад [16].

Худ ба худ мутобиқшавӣ шарти ҳатмии фаъолияти фаъол ва шарти зарурии фаъолияти он ба шумор рафта, аз худи ҳамин аҳамияти мусбати мутобиқшавӣ барои фаъолияти бомуваффақияти фард дар ин ё он нақши иҷтимоӣ иборат мебошад.

Ҳамчун воситаи мутобиқшавии иҷтимоӣ аз ҷониби фард қабули меъёрҳо ва арзишҳои муҳити нави иҷтимоӣ, шаклҳои ҳамкории иҷтимоии дар он ташаккулёфта, инчунин шаклҳои фаъолияти ба он хос ба шумор меравад.

Мушкилоти мутобиқшавӣ ба ҷуз душвориҳои муттаҳид намудани саъю кӯшишҳои омӯзгор донишҷӯ дар ташкили усули таҳсилот дигар чизе нест.

Мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёнро ҳамчун шомил шудани онҳо ба ҷомеаи муассисаи таҳсилоти олӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Ҷомеаи муассисаи таҳсилоти олӣ бо устуворӣ, муназзамӣ, муайянии функсионалӣ, гуногунҷанбагии фаъолият, ягонагии нисбии иҷтимоӣ ҳамчун ҷомеаи одамоне тавсиф меёбад, ки вазифаи асосии онҳо омодасозии мутахассисони баландихтисос мебошад [18].

Дар бораи ҷомеаи донишгоҳӣ ҳарф зада, тақрибан ду шакли асосии фаъолият: таълимӣ; беруназсинфӣ (фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, фароғатӣ, таҳқиқотӣ ва ғ.)-ро ҷудо кардан мумкин аст [3].

Бояд гуфт, ки фаъолияти таълимии донишҷӯёни курси якум аз ҷиҳати хусусият ва мазмун аз фаъолияти таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле фарқ мекунад: доираи фанҳои омӯхташаванда васеъ шуда, ҳаҷми дониш, инчунин суръат, услуб ва усули муаррифии онҳо ба таври назаррас зиёд мешаванд, аз ин рӯ, барои азхудкунии бомуваффақияти онҳо омодагии муайяни касбӣ талаб карда мешавад

Дар асоси таҳлили хусусиятҳои касби омӯзгорӣ намудҳои фаъолияти беруназсинфиро муайян кардан мумкин аст. Л.И.Кобышева дар таҳқиқоти худ ба намудҳои касбӣ ва педагогии фаъолияти беруназсинфӣ инҳоро нисбат медиҳад:

– ташаккули фаъолияти иҷтимоии донишҷӯ (саъю кӯшишҳои иҷтимоӣ, мақсадноки иродавӣ, ки ба аз худ намудани ҳолатҳои беруна нигаронида шуда, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро дар синни донишҷӯӣ дар бар мегиранд);

– ташаккули самти педагогии донишҷӯён (муносибати мусбат ба фаъолияти иҷтимоию педагогӣ, ҳавасмандӣ ба худинкишофдиҳӣ, худшиносӣ, азхудкунии усулҳо ва методҳои ҳалли масъалаҳои педагогӣ, майл ба навовариҳои касбӣ, эҷодкорӣ) [11, с 142-145].

Аз ин лиҳоз, мо чунин мешуморем, ки раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ ба ҷомеаи донишгоҳӣ бояд аз курси аввал оғоз шавад, ки ин гарави рушди минбаъдаи ҳар як донишҷӯ ҳам ҳамчун шахсият, ҳам ҳамчун мутахассиси оянда мебошад.

Собиқ мактаббачагоне, ки ба муассисаи таҳсилоти олӣ дохил мешаванд, танҳо дар роҳи худмуайянкунӣ қарор дошта, бояд қайд кард, ки «худмуайянкунӣ, аз як тараф, ҷиҳати муҳимми раванди ҷамъиятии инкишофи шахсият буда, аз тарафи дигар, бо масъалаҳои ташаккули одами соҳибкасб зич алоқаманд аст [12, с. 98].

Ҳамин тариқ, тамоми ҷанбаҳои раванди мутобиқшавии донишҷӯёнро ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ мавриди таҳлил қарор дода, бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти донишҷӯён ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ, ду ҷанбаи асосии мутобиқшавиро, ки, ба назари мо, ба муваффақияти раванди умумии мутобиқшавии донишҷӯён ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ дар маҷмуъ мусоидат мекунанд, инҳоянд:

1) Ҷанбаи педагогӣ, ки барои мутобиқшавӣ ба сохтори фаъолият ва таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олӣ, ҳангоми гузаштан аз раванди таълим, аз худ кардани дониш, маҳорату малакаҳо; эътиқод ба интихоби дуруст ва мувофиқ будани касби интихобшуда ҷавобгӯ мебошад. Меъёрҳои муваффақияти раванди мутобиқшавӣ таваҷҷӯҳи устувор ба фанҳои касбӣ, инчунин омодагӣ ба кор аз рӯйи касб маҳсуб мешаванд;

2) Ҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ, ки дар ташаккули муносибатҳои шахсии мутобиқшаванда дар раванди фаъолияти муштарак бо муҳити донишҷӯён ифода меёбад. Ба ин ҷо мутобиқшавӣ ба шароитҳои иҷтимоию психологӣ, меъёрҳои гурӯҳи донишҷӯён ва анъанаҳои нави иҷтимоӣ дохил мешаванд. Муваффақияти он аз тайёр будани донишҷӯ ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти олӣ, соф будани рафтори мутобиқшаванда, дараҷаи некӯаҳволии эҳсосотии донишҷӯёни курси якум муайян карда мешавад.

Ниҳоят, барои мутобиқсозии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якум инҳо зарур мебошанд:

– ба назар гирифтани душвориҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ҳангоми тартиб додани нақшаҳои таълимӣ шаванд;

– истифодаи усули гуногуни таълим, ки на ба аз ёд кардани фанҳои омӯхташаванда, балки, пеш аз ҳама, ба омӯзонидани қобилияти муайян кардани сабабҳои асосӣ ва дуюмдараҷа, паёмадҳо ва ҷиҳатҳои дигари масъалаҳои омӯхташаванда ба донишҷӯён нигаронида шудаанд;

– гузаронидани курси «Муқаддима ба ихтисос», ки дар он донишҷӯёни курси якум бояд дар бораи ихтисоси интихобшуда, усул ва шаклҳои таълим, намудҳо, шаклҳои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ташкили мундариҷа ва мазмуни онҳо, муҳлатҳои супоридани назорати ҷорӣ ва ниҳоии донишҳо ва ғайра фаҳмиши дақиқ пайдо кунанд;

– истифодаи низомҳои таълими мутобиқшавӣ барои донишҷӯёни курси якум; дар низоми дастгирии психологию педагогӣ аҳамияти хоссаро тренингҳо оид ба рушди шахсиятӣ, муоширати байнишахсиятӣ ва ҳамкории бидуни низоъ пайдо карда истодаанд;

– гузаронидани курси махсуси «Психологияи муошири корӣ» дар соли аввали таҳсил, ки метавонад ба ташаккули малакаҳои устувори таълими созанда ва рушди салоҳиятнокии иҷтимоӣ мусоидат намояд;

– баланд бардоштани нақши куратор дар мутобиқсозии донишҷӯён ба шароити таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ.

Ба ҳалли амалии масъалаи мутобиқ намудани донишҷӯёни курси якум ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ инчунин иштироки донишҷӯён дар озмунҳои эҷодӣ, форумҳои ҷавонон дар сатҳҳои гуногун, кори гурӯҳҳои педагогӣ, чорабиниҳои ҷамъиятию педагогӣ дар хонаҳои бачагон, мактабҳо-интернатҳо, муассисаҳои иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”( аз 22 июли соли 2013, № 1004)

2. Абабков В. А., Перре М. Адаптация к стрессу. Основы теории, диагностики, терапии. СПб.: Речь, 2004.

3. Гаенко О. Б. Психолого-педагогическое сопровождение студентов первого курса на этапе адаптации к вузовскому социуму // Концепт. – 2013. – № 10 (октябрь). – ART 13201. – 0,5 п. л. – URL: http://e-koncept.ru/2013/13201.htm. – Гос. рег. Эл № ФС 7749965. – ISSN 2304-120X.

4. Демина Л. Д. Некоторые аспекты психолого-педагогической адаптации студентов к вузовскому обучению // Педагогические условия совершенствования адаптационных процессов в вузе: Межвуз. темат. сборник Барнаул: изд. Алт. ун-та, 1988. – С.5-9.

5. Ефремова О. И. Модель тьюторской поддержки учащихся // Воспитание школьников. – 2010. -№ 1. – С. 21-26.

6. Жаренкова А.А. Особенности психолого-педагогической поддержки первокурсников в процессе адаптации к условиям вуза: Автореф. дис. канд психологич. наук:19. 00. 07./Академия повышения квалификации. – М., 2005.

7. Жилина Л. Я. Кураторство как форма передачи профессионального опыта // Вестник Таганрогского государственного педагогического института. Гуманитарные науки. – 2012. – Специальный выпуск № 1. – С.19-24.

8. Ивченко Е. И. Формирование самооценки как фактора успешности социально-психологической адаптации студентов в образовательном пространстве вуза: на примере студентов-мигрантов: Дис. канд. псих. наук: 19.00.07; Ставрополь, 2007.

9. Казначеев В.П. Современные проблемы адаптации: Учебное пособие – М., 2000.

10. Кашпирева Т.Б. Система кураторства как средство обеспечения социально-культурной адаптации иностранных студентов // Проблемы и перспективы развития образования: материалы меж-дунар. заоч. науч. конф., апрель 2011 г. – Пермь: Меркурий, 2011. – С. 87-89.

11. Кобышева Л. И. Психолого-педагогическое сопровождение формирования личностных качеств социального педагога в условиях вузовского образования // Научное мнение. – 2013. – № 4. С. 142-145.

12. Кобышева Л. И., Кротова А. П. Самоопределение как условие становления профессонализма будущих педагогов // Общество: социология, психология, педагогика. – 2012. – № 2. – С. 95-103.

13. Крысько В.Г. Словарь-справочник по социальной психологии. -М.; СПб.: Питер, 2003. – 416 с.

14. Лагерев В. В. Адаптация студентов к условиям обучения в техническом вузе и особенности организации учебно-воспитательного процесса с первокурсников. НИИ проблем высшей школы. Содержание формы и методы обучения в высшей школе. Вып. 3. – М.,1991.

15. Луғати русӣ-тоҷикӣ. Зери таҳрири М.С. Осимӣ. М.: Русский язык, 1985. 1280 с.

16. Лякишева О. В., Казакова С. Б. Эффективная адаптация студентов первого курса – залог успешного обучения и профессионального определения личности. – URL: http://economics.open-mechanics.com/articles/393.pdf.

17. Особенности адаптации студентов первого курса к обучению в вузе [Электронный ресурс] Управление организационно-воспитательной работы со студентами. URL: http://uovr.istu.ru/curator/p-adaptation.html

18. Растова Л.М. Вузовский социум как среда воспитания студентов // Проблемы и пути повышения эффективности воспитания студенческой и учащейся молодежи. – Барнаул, 2000.

19. Репьева Н. Г. Проблема адаптации студентов первого курса к обучению в вузе. – URL: http://elib.altstu.ru/elib/disser/conferenc/2010/02/pdf/275repyeva.pdf.

20. Салманова, Д. А. Психолого-педагогические аспекты адаптации студента в вузе / Д. А. Салманова. – Текст : непосредственный // Аспекты и тенденции педагогической науки : материалы II Междунар. науч. конф. (г. Санкт-Петербург, июль 2017 г.). – Санкт-Петербург: Свое издательство, 2017. – С. 76-79. – URL: https://moluch.ru/conf/ped/archive/216/12614/ (дата обращения: 22.12.2023).

21. Соловьев В. Н. адаптация студентов к учебному процессу в высшей школе: автореф. дисс. доктора педагогич. наук 13.00.01/Удмуртский государственный университет – Ижевск. 2003.

20. Тюрина Н.В. Понятие адаптации в современной психологии // Вестник АГТУ. – 2007. № 5.(40). – С. 152-156.

22. Яницкий М.С. Основные психологические механизмы адаптации студенческой деятельности: ав-тореф. дис. ... канд. психол. наук. – Иркутск, 1995. – 24 с.

## МУШОИАТИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГИИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМ ДАР РАВАНДИ МУТОБИҚШАВИИ ОНҲО БА ТАЛАБОТИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРӢ

Дар мақола масъалаи «мушоиати психологию педагогии донишҷӯёни курси якум дар раванди мутобиқшавии онҳо ба талаботи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Таъкид шудааст, ки имрӯз дар миёни талабот ва масъалаҳои низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон масъалаи мутобиқсозии психологию педагогии донишҷӯён ба раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ махсусан муҳим ба шумор рафта, дар шароити рушди босуръати тамоми самтҳои ҷомеаи муосир ба сифати сатҳи тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ талаботҳои ҳарчи баландтар зоҳир карда мешаванд. Аз ин рӯ, мақсади раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ на танҳо омодасозии босифати хатмкунандагон ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ, балки ошкор ва амалӣ намудани қобилият, маҳорату малака ва имкониятҳои шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта махсуб мешавад. Дар мақола марҳилаҳои мутобиқшавӣ, ҷанбаҳо ва воситаю шаклҳои он баррасӣ шуда, натиҷагирӣ карда шудааст, ки мутобиқшавии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ як падидаи якпорчаест, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, психологӣ, психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-касбӣ ва педагогиро дар бар мегирад. Хулоса мақсади асосии дастгирии психологию педагогӣ кумак расонидан ба ҳар як донишҷӯи курси якум дар мутобиқшавии ӯ ба шароити нави иҷтимоӣ, фароҳам овардани фазои бехатарӣ ва эътимод дар низоми «омӯзгор – донишҷӯ – падару модар – ҳамкурс» ба шумор меравад. Мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯи курси якум ба шароити ҷомеаи донишгоҳӣ ба муваффақиятнокии таҳсил ва ташаккули шахсияти ӯ бевосита таъсир расонида, ӯро ба муҳити нави иҷтимоӣ; ба раванди таълиму маърифат; ба низоми нави муносибатҳо ворид мекунад.

**Калидвожаҳо**: *дастгирии психологию педагогӣ, омӯзгорӣ, мутобиқсозӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ, донишҷӯ, курси якум, раванди таълим, муҳити донишгоҳӣ, фаъолияти касбӣ, кураторӣ, лагери мутобиқшавӣ.*

## ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ СОПРОВОЖДЕНИЕ СТУДЕНТОВ-ПЕРВОКУРСНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ИХ АДАПТАЦИИ К ТРЕБОВАНИЯМ ВЫСЩЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье исследованы проблемы «психолого-педагогичекого сопровождения студентов-первокурсников в процессе их адаптации к требованиям высщего профессионального педагогического образования». Подчеркнуто, что сегодня среди требований и проблем системы высшего образования Таджикистана особое значение приобретает вопрос психолого-педагогической адаптации студентов к образовательному процессу в высших учебных заведениях, а в условиях стремительного развития во всех сферах современного общества к качеству подготовки выпускников высших учебных заведений предъявляются более высокие требования. Поэтому целью образовательного процесса вуза является не только качественная подготовка выпускников к дальнейшей профессиональной деятельности, но и раскрытие и реализация способностей, умений и возможностей всесторонне развитой личности. В статье рассматриваются этапы адаптации, ее аспекты, средства и формы и делается вывод о том, что адаптация студентов в вузе представляет собой целостное явление, включающее в себя социальные, психологические, психофизиологические, социально-психологические, социально-профессиональные и педагогические аспекты. Сделан вывод, что основная цель психолого-педагогического сопровождения – помочь каждому первокурснику в его адаптации к новым социальным условиям, создать атмосферу безопасности и доверия в системе «преподаватель-студент-родитель-сокурсник». Успешная адаптация студента-первокурсника к условиям университетского социума оказывает непосредственное влияние на успешность его учебы и формирование его личности, выводя его в новую социальную среду; в учебно-познавательный процесс; новую систему отношений.

**Ключевые слова**: *психолого-педагогическое сопровождение, обучение, адаптация, среднее общее образование, вуз, студент, первокурсник, учебный процесс, университетская среда, профессиональная деятельность, кураторство, адаптационный лагерь.*

## PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL SUPPORT OF FIRST-YEAR STUDENTS IN THE PROCESS OF THEIR ADAPTATION TO THE REQUIREMENTS OF HIGHER PROFESSIONAL PEDAGOGICAL EDUCATION

The article explores the problems of “psychological and pedagogical support of first-year students in the process of their adaptation to the requirements of higher professional pedagogical education». It is emphasized that today, among the requirements and problems of the higher education system of Tajikistan, it is of particular importance the issue of psychological and pedagogical adaptation of students to the educational process in higher educational institutions, and in the conditions of rapid development in all spheres of modern society, there are placed more stringet demands on the quality of training of graduates of higher pedagogical institutions . Therefore, the goal of the educational process of a university is not only the high-quality preparation of graduates for further professional activities, but also the disclosure and implementation of the abilities, skills and capabilities of a comprehensively developed personality. The article explores the stages of adaptation, its aspects, means and forms and concludes that the adaptation of students at a university is a holistic phenomenon that includes social, psychological, psychophysiological, socio-psychological, socio-professional and pedagogical aspects. It is concluded that the main goal of psychological and pedagogical support is to help each freshman in his adaptation to new social conditions, create an atmosphere of safety and trust in the “teacher-student-parent-fellow” system. The successful adaptation of a first-year student to the conditions of university society has a direct impact on the success of his studies and the formation of his personality, bringing him into a new social environment; in the educational and cognitive process and in a new system of relations.

**Keywords**: *psychological and pedagogical support, pedagogics adaptation, secondary general education, university, student, freshman, educational process, university environment, professional activity, supervision, adaptation camp.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Абдурашитов Наимҷон Фозилович – номзади илмҳои психологӣ, и.в. мудири шуъбаи методикаи таълим, психология ва омодасозии кадрҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов; Тел: (+992) 918-50-21-45; E-mail: a_naimjon_f@mail.ru*

*Раҷабов Дилшод Амиралиевич – унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: (+992) 988628100, email: kasabaddot@mail.ru*

**Сведения об авторах:** *Абдурашитов Наимджон Фозилович – кандидат психологических наук, и.о. заведующего отделом методики обучения, психологии и подготовки научных кадров Академии образования Таджикистана; 734024, Республики Таджикистан, город Душанбе, ул. А. Адхамов; Тел: (+992) 918-50-21-45; E-mail: a_naimjon_f@mail.ru*

*Раджабов Дилшод Амиралиевич – соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни , г. Душанбе, проспект Рудаки 121, Тел.: (+992) 988628100, Email: kasabaddot@mail.ru*

**Information about the authors:** *Abdurashitov Naimjon Fozilovich – candidate of psychological sciences, acting, head of the department of teaching methods, psychology and training of scientific personnel of the Academy of education of Tajikistan; 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, st. A. Adkhamov; Tel: (+992) 918-50-21-45; E-mail: a_naimjon_f@mail.ru*

*Rajabov Dilshod Amiralievich – applicant at the university-wide chair of pedagogy of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, 121 Rudaki Avenue, Dushanbe city, Tel.: (+992) 988628100, Email: kasabaddot@mail.ru*

**ТДУ: 74.00+74.58+73**

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ-ИТТИЛООТИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲОИ ТИББӢ

***С. Абдусамадов***

**Унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Принсип ва функсияҳои асосии таҳсилоти инноватсионии аз ҷониби муҳаққиқон коркардшударо ба ҳайси ғоя пазируфта, мо ба сифати технологияҳои инноватсионӣ технологияҳои зерини таълими ҳамшираҳои тибро истифода мебарем: усулу методҳои муколамавӣ, бозӣ ва рефлексивӣ, «кейс-стади», технологияҳои компютерӣ, технологияи «гиреҳи дуҳалқа».

Технологияҳои мазкурро батафсил баррасӣ мекунем. Мушаххасоти муҳимтарини чунин технологияҳо муколама, баробарии мавқеъҳои психологии тарафҳои ҳамкорикунанда ба ҳисоб меравад. Технологияҳои инноватсионии мазкур дар динамикаи бархӯрд ва мутақобилан бойшавии мавқеъҳои гуногуни «кушода», ки ба худинтиқод ва айни замон қабул кардани таваккали ба уҳдаи худ гирифтани масъулияти озод қобиланд, амалӣ мегарданд [14]. Дар вазъияти муколама аксаран лаҳзаҳои буҳроние ба миён меоянд, ки метавонанд тасаввуроту маъноҳои муқарраргардидаро аз байн баранд. Омодагӣ, ҳозир будан ба муколама бо одамони дигар, ки имкони тағйир ёфтани худи шахсиятро ба миён меорад, ба хусусиятҳои назариявии ҳам сохтори мухтавоии шахсият ва ҳам мавқеъҳои асосии касбии ӯ шароит муҳайё мекунад.

Таҳлили таърихнигории асарҳои файласуфон, психологҳо, сотсиологҳо собит месозад, ки масъалаи муколама дар фарҳанг ҳамеша мавқеи махсусро ишғол мекард. Дар қаъри марҳилаи бостонӣ арзи вуҷуд намуда, муколама дар ҳар давраи минбаъда вусъати нави рушд ба даст меовард. Бо вуҷуди он ки олимон мафҳуми муколамаро ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ медиҳанд, вижагиҳои фарққунандаи онро ошкор месозанд, муколама ҳамеша дар қаринаи муносибатҳои башардӯстона мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Ҳамкорӣ ва шарикӣ дар эҷодиёт дар раванди инноватсионӣ даст кашидан аз фармонфармоиро пешбинӣ мекунад ва муносибатҳои тамоман дигарро пешниҳод менамояд: ҷустуҷӯ ва таҳлили якҷояи натиҷаҳо, шарикӣ, яъне даст кашидан аз мавқее, ки тибқи он фикри (ақидаи) ту, муносибати ту ягона ақидаю муносибати дуруст ва имконпазир ба ҳисоб меравад. Муколамавият ва полифония ба ҳайси технологияҳои сохторсози инноватсионӣ зоҳир мегарданд.

Дар бораи ҷойи муколама дар назарияю амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ - тиббӣ В.А. Сластенин хеле хуб гуфтааст: «Муколама коркарди маводи таълим ба низоми суолҳои муаммоию низоӣ мебошад, ки қасдан тезу тунд сохтани задухӯрд, фикр карда баромадани вариантҳои мухталифи инкишофи хатти сюжети муколама, ба вуҷуд овардани тарзҳои ҳамкории иштирокдорони мубоҳиса ва нақшҳои имконпазир ва шароити қабули онҳо, ошкорсозии эҳтимолии минтақаҳои бадеҳагӯйӣ, яъне чунин вазъиятҳои муколама, ки рафтори талабаҳоро дар онҳо пешакӣ муайян кардан хеле мушкил аст, пешбинӣ мекунад» [14].

Боз як нуқтаи назарро дар бораи технологияҳои инноватсионӣ баррасӣ менамоем. Технологияи «гиреҳи дуҳалқа»-и пешниҳодкардаи К.Арҷирисро дида мебароем. Ӯ фарзияеро пешниҳод кард, ки таълим мумкин аст аз рӯйи гиреҳи «якҳалқа» ё «гиреҳи дуҳалқа» гузарад. Гиреҳи дуҳалқаи таълим дар он маврид татбиқ мегардад, ки раванди азхудкунии дониши нав ё маҳорати нав низоми арзишҳои ҳукмфармои инсонро тағйир диҳад. Зимнан, ӯ малакаи иловагии азхудкунии дониш ё маҳорати навро ба даст меорад, ки дар натиҷаи он стратегияи рафтораш нисбат ба доираи назаррас васеи ҳодисаҳои

воқеияти атроф дар муқоиса бо вазъияте, ки дар он «гиреҳи якҳалқа» татбиқ мешавад, тағйир меёбад [1].

Моҳияти технологияҳои инноватсионии бозиро баррасӣ мекунем. Бозӣ фазои фаъолияти донишҷӯёнро васеъ мекунад.

Г.Н. Назаренкова менависад: «Чунин сифати бозӣ ба мисли номаълумии охири он водор месозад иштирокдорон ҳадди аксари имкониятҳояшонро истифода бурда, ба туфайли он сатҳи нави имкониятҳоро ташаккул диҳанд» [12].

Бозӣ ва эҷодиёт хусусиятҳои шабеҳ доранд, дар бозӣ низ унсури тасодуф ё ғайричашмдоштӣ ҳузур дорад, менависад Е.А. Ходирева [15]. Бозӣ раванди эҷодист, дар он сифатҳое ҳастанд, ки ба инсони эҷодкор хосанд (В.А. Сухомлинский, 1969).

Таҳлили сарчашмаҳо оид ба масъалаи технологияҳои бозӣ имкон медиҳад умумияти марҳилаҳои рушди фаъолияти эҷодӣ (инноватсионӣ) ва бозиро сабт намоем. Бар хилофи дигар намудҳои фаъолият бозӣ имконияти васеъ дар бар гирифтани зуҳуроти мухталифи фаъолнокии эҷодиро ба туфайли бисёрвазифагии худ дорад. Ба ибораи дигар, имкони таъиноти гуногуншакл, қобилияти инъикоси намудҳои мухталифи фаъолият мавҷуд аст. Бозии корӣ метавонад, вижагиҳои бисёр дошта бошад, ки ба ҳамаи бозиҳо хосанд ва яке аз ин вижагиҳои асосӣ дар он зуҳур меёбад, ки он ба сифати схемаи имитатсионии (тақлидии) он вазъияте баромад кунад, ки мароқи мутахассисро ҷалб кардааст.

Мехостем дар бораи яке аз вижагиҳои бозиҳои инноватсионии корӣ муфассалтар истода гузарем. Дар бозиҳои беҳтарини имитатсионӣ (тақлидӣ) низоъҳои сершумор аз нав ба вуҷуд оварда мешаванд. Онҳо ба хубтар фаҳмидани вазъияти амсиласозишаванда ёрӣ мерасонанд, сифати аз ҳама муҳим – маҳорати пешгӯӣ ва ба туфайли ин пешбинии ояндаро ёд медиҳанд, ки шарти зарурии таълими инноватсионӣ мебошад. Методи мазкури таълим ба шахсият таъсири сахт мерасонад [9].

Ҳамин тариқ, технологияҳои бозӣ ба инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ равона карда шудаанд. Бозӣ раванди эҷодӣ мебошад, ки дар рафти он таълимгиранда дар ҳалли масъалаҳои ба миён гузошта мустақилият касб мекунад, пешгӯӣ кардани натиҷаҳои фаъолияти худро ёд мегирад. Бозӣ зиддиятро дарбар мегирад, ба ибораи дигар асоси онро ягон вазъияти низоӣ ташкил мекунад. Ба бозӣ муколамавият хос аст, бозӣ мутаҳаррик (динамикӣ) аст. Он дар шароите мегузарад, ки ба шароити воқеӣ шабеҳ аст, яъне шароити воқеиро тақлид мекунад. Ин хусусият методи мазкурро чун технологияи инноватсионӣ тавсиф мекунад.

Ба технологияи фаъолияти бозӣ муроҷиат мекунем. Сохтор ва таснифи технологияҳои бозиро дида мебароем.

Таҳлили маъхазҳо собит месозад, ки тарзи гузаронидани чунин бозиҳо дар сохтори онҳо ниҳон аст. Маҳз сохтори бозии корӣ аз дигар шаклҳои фаъолияти таълимӣ фарқ мекунад. Ба бозӣ чунин унсурҳои сохторӣ – марҳилаҳо хосанд: муқаддимаи вазъияти амсиласозишаванда, омодагӣ ба гузаронидан (сенария, вазифаҳо, нақшҳо), қисми асосӣ (гузаронидани бозӣ). Д.В. Чернилевский ва А.К. Филатов сохтори шабеҳро пешниҳод карда, ба он боз як унсури ҳатмӣ – ташхиси сифатҳои кории иштирокдорро илова мекунанд [16].

Омодагӣ ба бозии корӣ амали бисёрзина буда, аз як катор омилҳои субъективӣ ва объективӣ вобаста аст.

Барои гузаронидани бозӣ сенарий – таҳияи муфассали нияти (нақшаи) бозӣ аҳамияти калон дорад. Сенарий қисмҳои зеринро дарбар мегирад: тавсифи вазъияти бозӣ, хусусиятҳои бозӣ, таҳияю машқи репуртуари амалҳои иштирокдорони бозӣ; тавсифи ташкили бозӣ; таҳияи нишондодҳо ё дастурҳои методӣ ба иштирокдорони бозӣ [13].

Лаҳзаи аз ҳама муҳимми бозии корӣ нигоҳ доштани вижагии он чун фаъолияти бозӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он мустақилият, ташаббус, фаъолнокӣ ва эҷодиёт ба таври пурра зоҳир мегардад.

Таҳлили таснифи бозиҳо нишон медиҳад, ки дар таълим тавассути бозӣ таснифоти мухталиф мавҷуд аст.

Ҳамин тариқ, чи тавре ки аз таърифҳои мазкур бармеояд, амсилаи имитатсионӣ (тақлидӣ) амсиласозии соҳаи дилхоҳи фаъолияти касбӣ тавассути бозӣ мебошад.

Л.Б. Наумов, ки дар тиб ба миқдори зиёд бозиҳоро таҳия кардааст, ба амсиласозии тақлидии ғайрибозӣ ангезиши зеҳн, методи занҷираи пайдарпай, методи пурсиши қатъшударо низ мансуб медонад [11].

Ҳангоми таҳлили таснифи технологияҳои бозӣ Л.С. Подимова (1994) намудҳои зерини вазъиятҳои бозиро ҷудо мекунад: вариативӣ, ки вазифаи асосии онҳо интихоби варианти иҷрои фаъолият бар илова ба варианти мавҷуда аст; муаммоӣ, ки ба ҷустуҷӯйи ҳалли худӣ дар шароити мушаххас нигаронида шудааст; эвристӣ ё созанда, ки ҷустуҷӯйи мустақилона, нави ҳалли ин ё он масъаларо пешбинӣ мекунад; сермаҳсул, ки халли масъалаи мушаххасро дар ин ё он вазъият дар асоси додаҳои ибтидоӣ ва гузориши мақсад пешбинӣ мекунад; дигаргунсозанда (тасҳеҳӣ), ки моҳияташ дигаргун сохтани додаҳо мебошад [13]. Ба назари мо ин намудҳои вазъиятҳои бозиҳо дар худ ҳамаи таснифҳои пештар зикршударо, ки тақсимоти хеле ҷузъиро пешбинӣ мекунанд, дарбар мегирад.

Ҳамин тариқ, бозиҳои корӣ ҳамеша ба ҳалли ягон суол ё масъалаи мушаххас равона карда мешаванд ва аз рӯйи мураккабиашон фарқ мекунанд. Онҳо бояд ҳамеша аз ҷиҳати техника ҳамаҷониба пухта шуда бошанд ва натиҷаи ниҳоии мушаххас диҳанд. Маҳз ҳамин мушаххасот вижагиҳои ташкили корро муайян мекунанд.

Технологияҳои инноватсионӣ тавассути равандҳои худмуайянкунӣ таъмин карда мешаванд. Нисбат ба шароити таҳсилоти касбӣ ин кор мумкин аст тавассути ташкили вазъиятҳои муаммоию низоӣ ва бухронӣ сурат гирад, ки дар он шахсият худро дар томият зоҳир менамояд. Чунин вазъиятҳо бояд азхуд кардани асосҳои касб, тарзҳои нави фаъолиятро таъмин кунанд.

Ин муносибатро технологияҳои имитатсионӣ (тақлидӣ) ва маҳз шаклҳои ғайрибозӣ, яъне таҳлили вазъиятҳои мушаххаси касбӣ ба амал татбиқ мекунанд. Бори аввал муносибати мазкур дар мактаби бизнеси Гарвард мавриди истифода қарор гирифт. Дар Русия бошад истифодаи муносибати мазкур дар оғози солҳои 90-ум сар шуд. Д. Ахметова (2001) се марҳилаи корро аз болои вазъиятҳои кейсӣ пешниҳод мекунад. Дар марҳилаи аввал донишҷӯён матнро бо тавсифи вазъият меомӯзанд, мавқеи худро муайян мекунанд, ба суолҳо ҷавоб мегӯянд. Дар марҳилаи дувум кор дар гурӯҳҳои хурд идома меёбад. Онҳо мубодилаи афкор менамоянд ва бо ёрии методи муоширати муколамавӣ масъаларо ҳал мекунанд. Дар ин марҳила ангезиши зеҳн, муколама ва полилог, музокира, мубоҳиса имкон- пазиранд. Дар марҳилаи охир муҳокимаи умумигурӯҳӣ таҳти роҳбарии омӯзгор барпо мегардад Ҳар гурӯҳдар бобати масоиле, ки дар вазъият ифода ёфтааст, нуқтаи назари худро пешниҳод менамояд [3].

Истифодаи муносибати вазъиятӣ дар таълим имконият медиҳад ба талабагон қобилиятҳои зерин ёд дода шаванд: арзёбии вазъият, интихоб ва ташкил кардани иттилооти калидӣ, муайян кардани масъала, пешгӯйии роҳи инкишофи вазъият, қабули қарор дар шароити номуайянӣ, ки ҳамаи ин вазифаи асосии технологияи инноватсионии таълим ба ҳисоб меравад.

Дар асоси инкишофи низоми нави таҳсилот ҳамчунин технологияҳои муосири иттилоотӣ, компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ қарор доранд. Т. Воронина (2000) онҳоро инноватсияҳои технологӣ номидааст [7].

Технологияҳои иттилоотӣ таълими барномавӣ, низомҳои экспертӣ (коршиносӣ), истифодаи гипертекст ва мултимедиа, микрооламҳо, таълими имитатсионӣ (тақлидӣ), намоишро дарбар мегиранд. Ин муносибату методҳо бояд вобаста аз мақсаду вазъиятҳои таълимӣ, вақте ки дар як маврид талаботи хонандаҳоро чукуртар фаҳмидан лозим аст, дар мавриди дигар бошад, таҳлили дониш дар соҳаи предметӣ зарур аст в адар мавриди севум нақши асосиро метавонад ба ҳисобгирии принсипҳои психологии таълим иҷро кунад, татбиқ гарданд.

Ба сифати намудҳои асосии технологияҳои компютерӣ, ки дар таълими инноватсионӣ мавриди истифода қарор мегиранд, Интернет-технология, технологияи почтаи электронӣ, барномаҳои таълимдиҳандаи компютерӣ, Web-технологияҳо ва ғайраро ҷудо кардан мумкин аст. Баъзеи онҳоро муфассалан дида мебароем. Технологияи почтаи электронӣ барои нигоҳ доштани ҳамкории таълимӣ байни ҳам омӯзгор ва хонанда ва ҳам байни худи хонандаҳо истифода мешавад. Конференсияҳои почтавии модератсияшаванда ва модератсиянашаванда, кушода ва пӯшидаро фарқ мекунанд [7].

Ба раванди таълим ҳамчунин барномаҳои таълимдиҳандаи компютерӣ фаъолона ҷорӣ карда мешаванд. Маъмулан, чунин барномаҳо дар ду режим – иттилоотию маълумотдиҳӣ ва назоратию таълимӣ имконияти омӯзишро пешниҳод мекунанд. Ба таснифи барномаҳои мазкур муносибатҳои мухталиф мавҷуд аст. Баъзеи онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Аз рӯйи таъинот барномаҳои таълимдиҳандаи компютерӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: китобҳои дарсии компютерӣ, муҳитҳои ба предмет нигаронидашуда (микрооламҳо), барномаҳои амсиласоз, пакетҳои (дастаҳои) таълимӣ, тренажерҳо; практикумҳои лабораторӣ; барномаҳои назораткунанда; маълумотномаҳо; пойгоҳҳои (базаҳои) додаҳои таълимӣ [8].

В.В. Годин (1997) ба ин тасниф барномаҳои тюторӣ, бозиҳои корӣ, низомҳои экспертӣ, воситаҳои асбобии донишҷӯйиро илова мекунад [6].

Тавсифи технологияҳои асоси ин гурӯҳро меорем. Вазифаи асосии барномаи тюторӣ муаррифии маводи таълим аст. Сохтори барномаҳои тюторӣ ба нақшагирии муфассали пайдарпаи пешниҳоди кадрҳо, ки маводи таълим ба кадрҳои мазкур ҷудо карда шудааст, асос меёбад. Кадрҳо маводи матнию графикӣ, аниматсия, видеопорчаҳоро дар бар мегиранд ва метавонанд овоз ҳам дошта бошанд. Вақтҳои охир барномаҳои тюторӣ дар сабки гипермедиа (ё) мултимедиа амалӣ мегарданд. Дар мавриди аввал коркарди воситаҳои барномавие пешбинӣ мегардад, ки имкониятҳои ба вуҷуд овардани гиперматн ва интерфейси инкишофёфтаи графикиро бо истифодабаранда дар бар гирад. Таҳти мафҳуми гиперматн чунин низоми инъикоси иттилооти матнӣ дар экрани компютер дар назар аст, ки имкон медиҳад дар матн калимаҳои алоҳидаро ғафс (выделить) карда, аз рӯйи мафҳумҳои дахлдор (истилоҳот, таърифот) маълумотнома, иттилои иловагӣ (матнӣ, графикӣ ва ғайра) ба даст оварда шавад. Маълумотнома ва иттилои иловагӣ мумкин аст дар сабки гиперматнӣ пешниҳод шавад [6].

Мултимедиа ба ғояи ҳамгироии муҳитҳои мухталифи иттилоотӣ асос меёбад. Он коркарди интерактивии компютерии видеофилмҳо, кор бо иттилооти овозӣ, бо тасвирҳои ғайримутаҳаррик, образҳои аниматсияшудаи графикӣ, матнҳоро пешбинӣ мекунад [6, 8].

Намуди дигари инноватсияи технологӣ ё тибқи ақидаи аксарияти муаллифон таснифот ва ба вуҷуд овардани технологияҳои иттилоотӣ, бозии корӣ мебошад.

Маъмулан бозии корӣ иштироки коршиносро дар имитатсияи (тақлиди) вазъияти воқеӣ ва арзёбии натиҷаҳои фаъолият пешбинӣ мекунад. Вале, азбаски ҳамеша мутахассисон-коршиносон намерасанд, истифодаи чунин бозиҳо дар таълими оммавӣ имконнопазир аст.

Вақте ки нақши коршиносро компютер ба худ мегирад, вазъият тағйир меёбад, зеро ин кор ба ихтисори вақти дарс имконият медиҳад. Ба ақидаи Е.Л. Болескине бозиҳои кории компютерӣ яке аз намудҳои навтарини фарҳанги оммавӣ мебошад, ки ба он самтгириҳои арзишии вижа ва меъёру қоидаҳои ғайрирасмӣ ё ғайрирасмӣ хосанд: нусхаафзоии унсурҳои фарҳанг бо ёрии воситаҳои техникии модернизатсияшаванда; коҳиши аҳамияти нақши образҳои антропоморфӣ ва принсипҳои башардӯстона, коҳиши сатҳи фаҳмиши асарҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва ба индустрияи шуури оммавӣ табдил ёфтани фарҳанги маънавӣ.

Дар идома муаллиф ҷанбаҳои мусбати бозиҳои кории компютериро зикр мекунад. Ворид шудан ба олами бозиҳо фиросат ва таъсирпазириро тезу тунд мекунанд. Малакаю

сифатҳо инкишоф меёбанд, ки баъзеи онҳо аҳамияти иҷтимоӣ доранд. Байни таъсири манфии фарҳанги бозии компютерӣ, муаллиф омилҳои зеринро номбар кардааст: васвос (васвосӣ шудан), оташинӣ ё қаҳролудӣ (ситезаҷӯйӣ), тамоюл ба содир кардани амалҳои зидди қонун, ки боиси идроки хусуматомези олами иҷтимоии атроф мегардад. Вале, алҳол манзури мо на бозиҳои маъмулии компютерӣ, балки бозиҳои корӣ ё амалӣ аст. Ин бозиҳо ба инфиродию коллективӣ (дастҷамъӣ) ҷудо мешаванд. Дар бозиҳои коллективӣ якчанд бозигар ё гурӯҳҳо, ки нақши ашхоси қабулкунандаи қарорро иҷро мекунанд, ширкат меварзанд. Дар бозиҳои инфиродӣ на танҳо муҳити шартӣ, балки амалиёти ҳамаи иштирокдорони бозӣ ба истиснои як нафар амсиласозӣ мешавад. Қайд кардан муҳимм аст, ки бозии корӣ дар мавриди мазкур низ коллективӣ мебошад, вале танҳо нақшҳои алоҳидаро дар бозии инфиродӣ имитаторҳои (тақлидкунандаҳои) зеҳнӣ иҷро мекунанд [95].

Вазифаи бозиҳои корӣ ба вуҷуд овардани муҳитест, ки аз ҷониби таълимгирандагон азхуд кардани дониш ва ҳосил кардани малакаҳоро дар вазъиятҳои наздик ба воқеӣ осон месозад.

Бозиҳо ҷаззобияти раванди таълимро баланд мебардоранд. Ба туфайли ин фаъолнокии онҳо низ меафзояд. Бозиҳо татбиқи донишҳоро аз соҳаҳои мухталиф тақозо мекунанд, воқеиятро имитатсия менамоянд, ба хотир гирифтани маводи таълимро ҳавасманд мегардонанд.

Алҳол имкон аст дар бораи он сухан ронем, ки истифодаи Web – технологияҳо ба инкишофи амсилаи нави таҳсилот бурда мерасонад.Ба намудҳои асосии Web – технологияҳо, ки дар таълими инноватсионӣ истифода мешаванд, мутааллиқанд: пакетҳои (дастаҳои) таълимии ҳамгиро, ки барои гузаронидани конференсияҳо, тестгирӣ ва арзёбии ба вуҷуд овардани пойгоҳи додаҳои пешрафт, таълими фосилавӣ пешбинӣ шудаанд; конференсияҳои асинхронии компютерӣ, ки ба идораи фосилавии мубоҳисаҳо, амалигардонии ба хелҳо ҷудокунӣ, архиватсияи паёмҳо ва ғайра имкон медиҳанд; конференсияҳои синхронии таълимӣ, ки ба ташкили таълими интерактивӣ дар асоси ҳамкории синхронии таълимгирандагон, яъне дар раванди таълим истифода бурдани низоми муколамаи интерактивӣ дар вақти воқеӣ имконият фароҳам меоранд; кори муштараки гурӯҳии фосилавӣ, ки ба коркарди лоиҳаҳои муштарак дар рафти таълими инноватсионӣ имконият медиҳад [7].

Аз Web-технологияҳо мо намуди махсус – дастрасӣ ба хизматҳои таҳсилотӣ ва воситаҳои иттилоотии ҷомеаи ҷаҳониро баррасӣ мекунем. Дар ин ҷо таҳсили фосилавӣ дар назар аст. Алҳол даҳҳо донишкадаҳои олии мамлакати мо шаклҳои фосилавии таҳсилотро инкишоф медиҳанд. Моҳияти таҳсили фосилавиро чунин баён кардан мумкин аст: ба ҳадди аксар расонидани манфиат аз худомӯзӣ дар оптимизатсияи шароите, ки дар он худомӯзӣ имконпазир аст, яъне дар раванди таълим на омӯзгор, балки донишҷӯ фигураи меҳварӣ ба ҳисоб меравад. Ҳини коркард ва инкишофи маводи таълимӣ ва инфрасохтори таълимӣ ҳамаи унсурҳои асосии раванди таълимро муайян кардан ва ба назар гирифтан лозим аст.

Мушаххасоти муҳимтарини таҳсилоти фосилавӣ:

- озоди интихоби маҳал, вақт ва суръати таҳсил;
- барномаи машгулиятҳоро бо роҳи интихоби курс аз рӯйи салоҳдид худи донишҷӯён тартиб медиҳанд;
- маҳалҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ дурдаст, ки шароити зарурии таҳсил ё шароити хуб барои машғулиятҳо надоранд, бо имкониятҳои таҳсилотӣ таъмин мегарданд;
- тағйирпазирии нақшаҳои таълим ва мӯҳтавои маводи таълим [4].

Таҳти истилоҳи таҳсилоти фосилавӣ муаллифон таҳсилеро мефаҳманд, ки бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсияи компютерӣ мегузарад ва дар рафти он омӯзгор, талаба ва воситаҳои таълим метавонанд аз ҳамдигар дур ҷойгир бошанд ва ҳамкории таълимиро ба мақсади таъмини фаъолияти самарабахши таҳсилотӣ ва тағйироти дахлдори шахсиятии таҳсилотӣ амалӣ гардонанд [2].

Таърифи аз ҳама муфассалро мо дар асари А.С. Бурмистрова (2003) дучор омадем: «Таҳсили фосилавӣ шакли гирифтани маълумот дар баробари таҳсили рӯзона ва ғоибона мебошад, ки дар рафти он дар раванди таҳсилот ҳам методҳо, воситаҳо ва шаклҳои анъанавӣ ва ҳам инноватсионӣ истифода мешаванд, ки ба технологияҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ асос меёбанд. Дар таҳсили фосилавӣ асоси раванди таҳсилро кори ҳадафманд ва назоратшавандаи бошиддати мустақилонаи таълимгиранда ташкил мекунад. Мақсади ташкил ва рушди низоми таҳсили фосилавӣ ба шабакаҳои мухталифи аҳолӣ дар ноҳияҳои мухталифи мамлакат пешниҳод крадани имкониятҳои баробари таҳсилотӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи маълумот аст. Ин шакли таҳсил ба толибилмон имкон медиҳад хам маълумоти пойгоҳи (базавӣ) ва ҳам маълумоти иловагӣ гиранд» [5].

Аломатҳои фарққунандаи раванди таълим ҳангоми шакли фосилавии таълим тағйирпазирӣ, мутобиқшавандагӣ, модулпазирӣ, самарабахшии иқтисодӣ, ба истеъмолкунанда нигаронида шудан, такя ба технологияҳои пешқадам ва иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, таъкид мекунад М.В. Моисеева (2000).

Ин муаллиф низомҳои мавҷудаи таҳсили фосилавиро таҳлил намуда, норасоиҳои асосии зерини онро муайян кардааст: ғайрисамарабахш будани хусусиятҳои назариявии маводи таълим, набудани тарзҳои муайян кардани сатҳи ибтидоии дониш; тағйирнопазирӣ, набудани чандирии таълим, сатҳи пасти инкишофи тарзҳои мутобиқшавии таҳсил ба хонандаи мушаххас [10].

Баррасии технологияҳои инноватсиониро ҷамъбаст намуда мо кӯшиш ба харҷ медиҳем таснифи технологияҳои инноватсионии таълимро, ки дар шароити коллеҷи тиббӣ амалӣ гардонида мешаванд, ба субут расонем. Мо ба технологияҳои инноватсионии таълим технологияҳои интерактивии таълимро мансуб медонем, ки ба технологияҳои имитатсионӣ ва ғайриимитатсионӣ ҷудо мешаванд. Ба технологияҳои ғайриимитатсионӣ мансубанд: лексияи муаммоӣ, ангезиши зеҳн, таълими кооперативӣ (ҳамкории таълимӣ), кейс-стади. Ба технологияҳои имитатсионӣ мансубанд: коромӯзӣ бо иҷрои нақши мансабӣ, бозиҳои клиникии корӣ ва тренинги имитатсионӣ. Ба технологияҳои компютерӣ мо Web – технологияҳо, мултимедиа ва интернет-технологияҳоро мансуб медонем.

Дар заминаҳои назариявию методологии таҳқиқи технологияҳои инноватсионии педагогӣ ва таъсири онҳо ба рушди касбии мутахассиси оянда баррасӣ карда шуданд. Таҳлили эҷодии адабиёти психологию педагогӣ нишон дод, ки мафҳуми «технологияи педагогӣ» таҳияи лоиҳаи раванди таълимиро пешбинӣ мекунад. Аксарияти олимон ин мафҳумро чун ташкили илмии раванди таълим маънидод мекунанд: маҷмуи тадбирҳое, ки ба ноил гардидан ба самарабахшии аз ҳама зиёди раванди таълимӣ дар муддати кӯтоҳтарини вақт бо сарфи ҳадди ақалли қувваю воситаҳо нигаронида шудааст. Технологияи таълим идораи таълимро пешбинӣ мекунад, ки дар худ ду раванди ба ҳам алоқаманд – ташкили фаъолияти таълимгиранда ва назорати ин фаъолиятро дарбар мегирад. Ин равандҳо дар ҳамкории мутақобилаи мунтазам қарор доранд. Натиҷаи назорат ба муҳтавои амалиёти идоракунӣ таъсир мерасонад, яъне ташкили минбаъдаи фаъолиятро тағйир медиҳад.

Технологияи педагогӣ - маҷмуи амалиёт, ҳаракатҳо ва протседураҳо (расмиятҳо) мебошад, ки дар шароити тағйирёбандаи раванди таълиму тарбия ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишударо бо воситаҳо таъмин мекунанд. Ин таърифро мо ба сифати мафҳуми корӣ интихоб намудем.

Технологияҳои инноватсионии педагогӣ ба хусусиятҳои назариявии омодагии шахсият ба тағйироти хеле тез фарорасанда дар ҷамъият, баояндаи номуайян, ба инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ, шаклҳои гуногуни тафаккур, ҳамчунин қобилияти ҳамкорӣ бо одамони дигар нигаронида шудаанд.

Технологияҳои муколамавӣ, технологияҳои бозӣ, «кейс-стади», технологияи «гиреҳи дуҳалқа» ва технологияҳои компютерӣ ба шаклу методҳои таълими инноватсионӣ мансубанд.

Таҳлили назариявӣ ба ошкор сохтани шароити истифодаи самабахши онҳо имконият дод: масъалагузорӣ, ошкор сохтани зиддиятҳо, пешгӯии стратегияҳоиояндаи рушд, хусусиятҳои назариявии маъниҳои шахсиятӣ, коркарди эҷодӣ ва идроки такрории таҷрибаи касбӣ, рефлексия.

Баррасии моҳияти технологияҳои инноватсиониро ҷамъбаст намуда, таъкид кардан лозим аст, ки истифодаи онҳо дар омодасозии мушаххаси оянда унсури зарурии хусусиятҳои назариявии асосҳои касбият ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои асосии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди педагогӣ тавсеаи имкониятҳои интихоби босалоҳияти ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти касбӣ тавассути хусусиятҳои назариявии сабки инфиродӣ ва таъмини имконият барои ҷустуҷӯйи тарзҳои мувофиқи татбиқи фардияти худ дар ҳозира ва оянда мебошад. Пайдоиш ва паҳншавии технологияҳои инноватсионӣ маънии тағйир ёфтани на танҳо худи фаъолият ва татбиқи воситаю механизмҳои хоси он, балки бозсозии моҳиятии муқаррароти ҳадафманд, самтгириҳои арзишӣ, салоҳиятҳои мушаххасро низ дорад.

Стратегияи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар амалигардонии ҳамкориҳои мутақобилаи мухталиф бо омилҳои муҳити таълимдиҳанда, ки бояд ҳам рушди шахсиятӣ ва ҳам хусусиятҳои назариявии навташкилаҳои психологию педагогиро таъмин мекунанд, ифода меёбад. Аз ҷониби шахсият пазируфта шудани мавқеи ҳамкории самарабахш бо муҳити таълимдиҳанда ба мақсади худфаъолкунӣ ва худтатбиққунӣ яке аз ҷанбаҳои асосии методологияи технологияҳои инноватсионӣ ба шумор меравад. Коркард ва қабули чунин мавқеъ дар натиҷаи худмуайянкунии эҷодӣ имконпазир мегардад. Дар ин худмуайянкунӣ дараҷаи мутобиқати заминаҳои шахсиятӣ ба фаъолияти касбӣ ва умқи фаҳмишу идроки инноватсияҳо дар соҳаи касбӣ муқаррар мешавад.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Авраамова Е.М. Организационные ресурсы инновационной деятельности российских промышленных предприятий // Бизнес-образование. - 2001. - №2(11).

2. Андрианова Г.А. Организация творческой деятельности учащихся в дис¬танционном обучении: Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук. - Москва, 2000. - 20 с.

3. Ахметова Д., Гурье JI. Преподаватель вуза и инновационные технологии // Высшее образование в России. - 2001. - № 4. - с. 138 -144.

4. Бирюкова М.Н. Педагогические условия формирования коммуникативных умений курсантов военных вузов в учебной деятельности: Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук. - Коломна, 2000. - 17с.

5. Бурмистрова А.С. О недостатках современных систем дистанционного обучения //Профессиональное обучение. - 2003. - № 10. - с. 32.

6. Вавилов Ю.П. Роль личностных и возрастных особенностей при выборе профессии школьниками // Профессиональная ориентация школьников. – Ярославль.: ЯПИ, 1973. – С.16-27.

7. Воронина Т., Молчанова О., Абрамешин А. Управление инновацичми в сфере образования // Высшее образование в России. - 2001, № 6, - с.3-12.

8. Захаров В.В. Компьютерные технологии в экономическом и бизнес- образовании // Бизнес-образование. - Выпуск 2 (3) / 97, - с.66-71.

9. Кавтарадзе Д.Б. // Мир психологии. - 1998. - № 4. - с.46

10. Моисеева М.В. Координатор как ключевая фигура процесса дистанционного обучения // Дистанционное образование. - 2000, №1, - с.25-29.

11. Мониторинг качества образовательного процесса в школе : монография / С.Е. Шишов, В.А. Кальней, Е.Ю. Гирба. — М. : ИНФРА-М, 2018. - 205 с.

12. Назаренкова Г.Н. Игра как средство развития творческой активности подростков: Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук. - Брянск, 1994 - 16с.

13. Подымова Л. С. Введение в инновационную педагогику: Учебное пособие. - Курск: КГПУ, 1994. - 120с.

14. Сластенин В.А. Инновационность - один из принципов педагогики //Педагогическое образование и наука — 2000. - № 1. - с.38 – 44.

15. Хучек М.. Инноватика на предприятиях и их внедрение - М.: Луч, 1992.

16. Чернилевский Д.В. Инновационный подход к организации обучения // Специалист. — 1997. - № 5. - с. 27.

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ-ИТТИЛООТИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶҲОИ ТИББӢ

Дар мақола технологияҳои инноватсионӣ, ба монанди усулу методҳои муколамавӣ, бозӣ ва рефлексивӣ, «кейс-стади», технологияҳои компютерӣ, технологияи «гиреҳи дуҳалқа», ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мусоидат мекунанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, технологияҳои мазкурро батафсил баррасӣ карда шудааст. Аз ҷумла, муаллиф таъкид кардааст, ки мушаххасоти муҳимтарини чунин технологияҳо муколама, баробарии мавқеъҳои психологии тарафҳои ҳамкорикунанда ба ҳисоб меравад. Технологияҳои инноватсионии мазкур дар динамикаи бархӯрд ва мутақобилан бойшавии мавқеъҳои гуногуни «кушода», ки ба худинтиқод ва айни замон қабул кардани таваккали ба ӯҳдаи худ гирифтани масъулияти озод қобиланд, амалӣ мегарданд.

Дар идома муаллиф ҷанбаҳои мусбати бозиҳои кории компютериро зикр карда, изҳор кардааст, ки ворид шудан ба олами бозиҳо фиросат ва таъсирпазириро тезу тунд мекунанд, малакаю сифатҳое инкишоф меёбанд, ки баъзеи онҳо аҳамияти иҷтимоӣ доранд. Ҳамчунин, оид ба бозиҳои корӣ маълумоти муфассал пешниҳод шуда, қайд карда шудааст, ки вазифаи бозиҳои корӣ ба вуҷуд овардани муҳитест, ки аз ҷониби таълимгирандагон азхуд кардани дониш ва ҳосил кардани малакаҳоро дар вазъиятҳои наздик ба воқеӣ осон месозад. Бозиҳо ҷаззобияти раванди таълимро баланд мебардоранд. Ба туфайли ин фаъолнокии донишҷӯён низ меафзояд. Бозиҳо татбиқи донишҳоро аз соҳаҳои мухталиф тақозо мекунанд, воқеиятро имитатсия менамоянд, ба хотир гирифтани маводи таълимро ҳавасманд мегардонанд.

**Калидвожаҳо:** *техноогияи инноватсионӣ, технологияи иттилоотӣ, методи муколимавӣ, салоҳияти касбӣ, коллеҷи тиббӣ, мавқеи психологӣ, бозиҳои корӣ, бозиҳои компютерӣ, аҳамияти иҷтимоӣ, стртегияи рушд, рушди шахсият, методология, хусусиятҳои психологӣ.*

## ИННОВАЦИОННО-ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ МЕДИЦИНСКИХ КОЛЛЕДЖЕЙ

В статье были проанализированы и рассмотрены инновационные технологии, такие как диалогические, игровые и рефлексивные методы и методы «кейс-стади», компьютерные технологии, технологии «двухуровневая», способствующие формированию профессиональных компетенций студентов медицинских колледжей. В частности, автор подчеркнул, что важнейшей спецификой таких технологий является диалог, равенство психологических позиций со стороны коллег. Эти инновационные технологии реализуются в динамике подхода и возможности обогащения различных «открытых» позиций, способных к самопринятию и в то же время принять на себя риск принятия на себя свободной ответственности.

Далее автор отмечает положительные аспекты компьютерных рабочих игр и констатирует, что вступление в мир игр обостряет удобство и эффективность, развиваются навыки и качества, некоторые из которых имеют социальное значение. Также, автором представлена подробная информация о рабочих играх и подчеркнута,

что задача рабочих игр состоит в том, чтобы создать среду, которая позволяет обучающимся усваивать знания и развивать навыки в ситуациях, близких к реальным. Игры повышают привлекательность учебного процесса. Благодаря этому увеличивается и активность студентов. Игры поощряют реализацию знаний из разных областей, имитируют реальность, стимулируют запоминание учебного материала.

**Ключевые слова:** *инновационная техноогия, информационные технологии, муколитический метод, профессиональная компетентность, медицинский колледж, психологическая позиция, деловые игры, компьютерные игры, социальная значимость, стртегия развития, развитие личности, методология, психологические особенности.*

## INNOVATIVE INFORMATION TECHNOLOGIES FOR THE FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCIES OF MEDICAL COLLEGE STUDENTS

The article analyzed and considered innovative technologies such as dialogic, gaming and reflexive methods and techniques, "case study", computer technologies, "two-level" technologies that contribute to the formation of professional competencies of medical college students. In particular, the author stressed that the most important specifics of such technologies is dialogue, equality of psychological positions on the part of colleagues. These innovative technologies are implemented in the dynamics of the approach and the possibility of enriching various "open" positions capable of self-acceptance and at the same time taking on the risk of assuming free responsibility.

Further, the author notes the positive aspects of computer work games and states that entering the world of games sharpens convenience and efficiency, skills and qualities develop, some of which have social significance. The author also provides detailed information about work games and emphasizes that the task of work games is to create an environment that allows students to learn knowledge and develop skills in situations close to real ones. Games increase the attractiveness of the educational process. This also increases the activity of students. Games encourage the realization of knowledge from different fields, simulate reality, and stimulate memorization of educational material.

**Keywords:** *innovative technology, information technology, mucolytic method, professional competence, medical college, psychological position, business games, computer games, social significance, strategy of development, personality development, methodology, psychological features.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Абдусамадов Сайфулло – унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, сурога: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2. Тел:. (992) 918 34 34 90, E.mail: saifullo@mail.ru.*

**Сведения об авторе:** *Абдусамадов Сайфулло – соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734063, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2. Тел:. (992) 918 34 34 90, E.mail: saifullo@mail.ru.*

**Information about the author:** *Abdusamadov Saifullo - applicant A. Jami Institute of Educational Development of Academy of Education of Tajikistan, address: 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A. Adhamov str. Tel:. (992) 918 34 34 90, E.mail: saifullo@mail.ru.*

ТДУ (УДК) -159.9
ТКБ (ББК) -88
З-20

# ТАЪСИРИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ БА РУШДИ АГРЕССИЯ ДАР НАВРАСОН

*Зайтметов Х. А.*
*Фозилова М. Ҷ.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Муносибати волидайн яке аз омилҳои муҳимми ташаккулу инкишофи хислатҳои шахсият ва рафтори наврас маҳсуб меёбад. Аҳаммияти муносибатҳои дохилиоилавӣ дар ташаккулу инкишофи шахсият, аз як тараф, ба он вобаста аст, ки онҳо аввалин намунаи мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки инсон аз лаҳзаи таваллуд бо онҳо дучор мешавад, аз тарафи дигар, дар онҳо тамоми захираи муносибатҳои иҷтимоӣ мутамарказ шуда, бисёр нозук ифода меёбанд ва барои воридшавии барвақтии кӯдак ба ин муносибатҳо имконият фароҳам меоваранд. Дар баробари асаргузории тарбия ва муносибати волидайн, ки дар рафтори онҳо ифода меёбад, равиши тарбия низ назаррас буда, ба паҳлуҳои мухталифи ҳаёти психикӣ ва рафтори кӯдак таъсир мерасонад. Худи муносибати волидайн хеле гуногун аст.

Иҷтимоишавии аввалини кӯдак маҳз дар оила сурат мегирад (З. Фрейд, А. Фрейд, А.И. Захаров, И.Б. Котова). Кӯдак муносибати байни аъзои оиларо ҳамчун намуна қабул карда, ҳамкориро бо дигар одамон меомӯзад, рафтор ва шаклҳои гуногуни муносибатро аз худ мекунад, ки минбаъд дар давраи наврасӣ ва калонсолӣ ҳам нигоҳ дошта мешаванд. Муносибати волидайн ба рафтори ношоистаи кӯдак, хусусияти муносибати байни волидайн ва фарзандон, дараҷаи созгорӣ ва носолимии оила, хусусияти муносибати байни бародарону ҳоҳарон аз омилҳое мебошанд, ки рафтори агрессивии кӯдакро дар оила ва берун аз он муайян карда метавонанд, инчунин, ба муносибати ӯ бо дигарон дар калонсолиаш таъсир мерасонад [9; 64]. Бояд гуфт, ки ниҳодҳои асосии иҷтимоишавии кӯдак оила, мактаб ва муҳити ғайрирасмӣ мебошанд. Маҳз тавассути ин ниҳодҳо раванди азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои муҳити атроф аз тарафи наврас амалӣ шуда, ташаккули шахсияти ӯ сурат мегирад. Дар ин раванд оила нақши махсусро мебозад. Дар фарқият аз дигар муассисаҳои тарбиявӣ оила қодир аст, ки ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти инсон таъсир расонад, ва чун қоида, таъсир ҳам мерасонад. Оила дар ташаккули шахсият омили муассир ва зарурӣ маҳсуб меёбад. Оила ячейкаи нахустини ҷомеа мебошад, ки дар он муносибатҳои тобиши эмотсионалидошта дар ташаккулёбии тасаввурот доир ба маъно ва арзиши меъёрҳо ва тарзҳои рафтор аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Оила ба шахсият, ҳам ба таври мақсаднок дар ҷараёни тарбия ва ҳам ба таври ғайримақсаднок дар тули ҳаёт таъсир мерасонад [9; 64].

М.Ҷеймс ва Д. Ҷангвард қайд мекунанд, ки волидайн интиқолдиҳандаи сенарияҳои фарҳангӣ ва оилавӣ мебошанд. Иҷронамоии мувофиқи вазифаҳояшон аз ҷониби онҳо барои зинда мондани насли башар арзишманду зарурӣ аст. Волидайн як фазои эмотсионалӣ эҷод мекунанд, ки ин баъдан метавонад ба рушди шахсии кӯдак мусоидат кунад ё монеа шавад. Мавқеи вобастагии кӯдакон ба падару модар имконият намедиҳад, ки волидайнро ба таври объективӣ дарк кунанд [6], аз ин рӯ, вазифаи волидайн ин аст, ки барои наврас то ҳадди имкон маънои амал ва рафтори худро ошкор кунанд.

Таҳлили таҳқиқот имкон медиҳад, ки намудҳои муносибати волидайн ва кӯдак ба низом доварда шуда, тамоми гуногунрангии воқеии онҳо ду ҷанбаи мустақилро фаро гирад: муҳаббат-душманӣ ва мкстақилӣ-назорат.

Дар психологияи муосири рус муносибати волидайн ва вазъи оилавиро бо ёрии меъёрҳои зерин баррасӣ мекунанд: мавқеи волидайн (А.С.Спиваковская), муносибати падару модар (А.Я.Варга) [5; 199], характери ҳамкорӣ (О.А. Карабанова, Е.И. Захарова) ва равиши тарбия (Э.Г. Эйдемиллер) [8; 87]. Муносибати волидайн бо кӯдак дар равиши тарбияи онҳо асос меёбад, ки метавонад тобиши гуногун дошта бошад.

Ба таҳқиқи масъалаи таъсири муносибати волидайн ба инкишофи агрессияи кӯдак дар психологияи рус муҳаққиқони варзида, ба монанди А.В. Петровский, А.И. Захаров, И.М. Балинский, В.Н. Мясишев, П. Зачепинский, А.Я. Варга, А. Спиваковская, Е.Г. Эйдемиллер, И.Н. Кириленко ва А. Коренева машғул шудаанд. Ба гуфтаи А.Я. Варга ва В.В. Столин, «муносибатҳои волидайн» ин як системаи томи ҳиссиёти сертобиш ва қолабҳои рафтор аст, ки дар муошират, махсусан, дар сатҳи дарк кардан ва фаҳмидани хусусиятҳои фардию психологии кӯдак амалӣ мешаванд [5; 15].

Мавриди қайд аст, ки психологҳои клиникӣ ва психотерапевтҳои рус дар соҳаи муносибатҳои байниҳамии волидайн ва кӯдак ба таҷрибаи бузурги амалӣ ноил шудаанд (Е.Г.Эйдемиллер, А.В.Захаров, А.Я.Варга, А.С.Спиваковская).

Яке аз ҷанбаҳои бештар омӯхташудаи муносибати волидайн ва фарзанд ин мақсадгузориҳо ё мавқеъгирии волидайн мебошад. Дар зери мафҳуми мақсадгузориҳои волидайн А. Спиваковская (1988) система ё маҷмӯи муносибати эмотсионалии волидайнро бо кӯдак, дарки кӯдакро аз ҷониби онҳо ва тарзи бо ӯ рафтор карданро мефаҳмад.

Дар психология чор шакли мақсадгузориҳои волидайн ва намуди рафтори ба онҳо мувофиқ муайян карда шудааст: «пазириш ва муҳаббат», «радкуниии ошкоро», «серталабии аз ҳад зиёд», «парастории аз ҳад зиёд». Собит шудааст, ки «пазириш ва муҳаббат» дар кӯдак ҳисси амниятро ба вуҷуд оварда, ба инкишофи муътадили шахсият мусоидат мекунад, дар ҳоле ки «радкунии ошкор» боиси агрессивнокӣ ва суст инкишоф ёфтани соҳаи эмотсионалӣ мегардад [9].

А.В. Петровский намудҳои зерини муносибатҳои оилавӣ ва мувофиқан тарзи муносибати тарбиявиро муайян кардааст: фармонравоӣ, васоят, ҳамзистии осоишта дар асоси дахолат накардан ва ҳамкорӣ [12].

В.В. Столин ва А.Я. Варга [5; 15] низ чор намуди муносибати волидайнро ҷудо мекунанд:

- намуди қабулкунанда-авторитарӣ - некуаҳволии субъективии волидайн: муносибати гарм ва пазириши кӯдак мувофиқ ба талаботи муваффақиятҳои иҷтимоӣ ва дастовардҳои таҳти назорати ин соҳа;
- намуди радкунӣ бо унсурҳои инфантилизатсия ва радкунии эмотсионалии кӯдак, паст задани арзишҳои инфиродӣ- характерологии ӯ, муносибати ба синну соли воқеии кӯдак номувофиқ, ба ӯ мансуб донистани майлҳои бад;
- намуди симбиотикӣ - ҳоҳиши барқарор кардани алоқаи эмотсионалии шиддатнок бо кӯдак, иштирок дар ҳама лаҳзаҳои ҳаёти ӯ (ҳатто лаҳзаҳои номуҳим);
- намуди симбиотикӣ-авторитарӣ – муҳофизаткунии аз ҳад зиёд ва назорати пурраи рафтору ҳаёти психикии кӯдак, монеъ шудан ба амалисозии ниёзҳои кӯдак дар сатҳи ҳувияти иҷтимоию психологӣ.

Дар психологияи ғарб мавзуи муносибати байниҳамдигарии волидайну кӯдакон ба таври назаррас таҳлилу баррасӣ ва пажуҳиш шудааст. Тавре маълум аст, психоанализи классикӣ аввалин равияи илмие ба шумор меравад, ки масъалаи муносибатҳои волидайн ва кӯдакро дар маркази инкишофи шахсияти кӯдак гузоштааст. Назарияи психоанализ ба равияи муайянкунандаи консепсияҳои асосии инкишофи кӯдак табдил ёфтааст, ки дар он нақши асосӣ ба масъалаи муносибати байни кӯдакону волидайн (Э. Эриксон, К. Хорни ва диг.) [16] ва дилбастагӣ (Ҷ. Боулби, М. Эйнсворт) [18] дода мешавад. Дар пажӯҳишҳои муосир дилбастагӣ на ҳамчун муносибат, балки ҳамчун стратегияи рафтор бо волидайн баррасӣ мешавад. Э. Мосс ва дигарон (1998) таносуб (коррелятсия)-и мусбати намуди «эътимодбахш»-и дибастагиро бо мутобиқшавӣ ба мактаб ва муоширати ҳамоҳанг дар дугонаи «кӯдак-волидайн» ошкор кардаанд.

Дар омӯзиши масъалаи равиши тарбияи волидайн А. Адлер саҳми босазо гузоштааст, зеро ӯ ҳолатҳои номусоиди кӯдакиеро тавсиф кардааст, ки бо тарбияи волидайн алоқаманданд буда, асоси ташаккулёбии тасаввуроти нодурустро доир ба зиндагӣ дар кӯдак ташкил медиҳанд. А. Адлер таъкид мекунад, ки бепарвоӣ ва саҳлангории волидайн боиси ташаккулёбиии ақидаҳои номувофиқ дар бораи худ, дар

бораи олами атроф ва роҳҳои муоширати созанда бо одамони дигар мегардад. Кӯдаконе, ки волидайн онҳоро аз ҷиҳати эмотсионалӣ рад кардаанд ва парасторӣ намекунанд, ба тавоноии худ баҳои дуруст дода наметавонанд, ба душвориҳои ҳаёт аз будаш зиёд баҳо медиҳанд ва ба субъектҳои бадмуомила табдил меёбанд [19].

Дар психологияи Ғарб кори классикие, ки муносибати волидайнро меомӯзад, кори С. Бродӣ маҳсуб меёбад, ки дар чорчӯбаи раҳёфти клиникӣ анҷом дода шудааст [17]. Ӯ 4 намуди муносибати модариро ҷудо кардааст:

- модар ба осонӣ ва ба қадри маҳдуд ба талаботи кӯдак мувофиқ мешавад. Ба ӯ рафтори дастгирикунанда ва саҳлгирона хос аст;

- модар бошуурона кӯшиш мекунад, ки ба ниёзҳои кӯдак мувофиқ шавад, аммо аз сабаби серташвишӣ ва надоштани муоширати мустақим бо кӯдак кӯшишҳои ӯ аксар вақт бебарор меанҷоманд. Модар бештар бартарӣ нишон медиҳад, на гузаштгунӣ;

- асоси модариро ҳисси қарзи модарӣ ташкил медиҳад. Дар муносибат бо кӯдак шавқу рағбат, меҳрубонӣ ва дилбастагӣ вуҷуд надорад. Воситаи муносибат ин назорати қатъӣ аст;

- рафтори модар ба синну сол ва талаботи кӯдак номувофиқ аст. Таъсири тарбиявии ӯ номувофиқ ва пуртазод аст.

Ба гуфтаи С. Бродӣ, барои кӯдак равиши 4-уми модарӣ бештар зараровар аст, зеро мунтазам пешбинӣ карда натавонистани рафтори модар кӯдакро аз ҳаёти босубот маҳрум карда, дар ӯ изтиробнокии баландро ба вуҷуд меоварад.

Инчунин Д. Боумрид 3 тоифаи кӯдаконро муайян кардааст, ки табиати онҳо ба усулҳои муайяни тарбия мувофиқат мекунад [9, с. 64].

Волидайни бонуфуз фарзандони ташаббускор, хушмуомила ва меҳрубон доранд. Аслан волидайне бонуфузанд, ки фарзандонро дӯст медоранд ва мефаҳманд, роҳи ҳалли мушкилотро на дар муҷозоти кӯдак, балки дар фаҳмонидани моҳияти хубу бад ба ӯ мебинанд ва аз таърифу тавсифи кӯдак ҳазар намекунанд. Онҳо аз кӯдакон рафтори боақлонаро талаб мекунанд ва кӯшиш менамоянд, ки ба онҳо кумак расонанду ба ниёзҳояшон ҳассос бошанд. Дар баробари ин, чунин волидайн одатан ҳангоми дучор шудан бо рафтори номақбули наврасӣ сахтгирӣ зоҳир мекунанд, махсусан, ҳангоми зоҳир кардани хашму ғазаби беасос аз тарафи онҳо.

Фарзандони ин гуна волидайн, одатан кунҷкованд, кӯшиш мекунанд, ки андешаи худро асоснок намоянд (ба дигарон бор намекунанд), ба вазифаи худ бо масъулият муносибат мекунанд. Барои онҳо аз худ кардани шаклҳои рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ мақбул ва таҳсиншаванда осонтар аст. Онҳо бештар неруманд буда, ба худ эътимод доранд, худбаҳодиҳиашон мувофиқ аст ва сифати иродавии худдорӣ дар онҳо инкишофёфта мебошад. Онҳо метавонанд бо ҳамсолон муносибатҳои хуб барқарор кунанд.

Д. Боумрид таъкид мекунад, ки фарзандони волидайни авторитарӣ агрессивӣ буда, ба низоъ майл доранд. Волидайни авторитарӣ бар ин назаранд, ки ба наврас набояд аз ҳад зиёд озодӣ ва ҳуқуқ дода шавад, балки бояд ӯ дар ҳама кор тобеи волидайн бошад ва ба онҳо итоат кунад. Тасодуфӣ нест, ки ин волидайн дар амалияи тарбияи худ кӯшиш мекунанд, ки дар кӯдак боинтизомиро инкишоф диҳанд, чун қоида, ба ӯ имкони интихоби вариантҳои рафторро намедиҳанд, мустақилияти ӯро маҳдуд мекунанд, ӯро аз ҳуқуқи эътироз ба калонсолон (ҳатто дар ҳолати ҳақ буданашон) маҳрум месозанд.

Волидайни авторитарӣ аксар вақт зарур намешуморанд, ки серталабии худро бо ягон роҳ асоснок кунанд. Асоси тарбияи онҳоро назорати қатъӣ аз болои рафтори наврас ташкил медиҳад, ки он аз доираи манъкуниҳои сахт, танбеҳ ва ағлаб ҷазои ҷисмонӣ берун намеравад. Шакли маъмултарини ҷазои интизомии онҳо тарсонидан ва таҳдид аст. Чунин волидайн наздикии эмотсионалиро бо фарзанд истисно карда, аз таърифи фарзанд парҳезанд, аз ин рӯ дар байни онҳо ва наврасон ҳисси дилбастагӣ хеле кам ба назар мерасад. Дар ин ҷо локуси дидгоҳи берунии назорат ташаккул меёбад, ҳисси гунаҳкорӣ ё тарси ҷазо ва худдорӣ суст инкишоф меёбад. Фарзандони волидайни авторитарӣ аз сабаби эҳтиёткорӣ ва зиракии доимӣ ва ҳатто хусумат ба дигарон дар

барқарор кардани робита бо ҳамсолонашон душворӣ мекашанд. Онҳо якрав, шубҳанок, боизтироб, ташвишовар ва агрессивӣ мебошанд.

Фарзандони волидайни дилсӯз бепарво ва агрессивӣ мешаванд. Чун қоида, волидайни дилсӯз майли назорат кардани фарзандони худро надоранд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки ба кори дилхоҳашон машғул шаванд. Ин волидайн аз бачаҳо масъулият ва худназораткуниро талаб намекунанд. Онҳо то дараҷае агрессия ва рафтори агрессивии наврасонро нодида мегиранд, ки ин боиси мушкилот мегардад. Чунин кӯдакон беинтизом буда, рафтори онҳо идоранашаванда аст, волидайн онҳоро дағалона ва рӯйирост масхара мекунанд, ҷазои ҷисмониро ба кор мебаранд, аз муҳаббати волидайн, таваҷҷуҳ ва ҳамҳиссӣ маҳрум месозанд.

Н.Ф. Абдурашитов ба сифати механизми зарурии ташаккулдиҳии омодагӣ барои воридшавии иҷтимоӣ, барқарорсозии муносибатҳои волидайн ва кӯдакро пешниҳод менамояд, ки ба рушди ҳисси ибтидоии мансубият ба ҷомеа ва умумият бо муҳити иҷтимоӣ мусоидат мекунад [1].

Муҳаққиқ Э.Г. Сухарев хеле бамаврид қайд мекунад, ки тарбияи номувофиқ ва таҳқиромез боиси шаклгирии рафтори агрессивӣ-муҳофизатӣ дар кӯдакон бо бартарии изтиробнокӣ ва ноустуворӣ мегардад; тарбияи сахтгирона ба шаклгирии рафтори ғайрифаъоли муҳофизатӣ бо бартарии раванди боздорӣ, тарсончакӣ, боварӣ надоштан ба худ ва вобастагӣ мебарад; парастории аз ҳад зиёд ва ҳимоя кардан бошад, ба шаклгирии рафтори ба синну сол номувофиқ (рафтори кӯдакона) бо бартарии аксуламалҳои равшани аффективӣ боис мегардад [7].

И.М. Балинский чунин мешуморад, ки муносибати сахти беадолатона бо фарзандон дар оила сабаби ба вуҷуд омадани ҳолати «халои эмотсионалӣ» мегардад; муносибати аз ҳад зиёд таҳқиромез ташнагии эмотсионалиро ба вуҷуд меоварад; серталабии аз ҳад зиёд бошад, кӯдакро аз ҷиҳати психологӣ заиф мегардонад. С.Г. Файберг, В.Н. Мясишев, Е. Яковлева, П. Зачепеткий ва С. Файберг чунин андеша пешниҳод кардаанд, ки тарбия дар шароити бартарӣ доштани талаботи зиддиятнок ва манъкуниҳои қатъӣ боиси пайдоиши заминаҳо барои сабзиши невроз, ҳолатҳои васвосӣ ва психостения мегардад; тарбия аз рӯйи намуди таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ва қонеъ гардонидани тамоми ниёзу ҳоҳишҳои кӯдак ба инкишофи хислатҳои истерикӣ бо худмеҳварӣ, афзоиши ҳаяҷоннокӣ ва коҳиш ёфтани худназораткунӣ сабаб мешавад; ба кӯдакон пешниҳод кардани талаботи аз доираи имкониятaшон берун ҳамчун омили этиологии неврастения баромад мекунад.

Дар байни омилҳои иҷтимоӣ-психологие, ки боиси инкишоф ва таҳкими агрессивнокии наврасон мегардад, муносибати бераҳмонаи волидайн ва мавҷудияти зӯроварии хонаводагӣ ҷои махсусро ишғол мекунанд. Л. Берковитс (2002) дар зери ибораи “муносибати бераҳмона” тамоми шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё психикиро мефаҳмад. Дар баробари ин дар психология се намуди бераҳмии оилавиро ҷудо мекунанд:

- аз тарафи волидайн нисбат ба фарзандон;
- аз тарафи як ҳамсар нисбат ба дигараш;
- аз ҷониби фарзандон ва наберaҳо нисбат ба хешовандони пиронсол [3].

Муҳаққиқони зиёде як хусусияти аъзои хонаводаи ба агрессия майлдоштаро қайд кардаанд: бисёре аз ин афрод дар кӯдакӣ қурбонии зӯроварӣ буданд. Ҳоло сухан кардан доир ба чархиши агрессивнокӣ ё интиқол шудани агрессивнокӣ аз насл ба насл одат шудааст. Зӯроварӣ зӯровариро тавлид мекунад. Одамоне, ки дар кӯдакӣ мавриди зӯроварӣ қарор гирифтаанд, одатан, ба агрессия тамоюл доранд ва волидайне, ки ба фарзандонашон бадрафторӣ мекунанд, дар вуҷуди онҳо тухми зӯровариро мекоранд. Ба ҷазоҳои сахт на танҳо истифодаи қувваи ҷисмонӣ, балки муҷозоти психологӣ, аз қабили таҳқир, танқид, таҳдидҳои лафзӣ, воридшавӣ ба фазои шахсӣ низ дохил мешаванд. Дар адабиёти психологӣ чаҳор шакли муносибати бераҳмона бо кӯдак ҷудо карда шудааст: зӯроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, психологӣ ё эмотсионалӣ, беэътиноӣ ба эҳтиёҷоти асосии кӯдак, яъне бераҳмии ахлоқӣ. Оқибатҳои манфиро на танҳо истифодаи ҷазоҳои ҷисмонӣ, балки зӯроварии психологӣ низ ба бор меоваранд, ки дар қабул накардан ва танқиди

кӯдак ифода меёбанд. Чунин муносибат боиси инкишофи агрессия мешавад ва таҳлили назариявии таҳқиқот оид ба масъалаи зӯроварӣ имкон медиҳад, то хулоса барорем, ки ҷазоҳои сахт (махсусан ҷисмонӣ) барои рушди шахсияти кӯдак оқибатҳои манфӣ доранд. Аввалан, волидайн кӯдакро муҷозот карда, намунаи рафтори агрессивиро ба ӯ нишон медиҳанд, ки онро кӯдак ҳамчун роҳи таъсиррасонӣ ба дигарон, ҳамчун намоиши қувва ва қудрат қабул мекунанд, махсусан, нисбат ба шахсони заифтар. Дуюм, ҷазо боиси бегонашавӣ мегардад, муносибати манфиро бо волидайн ташаккул медиҳад. Кӯдак ба худ фуру меравад, ҳассос мешавад, мавқеи муқовимати дохилӣ ва хомӯшонаро мегирад. Сеюм, ҷазои аз ҳад сахт метавонад ба он оварда расонад, ки кӯдак сабаби муҷозот шуданашро фаромӯш кунад вадарки сабаби ҷазогирӣ ба қисми зершуур гузарад, вале осори вазнини психикии он боқӣ монад. Ҷазо он вақт самарабахш буда метавонад, ки сабабҳои рафтори манфии кӯдак на танҳо барои муаллим, балки барои бача ҳам равшан бошад (В. Сухомлинский). Самаранокии ҷазоро як қатор шартҳо муайян мекунанд: пайдарҳамии татбиқ; фосилаи камтарини вақт байни ҷазо ва содир намудани кирдор; аниқ кардани моҳияти ҷазо ва нигоҳ доштани муносибати хуб байни ҷазокунанда ва ҷазогиранда; пешниҳоди алтернативаҳо ба рафтори агрессивӣ аз ҷониби ҷазодиҳандагон. Дар баробари ин, ҷазо набояд ба ҳеҷ ваҷҳ паст задани шахсияти кӯдак, поймолкунии ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ бошад [9].

Бояд тазаккур дод, ки дар байни омилҳои иҷтимоию психологие, ки ба рушди агрессия таъсир мерасонанд, бояд ба ҷанбаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир кард: мавҷудияти фарзанди ягона дар оила ё маҳдудкунии эмотсионалии яке аз кӯдакон, мувофиқати нокифояи психологии волидайн ва кӯдакон; низоъҳои хонаводагӣ; ҳукмфармоии яке аз калонсолон; аз нав ташкил кардан ё иваз кардани нақшҳои анъанавии оилавӣ; маҳсулнокии пасти фаъолияти якҷояи аъзои оила; маҳдудшавии оила дар алоқаҳои беруна.

Ба ақидаи В.И. Гарбузов, А.И. Антонов ва В.С. Манова-Томова, дар тарбияи ягонафарзанд дар оила назар ба тарбия дар оилаҳои серфарзанд каҷравиҳо хеле зиёданд [2].

Баъзе муаллифони ғарбӣ ба вобастагии муайяни агрессивнокии кӯдакон ба сохтори оила ишора мекунанд. Далелҳое мавҷуданд, ки кӯдакони агрессивӣ, одатан, дар оилаҳои серфарзанд ё оилаҳои нопурра зиндагӣ мекунанд. Агрессияи кӯдак метавонад аксуламал ба ҷудошавии волидайн бошад. Дар баробари ин, усули вокуниш ба вазъият вобаста ба ҷинс ва синну соли кӯдак гуногунанд. Мавриди қайд аст, ки низоъҳои волидайн пеш аз талоқ ва баъд аз он, ҷудо зиндагӣ кардани онҳо, издивоҷи дубораи ҳамсарон, муносибати бади яке аз волидайн бо кӯдак низ боиси азсаргузаронии ҳиссиёти манфӣ гардида, душвориҳои рафтори кӯдакро бештар мекунанд. Ба зоҳиршавии агрессивнокии кӯдак метавонад рашк ба дигар аъзои оила, аксар вақт ба бародарону ҳоҳарон (рашки байни сиблингҳо) сабаб шавад. Заминаи чунин агрессия ҳоҳиши ба худ ҷалб кардани таваҷҷуҳи волидайн ва рақобат барои бадастоварии муҳаббати калонсолон маҳсуб меёбад. Дар байни хусусиятҳои тарбияи оилавӣ дар оилаҳои носолим хусусиятҳои зерин мавқеи хоса доранд: норасоии навозиш ва меҳру муҳаббати волидайн, муносибати таҳқиромез ба агрессия, муносибати бепарвоёна ба фарзандон (В. Сатир, Г. Эйдемиллер) [13; 199].

Муҳаққиқоне, ки бо мушкилоти агрессияи кӯдакон сару кор доранд, кӯшиш мекунанд то нишондиҳандаҳои инфиродии амалҳои волидайнро мекунанд, ки боиси ташаккулёбиии агрессияи кӯдакӣ мешаванд, муайян намоянд. Дар таҳқиқоти худ А. Бандура ва Р. Уолтерс муайян карданд, ки хусусияти фарққунандаи тарбияи амалии волидайни писари агрессивидошта ин набудани пайдарпайи дар пешниҳоди талабот аст: ҳавасмандкунии зоҳирнамоии агрессия берун аз хона ва маҳкумкунии сахт барои зоҳирнамоии агрессияи ба худ равонашуда. Ҳамин пажуҳиш нишон медиҳад, ки фрустатсияи ба қонеънамоии талабот алоқаманд дар муносибатҳои ба волидайн вобаста боиси шаклгирии адоват ва нобоварӣ дар кӯдакон мегардад, ки инба вайроншавии раванди иҷтимоишавӣ бурда мерасонад.

Таҳқиқоти психологӣ робитаи байни ҷазои волидайнро бо агрессия дар кӯдакон муайян кардаанд. Волидайн аксар вақт ба рафтори агрессивии фарзандонашон, вобаста ба он ки он ба онҳо ё ҳамсолони онҳо нигаронида шудааст, гуногун муносибат мекунанд. Инчунин, Р. Барон ва Д. Ричардсон робитаи байни сарварӣ дар оила ва рафтори агрессивии кӯдаконро нишон медиҳанд, ки дар хусусият ва вазнинии ҷазоҳо, инчунин назорати рафтори кӯдакон аз тарафи волидайн асос ёфтааст. Аз рӯйи натиҷаи ин таҳқиқот, ҷазоҳои бераҳмона бо дараҷаи нисбатан баланди агрессивнокии кӯдакон алоқаманд буда, назорати нокифояи рафтори кӯдакон боиси шаклгирии қаҷрафторӣ мегардад, ки онро аксар вақт агрессия ҳамроҳӣ мекунад [4].

Н.Ф. Абдурашитов тасдиқ мекунад, ки "барқарор намудани муносибати волидайн бо фарзандони ноболиғи ҷинояткори дар муассисаи типи пушида тарбиягиранда, ҳамкории самарабахши байни онҳоро таъмин менамояд; ба реинтегратсияи наврас баъд аз хатми мактаби махсус дар оила ва мактаб мусоидат мекунад; ба инкишофи хислатҳои шахсияти наврасон таъсири мусбӣ мерасонад, барои баланд бардоштани мутобиқшавии иҷтимоӣ, устувории эмотсионалӣ, ташаккули худбаҳодиҳии мувофиқ ва салоҳияти робитанамоӣ мусоидат мекунад. Муносибати волидайн дар низоми «муносибати фарзанду волидайн» ба зинаҳои наве мерасад, ки пазириши ҳамдигар бо эҳтирому муҳаббат асос меёбад. Онҳо фарзандони худро ҳамон тавре қабул мекунанд, ки ҳастанд. [1].

Дар психология истифодаи равиши демократӣ дар низоми «муносибати фарзанду волидайн» нисбатан равиши созанда ва самарабахш ҳисобида мешавад (К. Левин, А.В. Петровский ва диг.), ки муҳаббати оқилона, ҳамкорӣ ва пазириши мутақобиларо бо мавҷудияти дараҷаи мувофиқи авторитаризм, муносибати арзишманд ба кӯдак ва баҳодиҳии мувофиқ таҷассум мекунад [11].

Ҳамин тавр, психологҳои хориҷӣ ва ватанӣ намудҳои гуногуни муносибат (мавқеъ)-ҳои волидайн, равиши тарбияи онҳо, инчунин, натиҷаи ин мавқеъгириҳо, яъне ташаккулёбиии хислатҳои фардии характерологии кӯдакро дар доираи рафтори муқаррарӣ ё қаҷрафторӣ шарҳ додаанд. Хулоса, таҳқиқот нишон медиҳад, ки нақши оила дар ташаккулёбиии вазъи иҷтимоӣ ва рушди шахсияти кӯдак муҳим ва баҳснопазир аст.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдурашитов Н.Ф. Восстановление детско-родительских отношений как механизм формирования готовности к продуктивной социальной включенности подростков-правонарушителей: Дис. ... канд. пси- хол. наук. - Душанбе., 2019. - 192 с.

2. Антонов А.И., Медков В.Н. Социология семьи. - М., 1994.

3. Берковиц Л. Агрессия: причины, последствия и контроль. - СПб.: Евро- знак, 2001.

4. Бэрон Р. Ричардсон Д. Агрессия. - СПб., 1998. - С. 22 - 53 .

5. Варга А.Я. Структура и типы родительских отношений: Дис. ... канд. пси- хол. наук. - М., 1986. - 206 с.

6. Джеймс М., Джангвард Д. Рожденные выигрывать. - М., 2006.

7. Добрынина О.А. Проблема формирования благоприятного социально-психологического климата в семье: Дис.... канд. психол. - М., 1993.

8. Захаров А.И. Происхождение детских неврозов. - М., 2000.

9. Кириленко И. Н. Влияние семейных отношений на развитие агрессии в подростковом возрасте: Дис. ... канд. пси- хол. наук. – Ставрополь ., 2007. - 206 с.

10. Коренева А.А. Взаимосвязь семейного воспитания и агрессивности в подростковом возрасте: Дис. ... канд. пси- хол. наук. - М., 2004. - 128 с.

11. Левитов Н.Д. Воспитание подростка в семье. - М., 1969. - 86 с.

12. Петровский В.А., Полевая М.В. Отчуждение как феномен детско- родительских отношений // Вопросы психологии. - 2001. № 1. - С. 19 - 25.

13. Сатир В. Вы и ваша семья. Руководство по личностному росту. - М., 2000.

14. Столин В.В. Психологические основы семейной терапии // Вопросы психологии. - 1982. № 4. - С. 105 - 115.

15. Хорни К. Невротическая личность нашего времени. Самоанализ. - М., 1993.-С. 47-63.

16. Эйдемиллер Г., Юстицкис В.В. Психология и психотерапия семьи. - СПб., 1999.-652 с.

17. Эриксон Э.Г. Детство и общество. - СПб.: Речь, 2000. - 415 с.

18. Rutter M., Cox A., Tupling C., Berger M., Yule W. Attainment and adjustment in two geographical areas // British Journal of Psychiatry. - 1975. - Vol. 126. - P/493 -509.

## ТАЪСИРИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ БА РУШДИ АГРЕССИЯ ДАР НАВРАСОН

Ин мақола ба яке аз мушкилоти муҳимтарини психология - таъсири муносибатҳои оилавӣ ба зуҳуроти таҷовуз дар наврасон бахшида шудааст. Дар мақола масъалаи таъсири муносибатҳои оилавӣ ба зуҳуроти агрессия дар наврасон амиқ ва ҳамаҷониба баррасӣ карда мешавад. Тавре ки муаллиф дуруст мешуморад, муносибати волидайн яке аз омилҳои муҳими ташаккул ва рушди хусусиятҳо ва рафтори инфиродии наврас мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда, рафтори агрессивӣ дорои хусусиятҳои синну солию гендерӣ, мувозинат ва давраҳои муайян мебошад. Агрессия бештар дар давраи наврасӣ зоҳир мешавад, ки дар натиҷаи бемувозинатию бетаносубӣ дар инкишофи ҷисмонӣ, психофизиологӣ ва психикии наврас, инчунин, ноустувории пайдоиш ва рушди нобаробари навташкилаҳои асосии наврасон ба амал меояд

**Вожаҳои асосӣ:** *психология, педагогика, шахсият, таъсир, оила, наврас, агрессия, муносибатҳои оилавӣ.*

## ВЛИЯНИЕ СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЙ НА ПРОЯВЛЕНИЕ АГРЕССИИ У ПОДРОСТКОВ

Данная статья посвящена одной из важнейших проблем психологии влияние семейных отношений на проявление агрессии у подростков. В статье глубоко и всесторонне рассматривается проблема влияние семейных отношений на проявление агрессии у подростков. Как справедливо считает автор, отношение родителей является одним из существенных факторов в формировании и развитии индивидуально-личностных особенностей и поведения подростка.

В результате проведенного исследования что агрессивное поведение имеет возрастно-специфические и тендерные особенности, определенную динамику и цикличность. Наиболее ярко агрессия проявляется в подростковом возрасте, что обусловлено неуравновешенностью и несбалансированностью физического, психофизиологического и психического развития подростка.

**Ключевые слова:** *психология, педагогика, личность, влияние, семья, подросток, агрессия, семейные отношения.*

## THE INFLUENCE OF FAMILY RELATIONSHIPS ON THE MANIFESTATION OF AGGRESSION IN ADOLESCENTS

This article is devoted to one of the most important problems of psychology, the influence of family relations on the manifestation of aggression in adolescents. The article deeply and comprehensively examines the problem of the influence of family relations on the manifestation of aggression in adolescents. As the author rightly believes, the attitude of parents is one of the essential factors in the formation and development of individual and personal characteristics and behavior of a teenager.

As a result of the conducted research, aggressive behavior has age-specific and tender features, certain dynamics and cyclicity. Aggression manifests itself most vividly in adolescence, which is due

to the unbalance and imbalance of the physical, psychophysiological and mental development of a teenager.

**Keywords:** *psychology, pedagogy, personality, influence, family, teenager, aggression, family relations.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Зайтметов Хусейн Авасхонович – номзади илмҳои психологӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: husein20@inbox.ru; тел.: +992-92 991 11 03.*

*Фозилова Масрура Ҷумановна – доктор PhD, муаллимаи кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390.*

**Сведения об авторах:** *Зайтметов Хусейн Авасхонович – кандидат психологических наук, доцент, заведующий кафедрой социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: husein20@inbox.ru; тел.: +992-92-991 11 03.*

*Фозилова Масрура Джумановна – доктор PhD, преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390*

**Information about the authors***: Zaytmetov Khuseyn Avaskhonovich - candidate of Psychology, Associate Professor, Head of the Department of Social and Professional Psychology, Khujand State University named after Academician Bobodjon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov passage 1. E-mail: husein20@inbox.ru; tel .: + 992-92-991-11-03.*

*Fozilova Masrura Dzhumanovna - PhD Doctor, teacher of the Department of Social and Professional Psychology, Khujand State University named after Academician Bobodzhon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov 1 passage. E-mail: masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390*

## РОЛЬ САМОУПРАВЛЕНИЯ В СТАНОВЛЕНИИ И РАЗВИТИИ ОБЩНОСТИ УНИВЕРСИТЕТА

***Тошматов Р. Н.***

**Таджикский институт физической культуры им. С. Рахимова**

Самоуправление в вузовском сообществе является важной основой его развития. Оно позволяет студентам и преподавателям активно участвовать в процессе принятия решений, формировании целей и задач, а также осуществлении контроля за их выполнением.

Самоуправление позволяет студентам развивать свои навыки планирования, организации, коммуникации, лидерства и коллективной работы. Они могут участвовать в выборе предметов и программ обучения, разработке правил поведения и дисциплины, организации студенческой жизни, проведении различных мероприятий и проектов.

Реальное наполнение принципов автономии и самоуправления в университетской жизни новым содержанием начинает осуществляться в ходе периода социально-экономических реформ, начавшихся горбачевской "перестройкой". К настоящему времени эти принципы зафиксированы и в современных уставах университетов Республики Таджикистан. Так, в уставе Института физкультуры Таджикистана имени Саидмумина Рахимова от 20 августа 2022 г. сказано, что в качестве автономного высшего учебного заведения Института определяет содержание учебных программ и учебных планов, устанавливает направления (специальности) подготовки и переподготовки специалистов, .направления научных исследований, формирует собственную структуру, издает научные труды, и др. Основными целями Института названы:

— сохранение, развитие и приумножение нравственных и культурных традиций институтского образования и научной деятельности, воспитание молодежи в духе этих

традиций. Широко раскрываются в уставе возможности реализации самоуправления через деятельность ученого совета и конференции: "Общее руководство Институтом осуществляет выборный представительный орган — Ученый совет Института.

Ученый совет Института простым большинством голосов:

Принимает открытым голосованием Устав Института и изменения и дополнения к нему.

Открытым голосованием определяет численный состав Ученого совета Института и избирает его тайным голосованием.

Открытым голосованием утверждает правила внутреннего распорядка Института. Широкие полномочия в уставе Института предоставляются и для студенческого самоуправления. Так, согласно устава Института, студенты имеют право:

- ✓ на участие в формировании содержания своего образования при условии соблюдения требований государственного образовательного стандарта высшего образования;
- ✓ на свободу выражения собственных взглядов и убеждений, не ущемляющих аналогичное право других и не унижающих человеческое достоинство;
- ✓ на создание студенческих научных обществ;
- ✓ на участие в обсуждении и решении важнейших вопросов деятельности Института и его подразделений, в том числе и через общественные организации и органы управления Института;
- ✓ на участие в работе органов самоуправления, предусмотренных законодательством РТ;
- ✓ на участие во всех видах научно-исследовательской работы, в конференциях, симпозиумах, на представление к публикации своих научных работ;
- ✓ на создание представительных органов обучающихся для решения вопросов студенческой и аспирантской жизни;
- ✓ на информирование соответствующими службами Института о положении дел в сфере занятости и на содействие в заключении договоров (контрактов) с предприятиями, учреждениями, организациями о трудоустройстве после окончания учебы;
- ✓ на обжалование приказов, распоряжений, администрации и поведение преподавателей в порядке, предусмотренном законодательством РТ, настоящим уставом. [6]

Таким образом, современные институтские и университетские уставы содержат достаточные основания для развития как самоуправления научного сообщества, так и студенческого самоуправления.

Современные университетские уставы обычно предусматривают создание органов управления, которые представляют собой самоуправляющиеся структуры научного сообщества и студенческого сообщества. Эти структуры включают в себя такие органы, как ученый совет и студенческий совет, которые имеют возможность принимать решения по важным вопросам университета.

Университетские уставы также могут предоставлять некоторую степень автономии научному и студенческому сообществам в принятии решений. Это дает возможность членам сообщества принимать активное участие в управлении университетом и влиять на его развитие.

Однако, стоит отметить, что практика самоуправления в университетах может различаться в зависимости от конкретных уставов и контекста каждого конкретного университета. Некоторые уставы могут предоставлять больше возможностей для самоуправления, в то время как другие могут быть менее гибкими.

Более того, эффективность проведения самоуправления научного и студенческого сообщества часто зависит от уровня активности и вовлеченности его членов. Важно, чтобы участники университетской общины были готовы и заинтересованы в принятии активного участия в процессе принятия решений и развития университета.

Таким образом, современные университетские уставы могут быть достаточным основанием для развития самоуправления научного и студенческого сообщества, но успех этого процесса зависит от реальной практики и вовлеченности его участников.

В последние годы появился и целый ряд государственных документов, направленных на развитие самодеятельности молодежи, в том числе студенческого самоуправления в Таджикистане, в частности:

1. Национальная стратегия Развития молодежи Таджикистана на период 2016-2025 годов. Документ определяет приоритетные направления развития молодежной политики и предусматривает создание условий для развития самодеятельности молодежи, включая студенческое самоуправление.

2. Закон Республики Таджикистан "О молодежи" призван создать правовую базу для защиты и развития интересов молодежи. В нем уделяется внимание развитию студенческого самоуправления, предоставляются права на представительство и участие в принятии решений на уровне общественных организаций и государственных структур.

3. Государственная программа "Развитие студенческого самоуправления в Таджикистане" — это стратегический документ, созданный с целью развития и поддержки студенческого самоуправления в студенческих коллективах высших учебных заведений Таджикистана. Программа включает в себя определенные задачи, мероприятия и инструменты для обеспечения активного и эффективного участия студентов в управлении своими учебными заведениями.

4. Стратегия развития высшего образования в Таджикистане на период до 2030 года также уделяет внимание развитию студенческого самоуправления. Документ предусматривает создание условий для развития активизма и лидерства студентов, а также их участие в принятии решений по вопросам образовательной политики.

Все эти государственные документы направлены на улучшение условий для развития студенческого самоуправления в Таджикистане, создание возможностей для самореализации и активного участия молодежи в общественной, образовательной и политической жизни страны.

В государственной молодежной политике, как отмечают исследователи, должны гармонично сочетаться два основных направления: первое ’’...связано с задачами облегчить молодежи вхождение в институционализированную общественную жизнь, компенсировать недостаточность социального статуса, который остается у любого молодого человека даже при наличии юридического равноправия", второе — это "...инвестиция в молодежь как в человеческий ресурс общественного развития... Очевидно, что инвестиция в молодежь одновременно означает социальное проектирование будущего России" [3].

Документы по молодежной политике свидетельствуют о заинтересованной позиции государства в решении молодежных проблем, обозначении приоритета государственной молодежной политики - "...повышение субъектности молодого человека и молодежи как социальной группы в реализации собственных, государственных и общественных интересов". Неслучайно одним из принципов политики властей в молодежной сфере является принцип участия, означающий, что ’’...молодежь является не только объектом воспитания и образования, но и сознательным участником социальных преобразований"[4]

На современном этапе возрастает общественная активность студенческой молодежи. Это действительно так. Студенческая молодежь на современном этапе проявляет все большую общественную активность. В сравнении с предыдущими поколениями, современные студенты в большей степени осознают значимость своего влияния на общество и активно вступают в общественно-политическую деятельность.

Одной из основных причин возрастания общественной активности студентов является доступность информации. Современные технологии позволяют быстро и легко получать информацию о происходящих событиях в стране и мире, а также общаться с людьми, которые разделяют их интересы и взгляды. Это создает условия для формирования активных студенческих движений и объединения вокруг общих целей и идей.

Кроме того, современная студенческая молодежь отличается высоким образовательным уровнем и глубоким озабоченностью социальными и политическими проблемами. Они часто видят себя как активных участников общественных изменений и стремятся внести свой вклад в улучшение ситуации в стране и мире. В то же время, студенты имеют достаточно

свободного времени и энергии для того, чтобы активно участвовать в общественно-политической деятельности.

Важным фактором, способствующим возрастанию общественной активности студентов, является их возможность влиять на принятие решений. Современные университеты и колледжи создают условия для развития общественных организаций и студенческих советов, где студенты получают возможность высказывать свои мнения и идеи, а также принимать участие в процессе принятия решений, затрагивающих их самих.

Таким образом, общественная активность студенческой молодежи на современном этапе является результатом доступности информации, высокого уровня образования и глубокой озабоченности общественными и политическими проблемами. Студенты видят себя как активных участников общественных изменений и стремятся внести свой вклад в улучшение ситуации в стране и мире.

Опираясь на исследования ученых, положения государственных документов, программ, отражающих молодежную проблематику, можно заключить, что главным парадоксом государственной молодежной политики является в настоящий момент противоречие между официально провозглашаемым ее ориентиром - "поддержкой общественно значимых инициатив, общественно полезной деятельности молодежи, молодежных, детских общественных объединений"[4] и слабой реализацией этого направления в жизни, т. е. "...государству, несмотря на активные попытки, не удается мобилизовать в общественных интересах молодежную инициативу". В стратегическом отношении эта слабость современной молодежной политики делает ее результаты минимальными"[3]. Это фундаментальная проблема касается всех страт молодежи, в том числе студенческой, и находит свое конкретное выражение в более частных противоречиях:

- между объективной потребностью общества в развитии социальной активности студенческой молодежи и слабой включенностью студентов в разрешение своих собственных проблем;
- между наличием негативных тенденций в молодежной, и в частности, студенческой, среде и слабой массовой активностью молодых людей в их преодолении;
- между настоятельной необходимостью актуализации социального творчества учащихся вузов и ссузов и реально малочисленным составом студенческих общественных объединений и профсоюзных организаций или отсутствием первичных общественных организаций молодежи в учебных заведениях подобного типа;
- между широким спектром проблем, трудностей, с которыми объективно сталкиваются студенты, обучаясь в высших и средних специальных учебных заведениях, и слабой представленностью в деятельности органов студенческого самоуправления, существующих в образовательных учреждениях, направлений работы, связанных с защитой прав и интересов студентов, улучшением их материального положения, гражданской самореализацией, участием в управлении делами соответствующего учебного заведения;
- между наличием традиционных органов студенческого самоуправления и невысокой степенью их влияния на студенческую молодежь;
- между сложностью организации жизни и деятельности студентов и слабой координацией взаимодействия в решении студенческих проблем между органами студенческого самоуправления, администрациями учебных заведений, иных социальных структур, органами государственной власти, местного самоуправления;
- между необходимостью оптимизации деятельности органов студенческого самоуправления в высших учебных заведениях (вузах) и средних специальных учебных заведениях (ссузах) и недостаточной разработанностью социальных технологий по актуализации субъектного потенциала студентов для реализации собственных, государственных, общественных интересов.[5].

Однако, обладая потенциально огромными созидательными возможностями для развертывания своей жизненной траектории и участия в решении актуальных проблем социума, студенчество переживает период болезненного самоосуществления,

сопровождающийся многочисленными трудностями и испытаниями, что, в свою очередь, негативно сказывается на степени активности, самостоятельности молодых людей и их объединений в обустройстве окружающей жизни.

Важно понимать, что студенчество — это период, когда молодые люди стремятся определить свои ценности и идеалы, найти свое место в обществе и внести свой вклад в развитие социума. Однако, на этом пути они сталкиваются со множеством трудностей.

Первой трудностью, с которой сталкиваются студенты, является выбор профессии и определение своих целей. Многие молодые люди испытывают затруднения в определении того, что они хотят делать в будущем и каким образом они могут внести свой вклад в общество. Это может вызывать сомнения и неуверенность в своих силах, а также трудности в принятии важных решений.

Второй трудностью является баланс между учебой и другими сферами жизни. Студенты часто сталкиваются с проблемой времени - учеба требует много времени и энергии, но при этом они хотят и должны уделять внимание своим личным интересам, отношениям и развитию внешкольных навыков. Это может привести к перегрузке и стрессу.

Третья трудность связана с отсутствием опыта и практических навыков. Многие студенты впервые сталкиваются с самостоятельной жизнью и ответственностью за свои действия. Они могут испытывать затруднения в организации своего времени, управлении финансами или принятии решений. Это может быть вызвано недостатком опыта и неуверенностью в своих способностях.

Наконец, студенты могут столкнуться с проблемой социализации и создания своего места в обществе. Новое окружение, новые люди и новые ожидания могут быть вызывающими и сложными. Некоторые студенты могут испытывать трудности в установлении отношений с однокурсниками, а также в поиске своего места в различных студенческих объединениях или организациях.

Все эти трудности и испытания могут отрицательно сказываться на активности, самостоятельности и участии студентов в жизни социума. Однако, важно помнить, что каждая трудность также представляет собой возможность для роста и развития. Студенты могут использовать эти испытания как стимул для поиска собственного пути и развития своих способностей. Важно поддерживать молодежь, предоставлять им возможности для самореализации и помощь в преодолении сложностей, чтобы они могли активно участвовать в решении актуальных проблем социума и вносить свой вклад в развитие общества.

Организация студенческого самоуправления на различных уровнях высшего учебного заведения, таких как студенческая группа, курс, факультет (отделение), играет важную роль в обеспечении активного участия студентов в жизни университета и формировании их личностных и профессиональных навыков. Вот некоторые основные аспекты организации студенческого самоуправления на различных уровнях:

**На уровне студенческая групп:**

- Проведение выборов председателя студенческого совета или старосты.
- Формирование команды представителей студентов.
- Проведение общегрупповых встреч, собраний.
- Организация культурных, спортивных и образовательных мероприятий.
- Передача обратной связи и предложений от студентов администрации.
- Защита интересов студентов на уровне группы.

**На уровне курса:**

- Сотрудничество между студенческими советами разных групп.
- Организация курсовых и общекурсовых мероприятий.
- Выборы представителей на факультетский студенческий совет.
- Участие в обсуждении вопросов, касающихся всего курса.

**На уровне факультета (отделения):**

- Участие в принятии решений:
- Представление интересов студентов на заседаниях факультетского совета.

- Участие в комитетах по различным вопросам.
- Обмен опытом между студенческими представителями с разных факультетов.
- Совместная организация мероприятий и инициатив.
- Передача предложений и обратной связи от студентов администрации университета.
- Участие в процессе принятия решений, касающихся образовательной политики.

Таким образом организация студенческого самоуправления на различных уровнях способствует развитию лидерских качеств, повышению активности студентов, а также улучшению образовательной среды в университете.

Оценка эффективности студенческого самоуправления включает в себя анализ конечных результатов учебно-воспитательной и социокультурной деятельности студенческой группы или курса. Важно учитывать не только академические показатели, но и широкий спектр факторов, охватывающих различные сферы студенческой жизни.

В целом, органы студенческого самоуправления выполняют ряд функций, направленных на улучшение студенческой жизни, обеспечение представительства интересов студентов и создание благоприятной образовательной среды.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Ефимов В.С., Лаптева А.В. Фазовые трансформации и будущее университетов. М: 2012. 382с.

2. Тулупов А.С. , Чернявский С.В., Столярова А.Н. Теоретическая и практические проблемы распределения и институционализация. Учебное пособие,-М . 2022 -160с.

3. Котова С.С Проектное обучения – инновационный подход к организации учебного процесса: Екатеринбург- 2022. 172-С.

4. Евстратовой Л.А. Проектное обучение : практика внедрения в университетах. Москва-2018.

5. Котова С.С. Сомостоятельная работа студентов: проектный подход: Екатеринбург - 2018. С-194.

6. Хиценко В.Е. От принципа неопределенности к контингентное //Материалы научного семинара "Самоорганизация устойчивых целостностей в природе и обществе". - Томск, - 1999

7. Хиценко В.Е. Модель жизнеспособной системы Стаффорда Бира //Менеджмент в России и за рубежом. - 1999. - № 4.

8. Хиценко В.Е. От принципа неопределенности к контингентное™ //Материалы научного семинара "Самоорганизация устойчивых целостностей в природе и обществе". - Томск, - 1999.;

9. Хиценко В.Е. Самоорганизация в социальных системах. Эволюционный менеджмент. Реф. обзор. - Новосибирск: НГТУ, 1993.;

10. Хиценко В.Е. Самоорганизация и менеджмент //Проблемы теории и практики управления. - 1996. - № 3.

## РОЛЬ САМОУПРАВЛЕНИЯ В СТАНОВЛЕНИИ И РАЗВИТИИ ОБЩНОСТИ УНИВЕРСИТЕТА

Данная статья исследует сущность и влияние самоуправления на становление и развитие университетской общности. Самоуправление рассматривается как важный инструмент формирования активного и ответственного участия студентов и персонала в университетской жизни. В статье анализируются различные аспекты роли самоуправления в создании устойчивого и демократического образовательного сообщества, а также его вклад в обеспечение эффективного управления университетом.

**Ключевые слова**: *самоуправление, университетская общность, демократия в управлении, устойчивость образовательного процесса, развитие университета, формирование ответственности, социальная интеграция, сбалансированный подход к*

*управлению, эффективность университетской жизни, коллективное принятие решений, личностное и профессиональное развитие, инновации в управлении образованием, самостоятельное развитие студентов.*

## НАҚШИ ХУДИДОРАКУНӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҶОМЕАИ ДОНИШГОҲӢ

Дар ин мақола моҳият ва таъсири худидоракунӣ ба ташаккул ва рушди ҷомеаи донишгоҳӣ баррасӣ шудааст. Худидоракуниро воситаи мухимми инкишоф додани иштироки фаъолона ва масъулиятноки донишҷӯён ва коллектив дар хаёти донишгоҳ мешуморанд. Дар мақола ҷанбаҳои гуногуни нақши худидоракунӣ дар ташкили ҷомеаи устувор ва демократии таълимӣ, инчунин саҳми он дар таъмини идоракунии самараноки донишгоҳҳо таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** *худидоракунӣ, ҷомеаи донишгоҳ, демократия дар идоракунӣ, устувории раванди таълим, рушди донишгоҳ, ташаккули масъулият, ҳамгироии иҷтимоӣ, муносибати мутавозин ба идоракунӣ, самаранокии ҳаёти донишгоҳ, қабули қарорҳои дастаҷамъӣ, рушди шахсӣ ва касбӣ, навоварӣ дар идоракунии таълим, рушди мустақилонаи донишҷӯён.*

## THE ROLE OF SELF-GOVERNMENT IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE UNIVERSITY COMMUNITY

This article explores the essence and influence of self-government on the formation and development of the university community. Self-government is seen as an important tool for developing the active and responsible participation of students and staff in university life. The article analyzes various aspects of the role of self-government in creating a sustainable and democratic educational community, as well as its contribution to ensuring effective university management.

**Key words:** *self-government, university community, democracy in management, sustainability of the educational process, university development, formation of responsibility, social integration, balanced approach to management, efficiency of university life, collective decision-making, personal and professional development, innovations in educational management, independent development of students.*

**Сведения об авторе**: *Тошматов Рахмиддин Нуриддинович – старший предподаватель кафедры менеджмента и туризма Института физической культуры Таджикистана им. С. Рахимова, соискатель Института развития образования им. А Джами Академии образования Таджикистана, г.Душанбе, E-mail: rahmidintosm…@gmail.com, тел: +(992) 937771084*

**Information about the author**: *Toshmatov Rahmiddin Nuriddinovich – senion lecturer of the Department of management and tourism of the lnstitute of physical culture of Tajikistan named after S. Rakhimov, Applicant if the IDE named after A. Jami. Dushanbe, E-mail: rahmidintosm…@gmail.com, tel: 937771084*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Тошматов Раҳмиддин Нуриддинович – омӯзгори калони кафедраи менеҷмент ва туризми Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов, унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ. E-mail: rahmidintosm…@gmail.com, тел: 937771084*

**УДК: 37,0 + 378 (075,8)**
**ББК: 74, 5 (2 тоҷ)**
**Д-14**

# МОҲИЯТИ ОМӮЗИШИ ОСОРИ НИЁГОН ОИД БА ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

*Давлатова Н. Ҳ.*
*Иззатова М. И.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

*Мактаби таълимоти ҳамагонӣ на танҳо илму дониш, балки бояд аз одамияту маънавиёт, одобу ахлоқ, ҳусни ботин сабақ диҳад, таҷрибаи зиндагӣ ва касбу ҳунар омӯзонад.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар раванди азнавсозии ҷомеаи соҳибихтиёр, яъне бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ дар баробари дигар соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа нақш ва мақому манзалати педагогикаи миллӣ, ба вижа афкори педагогии мутафаккирони бузурги халқи тоҷик дар таърихи ташаккул ва такомули афкори педагогии мардуми Шарқ басо калон ва муҳим буда, ҳамчун консепсияи асосии таълиму тарбия ва омили муҳимми такомули ахлоқӣ то замони муосир хизмат карда истодааст. Ба мутафаккирони бузурги халқи форсу тоҷик муяссар гашт, ки дар асоси таҷрибаи ҳаёт ва кашфиёту дастовардҳои илмӣ низом ва консепсияи ниҳоят мураккаб, аммо мавзуни таълиму тарбияро пешкаш кунанд, то дар давоми қарнҳо насли инсон дар асоси он таълиму тарбия ёфта, ба камол расанд.

Доир ба мавзуи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007 чунин таъкид карда буд: «Дар тули асрҳои зиёд аҷдоди хирадманди мо дар қаламрави зисти худ ва ҳатто берун аз он дар саргаҳи инқилобҳои бузурги зеҳниву ақлӣ карор доштаанд ва эҷодгарони фарҳанги пешрафта, бунёдгузорони давлатҳои соҳибқудрат ва муназзам, муаллифони осори ҷовидонаи илмҳои фалсафа, ҳуқуқ, тиб ва табиатшиносӣ буданд, ки ин осор садсолаҳои дароз хизмати инсониятро ба ҷо оварда ва имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодааст» [12, С.46].

Дар ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас нақши муҳимро омӯзиши осори ғании донишмандон, шоирон, нависандагон ва мутафаккирони гузаштаи ниёгонамон мебозад. Як нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик новобаста аз шуғлашон ба илмҳои ақливу нақлӣ ба таълиму тарбияи ҷавонону наврасон аҳамияти ҷиддӣ медоданд. Аз ин рӯ, осори ниёгони ҷаҳоншумули форс-тоҷик намунаи беҳтарини тарбияи насли наврас ба шумор меравад.

Устод Б. Ғафуров дар кадом замон ва ҳокимияти кадом подшоҳ умр ба сар бурдани Сайидои Насафӣ ва воқеяти таърихӣ маълумот дода, афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии шоирро мавриди таҳлил карор дода, чунин овардааст: «Умуман, Сайидои Насафӣ дар давлати хонии Бухоро нахустин шоирест, ки ошкоро ба ҳимояти аҳли меҳнат бархоста, сохти феодалиро сахт танқид кардааст. Ӯ ҳамчун шоири соҳибистеъдод, ифодакунандаи орзуву омоли табақаҳои меҳнатии аҳолӣ, хусусан ҳунармандон, баромад кардааст. Аҳли меҳнат ва баёни кайфияти он дар эҷодиёти ӯ мақоми марказӣ дорад. Сайидо дар ифодаи ақидаҳои пешкадами иҷтимоӣ ва таблиғи ғояҳои инсонпарварона аз муосирони худ хеле пеш гузаштааст. Дар шеърҳояш халқи меҳнаткашро ситоиш карда, бартарии онро аз дигар табақаҳои ҷамъияти таъкид менамуд, бо ҷасорати тамом изҳор мекард, ки иқтидори аҳли меҳнат дар иттиҳод аст, синфи ҳокимро ба ҷаҳолат ва бераҳмӣ гунаҳгор карда, ба зери тозиёнаи сахт мегирифт» [6, 83-84].

Лозим ба ёдоварист, ки дар давоми таърихи дуру дарози тамаддуни башарият мутафаккирони зиёде ба олам омаданд, ки дар ташаккул ва рушди илму фарҳанг,

маданияту маърифат ва ҳувийяту асолати халқу миллати хеш нақши беназире боқӣ гузоштаанд. Яке аз чунин мутафаккирони халқи тоҷики қарни XVII Миробид Сайидои Насафӣ мебошад, ки осори адабию педагогии ӯ аз доираи халқу миллат берун баромада, дар раванди таълиму тарбияи наслҳои зиёди халкҳои Осиёи Миёна, Шарқ ва дигар кишварҳои дуру наздики олам асрҳо боз хидмати арзандаеро анҷом дода истодааст.

Бояд зикр кард, ки Сайидои Насафӣ аз худ ба оламиён осори гаронбаҳо ва пурқимате мерос гузоштааст, ки он дар тули садсолаҳо аз имтиҳони бешумори ҳаёт гузашта, дар ҳама давру замонҳо дар ташаккулу такомули илму маърифат, фарҳанг, асолати милливу маданият, таълиму тарбияи насли ҷавон ва рушди ҷомеа хидмати бузургеро ба сомон расонидааст.

Омӯзиш ва таҳлили ашъори Сайидои Насафӣ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки шоир мақсаду мароми олии иҷтимоии инсонӣ, бой гардонидани ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии инсон, некию накукорӣ, ростию росткорӣ, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, инсонпарвариву башардӯстӣ, дӯстиву рафоқат, меҳнатдӯстиву ҳунармандӣ, омӯзиши илму дониш, боақливу хирадмандӣ, бофарҳангиву бомаърифатӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва дигар фазилатҳои неки ахлоқи одамиро тарғибу ташвиқ карда, бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлубе, ки ба рушду такомул, ривоҷу равнақ ва пешрафти риштаҳои ҳамаи соҳаҳои ҷомеа монеъ мешуданд, баромада буд.

Сайидои Насафӣ дар осори хеш, бештар аз ҳама, ба ташвиқу тарғиби фазилатҳои ахлоқи ҳамидаи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст, то ин ки мардум мутеи нафси баду саркаш, кибру ғурур, худпарастӣ ва хислатҳои бади одамӣ нагашта, балки дар ҳаёти хеш роҳи некию накукорӣ, инсонпарварӣ, ифтихори миллӣ, дӯстию рафоқат, ҳимматбаландӣ, худшиносию ҳақиқатпарастиро пешаи худ карда, соҳиби зиндагии орому осоишта ва бахту саодати инсонӣ гардад.

Дар таълимоти ахлоқии хеш Сайидои Насафӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ахлоқи инсон изҳори андеша карда, маҳз ҳамон нуқтаҳоеро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ҳар як шахсро ба сӯйи худшиносию худогоҳӣ ҳидоят карда, то ба дараҷаи инсони комил мерасонад.

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи афкори тарбиявии Сайидои Насафӣ, имрӯз, маҳз дар шароити нави муносибатҳои иқтисоди бозоргонии ҷумҳурӣ, ба аҳаммияти калон молик аст. Ба вижа, ақидаҳои ахлоқии ӯ дар ташаккул ва рушди хар як фарди ҷомеа ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии шахси ҳаматарафа рушдёфта, дар маҷмуъ дар раванди сохтмони давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қобили қабул ва таваҷҷуҳи махсус аст.

Адибони асри XVII тоҷику форс, хусусан, Сайидои Насафӣ, ба масъалаи меҳнат ҳамчун яке аз воситаҳои асосии тарбия баҳои баланд дода, дар он пеш аз ҳама, омили муҳимми зиндагии орому осуда ва хушбахтонаи инсонро дидаанд.

Интихоби дурусти касбу ҳунарро яке аз воситаҳо ва тарзу усули баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва раҳоӣ бахшидан аз тангдастиву эҳтиёҷмандии инсон медонистанд.

Сайидои Насафӣ дар «Баҳориёт», дар баробари масъалаҳои фалсафӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба масъалаи ахлоқӣ-маънавӣ, яъне тарбиявӣ, диққати махсус додааст. Мақсади асосии Сайидои Насафӣ дар «Баҳориёт» аз он иборат мебошад, ки хонандаро ба он бовар кунонад, ки ҳама гуна баҳсу мунозира ва ҷангу ҷидол оқибат ба сулҳу салоҳ ва оштии тарафайн оварда мерасонад. Ин ақидаи ӯ, мардумро ба хоксорӣ, ҳурмату эхтироми якдигар ва умуман ба фазилатхои неки инсонӣ ҳидоят мекунад, ки ин асоси афкори тарбиявии Сайидои Насафиро ташкил медиҳад.

Масъалаи меҳнат ва интихоби касбу ҳунарро инсон аз давраҳои хеле дури таърихӣ ҳамчун воситаи асосии ба даст овардани ризқу рӯзӣ ва файзу баракати зиндагии худ ҳисобида, ҳамеша дар талоши он буд, ки касбу ҳунареро аз бар карда, бо меҳнати ҳалолу покиза ҳаёти хешро осудаҳолона паси сар намояд. Дар ин росто, мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи мо дар осори хеш ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд. Онҳо ба меҳнат ва интихоби касбу ҳунар ҳамчун сарчашмаи боигарӣ, рушд ва камолоти ҷисмонию маънавӣ ва саодатмандию шарафмандии инсон баҳои арзанда дода, ҳар як шахсро ба меҳнатдӯстӣ, ҳурмату эҳтироми меҳнати дигарон ва умуман арҷ гузоштан ба

мардуми заҳматкаш ва омӯзишу интихоби дурусти касбу ҳунар даъват намудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки мавзуи меҳнат ва омӯзиши касбу ҳунар дар низоми андешаҳои педагогии мутаффакирони асри XVII-и форсу тоҷик мақом ва мавқеи ниҳоят муҳимро касб кардааст. Мутафаккирони бузурги тоҷик ба меҳнат ҳамеша ҳамчун сарчашмаи бавуҷудоии боигарӣ, ташаккул ва рушди ҷисмонию маънавӣ ва саодатмандии инсон баҳои баланд дода, дар асарҳои назмию насриашон ҳар як шахсро ба меҳнату меҳнатдустӣ ва омӯзишу интихоби дурусти касбу ҳунар даъват кардаанд.

Сайидои Насафӣ дар осори худ ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва омузиши касбу ҳунар аз ҷониби насли наврас диққати махсус дода, андешаҳои худро дар яке аз асарҳои машҳураш - «Шаҳрошӯб» ва ғазалҳояш баррасӣ кардааст.

Сайидои Насафӣ қимат ва бузургии меҳнатро дар эҷодиёти худ вобаста ба вазъияти воқеаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмию фарҳангии асри XVII-и тоҷику форс нишон дода, дар баробари ин зикр кардааст, ки дар ин давраҳои хеле тезу тунди таърихӣ мардум зери зулму золимӣ ва ҷафокашида ба вазъияти хеле вазнини иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор гашта, дар зери азобу шиканҷа буд. Мутафаккири бузург дар эҷодиёташ нишон додааст, ки мардуми заҳматкаш дар бештари холатҳо аз маҳсули меҳнати кардаашон бо таври бояду шояд, рӯзи нек ва зиндагии хубу гуворо надоштанд.

Низоми сиёсию иҷтимоие, ки дар он давр ҳукфармоӣ мекард, ба ривоҷу равнақ додани касбу ҳунарҳои гуногун шароити мусоид фароҳам оварда, мусоидат намекард. Шоҳону ҳокимони давр бошанд, бақадру қимати мехнат ва талошҳои шахсии ҳунармандон намерасиданд. Аз ин рӯ, ошкор мегардад, ки дар он замон на ҳама меҳнаткашону ҳунармандон мақому манзалати арзанда доштанд ва дар касби худ мавқеи хоссаро пайдо мекарданд. Бинобар ин, озодфикрони давру замон ба он даъват менамуданд, ки дар ҷамъият қадру қимат ва обруву эътибори шахси меҳнаткашу ҳунарманд баланд бардошта шавад.

Дар ин хусус, академик Ғафуров Б. Ғ. чунин овардааст: «Дар давлати Чаниён шароит барои тараққиёти касбу ҳунар ва тиҷорати дохилию хориҷӣ хеле номусоид буд ва бақадри авҷ гирифтани низоъҳои салтанат талабӣ ва чангҳои феодалӣ боз ҳам бадтар мешуд. Баъзе шаҳру вилоятхо чунон дучори тороҷ ва харобӣ мегардиданд, ки пас аз ин муддати дуру дарозе ба худ омада наметавонистанд» [6,75].

Бояд тазаккур дод, ки Сайидои Насафӣ амирон ва амалдоронеро, ки худ меҳнат накарда, ба таври муфт боигарӣ ба даст медароварданд, аз ҳамин ҳисоб бебаркаш ба дигарон, хусусан ба лаббайгуён ва маддохони дарбор ва хориҷ, тухфаю инъомҳои зиёд мекарданд, зери танқид гирифта, мардумро ба софдилона меҳнат кардан ва танҳо аз ҳисоби меҳнати худ комронӣ кардан роҳнамоӣ кардааст.

Падару модар ва тарбиядиҳандагонро даъват кардааст, ки фарзандону шогирдонро аз синни хурдсолӣ дар руҳияи мехнатдустӣ тарбия намоянд. Ба андешаи Сайидои Насафӣ, ҳаёти инсон бе меҳнати ҳалолу покиза маънолю мухтавое надорад. Меҳнат ба одамон на фақат боигарию хушбахтӣ мебахшад, балки дар вуҷуди онҳо ҳисси зебоиро бедор карда, сифатҳои зебописандии онҳоро ташаккул ва рушд медиҳад.

Сайидои Насафӣ дар осори хеш оид ба масъалаи тарбияи меҳнатии насли наврас ва намудҳои гуногуни ҳунармандӣ маълумот додаст.Ӯна фақат дар бораи меҳнат ва ҳунари бофанда, оҳангар, заргар, дуредгар, хиштрез, қассоб, гилкор, собунпаз, дегрез, музадӯз, рехтагар, арзанкор маълумот медихад, балки хонандаро ба хусусиятҳои хосси ҳар як касб шинос карда, ба ин васила кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар дили ӯ нисбат ба онҳо меҳру муҳаббат ва шавқро эҳё кунад. Аҳаммияти таълимию тарбиявии шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидои Насафӣ аз диди дигар дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷомеаи муосири мо ҷавонон аз рушд ва такомули босуръати касбу ҳунарҳои гуногун дар асри XVII ва маҳорату малака ва санъати баланди соҳибкасбони моҳири ҳамон давр бохабар гашта, ба ин васила фаҳмида мегиранд, ки чӣ гуна мардуми тоҷик соҳибҳунару соҳибкасбони моҳирро то ба имрӯз тарбия намуда, ба воя мерасонидааст.

Дар ин самт, нуқтаи муҳимми дигаре, ки Сайидои Насафӣ дар назди шахси мехнатдӯсту ҳунарманд мегузорад, ҷиддан ва сидқан аз таҳти дил ба меҳнат гаравидан ва

ба ин васила ба мардум, ҷамъият нафъ овардан аст. Масъалаи меҳнат кардан ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кардан дар шароити муосир ҳам, яке аз вазифаҳои муҳим дар раванди таълиму тарбияи насли ҷавон ба ҳисоб меравад.

Дар ин росто бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010, №499 «Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумхурии Тоҷикистон» тасдиқ шуда мавриди амал қарор дорад, ки санади мазкур дар марҳилаи нави таърихӣ моҳият, максаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи меҳнатӣ ва рахнамоии касбии хонандагонро ба танзим даровwarда, накш ва мақоми онро дар ташаккули шахсият мукаммал месозад. Вобаста ба талаботу татбиқи санади зикршуда дар замони муосир бобати дурусту мақсаднок ба роҳ мондани интихоби касб миёни насли наврасу ҷавонон зарур мешуморем, ки муасссисаҳои таълимии кишвар тадбирҳои зеринро амалӣ намоянд:

- ҷиҳати гузаронидани корҳои бонизом, тахассусӣ ва маҷмуӣ оид ба раҳнамои касбӣ шароити мусоид фароҳам оранд;

- дар раванди таълиму тарбия муносибати бошууронаи хонандагонро ба интихоби касб мувофиқи шавқу ҳавас, майлу рағбат ва қобилиятҳои ҳар кадом бо назардошти талаботи маҳал ба касбҳо ваҳунарҳои мардумӣ ба роҳ монда ташаккул диханд;

- хонандагонро берун аз дарс ба эҷодиёти техникию бадеӣ ва баланд бардоштани нақши эҷодиёт дар интихоби касб ҷалб созанд;

- дар раванди фаъолияти таълимӣ ва берун аз таълим бо толибилмонро ба фаъолияти муассисаҳои таълимии касбӣ, касбҳо ва ихтисосҳо, муассисаю ташкилотҳо ва дурнамои инкишофи онҳо шинос намоянд.

Дар қисмати тарбиятии илми педагогикаи анъанавӣ асосан ба масъалакои тарбияи шахсу шахсият, тарбияи чаҳонбинй, тарбияи маънавӣ, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи эстетикӣ диққат дода мешавад, ки дархости ҷомеаро таъмин менамояд.

Дар таркиби фанни Технология (таълими меҳнат) ё мавзуи тарбияи меҳнатӣ омӯхтани касбу ҳунарҳои мардумӣ хеле муҳим аст.

22 декабри соли 2017, аз тарафи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат эълон шудани «Соли 2018- соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва 26 декабри соли 2018 бошад «Солҳои 2019-2021 -соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ» ба мардуми кишвар шароит фароҳам овард, ки касбу ҳунарҳои анъанавии худро, ки таърихи ҳазорсолаҳо дорад, эҳё кардаву равнақ диҳанд ва ба касбу ҳунарҳои замонавӣ даст зананд. [12, 23].

Ҳулоса, андешаи тарбиявие, ки оид ба мавзуи мазкур Сайидои Насафӣ пешниҳод карда буд, дар шароити имрӯзаи ҷомеа яке аз вазифаҳои муҳимми соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ба ҳисоб рафта, дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос нақши бузург мебозад.

Сайидои Насафӣ оид ба меҳнати чарчинфурӯш дар оғози асараш «Шаҳрошӯб» чунин овардааст:

Бути чарчинфӯрушам зад ба санг ойинаро рӯяш,
Зи ғайрат моҳи навро сӯхта чаҳмоқи абрӯяш.
Чу шона пеши ӯ бо сад забон хомӯш биншинам,
Суханро мекунад миқроз лабҳои сухангӯяш….[13, 176].

Ба андешаи Сайидои Насафӣ, меҳнати ҳунари чарчинфурӯш сифатҳои ба монанди, фаъолиятнокӣ, масъулиятшиносӣ, пуртоқатӣ, ташаббускорӣ, ботамкинӣ, хушмуомилагӣ, хушдорӣ, бодиққатӣ ва ғайраро ташаккул ва такомул додааст.

Сайидои Насафӣ дар дигар ҷой дар бораи ҳунармандӣ ва меҳнати заргар андешаронӣ кардааст:

Ҳар кӣ як дам ҳамдами он дилбари заргар шавад,
Санг гирад лаъл гардад, хок гирад зар шавад.
Дилбари заргар, ки бошад рашки Моҳу Муштарӣ,
Хонаи худ бурдам ӯро бар забони заргарӣ.

Диламро он маҳи заргар чу зар дар тоб месозад,
Ба дасташ ҳар чӣ меафтад ҳамон дам об месозад [9, 435].

Сайидои Насафӣ аз навиштани ин мисраъҳо хонандаро ба меҳнатдустӣ, ҳурмату эҳтиром нисбат ба аҳли меҳнат, ҳунарманд ва дарк намудани зебоию зебоипарастӣ даъват кардааст.

Ба қавли Сайидои Насафӣ, шустагар дар рафти иҷрои вазифааш бо меҳнате, ки ӯ иҷро менамояд, каси бинандаро то андозае ба ваҷд меорад, ки дар дили ӯ нисбати касби мазкур нишоту сурур мебахшад.

Аз маҳсули меҳнати шустагар либосҳои одамон тозаю озода гардида, бо ин тарзи кораш либос, тан ва руҳи вайро пок, тоза ва зебою дилрабо месозад.

Сайидои Насафӣ падару модар ва тарбиятгаронро даъват намудааст, ки кӯдаконро аз синни хурдсолӣ дар руҳи мехнатдустӣ ва интихоби дурусти касбу ҳунар тарбия намоянд, то ин ки онҳо баъди ба камол расидан ба шахси танбалу муфтхӯр ва бе касбу ҳунар табдил наёфта, аз ҳисоби меҳнати дигарон зиндагӣ накунанд.

Дар ин радиф, ҳамин нуқтаро бояд зикр намоем, ки дар шароити ҷомеаи муосири мо низ масъалаи таъмини мардум ба ҷойи кор, мутахассисони баландихтисос, омӯзонидани касбу ҳунари зарурӣ, яъне тибқи талаботи иқтисоди бозоргонӣ яке аз масъалаҳои умда ба шумор меравад. Оид ба мавзуи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳори андеша карда буд: «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии вазъи ногувор дар бозори меҳнат ва умуман дар соҳаи хифзи иҷтимоӣ ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ набудани сифати захираҳои мехнатӣ мебошад».

Барои он ки халқи Тоҷикистон аз буҳрони иқтисодӣ баромада, камбизоатии мардумро аз байн бардорад, бояд рӯ ба меҳнат оварда, касбу ҳунарҳоеро ба насли ҷавон омӯзонад, ки ба талаботи муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯ бошад.

Яке аз хусусиятхои хосси асарҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидои Насаӣ дар он мебошад, ки ӯ дар хусуси ҳар як ҳунарманде, ки дар ин ё он касбу ҳунар номдор шуда, маҳорат ва малакаи муайянро ҳосил карда бошад, маълумоти кофӣ дода, хонандаро ба нозукиҳои характери касб, ҳунари вай шинос менамояд. Аз ин назар, «Шаҳрошӯб» ва дигар асарҳои Сайидои Насафӣ, ки баҳунармандону косибон бахшида шудаанд, дорои хусусиятхои тарбиявӣ мебошанд.

Сайидои Насафӣ меҳнат ва ҳунари нонпазро васф карда, хонандаро аз мақоми ӯ огоҳ сохта, аз рӯйи ҳақиқат ва ба таври бovarибахш зикр кардааст, ки бе нонҳои пухтаи ин ҳунарманд зиндагии ҳар як инсон ва ҳатто пешрафти ҷомеа низ номумкин аст.

...Тануri оташам аз иштиёқат,
Дилам бошад ҳалоки нони қоқат.
Сухан аз элакаш гӯям ба парда,
Рами ӯ устухонам орд карда.
Тамошояш ба ҷонам оташ афрӯхт,
Маро рухсори гандумгини ӯ сухт… [9, 259].

Чӣ тавре маълум мегардад, Сайидои Насафӣ ҳамчун шахси фаъол ва ватандӯсту инсонпарвар хизмати офарандагони неъматҳои моддию маънавиро дар ҷомеа махсус қайд карда, одамони дигарро барои хизмат ба халқ, ба меҳнати ҳалолу покиза ва истеҳсоли сарватҳои бебаҳо даъват кардааст.

Таҳлили осори Миробид Сайидои Насафӣ оид ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва омӯзиши касбу ҳунар ва аҳаммияти тарбиявии он моро ба чунин хулоса водор месозад, ки ӯ меҳнат ва интихоби дурусти касбу ҳунарро ҳамчун восита ва тарзу усули беҳтарини раванди тарбияи насли наврас ҳисобида, дар он, пеш аз ҳама, яке аз омилҳои асосии ташаккул ва рушд ёфтани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ҷисмонии шахсият ва ба камолот расидани онро дидааст.

Таҳқиқ ва омӯзиши осори педагогии ниёгонамон ба вижа Сайидои Насафӣ имкон дод, ки ба хулосаи зерин биоем:

- омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили осори адабӣ ва илмии намояндагони бузурги фарҳанги

халқи тоҷик метавонад дар ташаккул ва рушди сифатҳои волои ахлоқи ҳамида ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии наслҳои оянда нақши боризеро бибозад;

- масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас дар шароити рушди ҷомеаи муосир аз мо ҳарчӣ беҳтар ва босифаттар истифода намудани осори пурғановати мутафаккирони халқи тоҷику форсро тақозо дорад;

- Сайидои Насафӣ дар низоми консепсияи тарбиявии худ оид ба паҳлуҳои гуногуни ахлоқӣ инсон изҳори андеша карда, маҳз ҳамон нуқтаҳоеро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ҳар як шахсро ба сӯйи худшиносию худогоҳӣ ҳидоят карда, то ба дараҷаи инсони комил мерасонад. Ба ақидаи шоир, мардум бояд ба пуррагӣ ва осонӣ сарфаҳми моҳияти ахлоқи ҳамида рафта, дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аз рӯйи меъёрҳои он рафтор ва муносибатҳои хешро амалӣ гардонанд;

Бо мақсади баланд бардоштани сифати раванди тарбияи насли наврас зарур мешуморем, ки андешаҳои зерин амалӣ карда шаванд:

1. Дар қисмати «Назария ва мундариҷаи тарбия»-и фанни «Педагогика» масъалаи омӯзиши осори педагогии Сайидои Насафиро, вобаста ба мавзуъҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон, тарбияи меҳнатӣ, омӯзиш ва рушди шавқу рағбатҳои хонандагон ба касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷой додан аз манфиат холӣ нест.

2. Бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ихтисосҳои филологии коллеҷҳои омузгорӣ, донишкадаҳо ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ташкил намудани семинарҳо, курсҳои махсус ва дарсҳои факултативӣ оид ба афкори тарбиявии Сайидои Насафӣ мувофиқи матлаб мебуд.

**АДАБИЁТ:**

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. - Душанбе, 1997.
2. Абӯҳамид Муҳаммад Ғаззолӣ. Кимиёи Саодат. Нусхаи китобхонаи Фирдавсӣ. - 865.
3. Абуалӣ ибни Сино. Пирӯзнома. - Душанбе: Маориф, 1980. - 102 с.
4. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вакоеъ». - Душанбе: Ирфон, 1985. - 325 саҳ.
5. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовнонравственных убеждений учащихся начальных классов: автореф. дис....д-ра пед. наук: 13.00.01 / Гулмадов Ф. - Душанбе, 2016. - 45 стр.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Ч,. 1, 2. - Душанбе: Ирфон, 1998, 1120 саҳ.
7. Консепсияи тарбияи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006. - 24 саҳ.
8. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам. - Душанбе, 1997. - 148 саҳ.
9. Миробид Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. -Душанбе: Ирфон, 1977. –С. 707.
10. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон: Сталинобод, 1977. - 198 саҳ.
11. Мирзозода Х. Дар бораи Девони мунтахаби Сайидои Насафӣ // Тоҷикистони сурх. - 1944. 27 сентябр. - С. 8.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Мулоқот бо зиёиёни мамлакат, соли 2020

## МОҲИЯТИ ОМӮЗИШИ ОСОРИ НИЁГОН ОИД БА ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи афкори тарбиявии Сайидои Насафӣ, имрӯз, маҳз дар шароити нави муносибатҳои иқтисоди бозоргонии ҷумҳурӣ, ба аҳамияти калон молик аст. Ба вижа, ақидаҳои ахлоқии ӯ дар ташаккул ва рушди ҳар як фарди ҷомеа ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии шахси ҳаматарафа рушдёфта, дар маҷмӯъ дар раванди сохтмони давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қобили қабул ва таваҷҷуҳи махсус аст.

Сайидои Насафӣ, ба масъалаи меҳнатдӯстӣ, омӯзиши касбу ҳунар ва аҳамияти иҷтимоии он ҳамчун яке аз воситаҳои асосии тарбия баҳои баланд дода, дар он пеш аз ҳама, омили муҳими зиндагии орому осуда ва хушбахтонаи инсонро дидаанд.

Ҳадафи асосии мақолаи мазкур таҳлили осори ғанию камомӯхташудаи донишманди асримиёнагии форсу тоҷик Сайидои Насафӣ мебошад, ки тавассути осору ашъораш ва таълими шогирдонаш ба омӯзишу парвариши насли наврас, касбу ҳунаромӯзии онҳо диққати махсус додааст. Инчунин муайян кардани нақши ақидаҳои педагогии Сайидои Насафӣ дар ҷараёни омӯзишу парвариши насли наврас дар ҷомеаи муосир ва роҳҳои ҷустуҷӯю татбиқи он дар илми педагогика ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо**: *касбу ҳунар, меҳнатдӯстӣ, таълиму тарбия, тараққӣ кардан, ахлоқи ҳамида, бофанда, оҳангар, заргар, дуредгар, музадӯз.*

## СУЩНОСТЬ ИЗУЧЕНИЯ НАСЛЕДИЯ ПРЕДКОВ ОТНОСИТЕЛЬНО ВОЗРОЖДЕНИЯ НАРОДНЫХ РЕМЕСЕЛ

Сегодня в новых условиях рыночной экономики республики большое значение имеет всестороннее изучение и исследование просветительских идей Саидои Насафи. В частности, особенно приемлемы его нравственные идеи в становлении и развитии каждой личности в обществе и обогащении духовного мира всесторонне развитой личности, в целом, в процессе построения правового и светского государства.

Сайидои Насафи высоко ценил вопрос о трудолюбии, профессиональном обучении и его общественном значении как одном из главных средств воспитания и видел в нем, прежде всего, важный фактор мирной и счастливой жизни.

Основной целью данной статьи является анализ богатейших и малоизученных произведений средневекового персидского таджикского ученого Саидои Насафи, который посредством своих произведений и обучения своих учеников уделял особое внимание обучению и воспитанию подрастающего поколения, их профессиям и обучению. Это также определение роли педагогических идей Насафи в процессе обучения и воспитания подрастающего поколения в современном обществе, а также путей его поиска и применения в педагогической науке.

**Ключевые слова:** *профессия, трудолюбие, воспитание, развитие, нравственность, ткач, кузнец, ювелир, плотник*.

## THE ESSENCE OF STUDYING THE ANCESTRAL HERITAGE REGARDING THE REVIVAL FOLK CRAFTS

Today, in the new conditions of the market economy of the republic, the comprehensive study and research of the educational ideas of Said Nasafy is of great importance. In particular, his moral ideas in the formation and development of each individual in society and the enrichment of the spiritual world of a well-rounded individual, in general, in the process of building a law-governed and secular state are particularly acceptable.

Sayyid Nasafy highly valued the issue of hard work, vocational training and its social significance as one of the main means of education, and saw in it, above all, an important factor in a peaceful and happy life.

The main purpose of this article is to analyze the richest and little-studied works of the medieval Persian Tajik Saidoi Nasafi, who, through his works and the education of his students, paid special attention to the education and upbringing of the younger generation, their professions and training. It is also a definition of the role of Nasafi's pedagogical ideas in the process of teaching and educating the younger generation in modern society, as well as ways to find and apply it in pedagogical science.

**Keywords:** *profession, diligence, education, development, morality, weaver, blacksmith, jeweler, carpenter, mercenary.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Давлатова Н. Ҳ., н. и. п., кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел: 985 40-22-02*

*Иззатова М.И.., д. и. п., профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел: (+992) 918263535*

**Сведения об авторах:** *Давлатова Н. Х., к. п. н., доцент общеуниверситетской кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки Адрес: РТ, 735360, г.Куляб, улица С.Сафарова -16.Тел: 985 40-22-02*

*Иззатова М. И.., д. и. п., профессор кафедры дошкольного обучения и социальной работы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки Адрес: РТ, 735360, г.Куляб, улица С.Сафарова -16.Тел: (+992) 918263535*

**Information about the authors:** *Davlatova N.- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Pedagogy, Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: RT, 735360, Kulyab, S. street Safarov 16. Тел: 985 40-22-02*

*Izzatova M.I., D. I. P., Professor of the Department of Preschool Education and Social Work of the Abuabdulloh Rudaki Kulyab State University Address: RT, 735360, Kulyab, S.Safarova Street -16.Tel: (+992) 918263535*

**ТДУ (УДК)-159.9**
**ТКБ (ББК) -88.8**
**А-17**

## КОНСЕПСИЯҲОИ НАЗАРИЯВИИ ХУДАМАЛИСОЗӢ ДАР СИННИ ҶАВОНӢ

***Ахмедова Ф. В.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Бори аввал мафҳуми «худамалисозӣ» аз ҷониби К.Голдштейн ворид карда шуда, онро намояндагони психологияи гуманистӣ фаъолона омӯхтаанд. Асоси фаҳмиши ин мафҳумро амалисозии озодонаи иқтидору имконият ва равонашавӣ ба оянда ташкил медиҳад (А. Маслоу, К. Голдштейн, К. Роҷерс, Р. Ассаджоли ва диг.). Якчанд консепсияи асосӣ ва дидгоҳҳо оид ба мавзуи худамалисозӣ вуҷуд доранд, ки баъзе аз онҳоро баррасӣ менамоем:

Консепсияи якуми худамалисозӣ консепсияи Курт Голдштейн мебошад. Дар ибтидо худамалисозӣ ҳамчун талаботи организми инсон барои амалисозии иқтидори модарзодӣ тафсир шуда буд. Ба ақидаи К.Голдштейн, анҷом додани талаботи худамалисозӣ, ки дар организм нуҳуфтааст, ногузир боиси низоъ бо олам гардида, танҳо тавассути мубориза ва муқобилат метавонад амалӣ гардад. Ҳамчунин ӯ таъкид кардааст, ки худамалисозии як инсон танҳо ба шарофати сар фаровардани шахси дигар имконпазир аст, имконияти баробар инкишоф ёфтани ду шахс танҳо дар сурати мавҷудияти муҳаббат - шакли олитарини худамалисозӣ метавонад имконпазир гардад. Дар таълифоти минбаъдаи муҳаққиқ бознигарии ақидаҳо рӯй дода, дар онҳо ҳам олами атроф, ҳам одамон на монеа, балки «шарти ҳатмӣ»-и худамалисозӣ дониста шудаанд. Инсон фақат ҳамон вақт ба худамалисозӣ ноил гашта метавонад, ки шарафмандона тамоми монеаҳо ва талаботи оламро бартараф намояд.

Дар консепсияи Карл Р.Роҷерс худамалисозӣ идеале мебошад, ки инсон ба сӯйи он тамоми умр ҳаракат мекунад ва зимнан қобилияти худро амалӣ намуда, ба мавқеи «инсони пурра амалкунанда» наздик мешавад. Дар таҳқиқоти худ ӯ худамалисозиро чун тамоюли модарзодӣ ва биологии дар инсон нуҳуфта барои фаъолгардонии қобилият ва кӯшиш барои рушду нумӯъ баррасӣ менамояд. Ҳамчунин, Роҷерс ба шароите таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, ки дар онҳо шахсияти худамалисозанда ташаккул меёбад. Ӯ чунин мешуморид, ки ба натиҷаҳои бештар ҳамон вақт ноил метавон шуд, ки агар ба шахсият фишор наоварда, балки баръакс, барои рушди ӯ шароити мусоид фароҳам оварда шаванд, зеро инсон аз лаҳзаи тавлид ба қабул кардан, эҳтиром нисбат ба худаш ниёз дорад ва ба ӯ ҳамчун офаридаи арзишаш баҳснопазир муносибат бояд кард. Аммо дар тӯли ҳаёт инсон метавонад аз ҷониби волидайн ва ҷомеа таҳти фишор қарор гирифта,худро ба қолабҳои одамони дигар мувофиқ гардонад, то ки «хуб» бошад [0] .

Чунон ки амалия нишон дод, чунин дидгоҳ дар мавриди муносибат бо кӯдакон ва онҳое, ки ба психотерапия муҳтоҷанд, хеле хуб ба кор меомад, аммо татбиқи он нисбат ба одамони калонсоли солим натиҷаҳои баҳсангез додааст. Роҷерс ба рушди педагогикаи гуманистӣ ва психотерапия мусоидат карда, ба мавҷудияти ядрои солим дар шахсияти инсон бовар дошт, ки аз он ҳамчун аз тухмӣ зимни шароити мусоид шахсияти солиме ба воя мерасад, ки ба нумӯъ, рушд ва худтакмилдиҳӣ қобил буда, зоҳиран ва ботинан мутаносиб аст [0].

Консепсияи худамалисозии А.Маслоу, ки дар китоби ӯ «Маром ва шахсият» («Мотивация и личность») баён гардидааст, то имрӯз аҳамияташро гум накардааст ва дар психологияи муосир нақши калидӣ дорад. Ба ақидаи ӯ, ҳар як инсон аз лаҳзаи тавлид як қатор талабот дорад ва дар пирамидаи ба худ хосси талаботот худамалисозӣ дар зинаи баландтарин ҷой гирифтааст. Барои он, ки кӯшиш барои худамалисозӣ ба талаботи муҳимми инсон табдил ёбад, қонеъ гардонидани тамоми зинаҳои поёнии ин пирамида зарур мебошад.

А.Маслоу чунин мешуморад, ки худамалисозӣ раванди давомдор буда, кори доимӣ дар самти рушди сифатҳои шахсияти худ ва қобилияти худ то сатҳи ҳаддал имкон аст. Агар дар инсон талабототи дигари пойгоҳӣ фаъолона зоҳир гардада, боз шакли музмин ҳам дошта бошанд, он гоҳ чунин инсон носолим аст [0].

Дар таълифоти дертараш А.Маслоу «пирамидаи талаботот»-и бисёрзинаро бознигарӣ карда, танҳо ду навъи талаботро муайян кардааст: а) «дефитситӣ», ки норасоии ягон чизро нишон дода, мутаносибан, қонеъшаванда мебошанд; б) талабототи олӣ - «вобаста ба ҳастӣ», ки қонеънашаванда мебошанд, зеро рушду нумӯи инсон раванди беинтиҳоро дар назар дорад. Дар ҳолати идеалӣ чунин назария бояд барои тағйироти куллӣ дар сохти ҷомеа замина мегузошт, ки низоми таҳсилоти он бо сарварии омӯзгорон, мураббиён ва психологҳо ҳамчун намунаи ибрат наслеро тарбия хоҳанд кард, ки барои худамалисозӣ кӯшиш дорад.

Ҳамин тавр, инсоне, ки ба худамалисозӣ ноил гардидааст, бояд ба дигарон ҷиҳати расидан чунин натиҷаҳо ёрӣ диҳад. Мушоҳида ошкор менамояд, дар низоми имрӯзаи таҳсилот ба ҳамин монанд тамоюлҳо ва стратегияҳои рушд, стандартҳо пайдо шудаанд [0].

Дар консепсияи худамалисозии Г.Олпорт аввалин бор тасаввурот оид ба шахси комил ворид карда шуд, ки ба ақидаи ӯ, шахсияти худамалисозанда мебошад. Ҳамчунин ӯ як қатор меъёрҳоеро муайян кард, ки ба шахсияти комил (худамалисозанда) хос аст:

1. Ҳудудҳои густурдаи сарҳадии «Ман», ки ин ҳиссиёт дар кӯдакӣ ташаккул ёфта, дар тӯли зиндагӣ густариш меёбад.
2. Қобилият барои муносибатҳои наздики байнишахсӣ.
3. Баҳои мувофиқ додан ба рӯйдодҳо,ба худ ва имконияти худ.
4. Худшиносӣ, ҳисси фалсафии зарофатӣ.
5. Ба ӯ ақидаҳои ҳаётии фалсафӣ хос мебошанд [0].

Худамалисозӣ вобаста ба хусусияти зоҳиршавӣ ба навъҳои гуногун тақсим мешавад. Чунончи, худамалисозие, ки табиӣ ва вобаста ба рушду нумӯи организм ҷараён мегирад, заиф ба шумор меравад. Аз тарафи дигар, худамалисозии эҳтиёткорона вуҷуд дорад, ки тарафдори он К.Роҷерс буд. Ҳамчунин ӯ худамалисозии чуқур (рушду нумӯи чуқури инсон) ва сатҳиро (худамалисозии худ - амалисозии қобилияти малакаҳои аллакай вуҷуддошта) фарқ мекунанд.

А.С. Шаров, ки муаммои таҳсилот ва рушди инсонро дар фарҳанг омӯхтааст, ба раванди кӯшиш барои аҳамиятнок будан - ба ифодаи асосии феноменологии худи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Ин ҳиссиёт ба инсон имкон медиҳад, то таҷрибаи зоҳирии худ ва табиати ботиниашро муқоиса намояд, ҳамчунин ба дарки воқеият ва мавқеи худ дар олам мусоидат мекунад [0].

Ҳамин тавр, дар психология имрӯз консепсияи ягонаи худамалисозӣ вуҷуд надорад, аммо як қатор консепсияҳои асосӣ ҳастанд, ки моҳият ва ҷанбаҳои раванди худамалисозиро инъикос менамоянд. Худамалисозиро чун кӯшиши инсон барои

муайянкунии пурратар ва рушди имконияти шахсиятии худ, ошкор намудани иқтидори худ фаҳмидан мумкин аст, ки самти арзишӣ-маъноии инкишофи инсонро таъйин мекунад.

Дар раванди омӯзиши муаммои худамалисозӣ дар синни ҷавонии мактабӣ қонунияти синну солии рушди мактаббачагонро ба назар гирифтан муҳим аст, ки ба характери мароми таълимии онҳо таъсир мерасонанд. Қайд бояд кард, ки ба ҳар як марҳалаи синну солӣ на танҳо маҷмуи хусусиятҳои алоҳида, балки хусусиятҳои ба худ хоси сохтори шахсияти кӯдак ва мавҷудияти тамоюлҳои барои марҳалаи мазкур хоси рушди ӯ, хусусиятҳои ҳаёти эмотсионалӣ, дарки воқеияти мактабӣ ва муносибат ба он мувофиқанд. Ба иборати дигар, тавсифи психологии синну солии кӯдакро на хусусиятҳои алоҳидаи ӯ, балки сохтори дар ҳар марҳала гуногуни шахсияти ӯ, тағйирёбии ҳиссиёту таассуроти бо таҳсил алоқаманд таъйин мегардад.

Ба таҳлили омилҳое шурӯъ мекунем, ки хоҳиши кӯдакро барои худамалисозӣ дар фаъолияти таълимӣ муайян мекунанд. Дар ин қарина олимон махсусан ба таҳқиқи хусусиятҳои шавқу рағбати маърифатӣ дар синни ҷавонии мактабӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ки аз шавқу рағбат ба мундариҷаи фанҳои таълимӣ, ба раванди иҷрои амалиёти таълимӣ, унсурҳои бозӣ дар рафти дарсҳо ва ғайра иборатанд.

Дар таҳқиқоти психологӣ зимни баррасии масъалаҳои таъсири ташаккули мароми таълимӣ ба худамалисозии ҷавонони синни мактабӣ аз ҷониби омӯзгор баҳо додани сифати фаъолияти таълимӣ ва рафтори хонанда ҷойгоҳи назаррас дорад. Б.Ананев қайд мекунад, ки байни маромҳои гуногуне, ки хонандаро барои расидан ба натиҷаҳои баланд дар раванди фаъолияти таълимӣ водор менамояд, яке аз маромҳои асосӣ маҳз баҳои омӯзгор ба донишҳои азхудкардаи ӯ мебошад. Бо ёрии маводи озмоишӣ муҳаққиқ хусусиятҳои худамалисозӣ ва таъсири баҳои педагогро ба рушди хонандагон нишон додааст. Он дар ду самт зоҳир мешавад:

а) самтбахшанда, яъне ба кори зеҳнии мактаббача таъсир расонида, ба дарки сатҳи ноилшудаи азхудкунии мавод мусоидат менамояд;

б) таҳрикдиҳанда, ки ба соҳаи аффектӣ-иродавии хонанда тавассути аз сар гузаронидани комёбӣ ва нокомӣ, ба ташаккули дараҷаи иддао, ниятҳо, хоҳиш барои машғул шудан бо ягон навъи фаъолият ва худамалисозӣ таъсир мерасонад [0, с.51].

Дар фасли мазкур мо дидгоҳҳои асосиро нисбат ба фаҳмиши муаммои кӯшиши худамалисозӣ дар синни ҷавонӣ баррасӣ менамоем. Фаҳмиши падидаи мазкур пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки кӯшиши худамалисозӣ ба ин ё он андоза дар ҳар як инсон ҷой дошта, дар рушди шахсият нақши муайяне дорад.

Истилоҳи «худмуайянкунии кӯшиши худамалисозӣ» дар психология аввалин бор аз ҷониби муаллифи назарияи рушди когнитивӣ Жан Пиаже ворид карда шуд (1923). Кӯшиш барои худамалисозӣ мавқеи маърифатии фард аст, ки асоси онро қобилияти объективии ба ақидаи дигарон, худро гузошта натавонистан, тамаркуз ба нигоҳи олами худ (дар идрок, тафаккур, мавқеи шахсият) ташкил медиҳад.

Пиаже пайдоиши кӯшиши худамалисозиро дар мувофиқат бо марҳалаҳои рушди зеҳн баррасӣ кардааст. Дар марҳалаи худмуайянкунии сенсомоторӣ (0-2 солагӣ) кӯдак барои ҷудо кардани худ аз олами беруна шуруъ мекунад. Ба марҳалаи тоамалиётӣ (2-7 солагӣ) худмарказӣ (эгосентризм) хос буда, ба кӯдак дарк кардани нуқтаи назари каси дигар душвор аст, ӯ фикр мекунад, ки ҳама олами атрофро айнан мисли ӯ дарк мекунанд.

Кашфиёти муҳимтарини Пиаже зоҳиршавии худмарказӣ дар нутқи кӯдаки 3 сола аст, ки натиҷаи дарки олам буда, манзараи «воқеии»субъективии оламро ифода менамояд, ки «Ман»-и кӯдак дарк мекунад ва он аз муҳити рушду нумӯи ӯ ҷудонашаванда аст.

Мувофиқи назарияи Ж.Пиаже кӯшиши худамалисозӣ вазифаи иртиботиро иҷро намекунад, барои инсон танҳо таваҷҷуҳ аз ҷониби ҳамсуҳбат муҳим аст, аммо ӯ барои тарафдори ақидаи ҳамсуҳбат шудан кӯшиш намекунад [0]. Дар марҳалаи амалиёти мушаххас (7-10 солагӣ) бошад аз соҳаи идрок танг карда баровардани худмарказӣ сурат мегирад.

Аҳамияти далелҳои озмоишии таҳқиқоти Пиаже дар он аст, ки ба шарофати онҳо падидаи хеле муҳимми психологӣ кашф гардид - мавқеи зеҳнии кӯдак, ки муносибати ӯро ба олами ҳастӣ таъйин менамояд. Пиаже худмарказиро ҳамчун реша, асоси тамоми хусусиятҳои дигари тафаккури кӯдак баррасӣ кардааст. Зимнан кӯшиши худамалисозӣ барои мушоҳидаи бевосита дастрас нест, он тариқи падидаҳои дигар ифода меёбад.

Танқиди асосноки консепсияи кӯшиши ҷавонон ба худамалисозӣ ба Л.С.Виготский тааллуқ дорад. Бар хилофи психологияи хориҷӣ, ки ба омӯзиши олами феноменалии шуур, шуур - образ тавассути таҳқиқи ғояҳои психологӣ ҳамчун олами ботинӣ, субъективӣ равона гардидааст, таърифи Л.С. Виготский оид ба сохтори бавоситаи равандҳои инсонии руҳӣ ҳамчун фаъолияти инсонӣ барои назарияи рушди ҷамъиятӣ-таърихии психика асос фароҳам овард. Бо назардошти ин мавқеъ мубоҳисаи илмии ду психологҳои он давра - Ж.Пиаже ва Л.С.Виготский маъруф шудааст [0].

Қайд кардан муҳим аст, ки фаҳмиши кӯшиши худамалисозӣ чун мавқеи маърифатии фард ва фаҳмиши худамалисозӣ чун хусусияти яке аз марҳалаҳои рушди вазифаҳои рӯҳӣ, аз ҷумла нутқ, асосҳои гуногуни консептуалиро инъикос менамояд. Вобаста ба ин, пайдарпайии далелҳо баён гардидаанд: Ж.Пиаже - нутқ ва тафаккур, Л.С.Виготский - тафаккур ва нутқ.

Кӯшиши худамалисозӣ мувофиқи назарияи рушди когнитивӣ дар синни аз 13 то 15 солагӣ коэффитсиенти баланд дошта, дар синни 18 солагӣ коҳиш меёбад. Кӯшиши худамалисозиро нутқи иҷтимоишуда ва тафаккури мантиқӣ иваз мекунанд. Нутқи иҷтимоишуда вазифаи мушаххаси таъсироти мутақобили иртиботиро иҷро мекунад [0].

Мувофиқи консепсияи Д.Элкинд бартараф кардани кӯшиши худамалисозӣ бо рушди тафаккур, азхудкунии амалиёти зоҳирӣ, ташаккули малакаҳои таъсироти мутақобил алоқаманд аст. Минбаъд ин назария мавриди танқид қарор гирифт, робитаи ҷузъҳои кӯшиши худамалисозӣ бо амалиёти зоҳирӣ-мантиқӣ муқаррар нашуданд. Консепсияи Д.Элкинд оид ба ҷузъҳои шахсиятӣ-аффективии кӯшиши худамалисозӣ то ҳол мубрам аст, зеро тавсифи феноменҳо хусусиятҳои синни ҷавониро шарҳ медиҳанд.

Олимон-психологҳои рус нисбат ба омӯзиши кӯшиши худамалисозӣ дар синни ҷавонӣ дидгоҳеро коркард намудаанд, ки ба синтези муназами фаъолият ва иртибот асос меёбад. Кӯшиши худамалисозӣ ҳамчун самтгирии худмаркази шахсият дар муошират баррасӣ мегардад. Нақши ин феномен дар ташаккули ҳаммонандшавии шахсии ҷавонон, динамикаи синну солии феномени кӯшиши худамалисозӣ таҳқиқ гардидааст. Вобастагии мустақими кӯшиши худамалисозӣ дар ҷавонон бо хусусиятҳои мутобиқшавӣ - номутобиқатӣ ошкор нашудааст. Масъалаи таносуби кӯшиши худамалисозӣ ва иҷтимоъмарказӣ, динамикаи синнусолӣ ва омилҳои рушди онҳо кушода боқӣ мемонад. Дар таҳқиқоти мазкур омӯзиши кӯшиши худамалисозӣ дар ҷавонӣ ба назарияи шахсиятӣ-аффектии кӯшиши худамалисозӣ асос меёбад, ки Д.Элкинд пешниҳод карда буд.

Мароми ноилшавӣ ба комёбӣ маромҳои гуногун - маромҳои гирифтани баҳои баланд, аз ҷониби омӯзгор мақбул шудани кори анҷомдода, бомуваффақият иҷро кардани супоришро фаро мегирад. Дар айни замон, дар баъзе ҳолатҳо муносибати мусбат ба фаъолияти таълимӣ ба худбаҳодиҳии номувофиқи хонандагон асос меёбад. Мароми асосии муносибати манфӣ ба таълим мароми гурехтан аз ҷазо аст. «Хонандагон кӯшиш мекунанд, ки аз гирифтани баҳои паст ва мутаносибан, аз вокуниши волидайн ба ин ҳолат мегурезанд. Онҳо метарсанд, ки ин боиси «сарзаниш», манъ кардани сайругашт аз ҷониби волидайн мешаванд ва ғ.» [0, с. 12].

Дар таҳқиқоти муосир оид ба мароми худамалисозӣ дар фаъолияти таълимӣ манзараи динамикаи маромҳои фаъолияти таълимии ҷавонон пурра ва дақиқ мегардад. Тариқи озмоиш маълумоте тасдиқ шудаанд, ки дар хонандагони синфи 8-ум шавқу рағбат ба ҷанбаи зоҳирии ҳузур доштан дар мактаб (тарзи дар паси парта нишастан, бурдани ҷузвдон ва ғ.) афзалият дорад. Мувофиқи маълумоти олимон, дар хонандагоне, ки ба синни калони мактабӣ ворид мешаванд, маромҳои густурдаи иҷтимоӣ талаботеро ифода мекунанд, ки дар марҳалаи қаблии инкишоф пайдо мешавад - ишғол кардани

мавқеи нав - мавқеи хонандаи синфҳои болоӣ. Дар баробари ин, сатҳи муайяни инкишофи шавқу рағбати маърифатӣ ба қайд гирифта шуд, ҳарчанд ки онҳо дар оғози таҳсил дар мактаб ҳоло ноустувор, лаҳзавӣ, вазъиятӣ мебошанд. Ҳар дуи ин маром дар синни ҷавонӣ муносибати бомасъулиятро нисбат ба худамалисозӣ дар таълимро таъмин мекунанд.

Инак, анҷоми таҳлили назариявии имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳо баровардa шаванд: маромиҷавонон барои худамалисозӣ дар таълим ба хусусиятҳои навташкилаҳои дар ибтидои таълим шаклгирифта, хусусиятҳои ташкили тарбияи оилавӣ, муҳити мактаб, алалхусус, ба симои омӯзгор, тарзу ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ вобаста мебошад; рушди маром ба таълим дар синни калони мактабӣ ба муттаҳидшавӣ, ҳамгироии маромҳои парокандаи худ ба худ рӯйдиҳанда ба воҳидҳои мароми тамоил дорад, ки барои ташкили низоми ягонаву томи маромвнокии шахсият, тарҳрезии дараҷаноки (иерархия) маромҳо майл дорад. Дар хонандагони имрӯза манзараи ба худ хосси рушди маромҳои омӯзиш: сатҳи пасти омодагии субъективӣ ба таълим дар синфҳои боло, сатҳи пасти мароми худамалисозӣ дар таълим, шакл нагирифтани як қатор маромҳои иҷтимоии омӯзиш, тез хомӯш гардидани шавқи маърифатӣ дар давоми таълим муқаррар гардид, ки раванди фаъолияти таълимиро мураккаб мегардонад. Зимнан агар таълим бо воситаҳои анъанавӣ сурат гирад, ин метавонад боиси пайдоиши «холигоҳи маромӣ» дар лаҳзаи хатми мактаби асосӣ - муносибати манфӣ ва бетарафона ба таълим дар синфҳои боло гардад.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. – СПб.: Питер, 2001. — 288 с.

2. Виндекер О.С., Бердникова Д.В. Мотивационные особенности студентов психологов с разными имплицитными теориями интеллекта и личности //Изв. Урал.гос. ун-та. Серия 1. 2014. № 2. С. 140–148.

3. Выготский, Л.С. Собрание сочинений: в 6-ти томах. Т.3. / Л.С. Выготский. - М.: Педагогика, 1982. -367 с.

4. Горянина, В.А. Психология общения: Учебное пособие для студентов вузов / В.А. Горянина. - М.: Издательский центр «Академия», 2005. - 416 с.

5. Маслоу А. Мотивация и личность. – СПб.: Питер, 2009. 352с.

6. Маслоу А. Новые рубежи человеческой природы. – М.: Смысл, 1999. 425 с.

7. Олпорт, Г. Личность: проблема науки или искусства? // Психология личности. М.: Изд. МГУ, 1982. с. 208-218.

8. Роджерс, К. Взгляд на психотерапию. Становление человека / К. Роджерс - Общ. ред. Е.И. Есениной. М.: Прогресс; Универс., 1994. 480с.

9. Роджерс, К. Консультирование и психотерапия. Новейшие подходы в области практической работы / Пер. с англ. - М.: Изд-во ЭКСМО-Пресс, 2000. - 464 с.

10. Шаров, А.С. Психология культуры, образования и развития человека: учебю пособие / А.С. Шаров. – Омск: Изд-во ОмГПУ, 2005. - 166 с. 66

## КОНСЕПСИЯҲОИ НАЗАРИЯВИИ ХУДАМАЛИСОЗӢ ДАР СИННИ ҶАВОНӢ

Дар мақолаи мазкур консепсияҳои назариявии худамалисозӣ дар синни ҷавонӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар раванди омӯзиши муаммои худамалисозӣ дар синни ҷавонии мактабӣ қонунияти синну солии рушди мактаббачагонро ба назар гирифтан муҳим аст, ки ба характери мароми таълимии онҳо таъсир мерасонанд. Дар мақола муаллиф андешаронӣ намуда, таъкид кардааст, ки мароми ҷавонон барои худамалисозӣ дар таълим ба хусусиятҳои навташкилаҳои дар ибтидои таълим шаклгирифта, хусусиятҳои ташкили тарбияи оилавӣ, муҳити мактаб, алалхусус, ба симои омӯзгор, тарзу ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ вобаста мебошад. Дар хотимаи мақола муаллиф хеле тадқиқоти муфассал гузаронида, кӯшиш

кардааст, ки роҳҳои рушди маром ба таълим дар синни калони мактабиро муайян намояд.

**Вожаҳои калидӣ:** *психология, кӯшиш, маром, маромнокӣ, ноилшавӣ, ҷавонон, фаъолият, ноилшавӣ ба комёбӣ, шахсият, худамалисозӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ САМОРЕАЛИЗАЦИИ В МОЛОДОМ ВОЗРАСТЕ

В данной статье были изучены теоретические концепции самореализации в молодом возрасте. В процессе самостоятельного изучения в старших школьников важно учитывать возрастную легитимность, которая влияет на их образовательный характер. В статье автор подчеркнул, что мотивация молодежи на самореализации зависит от новообразований, сформированных в начале обучения, особенностей организации семейного воспитания, школьной среды, в частности, от имиджа учителя, способа и организации учебно-воспитательной деятельности. В конце статьи автор провел очень подробное исследование, пытаясь определить пути развития интереса к обучению в старшем школьном возрасте.

**Ключевые слова**: *психология, усилия, мотивация, достижения, молодежь, деятельность, достижение успеха, личность, самореализация.*

## THEORETICAL CONCEPTS OF SELF-REALIZATION AT A YOUNG AGE

In this article, the theoretical concepts of self-realization at a young age were studied. In the process of self-study in high school students, it is important to take into account age legitimacy, which affects their educational character. In the article, the author emphasized that the motivation of young people for self-realization depends on the neoplasms formed at the beginning of training, the peculiarities of the organization of family education, the school environment, in particular, on the image of the teacher, the method and organization of educational activities. At the end of the article, the author conducted a very detailed study, trying to determine the ways of developing interest in learning at high school age.

**Keywords:** *psychology, efforts, motivation, achievements, youth, activity, success, personality, self-realization.*

**Маълумот дар бораи муллиф:** *Ахмедова Фируза Воҳидовна– унвонҷӯ, омӯзгори кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: E-mail: f.rahimova.9909@gmail.com; тел.: +992-92 721 24 10.*

**Сведения об авторе:** *Ахмедова Фируза Вохидовна - соискатель, преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного Университета имени академика Бобожона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1. E-mail: E-mail: E-mail: f.rahimova.9909@gmail.com; тел.: +992-92 721 24 10.*

**Information about the author:** *Akhmedova Feruza Vohidovna - is a candidate, a teacher of the Department of Social and Professional Psychology of Khujand State University named after the Academy of Bobodjon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov Passage 1.E-mail:.rahimova.9909@gmail.com ; tel.: +992-92 721 24 10 .*

## САБАБҲОИ ВАЙРОН ГАРДИДАНИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

***Хуррам Раҳимзода***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар базми тӯйи арӯсӣ ҳама ба саломатии арӯсу домод нӯшбод гуфта, умри дарозу бобаракат, бахти баланду беғам, хушию шодкомиҳои оилавӣ, ҳатман, гулдухтарони зебо, писарони солеҳу комилақли бешумор орзу мекунанд. Дар фароварди шабнишинӣ

волидайн меҳмононро хушбошӣ ва арӯсро ба манзили нав – ба хонаи домод хайрамақдам мегӯянд. Вале кам касоне пайдо мешаванд, ки наварӯсонро ба ҳаёти оилавӣ ҳидоят карда, онҳоро аз шебу фарози зисту умри оилавӣ барҳазар кунанд, ба бурдбориву тобоварӣ, мулоҳизакориву тадбирандешӣ, тоқату такмин даъват кунанд.

Базм базм асту зиндагӣ, рӯзгори оилавӣ, муносибати занушаҳварӣ, қонуну қоидаҳои нонавиштаи хонаводаи нав (ҳам авлоди келин, ҳам авлоди домод), муносибати навхонадорон ба волидайн ва хешовандони тарафайн ва муносибати онҳо ба ҷавонони навхона чизи тамоман дигар, он роҳи тайнашудаву асрори таҳқиқнагардида аст.

Волидони рӯзгордидаву таҷрибаандӯхта ва ботадбир пеш аз тӯйи арӯсӣ баъзе аз ин асрори хонадориву хешутабориро ба зурёти худ фаҳмонда, ба онҳо поси урфу одат, одобу ахлоқ, эҳтироми калонсолон ва пеш аз ҳама волидайни ҳамсарро талқин мекунанд. Риояи ҳамаи ин, албатта, пояи бинои навбунёди оилавии наварӯсонро мустаҳкам мекунад. Баръакс, риоя нагардидани ин омилҳо ва боз омилҳои дигар ба он бино садама мезанад ва футур мерасонад. Беҳуда нагуфтаанд: «Кӯшки роҳату фароғати оилавӣ, ки аз гилу хишти ишқ ва меҳр бино меёбад, чун гул нозук буда, боди тунд расад, фано гардаду ғамхорие, парастише бинад нумӯъ ёбад».

Ҳайҳот, ки дар зиндагии оилавӣ, ки аз пастиву баландиҳо, омаду ноомадҳо, барору нобарориҳо, муваффақияту нокомиҳо, дороиву нодориҳо иборат аст, боди тундхӯйи садамаовар ҳам кам нест, ки халалдор карда метавонад. Баъзан ин боди тундхӯ ҳанӯз дар арафаи тӯйи арӯси варзида, оқибат ба тӯфони ҷиддӣ бадал шуда метавонад. Масалан, аз рӯйи анъана падару модари арӯсу домод аз рӯзи нонширанӣ сар карда, дар ҳар иду маросим ба ҳамдигар инъому тақдимҳо (матоъ, сару либос, қанду курс ва ҳоказо) медиҳанд. Худо накарда, яке аз дигаре инъому тақдими камарзиштар бидиҳад ё ночору нодор бошаду дастурхони қудояшро гардонда натавонад, ин гапу калочаи якумра, мавзуи таънаву маломати як тараф ва боиси тааҷҷуб аст, ки мояи ифтихору лофзаниҳои тарафи дигар мегардад. Агар арӯсу домод оқилу доно набошанду побанди урфу одатҳои куҳнаи чизу молпарастӣ бошанд, ин гуфтугузорро бо рӯзгори нави худ роҳ диҳанд, вой бар ҳоли онҳо! Дар ҳар мавриди мувофиқу номувофиқ яке аз онҳо: домод арӯсашро ё баръакс арӯс шавҳарашро фалонро гирифтеду фалонро надодед, - гӯён таънаву маломат мезананд, «волидайни ман мисли волидайни ту ҳаққи мардумхӯр нестанд», «ҳамёни падарат холӣ бошад, ба дари мардум (ба дари падари ман) намерафт» - мегӯяд. Ин таънаву маломат шаъни тарафи дигарро паст мезанад ва рафта – рафта ӯро ба дод меоварад. Моҷаро бармехезаду айши оилавиро талх мекунад, ки оқибати ин ба касе пӯшида нест.

Дар зиндагии оилавӣ сабру таҳаммул ва бурдборӣ аз хислатҳои накӯтарини ҳамида ба шумор меравад ва ҳар фарде, ки ин хислатҳоро дорост, мудом ба муроди дил мерасаду дар ҳар кор комёб мегардад. Вале ин ба ҳама муяссар намегардад. Баъзан мешавад, ки зану шавҳари ҷавон ин ё он кору тадбирро маслиҳат мекунанду ба қарори ягона омада наметавонанд. Дар ин сурат ҳар кас сари танобро сӯйи худ мекашад. Бинобар ин, яке аз онҳо домод ё арӯс бояд оқилу доно бошаду сабру таҳаммул зоҳир намояд, баробар ба овози баланд талош не, гузашт кунад. Баъди поённишини оташи баҳсу талош бо нармӣ ва меҳрубонӣ он ихтилофро бартараф кардан мумкин аст. Дар ин кор агар падару модар бо дили софу самимӣ ба кӯмаки ҷавонон пардохта, оқилона бо таҳаммул машварату маслиҳат диҳанд, оқибати кор ба хубӣ анҷом меёбад.

Дар урфият мегӯянд, ки дар оиладорӣ тифоқу ҳамдигарфаҳмӣ ғолиб ояд, ҳаёт ширину гуворо мегузарад. Аммо баъзан мешавад, ки ҳамсарон: зану шавҳар ғарраи гапҳои хешовандон, ёру ошноҳо, ҳамсояҳо гардида, иттифоқу ҳамдигарфаҳмиро фаромӯш ва айши худро талх мекунанд. Онҳо маслиҳат ва гуфтаҳои дигаронро ба гӯш ҳалқа карда, ба ҳар рафтору кирдори тарафи муқобил: зан ба шавҳар ё шавҳар ба зан эрод мегиранд, наҳ мезананд: «ошат шӯр, бе намак шудааст», «пушти нонро сӯзондӣ», «либоси шуштагиат доғдор», «аз бозор харид карда наметавонӣ», «моли нағзу бадро фарқ карда наметавонӣ», «биринҷи харидаат оши палав намешавад», «ақалан кордро тез

карда наметавонӣ», «либос пӯшида наметавонӣ», «ту зеби либос надорӣ» ва ғайраву ҳоказо.

Баъзан ҳамсарон, аксар вақт зан ба ҳамсояҳо, шиносҳои дуру наздик ва дугонаҳо пайравӣ карда, бидуни назардошти даромаду имконоти оила дарёфтани ҳар чизро орзу, намуда, исроркорона талаб мекунад: «Ман аз фалонӣ кам нестам», «Шумо ҳам мисли фалонӣ мард ҳастед, кор мекунед ва маош мегиред», - гуфта, ду пояшро дар як мӯза ҷо мекунад. Шоир байти зеринро маҳз ба чунин одамон бахшида, гуфтааст:

Ба дахлу харҷи худ ҳар дам назар кун,
Чу навбат нест, пас, сарфи дигар кун.

«Сабру тоқат дӯстони қаринанд»-мегӯянд, ки ҳақ ва рост аст. Мисли ҳамин ниёзу эҳтиёҷи оила низ дафъатан қонеъ намегардад. Бинобар ин, бенизоъу хархаша, сарфу харҷи оиларо ба ҳисоб гирифта, камии хонадонро (ҳам либосу ҳам палосу ҳам соири зарфу аҷносро) бо навбат ва тадриҷан пур кардан айни савоб ва камоли ақлу фаҳми расо мебуд.

Дар рӯзгори оилавӣ ба қадру қимати ҳамдигар расидан, падару модар ва хешовандони ҳамдигарро бо сазо ҳурмату эҳтиром кардан ҳам фарзу ҳам суннат аст. Зеро ду дил ва ду тан аз оилаҳои мухталиф ба висоли ҳамдигар расида, фарзандони хонаводаи нав дониста мешаванд. Худи ҳамин ба эҳтирому қадршиносии мутақобилаи тарафҳо водор мекунад. Аммо дар зиндагӣ баъзан акси ин мешавад: шавҳар волидайни ҳамсарашро бад дида, дар ҳаққашон суханони қабеҳ мегӯяд ва намегузорад, ки занаш ба аёдати онҳо равад, зан хушдоманашро бад дида, нисбат ба вай носипосиву калоношиносӣ зоҳир мекунад. Оила ва оиладорӣ пеш аз ҳама ба пояи ишқи пок ва сидқу вафои беолоишу беғаш устувор аст. Касе, ки силқу вафо матонату устуворӣ зоҳир кунад, ба зиндагии хушу бегазанд ноил мешавад, файз мегираду комёб мегардад. Ва баръакс, касе, ки дар ин ҷода ноустувор бошаду ба роҳи хато, роҳи хиёнату бевафоӣ қадам ниҳад, дар олам шармсору дар рӯзгор тирабахт мегардад.

Ҳар кӣ дар мазраи дил тухми вафо сабз накард,
Зардрӯйи бубинад вақти дарав.

Муҳити зиндагии оилавӣ ба муносибатҳои хешовандони наздики тарафайн, махсусан, ба тарбия ва ташаккули маънавию ахлоқии фарзандон таъсири ниҳоят ҷиддӣ мерасонад. Хешовандон аз моҷарои доимии зану шавҳар дилгир шуда, пой аз остонаи онҳо мебардоранд, фарзандон аз рӯйи муносибати падару модарони хеш ба атроф назар дӯхта, ба ҳодисаву воқеаҳо аз диди онҳо баҳо медиҳанд. Дар гуфтор, рафтору кирдор ба онҳо пайравӣ намуда, беихтиёр ҳама неку бадашонро ба худ касб мекунанд. Аз баҳсу талоши доимии онҳо ба дод омада, маҳдуду дамдузд (ин нишони фурӯтанӣ нест), замонасозу фиребгар мешаванд. Баъзан кор ба ҷое мерасад, ки хонаи падариро тарк гуфта, сар ба кӯча, ба раҳгумӣ мезананд, ки он оқибати ислоҳнопазир ба бор меорад.

Омили дигари муҳимме мавҷуд аст, ки он пояи оиларо ноустувор ва муносибатҳои оилавиро муттасил халалдор мекунад. Ин омил асосан хосси мардон буда, онро мизогинизм меноманд. Ин ибора, яъне «мизо-гинизм» ва ифодакунандаи он «мизогинист» буда, ба хонанда чандон ошно нест. Мизантроп ба ҳама ҳамчун одамбезор маълум аст. Мизогинист низ қариб ҳаммаъноии он аст, зеро гинея – зан ва мизогинист занбезор гуфтан аст. Мизогинист типи махсуси мардон буда, занҳоро бад мебинанд, маҳкум мекунанд, «ҳамчун синф» эътироф намекунанд. Бо вуҷуди ҳамин онҳо барои ошноӣ бо занҳо майлу рағбат доранд, зуд ба онҳо унс мегирад, оила барқарор мекунанд ва ғайра.

Ба ақидаи мизогинистҳо – «мардҳо шираю шарбати замину занҳо таҷассуми нопокиву бадкирдоранд, бефаҳму фаросат, маккор, лаванд, телбаву хасисанд, ба онҳо бовар кардан нашояд, зеро қаллобу хиёнаткоранд». Ба мардони занбезор зистан душвору хатарнок аст. Зеро онҳо баҳудаю беҳуда, ба ҳар чизи хурду беарзиш эрод гирифта, ҳар норасии ночизтаринро ҳадафи санги таънаву маломат қарор дода, ҳастиву шахсияти зан – ҳамсар ё маъшуқаашонро мешикананд ва поймол мекунанд ва ба табъи худ тобеъ ва мутеъ мегардонанд. Чунин оила дӯзахи ҳақиқӣ барои зану шавҳар ва зурриёти онҳост.

Одам занбезор таваллуд намешавад, балки дар муҳити оилавӣ чунин хислат пайдо мекунанд. Ба ин ё он муштзӯрии падар дар оила ё рафтору кирдори модар-дурӯғгӯйӣ, қалобӣ, хиёнату бевафоии вай, баъзан нисбат ба мард зӯроварӣ кардан, дар умури оилавӣ, ҳукмфармоӣ сабаб мешавад.

Омили дигаре, ки боиси вайрон гардидани муносибатҳои неки зану шавҳари ҷавон мегарданд, ин майпарастии шавҳар мебошад. Ин одати бад дар байни ҷавонон «махсусан ҷавонони шаҳрӣ» солҳои охир оҳиста-оҳиста ривоҷ меёбад. Баъд аз издивоҷ қисми ҷавонон ин одати бадро тарк мекунанд. Агар гоҳ-гоҳ дар тӯю меҳмонӣ нӯшанд ҳам, меъёри худро медонанд ва сабаби норозигии завҷаашон намегарданд. Дар чунин оилаҳо муносибатҳои оилавӣ, самимӣ ва зиндагӣ осоишта ҷараён меёбад. Қисми дигари ҷавонмардон аз истеъмоли машрубот худдорӣ карда наметавонанд ва ҳар гоҳ аз меҳмонӣ ё кор сархуш бармегарданд. Донишманди асри IX Закариёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳӣ» менависад:

«Майпарастӣ ва махсусан ба бардавомӣ табдил ёфтани он яке аз падидаҳои хеле бадест, ки оқибат касро ба ҳалокат ва фалокати бисёр бурда мерасонад…». Илова бар ин нӯшидани зиёд одамро аз ақл бегона мекунаду ба кас беҳаёӣ ато менамояд ва ҳарзагӯй месозад. Ғайр аз ин шахсро аз идроки амалҳои оинию дунёӣ, яъне моддию маънавӣ боз медорад». Дар ҳақиқат, шахси майпараст рафтору кирдори худро идора карда наметавонад. Ҳар гоҳ, ки маст ба хона баргардад, бо ҳар баҳона моҷаро мекунад, зан ва аҳли оиларо меранҷонад. Муносибатҳои занушӯйӣ вайрон мешаванд ва агар мард сари вақт аз амали худ хулосае набарорад оқибат оила вайрон мегардад.

Шумораи издивоҷҳо ва талоқҳо дар Тоҷикистон дар ду соли охир (ҳазор ҷуфт)






Шоир ва донишманди тоҷик Камолиддини Биноӣ дар замони худ муқобили мастӣ баромада, кӯшиш кардааст, ки зарарҳои онро ба одамон фаҳмонад, онҳоро аз ин роҳи бад нигоҳ дорад. Дар мазамати мастӣ Биноӣ менависад:

Эй бародар, маёр рӯ ба шароб,
Бахри андӯҳу меҳнат аст ин об.
Душмани ақлу хасми ҷон ин аст,
Хонавайронкуни ҷаҳон ин аст…
Эй басе хонаҳо, ки сели шароб
Дод барбод дар мисоли ҳубоб.

Бузургтарин офати оила ва оиладорӣ тақдиру қазо ҳамин аст гуфтану ба нокомӣ ва гирифторӣ тан додан аст. Он оиларо хароб, зану шавҳари бо ҳазор дилбастагӣ ба ҳам тақдирпайвастаро аз висоли ҳамдигар маҳрум, хешовандонро ноумед ва фарзандонро сарсону ҳайрон месозад. Агар зану шавҳар бо маслиҳату машварати оқилона пеши ин балои садамазанро нагиранд, он чунон оқибатҳои дардовари психологӣ ва педагогӣ ворид карда метавонад, ки онҳоро дигар ислоҳ кардан ғайри имкон мегардад. Пеш аз ҳама хонаи умед вайрон мегардад. Зан бева мемонаду мард безан. Пас қозибозиву судкашиданҳо оғоз мегардад. Азбаски навхонадорон аз рӯйи анъанаҳои миллии тоҷикон ҳанӯз аз ибтидои тӯйи арӯсӣ, дар рӯзҳои тӯй ва ибтидои зиндагии якҷоя, соҳиби амволи ночиз бошанд ҳам, дорои молу мулки якҷоя мешаванд, (ин бизоати туҳфакардаи арӯсии волидайни ҳам арӯс ва ҳам домод аз либосу палос, косаву табақ, чойнику пиёла то ҷевону мизу курсӣ, мошинҳои дарздӯзиву либосшӯйӣ ва ҳатто туҳфаҳои дӯстони арӯсу домод радиову телевизор ва ҳоказо бахшишҳои тӯёнаи хешовандони тарафҳо, инъому ҳадяҳои ёру ошноён ва ғайраву ғайра аст. Бар замми ин навхонадорон дар ин муддат якҷоя даромадашонро беҳуда харҷ накарда анҷоми рӯзгор мехаранду камбудии хонаро буд мекунанд, бо таъбире хонадонашонро обод мекунанд. Дар ин байн тарафҳо асосан тарафи домод – шавҳар барои ҳарҷи тӯю хариди норасоиҳои оилаи навташкил ба қарз меғӯтад.

Вақте зану шавҳар сулҳу салоҳ доранд, бо маслиҳат кор мекунанд, нуран алонур аст ва ин ҳама гӯё вуҷуд надорад ва ё ба назар ҳамчун як чизи муқаррарӣ менамояд. Вале агар сулҳу салоҳ ва осоиши рӯзгор аз байн раваду моҷаро ғолиб ояд, баъд ҳисобу ҳасади чизу чора, аз они ману аз они ту сар мешавад, ба поёни он талошу даъво расидан душвор аст. Ҳатто идораҳои маъмурӣ, аз ҷумла умури дохила, суд ва прокуратура ҳам барои кушодани ин калоба баъзан оҷизӣ мекашанд. Ба ин кор хешовандон ва волидайн ҳамроҳ мешаванд, таънаву таҳқиру таҳдиди ҳамдигарӣ оғоз мешавад. Баъзан кор бо муштугиребон доир мешавад, ки он оқибати ислоҳнопазир дошта метавонад. Дар натиҷа на танҳо ду тан, балки ду авлод аз ҳамдигар ҷудо ва душмани ҳамдигар мегарданд. Агар зану шавҳар аз ҷумлаи хешони наздик бошанд, дар ин сурат бародар аз бародар, хоҳар аз хоҳар, амаку тағо ва ҷиян ҷудо мегарданд. Бесабаб нест, ки халқ мегӯяд: «Бо хешон қудо шудӣ, ҷудо шудӣ».

Нашояд ҳар замон ёре гирифтан,
Зи ёрон ҳар дам озоре гирифтан.
(Ҳилолӣ)

Одам аз санг сахту аз гул нозук гуфтаанд, ки ин бе сабаб нест. Одамон аз ҳамдигар ҷудо шуда, ғам мехӯранд, фироқ мекашанд ва тамоми гуноҳои ҷудоиро ба гардани тарафи муқобил бор карда, хаёлан ӯро маломат мекунанд. Вале, об ки ба замин рехт, онро дигар бардошта намешавад, хок меҷабад, мисли ҳамин фироқи ҷудоӣ низ оҳиста-оҳиста хомӯш ва фаромӯш мегардад.

Фарзанд меваи умри инсон ва дар ҳар сурат дар ҳар лаҳзаҳои ғаму шодӣ, ҳам комёбию нокомӣ, тансиҳативу беморӣ… азизу ба ҷону тан наздик аст. Вале вай муҳтоҷи ғамхориву навозиш, ҳамчунин ниёзманди таълиму тарбия, насиҳату роҳнамоӣ аст. Ба вай ҳамеша сарпарасте лозим аст, ки бо хушахлоқиву поксириштӣ, меҳнатдӯстиву инсондӯстӣ ҳидоят карда, дар мавридҳои зарурӣ аз роҳи нодуруст баргардонад, аз бекорӣ мунофиқӣ, қаллобӣ, duздӣ, дурӯғгӯӣ пешгирӣ кунад. Ин кор дар шароити оилавӣ

як амали маъмулӣ буда, фарзандон онро чуноне, ки ҳаст ҳамон тавр қабул мекунанд. Аммо вақте ки оила вайрон шуду падару модар фарзандро ҳар кадом сӯйи худ мекашанд ва тарафи муқобилро ба чашми вай душман ва сабабгори ҷудоӣ нишон доданӣ мешаванд, насиҳати оддитарин, андаке зоҳир намудани хашму ғазаб ва ҳатто суханони бо овози баланд гуфташуда ҳамчун таҳқири дағалона қабул карда мешавад. Агар ин аз тарафи падар ва ё хешони падарӣ зоҳир шавад, фарзандон аз он ранҷида рӯй ба сӯйи модар меоваранд ва агар акси ин ҳол рӯй бидиҳад, зуд ба хонаи падар мекӯчанд. Барои пешгирии он ҳам падар ва ҳам модар дар чунин ҳолатҳо кӯшиш мекунанд, ки табъи дили онҳо амал карда, ҳар талабу дархосташонро аз будаш беҳтар ба ҷо оваранд.

Ин кор оқибати аламноку ислоҳнопазир дорад. Фарзанди дар айёми наврасӣ аз ҳар гузашту «меҳрубонӣ»-и волидайни «душман» сӯйистеъмол карда, рӯз ба рӯз сернозу нуз ва талабу дархосташон зиёд мегардад ва оқибат ба ҳукми одати муқаррарӣ медароянд. Волидайне, ки ҳамеша ба ҳар кор ҳозиру омода буданд ва ҳар талабу дархости фарзандонро бе каму кост ба ҷо меоварданд, мабодо он рӯзе, ки ягон хоҳиши зурриёти байни коҳу оташ монданашонро ба ҷо наоваранд, ё рад кунанд. Фарзандон инро бисёр гарон қабул карда, дергоҳ фаромӯш намекунанд ва ба осонӣ намебахшанд.

Зану шавҳари ҷудошуда баъди муҳлате, дер ё зуд андуҳи хонавайрониро фаромӯш карда (агар фаромӯш кардани ишқи аввал имконпазир бошад) ба худ ҷуфти мувофиқе меёбанд ва аз сари нав ҳаёти оилавӣ ташкил мекунанд. Ин ба сари фарзандон боз як кулфати нав меоварад: онҳо дар хонаи падару мутеи модарандар ва дар хонаи модар дастнигари падарандар мегарданд. Ин барои ташаккули маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии онҳо таъсири бад мерасонад, зеро онҳо муносибатҳои модарро бо марди барояшон бегона ва падарашонро бо зани дигар мебинанд, ки гӯё вай боиси бадбахтии модарашон гардидааст. Ин рӯҳу рафтор ва кирдору одоби наврасонро вайрон карда, онҳоро аз роҳи дурусти зиндагӣ мебарорад. Азбаски фарзандони чунин оилаҳо як рӯз (шояд як ҳафта ё як моҳ бошад) дар хонаи падар рӯзи дигар бошад, дар хонаи модар зиндагӣ мекунанд, волидайн рафта-рафта ба қисмати онҳо бепарво мешаванд, чӣ кор кардан, куҷо рафтан, бо ки буданашро намепурсанд, ки оқибати баъзан ҳузноварии ин тарзи муносибат ба касе пӯшида нест. Фарзандони чунин оилаҳои бебарор аксар вақт аз хасдуздӣ то ба аспдуздӣ, аз бадахлоқӣ то ба ҷинояткорӣ расида метавонанд.

Мезогинистҳо – мардони занбезор, ки мо қаблан дар бораи он маълумоти мухтасар додем, маҳз дар чунин оилаҳо ташаккул меёбанд. Онҳо аз падарашон ҷудо шудани модарро ифодаи бевафоӣ, шавҳари нав гирифтанашро бадахлоқӣ, ба хонаи падар ҷойи модарро гирифтани зани дигар – модарандарро ҳарисиву шаҳватпарастии зан ҳисобида, ба кулли занҳо ҳисси нафрату бадбинӣ мепарваранд.

Баъд аз расман ҷудо шудани зану шавҳар фарзанди ноболиғ одатан, дар тарбияи модар мемонад. Барои таъмини моддӣ ба падар на фақат муқаррар мегардад, ки ҳар моҳ миқдори пули муайян ба собиқ занаш ирсол намояд. Вале вазифаи падарӣ бо ин хотима намеёбад. Падар дар тарбияи фарзанд ҳам вазифадор аст, вай бояд ба дидорбинии фарзанд биёяд, аз аҳволи ӯ, хонданаш бохабар шавад. Агар лозим ояд, таъсири падариашро истифода барад, то он ки фарзанд бо роҳи хато наравад. Бештари падарон ин вазифаро ба уҳда доранд ва модарон ҳам ба ин даxолати собиқ шавҳарашон мамониат намекунанд, балки дар ин дахолат зарурат доранд, аммо дар зиндагӣ чунин воқеаҳо дучор меоянд, ки модар барои воҳӯрии фарзанд бо падараш ва дахолат намудани падар дар тарбияи фарзанд мамониат мекунад. Дидорбинии падару фарзандро қатъиян манъ мекунанд. Намегузоранд, ки фарзанд ба дидорбинии бибӣ, бобо хешу табори шавҳари собиқаш равад. Ин амал ба тарбияи хулқу рафтор ва психикаи фарзанд таъсири бад мерасонад. Барои наозурдани хотири ҳам падар ва ҳам модар фарзанд роҳи фиреб, дурӯягӣ ва дурӯғгӯйиро пеш мегирад. Агар ин рафтор сари вақт ислоҳ нагардад, дар ҳаёти ояндаи фарзанд сабаби бисёр нохушиҳои зиндагӣ мегардад.

Занушӯйӣ умуман давраи пурлаззату гуворотарини ҳаёти инсон аст. Зоти одам ба ташкили оила ба пайвастани тақдири хеш бо каси дигар, бо одами хоставу пазируфтааш мунтазам кӯшишу ҷадал мекунанд, бо сад тадбиру чора ба висоли вай расиданӣ мешавад

ва ниҳоят хоҳиши ду дил ҳосил мегардаду онҳо зиндагии муштарак ташкил мекунанд. Ишқ ва шавқ тантана мекунанд, вале дар ҳар маврид чун соя ҳамқадами он мегардад: оё ин оила бақодору хушбахт мешавад ва шодиву сурур дер поянда аст?

Ин ба ҳар ду дилдодагоне вобаста аст, ки дар пояи ишқу ошиқӣ манзили оилавӣ бунёд кардаанд. Агар ин пояи ишқу ошиқиро бо сидқу вафо, меҳрубонии беғаш, эҳтироми ҳамдигарфаҳмӣ мустаҳкам кунанд, аз тамоми неъмату нишоти ҳаёти оилавӣ бархурдор мегарданд. Нависандаи забардасти англис Дейл Карнеги дар китоби машҳураш «Оиди дӯстёбӣ» чунин нигошта: «Пас аз таваҷҷуҳи диққат дар интихоби ҳамсаре шоиста муҳимтарин чиз адабу эҳтиромест, ки бояд миёни марду зан боқӣ бошад». Ай кош, занони тоҷик адаберо, ки нисбат ба мардони бегона изҳор мекунанд, ба шавҳарони худ изҳор медоштанд. Зеро тамоми мардон аз занони тунд ва занони бешарму густох гурезон хоҳанд шуд.

Айнан ҳамин хел суханонро дар нисбати мардон – шавҳарон низ гуфтан мумкин аст. Агар мард ба зан ҳамсараш сидқан меҳр бандаду дар бораи саодат ва саломатии вай доимо ғамхорӣ кунад, ӯро бинавозад, кору кирдори некашро босазо қадр кунад, зодрӯз, рӯзи тӯйи арӯсӣ ва санаҳои дигари хотиравиашро фаромӯш накарда, табрик кунаду туҳфае ва махсусан, гулдастае тақдим кунад, доимо дар зиндагӣ комёб ва ба ҳар мурoду ҳавасу мақсадаш муваффақ мегардад.

Ва баръакс, беэътиборӣ, беҳурматӣ, дағалӣ зоҳир карда, ба ҳар кораш эрод гирад, дар назди хешону бегонаҳо айбу наҳ занад, бо овози баланд гап зада таҳқир кунад, бетаъхир мукофоти амал хоҳад гирифт. Чунон, ки мегӯянд: «минус» (тарҳ) бо минус танҳо дар риёзиёт «пилус» (ҷамъ) мешавад. Дар зиндагӣ ҳаргиз ин тавр нашудааст ва намешавад. Дар зиндагӣ дағалӣ – дағалӣ меораду бадкорӣ мукофоти бад.

Ихтилоф байни зану шавҳарони маъмулан аз масъалаҳои майдатарин ва беаҳамияте сарчашма мегирад. Гоҳо кофист, ки яке сухани дигареро бурад ё маъқул надониста раъйу матлаби худро пеш гузорад. Ҳангоми гуселу хайрухуш тундиву сардие зоҳир намояд ё талабидаашро надиҳад, ки ҳама боиси шӯру ғавғо мешавад ва то бурида шудани робитаи ҳаёти оилавӣ расонда метавонад.

Гузаштагони фазилатдӯсту бохиради халқи бузургворамон ба мо андарз ба мерос гузоштаанд, ки ба мавзуи мавриди муҳокима қарор ёфта, басо мувофиқ меояд:

Мард бояд, ки ҳаросон нашавад,
Мушкале нест, ки осон нашавад.

Воқеан, дар зиндагӣ ҳама чизро бидуни ҳаросу таҳлука, бо тамкину бурдборӣ ва бо мулоҳиза ҳаллу фасл кардан, мушкилоти рӯзгор ва муноқишаву низоҳои оилавиро ҳаллу фасл кардан ё ақаллан ба эътидол овардан мумкин аст. Барои ин пеш аз ҳама хашму ғазаб ва аламии худро фурӯ бурда тавонистан лозим. Касе, ки аз уҳдаи ин кор баромада, тарзе рафтор кунад, ки аз талхуфаҳшгӯйиҳои тарафи муқобил заррае дар ғазаб нест, вай қодир аст, ки ба муносибати дағалона бо некхоҳиву ширингуфторӣ ҷавоб дода, чаҳлу ғазаби ҳарифашро паст нишонад. Ин дар муносибати зану шавҳар, падару писар, модару духтар ва бародар бо бародар аз ҳама бештар мушоҳида ва аз ҳама осонтар ҳал мегардад. Дар ҳолати ба амал омадани баҳсу талош ё аз ҳазлу шӯхӣ бархостани моҷаро ва яке аз ҳарифон ғазабашро фурӯ бурда, бигӯяд, ки «хайр ҷонакам (бародарам, хоҳаракам, модарҷон писари азиз), маро бубахшу зиқ нашав, хатоӣ аз ман гузашт, дигар такрор намекунам». Бар замми ин агар вай навозишкорона даст ба китфи ҳарифаш гузорад, сару рӯяшро сила кунад, дар ин сурат, ғазаб ҷойи худро ба меҳрубонӣ медиҳаду дар байн ҳатто шакарранҷ ҳам боқӣ намемонад.

Барои паст нишондани моҷораи оилавӣ, таскин додани дилҳои башӯромада даҳолати калонсолон, хешовандон, ки мабодо иззати нафси яке аз тарафҳоро паст занад, маслиҳату машварати дилсӯзонаи онҳо ниҳоят зарур ва муҳим аст. Вазифаи бошарафтарини хешовандон, ёру ошноҳо ва ақрабои дуру наздик он аст, ки оқибат ва савобу азоби муноқишаро бо таҳаммулу бурдборӣ фаҳмонда, зану шавҳарро оштӣ диҳанду оиларо аз вартаи харобӣ ва барҳамхӯрӣ раҳонанд. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ басо сазовор ва бамаврид гуфтааст:

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлро мар ақлҳо ёрӣ диҳад.

Саромадони гузаштаи миллати тоҷик ҳамеша бо ҳаёти шахсӣ ва таҷрибаи рӯзгори хеш ба ҷавонони навхона роҷеъ ба зиндагии оилавӣ ва умури оиладорӣ намунаи ибрат буданд ва онҳоро барои нигоҳ доштану пойдор гардонидани ибтидоии ҷамъият талқину ҳидоят мекарданд. Имрӯз ин анъанаро аз нав эҳё кардан, аз донишу таҷриба андӯхтаи гузаштагон ва сарварони комилсинни авлоди имрӯза баҳра бурдан лозим. Пештар арӯс аз вақти муқаррарӣ агар андаке дер мекард ё аз қоидаи умумӣ қадаме берун мегузошт, ба касе, коре, оине, носипосӣ зоҳир менамуд, бобо ё бибӣ бо лутф насиҳатномез мегуфтанд: «Ёд дор духтарам, дарвозаи кулли авлоди мо поку бедоғ аст. Мабодо, ки онро доғдор кунӣ, ки як умр пок сохта натавонӣ ва ба зуриётат ҳам мерос мемонад».

Ба фарзанди худ – домод мегӯяд: «арӯсатро дӯст дорӣ ба қадраш бирас, аз ҳама боло гузор, бадном накун, ки нанги вай – нанги ту ва нанги ҳамаи мост». Дар доираи оилавӣ калонсолон бидуни ҷадвали даре, вақти муқаррарии оғози машғулияти танаффус, рӯзи истироҳати бемузду беминнат аз таҷрибаи рӯзгори худ, аз дидаву шунидаҳо, озмудаву саргузаштҳои талху ширини худ ба мо сабақ медиҳанд. Аҷибаш ва аҳамияти аз ҳама муҳиммаш дар он аст, ки дар нақлу ривоят, дар ниҳоят моро ба зиндагии тифоқу меҳрубононаи оилавӣ талқину ҳидоят мекунанд. Масалан, бобо, бибӣ ё яке аз волидайн саҳву хатоиҳои дар ҷавонӣ содиркардаашонро гоҳо бо шавқу рағбат ва гоҳо бо шарм пушаймонӣ ва ҳасрати сӯзон ёдовар шуда, номаълумакак навхонаҳоро аз он барҳазар мекунанд: «Ин хаторо мо кардем, шумо накунед» - мегӯянд.

Ҳар касе, ки ин сабақу насиҳатҳои пирони хирадро бо некӣ пазируфта, дар зиндагӣ бар онҳо (албатта, бо низоми ақл санҷидаву сара карда) пайраву пайгир мешавад, билоқайду шарт комёбу некном мегардад.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Жириновский В.В., Добреньков В.И., Васецкий Н.А. Социология мировых цивилизаций. Учебное пособие. — М.: Академический проект, 2014. — 608 с.

2. Конт О. Курс позитивной философии // Родоначальники позитивизма. Вып. 4. — СПб, 1912.

3. Чепмен Г. Пять языков любви. Как выразить любовь вашему спутнику. — 1995. — 130 с.

4. Официальный сайт федеральной службы государственной статистики: http://www.gks.ru.

## САБАБҲОИ ВАЙРОН ГАРДИДАНИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

Ин мавзӯъ дар замони мо хеле муҳим аст. Дарвоқеъ, бунёди оила ҳадафи зиндагии мост, ки табиат онро дар мо гузоштааст. Аммо вақте дар байни ошиқон издивоҷ сурат мегирад, ногаҳон ҷанҷолу ихтилофҳо пайдо мешаванд. Ва саволи асосӣ дар ҳаёти онҳо "Чаро ҳама чиз чунин мешавад?" Сабабаш надонистани бисёр нозукихои хаёти оилавй мебошад. Оила барпо кардан на танхо мухр дар паспорт, балки мехнати вазнини маънавӣ ва чисмонӣ хам мебошад. Ин мақола дар бораи ин нозукиҳо ва дар бораи сабабҳои нофаҳмиҳо сухан меравад.

**Калидвожахо:** *оила, муносибат, ҳамдигарфаҳмӣ, хушбахтӣ, ҷанҷол, талоқ.*

## ПРИЧИНЫ РАСПАДА СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ЕГО ПОСЛЕДСТВИЯ

Данная тема очень актуальна в наше время. По сути создание семьи — это наша жизненная цель, которую заложила в нас природа. Но когда заключается брак между влюблёнными, вдруг появляются ссоры и разногласия. И главным в их жизни становится вопрос «Почему всё так происходит?». Причиной является не знание многих тонкостей семейной жизни. Создание семьи — это не только штамп в паспорте, но и тяжёлый

моральный и физический труд. В этой статье рассказывается об этих нюансах и рассказать о причинах недопониманий.

**Ключевые слова:** *семья, ссоры, развод, взаимопонимание, счастье.*

К началу 2007 года численность боевиков в Афганистане и Пакистане достигла примерно 600 моджахедов, которые дислоцируются и проходят подготовку в тренировочных лагерях горных районов Южного Вазиристана и Белуджистана (Пакистан), какая – то часть проходит подготовку в г. Хост (Афганистан), где их готовят по взрывному делу. В их составе имеются узбеки, киргизы, казахи, таджики, чеченцы и уйгуры (СУАР).

Наряду с этим, имеются оперативные данные о том, что лидеры ИДУ по окончании подготовки стали переправлять мелкими группами боевиков (по поддельным документам граждан среднеазиатских стран – в государства Центральной Азии, как правило, воздушным транспортом через третьи страны (Пакистан, Иран, ОАЭ), либо нелегально через афгано-таджикскую границу.

Так, по информации компетентных органов Республики Таджикистан (апрель 2009), задержаны несколько членов ИДУ, прибывших в Таджикистан по поддельным документам из стран Ближнего и Среднего Востока[7].

В связи с притеснением ИДУ со стороны пакистанских регулярных войск, а также стран антитеррористической коалиции в долине Сват, члены ИДУ стали нелегально проникать в Таджикистан, Узбекистан, Киргизию. В Таджикистане в течение 2009 года осуждены к различным срокам лишения свободы члены ИДУ (Сайвали Одинаев, Махмадзамон Музафаров, Абдулфайзов, Муслихиддинов...) [8].

В соответствии с оперативными данными таджикских силовиков группировка ИДУ под названием «Союз исламского джихада» отдельными группами нелегально пребывают в Узбекистан и Таджикистан для продолжения подрывной деятельности[9].

После уничтожение Усмона Гози, ИДУ стал возглавлять Азиз Юлдош, который убит в результате спецоперации сил безопасности Афганистана 12 ноября 2020 года в провинции Фарьеб. Его сын Хикмат ранен[10].

После гибели Азиза Юлдоша, ИДУ стал возглавлять Шайх Зокир.

С 2019 года боевики ИДУ совместно с Джамаат «Ансаруллох» дислоцируются на территории провинции Бадахшан, Афганистана, напротив Дарвазского района Таджикистана вблизи государственной границы. Они водрузили флаг, движение «Талибана» имели место провокационные стрельбы на нашу территорию.

После прихода к власти в Афганистане «талибов», в августе 2021 года, руководство Афганистана поручило ИДУ охраны госграницы в провинции Бадахшан и по некоторым данным перебросили в эту провинцию 10000 боевиков, в их числе немало и смертников.

Все это несколько дестабилизирует обстановку на таджикско – афганской границе.

**Джамаат «Ансаруллох»,** руководитель мулло Амриддин Табаров, 1950 г.р., уроженец села Гуломон Нурабадского района Республики Таджикистан, религиозно грамотный, строгий последователь такфира, т.к. еще в 1995 году он стал активно увлекаться идеями «Джамаати такфир».

После уничтожения А.Табарова (08.2015 г.), Джамаат «Ансаруллох» стал руководить Махди Арсалан – Мухаммад Шарифов, уроженец села Шербегиён, сельского джамоата Сафедчашма Нурабадского района, в «Ансаруллох» вступил в 2014 году.

Группировка «Ансаруллох» (Джамаат «Ансаруллох») – единственная террористическая организация, в которую входят уроженцы Таджикистана, все эти годы воевала на стороне талибов.

Именно Махди Арсалан и его боевики подняли флаг движения «Талибан» на границе с Таджикистаном (напротив Дарвазского района – Н.Д.Н.).

Жители афганского Дарваза сообщили Радио «Озоди», что Махди Арсалан после победы «Талибан» уехал в Кабул, но на днях снова был замечен в Дарвазе и по оперативным сведениям, о возможном нападении боевиков на бадахшанский участок таджикско – афганской границы.

По оценке таджикских властей Арсалан командует 200 таджикскими боевиками в Бадахшане. Он планировал операцию против Таджикистана, однако в Кабуле не одобрили его план.

В тоже время, официальный представитель движения «Талибан» Забихулла Моджахед заявил, что никакой угрозы границам Таджикистана нет, и все попытки вторгаться на территорию соседней страны будут пресечены[11].

Движение «Талибан» возложила на Махди Арсалана охрану госграницы Афганистана в районе Дарваза, провинции Бадахшан, т.е. – напротив Дарвазского района, ГБАО.

Однако по информации фронта Национального сопротивления Афганистана (лидер Ахмад Масъуд) со ссылкой на осведомленного источника, руководителем группировки Джамаат «Ансаруллох» является Мавлави Иброхим, которого министр внутренних дел Афганистана Сироджиддин Хаккани, он же лидер «Сети Хаккани» назначил руководителем сети иностранных боевиков на Севере Афганистана. Мавлави Иброхим, 22 августа 2022 года посетил г.Кабул, а в конце августа, в сопровождении боевиков «Сети Хаккани», с представителями «Аль – Каиды» были замечены в районе Имам Сахиб, провинции Кундуза[12].

Что касается Махди Арсалана, скорее всего, он является полевым командиром Джамаат «Ансаруллох».

**«Велоят Хорасан».** В феврале 2015 года образована ИГИЛ-ом во главе эмира, его заместителя и 12 членов Совета в Афганистане.

<u>Место пребывания:</u> Северный Вазиристан (Белуджистан).

Шейх Абу Бакр аль-Багдади аль-Хусайни аль-Курейши («халиф» ИГИЛ-а) руководителем «Хоросанской» группировки назначил Хафиза Саидхана, пакистанца, одного из полевых командиров «ТехрикТалибан-и Пакистан». Его заместителем Абдурауфа Ходима, 1980 г.р., уроженца Гильменда, Афганистан, одного из полевых командиров движения «Талибан». Он в 2001 году был пленен американцами и до 2007 года содержался в тюрьме Гуантанамо, обещая после освобождения заняться крестьянством, однако вновь примкнул к талибам.

В состав группировки «Хорасан» вошли: ИДУ (Узбекистан), Лашкар-и Тойба (Джамма и Кашмир), Союз исламских джихадистов, Движение Восточного Туркестана (СУАР, КНР), «Техрик Талибан-и Пакистан», Кавказский эмират (РФ), Джамаат «Ансаруллох» (Таджикистан).

Общее количество воинов на 1.02.2015 года 10 тыс. человек.

Линия деятельности «Хоросанской» группировки ИГИЛ:

Первая: Северный Афганистан, области, где живут таджики и хазарийцы Бамиян, Дойкунди, Парван и Кабул. Основная линия боевых действий будет перенесена на Север - Балх, Герат и Кундуз, будет присоединен и Бадахшан. Далее боевые действия должны быть перенесены в Центральную Азию.

На счету боевиков «Хорасанской группировки» десятки терактов, совершенных в Афганистане. В частности,

В июне 2020 года руководитель «Велаят Хорасан» Абу Умар аль – Хорасани был захвачен афганскими спецслужбами и содержался в тюрьме «Пули чархи».

В середине августа 2021 года тюрьма перешла под контроль движения «Талибан» и они расстреляли Абу Умара аль – Хорасани и еще 8 боевиков ИГ, которые находились в заключение.

Главарем группировки стал Санаулла Гафари, известный по прозвищу Шахаб аль – Мухаджир. Цель «Велаят Хорасан» - создание исламского эмирата в Афганистане и стать частью исламского халифата.

«Велаят Хорасан» после прихода власти «Талибан», 15 августа 2021 года, совершили ряд терактов в Афганистане.

Если за первый год «ИГ - Хорасану» удалось провести 60 терактов (2020 году) то в 2021 году они утроили 334 теракта.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Поздняков Э.А. Философия политики.- М., 1994.- С. 233.
2. Добаев И.П. Исламский радикализм: сущность, идеология, политическая практика. Дис. на соиск. уч. степ.док. фил. наук / Науч. консульт. Ю.Г.Волков.- Ростов н /Д., 2003.- С. 40 – 60.
3. htts//www.ng.ru/cis/2018-09-10/67307/ tadzikistan.html.
4. http://rus.ozodi.org/a/30215576.html
5. Назиров Д. Религиозно – политический экстремизм и терроризм в Центральной Азии//Дисс.на соиск. уч.степ.кандид.философ.наук.-Душанбе,2005.-С. 72-74.
6. Князев А.А. Экономическая ситуация в северо-восточных провинциях Афганистана и проблемы обеспечения региональной безопасности // Афганистан и безопасность Центральной Азии. Вып.1 / Под ред. А.А.Князева. – Бишкек: Илим, 2004. – С.35.
7. Озодагон. – 2009. – 22 апр.
8. Озодагон. – 2009. – 22 апр.
9. Кто он, таджикский террорист №1? // Азия-плюс. – 2015. - №04(987). – 15 янв.
10. https://uz.sputniknevs.ru
11. Ахмади Мумин. «Ансаруллох» готовит нападение на Таджикистан//https://rus.ozodi.org-2021.-24 сентября.
12. http://rus.ozodi.org/a /32053033.html/

## УГРОЗЫ И ВЫЗОВЫ, ИСХОДЯЩИЕ ОТ «НАЦИОНАЛЬНЫЙ АЛЬЯНС», «ВЕЛАЯТ – ХОРАСАН», ЯЧЕЙКИ «ИСЛАМСКОГО ГОСУДАРСТВА», ИСЛАМСКОЕ ДВИЖЕНИЕ УЗБЕКИСТАНА И ДЖАМААТ «АНСАРУЛЛОХ» СТРАНАМ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Для распространения в республиках Центральной Азии радикальной исламской идеологии существуют определенные внешние и внутренние предпосылки.

Какие же религиозно – политические, экстремистские организации из-за рубежа представляют угрозу безопасности Центральной Азии?

**Из – за рубежа:** «Национальный альянс Таджикистана», Исламское движение Узбекистана или Туркестана, Джамаат «Ансаруллох», «Велаят Хорасан» - ячейки «Исламское государство» в Афганистане.

**Внутри региона:** «Хизб – ут – Тахрир», «Джамаати таблиг ва даъва», последователи «Салафия», «Братья – мусульмане».

Далее на определенных этапах развития общества, религия – вера трансформируется в религию - идеологию. Замена же религиозной веры идеологией выражает собой попытку «спасение мира от зла» насилием», то есть по сути, политическими средствами.

**Ключевые слова:** *угрозы, вызовы, Национальный альянс, джамаат «Ансаруллох», движение, ислам, Центральная Азия, Узбекистан, из-за рубежа, внутри региона, «Велаят Хорасан», «Хизб – ут – Тахрир», Салафия, радикализм, идеология, экстремизм, «Братья-мусульмане», таблиг, даъват...*

## ТАВДИД ВА ДАЪВАТҲО АЗ “ИТТИФОҚИ МИЛЛӢ”, “ВИЛОЯТ-ХУРОСОН”, ЯЧЕЙКАҲОИ “ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ”, ҲАРАКАТИ ИСЛОМИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ҶАМОАТИ “АНСОРУЛЛОҲ” БА КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Барои интишори ақидаҳои радикалии исломӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ заминаҳои муайяни берунӣ ва дохилӣ вуҷуд доранд.

Кадом созмонҳои динӣ, сиёсӣ ва ифротӣ аз хориҷ ба амнияти Осиёи Марказӣ таҳдид мекунанд?

**Аз хориҷ:** "Иттифоқи миллии Тоҷикистон", Ҳаракати исломии Узбекистон ё Туркистон, Ҷамоати "Ансоруллоҳ", "Вилояти Хуросон" – ячейкаи "Давлати исломӣ" дар Афғонистон.

**Дар ҳудуди минтақа:** «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ҷамоати таблиғ ва даъва», пайравони «Салафия», «Ихвон-ул-муслимин».

Минбаъд дар марҳилаҳои муайяни тараққиёти ҷамъият дин — эътиқод ба дин — идеология табдил меёбад. Иваз кардани эътиқоди динӣ бо идеология кӯшиши бо зӯроварӣ, яъне аслан бо воситаҳои сиёсӣ «аз бадӣ наҷот додани ҷаҳонро» ифода мекунад.

**Калидвожаҳо:** *таҳдидҳо, чолишҳо, "Иттифоқи миллӣ", ҷунбиш, Ҷамоати "Ансоруллоҳ", Ислом, Осиёи Марказӣ, Узбекистон, аз хориҷи кишвар, дар дохили минтақа, "Вилояти Хуросон", "Ҳизб-ут-таҳрир", Салафия, радикализм, идеология, ифротгароӣ, "Ихвон-ул-муслимин", таблиғ, даъват...*

## THREATS AND CHALLENGES COMING FROM THE «NATIONAL ALLIANCE», «VELAYAT-KHORASAN», «ISLAMIC STATE» CELL, ISLAMIC MOVEMENT OF UZBEKISTAN AND «ANSARULLOH» JAMAAT TO THE CENTRAL ASIA COUNTRIES

There are certain external and internal prerequisites for the spread of radical Islamic ideology in the Central Asian republics.

What religious, political, extremist organizations from abroad pose a threat to the security of Central Asia?

**From abroad:** "National Alliance of Tajikistan", Islamic Movement of Uzbekistan or Turkestan, Jamaat "Ansarulloh", "Velayat Khorasan" - cell of the "Islamic State" in Afghanistan

**Within the region:** "Hizb-ut-Tahrir", "Jamaati Tabligh wa Dawa", followers of "Salafiya", "Muslim Brotherhood".

Further, at certain stages of the development of society, religion - faith is transformed into religion - ideology. The replacement of religious faith with ideology expresses an attempt to "save the world from evil" by violence," that is, in essence, by political means.

**Key words:** *threats, challenges, National Alliance, Jamaat "Ansarulloh", movement, Islam, Central Asia, Uzbekistan, from abroad, within the region, "VelayatKhorasan", "Hizb-ut-Tahrir", Salafiya, radicalism, ideology, extremism, "Muslim Brotherhood", tabligh, dawat...*

**Сведения об авторе:** *Назиров Назир Давлятходжаевич, кандидат политических наук, заведующий отделом, Институт развития образования им. А.Джами, Академии образования Таджикистана, 734024, Таджикистан,город Душанбе, улицаА.Адхамова, 11/2. Тел.: (+992)918-23-17-08;E-mail: nazir_ov@mail.ru*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Назиров Назир Давлятхоҷаевич, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, мудири шуъба, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи А.Адҳамов, 11/2. Тел.: (+992) 918-23-17-08; Почтаи электронӣ: nazir_ov@mail.ru*

**Information about the author:** *Nazirov Nazir Davlyatkhojaevich, Candidate of Political Sciences, Head of Department at the Institute for Educational Development named after. A. Jami, Academy of Education of Tajikistan, 734024, Tajikistan, Dushanbe city, A.Adkhamov street, 11/2. Tel.: (+992) 918-23-17-08; E-mail: nazir_ov@mail.ru*

# МАВҚЕИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

*Ғоибов К. Ш.*

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Дар шароити иттилоотонии ҷомеа ва соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои таҳсилот омодагии зарурӣ нисбати таълиму тарбияро тақозо менамояд. Дар ин баробар коҳиш ёфтани синну соли омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ, ки бевосита ба рушди тафаккури техникии насли наврас равона аст, ба назар мерасад. Ин ҳадаф дар афзалияти вазифаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи муосир тағйир ёфтааст.

Яке аз вазифаҳои аввалин дар ин самт, ин ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои баёнсозӣ ва рушди тафаккури эҷодии хонандагон, ташаккули малакаҳои худомӯзӣ, худтакмилдиҳии шахсӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ мебошад. Ин мавқеъ дар консепсияи сохтор ва мундариҷаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар чунин як ҳуҷҷати бунёдии давлатӣ ба мисли Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 муқаррар шудааст [14].

Дар ҳалли чунин мушкилот таҳсили иловагӣ, ки пеш аз ҳама ба интихоби озоди хонандагон оиди намудҳо ва шаклҳои фаъолият, ташаккули ғояҳои худ дар бораи ҷаҳон, рушди ҳавасмандӣ ва қобилияти маърифатӣ, инчунин ташкили истироҳати пурмазмуни онҳо равона карда шудааст, саҳми калон дорад. Яке аз самтҳои актуалии кори таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи имрӯза ин методи таълими проблемавӣ ва мавқеи он дар рушди малакаҳои донишазхудкунии мактаббачагон мебошад. Моҳияти методи таълими проблемавӣ дар он ифода меёбад, ки омӯзгор худ вазифаҳоро таҳия менамояд ё аз дигар сарчашма манбаъ мегирад ва ба хонанда онро пешниҳод мекунад. Хонанда бошад, роҳи ҳалли ин вазифаҳоро ёфта, қарори ҳалли онҳоро ба омӯзгор пешниҳод менамояд. Вазифаҳои гуногуни проблемавӣ мавқеи ҷустуҷӯии худро доранд. Дар ҳолатҳои мушкил ба хонанда кӯмак намудан зарур аст, лекин дар ин ҳолат ӯ бояд имкониятҳои тафаккури эҷодиро нигаҳ дорад. Вазифаҳои проблемавӣ бо он фарқ мекунанд, ки омӯзгор махсус вазъиятҳои мухталифро интихоб менамояд, то хонанда онҳоро ҳал намуда, кӯшиши бартараф карданашонро пайдо кунад. Таълими анъанавӣ одатан хонандаро бо системаи донишҳо таъмин намуда, хотираи онҳоро инкишоф медиҳад, лекин барои инкишоф додани тафаккур, малакаҳои фаъолияти худмустақилӣ кам аҳамият медиҳад. Таълими проблемавӣ бошад, ин камбудиҳоро бартараф намуда, фаъолияти зеҳнии хонандаро фаъол ва шавқу ҳавас, қобилияти дарки ӯро ташаккул медиҳад. Пас саволе ба миён меояд, ки бартарии таълими проблемавӣ аз дигар усулҳо дар чӣ намудар мешавад?

Вобаста ба хусусияти гузориши проблема вазъиятҳо фарқ мекунанд. Бештари омӯзгорон дар раванди фаҳмонидани мавзуи нави таълимӣ вазъиятҳои номувофиқ ва ногаҳониро истифода мебаранд, ки он ҳам барои дар дарс ташкил намудани кори эҷодӣ – фикрӣ равона карда мешавад. Дар раванди дарсҳои проблемавӣ вақт барои тайёр намудани вазифаҳои хонагӣ камтар сарф шуда, бештари қисми асосии маводи таълимӣ дар дарс азхуд карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар баробари ҷорӣ намудани раванди дарсҳои проблемавӣ як қатор хусусиятҳои сифатҳои хонандагон ба монанди малакаҳои донишазхудкунӣ, қобилияти даркнамоӣ, раванди бахотиргирӣ, дар хотир нигоҳдорӣ, равандҳои фикрӣ ва тафаккури эҷодӣ ташаккул дода мешавад. Ташаккули чунин сифатҳои танҳо ба омӯзгорони навовар ва эҷодкор вобастагии калон дорад. Омӯзгор, ки барои иҷрои барнома вазифадор аст, бояд имконияти ба нақша гирифтан, интихоб кардани китоби дарсиро дошта бошад. Аммо муҳимтар он аст, ки ӯ бояд норасоиҳои онро ҷуброн намояд, барои он ки хонандагон тамоми маводи барномаро аз худ кунанд, масъалаҳои мураккабро содатар баён созад. Эҷодкории омӯзгор метавонад ҳангоми кор бо китобҳои дарсӣ низ зоҳир гардад.

Зарур аст, ки дар баррасии андешаҳои болозикр мо мафҳуми этимологии калимаи «таҳқиқи мазмун» таҳқиқи баъзе таркиби ҷисмҳоро ҷой диҳем. Дар он мафҳуми

қобилияти шахс барои муқоиса ва таҳлил намудани далелу вазъиятҳо, ки барои пажӯҳишгар муҳим мебошанд, фаҳмида мешавад. Ҳангоми фаъолияти таҳқиқӣ қисми асосӣ ин муносибат аст, на таркиби манбаъҳо, ки дар асоси онҳо кор иҷро карда мешавад. Мақсади асосии кори таҳқиқӣ дар муқоисаи нишондоди сарчашмаҳо, таҳлили эҷодӣ ва дар асоси онҳо баровардани хулосаҳои нав мебошад.барои баррасии чунин масъалаҳо мо якчанд масъалаҳои таҳқиқиро дар мадди аввал гузоштем. Мафҳуми фаъолияти таҳқиқӣ чунин шакли ташкили кор фаҳмида мешавад, ки он бо ҳалли вазифаи таҳқиқӣ аз ҷониби хонанда алоқаманд буда, ҳалли пешакии он дода мешавад. Дар доираи корҳои таҳқиқӣ таълим ба таҷрибаи бевоситаи хонанда такя намуда, дар раванди иҷрои кор таҷрибаи пешинаи он такмил меёбад. Кори таҳқиқӣ марҳилаи аввали пажӯҳиши ҳақиқӣ буда, объекти он раванди таълим мебошад.

Хонандагон аз уҳдаи он баромада, калимаҳои якрешагиро ёфта, оид ба пайдоиши ин калимаҳо ахбор медиҳанд ва барои онҳо мазмуни ин калимаҳо пурра фаҳмо мешавад. Инчунин омӯзгор раванди дарсро бо дигар мавзуъҳои таълимӣ ҳамгиро намуда, дар мавзуи «Эҷодиёти мардумӣ» бурдани кори таҳқиқиро супориш медиҳад. Дар натиҷаи чунин таҳқиқ маълум мешавад, ки хонандагон бо ҳунарҳои миллӣ ва анъанаҳои халқӣ шинос шуда, ба омӯзиши ҳунарҳои дастӣ, зардӯзӣ ва чакандӯзӣ шавқу ҳавас пайдо менамоянд. Чунин муносибат ба омӯзиши фарҳанги миллӣ хонандагонро ба корҳои эҷодӣ равона мекунад. Дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа маориф бештар ба анъанаҳо, расму маросимҳои халқӣ диққати махсус медиҳад [12, с.73].

Ин ҳолат хусусияти мантиқӣ дорад, чунки он бо дарки қабулияти таърихии эҷодиёти мардумӣ, нигаҳдорӣ, васеъ намудан ва инкишоф додани фарҳанги миллӣ алоқаманд мебошад. Ба кӯдакон ёд додани анъанаву расму маросимҳои миллии аҷдодӣ маънои тарбия намудани меҳру муҳаббат ба Ватан, ҳурмату эҳтиром ба фарҳанги халқи худ ва анъанаҳои миллӣ мебошад.

Шароити кунунии кори таълим дар заминаи дастовардҳои навини замони соҳибистиклолии кишвар як қадар ба беҳбудии ташкили босамар ва технологикунонии он рӯй овардааст. Ин ҳадаф боиси рушди босуботи илму техника ва ҷоринамоии донишҳои навин дар соҳаи таълиму тарбия ба шумор меравад. Омӯзгори навовару эҷодкор аз истифодаи технологияи навини таълим бетараф нест, ҳатто бобати палҳӯҳои наву актуалии он бо падидаҳои навро ба даст меорад.

Муддатест, ки истилоҳи «технология» [7] берун аз доираи маҷмӯи фаъолияти педагогика, ба истинои забони технократӣ, боқӣ мондааст. Ҳарчанд маънои аслии он (таълими маҳорат) ба монанди вазифаҳои педагогика мухолиф нест: тавсиф, шарҳ, пешгӯӣ, тарҳрезии равандҳои педагогӣ ва боқӣ монда бошад, ҳам лекин бархе аз паҳлӯҳои он назари нав пайдо кард (ба монанда ҳамкорӣ, далеловарӣ дар раванди таълим, омӯзиши чандаҳои психологӣ-педагогӣ дар дарс, истифодаи самараноки воситаҳои техникии таълим ва ғ.).

Технология донишест, ки нерӯву тавоноии инсонро дар як системаи иҷтимоӣ бобати расидан ба ҳадафи он ҷомеа тавсия медиҳад. Дар замони муосир технология яке аз ҷолибтарини мавзуҳо мебошад ва аз ин нуқтаи назар таърифу тавзеҳ ва сайри таҳаввули он барои рушди соҳаҳои мухталиф аҳамияти муҳимеро касб мекунад. Коркард ва истифодаи технологияи омӯзишӣ тақозои замони муосир дар ҳамаи ҷанбаҳои зиндагӣ маҳсуб гашта, аз мутахассиси касбу кори гуногун (омӯзгор, муҳаққиқ, табиб, технолог, иқтисодчӣ ва ғ.) маҳорати баланди касбиро талаб мекунад ва дар як навбат боиси рушди маҳорати касбии ӯ мегардад.

Мафҳуми технология ба мо як зумра маънии амалигардонии ин ё он корро пеш мегузорад. Худи технология аз калимаи юнонии техно - ҳунар, маҳорат, тавоноӣ, санъат ва логос - илм гирифта шуда, маҷмӯи усул ё намудҳои корест, ки инсон қабул мекунад ва барои сохтани чизҳои лозимӣ самаранок истифода мебарад. аз маҷмӯи донишҳо, маҳорату малака, сатҳи муайяни фикрӣ ва ҳисси баланди масъулиятшиносии омӯзгорон

ҷаҳонбинии шаклёфта, алоқаҳои маърифатӣ ба миён меояд, ки омӯзгор дар фаъолияти касбии худ қисми муайян онҳоро ба даст овардааст. Дар мавриди татбиқи амалии гуфтаҳои боло омӯзгор метавонад, ба зинаи ниҳоии рушди маҳорату малака, қобилият, эҷодкорӣ, алоқаҳои маърифатӣ ва тафаккури эҷодӣ ноил гардад.

Дар адабиёти илмӣ истилоҳҳои зиёде мавҷуданд, ки технологияи муайяни педагогиро тавсиф мекунанд: технологияи таълимӣ, технологияи анъанавӣ, технологияи тарҳрезӣ, раванди таълим, технологияи таълими ба проблема асосёфта, технологияи муаллифӣ ва ғайра.

Дар ибтидо илм байни мафҳумҳои «технологияи педагогӣ» ва «технологияи таълим» фарқ намегузошт. Истилоҳи «технологияи педагогӣ» танҳо дар робита ба таълим истифода шуда, худи технология ҳамчун таълим тавассути воситаҳои техникӣ фаҳмида мешуд. Муҳаққиқи рус М.Н.Гуслова технологияи педагогиро ҳамчун системаи таҳия ва татбиқи қонунҳои педагогие медонад, ки ба ин технология мақсадҳо, принсипҳо, мундариҷа, усулҳо ва воситаҳои таълиму тарбия дар дарс мувофиқ ва сатҳи баланди самаранокии онро кафолат медиҳанд [6, с.13].

Технологияҳои навини педагогӣ бо ҳам алоқамандии зич дошта, низоми муайяни дидактикиро ташкил медиҳанд, ки барои тарбия намудани чунин арзишҳо - поквиҷдонӣ, ростқавлӣ, хайрхоҳӣ, ҳисси ҳамдардӣ ва расонидани ёрӣ ба ҳамдигар байни таълимгирандагон равона карда шудааст. Чунин муносибат талаботи таълимии ҳар як хонандаро вобаста ба хусусиятҳои фардии ӯ таъмин менамояд. Чунин тар айни ҳол омили асосии муайянкунанда дар таҳсилот ва инкишофи шахсият аз нуқтаи назари психологӣ-педагогӣ фаъолнокии ботинии хонанда, талабот ва қобилияти рушди ӯ ба худинкишофдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ ва худтанзимнамоӣ дар ҷараёни мутобиқшавӣ ба шароитҳои нав мебошад. Дар ин бобат яке аз масъалаҳои асосии инкишофи шахсияти мактабхоандагон ин ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ дар кори таълиму тарбия мебошад. Ин раванд ба маҳорати касбии омӯзгор ва дараҷаи ҷаҳонбинии ӯ вобаста аст. Омӯзгор бояд дар ҷараёни дар ба бедор намудани соҳаи ваҷҳиёт (мотиватсия) –и хонандагон аҳамият диҳад, натиҷаҳои кори таълим хуб арзёбӣ хоҳад шуд [12, с.81]

Қайд кардан бо маврид аст, ки ваҷҳиёт (мотиватсия) масъалаи асосӣ ва ҷиддӣ дар таълим мебошад. Дар ин бора фаъолияти таълимӣ дар таҳти роҳбари муаллим ба вуҷуд оварда мешавад ва барои азхудкунии дониш ҳосил намудани маҳорату малакаҳо ва тараққиёти ақлӣ нигаронида шудааст. Дар кори таълими раванди аз худкунии дониш мавқеи калонро дониш ишғол мекунад. Азхудкунӣ раванди шуурона, мақсаднок ва фаъолияти психикӣ буда, ба истифода бурдани дониш дар амал татбиқ мегардад. Танҳо он донишро азхудшуда шумоdata мукин аст, ки агар хонанда онро дар амал татбиқ карда тавонад.

Таҳлилу баррасии маводи таълимӣ, бо донишҳои гузашта алоқаманд кардани он ва дар амалия татбиқ намудани дониш ин ҳама зуҳуроти кори фаъолонаи фикрии хонанда мебошад. Аз худ кардани мавод ҳатман таҳлил, муқоисая ҷамъбаст намудани он, ҷудо карда тавонистани аломатҳои асасӣ ва муҳим ёфта тавонистан, аломатҳои монанд ва фарққунандаро талаб мекунад [5].

Муаллим хусусиятҳои индувидуалии дар рафти дарс зоҳиршавандаи хонандаро омӯхта истода, имконият пайдо мекунад, ки тарзи мусибати худро ба хоанда пешбинӣ кунад ва дар як навбат шавқу ҳаваси онро ба таълим муайян созад.

Технология на танҳо шавқу ҳавас, қобилият, сабру тоқат, бодиққатии хонандаро бедор менамояд, инчунин сатҳи баланди дарсдазхудкунӣ, маҳорати пешкаш намудани донишҳои мушкилро ба тарзи осон ва фаҳмову дастрас талаб месозад. Ба мо маълум аст, ки бештари хонандагон аз мушкилӣ метарсанд ва барои азхуд намудани донишҳо канора меҷӯянд. Аз ин сабаб дар шароити муосир дар фаъолияти таълимӣ самтнигарӣ барои инкишоф додани фаъолнокии даркнамоӣ, худмустақилии хонандагон, ташаккул додани маҳорати ҳал намудани мушкилот ва фаъолияти таҳқиқӣ муҳим мебошанд.

Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар машғулиятҳо на танҳо азхудкунии маводи таълимиро осон мегардонад, балки барои рушди маҳорати эҷодии хонандагон имконият ба вуҷуд меорад. Масалан, омӯзгор дар раванди машғулият бо хонандагон метавонад бо истифодаи компютер дарси назариявии худро нишон диҳад ва ба таври амалӣ кор кунад [15].

Донистани технологияи иттилоотӣ дар шароити имрӯза яке аз салоҳиятҳои асосии омӯзгорон мебошад, ки дар тайёр кардан ва ҳалли масъалаҳо, инчунин монеаҳои муосир кумак мерасонад. Ҳар амале, ки хонанда аз рӯи идрок ва имкониятҳои ҷисмониаш барои иҷро кардани он кӯшиш менамояд, ба ташаккули ҷаҳонбинии ӯ мусоидат мекунад. Лекин дар хотир бояд дошт, ки агар малакаҳои нав дар асоси малакаҳои аллакай бадастомада ташаккул ёбанд, аз чунин ташаккулёбӣ манфиати бештаре ба даст овардан мумкин аст. Истифодаи воситаҳои аудио – визуалӣ, истифодаи компютер, наворҳои видеоӣ, слайдҳо, тахтаи электронӣ барои баланд бардоштани қобилияти эҷодии хонандагон дар таълими муосир муфид ва самарабахш мебошанд. Дар ин радиф барои ташаккули сифатҳои ҳамаҷонибаи хонандагон аз коммуникатсияи оммавӣ одатан ба маънои «муоширати оммавӣ» истифода баранд. Ин раванд муоширати байниҳамии муаллиму хонандагонро дар назар дорад, ки дар рафти он иштироки якҷояи омӯзгор ва хонандагон ба назар мерасад [10, с.67].

Дар замони муосир талаботи ҳар инсонро инкишофи техника ва технология муайян мекунад. Ҳар қадар, ки онҳо мукаммал бошанд, ҳамон қадар маҳсули боэътимод ва босифат ба даст меояд. Дарси муосир бидуни истифодаи технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ғайриимкон мебошад. Ҳар рӯз дар шабакаи интернет иттилооти гуногун оварда шуда, захираҳои нави таълимӣ пайдо мешаванд, ба мактаб воситаҳои барномавии нав ворид мешаванд. Дар чунин вазъият омӯзгор набояд худро канора гирад. Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ бо роҳи афзун намудани маводи методӣ аз ҷониби ҳар як омӯзгор дар доираи фанни таълимии худ амалӣ карда мешавад.

Технологияи муосир дар хонандагон фаҳмишҳои политехникиро ташаккул дода, онҳоро бо техникаи нав, технологияҳои муосири коркарди масолеҳҳо шинос менамояд.

Дар раванди омӯзиши ин фан хонандагон касби ояндаи худро бошуурона интихоб намуда, ба меҳнати истеҳсолӣ шинос мешаванд. Меҳнат дар инкишофи худмустақилии хонандагон, ташаккули маданияти ахлоқӣ, зебоипарастӣ ва экологии онҳо нақши муҳим мебозад. Дар айни ҳол зарурияти ташкил намудани раванди таълим дар асоси технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба сифати сарчашмаҳои ахборӣ ва пеш аз ҳама, гунаи шабакаи глобалии телекоммуникатсионии интернет ба миён омадааст. Қисми асосии таркибии иттилоотии раванди таълимиро истифодаи технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар мактаб ташкил медиҳад. Ин самти куллан нав дар педагогика мебошад.

Истифодаи технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, хусусан муаррифии мултимедӣ дар дарсҳои технология имкон медиҳад, ки ба тарзи аёнӣ маводи таълимиро дар экрани калон ё монитор намоиш диҳем. Бо чунин роҳ схемаҳо, ҷадвалҳо ва нишондодҳо намоиш дода шуда, ҳамзамон омӯзиш гузаронида мешавад. Маводи санҷишӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сифат ва сатҳи азхудкунии истилоҳу мафҳумҳоро аз ҷониби хонандагон назорат намояд. Супоришҳои дидактикиро оид ба мавзуъ хонандагон бо шавқи зиёд бо истифодаи компютер иҷро мекунанд. Ба ғайр аз ин вақти иҷрои супоришҳо кам шуда, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки миқдори онҳоро зиёд намояд.

Тафаккур ҳамеша ба ҳалли масъала алоқаманд аст. Барои ҳалли масъала донистани қонунҳои ҳақиқат, ҷамъбаст намудани ҳодисаҳои алоҳидаю мушаххас зарур аст. Ҳамчунин он бо маҳорати объективона баҳо додан ба фикри худ ва дигарон ва ба таври ҷиддию ҳаматарафа санҷидани фикру хулосаҳои баён кардашуда тавсиф дода мешавад [13].

Дар ҷараёни таълими ин ё он фан вазифаҳои гуногун таълимӣ, пайдо мешавад ва роҳи ҳалли худро меёбанд. Дар натиҷа дар хонандагон дониш ва маҳорату малакаҳои зарурӣ ҳосил мешавад. Хусусиятҳои шахсияти хонанда бошад, дар муддати нисбатан бештар, на ҳамеша бо зуҳуроти равшану аён шакл мегиранд: тадриҷан мақсадҳои муайян ва шавқу ҳавас, инчунин майлҳо зоҳир мешаванд, имконияти ҷаҳонфаҳмии бачаҳо ва эътиқодҳои онҳо устувор мегардад. Махсусан, таҳқиқи роҳҳои ташаккули тафаккури хонандагон ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногуни таълимӣ дорои аҳамияти калони амалӣ мебошад. Дар ин ҳолат дар навбати аввал бояд механизмҳои ҷоришавӣ ва зуҳуроти тафаккури калимагӣ – мантиқӣ ва типии он дар заминаи материали ҳамин фанни таълимӣ муайян карда шавад.

Ташаккули тафаккури хонандагон қисми таркибии тараққиёти психикаи онҳо мебошад. Ин фаъолият якҷоя бо дигарон, бо роҳбарии калонсолон (шахсоне, ки ҳамин таҷрибаро пештар аз худ намудаанд) иҷро карда мешавад ва шаклҳои ташкилии онро ҷамъият муайян мекунад. Ин просесси таълим мебошад. Дар просесси таълими дар мактаб заминаҳои ташаккули тафаккур гузошта мешавад ва бинобар ин хусусиятҳои ташаккули тафаккур ба хусусиятҳои мазмун ва ташкили таълими фанҳои гуногун дар мактаби миёнаву олӣ вобаста аст. Тартиби дар давоми солҳои бисёр таҷрибаи ба вуҷудомадаи таълим дар мактаби миёна ва олӣ барои ташаккули дараҷа ва типи муайяни тафаккури хонанда заминаи мувофиқи ба вуҷуд меорад.

Ҳалли масъалаҳои илмию техникӣ дараҷаи баланди фаъолияти ақлиро талаб мекунад ва мактаб қодир аст, ки қобилияти ақлии ҳар як хонандаро бештар инкишоф диҳад. Иҷрои ин вазифа ба таклими таълиму тарбияи насли наврас вобаста аст. Муаллим дар айни ҳол бояд ба сабабҳои бомуваффақият ва бемуваффаыиятии кори худ сарфаҳм рафта, аз роҳҳои самарабахш истифода барад. Яке аз чунин роҳҳо, омӯзиши хусусиятҳои инкишофи тафаккури хонандагон мебошад.

Ҳамин тариқ, дар илми психология мафҳуми тафаккури эҷодӣ ба таври возеҳ ҳаллу фасли худро ба пуррагӣ наёфтааст. Таҳқиқи ин масъала ҳамчун самти актуалии кори таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб гашта, рушди он танҳо аз омӯзгорони навовару эҷодкор ва соҳиби таҷрибаи касбибуда вобаста мебошад. Дар рушди тафаккури эҷодии хонандагон, ки хосатан ба тараqиёти замони технологикунонии кори таълиму тарбия мувофиқ аст, бояд масъулини кори таълим ҳамқадами замон бошад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Абдураҳмонов Г.Н. Хусусиятҳои фардӣ-психологии хонанда ва ба эътибор гирифтани онҳо дар ҷараёни таълим. Душанбе-2009.

2. Атаханов Р. Соотношение общих закономерностей мышления и математического мышления. Вопросы психологии. - 1995. - № 5. - 41с.

3. Блонский, П. П. Психология младшего школьника: избранные психологические труды. Москва, МОДЭК, 2006. – 629 с.

4. Божович Л.И. Развитие воли в онтогенезе // Избранные психологические труды. М., 1995. – 192с

5. Выготский Л.С. Мышление и речь. М.: Педагогика, 1982. – 504 с.

6. Гурова Л.Л. Психология мышления. - М.: ПЕР СЭ, 2005. - 135 с.

7. Давыдов В.В. Виды обобщения в обучении. – М.: Педагогика, 1972. – 424 с.

8. Крутетский В.А. Психология (тарҷумаи Атахонов Р.) Душанбе “Ирфон” 1977, 342с.

9. Леонтьев А.Н. Философия психологии: из научного наследия. М.: Изд-во Моск. ун-та, 1994. – 166с.

10. Мустафоқулов М. Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва омӯзгорӣ. Кӯлоб – 1994. – С.67.

11. Нарзуллоева М. Психологияи бачагона. Душанбе – 2006, -220с.

12. Пиаже Ж. Речь и мышление ребенка / Сост., нов. ред. пер. с фр., коммент. В.А. Лукова, В.А. Лукова. - СПб.: Педагогика-Пресс, 1999. - 527 с.

13. Развитие младших школьников в процессе усвоения знаний. Экспериментально-педагогическое исследование / под ред. М. В. Зверевой. – М.: Педагогика, 1983. – 168 с.

14. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №526 аз 29.09.2020)

15. Эльконин Д. Б. Избарнные психологические труды. Москва, Педагогика. – 1989. – 288с.

## МАВҚЕИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

Мақола ба яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маорифи муосир бахшида шудааст. Он роҳҳои нави ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки тафаккури эҷодии хонандагонро ташаккул медиҳанд, дар асоси Стратегияи давлатӣ ва барномаҳои таълимӣ, инчунин дар асоси мушоҳидаҳои олимон нишон медиҳад.

Муаллиф муътақид аст, ки технологияҳои инноватсионӣ на танҳо шавқу рағбатро бедор мекунанд, қобилият, диққат ва тафаккури эҷодии хонандагонро инкишоф медиҳанд, балки барои азхудкунии осони маводи душвору мураккаби таълимӣ низ мусоидат мекунанд.

Маълум аст, ки шумораи зиёди хонандагон аз душвориҳо метарсанд ва аз процесси таълим худдорӣ мекунанд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир равона кардани фаъолияти таълимӣ ба рушди фаъолияти маърифатӣ, мустақилияти хонандагон, ташаккули малакаҳои ҳалли масъалаҳои мураккаб ва фаъолияти илмӣ муҳим аст.

Дар мақолаи “Мавқеи технологияи инноватсионӣ дар инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон” раванди фарогирии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо технологияҳои инноватсионӣ инъикос ёфтааст, ки ба гуфтаи муаллиф ба рушди тафаккури эҷодӣ ва техникии насли наврас мусоидат мекунад.

**Вожаҳои калидӣ:** *тафаккур, технология, Стратегия, қобилият, инкишоф, таълими проблемавӣ, эҷодкорӣ, технологияи педагогӣ, тафаккури эҷодӣ, технологияи таълим, худинкишофдиҳӣ, маромнокӣ, иттилоот, тафаккури калимагӣ – мантиқӣ*

## РОЛЬ ИННОВАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ В РАЗВИТИИ ТВОРЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ ШКОЛЬНИКОВ

Статья посвящена одному из приоритетных направлений сферы современного образования. В ней на основе государственной Стратегии и рабочих программ, а также на основе наблюдений ученых, указаны новые пути по внедрению инновационных технологий, формирующих творческое мышление школьников.

Автор считает что, инновационные технологии не только пробуждают интерес, развивают способности, внимательность и творческое мышление школьников, а также способствуют легкому усваиванию трудных, сложных учебных материалов.

Известно, что многие учащиеся боятся трудностей и сторонятся процесса обучения. По этой причине, в современных условиях, ориентирование учебной деятельности на развитие познавательной активности, самостоятельности учащихся, формирование навыков решения трудных задач, исследовательской деятельности, является важным.

Статья «Роль инновационых технологий в развитии творческого мышления учащихся» отражает процесс охвата учреждений среднего образования инновациоными технологиями, которые, по мнению автора, способствуют развитию творческого и технического мышления подрастающего поколения.

**Ключевые слова:** *мышление, технология, способность, развитие, проблемное обучение, творчество, педагогическая технология, творческое мышление, технология обучения, саморазвитие, мотивация, информация, словесно-логическое мышление.*

**THE ROLE OF INNOVATIVE TECHNOLOGY IN THE DEVELOPMENT OF CREATIVE THINKING OF SCHOOLCHILDREN**

The article is devoted to one of the priority areas in the field of modern education. Based on the state Strategy and work programs, as well as on the basis of observations of scientists, it indicates new ways to introduce innovative technologies that shape the creative thinking of schoolchildren.

The author believes that innovative technologies not only awaken interest, develop abilities, attentiveness and creative thinking of schoolchildren, but also contribute to the easy assimilation of difficult, complex educational materials.

It is known that many students are afraid of difficulties and avoid the learning process. For this reason, in modern conditions, focusing educational activities on the development of cognitive activity, independence of students, the formation of skills in solving difficult problems, and research activities is important.

The article "The role of innovative technologies in the development of creative thinking of students" reflects the process of covering secondary education institutions with innovative technologies, which, according to the author, contribute to the development of creative and technical thinking of the younger generation.

**Key words:** *thinking, technology, ability, development, problem-based learning, creativity, pedagogical technology, creative thinking, learning technology, self-development, motivation, information, verbal and logical thinking*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Ғоибов Камолиддин Шарофиддинович, н.и.п., муаллими калони кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), E-mail: gaibov-87@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Гаибов Камолиддин Шарофиддинович, к.п.н., старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафуров» (Республики Таджикистан, г. Худжанд), E-mail: gaibov-87@mail.ru*

**Information about the author:** *Gaibov Kamoliddin Sharofiddinovich, Ph.D., senior lecturer of the Department of Social and Professional Psychology of the State Educational Institution "Khujand State University named after Academician B. Gafurov" (Republic of Tajikistan, Khujand), E-mail: gaibov-87@mail.ru*

**ТДУ 37.018 (575.3)**

## ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ИЛОВАГӢ

***Каримзода Ш. К.***

**Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммияти таҳсилоти иловагиро барои хонандагон махсус қайд намуда, ҳангоми суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017 аз ҷумла зикр намуданд, ки: "Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои муҳим зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем." [7]

Ҳадаф аз ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фароҳам овардани шароит ба ташаккули донишандӯзӣ, касбомӯзӣ ва забономӯзии таълимгирандагон дар муҳити мусоиди педагогӣ мебошад [6]. Таҳсилоти иловагӣ дар фарҳанги мо аз замонҳои хело пеш маълум буд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ-адабӣ мисолҳои зиёде овардан мумкин аст, ки ниёгони мо дар тарбия ва инкишофи кӯдак ба ғайр аз тадрис дар мадрасаҳо, инчунин барои фарзандони худ устодони дигари шахсиро барои ташаккул додани малакаҳои шиновариву тирандозӣ, асптозиву чавгонбозӣ ва амсоли он ҷалб намуда, дарсҳои иловагӣ ташкил менамуданд.

Дар "Қобуснома" дар боби "Парвариши фарзанд ва оини он" омадааст: "Чунон ки ман даҳсола шудам, моро ҳоҷибе буд...ва фурусият (саворӣ) некӯ донистӣ. Ва ходими ҳабашӣ буд, Райҳон ном дошт, вай низ некӯ донистӣ. Падарам маро бад-он ҳар ду супурд, то маро савориву найза бохтан ва зӯбин андохтану чавгон задан ва тобтоб андохтан ва каманд афкандан ва ҷумла ҳар чӣ дар боби фурусият ва руҷулият буд, биёмӯхтам" ва ё дар ҷойи дигар "Ба ду маллоҳи ҷалд аз Обисгун бивард ва маро бад-эшон супурд, то маро шино биёмӯхтанд.." [9; 93].

Мувофиқи маслиҳати Ҳусайн Воизи Кошифӣ вақте тифл рушд мекунад, падару модар вазифадоранд, ки аз пайи таълими ӯ шаванд. Таълиму тарбияи дурусти фарзанд яке аз рисолатҳои падару модар мебошад. Дар давраи аввал муаллими динӣ бояд Қуръон ва ахлоқро омӯзонад. Баъд ба таълими ӯ бояд омӯзгори дунёдида, озмудашуда, ҳимматбаланд, ки хидмати подшоҳонро кардааст, машғул шавад. Ба ӯ дарси адабу ахлоқ, зиракию ҳушёрӣ, адабиёт ва санъат диҳад [10;104].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълимгирандагон таҳсилоти иловагиро бо дар назар доштани майлу рағбаташон метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, кӣ дар шаклҳои гуногун фаъолият мекунанд, дарёфт намоянд [7].

Дар моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" шаклҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар карда шудаанд, ки чунинанд: – марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон; академияҳои хурди илмҳо; қасрҳо, стансияҳо, клубҳои кӯдакон ва наврасон; мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва рассомӣ; курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ; хонаҳо, студияҳои эҷодиёти кӯдакон ва наврасон, лагерҳои варзишӣ ва сайёҳӣ; мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона;– клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист; клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон; муассисаҳои солимгардонӣ, мактабҳои маҳорати баланди варзишӣ, марказҳои омодагии олимпӣ; муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ; муассисаҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва дигар муассисаҳое, ки иҷозатномаи дахлдор доранд [5].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» раванди таълимро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври возеҳ муқаррар намуда, самтҳои фаъолияти онро чунин муайян намудааст:

- илмию техникӣ, ки аз бар намудани маҳорату малакаҳои техникию технологӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии техникаю технологияи муосир ва илмҳои дақиқ, инчунин ба кори фаъолонаи илмию таҳқиқотӣ тайёр шудани таълимгирандагонро таъмин менамояд;

- таҷрибавию амалӣ, ки барои ҷалб намудани таълимгирандагон ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ, конструкторӣ ва ихтироъкорӣ дар соҳаҳои гуногуни илму техника, фарҳангу санъат, инчунин фароҳам овардани шароит барои худтакмилдиҳии эҷодӣ, ошкор сохтан ва инкишофу дастгирии истеъдодҳои ҷавон мусоидат мекунад;

- ҷамъиятию гуманитарӣ, ки инкишофи қобилияту истеъдо, малака ва маҳорати амалии таълимгирандагонро дар самти азхудкунии донишҳо доир ба асосхои илмҳои иҷтимоиву гуманитарӣ ва омузиши забонхои хориҷӣ таъмин мекунад;

- китобдорию китобшиносӣ, ки барои боло бурдани шавқи маърифатӣ, фарҳангию иттилоотӣ ва такмили малакаю маҳорати таълимгирандагон баҳри муайян ва мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ нигаронида шудааст;

- экологию табиатшиносӣ, ки азбар намудани донишҳоро дар бораи муҳити зист, ташаккули маърифати экологии шахс, дар бораи масъалаҳои экологӣ ва таҷрибаи ҳалли онҳо, андухтани донишу малакаро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла гулпарварӣ, ҷангалпарварӣ, боғдорӣ, занбуриасалпарварӣ ва ҷалб кардан ба кори амалии ҳифзи табиат ва дигар самтхои биологиро пешбинӣ менамояд;

- сайёҳию кишваршиносӣ, ки ҷалби таълимгирандагонро барои омӯзиши таърихи кишвар ва маҳалли зист, тамаддуни ҷаҳонӣ, объектхои ҷуғрофӣ, таърихию фарҳангӣ ва зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ, азбар кардани малакаҳои амалӣ ва маҳорати сайёҳию кишваршиносӣ таъмин менамояд;

- бадеию эстетикӣ, ки инкишофи истеъдоду қобилияти эҷодии таълимгирандагон, азбар намудани малакаҳои амалӣ ва дар соҳаи фарҳангу санъати ватанӣ ва ҷаҳонӣ дониш андӯхтани онҳоро таъмин менамояд;

- тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ки инкишофи кобилияти ҷисмонии таълимгирандагон, шароити зарурӣ барои солимии мукаммал, обутобёбӣ, истироҳату фароғат, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёр кардани захираҳои варзишӣ барои дастаҳои мунтахаби миллӣ, азбар кардани малакаҳои тарзи ҳаёти солимро таъмин менамояд;

- ҳарбию ватандустӣ, ки тарбияи ҳисси ватандустӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва дараҷаи зарурии тайёрии таълимгирандагонро ба хизмати харбӣ таъмин мекунад;

- солимгардонию гигиенӣ, ки таъмини шароити заруриро барои истироҳати бофароғат, азбар намудани донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим, азхуд намудани малакаи беҳдошти саломатии шахсӣ ва ташаккули фарҳанги гигиении шахсро пешбинӣ менамояд [5].

Бояд қайд намуд, ки муҳити созгори таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон муҳимтарин омили рушди эҷодкорӣ ва шарти худшиносии эҷодии кӯдакон ва наврасон буда, ҳамчун системаи таъсирот ва шароити ташаккули шахсият, инчунин имконоти рушди он, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва фазоию субъектӣ иҳота гардидааст, вазифаи барои шахс муҳайё намудани имкониятҳои таълим ва азхуд кардани таҷрибаи ҷамъиятиро доро мебошад.

Муҳаққиқони соҳаи педагогика хусусиятҳои зерини муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдаконро қайд мекунад:

- тағйирпазирӣ;
- чандирӣ;
- таваҷҷӯҳ ба рушди фаъолият ва иқтидори эҷодии ҳар як кӯдак;
- эҷодкорӣ;
- табиати эвристикӣ;
- ҳалли мушкилот;
- мақсаднокӣ;
- мураккабӣ;
- бисёромилӣ ва бисёрфунксиягӣ;
- сермаҳсулӣ;
- идорашаванда [1, 145].

Эҷодкорӣ муҳимтарин хусусияти муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон буда, он синтези соҳаҳои фаъолият, муошират ва худшиносиро, ки дар ташаккули қобилият ва салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон хеле самаранок мебошад, бо дарназардошти шавқу рағбат, эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, суръат, сатҳ, ҳаҷми дарк ва азхудкунии дониш, малакаҳои зарурӣ ва тарзи тафаккуру амал бояд ташкил карда шуда, дар ин раванд бояд имкони ба ҳадди аксар расонидани қобилияти шахс барои худшиносии эҷодӣ имконпазир бошад.

Дар робита ба ин, истифодаи истилоҳи «муҳити эҷодии таҳсил» дар низоми таҳсилоти иловагӣ бамаврид дониста мешавад.

Таҳсилоти иловагии таълимгирандагон бо дар назар доштани майлу рағбати онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоӣ, касбӣ ё дар муасссисаҳои таълимии таҳсилоти

иловагӣ, ки дар шакли академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, қасрҳо, хонаҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, стансияҳо, студияҳо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси ибтидоӣ, мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишҳои кӯдакона, муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият менамоянд, дар асоси барномаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад [5].

Аз рӯйи ин таҷзия таҳсилоти иловагии кӯдакон аз як қатор соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ иборат аст, ки ҳар яки онҳо хусусиятҳои худро доранд, ки бешубҳа ҳангоми фароҳам овардани муҳити эҷодӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Соҳаҳои маъмули таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон тарбияи эҷодиву бадеӣ, техникӣ, табиатшиносӣ, сайёҳӣ – кишваршиносӣ, варзишӣ буда, инчунин тавассути фаъолият дар иттиҳодияҳои ҷамъиятии кӯдакону наврасон ва лагерҳои истироҳативу маърифатӣ амалӣ карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар низоми таҳсилоти иловагии кӯдакон фаъолияти иттиҳодияҳои таълимӣ ва маҳфилҳои равияи бадеӣ – эҷодӣ маъмулу дастрас буда, маҳз тавассути онҳо кӯдакон бо фаъолиятҳои вобаста ба санъат ва эҷодиёти бадеӣ ошно мегарданд. Ба чунин намуди таҳсилоти иловагӣ марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, мактабҳои санъат ва мусиқӣ, марказҳои ҳунарҳои мардумӣ, студияҳо, мактабҳои рассомӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

Фаъолият дар маҳфилҳои равияи техникии таҳсилоти иловагӣ дар шароити кунунӣ барои кӯдакон хеле ҷолиб ва серталабот буда, онҳо қодиранд ба инкишофи эҷодиёти техникии таълимгирандагон барои пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва мудофиавии ҷамъият ва давлат мусоидат намоянд. Мутаасифона дар кишвари мо муассисаҳои махсусгардонидашудаи тарбияи техникии наврасон ташаккул наёфта, онҳо аслан дар шакли маҳфилу иттиҳодияҳои таълимии конструкторӣ, робототехника, радиоэлектроника, ихтироъкорӣ, лабораториҳои инноватсионӣ ва ғайраҳо дар назди марказҳои кӯдакону наврасон, марказҳои рушди истеъдодҳо, литсею гимназиҳо ва клубу марказҳои хусусӣ ба таври аҳён – аҳён амал намуда, фаъолияти кӯдакон дар ин самт аслан ба таври мустақилона тавассути иштирок дар озмунҳои ба ин равия бахшидашуда таъмин мегардад. Ҳол он, ки дар доираи эълон гардидани Бистсолаи омӯзиши фанҳои дақиқу риёзӣ ва табиатшиносӣ эҳёи стансияҳои техникони наврас, ташкили технопаркҳои кӯдакона ва бюроҳои таҷрибавии конструкторӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Дар низоми таҷрибашудаи таҳсилоти иловагӣ равияи табиатшиносӣ ва сайёҳиву кишваршиносӣ низ барои фаъолияти эҷодии кӯдакону наврасон ҷойгоҳи махсус доранд. Зеро ташаккули таваҷҷуҳи кӯакон ба омӯзиш ва ҳифзи табиат, биология, ҷуғрофия, экология ва дигар илмҳои дар бораи замин, таъриху фарҳанг, омӯзишу арҷгузорӣ ба корнамоиҳои сиёсиву ҳарбии шуҷоатмандонаи давлатмардон, сарбозону афсарон, омӯзиши имконияҳои сайёҳии мамлакат, сохтани харитаҳои туристӣ ва амсоли инҳо дар баробари рушди фаъолияти илмиву тадқиқотии наврасон, метавонад ба сифати сарчашмаи рушди иҷтимоӣ ва шахсияти онҳо таъсиргузор бошад. Ҳоло дар ин самтҳо фаъолияти маҳфилҳои алоҳидаи марказҳои эҷодии кӯдакон, академияи хурди илмҳо, чорабиниҳои беруназмактабии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва озмуну олипиадаҳоро мисол овардан мумкин аст. Аммо онҳо ба таври фарогир наметавонанд талаботи кӯдакони завқмандро ба ин равия қонеъ гардонанд. Дар ин самт эҳёи стансияҳои натуралистони наврас, сайёҳӣ –кишваршиносӣ, планетарийҳо, марказҳои тарбияи экологӣ, табиатдӯстони ҷавон, экспедитсияҳо, базаҳои туристиву кишваршиносӣ ва тақвияти кори осорхонаҳо дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва иловагӣ ногузир мебошад.

Фаъолият дар равияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти иловагӣ бо мақсади ташаккули ҷисмонии кӯдак, омӯзонидани фарҳанги тарзи ҳаёти солим ва тарбияи захираҳои варзишиву олимпӣ нигаронида шудааст. Дар ин самт фаъолияти самарабахши мактабҳои варзишӣ ва заҳираҳои олимӣ, марказҳои омӯзишии федератсияҳои намудҳои гуногуни варзиш, майдончахои варзишӣ ва бозии кӯдакону наврасон, иттиҳодияҳои таълимӣ

ва маҳфилҳои варзишии марказҳои кӯдакону наврасон ва баргузории мусобиқаҳои мунтазам дар ин самт доиршавандаро метавон мисол овард.

Мутобиқ намудан ва инкишоф додани хусусиятҳои равонии шахсият, қобилиятҳои муоширатӣ, зеҳнӣ ва эҷодии таълимгирандагон, ташаккули сифатҳои роҳбарӣ ва ташкили фароғати иҷтимоии кӯдакон низ аз самтҳои асосии таҳсилоти иловагӣ дониста шуда, он тавассути ҷалби кӯдакон ба иттиҳодияҳои ҷамъиятию педагогӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин самт фаъолияти кӯдакону наврасонро дар зиннаҳои Созмони хонандагони муассисаҳои тахсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ, ки дастаҳои он дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва шуроҳои он дар назди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ амал мекунанд, мисол овардан мумкин аст.

Мисоли дигари фаъолияти эҷодии кӯдакон дар низоми таҳсилоти иловагӣ ташкили лагерҳои истироҳативу фароғатӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти лагерҳои тобистонаи кӯдакону наврасони маъмул аст, ки ҳамасола тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таътили тобистонаи кӯдакону наврасон ташкил карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки лагерҳои мазкур, ки аслан аз истироҳатгоҳҳои бернazшаҳрии назди шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, корхонаву ташкилотҳо, майдончаҳои солимгардонии назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, лагерҳои омӯзишии назди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва фароғатҳҳои кӯдаконаи хусусӣ иборат буда, асосан аз рӯйи як самт – таъмини истироҳату фароғат дар давраи таътил фаъолият намуда, инчунин ба барқарорсозии ҷисмониву равонии кӯдакон машғул мегарданд. Барои фаъолияти самарабахш ва таъмини муҳити созгори эҷодӣ дар онҳо таҳияи барномаҳои махсус барои лагерҳои кӯдакона аз рӯйи равияҳо: истироҳативу фароғатӣ, истироҳативу солимгардонӣ, истироҳативу омӯзишӣ, истироҳативу варзишӣ, истироҳативу ҳарбӣ – ватандӯстӣ, истироҳативу ккишваршиносӣ ва ғайраҳо мувофиқи мақсад хохад буд.

Муҳити эҷодии таҳсилот дар ин соҳаҳои фаъолият ба ҳар як кӯдак имкон медиҳад, ки на танҳо иқтидори эҷодкории худро инкишоф диҳад, балки эҳтиёҷоти минбаъдаи худшиносӣ ва худинкишофдиҳии эҷодиаш ҳавасманд гардонида шуда, хусусиятҳои худбаҳодиҳии объективӣ ва ташаккули қобилиятҳо ӯ ташаккул дода шаванд.

Азбаски дар маркази муҳити эҷодии таҳсилот симои худи кӯдак ва раванди ташаккулёбии ӯ меистад, хуб мебуд, ки хислатҳои шахсияти ӯ, ки ҳангоми инкишофи худшиносӣ дар ин муҳит рушд ёфтаанд, ҳамчун меъёри фаъолият истифода бурда шаванд.

Дар ин асно муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдаконро ба самтхои зерин, ки дар онҳо раванди худшиносии эҷодии шахсият сурат мегирад, иборат донистан мумкин аст:

- фаъолият;
- муошират;
- худшиносӣ.

Ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ кӯдакон тавассути фаъолият дар рафти баргузории машғулиятҳо мавзуъҳоро пурра аз худ намуда, дар системаи робитаҳое, ки дар ҳар як намуди фаъолият вобаста ба онҳо мавҷуданд, мавқеи худро муайян мекунанд. Маҳз дар фаъолият робитаҳои иҷтимоӣ ва аҳамияти онҳо ба таври самаранок дарк карда мешаванд. Дар ин замина раванди таълим яке аз роҳҳои муҳимтарин ва боэътимоди гирифтани маълумоти мунтазам оид ба ин ва ё он фанни таълимӣ мебошад. Таълим ба интиқоли механикии дониш ва малака намеафтад, зеро таълим ҷараёни дуҷонибаест, ки дар он омӯзгорон ва хонандагон ба ҳамдигар зич алоқамандӣ доранд.

Муносибати хонандагон нисбати таълими омӯзгорон дар машғулиятҳои фаннӣ одатан аз натиҷаи фаъолиятҳо тавсиф карда мешавад. Фаъолият (таълим, азхудкунӣ) дараҷаи робитаи хонанда бо мавзӯе, ки омӯзгор тадрис мекунад, муайян карда мешавад.

Дар сохтори фаъолияти педагогӣ дар равнади машғулиятҳо унсурҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- омодагӣ ба иҷрои супоришҳои омӯзишӣ;
- хоҳиш барои фаъолияти мустақилона;

- шуурнокии иҷрои вазифаҳо;
- таълими систематикӣ;
- хоҳиши беҳтар кардани сатҳи шахсии фаъолияти омӯзгор ва ғайра [1, 56-59].

Яке аз ҷанбаҳои муҳими фаъолияти педагогӣ ин пеш аз ҳама ҳавасмандгардонии таълими хонандагон ба таври мустақилона мебошад. Мустақилият, ки бо муайян кардани объект, воситаи фаъолият ба роҳ монда мешавад ва татбиқи он аз ҷониби худи хонандагон бе кӯмаки калонсолон ва омӯзгорон дар амал татбиқ карда мешавад. Фаъолияти маърифатӣ ва фаъолияти мустақил аз якдигар ҷудонашавандаанд: хонандагони фаъолтар ва мустақилтар ба назар мерасанд ва хонандаи ғайрифаъолро водор мекунад, ки ӯ низ фаъол бошад ва аз дигарон вобастагӣ надошта бошад. Таъсири аз ҳама фаъолтар дар синф дар ҳолатҳое таъмин карда мешавад, ки худи хонанда бояд:

- андешаи худро ҳимоя кунад;
- дар муҳокима ва мубоҳисаҳо ширкат варзад;
- ба рафиқон ва устодони худ саволҳо диҳад;
- ҷавобҳои рафиқонро дида бароял ва мавриди баррасӣ қарор диҳад;
- баҳои ҷавобҳо ва кори хаттии рафиқонро арзёбӣ кунад;
- ба омӯзиши ақибмондагон машғул шаванд ва дар онҳо донишомӯзиро бедор созад;
- ба хонандагони сусттар ҷойҳои аҷибро шарҳ диҳад, то онҳо дар омӯзиш ҳавасманд гарданд;
- мустақилона вазифаи иҷрошударо интихоб кунанд, омӯзад ва шарҳ диҳад;
- якчанд роҳи ҳалли имконпазири масъалаи маърифатиро дар худ пайдо кунад;
- ҳалли масъалаҳои маърифатиро, ки дар маҷмӯаҳои усулҳои маълуми ҳалли масъалаҳо мавҷуданд, дида бароял;
- шароити ташхиси мустақилона, таҳлили амали маърифатӣ ва амалии шахсиро ба вуҷуд орад [3, 123].

Идоракунии фаъолияти хонандагон одатан ба таври анъанавӣ сурат мегирад. Фаъолсозиро метавон раванди ҷараёни пайваста идома додани ҳавасмандкунии хонандагон ба омӯзиши амиқ, бартараф кардани фаъолиятҳои маъмулии ғайрифаъол ва стереотипҳо, инчунин дар раванди таназзул ва рукуди фаъолияти равонии ӯ муайян кард. Ҳадафи асосии фаъолсозӣ ташаккули фаъолияти хонандагон, баланд бардоштани сифати ҷараёни таълим мебошад.

Дар амалияи педагогӣ роҳҳои гуногуни баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ истифода мешаванд, ки дар байни онҳо шаклҳо, усулҳо, воситаҳои таълимӣ, интихоби маҷмӯаҳо, ки дар ҳолатҳои ба миён омада фаъол ва мустақилияти хонандаро ҳавасманд мекунанд, мавҷуданд.

Метавон гуфт, ки технологияҳои нави таълими мустақил пеш аз ҳама афзоиши фаъолнокии хонандаро дар назар дорад, яъне ҳақиқате, ки тавассути саъю кӯшиши худи хонанда ба даст оварда мешавад, арзиши бузурги маърифатӣ дорад.

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки муваффақияти омӯзиш дар ниҳоят аз муносибати хонанда ба таҳсил, хоҳиши онҳо ба дониш, азхудкунии дониш, малака ва фаъолияти онҳо вобаста аст.

Дар педагогикаи муосир сатҳи фаъолиятҳои маърифатӣ ба якчанд қисмҳо ҷудо карда мешаванд:

1. Фаъолияти репродуктивӣ. Он бо хоҳиши хонанда дар фаҳмидан, дар хотир овардан ва такроран такмил додани дониш, аз худ кардани усули татбиқи он тибқи моделҳои омӯзиши фанҳо тавсиф карда мешавад. Ин сатҳ бо ноустувории кӯшишҳои ихтиёрии хонанда, набудани ҳавасмандии хонандагон ба амиқсозии дониш ва набудани чунин саволҳо ба монанди "Чаро?", "Барои чӣ?" истифода бурда мешавад. Агар машғулият ба таври шавқовар сурат гирад, хонанда ҳеҷ гоҳ зарурати додани чунин саволҳоро ба худ зарур намешуморад.

2. Фаъолияти тафсирӣ. Он бо хоҳиши хонанда барои муайян кардани маънои мундариҷаи таҳқиқшаванда, хоҳиши омӯхтани робитаи байни падидаҳо ва равандҳо, азхудкунии усулҳои татбиқи дониш дар шароити тағйирёбанда тавсиф мешавад.

Дар ин фаъолият чунин нишондиҳанда дида мешавад, аз ҷумла устувории бештари саъю кӯшишҳои ихтиёрӣ, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хонанда кӯшиш мекунад то кори оғозкардаашро ба анҷом расонад, иҷрои супоришро дар душворӣ рад намекунад, балки роҳи ҳалли онро то охир меҷӯяд.

3. Фаъолияти эҷодӣ. Он таваҷҷӯҳ ва хоҳишро на танҳо ба амиқи падидаҳо ва вобастагии онҳо тавсиф мекунад, балки роҳи нави онро пайдо мекунад.

Хусусияти хос ин зуҳуроти сифатҳои олии иродаи хонанда, субот ва истодагарӣ дар расидан ба ҳадаф, манфиатҳои васеъ ва устувории маърифатӣ мебошад. Ин сатҳи фаъолият чунин таъмин карда мешавад, ки хонанда дарк мекунад, ки вай аллакай дар таҷриба иттилооти нав, падидаи навро дид. Дар ин раванд фаъолият, ҳамчун сифати шахсии фаъолияти фард, шарти ҷудонопазир ва нишондиҳандаи татбиқи ҳама гуна принсипҳои омӯзиш мебошад.

Ҳангоми интихоби усулҳои муайяни таълим, пеш аз ҳама, барои ба даст овардани натиҷаҳои самарабахш саъй кардан лозим аст. Ҳамзамон, аз хонанда на танҳо фаҳмидан, ёд овардан ва таҷдиди дониши гирифташуда зарур аст, балки истифода ва дар амал татбиқ намудани он пурсида шавад, зеро дараҷаи маҳсулнокии омӯзиш асосан аз сатҳи фаъолияти маърифатӣ вобаста аст [2, 30-32].

Агар на танҳо фаҳмидан ва ёд гирифтан, балки амалан аз худ кардани донишҳо зарур бошад, пас табиист, ки фаъолияти маърифатии хонандаро танҳо ба шунидан, қабул кардан ва мустаҳкам кардани маводи таълимӣ маҳдуд кардан мумкин нест. Дар ин асно хонанда фавран кӯшиш менамояд, ки дониши аз нав бадастовардаро ба кор барад, онро дар амалияи худ татбиқ кунад ва ҳамин тавр симои нави фаъолияти касбиро дар худ ташаккул диҳад. Ин раванди тафаккур ва амалияи таълимӣ-маърифатӣ ҳарчи бештар фаъолтар бошад, самараи он бештар хоҳад буд. Дар натиҷа хонанда ба ташаккули эътиқодҳои нисбатан устувор шурӯъ мекунад ва албатта захираи дониши хонада аз нав пур карда мешавад. Аз ин рӯ, пурзӯр кардани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ дар ҷараёни таълим хеле муҳим аст.

*Вобаста ба ин дар раванди фаъолияти педагогӣ якчанд принсипҳои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон мавҷуд аст, ки мо онро як як мавриди таҳлил қарор додем.*

**Принсипи мушкилот.** Ин принсип дар раванди педагогӣ ҳамчун принсипи асосӣ баррасӣ карда мешавад. Дар раванди фаъолият омӯзгор бояд бо супоришҳо ва саволҳои пайдарпай ба хонанда мушкилот эҷод карда, дар тафаккури ӯ вазъияти мушкиле ба вуҷуд оварад, ки дар натиҷа дар ҳолати надоштани дониши кофӣ хонанда маҷбур мешавад бо кӯмаки омӯзгор ва иштироки ҳамсабақони дигар бо назардошти таҷрибаи худ ва дигарон бомантиқ донишҳои навро дар худ тавлид намояд. Ҳамин тавр, хонанда донишҳои навро на дар формулаҳои тайёркардаи омӯзгор, балки дар натиҷаи фаъолияти фаъоли маърифатии худ ба даст меорад. Хусусияти татбиқи ин принсип дар амалияи педагогӣ он аст, ки он бояд ба ҳалли мушкилоти мушаххаси дидактикии мушаххас, яъне нест кардани стереотипҳои ғалат, ташаккули эътиқодҳои пешрафта ва тафаккури нав равона месозад.

**Принсипи омӯзиши мутақобила**. Принсипи омӯзиши мутақобила дар ташкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон аҳамияти камтар дорад. Дар хотир бояд дошт, ки хонандагон дар ҷараёни таълим метавонанд тавассути мубодилаи дониш якдигарро омӯзанд. Таълими бомуваффақияти мустақилона на танҳо заминаи назариявӣ, балки қобилияти таҳлил ва ҷамъбаст кардани зуҳурот, далелҳо ва иттилооти омӯхташударо талаб мекунад. Дар натиҷа хонанда дар худ қобилияти нави эҷодӣ ба вуҷуд меорад. Қобилияти хулоса баровардан аз хатогиҳои шахсии худ ва дигарон дониш ва малакаи хонанда ҳам аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ рушд меёбад.

Амалисозии принсипи омӯзиши мутақобила дар мисоли ташкили кори мустақилона дар гурӯҳҳои синну соли гуногун дар раванди машғулиятҳо дақиқтар дида мешавад.

Масалан дар раванди машғулиятҳои иловагӣ аз фанни таърих ҳангоми якҷоя кор кардан дар харитаи таърихӣ барои ҷойгиркунии шаҳрҳои калони давлатҳо ва марказҳои маъмурии онҳо хонандагон якдигарро пурра мекунанд. Дар кори дастаҷамъӣ, метавонанд хонандагони синфи 8 ба хонандагони синфи 9 кӯмак расонанд, ки дар натиҷа ҷойгиркунии шаҳрҳои калони

давлатҳо ва марказҳои маъмурии онҳо ба хонандагони синфи 9 ба ёд оварда мешавад, чунки хонандагони синфҳои 9 айни ҳол ин мавзӯъҳоро дар раванди машғулиятҳо хонда истодаанд ва дар навбати худ хонандагони синфи 9 ба синфи 8 дар тақсим кардани шаҳрҳо ва марказҳои маъмурии онҳо кӯмак мекунанд. Якҷоя, хонандагон донишҳои худро такмил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, татбиқи принсипҳои педагогии фаъолияти таълимӣ ва омӯзиши мутақобила ташаккули мавқеи субъективии хонандагон, муносибати инъикоскунандаро ба таълим таъмин мекунад.

**Принсипи омӯзиши масъалаҳои омӯхташуда**. Дар ин принсип муҳим он аст, ки фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон эҷодкорона, ҷустуҷӯӣ ва агар имкон бошад, унсурҳои таҳлил ва ҷамъбастро дар бар гирад. Раванди омӯзиши як падидаи мушаххас ё мушкилот бояд бо ҳама нишондодҳо хусусияти тадқиқотӣ дошта бошад. Ин боз як принсипи муҳими баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ дар раванди машғулиятҳо мебошад. Масалан агар хонанда аз фанни метематика бо намунаи ҳалли мисолу масъалаҳои мавҷудбуда шинос бошад, бемамониат метавонад дар раванди азхудкунии мавзӯъи мазкур муваффақ бошад.

**Принсипи фардикунонӣ**. Барои ҳама гуна раванди таълим принсипи фардикунонӣ муҳим аст. Ин принсип дар ташкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ бо назардошти хусусиятҳо ва қобилиятҳои инфиродии хонанда ба роҳ монда мешавад.

Барои омӯзиши ин принсип хусусиятҳои психофизикӣ нақши калонро мебозад. Аз ҷумла:

- таркиби синф;
- мутобиқшавӣ ба раванди таълим;
- қобилияти дарк кардани мавзӯи нав ва ғайра [11, 97].

Ҳамаи ин истифодаи шаклҳо ва усулҳои таълимро тақозо мекунад, ки агар имконпазир бошад, хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонандаро ба назар гирад, яъне принсипи инфиродӣ ҷараёни таълимро амалӣ кунад.

**Принсипи худидоракунии таълим.** Дар раванди ин принсип ба ҷараёни таълим, механизми худидоракунӣ ва худтанзимкунӣ, яъне татбиқи принсипи худомӯзӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Ин принсип ба мо имкон медиҳад, ки фаъолияти таълимӣ ва маърифатии ҳар як хонанда дар асоси хоҳиши фаъолнокии шахсии онҳо оид ба такмил додани донишу малакаи худ, омӯзиши адабиёти иловагӣ ва гирифтани маслиҳат ба омӯзгор шароити муҳим фароҳам меоварад.

**Принсипи ҳавасмандкунӣ.** Фаъолияти ҳам мустақил ва ҳам коллективии хонандагон танҳо дар сурати ҳавасмандкунӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, дар байни принсипҳои фаъолкунӣ ба ҳавасмандкунии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ҷои махсусе дода мешавад. Дар ин раванд маҳаки асосӣ ба маҷбурӣ набудани оғози фаъолият диққат дода мешавад, чунки хоҳиши хонанда барои ҳалли масъала, омӯхтани чизе, исбот кардан, озмоиш кардан равона карда шавад.

Принсипҳои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон, инчунин интихоби усулҳои таълим бо назардошти хусусиятҳои ҷараёни таълим муайян карда мешаванд.

Илова бар ин принсипҳо ва усулҳо, инчунин омилҳое мавҷуданд, ки хонандагонро ба фаъол будан ташвиқ мекунанд, онҳоро инчунин ангезаҳои омӯзгор ё ҳавасмандкунӣ барои густариши фаъолияти хонанда номидан низ мумкин аст. Масалан дар раванди машғулиятҳои фанни таърих ба хонанда нишон додани объектҳои гуногун, зуҳурот, ҳудудҳои таърихӣ, муносибатҳои дипломатии байни давлатҳо ҷузъҳо ва ғайра метавонанд таъсири мусбӣ расонанд.

Дар раванди машғулият як омиле, ки барои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон нақши калидӣ мебозад ин таваҷҷӯҳ мебошад. Таваҷҷӯҳ ангезаи асосии фаъол кардани хонандагон аст. Омӯзгор ҳангоми таҳияи маводи таълим ин омилро ҳатман ба назар мегирад. Хонанда ҳеҷ гоҳ таваҷҷӯҳ зоҳир намекунад агар дар раванди машғулият омӯзиши вазъияти мушаххас мавҷуд набошад. Инчунин мушкилот дурандешона

бошад ва воқеиятро инъикос кунад ва мушкилотеро, ки ба он алоқаманд аст, фаъолона аз тарафи ҳамсабақон муҳокима шавад. Агар дар раванди машғулиятҳо мушкилоти дорои хислатҳое мавҷуд бошанд, ки шавқу рағбати хонанда якбора меафзояд ва ӯро водор менамояд, ки ӯ бояд онҳоро ҳал кунад ва баъзан дар ҳаёти ҳаррӯза истифода барад ва дар мушкилоти мавҷуда саҳми назарраси худро гузорад. Дар ин ҷо, фаъолияти маърифатии ӯ якҷоя бо таваҷҷӯҳи омӯзиши ин мушкилот, омӯзиши таҷрибаи ҳалли он муайян карда мешавад.

Аслан хусусияти эҷодии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ худ ба худ омили қавӣ барои шинохтани худи хонанда аст. Табиати таҳқиқотии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки шавқи эҷодӣ дошта бошанд ва дар навбати худ онҳоро фаъолона ва мустақилона ба ҷустуҷӯи донишҳои нав ташвиқ мекунад.

Яке аз омилҳои дигар дар раванди машғулиятҳо ин рақобатпазирӣ мебошад. Аммо, дар раванди таълимӣ ин ҳолатро на танҳо рақобат барои баҳоҳои беҳтарин тавсиф кардан зарур аст, балки дар он дигар сабабҳо низ буда метавонад. Масалан, ҳеҷ кас намехоҳад, ки дар назди ҳамсинфони худ «ба нокомӣ дучор шавад», ҳама мекӯшанд, ки тарафҳои беҳтарини худро нишон диҳанд. Рақобат махсусан дар машғулиятҳое, ки ба таври интерактивӣ гузаронида мешаванд зоҳир мешавад.

Хусусияти интерактивии машғулиятҳо ҳам омили рағбат ва ҳам рақобатпазириро дар бар мегирад, ки раванди муассири ҳавасмандкунии фаъолияти рӯҳии хонандагон мебошад.

Бо назардошти ин омилҳо, омӯзгор метавонад фаъолияти хонандагонро дақиқ таҳлил намояд ва фаъол созад, зеро муносибати гуногун ба дарсҳо, на муносибати якхела, ин пеш аз ҳама боиси таваҷҷӯҳи хонандагон ба дарсҳо мегардад ва ҳангоми ба итмом расидани машғулиятҳо хонандагон хушҳол мераванд, зеро онҳо равандро пешгӯӣ карда метавонанд [4, 41].

Таъсири эмотсионалии омилҳои дар боло зикршуда ба хонандагон рақобатпазирӣ, табиати эҷодӣ, ҳавасмандӣ ва ғайратро дар омӯзиши на танҳо фанни таърих балки дигар фанни таълимӣ низ ба вуҷуд меорад. Зеро хонандагон дар худ мустақилиятро эҳсос мекунанд ва ин усул дар раванди дастаҷамъонаи омӯзиши илм заминаи мусоидро фароҳам меорад. Бешубҳа қобилиятҳо танҳо тавассути ташаккули салоҳиятҳо, ки ба кӯдак имкони мустақил буданро бо роҳи эҳтиром гузоштан ба андешаи фардӣ ва имкони ибрози ақидаву истифода намудани потенсиали зеҳниву ҷисмонии шахсиро фароҳам меоранд, метавонанд ба таври назаррас ошкор ва рушд дода шаванд.

Салоҳиятҳо– маҷмуи сифатҳои бисёрҷонибаи шахсият буда, маҷмуи донишҳо, малакаҳо, сифатҳои шахсӣ, таҷрибаи шахсии зеҳнӣ, эҳсосӣ, ахлоқӣ, ихтиёрӣ ва ғайраҳоро дар бар гирифта, бо инкишоф додани қобилиятҳои эҷоди шахс, имкон медиҳад, ки аксари падидаҳои асил ва ғайримуқаррарӣ дар асоси идеяҳои нав ба вуҷуд омада, бо дарназардошти паҳлуҳои назариявию амалии шахс мутобиқшавии онҳоро дар самти фаъолияти эҷодкоронаи ба интихоби касб ва дигар равандҳои ҳаётӣ равонагардида, таъмин менамояд. [2]

Бояд тазаккур дод, ки зарфиятҳои эҷодӣ дар кӯдак аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, дар баробари афзоиш ва рушд ташаккул меёбанд. Аммо, имконияти дарк кардани эҷодкорӣ дар кӯдакон яксон набуда, он аз табиат ва сифати ҳамкориҳои он бо калонсолон дар марҳилаҳои гуногуни давраи наврасӣ вобастгӣ дорад, ки низ дар маҷмуъ корбурди усули таълими босалоҳиятро талаб менамояд. Агар ин усул тавассути эҷодкорӣ ба роҳ монда шавад, зарфияти бузурги ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ бо истифодаи корбурди салоҳиятҳои эҷодкорӣ ба даст меояд.

Аз ин ҷо масъалаи таъмини самаранокии фаъолияти таълимӣ ва рушди салоҳиятҳои хонандагон, ки маҷмӯйи донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳо ва сифатҳои шахсии ба эҷодкорӣ равонагардидаро дар бар мегиранд, дар низоми таҳсилоти иловагӣ падидаи нав буда, ҷорӣ кардани он дар пешбурди фаъолияти ин соҳа муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

## АДАБИЁТ:

1. Бруднов А. Неформальное и непрерывное. О развитии дополнительного образования детей. // Директор школы. 1995. № 2. С. 56-59.

2. Вершинин В., Артемкина Н. Дополнительное образование детей: вчера, сегодня, завтра // Внешкольник. Дополнительное образование детей. -1998. -№6. -С.30-32.

3. Грибов Д.Н. Педагогические основы формирования системы дополнительного образования в современных общеобразовательных учреждениях: Дис. канд. пед. наук. - Б.м., 1998. - 178 с.

4. Евладова Э.Б., Николаева Л.А. Дополнительное образование: содержание и перспективы развития // Педагогика. - 1995. - №5. - С.39-44.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф". Душанбе "Маориф ва фарҳанг", 2013.

6. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти №98 тасдиқ шудааст

7. Суханрони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017, http://www.president.tj/node/16031

8. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома.-Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2007.- с.93.

9. Х. Афзалов. Б. Раҳимов. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик//Х. Афзалов. Б. Рахимов. – Душанбе: «Маориф», 1994.-с. - 104.

10. Чернова Н.А. Педагогические условия развития дополнительного образования школьников (на примере региона): Дис. канд. пед. наук. -Кемерово, 1997.- 194 с.

## ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ИЛОВАГӢ

Дар мақола оид ба равандҳои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон дар машғулиятҳо, муносибати хонандагон нисбати таълими омӯзгорон, идоракунии раванди фаъолияти хонандагон, фаъолсозии онҳо ба омӯзиши амиқи илмҳо матраҳ карда шудааст. Инчунин якчанд принсипҳои фаъолияти педагогӣ дар раванди машғулиятҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Мақолаи мазкур ба омӯзиши масъалаи таҳия ва татбиқи усулҳои методӣ, ки ба самаранокии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ мусоидат мекунанд, бахшида шудааст. Аз ҷумла, вазифаҳои педагогӣ, ки бояд дар доираи дарсҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд, баррасӣ карда мешаванд. Дар мақола таҳлили чунин ҷузъҳои фаъолгардонии фаъолияти хонандагон дар синф ба монанди гузоштани ҳадаф, ҳавасмандкунӣ, воситаҳои омӯзгор оварда шудааст. Ҳамчун воситаи самараноки баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ, технологияҳои иттилоотӣ, усулҳои омӯзиши мушкилот, усули истифодаи вазифаҳои мустақили дорои хусусияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ, усулҳо ва воситаҳои гуногуни таълим баррасӣ карда мешаванд.

Ҳамчунин дар мақола ташаккули фаъолияти универсалии таълимии шахсӣ дар заминаи фаъолиятҳои берунасинфӣ баррасӣ мешавад. Бешубҳа, дар тамоми самтҳои фаъолияти хонандагон шароити зарурии ташаккули тамоми намудҳои фаъолияти универсалӣ мавҷуд аст, вале маҳз фаъолияти универсалии шахсӣ ба ташаккули шахсияти мутаносиб мусоидат мекунад.

**Вожаҳои калидӣ:** *Фаъолияти таълимӣ, равандҳои педагогӣ, таълими систематикӣ, фаъолияти репродуктивӣ, фаъолияти тафсирӣ, фаъолияти эҷодӣ, принсипи мушкилот, принсипи омӯзиши мутақобила, принсипи омӯзиши масъалаҳои омӯхташуда, принсипи худидоракунии таълим, принсипи фардикунонӣ ва ғайра.*

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И РАЗВИТИЕ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ НА ДОПОЛНИТЕЛЬНЫХ ЗАНЯТИЯХ

В статье рассматриваются процессы повышения учебно-познавательной активности учащихся на занятиях, отношение учащихся к занятиям учителей, управление процессом деятельности учащихся, их активизация в углубленном изучении предметов. Также проанализировано несколько принципов педагогической деятельности в процессе обучения.

Данная работа посвящена изучению проблемы выработки и применения наиболее эффективных методологических приемов, способствующих эффективности учебно-познавательной деятельности обучающихся на дополнительных занятиях. В частности, рассматриваются педагогические задачи, которые необходимо реализовывать в рамках дополнительных занятий. Статья содержит анализ таких составляющих активизацию деятельности учеников на занятиях, как целеполагание, мотивацию, инструментарий учителя. В качестве наиболее эффективных средств активизации учебно-познавательной деятельности рассматриваются информационные технологии, методы проблемного обучения, метод с использованием самостоятельных заданий поискового и творческого характера, различные приемы и средства обучения.

Также в статье рассмотрено формирование личностных универсальных учебных действий в контексте внеучебной деятельности. Несомненно, предпосылки формирования всех видов универсальных учебных действий присутствуют во всех сферах деятельности учащихся, но именно личностные универсальные действия способствуют формированию гармоничной личности.

**Ключевые слова:** *учебная деятельность, педагогические процессы, систематическое обучение, репродуктивная деятельность, интерпретационная деятельность, творческая деятельность, принцип проблемности, принцип взаимообучения, принцип усвоения изученного, принцип самоуправления образованием, принцип индивидуализации и др.*

## ENSURING THE EFFECTIVENESS OF EDUCATIONAL ACTIVITIES AND THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' COMPETENCIES IN ADDITIONAL CLASSES

The article deals with the processes of increasing the educational and cognitive activity of students in the classroom, the attitude of students to the lessons of teachers, managing the process of students' activities, their activation in in-depth study of subjects. Several principles of pedagogical activity in the learning process are also analyzed.

This work is devoted to the study of the problem of developing and applying the most effective methodological techniques that contribute to the effectiveness of educational and cognitive activity of students in additional classes. In particular, the pedagogical tasks that need to be implemented within the framework of additional classes are considered. The article contains an analysis of such components of the activation of students' activities in the classroom as goal-setting, motivation, teacher's tools. As the most effective means of enhancing educational and cognitive activity, information technologies, methods of problem-based learning, a method using independent tasks of a search and creative nature, various methods and teaching aids are considered.

The article also considers the formation of personal universal educational activities in the context of extracurricular activities. Undoubtedly, the prerequisites for the formation of all types of universal learning activities are present in all areas of student activity, but it is personal universal activities that contribute to the formation of a harmonious personality.

**Key words:** *educational activity, pedagogical processes, systematic training, reproductive activity, interpretive activity, creative activity, the principle of problematicness, the principle of mutual learning, the principle of assimilation of what has been learned, the principle of self-government by education, the principle of individualization, etc.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Каримзода Ш.К. – номзади илмҳои педагогӣ, директори Филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе”, к.М.Турсунзода 8/1а. E-mail: shavkatnormatov@mail.ru, тел: +(992) 93-803-93-92*

**Сведения об авторе:** *Каримзода Ш.К. – кандидат педагогических наук, директор Государственного учреждения “Филиала Института повышения квалификации и переподготовки работников образования в городе Душанбе”, ул. М. Турсунзода 8/1а. E-mail: shavkatnormatov@mail.ru, тел: +(992) 93-803-93-92*

**Information about the aythor:** *Karimzoda Sh.K. – candidate of Pedagogical Sciences, Director of the State Institution "Branch of the Institute of Advanced Training and Retraining of Education Workers in the city of Dushanbe", M. Tursunzoda str. 8/1a. E-mail: shavkatnormatov@mail.ru , tel: +(992) 93-803-93-92*

**ТДУ 151.8: 378 (575.3)**

## ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

***Расулов С. Х. Ҷурабоев Ҷ. М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити кунунии рушди ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро он нишондиҳандаи салоҳиятнокии касбии омӯзгор маҳсуб ёфта, маҳсули он муттахассиони омодашудае мебошанд, ки пас аз хатми донишгоҳу донишкадаҳо ба бозори меҳнат фиристода мешаванд. Бешубҳа "Барои таъмин намудани сифати таҳсилот ва қонеъ намудани талаботи ҷомеа, ҳар як омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд дорои салоҳияти касбӣ бошад" [11; 386]. Самаранокии фаъолияти ин омӯзгорон аз омилҳои гуногун вобастагӣ доранд, ки муҳимтаринашон омилҳои психологӣ мебошанд, зеро ҳамаи омилҳои дигар тавассути таъсир расонидан ба психикаи омӯзгор самаранокии фаъолияти ӯро тағйир медиҳанд.

Мавриди қайд аст, ки нишондиҳандаи самаранокӣ - ин бадастоварии муваффақи мақсад тавассути истифодаи босамари қувва ва воситаҳо мебошад. Самаранокии фаъолияти омӯзгор - ин "зуҳуроти маҷмуавии шахсияти ӯ буда, натиҷаи он фаъолӣ ва фаъолияти психика дар мувофиқат бо талаботи масъалаи ҳалшаванда мебошанд. Ба ибораи дигар, барои самаранок будани кор бояд сохтор ва фаъолияти психикаи омӯзгор ба сохтор ва динамикаи фаъолияти ӯ мувофиқат кунанд" [5; 126].

Муайян кардани дараҷаи самарнокии фаъолияти омӯзгор хеле душвор аст. Барои ин бояд марому мақсадгузории омӯзгор, дараҷаи маҳорати касбии ӯро донист. Ченкунии аниқи беҳшавии сифати таълиму тарбия ҳам кори саҳл нест. Ба ғайр аз ин, омӯзгорон бо таҷриба ва хусусиятҳои шахсияти худ аз якдигар фарқ мекунанд.

Ба даст овардани мақсади гузошташуда бо истифодаи усулу воситаҳои гуногун имконпазир аст. Истифода ва мувофиқати онҳо аз хусусиятҳои шахсияти омӯзгорони алоҳида, ҷаҳонбинии онҳо, қобилият, характер, мизоҷ, ҳолати психикӣ ва дигар хусусиятҳои психологӣ вобастагӣ дорад. Яке аз шартҳои муҳимми самаранокии таълим дар донишҷӯён бедор кардани маром ба омӯзиши фанни тадрисшаванда мебошад, ки аз шахсияти омӯзгор ва принсипи кории ӯ вобастагии калон доранд. Аксар вақт мо мешунавем, ки омӯзгорони серталабу сахтгирро донишҷӯён дӯст намедоранд ва аз рӯйи шахсияти омӯзгор фанро ҳам бад мебинанд. Аммо мушоҳидаҳо ва тадқиқот нишон медиҳанд, ки ин ҷузъ андешаи беасоси маъмурони макотиби олӣ чизи дигаре нест. Фанне, ки аз тарафи омӯзгорони сахтгир дарс дода мешавад, аксар вақт дар рӯйхати фанҳои дӯстдоштаи донишҷӯён (ё фанни барои фаъолияти минбаъдаи меҳнатӣ зарурӣ) ҷой мегиранд. Аз тарафи дигар, донишҷӯён дар умқи шуури худ дарк мекунанд, ки сахтгирии омӯзгор ба манфиати онҳо аст. Аксар вақт ҳангоми хатми донишгоҳ шунидани суханони сипос ба омӯзгорони сахтгир шаҳодати ин гуфтаҳо аст.

*Шахсияти омӯзгор* бо тобишҳои гуногуни ақидавӣ-сиёсӣ, маънавӣ, корӣ ва психологии худ омили муҳимми таъминкунандаи самаранокии раванди таълим мебошад. Шахсияти омӯзгор дар фаъолияти касбии ӯ мавқеи калидӣ дошта, "дар аксари мавридҳо хислати асосии он ҳадафмандӣ ҳисобида мешавад, ки ҷанбаи эҳтиёҷоту ҳавасмандии шахсиятро муайян карда, сатҳи олитарин ва пешбари сиришти равонии ӯ ба ҳисоб меравад" [9; 99]. Шахсияти омӯзгор ба донишҷӯён ҳатто ҳангоми аз тарафи омӯзгор мавҷуд набудани чунин мақсад ҳам таъсир мерасонад, зеро «шахсият тавлид намешавад, балки шахсиятро тарбия мекунанд» [1]. Дар адабиёт мавҷудияти чунин хусусияту

сифатҳо дар омӯзгор талқин карда мешаванд: бовиҷдонӣ, инсондустӣ, адолатпарварӣ, бошарафӣ, некбинӣ ва амсоили ин. Аммо муносибати прагматикӣ ҷавобро ба ин савол тақозо мекунад: худи донишҷӯён кадом хислату сифатҳоро дар омӯзгорон меписанданд ва ба кадоме аз онҳо бартарият медиҳанд?

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯён ба мавҷудияти чунин хислатҳо, ба монанди чуқур донистани фанни худ, маданияти баланд ва фазилат афзалият дода, мавҷуди чунин хислатҳоро дар омӯзгорон меписанданд: дӯст доштани донишҷӯён, дӯст доштани кори худ, серталабӣ, хушмуомилагӣ, боодобӣ, маҳорати такя кардан ба хусусиятҳои хуби шахсияти донишҷӯён.

«Омӯзгор чун шахси боэътимоди ҷомеа бояд дорои сифатҳои беҳтарини инсонӣ бошад: ҳақгӯйӣ ва ростқавлӣ; меҳнатдӯстӣ; поквиҷдонӣ; хоксорӣ; ҳозирҷавобӣ; муҳаббат ба тифлон ва ба меҳнати педагогӣ; ба вуҷуд оварда тавонистани муҳити психологию ахлоқии мусбат дар ҷомеа; хушмуомалагӣ; тавоноии омӯзиши хусусиятҳои фардии ҳар як шахс ва ғайраҳо” [10; 386].

Фарқи инфиродӣ дар услуби дарсдиҳии омӯзгорони алоҳида кори муқаррарӣ аст, аммо дар самтҳои асосии раванди таълиму тарбия бояд ягонагии нуқтаи назар вуҷуд дошта бошад, зеро дар ин раванд ду тараф ба ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд - омӯзгор ва донишҷӯ.

Яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи тобиши муносибати донишҷӯён ба омӯзиши фан, *таассуроти аввалини донишҷӯён* дар бораи омӯзгори дарсдиҳанда мебошад. Чӣ хеле ки дар боло қайд кардем, шахсияти омӯзгор ва баҳодиҳии донишҷӯён ба он ба муносибати онҳо ба фанни таълимӣ таъсири бевосита мерасонад. Аз таҳлили адабиёти психологӣ бармеояд, ки шаклгирии таассуроти аввалини донишҷӯён дар бораи омӯзгор аз аломату нишонаҳои зерин бармеояд:

1. Симои зоҳирии омӯзгор (тарзи роҳравӣ, ворид шудан ба синфхона, муаррифӣ кардани худ, қиёфабозӣ, имою ишоракунӣ ва ғайра).

2. Хусусиятҳои дарси аввал (нутқ, тобиши эмотсионалии нутқ ва рафтор, маҳорати пешниҳод кардани мавод ва ғайра).

3. Муносибат ба донишҷӯён (серталабӣ, аз болои рафтори донишҷӯён дар дарс назорат кардан, барқарор кардани алоқа бо донишҷӯён, бодиққатӣ, бодадолатӣ дар баҳогузории сатҳи дониш ва рафтори донишҷӯён).

4. Зоҳиршаии боодобӣ, зеҳн, хонадани дарс аз рӯйи конспект.

5. Андешаи донишҷӯёни курсҳои болоӣ дар бораи омӯзгор ва ғайра. [8; 194-195].

Психологияи мактаби олӣ исбот намудаст, ки ба комёбии омӯзгор унсурҳои зерин бевосита мусоидат мекунанд: маҳорати омӯхтани донишҷӯён, одоби педагогӣ, маҳорати истодагарӣ кардан дар ҳалли дуруст ва қаблан ишорашудаи масъала, мушоҳидакории педагогӣ, эҷодкорӣ, маҳорати мубориза бурдан бо ҳама гуна омилҳои халарасон, қобилияти зуд ба роҳ мондани нақшаи амал бо назардошти шароитҳои нав. Дар ин радиф характери муносибати мутақобилаи омӯзгор бо донишҷӯён таъсири бориз дорад. Ин характер дар дараҷаи муайян аз рӯйи одоби омӯзгор, дониши ӯ дар соҳаи хусусиятҳои синнусолӣ ва иҷтимоӣ-психологии донишҷӯён муайян карда мешавад.

Дар раванди таълим аз рӯйи дараҷаи шиносоии омӯзгор ва донишҷӯён ҳамдигарфаҳмӣ дар байни онҳо тағйироти назаррасро аз сар мегузаронад, дар ҳалли масъалаҳои фаъолияти таълимӣ фаъолтар ва аҳамиятноктар мегардад. Бо назардошти дастовардҳои тадқиқоти илмӣ се дараҷаи инкишофи ҳамдигарфаҳмиро дар байни омӯзгорон ва донишҷӯён ҷудо кардан мумкин аст: *паст, миёна ва баланд*. Ин дараҷаҳо аз рӯйи меъёрҳои зерин муайян карда мешаванд:

- миқдори саволҳое, ки аз тарафи донишҷӯён дар солҳои гуногуни таҳсил дода мешаванд;
- мазмуни ин саволҳо;
- аксуламали донишҷӯён ба муносибати омӯзгор ба саволҳои онҳо ва худи онҳо.

*Дараҷаи паст* хосси муносибати байниҳамии омӯзгор ва донишҷӯёни курсҳои поёнӣ аст. Донишҷӯён аз тарси он, ки мабодо сатҳи пасти дониши худро нишон надиҳанд, аз

додани савол худдорӣ мекунанд. Ба аксари ин донишҷӯён беҷуръатӣ ва шармгинӣ дар муносибат бо омӯзгор хос аст. Дар фарқият аз донишҷӯёни курсҳои болоӣ, онҳо доир ба масъалаҳои илмӣ ду маротиба камтар ва доир ба масъалаҳои ташкили кори таълиму тарбия ҳашт маротиба зиёдтар савол медиҳанд.

Фаъолияти *дараҷаи дуюм – миёна* аз муносибати омӯзгор ба саволи донишҷӯён ва худи онҳо вобастагӣ дорад. Донишҷӯён бо мурури азхудкунии таҷриба, дониш, васеъшавии ҷаҳонбинии илмӣ, ҳис кардани муносибати хайрхоҳона, эҳтиром ва эътироф аз тарафи омӯзгорон ба ҳаёти донишҷӯйӣ пурра мутобиқ мешаванд, мавқеъ ва ҳуқуқҳои худро дар донишгоҳ меёбанд.

Аз ин ҷо *дараҷаи баланди* муносибати байниҳамии омӯзгор ва донишҷӯ сар мешавад, ки бо фаъолии баланди маърифатии донишҷӯён бо роҳнамоии омӯзгорон тавсиф дода мешавад.

Бо муносибати байниҳамии омӯзгорону донишҷӯён муошироти байни онҳо алоқаи ногусастанӣ дорад. Муошират имконият медиҳад, ки шароити мусоиди психологӣ барои рушди мароми таълим, бароҳмонии ҳамдигарфаҳмӣ, пешгирии «монеаҳои эмотсионалӣ», ташаккул додани шавқу ҳавас ба донишандузӣ ва рушди шахсият дар маҷмуъ фароҳам оварда шавад.

Мусаллам аст, ки муошироти байни омӯзгор ва донишҷӯён бояд аз рӯйи принсипҳои некхоҳӣ, принсипнокӣ ва масъулиятшиносӣ ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин, ҳар як омӯзгор бояд муоширатро бо донишҷӯён тарзе ба роҳ монад, ки барои инкишофи зеҳнӣ, ташаккулёбии маънавиёт ва ҳисси эстететикии онҳо мусоидат намояд. Ногуфта намонад, ки «фарҳанги касбии омӯзгор ва унсурҳои асосии он (манзараи илмӣ-омӯзгории олам, ҷаҳонбинии педагогӣ, Ман-консепсияи омӯзгор, образи касбии ӯ) сифати таҳсилотро муайян мекунанд” [13; 192]. Бешубҳа “Муҳити тарбикунандаи муассисаи таҳсилоти олӣ шаклҳои муҳими рафтор ва муоширатро муайян ва ташаккул медиҳад, ки дар сатҳҳои гуногун аз рафтор ва муошироти ҳукмрон дар ҷомеа тафовут дорад” [6; 68].

Шарти муҳимми самарнокии фаъолияти омӯзгорӣ маҳорати эҷодкорона муайян кардани мақсади тадриси фан ва дарси алоҳида мебошад. Мақсадгузорӣ бояд дар худ ҳалли масъалаҳои таълиму тарбия ва идоранамоии фаъолияти психикии донишҷӯёнро фаро гирад. Чунин мақсадгузорӣ натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи шароит ва имкониятҳои педагогии фанни худ, дарси дарпешистода ва дар ин асос гузоштани вазифаи асосии муайянкунандаи самти кори омӯзгор ва донишҷӯён мебошад. Мақсадгузорӣ дар таълими фан ва ҳар як дарс мазмуни дарс, дараҷаи ғоявӣ-сиёсӣ, самти тарбиявӣ ва усули таълими онро баланд мебардорад.

Тадқиқот нишон медиҳанд, ки баъзе омӯзгорон дар мақсадгузории дарс имкониятҳои тарбиявии фан ё мавзуъро инъикос карда наметавонанд. Мақсади асосии онҳо ба донишҷӯён додани ахбори бештар доир ба мавзуъ буда, ҳадафи дарсро танҳо дар додани маълумот дида, ҷанбаи тарбиявии онро сарфи назар мекунанд. Бархе аз омӯзгорон ҳангоми банақшагирии дарс хусусиятҳои психологии аудитория ва усули таълимро сарфи назар мекунанд, ки ин ба самаранокии он таъсири манфӣ расонида, мазмуни дарсро нопурра мегардонад.

Омӯзиши тарҷрибаи омӯзгорони варзида нишон медиҳад, ки танҳо дар сурати мақсадгузории дуруст дар тадриси фан ва мавзуъҳои алоҳидаи он метавонад донишҷӯёнро бо дониши соҳавӣ мусаллаҳ намуда, сифатҳои муҳимми шахсиятро дар онҳо тарбия намояд, онҳоро соҳибмаълумот гардонад ва ба рушди шахсияти онҳо мусоидат кунад. Барои дар донишҷӯён ташаккул додани сифатҳои алоҳидаи шахс омӯзгорро зарур аст, ки хусусиятҳои ин сифатҳои шахсиро дуруст муайян кунад, ҷойгоҳ ва нақши онҳоро дар сохтори шахсияти мутахассис донад, дараҷаи инкишофёбии онҳоро омӯзад ва бо донишҷӯён тарзе корро ба роҳ монад, ки онҳо зарурати ташаккул додани ин сифатҳоро дуруст дарк кунанд ва ба он шавқманд шаванд.

Ҳамин тариқ, маҳорати аниқ ва дуруст муайян кардани вазифаҳои таълиму тарбия ва дар мувофиқа ба онҳо банақшагирии кори худ ва донишҷӯён шарти муҳимми

самаранокии фаъолияти омӯзгор ба шумор меравад. «Шахси босалоҳият он стратегияҳоеро истифода мебарад, ки барои ҳалли вазифаҳои муайян мувофиқ мебошанд. Идоранамоии фаъолияти худ ба баландбардорӣ ё модификатсияи дараҷаи салоҳиятнокӣ мебарад» [7; 99].

Шартҳои самаранокии фаъолияти омӯзгорро таҳлил намуда, онҳоро ба ду гӯрӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Шартҳои шахсӣ:

- хусусиятҳои мусбати равияи шахсӣ дар омӯзгор (устувории шавқу ҳавас ба дарс гуфтан, ҳисси масъулият ба сифати омода кардани мутахассисон ва ғайра);
- зоҳиршавии мизоҷ, талаботи мувофиқи фаъолияти педагогӣ;
- хусусиятҳои хуби характер, мавҷудияти чунин хислатҳо ба монанди некхоҳӣ, боодобӣ, меҳрубонӣ, серталабӣ, боадолатӣ, устуворӣ, бодиққатӣ, қатъият, уҳдабарой;
- қобилитҳои педагогӣ ва ташкилотчигӣ.

2. Шартҳои вазъиятӣ:

- равшан дарк кардани вазифаҳои фаъолияти худ ва фаъолияти донишҷӯён;
- мавҷудияти маромҳои вазъиятии устувори барои расидан ба мақсад водоркунанда;
- ҷоришавии мувофиқи равандҳои психикии маърифатӣ;
- ҳолати психикии стеникӣ (фаъолкунанда, қувватбахш).

Шароити шахсии ташаккулёфта имконият медиҳанд, ки омӯзгор дар амалинамоии мақсадҳои фаъолият устувор бошад ва услуби кори худро нигоҳ дорад. Шароити вазъияти туфайли фаҳмидани моҳияти вазифаҳои гузошташуда зери таъсири омодашавӣ ба дарс ва гузаронидани он ба амал меоянд.

Ягонагӣ ва сифати шароитҳои самаранокии фаъолияти омӯзгори мактаби олӣ – ин натиҷаи омодагии ғоявӣ, маънавӣ-сиёсӣ, касбӣ, психологӣ ва ҷисмонӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ мебошад.

Яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгор ин баланд бардоштани дараҷаи **маҳорати педагогии** омӯзгор мебошад, ки аз он ҳалли масъалаҳои таълиму тарбия дар мактаби олӣ, самаранокии омода намудани мутахассисон, дар онҳо ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, сифатҳои маънавӣ, психологӣ ва корӣ сахт вобастагӣ доранд.

Маҳорати педагогӣ - ин дараҷаи баланди фаъолияти касбии омӯзгор мебошад. Зоҳиран он дар ҳалли муваффақи эҷодкоронаи масъалаҳои педагогӣ, самаранокии бадастоварии усул ва мақсадҳои кори таълиму тарбия ифода меёбад. Нишондиҳандаҳои мушаххаси зоҳирии онро дараҷаи баланди иҷро ва сифати кор, амалҳои мақсаднок ва ба вазъияти педагогӣ мувофиқ, бадастоварии натиҷаҳои таълим, тарбия ва кори мустақилонаи донишҷӯён, дар онҳо ташаккул додани қобилияти мустақилона аз худ кардани дониш, ҷалбашавӣ ба гузаронидани тадқиқоти илмӣ ташкил медиҳанд.

Аз ҷанбаи дохилӣ, маҳорати педагогӣ - ин амалинамоии системаи донишҳо, маҳорат, малака, равандҳои психикӣ, хусусиятҳои шахсият мебошад, ки иҷрои масъалаҳои педагогиро таъмин менамоянд. Аз ин мавқеъ, маҳорати педагогӣ ифодаёбии шахсияти омӯзгор, имкониятҳои мустақилона, эҷодкорона, бо дараҷаи баланди касбият машғул шудан ба фаъолияти педагогӣ мебошад.

Тарафи дохилии маҳорати педагогӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад: дониш, маҳорат, малака, сифатҳои муҳимми касбӣ, муносибати мусбӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ, хислатҳои ба талаботи касб мувофиқи характер, зоҳиршавии мизоҷ, хусусиятҳои протсессҳои психикӣ, омодагии психологӣ ба фаъолият.

Чун таълим, тарбия ва роҳбарӣ дар фаъолияти омӯзгор дар ягонагӣ зоҳир мешаванд, маҳорати педагогӣ дорои асосҳои психологии системаи донишҳо, маҳорат ва малакаи худ мебошад. Ин дониш, маҳорат ва малака барои ҳалли муваффақона ва эҷодкоронаи масъалаҳои таълим, тарбия, идоракунии фаъолияти фикрии донишҷӯён ва ташкил кардани кори мустақилонаи онҳо заруранд.

Дониш - ин натиҷаи маърифати ҳақиқат аст, ки он дар шуури инсон дар шакли тасаввурот, мафҳумҳо, муҳокимаҳо, фарзияҳо, принсипҳо, қонунҳо, қонуниятҳо ва ғ. инъикос меёбад. Пӯшида нест, ки "маҳз донишҳои касбӣ маҳорати сари вақт ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияи худро бо мақсади ба даст овардани самаранокии баланди кори худ тавсиф медиҳанд" [11].

Малакаи омӯзгор – ин унсурҳои автоматишудаи фаъолияти педагогии ӯ; амалҳое мебошанд, ки ба дараҷаи баланд комил шудаанд ва иҷрои онҳо кӯшиши махсус ва тамаркузти диққатро талаб намекунд.

Маҳорати омӯзгор дар истифодаи дурусти дониш ва малака, махсусан дар шароитаи нав ва душвор ифода меёбад. Чӣ қадаре ки омӯзгор бомаҳорат бошад, ҳамон қадар амалҳои гуногунро дар фаъолияти омӯзгории худ озодона истифода мебарад.

Дониш, маҳорат ва малака ҳамчун система фаъолият намуда, дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои фардии омӯзгор зоҳир мешаванд. Ин алоқамандӣ то ҷойе устувор аст, ки сифат ва хусусиятҳои шахсӣ дараҷаи маҳорати педагогиро муайян мекунанд. Масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгорро таҳлил намуда, "диққати асосӣ ба усуле дода мешавад, ки ба рушди қобилиятҳои истифодаи донишҳои назариявӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои амалӣ ва ба ташаккул додани маҳорату малакаи шахси-касбӣ равона шудаанд" [4; 91].

Маҳорати педагогӣ дар ҳолати мавҷуд мудани мароми мусбат дар фаъолияти омӯзгор ташаккул меёбад. Дар ин раванд чунин хислатҳои характери омӯзгор, ба монанди мустақилият, боинтизомӣ, меҳнатдӯстӣ, мушоҳидакорӣ, бодиққатӣ, устуворӣ, уҳдаборӣ ва бовиҷдонӣ мавқеи ҳалкунанда доранд. Бидуни мавҷудияти қобилияти коркарди диалектикии маводи таълимӣ, ба кори таълимӣ ворид кардани чизи наву ғайриоддию шавқовар, соддаю ифоданок иброз доштани масоили таълимӣ, дуруст дарк кардан ва баҳо додан ба рафтори донишҷӯён, маҳорати боваркунонӣ, мутаассиркунӣ ва талабнамоӣ ташаккул додани маҳорати педагогӣ ғайриимкон аст.

Чунин андешае вуҷуд дорад, ки мизоҷи омӯзгор ба ташаккулёбии дараҷаи баланди маҳорати касбии ӯ монеа эҷод мекунад. Тадқиқот нишон медиҳанд, ки мизоҷ ба услуб ва усули фаъолияти омӯзгор таъсир расонида, ба ташаккулёбии маҳорати касбӣ монеа эҷод намекунад.

Ҳамин тариқ, маҳорати педагогӣ на танҳо ифодаи ба худ хоси дониш, маҳорат ва малака, балки раванду ҳолати психикӣ ва хусусиятҳои шахсии дар мувофиқа бо талаботи касбӣ инкишофёфта мебошад.

Барои ташаккул додани маҳорати педагогӣ омӯзиш ва баэътиборгирии ду қисми таркибии он муҳим аст: **техникаи педагогӣ** ва **одоби педагогӣ**.

Техникаи педагогӣ - ин маҷмуи усули баландбардорандаи самаркнокии принсип, восита ва методҳои истифодашаванда дар раванди таълиму тарбия мебошад. Дар сохтори техникаи педагогӣ техникаи нутқ мавқеи ҳалкунанда дорад. Нутқи омӯзгор бояд аз рӯйи қувва ва истифодаи овозҳо диапазони калон дошта, ифоданок, тоза ва гӯшнавоз бошад. Омӯзгор ҳангоми гузаштани дарс нисбат ба ҳолати муқаррарӣ дида баландтар гап мезанад. Шиддати овози омӯзгор бояд 65-74 детсибел бошад [2; 87]. Вобаста ба хусусиятҳои анатомӣ-физиологӣ ва фардӣ-психологӣ, қувва ва сифати овоз дар одамони гуногун ҳар хел аст. Новобаста аз ин, имконияти машқ додани овоз вуҷуд дорад ва ҳар як омӯзгор вазифадор аст, ки овози худро машқ дода, онро ба талаботи ба овози омӯзгори касбӣ пешниҳодшуда мувофиқ гардонад.

Ҷанбаи дигари техникаи педагогиро истифодаи воситаҳои ғайришифоҳии муошират дар раванди гузаштани дарс ташкил медиҳад.

Одоби педагогӣ - ин мақсаднокии амалу рафтори омӯзгор дар муносибат бо донишҷӯён мебошад. Моҳияти онро муносибати дуруст бо аудитория ва ҳар як донишҷӯ, баэътиборгирии моҳиронаи ҳолати онҳо, риояи меъёри талаб кардан ташкил медиҳад. Барои ташаккул додани одоби педагогӣ мавҷудияти чунин сифатҳо, ба монанди инсондӯстӣ, эҳтироми дигарон, бовиҷдонӣ, адолатпарварӣ, некбинӣ ва муносибати хуб бо донишҷӯён муҳим аст.

Барои ташаккул додани маҳорати педагогӣ ва ба вуҷуд овардани шароити мусоиди рушди он мавҷудияти заминаҳои зерин муҳим аст:

1. Интихоби дурусти касб ва мавҷудияти тамоили касбӣ.
2. Интихоби омӯзгорон аз рӯйи талаботи илман асоснокшуда.
3. Мавҷудияти системаи зарурии дониш, маҳорат ва малака.
4. Ташаккул додани сифатҳои муҳимми касбӣ.
5. Қобилият ва омодабошӣ ба фаъолият дар мактаби олӣ.

Ҳангоми мавҷуд будани заминаҳои мусоид барои ташаккул додани маҳорати педагогӣ бояд онро дар ду самти ба якдигар алоқаманд ташаккул дод:

1. Идораи рушди маҳорати педагогӣ аз берун:

- ташкил намудани кори таълимӣ-методӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ;
- такмили ихтисос.

2. Идораи ботинии рушди маҳорати педагогӣ (аз тарафи худи омӯзгор):

- худмаълумотгирӣ - азхудкунии дониш, маҳорат ва малака;
- худтарбиянамоӣ - ташаккул додани ҷаҳонбинӣ, маром ва таҷрибаи фаъолият, сифатҳои шахсӣ;
- худинкишофдиҳӣ – ташаккул додани протсессҳои психикӣ ва қобилиятҳо дар худ;
- омӯзиши таҷрибаҳои педагогии пешқадам, ташрифоварӣ ба дарсҳои якдигар.

Барои ба даст овардани маҳорати педагогӣ бояд ин ду самти якдигарро пурракунанда дар фаъолияти ҳар як омӯзгор ҷой дошта бошанд.

Яке аз усули муҳимми ташаккул додани таҷрибаи педагогӣ худинкишофдиҳии касбӣ мебошад. Худинкишофдиҳии касбӣ ин “ раванди бисёрунсураи аҳамияти шахсӣ ва касбӣ дошта мебошад, ки ба ташаккулёбии услуби инфиродии фаъолияти касбӣ мусоидат намуда, барои таҳлили фаъолияти мустақилонаи худ кумак мерасонад ва воситаи муҳимми худтакмилдиҳӣ ва муттахасисшавӣ мебошад” [3; 11].

Унсури муҳим дар ташаккул додани маҳорати педагогӣ - инкишоф додани нутқ маҳсуб меёбад. Барои инкишоф додани нутқ омӯзгорро лозим аст, ки нутқи суханварони варзидаро таҳлил намуда, суханронии худро сабт намояд ва баъдан онро гӯш карда, ҳамчун муқарриз ба он баҳо диҳад. Барои инкишоф додани нутқ бой кардани захираи луғавӣ, такмил додани ифоданокии нутқ ва диққат додан ба забони илмии фанни худ хеле муҳим аст.

Мавриди қайд аст, ки шарти муҳимми ташаккул додани маҳорати педагогӣ аз як тараф таъмин намудани омӯзгорони оянда бо донишҳои илмҳои психология ва педагогика буда, аз тарафи дигар, такмил додани ин донишҳо дар омӯзгорони фаъолияткунанда мебошад. Дар ин самт гузаштани омӯзгорон аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос хеле зарур аст.

Меъёри асосии баҳодиҳандаи маҳорати педагогии омӯзгор сатҳу сифати дарси ӯ ва дараҷаи азахудкунии дониш аз тарафи шогирдон мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорро зарур аст, ки маҳорату малакаи худро дар самти гузаштани шаклҳои гуногуни дарс (лексия, семинар, озмоиш, кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор) ва шаклҳои фаъолият (қабули имтиҳони фосилавӣ, имтиҳони ҷамъбастӣ, кори мустақилонаи донишҷӯён) рушд диҳад.

Ҳамин тариқ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ яке аз вазифаҳои меҳварии психологияи педагогӣ ва психологияи мактабӣ олӣ буда, дар шароити пайвастан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот аҳамияти бештареро касб кардааст. Ин раванд дар худ ташаккул ва рушд додани унсурҳои асосии фаъолияти омӯзгориро аз қабили рушди шахсияти омӯзгор, ташаккул додани дониш маҳорат ва малакаи касбии ӯ, баланд бардоштани сатҳи маҳорати педагогӣ тавассути баэътиборгирии ду унсури такибии он, яъне техникаи педагогӣ ва одоби педагогӣ таҷассум мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Андреев В.И. Педагогика высшей школы. Инновационно-прогностический курс: учеб. пос. – Казань: Центр инновационных технологий, 2008

2. Василенко Ю.С. О голосе педагога //Сов. педагогика, 1972. №7.- С. 85-89

3. Власова Е. А. Подготовка будущих социальных педагогов к профессиональному саморазвитию. Автореферат дис. на соиск. уч. степ. канд. пед. Наук. - Саратов: Саратовский государственный университет им. Н. Г. Чернышевского, 2008. – 24 с

4. Гапанович-Кайдалова Е.В. Проблема профессиоанльного саморазивития педагога //Совершенствование преподавания в современном Вуз-е: теория, практика, анализ и оценка. Материалы международной научно-практической конференции. – Минск, 2012. -89-93

5. Давлатов М.Т., Расулов С.Х. Психологияи мактаби олӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019

6. Давлтзода Р. Заминаҳзои психологиву педагогӣ ва методологии ташаккули фарҳанги муоширát //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. №2 (38) -С. 65-70

7. Довга Т. Я. Компетентность личности во времени как имиджевая характеистика современного преподавателья //Совершенствование преподавания в современном Вуз-е: теория, практика, анализ и оценка. Материалы международной научно-практической конференции. –Минск, 2012. –С. 97-102

8. Дьяченко М.И., Кандыбоев Л.А. Психология высшей школы. –Мн.: Изд-во БГУ, 2001

9. Луфов М. Т., Зайтметов Х., Фозилова М. Нақши шахсияти омӯзгор - асоси салоҳияти касбии мутахасисони оянда //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. №2 (38) -С. 99-103

10. Манонова Р.А., Раҳимова Г., Неъматзода С.Х. Нақши шахсияти омӯзгор дар раванди таълиму тарбияи насли наврас //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2020. - №9. - С. 384-388

11. Мантрова М. С. Чикова И.В. К вопросу повышения квалификации преподавателей как условия обеспечения конкурентоспособности вуза в контексте Болонского процесса //Беларусь в современном мире: материалы XII Междунар. науч. конф. студентов, магистрантов, аспирантов и молодых ученых – Гомель : ГГТУ им. П. О. Сухого, 2019. – С. 352–355.

12. Мантрова М. С. Профессионально-личностные качества будущего учителя //Психологическое благополучие современного человека: материалы Междунар. заоч. науч.- практ. конф.; Урал. гос. пед. ун-т; /Отв. ред. С. А. Водяха, 2018. – С. 259–262.

13. Сенько Ю.В., Фроловская М.Н. Педагогика понимания. - М.: Дрофа, 2007. – 192 с.

## ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои психологии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун омили таъмин намудани рақобатпазирии таҳсилоти олӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки нишондиҳандаи самаранокӣ ин бадастоварии муваффақи мақсад тавассути истифодаи босамари қувва ва воситаҳо мебошад.

Муаллифон қайд мекунанд, ки яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгор шахсияти худи ӯ мебошад, зеро шахсияти омӯзгор ба донишҷӯён ҳатто ҳангоми аз тарафи омӯзгор мавҷуд набудани чунин мақсад ҳам таъсир мерасонад. Барои ташаккул додани ин омил ба ҷанбаҳои зерин бояд диққат дод: симои зоҳирии омӯзгор, хусусиятҳои дарси аввал, муносибат ба донишҷӯён, одоби педагогӣ, ба вуҷуд овардани таассуроти мусбат дар шогирдон.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ яке аз вазифаҳои меҳварии психологияи педагогӣ ва психологияи мактабӣ олӣ буда, дар шароити пайвастан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот аҳамияти бештареро касб кардааст. Ин раванд дар худ ташаккул ва рушд додани унсурҳои асосии фаъолияти омӯзгориро аз қабили рушди шахсияти омӯзгор, ташаккул додани дониш маҳорат ва малакаи касбии ӯ, баланд бардоштани сатҳи маҳорати педагогӣ тавассути

баэътиборгирии ду унсури такибии он, яъне техникаи педагогӣ ва фарҳанги педагогӣ таҷассум мекунад.
**Калидвожаҳо**: *фаъолияти омӯзгорӣ, самаранокӣ, шахсияти омӯзгор, одоби педагогӣ, маҳорати педагогӣ, фарҳанги педагогӣ, техникаи педагогӣ.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРЕПОДАВАТЕЛЯ ВУЗА

В данной статье рассматриваются психологические аспекты повышения эффективности работы преподавателя вуза, как фактора обеспечения конкурентоспособности высшего образования. Отмечено, что показателем эффективности является успешное достижение цели за счет эффективного использования сил и средств.

Авторы отмечают, что одним из важных факторов повышения эффективности деятельности преподавателя является его личность, ведь личность преподавателя воздействует на студентов даже тогда, когда у него нет такой цели. Для развития этого фактора следует обратить внимание на следующие аспекты: внешний вид преподавателя, особенности первого занятия, отношение к студентам, педагогический такт, создание положительного впечатления у студентов.

Повышение эффективности деятельности преподавателя вуза является одной из ключевых задач педагогической психологии и психологии высшей школы и приобретает все большее значение в условиях вхождения в мировое образовательное пространство. Этот процесс воплощает в себе формирование и развитие основных элементов педагогической деятельности, таких как развитие личности педагога, формирование у него знаний, умений и профессиональных навыков, повышение уровня педагогического мастерства через подтверждение двух элементов его стремления- педагогическая техника и педагогическая культура.
**Ключевые слова**: *педагогическая деятельность, эффективность, личность преподавателя, педагогическая этика, педагогическое мастерство, педагогическая культура, педагогическая техника.*

## PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF INCREASING THE EFFICIENCY OF AN UNIVERSITY TEACHER

This article discusses the psychological aspects of improving the efficiency of university teachers as a factor in ensuring the competitiveness of higher education. It is noted that the indicator of effectiveness is the successful achievement of the goal through the effective use of forces and means.

The authors note that one of the important factors in improving the effectiveness of the teacher's activity is his personality, because the teacher's personality affects students even when the teacher does not have such a goal. To develop this factor, attention should be paid to the following aspects: the appearance of the teacher, the features of first lesson, the attitude towards students, the pedagogical tact, creation of a positive impression among the students.

Increasing the effectiveness of university teachers is one of the key tasks in pedagogical psychology and psychology of higher education and is becoming increasingly important in the context of entering the global educational space. This process embodies formation and development of the main elements of pedagogical activity, such as the development of the personality of the teacher, the formation of his knowledge, skills and professional skills, raising the level of pedagogical skills through the confirmation of two elements of his aspirations - pedagogical technique and pedagogical culture.
**Key words**: *pedagogical activity, effectiveness, teacher's personality, pedagogical ethics, pedagogical skills, pedagogical culture, pedagogical technique*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Расулов Сайфидин Худоиевич – н.и.с., дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru*

*Ҷурабоев Ҷонибек Музаффарович – омӯзгори кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 915 37 38 77 juraboevdmt@mail.ru*

**Сведения об авторах:** *Расулов Сайфидин Худоиевич – к.п.н., доцент кафедры психологии Таджикского национального Университета. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru*

*Джурабоев Джонибек Музаффарович – преподователь кафедры психологии Таджикского национального университета. 915 37 38 77, juraboevdmt@mail.ru*

**Information about authors:** *Rasulov Saifiddin Khudoievich - Candidate of political sciences, Associated Professor of Psychology Chair in Tajik National University. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru*

*Juraboev Jonibek Muzaffarovich- Lecturer, Psychology Chair in Tajik National University. 915 37 38 77, juraboevdmt@mail.ru*

# РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ФИКРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

***Раҷабова З. Б.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Маълум аст, ки ҷомеа ҳамеша дар рушду нумӯъ буда, талабот ба мутахассисони соҳибкасбу эҷодкор, соҳиби тафаккури мустақил доимо меафзояд ва он ҳамчун масъалаи муҳиму ҳалталаб дар ҷомеа мавқеи муҳим ишғол менамояд.

Аз мушоҳида ва тадқиқоти олимон бармеояд, ки дар ҳар даҳ сол ҳаҷми донишҳои илмӣ дучанд меафзоянд ва мактаб бо вуҷуди ҳама кӯшиш баробари пешрафти илму техника қадам зада наметавонад. Чӣ бояд кард?

Дар назди мактабҳои муосир чунин вазифа гузошта шудааст; бо баробари ба ҳаёт омода намудани мактабиён ба мустақилияти онҳо дар зинадгӣ, ба аз бар кардани маҳорату малакаҳое, ки худомӯзӣ ва мустақилияти эшонро таъмин мекунад, эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Барои мустақилона аз бар намудани донишҳои нав бояд талабагон маҳорати мустақилона ба роҳ мондани таҳлилу таркиб, муқоисаву ҷамъбасткунӣ, ба танзим даровардани донишҳои азбаршуда, дар заминаи донишҳои пешина баровардани хулосаҳои дурусту нишонрасро ӯҳда карда тавонанд.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки танҳо бо ташаккули донишҳои фаннӣ, ки дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ мунъакис шудаанд, қаноатманд шудан вазифаи инкишофпазирии таълимро таъмин карда наметавонад. Ин аст ки чунин муносибат дар таълим ташаккули психика ва хусусиятҳои шахсии хонандагони хурдсолро халалдор месозад.

Ба фикри мо, вазифа ва мақсади асосии таълими муосир ин ҳаматарафа инкишоф додани қобилияти зеҳниву эҷодкории хонандагон, дар онҳо ташаккул додани намудҳои гуногуни фаъолияти фикриву идрок, ки аз таҷрибаҳои ҳаётии инсон бармеояд, ифода меёбад.

Дар психологияи педагогӣ мустақилияти тафаккур ҳамчун василаи муҳими аз бар намудани донишҳои мавҷуда ва дар асоси он аз бар намудани донишҳои нав таъкид шудааст.

Идроки муҳит, ҷаҳони воқеӣ аз тарафи инсон дар ду шакл: идроки ҳиссӣ ва тафаккури абстрактӣ руҷӯъ мегирад. Идроки ҳиссӣ дар намуди эҳсос (ҳис) дар қабулу азнавбарқароркунӣ ва тасаввурот ифода меёбад. Маҳз тавассути тафаккур-эҳсос мо дар бораи олами воқеӣ маълумот мегирем ва туфайли идрок дониши мукаммал ҳосил менамоем. Эҳсос ва идрок дар якҷоягӣ раванди ягонаи маърифатро ташкил медиҳад. Агар мо тавассути эҳсос дар бораи хусусиятҳои ҷудогонаи ашё дониш ҳосил намоем, идрок барои ташаккули образи бутун ва томи ҳодисаву воқеаҳо имконият фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки пешрафту тараққиёти ҷамъияти мо устуворона талаб менамояд, ки ҳамаи унсурҳои сохтори он - иқтисодиёт, муносибатҳои иҷтимоӣ, системаи сиёсӣ, соҳаи маънавӣ, идора, тарзу усулҳои фаъолияту муошироти ҳар кас ба куллӣ дигаргун сохта шавад. Барои ин психология, тафаккури мардум, шуури онҳоро тағйир додан зарур аст. Мо бояд дар насли наврас тафаккури мустакилу эҷодиро ташаккул диҳем, инкишофи ҷисман ва руҳан солими ӯро таъмин намоем ва иҷрои ин вазифаи муҳим бар дӯши илми психология меафтад.

Дониши ҳиссӣ аз оғоз, зинаи ибтидоии идроки ҷаҳони воқеӣ мебошад. Инсон дониши ҳиссиро аз бар намуда, аз доираи он берун мешавад ва паҳлӯҳои барои тафаккури ҳиссӣ дастнорасро тавассути тафаккури абстрактӣ аз бар менамояд. Ҳамин тариқа, маҳз тавассути тафаккур шахс имкон пайдо мекунад, ки объект, ҳодисаву воқеаҳои олами воқеиро дар фикр, дар тасаввур мунаъакис карданро меомӯзад. Он ҷое ки тафаккури ҳиссӣ дар идроки чизе оҷизӣ мекашад, фаъолияти фикрӣ ва тафаккур ба фаъолият медарояд. Қобилияти амалиёти фикрӣ имконоти воқеии омӯзишу маърифатро васеъ менамояд.

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки яке аз вазифаҳои муҳими мактаб ҳанӯз аз нахустқадамҳои кӯдак дар онҳо ташаккул додани маҳорати ба роҳ мондани фаъолияти фикрӣ мебошад.

И.М. Сеченов қайд карда буд, ки «тафаккур ин рӯбарӯ омадани фикри инсонӣ бо ҳақиқати объективӣ буда раванди онро идрок ташкил менамояд. Ин аст реаксияи ҷавобӣ ба ҳақиқати воқеӣ».

Психологҳо таъкид мекунанд, ки тафаккур бо нутқ - забон муносибати тарафайн дошта, ба инкишофи ҳамдигар таъсир мерасонанд. Нутқ воқеияти бевоситаи фикр аст. Ҳар қадар ки тафаккур инкишоф ёбад, нутқ, забон ҳам ҳамонқадар суфтаву равон мегардад. Ҳамзамон нутқи ҳаматарафа инкишофёта дар инкишофи тафаккур низ бе таъсир намемонад.

Маълум аст, ки тафаккур ҳамчун маҳсули фаъолияти зеҳнии инсон дар заминаи муайяни дараҷаи инкишофи хотира рушд мегирад. Барои он ки фаъолияти фикрии кӯдак такмил ёбад, бояд дар зеҳни вай донишу маълумотҳои заруриро ҷамъ намудаву онро ба истифода гузошта актуалӣ намудан лозим аст.

Ба қавли П.П. Блонский: «Мазмуни хотира - ин таассуроти ҳосилшуда, мазмуни фикрронӣ ин масъалаҳои ҳалношуда мебошад». + фикрҳои як қатор педагогҳоро, ки ақидаи тафаккур бидуни дониш низ инкишоф ёфта метавонад, зери тозиёнаи танқид гирифта мегӯяд, ки «агар дониш набошад, пас барои инкишофи тафаккур асос, поя мавҷуд нест». Дар ин бобат Матюшина А.М. таъкид мекунад, ки «дониш василаи асосӣ ва натиҷаи ниҳоии тафаккур мебошад».

П.П. Блонский алоқамандии донишу амалияро таъкид намуда зикр мекунад, ки: «Каллаи холӣ муҳокимаронӣ карда наметавонад. Муҳокимаронӣ ба андозаи таҷрибаву дониш вобаста аст». Лекин бояд тазаккур дод, ки «аз бар намудани роҳу усулҳои фаъолонидани фикр танҳо дар сурати ба кор даромадани тафаккури мантиқиву мустақилона, ки омӯзиши сохтори муайяни донишҳоро таъмин мекунад, даст медиҳад».

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки барои инкишоф ва ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон ба ҳам алоқамандии назарияву амалия, дар амалия истифода карда тавонистани дониш, дар асоси донишҳои мавҷуда ба роҳ мондани фаъолияти маърифатӣ бисёр муҳим аст.

Маҳз тавассути тафаккури мантиқӣ, ки асосу моҳияти онро дар амалия истифода карда тавонистани назария ташкил медиҳад, мо тарафдори он ақидаем, ки ба талабагон усулҳои самарабахши фаъолияти зеҳниву фикрӣ: муқоисаву муҳокима, таҳлилу таркиб, ҷустуҷӯву таҳқиқ, ҷамъбасту хулосакуниҳоро, ки яке аз василаҳои бисёр муҳими инкишофи қобилияти зеҳнии толибилмон мебошад, омӯзонем.

Дар илми муосири психология таъкид мешавад, ки «ҷараёни тафаккур-ин пеш аз ҳама, таҳлил, таркиб ва хулосакунӣ мебошад». Таҳлил ин фикран ба қисму ҷузъҳо ҷудо намудани чизи бутун буда, таркиб баръакси таҳлил - қисмҳои дар асоси таҳлил

ҷудошударо ба як ҷо ҷамъ ё худ бутун кардан аст. Алоқамандии мазкур дар аз худкунии дониш, ки дар муайян намудани хусусиятҳои ба ҳам шабеҳу фарқкунандаи ашёву ҳодисаҳо ифода меёбад, аёну равшан мегардад. Мо ашёву ҳодисотро муқоиса намуда, аломату хусусиятҳои якхелаву фарқкунандаи онҳо қиёс мекунем, яъне таркибро амалӣ менамоем. Дар ҷараёни таркиб аз ашёву ҳодисаҳо аломатҳои зикршударо ҷудокунон, унсурҳои таҳлилро низ ба кор мебарем.

Натиҷаи ҳамагуна муқоиса - ин хулосакунист. Хулоса ҳамон вақт дурусту комил dониста мешавад, агар он дар натиҷаи ҷудо намудани аломату хусусиятҳои умумиву ҳатмии онҳо бароварда шавад. Дар ҷараёни амалиёти маърифатӣ, яке аз ҷузъҳои муҳими амалиёти мантиқӣ – абстрактонидан - ҷудо кардани яке аз хусусиятҳои ашё ва фарқ кардани он аз аломатҳои дигар бармеояд.

Абстракдонидан бидуни хулосакунӣ ҷой надорад. Хулосакунӣ ва абстрактонидан дар ҷараёни ташаккули мафҳумҳо ногузиранд, ки гузариши тасаввуротро ба мафҳум таъмин мекунад.

Ҳамин тариқа, таҳлил, таркиб ва хулосагузорӣ моҳияти тафаккурро ифода намуда, маҳз дар асоси алоқамандии онҳо фаъолияти фикриро тавзеҳ додан мумкин аст.

Аз таҳлили асарҳои педагогию психологӣ ва ақидаи олимон бармеояд, ки барои инкишофи зеҳни хонандагон мавҷудияти сохтори муайяни донишҳо ва маҳорати ба роҳ мондани фаъолияти фикрӣ нақшаи муҳим мебозад (П.Н.Груздеев, Л.Л.Гурева, А.Н.Монтева, С.Л.Рубенштейн, Л.В.Занков, Г.С.Костюк ва дигарҳо) Усулҳои фаъолияти фикриро (таҳлил, таркиб, ҷамъбасткунӣ, абстрактонидан, муқоиса, классификатсия) дар психология усулҳои тафаккур меноманд. Онҳоро ҳамчун воситаи муҳими муназзамӣ ва ҷамъбасткунии донишҳои мавҷуда ва ҳамчун усули маърифатӣ медонанд, ки дар асоси донишҳои пешина баровардани хулосаҳои илмии навро ба миён меорад.

Дар психологияи педагогӣ усулҳои фавқузикрро яке аз воситаҳои муҳиму хоси маърифат ва яке аз намудҳои асосии тадқиқотӣ дар ҳама гуна илмҳо дониста мешаванд. Ана ҳамин паҳлӯҳои масъаларо ба инобат гирифта олимону фозилони илми педагогикаву психология тафаккури мантиқиву мустақилро ҳамчун муаммои ҳалпазири раванди таҳсил ба қалам додаанд.

Чун дар боло зикр намудем, нутқ ва тафаккур ба ҳам айният дошта, инкишофи тафаккурро бидуни муносибати он ба нутқ тасаввур кардан мумкин нест. Академик И.В.Павлов калимаро «сигнали махсус» меҳисобад ва аз дигар намуди сигналҳо болотар мегузорад. Афзалияту бартарии онро дар махсусияти раванди тафаккур, ки бо калимаҳо - забон ифода ёфтааст ва тарҳи ҷамъбасткунии фаъолиятҳои фикриро дорад, мебинад. Инсон дар бораи чизе ва ё дар ҳалли муаммое меҳнат накунад, фикр наронад, он ифодаи забонии худро ёфта наметавонад.

Рушди зеҳнӣ ҷузъи муҳими ҳама гуна фаъолияти инсон аст. Барои қонеъ кардани ниёзҳои муошират, омӯзиш ва ҷаҳонро дарк кунад, ба ҷузъҳои гуногуни фаъолият диққат диҳад, тасаввур кунад, ки чӣ кор кардан лозим аст, дар хотир нигоҳ дошта тавонад, дар бораи он фикр кунад. Аз ин рӯ худи фаъолият бевосита ба ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ ки аз рӯи табиати худ як намуди махсуси фаъолият мебошанд мусоидат мекунад. В.Даля дар луғати тафсирии худ қобилиятро ҳамчун “мувофиқ ба чизе ” таъриф мекунад. Ҳамин тариқ мафҳуми “қобилият” тавассути робитаи он бо муваффақият дар фаъолият муайян карда мешавад. Дар психологияи шӯравӣ пеш аз ҳама тавассути асарҳои С.Л.Рубинштейн ва Б.М.Теплов кӯшиш карда шуд, ки таснифи мафҳумҳои “қобилият”дода шавад. Қобилиятҳо ҳамчун хислатҳои психологии инфиродӣ ба ҳисоб мераванд ки як шахсро аз дигараш фарқ мекунанд ки ба онҳо имкон дорад муваффақият аз фаъолият вобаста аст.

Мувофиқи тадқиқоти И.А.Домашенко интеллегенсия ба чор омил хос аст: эрудисия: ҷамъи дониш аз соҳаи илм ва санъат; қобилияти амалиёти равонӣ: таҳлил, синтези ҳосилшудаи онҳо, эҷодкорӣ ва абстрактӣ; қобилияти тафаккури мантиқӣ, қобилияти барқарор кардани робитаҳои сабаб ва натиҷа дар атрофи ҷаҳон; таваҷҷӯҳ, хотира, мушоҳида, зеҳн, инчунин намуҳои гуногуни тафаккур.

Тафаккур, бахусус, тафаккури мантиқӣ, ки маҳорати муайян карда тавонистани масъалаҳои нав ва бидуни кӯмаки дигарон ёфта тавонистани роҳи ҳалли онро дар назар дорад, пеш аз ҳама, дар ҷараёни фаъолияти фикрӣ зуҳур меёбад.

Таҳлил фикран муайян намудани алоқамандиҳои зарурӣ, ҷудо карда тавонистани онҳо ва дар амалия - дар қоидаву таъриф, қонуниятҳои мавҷудаи объекти омӯхташаванда истифода карда тавонистани онҳо мебошад. Вай бояд дар асоси муқоиса алоқамандии тарафҳои норавшани объектро равшан намояд, умумият ва фарқияти мавҷударо гурӯҳбандӣ кунад, ки ҳамаи он маҳз тавассути фаъолияти фикрӣ амалӣ мегардад.

Шакли асосии ифодаи тафаккур - чӣ мантиқиву чӣ мустақилона – мафҳум мебошад. Вай ҳамчун яке аз шаклҳои тафаккур хусусӣ буда, алоқа ва муносибатҳои муҳимтарини ашёву ҳодисаҳоро ифода мекунад.

Дар ҷараёни таълим кор бо мафҳум мавқеи муҳим касб мекунад. Мафҳум қисми асосии дониши шахсро ташкил медиҳад. Талаба дар мактаб бояд дар муддати кӯтоҳ сохтори муайяни илмии мафҳумҳоро аз бар намояд, ки дар тӯли асрҳо шакл гирифтааст. Ин кори саҳлу осон нест! Бояд дар асоси ҷамъбасту хулосакуниҳо, ки дар раванди фаъолияти фикрӣ даст медиҳад, ҳодисаву воқеаҳо мавриди омӯзиш қарор ёфта, сохтори муайяни донишҳо равшан карда шаванд. Алоқамандии мафҳумҳо дар муҳокимарониҳо ошкор мешаванд. Дар ҳар як муҳокимаронӣ алоқамандӣ ва баъзе вобастагии паҳлӯҳои мафҳумҳо равшан карда мешаванд, ки ба мафҳуми омӯхташаванда таааллуқманданд. Агар муҳокима - объекти омӯхташаванда - алоқамандии тарафҳои онро дуруст инъикос карда тавонад, ин гуна муҳокимаронӣ дуруст буда, дар акси ҳол нодуруст ва нопурра мемонад. Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки тавассути муносибати мафҳумҳо чизе тасдиқ ва ё инкор карда мешавад. Фикр кардан ин собит намудани муҳокима аст.

Умуман, муҳокимаронӣ дар тафаккур дар ду намуд: бевосита ва бавосита шакл мегирад. Масалан, гуфтори «Ин давра аст» муҳокимаронии бевосита мебошад, зеро он дар заминаи таъсири ҳиссӣ ба миён омадааст. Чун мо дар бораи давра тариқи зайл муҳокима меронем: Давра чунин шакли геометриест, ки аз нуқтаҳои зиёди геометрӣ ташкил ёфта, аз маркази он дар як масофа ҷойгиранд», ин натиҷаи фаъолият фикрӣ буда, дар асоси хулосаҳои илмӣ арзи вуҷуд намудааст.

Дар ҷараёни фаъолияти фикрӣ гузариш аз як муҳокимаронӣ ба гурӯҳи муҳокимарониҳои байни ҳам алоқаманд ба миён омада, дониши навро ба вуҷуд меорад. Чунин гузариш хулосакунии илмӣ мебошад. Хулосаҳои илмӣ- ин чунин алоқамандии фикру муҳокимрониҳост, ки дар асоси он мо муҳокимаронии тамоман дигарро ба даст меорем, ки заминаи онро муҳокимарониҳои пешина ташкил додаанд.

Ҳамин тариқа, дар асоси ақидаҳои болоӣ хусусиятҳои хоси тафаккурро қайд карданием:

Тафаккур ҷараёни психологии дарки объекти воқеият аст ва инсон бо усулҳои тайёри муҳокимаронӣ тавлид намешавад. Вай дар тӯли таҷрибаҳои зиндагӣ, ҳангоми кордоршавӣ бо шаклҳои объективии ҷаҳони воқеӣ ба миён меояд, яъне тафаккур бидуни муҳокимаву муносибати одамон вуҷуд надорад.

Тафаккур бо нутқ алоқаманд буда, он ҳамеша тарҳи ҷамъбасткунии фикрро дорад.

Тафаккур фақат дар заминаи аз бар ва истифода намудани донишҳо ташаккул ва инкишоф меёбад.

Вай бо амалия алоқаи ногусастанӣ дорад, ё ба қавли дигар, шакли ибтидоии воқеияти фикр - тафаккур, амал аст.

Тафаккур характери муаммовӣ дорад. Он ҳамеша чизеро ҷустуҷӯ ва дарёфт намуданро тақозо мекунад.

Шакли асосии ифодаи мустақилияти тафаккур ин мафҳум, муҳокимаронӣ ва хулосагузориҳои зеҳнӣ мебошад.

Вай танҳо бо роҳи баёни калимагӣ ва истифодаи амалиётҳои мантиқӣ амаливу воқеӣ мегардад.

Муаллим бояд хусусиятҳои индивидуалии ҳар як талабаро ба назар гирад ва диққати ӯро ба худ ҷалб карда тавонад.

Худи муаллим бояд ҳамеша бодиққат бошад ва бо ибрати шахсӣ ба талабаҳо бодиққатиро омӯзонад. Кори мураттаби муаллим барои тарбияи диққат натиҷаи мусбат медиҳад – дар талабаҳо одати ҳар корро бодиққат иҷро намудан тараққӣ медиҳад. Хусусиятҳои синнусолии хотири бачаҳои синни хурди мактабӣ дар зери теъсири таълим тараққӣ мекунанд. Мавқеъ ва аҳамияти бахотиргирии калимагию мантиқӣ меафзояд ва имконияти шуурона идора намудани хотир ва ба тартиб даровардани зуҳуроти он тараққӣ мекунад.

Агар мактаббачаҳои хурдсол ҳангоми омӯзиши предмет аз асбобҳои аёнӣ: модел, расм, схема ва ғайра истифода баранд, дар он сурат аз худ намудани усулҳои бахотиргирии маъноӣ нисбатан бомуваффақият мегузарад.

Муҳим он аст, ки мо дар талабаҳо мақсади муддати дароз дар хотир нигоҳ доштани материали таълимиро тарбия намоем. Тарбия намудани мақсади мустаҳкамтар ба хотир гирифтан ҳам санҷиши доимӣ ва мураттаби дониши материали ҳозир омӯхташаванда ва ҳам материали пештар омӯхташуда алоқаманд аст.

Маҳсулноки хотир инчунин ба дараҷаи тараққиёти худназораткунии мактаббачаи хурдсол санҷидан, яъне ба санҷидани он, ки чизи омӯхташуда то кадом андоза пурра ва амиқ дар хотир нигоҳ дошта шудааст, зич алоқаманд мебошад.

Вобаста ба тараққиёти умумии шахс худназораткунии талабаҳои синфҳои 1-2 ҳангоми бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунӣ аз худназораткунии талабаҳои синфҳои 3- юм ниҳоят суст тараққӣ кардааст, онҳо чун қоида, дар ҷараёни бахотиргирӣ аз худназораткунӣ истифода намебаранд.

Дар тарққиёти худназораткунӣ талабаҳои синфи сеюм дигаркунии муҳим ва сифатӣ мушоҳида карда мешавад. Талабаҳо дар давоми се соли таҳсил тадриҷан маҳорат, малака ва усулҳои худназораткуниро ҳангоми азхудкунии донишҳо ёд мегиранд. Дар талабаҳои синфи сеюм майли бахотиргирии худро санҷида баромадан, торафт характери фаъолона ва шууронаро соҳиб мешавад.

Ҷараёни таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, тафаккури онҳо метавонад аз зинаи пасти эмпирикӣ то ба зинаҳои баланди аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексивӣ инкишоф ёбад. Зинаи аналитикии тафаккур дар одамоне мушоҳида карда мешавад, ки дар ҷараёни ҳалли масъала маҳорати амалигардонии таҳлили назариявиро зоҳир менамоянд.Зинаи банақшадарорӣ дар одамоне дида мешавад, ки маҳорати амалигардонии таҳлили назариявӣ ва банақшадарориро доранд. Ин зинаи тафаккур дар шоҳмотбозони соҳибтаҷриба хуб мушоҳида мешавад.Зинаи рефлексивӣ дар одамоне зоҳир мегардад, ки маҳорати амалигардонии таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексияро доранд. Зинаи рефлексивии тафаккур дар фаъолияти олимон дар лаҳзаи исботи теоремаҳои математикӣ, техникӣ ва ғайраҳо хуб ба чашм мерасад. Вобаста ба он ки амалҳои фикрии тафаккури назариявӣ (таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия) дар маводи кадом ашё фан амалӣ мешаванд, тафаккури назариявӣ мазмуни гуногуни ашёиро мегирад. Дар асоси мазмуни предметии тафаккур чунин намудҳои тафаккури назариявиро фарқ намудан мумкин аст: математикӣ, физикӣ, химикӣ, техникӣ, лингвистӣ ва ғайраҳо. Дар ин намудҳои тафаккури назариявӣ адоқамандии тафаккур ва донишҳои фаннӣ мушоҳида карда мешавад. Донишҳои предметӣ ба тафаккури назарияви имкон медиҳанд, ки бо истифода аз онҳо дар ин соҳа амалҳои фикрии гуногунро иҷро намояд.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Блонский, П.П. Избранные педагогические произведения / П.П. Блонский. – М.: АПН РСФСР;. 1961. – 695с.

2. Выготский Л.С. Мышление и речь. / Выготский Л.С. Собр. соч. В 6-ти т. Т.2. – М.: Педагогика, 1982. – 504 с.

3. Гальперин П.Я., Запорожец А.В., Карпова С.Н. Актуальные проблемы возрастной психологии: Материалы к курсу лекций. - М.: Изд-во МГУ, 1978. - 118 с.

4. Гальперин П.Я. Методы обучения и умственное развитие ребенка. - М., 1985. - С.8.

5. Домашенко И.А. Атлас по психологии. 3-е издание. М.: 1999, 373с.

6. Павлов И.П. Достоверность и полнота биографии. - М.: Росток, 2005. - 416 с.

7. Пиаже Ж. Речь и мышление ребенка / Сост., нов. ред. пер. с фр., коммент. В.А. Лукова, В.А. Лукова. - СПб.: Педагогика-Пресс, 1999. - 527 с.

8. Петровский А.В. Опыт построения социально-психологической концепции групповой активности. Вопросы психологии, 1973.-286с.

9. Развитие мышления и умственное воспитание школьников / Под ред. Н.Н. Подльякова и А.Ф. Говорковой. - М., 1985. – 386с.

10. Рубинштейн, С. Л. О Развития мышлении младщих школьников. / Избранные философско-психологические труды. Основы онтологии, логики, психологии Москва, Наука. 1997. – 284с.

11. Теплов. М. : «Ин-т практич. психологии»; Воронеж : НПО «МОДЭК», 1998. - 544 с.

12. Тихомиров, О. К. Психология мышления. М.: Академия, 2007. – 288 с. Эльконин Д. Б. Избарнные психологические труды. Москва, Педагогика. – 1989. – 288с.

13. Яковлева, С. Г. Развитие логических суждений у младших школьников. / Начальная школа. – 2002. – № 12. – 84с.

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ФИКРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Мақолаи зерин ба яке аз самтҳои афзалиятноки кори таълиму тарбияи муҳассилини синфҳои ибтидоӣ равона шудааст. Дар мақола оид ба самтҳои рушди тафаккур, аз ҷумла, қобилиятҳои фикрӣ низ ба таври возеҳ нишон дода шудааст.

Муаллифи мақола иброз доштааст, ки барои инкишофи зеҳни хонандагони хурдсол мавҷудияти сохтори муайяни донишҳо ва маҳорати ба роҳ мондани фаъолияти фикрӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин лиҳоз, бояд гуфт, ки аз бар намудани роҳу усулҳои фаъолонидани фикр танҳо дар сурати ба кор даромадани тафаккури мантиқиву мустақилона, ки омӯзиши сохтори муайяни донишҳоро таъмин мекунад, даст медиҳад.

Дар мақола ҷанбаҳои психологӣ – педагогии рушди қобилияти фикрии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз таҳқиқотҳои олимони соҳавӣ П.Н.Груздеев, Л.Л.Гурева, А.Н.Монтева, С.Л.Рубенштейн, Л.В.Занков маълумотҳои мушаххас гирд оварда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф дуруст ба роҳ мондани методикаи таълим дар заминаи нишондодҳои принсипҳои дидактикӣ омили асосии рушди зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мегардад.

Мақолаи Раҷабова З.Б. дар мавзуи “Роҳҳои ташаккул додани қобилияти фикрии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълим” тибқи талаботи омоданамоии мақолаҳо дар маҷаллаҳои КОА омода карда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** *мустақилиятнокӣ, қобилияти зеҳнӣ, эҷодкорӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, маънавиёт, сифатҳои идоравӣ, хотира, дониш, тафаккури мантиқӣ, зеҳн, фикр.*

## ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Статья посвящена одному из приоритетных направлений воспитания и обучения учащихся начальной школы, как пути формирования интеллектуальных способностей школьников в процессе обучения. В статье четко указывается пути развития мышления, в том числе мыслительных способностей.

Автор утверждает, что для развития интеллекта младших школьников важную роль играет наличие определенной структуры знаний и умения вести интеллектуальную

деятельность. С этой точки зрения следует отметить, что реализация способов и методов активизации интеллекта может быть достигнута лишь при условии использования логического и самостоятельного мышления, обеспечивающего изучение определенной структуры знаний.

В статье из исследований ученых таких как П.Н.Груздеева, Л.Л.Гурьевой, А.Н.Монтевой, С.Л.Рубинштейна, Л. В. Занкова автор собрал психолого-педагогические аспекты развития мыслительных способностей учащихся младших классов. Таким образом, автор считает, что правильная реализация методов обучения, основанная на указаниях дидактических принципов, становится главным фактором интеллектуального развития и научного мировоззрения учащихся младших классов.

**Ключевые слова**: *самостоятельность, умственные способности, творчество, социальное отношение, управленческие качества, знание, логическое мышление, интеллект, мысль.*

## WAYS TO FORM THE INTELLECTUAL ABILITIES OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN IN THE LEARNING PROCESS

The article is devoted to one of the priority areas of education and training of elementary school students, such as ways to form the intellectual abilities of schoolchildren in the learning process. The article clearly indicates the ways of developing thinking, including thinking abilities.

The author argues that for the development of the intelligence of younger schoolchildren, the presence of a certain structure of knowledge and the ability to conduct intellectual activity plays an important role. From this point of view, it should be noted that the implementation of methods and techniques for activating intelligence can be achieved only if logical and independent thinking is used, ensuring the study of a certain structure of knowledge.

In an article from the studies of scientists such as P.N. Gruzdeev, L.L. Guryeva, A.N. Monteva, S.L. Rubinstein, L.V. Zankov, the author collected psychological and pedagogical aspects of the development of the thinking abilities of primary school students. Thus, the author believes that the correct implementation of teaching methods, based on the instructions of didactic principles, becomes the main factor in the intellectual development and scientific worldview of primary school students.

**Key words:** *independence, mental abilities, creativity, social attitude, managerial quality, knowledge, logical thinking, intelligence, thought*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Раҷабова Зӯҳро Баротовна, муаллимаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд), E-mail:rachabova85@inbox.ru*

**Сведения об авторе:** *Раджабова Зухра Баротовна, преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова (Республики Таджикистан, г.Худжанд), E-mail: rachabova85@inbox.ru*

**Information about the autor:** *Rajabova Zukhra Barotovna, lecturer at the department of Social and Professional Pedagogy, Khujand State University named after B.Gafurov (Republic ofTajikistan), Khujand city. E-mail: rachabova85@inbox.ru*

# САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ-ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ

***Луфов М. Т.***

***Камолова М. З.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикинстон барои ба меъерҳои байналмилалӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобик гардонидани низоми таҳсилоти миллии кишвар ва ҷорӣ намудани низоми муосири таҳсилот тадбирҳои мушаххас ва судманд андешида шуда истодааст, ки дар навбати ҳуд ин гузариш яке аз талабот ва накшаҳои амалии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурнн Тоҷикистон то соли 2030 мебошад. Стратегияи миллии *рушди* маориф самтҳои тағироти низоми таълимро *мушаххас карда, гузаришро аз низоми кунунӣ (ба дониш асосёфта) ба низоми* таълими салоҳиятиокӣ ба накша гирифтааст. Дар назди мактаби таълимӣ як қатор вазифаҳо гузошта шудааст, ки яке аз онҳо ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мебошад, ки сифати муосири мундариҷаи таълимро муайян мекунанд[16].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон зикр намуданд, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад[13].

Тайёр кардани омӯзгор аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки ҳамеша муҳиманд: вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа тағйир ёфта, талаботи нави омода кардани насли наврас ба миён меоянд, ки ин дар дидгоҳҳо оид ба низоми омодагии касбии омӯзгор инъикос меёбад.

Ба такмили раванди омодагии касбии омӯзгори оянда тадқиқоте мусоидат карданд, ки олимон, педагогҳо ва равоншиносон анҷом додаанд. Дар онҳо махсусият ва сохтори фаъолияти омӯзгор (Н.В.Кузмина, Н.Д.Хмел), масъалаҳои ташаккули шахсияти ӯ (Р.Ж.Аубакирова, В.А.Сластенин, К.С.Успанов, А.И.Шербаков ва диг.), масъалаҳои дар донишҷӯён парваридан ва инкишоф додани ҳадафмандии касбию педагогӣ, майлу рағбат ба меҳнати педагогӣ (М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, С.Алиев Ш.А.Шаропов, М.,Мустафоқулов, М. Давлатов ва диг.) баррасӣ шудаанд.

Бешубҳа, ин тадқиқотҳо дар коркарди масъалаи омодагии касбию педагогии омӯзгорони оянда саҳми назаррас доранд, имконияти ҳалли ихтилофи байни эҳтиёҷоти умдаи амалияи ҷамъиятӣ ва педагогиро, ки инъикосгари талабот ба сифати омодагии омӯзгор дар марҳалаи имрӯзаанд, фароҳам меорад, аммо ҳамаи онҳо ҷанбаҳои алоҳидаи салоҳияти касбии педагогро бидуни диққати кофӣ додан ба ташаккули томи он, алалхусус, ташаккули он дар педагогҳои оянда, баррасӣ менамоянд. Ҳалли ихтилофҳои воқеан мавҷудаи байни ниёзи ҷомеа ба омӯзгорони босалоҳияту соҳибтахассус ва сатҳи воқеии ташаккули салоҳияти касбӣ дар омӯзгорони оянда, байни зарурати татбиқи омода кардани онҳо дар заминаи салоҳиятнокӣ ва набудани низоми мукаммали шаклгирии сифати мазкур дар педагогӣ оянда мавзӯи таҳқиқро муайян намуданд.

Гузашта аз ин, масъалаи такмили омодагии омӯзгор аҳамият пайдо мекунад, зеро ба донишҳо, маҳорат, фарҳанг, фаъолияти педагогии ӯ сатҳи соҳибмаълумотӣ ва хушодобии насли наврас вобаста мебошад. Мактаби муосир ба омӯзгори мутафаккир, педагог-муҳаққиқ бо тафаккури эҷодӣ, ки технологияҳои муосири таълиму тарбияро фаро гирифтааст, ниёз дорад[4].

Нақши мактабҳои олӣ дар омодасозии мутахасисони оянда ба фаъолияти касбӣ сол то сол меафзояд ва тағйир меёбад. Дар шароити муосир ба донишҷӯён дониш ва малака додан кифоя нест, вайро ба фаъолияти касбии оянда аз ҷиҳати психологӣ омода намудан,

ташаккул додани ангезаҳои дохилие, ки ба ӯ дар роҳи интихобкардааш устувор ва масъулиятнокӣ мусоидат мекунанд, муҳим аст.

Масъалаҳои сифати фаъолияти касбии педагог, маҳорату кордонии ӯ, қобилияти педагогӣ ва талабот нисбат ба педагогро таҳқиқ намуда, Кузмина Н.В. дар қатори сифатҳои муҳимтарини педагогҳо, ки ба пурмаҳсулии меҳнат таъсиргузор аст, салоҳияти касбии онҳоро қайд мекунад. Ӯ чунин унсурҳои асосии салоҳияти педагогиро муқаррар менамояд: салоҳияти махсус дар соҳаи фанни таълимӣ; салоҳияти методӣ дар шохаи воситаи ташаккули донишҳо, малакаву маҳорати хонандагон; салоҳияти равоншиносию педагогӣ дар раванди таълим; салоҳияти дифференсиалию равоншиносӣ дар соҳаи мотивҳо, қобилият ва ҳадафмандии хонандагон ва салоҳияти аутопсихологӣ[3].

Академик Лутфуллоев М. асосҳои психологию акмеологии такмили кордонии мутахассис ва фарҳанги касбии ӯро баррасӣ намуда, мафҳуми салоҳияти касбиро ҳамчун «омодагии касбии субъекти меҳнат (мутахассис ё коллектив) барои иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои фаъолияти ҳаррӯза», онро ҳалқаи асосии фарҳанги инноватсионию акмеологии мутахассис мешуморад[6].

Дар тайёрии касбии омӯзгорони оянда силсилафанҳои психологию педагогӣ, аз ҷумла асосҳои психологияи умумӣ ва соҳаҳои дигари он: психологияи педагогӣ, психологияи синнусолӣ, психологияи иҷтимоӣ, психологияи шахсият, психологияи бачагона, психологияи муошират баргузории машғулиятҳои амалию лабараторӣ, таҷрибаи педагогӣ ва гузаронидани ҳар гуна курсҳо ва семинарҳои махсус оид ба масоили психологияи таълиму тарбия, психологияи фаъолият, муошират, ташаккули сифатҳои маънавию психологии шахсият дар зинаҳои гуногуни тараққиёти синнусолӣ ва инчунин омӯхтану муайян намудани психологияи гурӯҳу коллектив, гурӯҳҳои хурд, гурӯҳҳои шартию ғайришартӣ, гурӯҳи референтӣ нақши муҳим мебозанд. Инчунин донишҳои психологию педагогӣ ва методӣ барои мутахасисони оянда, ки барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муаллимони математика, физика, кимиёву биология, филологияи тоҷику рус ва англисӣ, таъриху ҳуқуқ ва синфхои ибтидоӣ тайёр менамоянд, зарур аст[7].

Вақтҳои охир психологҳо дар он ақидаанд, ки мақсади хадамоти психологӣ дар соҳаи маориф, инчунин меъёрҳои кори ӯ солимии психологии наврасон ва мактаббачаҳо аст, инкишофёбии шахсият ва психологии онҳо бошад, шароитҳо ва воситаҳои бадастоварии ин солимӣ ба шумор меравад. Ва дар ин радиф нақши силсилафанҳои психологию педагогӣ, ба хусус асосҳои психологияи умумӣ дар тайёрии назариявӣ ва амалии муаллимони оянда ба фаъолияти амалӣ хело калон аст. Зеро саравval муаллимони оянда маҳз тавассути омӯзиши курси асосҳои психологияи умумӣ ба мазмуну моҳияти мавзӯи психология, сохту таркиби он, соҳаҳо, принсипҳо, протсессҳои психикӣ, хусусиятҳои фардию психологӣ ва методҳои психологияи муосир шинос мешаванд. Сипас шиносоӣ бо асосҳои умуминазариявии масоили асосҳои психологияи умумӣ ки барои аз худ намудани соҳаҳои дигари психология, ба муаллимони оянда заминаи назарӣ ва амалиро муҳайё месозад, хело муҳим аст[2].

Психология илмест, ки зуҳуроти ҳодисаҳои психикӣ, санаду далелҳои психикӣ ва қонуниятҳои ташаккули сифатҳои маънавию психологии одамро дар ҷараёни фаъолият меомӯзад[1].

Бинобар ин маҳз дар заминаи мактаби олӣ дониши омӯзгорониояндаро бо масъалаҳои умуминазариявии психологию педагогӣ дар раванди машғулияти назариявӣ, семинарӣ ва таҷрибавӣ васеъ намуда, таваҷҷӯҳи онҳоро ба истифодаи донишҳои азбар намудаи назариявӣ дар фаъолияти амалии мактаб ҷалб намудан зарур аст.

Дар психологияи хориҷӣ ҳангоми муайян кардани салоҳияти касбӣ ба қобилияти мустақилона ва масъулиятшиносӣ амал кардан диққат дода мешавад.

Унсурҳои асосии салоҳияти касбӣ инҳоянд: - салоҳияти иҷтимоӣ ҳамчун қобилияти фаъолияти гурӯҳӣ ва ҳамкорӣ бо дигарон, омодагӣ ба масъулият барои натиҷаҳои кори худ, азхудкунии усулҳои таълими касбӣ; - салоҳияти махсус - омодагӣ ба иҷрои

мустақилонаи намудҳои алоҳидаи фаъолият, маҳорати ҳалли вазифаҳои стандартии касбӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои кори худ, маҳорати мустақилона аз худ намудани дониш ва малакаҳои нав аз рӯи ихтисос; - салоҳияти инфиродӣ - омодагӣ ба доимӣ афзоиши тахассус ва амалӣ гардондани донишҳои касбӣ ба меҳнат[8].

Ҷузъҳои асосии омодагии психологӣ инҳоянд: маърифатӣ (когнитивӣ), эмотсионалӣ ва ҳавасмандкунӣ. Ин унсурҳоро дар сохтори омодагии психологӣ муҳимтарин ҳисоб кардан мумкин аст.

Чунки рушду нумӯи самаранокии соҳаҳои дигари илму фанро беҳамгирой ва иртиботи байниҳамии фанҳои таълимӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Масалан, омӯзгорони ояндаро дар рафти таълими асосҳои психологияи умумӣ талқин бояд кард, ки барои мутахассиси хуб шудан, пеш аз ҳама натанҳо донистани математика, физика, кимиёву биология, забони тоҷикию русӣ, англисӣ ва дигар фанҳо лозим аст, балки барои ба низом даровардани вазъи синф, идора намудани хонандагон ва фаъол гардонидани онҳо оид ба асосҳои умуминазариявии психологияю педагогика, технологияи таълиму тарбия дониши асосноки илмӣ доштан лозим аст.

Чунончи, муаллифи мақола дар монографияи худ ба масъалаҳои беҳдошти салоҳияти касбӣ дар маҷмӯъ аҳамият дода, дар он салоҳияти равоншиносию педагогиро қайд мекунад ва дар робита бо густариши ғояҳо оид ба инсонгароии таҳсилот онро зерсохтори муҳимтарин ва нисбатан мустақили салоҳияти умумии касбӣ мешуморад. Бо назардошти зерсохтори муҳим ва нисбатан мустақил будани салоҳияти равоншиносию педагогӣ, он ҳамчун истеъдоди ҳамкорӣ бо дигар одамон бо равиши хос ва дар шароити хоса зоҳир гардида, имконоти педагогро ифода менамояд[7].

Бо таҳлили таърифҳои пешниҳодшудаи мутахассисони гуногун, идеяи ҷанбаҳои психологии касбии омодагии психологии донишҷӯро чунин ифода кардан мумкин аст:

- маҷмӯи салоҳиятҳои ҷамъшуда ва заминаи назариявӣ, ки имкон медиҳад, ки ҷузъҳои сохтории фаъолияти касбӣ амалӣ карда шаванд;

- қобилияти мустақилона азхуд кардан, таҳлил кардани иттилоот ва тафаккури интиқодӣ яъне дарки чизҳои нолозима ва нодуруст[14].

Дар бораи омодагии равонии шахс ба фаъолияти касбӣ андешаҳои гуногуни муаллиф мавҷуд аст, ки як хусусияти умумӣ доранд, яъне ҳамаи муаллифон ба ҷанбаҳои ҳавасмандӣ ва эмотсионӣ диққати махсус медиҳанд. Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳамаи махфилҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдони баркамол маҳз ба омӯзгорон вобастагӣ дорад. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, дар зиндагии пур аз розу ниёз тифли инсониятро тарбия менамоянд, илм меомӯзанд, ки чандон кори осон нест. Омӯзгори муосир ба қавли бузургон мухандиси руҳии инсон аст. Тавре ки муҳандис нақша ё созмони ягон кореро ташкил медиҳад, муаллим низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзад ва онҳоро ба ҳаёти солими оянда омода месозад. Муаллимро оинаи халқ мегуянд. Оинае, ки ба он нигариста камбудиву нуқсонҳоро бартараф мекунанд. Яъне омӯзгор ибратомӯзест, ки ҳар калому ҳар нигоҳу ҳар қадамаш саропо ибрати соҳибдилон аст.

Салоҳияти равоншиносию педагогӣ огоҳӣ аз ташхиси педагогӣ, маҳорати бунёди муносибатҳои аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқи матлаб бо муҳассилин, ба роҳ мондани кори фардӣ дар асоси натиҷаҳои ташхиси педагогӣ; донистани психологияи синнусолӣ, психологияи муошırати байнишахсӣ ва педагогӣ; маҳорати дар хонандагон бедор кардан ва инкишоф додани завқу рағбати устувор ба касби интихобшуда ва фанни омӯхташавандаро дар назар дорад[10].

Ҳамин тариқ, дар психология таърифҳои зерини салоҳият мавҷуданд: - дараҷаи бомуваффақияти ҳалли вазъиятҳои муаммовӣ; - дараҷаи ташаккули таҷрибаи иҷтимоию педагогии субъект; - маҷмӯи хосиятҳо ё қобилиятҳои касбӣ, ки ба кас имкон медиҳад, ки талаботи кор дар сатҳи муайян иҷро карда шавад;- сатҳи омодагӣ дар шаклҳои иҷтимоӣ ва фардии фаъолият, ки имкон медиҳад, ки шахс дар доираи қобилият ва мақоми худ бомуваффақият фаъолият кунад;

- дараҷаи маълумоти ибтидоӣ ва махсуси касбӣ, қобилияти ҷамъ кардани таҷриба дар ҳалли масъалаҳои касбӣ ва таҷрибаи кор;

- сифат касбӣ тайёрӣ; ченаки дарки олами атроф ва дараҷаи кифоя будани муносибат бо он; сифати мураккаби муттаҳидшудаи шахсият, ки қобилияти амалӣ намудани фаъолияти муайяни касбиро муайян мекунад ;

- маҷмӯи дониш, маҳорат ва маҳорате, ки иҷрои бомуваффақият ва самараноки фаъолиятҳоро таъмин мекунанд[15].

Омӯзгори имрӯза натанҳо дорои дониши мукаммал бошад, инчунин рафтори хуби педагогӣ дошта бошад, то ки бо ҳар як фард муносибати психологӣ - педагогӣ карда тавонад. Барои муаллимону мураббиён воситаҳои таъсиррасонӣ, шавқмандӣ ва бартарафкунии душвориҳо дар раванди таълиму тарбия пешниҳод намоем. Педагог шахсияти заҳматкашест, ки пешаи хеш ва кӯдаконро беандоза дӯст медорад ва мондашавиро ҳис накарда, маҳорати педагогиашро сайқал медиҳад. Чунин муаллимро «нури офтоби ҳаётбахш барои наврасон» меноманд.[17].

Аз ҷумла ҳангоми таълими мавзӯи «Психологияи фаъолият» устодону омӯзгорони макотиби олӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки таваҷҷӯҳи муаллимони ояндаро ба он равона созанд, ки ҳаёти ҷомеаи инсонӣ ва рушду нумӯи онро бидуни фаъолияти пурсамар тасаввур кардан имконнопазир аст. Зеро пӯшида нест, ки ҳамаи комёбиҳои ба даст овардаи мо самараи маҳсули меҳнати садҳо ва миллионҳо одамон аст. Баъд аз он диққати донишҷӯён-омӯзгорони ояндаро ба шарҳу баёни мафҳуми дониш, маҳорату малакаҳо, қонуниятҳо ва шартҳои психологии ташаккулёбии донишу маҳорату малакаҳо ҷалб намудан зарур аст. Ниҳоят ба омӯзгорони оянда оид ба намудҳои фаъолият: фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ ва бозӣ тавсифи психологӣ дода зарурияти фаъолиятро ҳамчун воситаи қонеъ гардонии талаботи моддӣ ва маънавӣ нишон додан лозим аст. Дар рафти машғулияти назариявӣ барои фаъол гардонидани муаллимони оянда устодон ва омӯзгорони мактаби олӣ метавонанд бо чунин саволҳо муроҷиат намоянд.

Гузашта аз ин, устоди мактаби олӣ метавонад қобилияти фикру ҳис, зеҳну иродаи муаллимони ояндаро дар рафти машғулиятҳои семинарӣ ва таҷрибавӣ боз ҳам мукаммал ва бою ғанитар гардонад. Бо ин мақсад аз дастурҳои методии «Практикумҳо оид ба психология», «Маҷмӯи ҳалли супоришҳо аз психология», «Машғулиятҳои амалӣ оид ба психология», «Супоришҳо оид ба психология» истифода бурдан аз манфиат холӣ нест. Барои шавқовар гузаронидани машғулиятҳои таҷрибавӣ, мақсад ва вазифаҳои мавзӯъ маводи зарурӣ ва методикаи гузаронидан ва ҷамъбаст намудани ҳар як супоришу машқ аниқ муайян карда шавад.

Дар психологияи хориҷӣ нақши донишҳои психологӣ барои мутахасисони оянда бисёр муаллифон қайд кардаанд. Ба андешаи Б. Мирбобоев, ба дастгирии шахси солими равонӣ аҳамият додан лозим аст, зеро ҳар як шахс табиатан дар ибтидо дорои неруи тавонои рушд аст. Аз ин рӯ, донистани донишҳои психологӣ дар робита бо қонеъ кардани ниёзҳои пешбари инсон барои худшиносӣ зарур аст [11].

То имрӯз муайян карда шудааст, ки таҳияи омӯхтан донистани донишҳои психологию педагогӣ бояд дар якчанд марҳила сурат гирад: асосноккунии консептуалии дастгирӣ; таҳияи барномаи дастгирии психологию педагогӣ; тарҳрезии психотехнологияҳо мебошад.

Ҳангоми таҳияи консепсия шарти зарурӣ таҳияи принсипҳои психологияи омӯзгорӣ мебошад. Ҳамин тариқ, аввалини онҳо метавонад ба тағир додани равиши тадқиқот дахл дошта бошад: аз омӯзиши падидаҳо ва зуҳуроти психика ба омузиши қонуниятхои инкишофи муътадили субъект, ки имкон медиҳад пешомадҳои инкишоф баҳо дода, имкониятҳои фардикунонии ин раванд ва аз ин рӯ, имкони табдили худ (субъект) муайян карда шавад.

Чунончӣ, дар мавзӯҳои эҳсосу идрок, диққат, хотир, хотири ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ, хотири маъногӣ-мантиқӣ, хотири сенсорӣ, ҳаракатӣ, образӣ ва эмосионалӣ ва ғайраҳо. Машғулиятҳои таҷрибавӣ гузаронидан лозим аст. Гузаронидан

машғулиятҳои таҷрибавӣ донишу тасаввуроти ҳосил намудаи муаллимони ояндаро боз ҳам тақвияту таҳким мебахшанд.

Дар баробари ин роҳҳо ва воситаҳои фаъол гардонидани омӯзгорони оянда ва дар онҳо пайдо намудани маҳбубияти хоса ба касби омӯзгорон гуногун аст.

Яке аз роҳҳои омодагии психологию педагогии устодону омӯзгорони макотиби олӣ ба машғулияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Устоди мактаби олӣ фанне, ки аз он дарс мегуяд, бояд хуб азхуд карда бошад, касбашро сидқан дӯст дорад ва мунтазам дониши тахассусиашро баланд бардорад.

Маводе, ки муаллим ба шогирдон баррасӣ менамояд, ҳамаи паҳлӯҳои мавзӯи лексиониро бошуурона донад ва мулоҳизаҳояшро пай дар пай ба шогирдон баён намояд.

Омӯзгори муосир нисбат ба қувва ва имконоти зеҳнию ақлонии худ боварӣ дошта бошад.

Аз методҳои таълим, шаклҳои дарс, принсипҳои таълим самаранок истифода барад.

Дар дарс аз лаҳзаҳои таълими проблемавӣ, саволу ҷавоб истифода барад ва бо ин роҳ қобилияти мустақилӣ ва ҷӯяндагии муаллимони ояндаро ба силсилафанҳои психологӣ ба вуҷуд биёрад.

Омӯзгори оянда дар синф ҳокими афкор бошад, таъсирашро ба хонандагон гузаронад ва дар байни хонандагон обрӯю эътибор дошта бошад.

Дар лаҳзаҳои дарс ба саҳлангорӣ ва беҳуда сарф намудани лаҳзаҳои дарс роҳ надиҳад.

Омӯзгори салоҳиятнок ба одоби муоширату ва назокати рафтор риоя намояд ва аз ҳар ҷиҳат барои донишҷӯён-омӯзгорони оянда намунаи ибрат бошад.

Омӯзгорони оянда бояд ба хубӣ дарк намоянд, ки психология қонуниятҳои ботини психикии одамро омӯхта ва бо ҳамин омӯзгорониояндаро бо он водор месозад, ки ҳар як хонанда психологияи махсус дошта, аз хонандаи дигар бо имконоти маърифатӣ, фикру зеҳн, сифатҳои ақлонӣ, ҳиссиёту ирода, хусусиятҳои мизоҷу феълу рафтор ва истеъдоду қобилияташ фарқ мекунад. Аз ин рӯ омӯзгор ба ҳар як хонанда рафтори муносиби фардӣ намуда, хусусиятҳои инфиродӣ-психологиашро ба ҳисоб гирад. Зеро ҳар як хонанда фарди нотакрор аст. Маҳз бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ, донишомӯзӣ муаллим метавонад бо ҳар як хонанда муносибати фардӣ барқарор намуда, барои фаъол гардонидани ақлу зеҳни хонандагон аз методҳои гуногуни таълим, шаклҳои ташкилии таълим ва инчунин аз шаклҳои корҳои мустақилона истифода барад. Чунин тарзи муносибат сифату самаранокии таълимро метезонад.

Дар хотир бояд дошт, ки омодагии психологӣ яке аз муҳимтарин меъёрҳои самаранокии омодагии касбии мутахассис мебошад. Тайёрии психологӣ ба мутахассиси оянда кӯмак мекунад, ки дар касбаш муваффақ шавад ва ба ӯ имкон медиҳад, ки роҳиояндаи худашро пайдо кунад. Омилҳои системавии омодагии психологии мутахассиси оянда сатҳи инкишофи шахс, дараҷаи қобилияти амалӣ намудани неруи эҷодӣ, ҳавасмандӣ ва ниёзҳои шахс мебошанд. Ҳамчунин, барои омӯзгори оянда дониши пухтаю нутқи равон ва маҳорати ба хонандагон дастрас намуда тавонистани маводи таълимӣ ташаккул ёфта бошад. Ҳангоми омода намудани донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ дар баробари гузаронидани фаъолияти педагогӣ оид ба азхудкунии салоҳиятҳо, дар онҳо дар ташаккули муносибати мусбӣ ба касбиояндаи худ ва ташаккули ҳавасмандии ботинӣ мақсаднок кор кардан лозим аст.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу муҳокимаҳо ва ҷамъбасти масъалаҳои умуминазариявӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки бо тарзу шаклҳо ва воситаҳои гуногун омӯзгорониояндаро фаъол гардонидан мумкин аст. Аз ин рӯ омӯзгорони ҳамаи зинаи таҳсилоти умумиро зарур аст, ки оид ба низоми нави таълимӣ аз дастуру адабиётҳои дастрас ва таҳия мешуда, маълумоти зарури гирифта, ҳангоми иштирок дар курсҳои такмили ихтисос, семинарҳои омӯзишӣ дониши худро мустаҳкам ва пурра намоянд.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Давлатов М. Психология. Душанбе 2010-319 с.

2. Давлатов М. Расулов С.Х. Психологияи мактаби олӣ. Душанбе 2019.

3. Кузьмина Н.В. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения. - М.: Высшая школа, 1990. - 119 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" Душанбе: "Шарқи озод"-(22.07.2013,№1004)

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ" (19.05.2009, №531) Душанбе, 2009.

6. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. - Душанбе: Сахбо, 2006 - 220 с.

7. Луфов М.Т. Асосҳои педагогӣ –психологии ташаккули салоҳияти касбии омузгорони ояндаи макотиби олӣ. (Монография)-Хуҷанд:Нури маърифат-2023.180 с. ISBN 978-99985-943-4-0

8. Маҳмудов Ш.К. Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ /Зери назари Давлатов М.-Душанбе: Ирфон, 2011

9. Маркова А.К. Психологический анализ профессиональной компетентности учителя. // Сов. Педагогика, 1990, № 8, с. 82-88.

10. Мирбобоева Б. Ҷанбаҳои равонию педагогии ташкили кор дар мактабҳои камнуфус// Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ, маҷаллаи Илм ва инноватсия №1. Душанбе- 2014. 32 с.

11. Митина Л.М. Психология профессионального развития учителя. ~М.: Флинта: Московский психолого-социальный институт, 1998.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023

13. Раҳмонов З.П., Раҳмонова Д.З., Салоҳияти касбӣ ва маҳорати педагогии омӯзгори муосир Хуҷанд, 2017-192 с.

14. Сластенин В.А. О Современных подходах к подготовке учителя //Технология психолого-педагогической подготовки учителя к воспитательной деятельности. -Барнаул, 1996-С.164

15. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2020. 109 с.

16. Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ./Зериназари академик Лутфуллоев М.Душанбе, "Ирфон",2012, - 562 с.

## САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ-ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ

Мақсади асосии таҳсилот аз омода намудани шахсияти дорои сифати рақобатпазир, шаҳрванди фаъол ва иҷтимоӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар мебошад, яъне ташаккули инсони фаъол, иҷтимоӣ, масъулиятшинос, эҷодкор ва дорои салоҳият аст. Дар мақолаи мазкур таҳлили масъала ва муайян кардани салоҳиятҳои касбӣ-психологии омӯзгори оянда дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар ҷомеаи демократӣ буда, дар ин замина тайёр намудани мутахассисони босавод, ташаббускор, масъулиятшинос, омодагии психологӣ яке аз муҳимтарин меъёрҳои самаранокии омодагии касбии мутахассис ва эҷодкору созанда мебошад, мавриди барассӣ қарор ёфтааст. Тайёрии психологӣ ба мутахассиси оянда кӯмак мекунад, ки дар касбаш муваффақ шавад ва ба ӯ имкон медиҳад, ки роҳи ояндаи худашро пайдо кунад. Он барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ташаккул додани маҳорату малака мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** *педагогика, психология, салоҳият, салоҳиятнокӣ, ташаккул, комуникатсия, маҳорат ва малакаҳои касбӣ, истеъдод, муошират, муносибат иҷтимоиёт, шахсият, донишҷӯ, мактаби олӣ.*

## ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ КОМПЕТЕНЦИИ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ В ВУЗЕ

Основная цель образования – подготовит человека с конкурентоспособными качествами, активного и социального гражданина в общественной, экономической и политической жизни страны, то есть формирование активной, социальной, ответственной, творческой и компетентной личности. В данной статье проводится анализ проблемы и определение профессионально-психологических компетенций будущего учителя в вузе педагогического общества в демократическом обществе, и в этом контексте подготовка образованных, инициативных, ответственных специалистов, психологов. подготовка является одним из важнейших критериев эффективности профессиональной подготовки специалиста и творца. Психологическая подготовка помогает будущему специалисту добиться успеха в карьере и позволяет найти свой собственный будущий путь. Это помогает улучшить качество образования и развить навыки.

**Ключевые слова:** *педагогика, психология, компетентность, компетентность, формирование, общение, умения и профессиональные навыки, талант, общение, социальная установка, личность, студент, высшая школа.*

## PROFESSIONAL AND PSYCHOLOGICAL COMPETENCIES OF A FUTURE TEACHER AT A UNIVERSITY

The main goal of education is to prepare a person with competitive qualities, an active and social citizen in the social, economic and political life of the country, that is, the formation of an active, social, responsible, creative and competent personality. This article analyzes the problem and determines the professional and psychological competencies of a future teacher at a university pedagogical society in a democratic society, and in this context, prepares educated, proactive, responsible specialists and psychologists. preparation is one of the most important criteria for the effectiveness of professional training of a specialist and creator. Psychological preparation helps a future specialist achieve success in his career and allows him to find his own future path. This helps improve the quality of education and develop skills.

**Key words:** *pedagogy, psychology, competence, competence, formation, communication, skills and professional skills, talent, communication, social attitude, personality, student, higher school.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Луфов Мансурбой Таймуратович – номзади илмҳои педагогӣ, кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров” (Тоҷикистон, Хуҷанд). Email- lufov@mail.ru. Тел.92-812-91-99*

*Камолова Мубина Зафаровна – докторант аз рӯйи ихтисоси педагогика ва психология ДМТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1/1.*

**Сведения об авторах:** *Луфов Мансурбой Таймуратович - кандидат педагогических наук, кафедра социальной и профессиональной психологии ГОУ “ХГУ имени акад. Б. Гафурова” (Таджикистан, Худжанд). Email- lufov@mail.ru. Тел.92-812-91-99*

*Камолова Мубина Зафаровна - докторант по специальности педагогика и психология, МДТ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», Адрес: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, переезд Мавлонбекова 1/1.*

**Information about the authors**: *Lufov Mansurboy Taimuratovich - Candidate of Pedagogical Sciences, Department of Social and Professional Psychology of the State Educational Institution “KhSU named after acad. B. Gafurov” (Tajikistan, Khujand). Email- lufov@mail.ru. Tel.92-812-91-99*

*Kamolova Mubina Zafarovna, - doctoral student in the specialty of pedagogy and psychology MDT "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov", Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov crossing 1/1.*

**УДК: 15. 01. 3**

# ОМИЛҲОИ БАВУҶУОВАРАНДАИ АФСУРДАГӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ОНҲО

***Сахиёр Раҳимуллоҳ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истилоҳи афсурдагӣ душворфаҳм буда, он барои шахсият ҳолати ғамгинӣ ва беҳавсалагӣ маҳсуб меёбад. Ин гуна афрод маъмулан, бардоште маҳдуд, ноқис ва инчунин гумроҳкунанда аз муҳити худ доранд, ки дар натиҷа рафтори онҳо бо воқеият мутаносиб набуда, мавриди назар намегардад. Ба ақидаи Чарлз Фрестер нахустин равоншиноси рафторгаро - шахсони афсурда алайҳи муҳити ҳолати инфиолӣ ё худ вокунишӣ дошта ва танҳо дар муқобили дастурот ё рӯйдодҳои нохушоянд аксуламал нишон медиҳанд.

Муваффақият дар таҳсил ё кор, аз даст додани яке аз азизон ва огоҳӣ аз он ки беморӣ ё пирӣ тавони моро ба маҳвшавӣ мебарад, аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки бештар муҷиби зоҳиршавии хастагӣ мегарданд. Афсурдагӣ замоне ғайримуқаррарӣ маҳсуб меёбад, ки бо воқеаи рухдода мутаносиб набошад ва ё фаротар аз ҳадде, ки барои аксари мардум нуқтаи оғози беҳбуд аст, идома ёбад ва аз дигар хусусиятҳо фарқ кунад. Бархе аз одамон ҳар рӯз субҳ бо ҳолати беқарорӣ ва хастагӣ аз хоб бархеста, дар корҳои рӯзона бо камҳавсалагӣ, камқувватӣ дучор мешаванд [2, с. 67].

Бар асоси таърифҳои фавқ метавон чунин хулоса кард, ки афсурдагӣ ҳолати ҳаяҷонист, ки тавассути ғаму андӯҳи шадид, эҳсоси гуноҳ ва беарзишӣ, канорагирӣ аз дигарону набудани алоқа ба фаъолиятҳои рӯзмарра мушаххас мешавад. Ноумедиву ғамгинӣ ду нишондиҳандаи асосии афсурдагӣ аст. Фарди афсурда рукуди ваҳшатнокиро эҳсос мекунад ва наметавонад тасмим бигирад ё фаъолиятеро шуруъ кунад ё ба чизе алоқаманд шавад.

**Ихтилоли (вайроншавии) дуқутбӣ.** Сабабҳои зиёде, ки баъзе вақтҳо ҷанбаи умумӣ ва баъзе мавридҳо ҷанбаи хусусӣ доранд, мумкин аст, ки боиси хастагии инсон шаванд.

Қисме аз ин омилҳо аз шикаст, беморӣ, дилсӯзӣ, камхунӣ, бехобӣ, норасоиҳои ғадуди сипаршакл, тағйири фаслҳои сол, ғадуди мағзӣ, бемории паркинсон, уфунатҳои мушкили вирусӣ, доруҳои зидди фишори хун ва баъзе доруҳои кимиёии дигар буда метавонанд. Танҳо теъдоди шахсоне, ки дар пешгоҳи чунин омилҳо қарор мегиранд, дучори хастагӣ мешаванд. Аз ин рӯ, наметавон гуфт, ки омилҳои ирсии хонаводагӣ ва шароиту хусусияти рушду такомули фард, омилҳои асосии ин беморӣ бошанд. Дар ин бахш кӯшиш намудем, ба таври мухтасар назарияҳоеро, ки то кунун дар бораи иллатҳои хастагӣ баён шуданд, зикр кунем:

**Омилҳои генетикӣ.** Оид ба генетикӣ будан ба ҳолати хастагӣ назарияҳои мухталиф вуҷуд дошта, ҳамзамон иллати беназмии хастагии асосӣ бештар аст. Омилҳои генетикӣ хатари мубтало шудан ба хастагии асосиро афзоиш медиҳанд. Барои мисол, Мак Гофин ва ҳамкоронаш зимни таҳлилу баррасии масъалаи хастагӣ ба ин натиҷае расиданд, ки дугоникҳои яктухмагӣ 46% ва дугоникҳои дутухмагӣ 20% хатари мубтало шудан ба афсурдагиро доранд.

Ба таври хулоса се риштаи таъсири генҳои маъюб то дараҷае ба ихтилолоти (ошуфтагӣ, беназмиҳои) хулқӣ мусоидат мекунад.

- хешовандони нисбии мубталошуда ба ошуфтагиҳои хулқӣ нисбат ба кулли ҷамъият мизони зуҳури болотаре аз ин ихтилол ва беназмиро далолат мекунанд.
- мизони татбиқшавӣ барои ихтилолоти ошуфтагии хулқӣ дар дугоникҳои мушобеҳ (яктухмагӣ) бисёр болотар аз мизони он дар дугоникҳои номушобеҳ (дутухмагӣ) ки генҳои мутафовит доранд, ба мушоҳида мерасад.
- дугоникҳои яктухмагӣ, ки ҷудо аз ҳам бузург шудаанд. Зеро дар дугоникҳои яктухмагӣ мизони мутобиқшавӣ ба мушкилоти рӯҳӣ, тағйирёбии ҳолати инсон, ҳатто агар муҳити рушди онҳо гуногун бошад, болотар аст.

**Механизмҳои зистшиносӣ-биологӣ.** Интиқолдиҳандаҳои асабии нуропиннафрин ва сарутунин аз нигоҳи биологӣ дар сабабшиносии хастагӣ дахлдор дониста шудаанд. Аз ҷониби дигар, чунин тасаввур мешавад, ки сатҳҳои поёнии ҳар кадом аз ин интиқолдиҳандаҳои асабӣ дар хулқ таъсир доранд, ки ин улгуи намунаи сода дар мавриди асари нуропии нафрин ва сарутунин ба василаи додаҳои охир мавриди интиқод қарор гирифтааст. Чунин ба назар мерасад, ки хулқ ҳосили

муомилаи байни системаҳои сарутунин ва нуропии нафрин аст. Ҳатто мумкин аст, ки хулқ ҳосили муомилаҳои байни ин ду система ва системаҳои мағзии дигар бошад. Барои мисол Ромплу ва ҳамақидаҳояш муътақиданд, ки хулқ паёмади набудани муомилаи байни чандин интиқолдиҳанда, аз ҷумла сарутунин, нуропии нафрин, дупомин ва астиликулин аст. Ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки сарутунин як навъ назорати контроли куллӣ барои навъҳо аз системаҳои мағзии гуногун дошта бошад ва сатҳҳои поёнии сарутунин муҷиби мутаваққифшудаи фаъолияти даруни ин системаҳо шудааст, ки ба хастагӣ анҷом меёбад.

Муҳимтарин нуқтаи дахлдор дар хастагӣ системаи Лимбик аст. Тибқи як улгӯи равонӣ-зистӣ ин фарояндҳо-равандҳо ба василаи ҳар ду омилҳои иҷтимоӣ ва равоншиносӣ оғоз мегарданд ва омилҳои генетикии дараҷаи фишори равонии лозим аз ҳар кадом ҳавзаҳоро, қабл аз ин ки давраи хастагӣ шуруъ шавад, таҳти таъсири худ қарор медиҳанд.

**Омилҳои асабӣ-ғадудӣ.** Ғадуди дарунрез моеъҳоеро таршеҳ мекунад ва доир ба таъсири онҳо ба омилҳои гармонӣ пажӯҳишҳои зиёде сурат гирифтаанд. Инчунин мушоҳида шудааст, ки мушкилоти асабӣ гардидан эҳтимол бо нишонаҳои хастагӣ зоҳир мегарданд. Мушкилоте чун вайроншавии хоб, камиштиҳоӣ ва тағйироти биологӣ дар меъёрҳои ғадуди дарунӣ эҳсос карда мешавад. Қомати хамида, беҳаракатӣ ва хастагӣ (норасоии сабуки маърифатӣ) дар афсурдагӣ дида мешаванд, шабоҳати зиёде ба бемории Паркинсон ва дигар аломатҳои таҳтиқишрӣ доранд [4, с.8].

Пас аз мутолиаи мавзуи баёншуда метавон гуфт, ки афсурдагии дуқутбӣ номи дигари беморii шайдои афсурдагӣ мебошад.

Иллатҳои гуногун дар бурузи афсурдагӣ нақш доранд. Монанди: шикаст, истифодаи доруҳо, ғуддаҳои дарунрезу генетикӣ ва ғайра. Афсурдагӣ дар генҳо нуҳуфтааст, ки бо роҳи мерос аз волидайн ба фарзандон интиқол мешавад. Ин авомили ирсӣ сабаби бурузи навъи афсурдагӣ мешаванд. Бисёре аз пажӯҳандагон, авомили ирсӣ ва онҷиро, ки дар зиндагии шахс ба вуқуъ мепайвандад, яъне таркиби омодагиҳои ирсию фишорҳои равонии муҳитиро иллати эҳтимолии афсурдагиву рафторҳои ношӣ аз он медонанд.

**Омилҳои иҷтимоӣ.** Хастагӣ ба якчанд омили иҷтимоӣ низ рабт дорад. Аз ҷумла; рӯйдодҳои ҳаяҷоновари зиндагӣ, масалан (дар равобити миёни фардӣ). Омилҳои иҷтимоӣ ва муоширaт бо атрофиён, ки таҳти таъсири фарҳанги ҷомеа қарор дорад. Ин омилҳо метавонанд боиси хастагии аз ҳад зиёд гарданд.

Рӯйдодҳои ҳаяҷоновари зиндагӣ, аслан ҳудуди 70 дарсади давраҳои хастагии асосӣ ба шумор рафта, дар ҷараёни зиндагӣ рух медиҳанд, ки мисоли он озод шудан аз вазифа ва ё аз даст додани робитаи фардӣ шуда метавонад. Тавре ки маълум аст, рӯйдодҳои манфии зиндагӣ метавонанд ба хастагии зиёд оварда расонанд. Аммо инҷо саволе ба миён меояд, ки муҳаққиқон чӣ гуна метавонанд тағйироти зиёновар ва инчунин эҳтимолиро аз якдигар ҷудо кунанд ва як робитаи сабабиву натиҷагии собитшударо байни ин ду омил баён намоянд. Барои мисол, афроди хаста мумкин аст, ки натавонанд вазифаҳои шуғлии худро хуб ба анҷом расонанд. Масалан, мушкилот бо ҳамкорон ва роҳбарият, бекорӣ ё дастнигарӣ, яъне нигарониҳои молиявӣ.

Дар чунин мавридҳо нишонаҳои хастагии худи фард мумкин аст боиси иллати рӯйдодҳои манфии зиндагӣ бошанд. Аз ҷониби дигар, баъзе шахсон ба иллати табиат ва зоти худ мумкин аст, ба дунболи мавқеиятҳо ё таҷрибаҳои ҳаяҷонангез гарданд. Масалан, баъзе сарбозон худашон довталаб мешаванд, ки ба сафи пеши ҷабҳа бираванд. Ба ин тартиб, робитаи байни рӯйдодҳои ҳаяҷонангези зиндагӣ ва хастагӣ мумкин аст ба ҳамон содагие ба вуқуъ пайвандад, ки назаррас набошад.

Шахсоне, ки аз кишваре хориҷ (депорт) мешаванд (яъне, бо ҳошияи иҷтимоӣ ронда мешаванд), бештар дар ҳолати дучор шудан ба хастагӣ қарор доранд. Барои мисол, касоне ки таҳти таъқибу табъиз ҳастанд ва аз сӯйи ҷомеа ронда мешаванд ё бо хушунат дучор мегарданд, масалан, шахсони мубтало ба беморii ВИЧ СПИД ё касоне, ки ба табақаҳои камбизоати тааллуқ доранд ва инчунин солхӯрдагон (калонсолон) бо эҳтимоли зиёде хаста мешаванд. Ҳамзамон касоне, ки дар бузургсолӣ ба иллати сактаи мағзӣ ё осеб гирифтор мешаванд, таҳти хатари хастагӣ қарор доранд.

**Таомули иҷтимоӣ**. эҳсос ва ҳаяҷон то андозае метавонад масире ба суйи хастагӣ бошад. Вақте мардум бо афроди афсурда нишасту бархост мекунанд, мумкин аст онҳо низ ба хастагӣ, ғам,

изтироб ё хашм дучор гарданд. Масалан, нишон дода шудааст, ки дар донишҷӯе, ки ҳафтае дар назди як фарди афсурда зиндагӣ мекунад, нишонаҳои хастагӣ пайдо мешавад[10, с. 190].

Бар асоси мутолиоти анҷомшудаи афсурдагӣ авомили иҷтимоӣ низ дорад. Афсурдагӣ ба иллати як ҳодисаи ҳаяҷоновар низ ба вуҷуд меояд ва ин рӯйдодҳои стресссзой метавонанд тарси хориҷ шудан аз вазифа, қабул нашудан ба донишгоҳ ва ё дигар ҳолатҳои ҳаяҷонафзо мисли рад шудан аз тарафи шахси бисёр наздик, дастгирӣ надидани табақаи осебпазири ҷомеъа монанди куҳансолону кӯдакон дар муомилоти иҷтимоӣ вап ғ.

Буқрот (460-357 пеш аз мелод) пизишки бузурги юнонӣ, ки «падари пизишкии ҷадид» номида шудааст, дахолати Худоён ва девҳоро дар эҷоди бемориҳо рад кардааст. Бар асоси назарияи баданӣ иллати бемориҳои равонӣ ихтилол дар аъзои мухталифи бадан, бахусус мағз буд. Буқрот муътақид буд, ки мағз фармондеҳи бадан аст ва бемориҳои равонӣ марбут ба ихтилоли равонӣ дар он маҳсуб мешуданд.

Ҳамзамон Буқрот иллати ихтилолоти равониро набудани эътидоли маводи мизоҷӣ (сафро-савдо-хун-балғам) медонист. Ӯ мағзро муҳимтарин узви бадан ва таъбиркунандаи огоҳӣ тавсиф мекард ва пеш аз ӯ мисриён қалбро асоси ҳаёти равонӣ ва ҳаяҷонӣ медонистаанд. Буқрот ва пайравонаш ба далели ташхис ва дармони бемориҳои равонӣ шуҳрати хоссае ёфтаанд. Буқрот таъкид намуд, ки ихтилолоти равонӣ сабабҳои табиӣ дошта, мисли дигар бемориҳо ба дармон эҳтиёҷ дорад. Роҳҳои табобати он истироҳат кардан, ҳаммом гирифтан ва риояи ғизои хос буда метавонад.

Бо таъйиди назарияи Буқрот чунонки иллати бемориҳои баданӣ ё ҷисмӣ сабаби ихтилоли равонӣ мешавад, хусусан, мағз, ки маркази фармон аст ва дар сарзании бемории афсурдагӣ нақши бо сазое дорад, зеро системаи асаб аз ғубдаҳо ташкил шудааст ва дар ихтилоли равонӣ саҳим мебошад.

Афлотун (429-347 т.м.) масоили марбут ба афроди ошуфтаи равониро, ки муртакиби қатл мешуданд, мавриди баррасӣ қарор дод ва инчунин ошкоро изҳор дошт, ки ин афрод масъули ҷинояти хеш нестанд ва набояд бо онҳо, ки ба мисли дигар ҷинояткорон дида шавад, рафтор намуд. Мавсуф рафтори ҳар як фардро натиҷаи таъсири байни истидлол ва ҳаяҷон медонист ва бар хилофи касоне ки иллати рафтори ноҳинҷорро (номутаносиб, announce) медонистанд, ба неруи тафаккур таъкид мекард ва изҳор медошт, ки ин шахс танҳо воқеияти ҳақиқии вуҷуди инсон аст. Номбурда ақида дошт, ки рафтори инсон таҳти нуфуз ва ғаризаҳои бадании вай қарор дорад.

Арасту (384-322 т.м.) гарчанде шогирди Афлотун буд, вале дар баъзе масъалаҳо ба ӯ пайравӣ намекард ва ақидаи хосси худро дошт. Ӯ бештар пайрави ақидаҳои Буқрот дар бораи мизоҷҳои чаҳоргона буд ва гумон дошт, ки мизоҷҳои гарм сабаби тамоилоти ошиқона ва пурҳарфӣ (сергапӣ, пургапӣ, бисёргӯйӣ) мешаванд ва инчунин сабаби такондиҳандаи инсон ба худкушӣ мегардад. Ӯ дар ин хусус матолиби зиёде навишта, ҳолатҳои ҳаяҷонӣ, ангезишҳо, чун хашму ғазаб, ҳасад, такаббур, шуҷоат ва шафқатро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Арасту дар бораи лаззат ва ранҷу азоб, мафҳумҳоеро мавриди истифода қарор додаст, ки бо усул ва ақидаҳои Фрейд ва пайравонаш шабоҳат дошт [5, с. 84].

Афлотун низ монанди Буқрот ба мизоҷҳо таъкид мекард ва қобили ёдоварист. Афроде, ки дучори мушкилоти равонӣ шадид ҳастанд, агар ба амалҳое монанди: дуздӣ, пархошгарӣ ва қатл даст зананд, набояд мисли афроди одӣ қазоват шаванд, балки ба дармони онҳо таввачуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

**Назарияи Мелани Клейн (Melany Clain):** Мелани Клейн – яке аз назарияпардозони шинохтаи ҳавзаи равоншиносӣ - муътақид аст, ки афсурдагӣ барои идае вобаста аз тарс пайдо мешавад. Ба ибораи дигар, кӯдак чизеро, ки қаблан аз модар мегирифт, алъон қодир нест, ки онро бигирад. Тарс ҳам мумкин аст, ки яке аз омилҳои афсурдагӣ бошад, ки ба суратҳои гуногун ҷилва мекунад [8, с. 24].

**Назарияи Камерон (Kameron):** Камерон соли 1963 дар шарҳу тавзеҳи равонии хастагӣ онро аз ҷиҳати созгории фард мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин хастагӣ механизмҳое дар инсон эҷод мекунад ва равобити ӯро бо муҳит осон карда, инчунин ӯро аз баргашти пурра бозмедорад. Ба ибораи дигар, бемор эҳсоси дармандӣ ва нотавонӣ мекунад ва аз наздиконаш кӯмак мехоҳад то ба ӯ имконият диҳанд, ки он тавре ки худаш фикр мекунад, амал мекунад [10, с. 40].

Афсурдагӣ аз дидгоҳи равоншиноси маъруф Зигмунд Фрейд – асосгузори таҳлили руҳӣ таъкид мекунад, ки пояи аксари фарзияҳои равонковӣ марбут ба хастагӣ аст. Фрейд соли 1915 таҳти унвони «изо» - (сабру шикебоӣ ва як навъ хастагӣ аст, ки баъд аз сугворӣ ё аз даст додани наздикону азизон ба вуҷуд меояд) ва «молихулиё» (калимаи юнонӣ аст ба маънои андӯҳ ё ғам; навъе хастагӣ аст ва инсон ҳамеша эҳсос мекунад, ки зиндагӣ барояш беарзиш аст ва аз чизе лаззат намебарад) матлаберо ироа намудааст.

Фрейд мушоҳида карда буд, ки ҳарчанд хастагӣ бештар тавассути гум кардани касе ё чизе ошкор мешавад, бо вуҷуди ин, миёни вокунишҳои изои одӣ ва вокунишҳои марзӣ тафовути зиёде вуҷуд дорад. Бинобар назарияи Фрейд афсурдагӣ вокунишест нисбат ба нобудӣ, ки бо эҳсоси гуноҳ ҳамроҳ аст. [3, с. 10].

**Афсурдагӣ аз дидгоҳи рафторгароён: Рафторгароён (Behaviorists)** тибқи суннат афсурдагиро бо нобудии тақвиятҳо ҳамроҳ донистаанд. Ба назари онҳо шахсе, ки худро аз тақвиятҳои мусбат чӣ ҷисмӣ ва чӣ иҷтимоӣ маҳрум мебинад, афсурда мешавад ва ин амр коҳиши фаъолиятро ба дунбол меоварад, ки худ ба коҳиши ҷадиде дар мизони тақвиятҳо анҷом меёбад. Ин пайвастагӣ ҳамчунон идома меёбад, то ҷое, ки бемори афсурда худро дар як маҳдудаи сохта ва ботил эҳсос мекунад.

Аз нигоҳи назарияи дигари рафторгароӣ «натиҷаи пешбинишуда» мавриди баррасӣ қарор мегирад. Назарияи мавсум пайгирии масир бо имконоти посух афсурдагиро аз ин роҳ баён мекунад, ки шахс худро дар муҳити тасаллути неруҳои беруна эҳсос мекунад (инсонҳо ё неруҳои муҳити зист) ё хаёл намекунад, ки худ танҳо масъули ризоятҳоест ки ба даст меоварад [1, с. 24].

**Хастагӣ аз нигоҳи иҷтимоӣ.** Ҳангоме, ки мехоҳем аз ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва байнифардии хастагӣ сухан ба миён оварем, аввалин номе ки ба назарамон мерасад, номҳои Солион аст. Ба ақидаи Солион шахсияти мо то андозаи зиёде ба «худбозёбӣ» - мафҳум, ки ӯ аз Ҷорҷ Ҳерберт иқтибос кардааст, марбут аст. Бар асоси ин мафҳум мо майл дорем, ки худро дар оинаи чашмони дигарон бубинем ва худро дар вокунишҳои онон нисбат ба мо бозёбем, агар вокунишҳои онон ҳамеша мусоид бошад, «тасвири бозтобӣ»-и хубе аз худ хоҳем дошт, аммо баръакс агар вокунишҳои онон номусоид бошанд пайгирии мо аз худамон манфӣ хоҳад буд [3, с. 30].

Аз дидгоҳи иҷтимоӣ чунин аст, ки бештари афрод афсурда ба гуфтаҳои дигарон таваҷҷуҳ мекунанд ва худро дар андешаи дигарон тасаввур месозанд, агар амали онҳоро мусбат арзёбӣ кунанд, хуш мешавад ва ба анҷоми амали хуби бештар таваҷҷуҳ мекунанд ва бар акси он ғамгин ва нороҳат мегардад, пас ҳамеша худро дар қазовати дигарон мебинанд.

**Равондармонии ҳимоятӣ.** дармонии дарозмуддати номуайяни маътуф (майл, марбут, вобаста) ба ҳимояти равонии бемор, хусусан дар бӯҳронҳои вахим, хатарнок, мураккабу душвор, сӯгворӣ ё дар даврахое, ки бемор аз як давраи хастагӣ берун меояд, аммо ҳанӯз қодир ба даргирӣ бо дармонҳои дарозмуддат ва таомулӣ намебошад, корбурд дорад [4, с. 89].

Гурӯҳдармонӣ барои беморони дучори хастагии вахим ва интиҳорӣ-худкӯшишкунанда ҷоиз нест, зеро мумкин аст дигар беморони афсурда битавонанд аз ҳимояти тахлияи ҳаяҷон ва тақвияти мусбати гурӯҳ ва низ аз такомули байнифардӣ ва истилоҳоти фаврӣ дигаргуниҳои маърифатӣ ва интиқолии дигар аъзои гурӯҳ баҳраманд гарданд.

**Равондармонии хонаводагӣ.** хусусан замоне бамаврид аст, ки хастагии бемор суботи хонаводагиро ба хатар меандозад ё вақте хастагӣ ба рухдодҳои хонаводагӣ марбут аст ва ё вақте афсурдагиро улгуҳои хонаводагӣ тақвият намуда ё давом мебахшад.

Дармони ихтилоли-вайроншавии бемории афсурдагӣ: дармони ихтилоли афсурдагӣ ба се марҳилаи асоси тақсим мешавад:

- марҳалаи шадид (мураккаб, тезу тунд, хатарнок, бухронӣ) барои ором сохтани бемориҳои афсурдагӣ ва ҳиссавии-ҷузъии беҳбуд;
- тадовум-давомнокии дармон барои ҳифзи беҳбуд;
- як марҳалаи нигаҳдоранда барои ҳифзи беморони осебпазир аз ҳуҷумҳои, таҳдидҳои баъдӣ.

Чандин дармони муассир барои вайроншаваии афсурдагӣ вуҷуд дорад ва интихоби он барои ҳар як бемор вобаста ба чандин омилҳо, аз он ҷумла шиддати беморӣ, иллатҳои худи бемор ва дастрасӣ ба ин дармонҳо мебошад [6, с. 62].

Равиши дигаре, ки дар дармони афсурдагӣ истифода мешавад, равобити мутақобил аст. Дар он саъй мешавад, то равиши барқарории иртиботи дуруст бо дигарон омӯзиш дода шавад. Мувофиқи маврид, равондармонӣ мумкин аст ба сурати фардӣ, гурӯҳӣ, хонаводагӣ ва ё ҷуфт (ҳамсарон) сурат бигирад.

## АДАБИЁТ


1. Амонат Амир. Афсурдагӣ ва худкушӣ. Теҳрон: интишороти Ибни Сино. 1368.
2. Бароҳинӣ Муҳаммад Тақӣ. Заминаи равоншиносӣ. Теҳрон: интишороти «Рушд» 1370. 616с.
3. Каримӣ Юсуф. Равоншиносии шахсият. Теҳрон: Донишгоҳи «Паёми нур» 1390. 299с.
4. Ҷавонмард Ғуломҳусайн. Осебшиносии равонӣ. Теҳрон 1387. 190с.
5. Меҳриёр Амир Ҳушанг. Афсурдагӣ: бардоштҳо ва дармонҳои шинохтӣ. Теҳрон 1373.
6. Нусрат Сайид Аминуллоҳ, Акбарӣ, Ҳамидуллоҳ ва Аюб Муҳаммад Фирӯз. Равонӣ. Мазори Шариф 1396. 320с.
7. Пурафкорӣ Нусраттуллоҳ. Вокуниши афсурдагӣ. Теҳрон 1364. 120с.
8. Пурафкорӣ Нусратуллоҳ. Хулосаи равонпизишкӣ. Табрез, 1368. 678с.
9. Пурафкорӣ Нусратуллоҳ. Чакидаи равонпизишкии болинӣ. Теҳрон 1375. 788с.
10. Содот Сайид Нурҳон. Осебшиносии равонӣ. Кобул: интишороти «Ҷаҳони ислом». 1397. 206с.


## ОМИЛҲОИ БАВУҶУОВАРАНДАИ АФСУРДАГӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ОНҲО


Афсурдагӣ ин бемории аст, ки дар ҳаёти инсон таъсири манфӣ мегузорад. Бинобар ин, мубтало шудан ба афсурдагӣ сабабҳои мухталиф дорад ва ҳамчунон назариёти роҳҳои пешгирии он гуногун мебошад, ки ба шакли фишурда ба зикри он мепардозем.

Дар мавриди генетикӣ будани афсурдагӣ назарияҳои мухолифу муваффақ низ вуҷуд дошта, ба иллати беназмии хастагии зиёд вобаста аст. Омилҳои генетикӣ хатари мубтало шудан ба хастагии асосиро афзоиш медиҳанд.

Афсурдагӣ ба якчанд омили иҷтимоӣ низ робита дорад. Аз ҷумла: рӯйдодҳои ҳаяҷонии зиндагӣ, масалан (дар равобити миёни хирад). Бадарғаҳои иҷтимоӣ ва муомилаҳои иҷтимоӣ, ки таҳти таъсири фарҳанги ҷомеа қарор доранд. Ин омилҳо метавонанд бар шуруъи афсурдагӣ ё идомаи он таъсир бигузоранд.


**Калидвожаҳо:** *шинохтдармонӣ, рафтордармонӣ, равондармонии таҳлилгаро, равондармонии ҳимоятӣ, гуруҳдармонӣ, равондармонии хонаводагӣ.*

## ФАКТОРЫ, ВЫЗЫВАЮЩИЕ ВЫГОРАНИЕ И ПУТИ ЕЕ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ


Депрессия – это болезнь, которая оказывает негативное влияние на жизнь человека. Поэтому существуют различные причины депрессии, а также разные теории и способы ее предотвращения, о которых мы кратко упомянем. Что касается генетической природы депрессии, то существуют противоречивые и успешные теории о том, что расстройство является причиной чрезмерной усталости, но растет консенсус в отношении того, что генетические факторы увеличивают риск развития сильной усталости.

Депрессия связана с несколькими социальными факторами. В том числе: волнующие жизненные события. Социальные исключения и социальные взаимодействия, находящиеся под влиянием культуры общества. Эти факторы могут повлиять на возникновение депрессии или ее продолжение.


**Ключевые слова:** *когнитивная терапия, поведенческая терапия, аналитическая психотерапия, защитная психотерапия, групповая терапия, семейная психотерапия.*

## FACTORS CAUSING BURNOUT AND WAYS TO PREVENT IT


Burnout is a disease that has a negative impact on a person's life. Therefore, there are different causes of depression, as well as different theories and ways to prevent it, which we will briefly mention. Regarding the genetic nature of depression, there are conflicting and successful theories that the disorder is the cause of excessive fatigue, but there is a growing consensus that genetic factors increase the risk of developing severe fatigue.

Burnout is associated with several social factors. Including: exciting life events, for example, (in interpersonal relationships). Social exclusions and social interactions influenced by the culture of the society. These factors can influence the occurrence of depression or its continuation.

**Key words:** *cognitive therapy, behavioral therapy, analytic psychotherapy, defensive psychotherapy, group therapy, family therapy*.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Саҳиёр Раҳимулло, доктор PhD, докторанти кафедраи равоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17). Телефон. 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@ mail.com*

**Сведение об автора:** *Сахиёр Рахимулло, доктор PhD, докторант кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон. 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@ mail.com*

**Information about the author:** *Sahiyor Rahimullo, PhD, doctoral student, Department of Psychology, Tajik National University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Tel. 919.12.27.00. E-mail: rahimullahsakhiyar144@ mail.com*

**ТДУ: 373.31**

# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ВА САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Раҳимов Ш.***

**Унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рущди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Имрӯз мактаб барои омода кардани насли наврас ба ҳаёт ва меҳнат дар шароити муосир, ки рақобат ва рақобатпазирӣ, талаботи афзояндаи сифати таҳсилот хос аст, пешбинӣ шудааст. Дар ин шароит, раванди таълиму тарбия дар мактаб бояд ба иҷрои фармоиши нави иҷтимоӣ – ташаккули шахсияти эҷодии иҷтимоӣ-мутобиқшуда, қобилияти эҷодкорӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият равона карда шавад.

Раванди таълим фаъолияти мақсадноки пай дар пай ва тағйирѐбанда аст, ки амалиѐти ба ҳам алоқаманди омӯзгору хонандагонро дар бар гирифта, дар рафти он тарбия ва инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон ҳалли худро меѐбад. Чӣ хеле ки педагоги барҷаста Лутфуллоев М. таъкид кардаанд: «Раванди таълим-вазифаҳои таълимию инкишоф ва тарбияро дар ҳамгироиву ҳамоҳангӣ бо якдигар ҳал накунад, самараи хуб дода наметавонад» [1].

Фаъолияти эҷодӣ ин қобилияти фард барои фаъолона ва мустақилона пайдо кардани «маконҳои ҷустуҷӯ», гузоштани вазифаҳо, нишон додани принсипҳои сохторҳо, падидаҳо, амалҳои муайян ва интиқол додани дониш, маҳорат ва малакаҳо аз як соҳа ба дигараш мебошад [2].

Стратегияи таълими муосир аз он иборат аст, ки ба ҳамаи хонандагон имконият дода шавад, то истеъдод ва маҳорати худро нишон диҳанд. Ин ба тамоилҳои муосири гуманистии рушди мактаби ватанӣ мувофиқат мекунад, ки барои он мутобиқшавии омӯзгорон ба сифатҳои шахсии хонандагон хос аст.

Сифатҳои шахсият – хусусиятҳои психологии шахс мебошанд, ки тавассути муносибат ба худ ва ба атроф дар рафтор ва фаъолияти шахс зоҳир мешаванд [3].

Ба рӯйхати умумии сифатҳои шахсияти мактаббачагон дохил мешаванд:

– ватандӯстӣ (аз ҷумла муҳаббат ба Ватан, халқ, шаҳрвандӣ);

– кунҷковӣ (ҳамчун хусусияти умумии мавҷудияти хоҳиши фаъол барои ба даст овардани дониш);

– масъулият (аз ҷумла уҳдадорӣ, масалан, дар иҷрои қоидаҳои тарзи ҳаёти солим ва бехатар, қобилиятҳои ташкилӣ, мустақилият);

– эҳтиром ва қабули арзишҳои оила ва ҷомеа (қобилияти ба назар гирифтани фикру ақида ва манфиатҳои одамони дигар, таҳаммулпазирӣ);

– хайрхоҳӣ (ҳамчун сифати баланди ахлоқӣ);

– муошират;

– самти эҷодӣ (хоҳиши эҷоди чизи нав).

Ташаккул ва инкишофи ин сифатҳо дар кӯдакон замина барои таҳсили минбаъдаи онҳо, ташаккули мустақилияти таълимӣ (дастурҳои ахлоқӣ, асосҳои худтанзимкунӣ, ҳамкорӣ бо ҳамсолон ва омӯзгорон ва ғайра) мусоидат мекунад. Ин инчунин ба рушди шахсии кӯдакон мусоидат хоҳад намуд, ки ба онҳо имкон медиҳад, то ки ба ҷомеаи муосир бомуваффақият мутобиқ шаванд ва ба талаботи ҷаҳони доимо тағйирёбанда ҷавобгӯ бошанд [4].

Бо истифода аз усули муосири таълим аз техника ва шаклҳои коре, ки чандин насли омӯзгорон амалан такмил додаанд, қатъи назар кардан мумкин нест. Технологияҳои муосири компютерӣ мавқеи китоби дарсиро ҳамчун воситаи рушди хотира, худтаҳлил ва синтези маводи таълимӣ каме танг намуд. Кор бо китоби дарсӣ ба мо имкон медиҳад, ки таҳлили визуалӣ ва шунидани маводи таълимӣ, баён ва фаҳмиши семантикии матнҳоро омӯзем. Ба кӯдак омӯзонидани истифодаи китоби дарсӣ, таҳияи нақшаи азхудкунӣ ва татбиқи иттилооти тавассути маводи таълимӣ гирифташуда муҳим аст. Хонанда бояд ҳамеша ҳадафи кори худро донад ва натиҷаи ниҳоиро бинад, ки ба он баҳо гузошта мешавад. Кор бо китоби дарсӣ нутқ ва хотираро инкишоф медиҳад ва тафаккури мантиқиро меомӯзонад.

Вобаста ба ин, масъалаи ташкили фаъолияти пурсамари маърифатӣ ва эҷодии хонандагон, мусоидат ба ҷамъоварии таҷрибаи эҷодии мактаббачагон, ҳамчун асос, ки бе он худшиносии шахсият дар зинаҳои минбаъдаи таълим бесамар мегардад, тезу тунд шудааст. Дар асри XX-ум масъалаи неруи эҷодӣ аз дидгоҳҳои гуногун таҳқиқ карда шуд:

- Ҷомеа ба афроди фаъоли эҷодкор ниёз дорад, ки қодир ба ҳалли муназзам, пайваста ва самараноки мушкилоти мавҷуда бошанд;
- Воситаю шароитҳои педагогӣ, ки самараи раванди фаъолияти эҷодии шахсро баланд мебардоранд, ба қадри кофӣ инкишоф наёфтаанд;
- Талабот ба сатҳи донише, ки донишҷӯ бояд дошта бошад, меафзояд;
- Мактаб барои таъмини сатҳи зарурии рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон ҳанӯз омода нест;
- Инкишофи қобилияти эҷодии мактаббачагон аҳамияти иҷтимоӣ дорад;
- Таъминоти илмию методии ташкили фаъолияти эҷодии хонандагон ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст;
- Баҳодиҳии объективии фаъолияти эҷодии хонандагон зарур аст;
- Воситаҳои педагогии баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти эҷодии мактаббачагон тартиб дода нашудаанд.

Вазъияти имрӯзаи ҷомеа дар назди омӯзгорон вазифа гузоштааст, ки хусусияти умумии таълимро тағйир диҳанд, ки ташаккули тафаккури мустақилонаи эҷодӣ дар кӯдакон, фардикунонӣ ва тафриқаи таълимро дар назар дорад. Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки аксари кӯдакон иқтидори ниҳонии истеъдод доранд ва бо назардошти шароити зарурӣ барои инкишоф ва дастгирӣ онҳо метавонанд дар як соҳаи муайян худро муаррифӣ кунанд.

Доираи вазифаҳои эҷодӣ аз ҷиҳати мураккабӣ васеъ аст, аммо моҳияти онҳо як аст: ҳангоми ҳалли онҳо фаъолияти эҷодӣ зоҳир мегардад. Дар ин ҷо сифатҳои махсуси ақлонӣ, ба монанди мушоҳида, қобилияти муқоиса ва таҳлил, муттаҳид кардан, пайдо кардани робитаҳо ва ғайра талаб карда мешаванд - ҳама чизе, ки дар якҷоягӣ қобилиятҳои эҷодиро ташкил медиҳанд. Қобилияти эҷодӣ ин қобилияти дидан ё ёфтани мушкилот, сафарбар кардани донишҳои зарурӣ барои пешниҳоди гипотеза, қобилияти

санҷиши назариявӣ ва амалии он ва дар натиҷа эҷод кардани маҳсулоти аслӣ, кашфи илмӣ, ҳалли мушкилот ва ғ. мебошад.

Инкишофи эҷодиёти бачагон, пеш аз ҳама, аз муаллими ҳассос, хушмуомила, ҳамафаҳм ва тавоноии эҷодии ӯ вобаста аст. Аз ин рӯ, дар назди омӯзгори ҳама гуна сатҳ ва фанҳо вазифаҳои зерин меистанд:

- ҳама гуна зуҳуроти эҷодии донишҷӯёнро мушоҳида кунанд;
- фароҳам овардани шароит барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар синф [5];

Таҳлил ва коркарди миқдори зиёди иттилооти гуногунҷабҳа, ҳалли эҷодии мушкилоти назария ва амалия бидуни таваҷҷуҳи шахсии хонандагон ғайриимкон аст. Вазифаи мактаб дастгирӣ ва ташвиқи муносибати эҷодӣ ба таълим, ҳавасмандии ботинӣ ва фаъолиятнокӣ дар кӯдакон мебошад. Дар синни мактабӣ дар рафтор ва муносибатҳо заминаи эҷодӣ ба вуҷуд оварда, баъдан бо истифода аз усули гуногун такмил додани он хеле муҳим аст.

Омӯзиш вақте самараноктар ҳисобида мешавад, ки хонандагон:

• маводи навро бо маводи қаблӣ пайваст карда тавонанд;
• ба он чизе ки онҳо машғуланд, таваҷҷуҳ диҳанд;
• равшан бидонанд, ки чӣ кор кардан лозим аст ва фаҳманд, ки чаро ин кор анҷом дода мешавад;
• дар кор мустақилият дошта бошанд;
• имконияти инкишоф додани малакаҳои зарурииро дошта бошанд;
• дастрасӣ ба захираҳои зарурӣ (ҳуҷҷатҳо, маводи маълумотӣ);
• ба намудҳои гуногуни фаъолият машғул бошанд;
• дастгирии зарурӣ аз ҷониби омӯзгор дошта бошанд;
• бо суръате кор кунанд, ки ба онҳо мувофиқ бошад;
• фаҳманд, ки онҳо кай ва чӣ гуна баҳогузорӣ карда мешаванд;
• ба муваффақиятҳои худ баҳо дода тавонанд.

Ба андешаи Т. С. Горбунова, рушди фаъолияти эҷодӣ – аз раванд ва натиҷаи тағйирёбии сифатии шахс, афзоиши маҷмуи сифатҳое, ки фаъолияти эҷодии ӯро тавсиф мекунанд, ки дар муддати муайян тавассути муошират, омӯзиш, тарбия ва худтаълим ба амал меоянд, вобастагӣ дорад [6].

Барои мисол, дар раванди татбиқи шаклҳои фаъол дар дарсҳои гуманитарӣ ба нуқтаҳои асосии зерин диққати махсус дода мешавад:

• ҳамкории самараноки байни омӯзгор ва донишҷӯ;
• фароҳам овардани шароити беҳтарин аз ҷониби омӯзгор барои рушди ҳавасмандӣ ба фаъолияти эҷодӣ, эҳсосӣ ва таҷрибавии донишҷӯён;
• фаҳмиши муаллим дар бораи мавҷудияти услубҳои гуногуни омӯзиши хонандагон ва интихоби шаклҳо ва усули гуногуни ҳамкорӣ бо онҳо;
• фароҳам овардани заминаи мусоиди эҳсосӣ, ки ба дарки эҳсосии далелҳои таърихӣ мусоидат мекунад.

Инчунин истифодаи шаклҳои фаъол дар асоси ғояҳои зерин низ мусбат ба ҳисоб меравад:

• истифодаи ҳадди аксар аз таҷрибаи шахсии донишҷӯ;
• такя ба таҷрибаи гурӯҳӣ;
• истифодаи моделсозии иҷтимоӣ, яъне бозӣ кардани ҳолатҳое, ки воқеан, метавонанд дар ҷомеа, гурӯҳ ё ҳаёти воқеӣ ба миён оянд;
• татбиқи ҳамкории созанда ва дӯстона байни донишҷӯ ва омӯзгор;
• хонанда мавқеи тадқиқотиро (на барои омӯхтани бозёфтҳои дигарон, балки худаш кашф кардан) бо истифода аз сарчашмаҳои таърихии дониш, ишғол мекунад.

Усули фаъоли таълим ба эҷоди дидаву донистаи вазъияти пуршиддат асос ёфта, хонандагонро маҷбур мекунанд, ки барои расидан ба ҳадафи додашуда дар шароитҳои гуногун қарор қабул кунанд. Таҳияи қарорҳо бо эҳсос ҳамроҳӣ мегарданд, ки он дар

навбати худ сафарбаркунии захираҳои зеҳнро таъмин мекунад, фаъолияти маърифатиро ҳавасманд мекунад ва имкон медиҳад, ки диққатро муддати тӯлонӣ нигоҳ дорад.

Агар фанҳои гуманитариро ба мисол орем, хусусияти онҳо дар он аст, ки фанҳо асосан инкишофи тафаккури абстрактиро дарбар мегиранд. Аммо ин инчунин ташаккули қобилияти бартараф кардани мушкилот ва душвориҳои ҳаёт дар фаъолияти касбӣ, моҳирона амал кардан дар ҳолатҳои гуногуни воқеияти муосир; бо маданияти миллии халқи тоҷик шинос намудани хонандагон, худшиносӣ, ташаккули шахсият ҳамчун мутахассис, узви оила, шаҳрванд ва инсонро дар бар мегирад.

**Хулоса**. Дар воқеъ, эҷодкорӣ як раванди комилан беназир аст. Албатта, эҷодиёти ҳар як гурӯҳи синнусолӣ хусусияти худро дорад. Аммо аксарияти хонандагон (хусусан, дар мактаби миёна) ба супоришҳои эҷодӣ шавқу ҳаваси калон доранд.

Ҳангоми кор оид ба ташаккули қобилияти эҷодӣ ва шавқу рағбат ба дониш дар асоси ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи донишҷӯйӣ бештари омӯзгорон пажӯҳишгар ва таҷрибадор мешаванд, зеро онҳо фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфии хонандагонро тағйир медиҳанд. Онҳо раванди маърифат ва тарбияро дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ба ҳам мепайванданд.

Дар ниҳоят, вазифаи асосӣ инкишоф додани қобилияти эҷодии хонандагон, таваҷҷуҳ ба дониш, ҷалби кӯдакон ба фаъолияти фаъоли эҷодӣ, яъне фаъол кардани он дар асоси ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақили таълимии хонандагон, кӯмак ба азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳои зарурӣ мебошад.

Мушкилоти рушди эҷодӣ имрӯз хеле актуалӣ аст. Суръатбахшии пешрафти илмию техникӣ аз миқдор ва сифати зеҳни эҷодкорона инкишофёфта, қобилияти онҳо ва рушди босуръати илму техника вобаста хоҳад буд. Ҳамин тариқ, аҳамияти мушкилоти рушди эҷодӣ аз худи вазъи ҳаёт бармеояд.

**Якум**, рушди қобилиятҳои эҷодӣ имкон медиҳад, ки шахсияти ташаббускор, фикррон, қобилияти эҷодкори дошта дар ҳама гуна кор тарбия карда шавад.

**Дуюм**, ба хонандагон имкон медиҳад, ки рӯйдодҳо ва падидаҳоро дар асоси таҳлили таърихӣ фаҳманд.

**Сеюм**, ба тарбияи шуури муосири таърихӣ, рушди тафаккури мустақил ва шахсӣ кӯмак мекунад.

**Чорум**, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ба ташаккули зеҳнӣ ва ҳамоҳангии шахсият оварда мерасонад.

Ҳоло замони эҷоди дастовардҳо ва эҷодкорӣ аст, ки аз ин рӯ, рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон на танҳо дар фанҳои гуманитарӣ, балки ба ҳаёт шинос намудани онҳо хеле муҳим аст. Чун, ҳаёт – ин эҷодкорӣ аст!

## АДАБИЁТ

1. Лутфуллоев, М. Дастури фаъолияти омӯзгор / М.Лутфуллоев.-Душанбе, Маориф, 2007.-199с.

2. Безрукова, В. С. Основы духовной культуры (энциклопедический словарь педагога). — Екатеринбург: Деловая книга, 2000. — 937 с.

3. Божович, Л. И. Проблемы формирования личности: избр. психол. тр. / под ред. Д. И. Фельдштейна; Рос. Акад. образования, Моск. Психол.- соц. ин-т. — 3-е изд. — М.: МПСИ; Воронеж: МОДЭК, 2001. — 349 с.

4. Система оценивания планируемых результатов с учетом требований ФГОС: начальная школа. Комплексно-целевые программы / А. Н. Трофимова [и др.]. — Волгоград: Учитель, 2015. — 68 с.

5. Сибаева, Г. М. О влиянии образовательной среды начальной школы на развитие нравственных качеств младших школьников / Г. М. Сибаева., Д. Н. Баязитова, Р. М. Халисова // Сборники конференций НИЦ Социосфера. — 2016. — № 30. — С. 7–10.

6. Горбунова, Т. С. Развитие творческой активности в процессе обучения геометрии на внеклассных занятиях // Молодой ученый. — 2013. — № 4. — С. 548–552.

## РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ВА САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақола мафҳуми фаъолияти эҷодӣ, хусусиятҳои ташкили фаъолияти эҷодии мактаббачагон ва маҳоратҳои барои инкишофи тафаккури эҷодӣ ва тасаввуроти мактаббачагон зарурӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар иртибот ба ин, муаллиф таъкид кардааст, ки раванди таълиму тарбия дар мактаб бояд ба иҷрои фармоиши нави иҷтимоӣ – ташаккули шахсияти эҷодии иҷтимоӣ ва ташаккули қобилияти эҷодкорӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият равона карда шавад, раванди таълим, ки фаъолияти мақсадноки пай дар пай ва тағйирёбанда аст, бояд амалиёти ба ҳам алоқаманди омӯзгору хонандагонро дар бар гирифта, дар рафти он тарбия ва инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон ҳалли худро меёбад.

Ҳамчунин, муаллиф иброз доштааст, ки фаъолияти эҷодӣ ин қобилияти фард барои фаъолона ва мустақилона пайдо кардани «макони ҷустуҷӯ», гузоштани вазифаҳо, нишон додани принсипҳои сохторо, падида ва амалҳои муайян ва интиқол додани дониш, маҳорат ва малакаҳо аз як соҳа ба дигараш мебошад ва ба омӯзгорон зарур аст, ки ин салоҳиятҳоро мунтазам дар шогирдон ташаккул ва рушд диҳанд.

**Калимаҳои калидӣ**: *эҷодкорӣ, фаъолияти эҷодӣ, раванди таълим, сифатҳои шахсияти мактаббачагон, ташкили фаъолияти эҷодӣ, омӯзгор, хонанда, қобилият.*

## РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКОЙ АКТИВНОСТИ УЧАЩИХСЯ И ЭФФЕКТИВНОСТИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА

В статье рассматривается понятие творческой деятельности, особенности организации творческой деятельности школьников и навыки, необходимые для развития творческого мышления и воображения школьников. В связи с этим, автор подчёркивает, что процесс обучения и воспитания в школе должен быть направлен на выполнение нового социального порядка – формирование творческой социальной идентичности и способности к творчеству в различных сферах деятельности и образовательный процесс, являющийся целенаправленной последовательной и изменяющейся деятельностью, должен включать в себя взаимосвязанные действия педагогов и учащихся, в ходе которых осуществляется всестороннее воспитание и развитие учащихся.

Также автор утверждаем, что творческая деятельность - это способность человека активно и самостоятельно находить «место для поиска», ставить задачи, демонстрировать принципы структуры, явления и определенные действия и передавать знания, умения и навыки из одной области в другую, а педагогам необходимо систематически формировать и развивать эти компетенции у учеников.

**Ключевые слова:** *творчество, творческая деятельность, процесс обучения, качества личности школьников, организация творческой деятельности, педагог, ученик, способность.*

## DEVELOPMENT OF STUDENTS' CREATIVE ACTIVITY AND EFFECTIVENESS OF THE EDUCATIONAL PROCESS

The article examines the concept of creative activity, the peculiarities of the organization of creative activity of schoolchildren and the skills necessary for the development of creative thinking and imagination of schoolchildren. In this regard, the author emphasizes that the process of education and upbringing at school should be aimed at fulfilling a new social order – the formation of creative social identity and the ability to create in various fields of activity and the educational process, which is a purposeful consistent and changing activity, should include interrelated actions of teachers and students, during which comprehensive education and development of students is carried out.

The author also argues that creative activity is the ability of a person to actively and independently find a "place to search", set tasks, demonstrate the principles of structure, phenomena and certain actions and transfer knowledge, skills and abilities from one area to another, and teachers need to systematically form and develop these competencies in students.

**Key words:** *creativity, creative activity, learning process, personality qualities of schoolchildren, organization of creative activity, teacher, student, ability.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Раҳимов Шуҳрат Саймаҳмудович – Сармутахассиси раёсати таълим, Коллеҷи техникии Д.ТТ ба номи М.Осимӣ. Суроға: ш. Душанбе. к. С. Айнӣ 41. Телефон: (+992) 985 80 41 00. E-mail: rakhimov84_84@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Рахимов Шухрат Саймахмудович - Главный специалист отдела образования Технического колледжа Д.Т.Т им. М.Осими. Адрес: Душанбе, Таджикистан. ул. С. Айни.41. Телефон: (+992) 985 80 41 00. E-mail: rakhimov84_84@mail.ru.*

**Information about the author:** *Rakhimov Shukhrat Saimahmudovich - Chief specialist of the education department of the Technical College D.TT named after. M.Osimi. Address: Dushanbe, Tajikistan. k. S. Ayni 41. Phone number: (+992) 985 80 41 00. E-mail: rakhimov84_84@mail.ru*

# ТАТБИҚИ АМАЛИИ ТАШАККУЛИ ҲИССИ ХЕШТАНШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ УМУМӢ

***Хуррам Раҳимзода***
***Шарифова С.***
**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд, ки *«Ман ба нерӯи созандаи тамоми мардуми шарифи мамлакат, аз ҷумла ҷавонони боғайрат ва занону бонувони ватандӯсту соҳибмаърифат эътимоди комил дорам ва дилпурона изҳор менамоям, ки мо ҳама якҷо бо заҳмати содиқонаву аҳлонаи худ то ҷашни мубораку муқаддаси сиюпанҷсолаги истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон симои Ватани азизамонро то дурдасттарин гӯшаву канори он боз ҳам ободу зебо мегардонем».*

Дар раванди таълими фанни таърих низ омода намудани фазои таълимии мувофиқ ҷиҳати болоравии сатҳу сифати дониш шарт ва зарур мебошад. Инкишофи босуръати технологияҳо имконияти алоқаи бевоситаи инсонро бо санъат таъмин месозад. Дар муҳити дизайнерҳо, ки синфхонаҳо ва биноҳои мактабро лоиҳакашӣ мекунанд, аллакай ғояи муҳити визуалии тағйирпазир пешниҳод мегардад. Дар ин ҳолат шакли ба таври визуалӣ идрокшавандаи бинои мактабро тавассути маводҳои муосир вобаста аз ин ё он меъёрҳо ё вазъиятҳо тағйирёбанда намудан мумкин аст. Масалан, ранги деворҳоро ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои санҷишӣ дигаргун кардан ё худ асбобҳои айёнии девориро ҳамарӯза вобаста ба дарс тағйир додан.

Ҷомеаи муосир дар ҷудошавии хонандагон аз «санъати бузурги гузашта» имкон аст, ки ба бохти бузурге рӯ ба рӯ гардад. Хонандагони мактаб бояд аз асарҳои санъаткорони классик ва муосир огаҳӣ дошта бошанд. Ин холигиро мумкин аст тавассути воситаҳои мултимедиявӣ бевосита дар мактаб, тавассути намоиши мултимедиявӣ дар деворҳои долони мактаб ё пахш намудани асари мувофиқи мусиқӣ пурра намуд. Бо ин мақсад истифодаи шабакаи Интернет мувофиқи мақсад аст. Тавассути он мумкин аст ба тамоми осорхонаҳои бузургтарини олам экскурсияҳои виртуалӣ ташкил намуд ё худ ба сомонаҳое, ки ба эҷодиёти рассомон, мусиқанавозон, ҳунармандон, нависандагон ва шоирон бахшда шудаанд, аъзо шуд. Барои истифодаи онҳо дар фазои таълимӣ ягон монеаи ҷиддии техникӣ вуҷуд надорад. Муҳимаш хоҳиши омӯзгорон ва садорати муассисаи таълимист.

Тадриҷан калонсол шуда, кӯдак ба наврас, навҷавон ва ниҳоят ба падар ё модар табдил меёбад, вале дар ин ҷо ба таври фавқулодда бояд дар онҳо нигоҳдории чунин хусусиятҳои синну соли наврасӣ ва навҷавонӣ, ба мисли: самимият, таассуротнокӣ аз ҳодисаҳои дар атрофи ӯ рухдиҳанда, эҳтироми муқаддасоти миллӣ, ҳамдардии самимӣ ба эҳсосоти одамоне, ки ба онҳо рост меоянд, ташаккул ёбад. Таҳсил кунанд, кор кунанд ё

мушкилотро ҳаллу фасл кунанд, то ки минбаъд дар хислати онҳо чунин сифатҳо, ба мисли: накӯкукорӣ, меҳрубонӣ, далерӣ, ҷасурӣ, ғамхорӣ дар бораи дигарон таҳким ёбанд.

Барои рушди худшиносии миллӣ давраи худмуайянкунии шахсият муҳим буда, бо таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ марбут мебошад. Имрӯз хонандагон ба таъсири бештари донишҳои арзиши миллидошта, таваҷҷуҳ доранд ва ба азхудкунии ҳувияти миллӣ, яъне бо омодагӣ ба андӯхтани таҷрибаи инсонӣ ва дарки воқеаҳои олам дар намуди донишҳо, арзишҳо, маъниҳо ва вуҷуд доштани некӣ дар олами атрофи мо фарқиятро идрок мекунанд.

Л.С. Виготский. оиди моҳияти таҷрибаи худшиносии шахсият ишора менамояд, ки нақши таҷриба дар худтатбиққунии маънавию шахсиятии инсон ба иҷрои вазифаҳои маъноию ҷустуҷӯӣ, таҷрибавӣ, хударзёбӣ, зиндагиро банақшагиранда ва дигарҳо алоқаманд аст: «Инсон бояд дорои таҷрибаи шахсӣ, яъне таҷрибаи иҷрои вазифаҳои махсуси шахсиятӣ (интихобӣ, худмуайянкунӣ, худтатбиққунӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва ғайра) бошад. Чунин фаъолияти шахсии фард ягон хел фаъолияти мавзӯӣ набуда, бештар ҳамчун як навъ кирдор, ҳамчун нақшаи худвижаи ботинии фаъолияти дигари инсон хизмат мекунад» (Виготский Л. С.)

Ташаккули неруи шахсиятию салоҳиятнокии омӯзгори ояндаи фанни таърих дар раванди таълими низоми амалигардонии саводнокии таърихии хонандагон дар корҳои берунаазсинфии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла:

1. Фаъолияти таълимии хонанда дар машғулиятҳои беруназсинфӣ, озмунҳо, конференсияҳои адабӣ-фарҳангӣ, дар кори амалӣ, зимни навиштани кори амалӣ бо истифода аз тест, омӯзиши мустақилонаи мавод, супоридани имтиҳонот.
2. Кори берун аз муассиса: навиштани корҳои илмӣ барои Академияи хурди илмҳо аз фанни таърих, тайёр кардани рефератҳо, маърузаҳо, кори мустақилона, иштирок дар ҷорабиниҳои зеҳнӣ («Викторинаи кишваршиносӣ», «Чӣ, дар куҷо, кай», кор дар китобхона, толори таълимӣ, Интернет ва ғайра).
3. Кори илмию таҳқиқотӣ: иштирок дар маҳфилҳоии илмӣ, тайёр кардани маърузаҳо барои конференсия, мақолаҳо, кор дар китобхона ва толори мутолиа, тайёр кардани мақолаҳо оид ба масъалаҳои худшиносӣ, кор дар Интернет, иштирок дар тайёр кардани маводи ҷорабиниҳои беруназсинфӣ ва ғайра.
4. Омодашавии амалӣ барои фаъолияти ояндаи зиндагӣ дар ҷамъият, тартиб додани албом доир ба таърихи маҳалли худ, иштирок дар худидоракунии хонандагон, навиштани таърих ва шаҷараи хешу табор, аҳлу авлоди худ.
5. Рушди сифатҳои ташкилотчигӣ: иштирок дар кори ташкилоти созмони ҷавонон, ки дар муассиса фаъолият мебарад, ташкил кардани ҷорабиниҳои фарҳангию оммавӣ, ташкили ҷорабиниҳои илмию таҳқиқотӣ ва ғайра.
6. Ҳаёти фарҳангию солимгардонӣ, иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ, таҳсил, рафтан ба кинотеатрҳо, театрҳо, консертҳо ва ғайра.
7. Фаъолияти оилавӣ (ёрӣ ба волидайн, кори хоҷагидории оилавӣ, зиндагӣ дар оила, кори ташкилотчигӣ дар маҳалла, тарбия ва ғайра).

Дар дастёбӣ ба натиҷаҳои хуби корҳои тарбиявии хонандагон нақши муҳимро Интернет мебозад. Имрӯз хонанда имконият дорад, ки дар сомонаи Интернет бо корҳои бисёри ҳам шавқовари таърихию археологии олимони барҷастаи олам шинос шавад ва оид ба масоили тарбиявӣ маводи фаровонро дастрас намояд. Дар соҳаи таҷрибаомӯзии педагогии хонандагон низ тағйироти зиёд ба вуқӯъ пайвастанд. Имрӯз хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ иттилооти инноватсионеро ба даст меоранд, ки маҳорати онҳоро баланд мебардорад. Худидоракунии хонандагон низ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муҳим буда, барои баланд бардоштани маҳорат ва санъати педагогии омӯзгор нақши арзанда мебошад.

Дар раванди корҳои озмоишӣ пурсишномаи «Рафтори ибратбахш» мавриди истифода қарор гирифта, ки дар ду шакл дар асоси қоидаҳои рафтори ибратбахш коркард шудааст, таҳия гардида буд. Мушоҳида намуда шуд, ки аз он иборат буд, ки

хонандагони гурӯҳи назоратӣ пурсишномаро бо саволҳои асосӣ – тасдиқҳо пешниҳод гардонанд. Дар гурӯҳи озмоишӣ пурсишнома ба таври иловагӣ боварикунониро дар бар мегирифт. Пурсиш дар ГО ҳамагӣ 27 нафар ва дар ГН ҳамагӣ 31 нафар хонандагони синфи 7-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуд. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки дар ГО рафтори ибратбахш нисбат ба ГН баландтар аст: онҳо метавонанд рафтори худшиносии миллии худро баҳо диҳанд (писарон 99% ва духтарон 88% дар ГО; писарон 89% ва духтарон 67% дар ГН). Хонандагон имкон дорад хато кунанд ва барои хатогиҳои худ ҷавобгар бошанд (писарон 81% ва духтарон 79% дар ГО; писарон 76% ва духтарон 79% дар ГН); ҳуқуқ доранд фикри худро тағйир диҳанд (писарон 69% ва духтарон 78% дар ГО; писарон 59% ва духтарон 61% дар ГО). Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада тахмин кардан мумкин аст, ки фоизи баландтарин дар ГО дар муқоиса бо ГН аз нишондиҳандаҳои баландтари ибратбахшии шахсият, рафтори ибратбахши худшиносии миллии хонандагон гувоҳӣ медиҳанд. Натиҷаҳои пурсиши «Рафтори ибратбахш» дар синфи 36 нафар хонандаи синфи 8-и ин муасисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷадвалҳои №2 ва №3 ба таври зерин нишон дода мешавад: Ҷадвалҳои №1. Натиҷаҳои пурсиши «Рафтори ибратбахш» дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ.

| | Саволҳо | Розӣ ҳастам | | Қисман розӣ ҳастам | | Розӣ нестам | | Варианти худ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б |
| | Метавонам рафтори худ, фикрҳо ва эҳсосоти худро баҳогузорӣ кунам ва барои оқибатҳои онҳо ҷавоб гӯям. Дар асл, дар ҳама ҳолатҳо шахсияти маро на худам, балки ягон нафари хирадмандтар ва соҳибэътибортар бояд баҳогузорӣ карда, муҳокима намояд. | 1 | 9 | 1 | 0 | | | | |
| | Метавонам, мустақилона мулоҳиза ронам, ки барои ҳаллу фасли мушкилоти миллати худ ҷавоб гӯям ё то кадом дараҷа ҷавоб мегӯям. Нисбат ба худам, баъзе муассисаҳо ва одамон уҳдадориҳои бештар дорам. Хуб аст, ки шаъну шарафи худро фидо кунам ва худро ба шароит мутобиқ созам. | 0 | 9 | 6 | 0 | 6 | | | |
| | Метавонам, ки ақидаҳои худро оид ба миллатам тағйир диҳам. Агар ягон нуқтаи назарро аллакай баён карда бошам, ҳеҷ гоҳ набояд онро тағйир диҳам. Бояд бахшиш мепурсидам ё иқрор мешудам, ки хато карда будаам. | 1 | 7 | 5 | 6 | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Метавонам хато кунам ва барои хатогиҳои худ ҷавобгар бошам. Агар ягон хато кунам, ман бояд худро гунаҳкор ҳис кунам. | 8 | 4 | | 6 | | | | |
| | Метавонам, ки қарорҳои ғайримантиқӣ қабул кунам. Мантиқан, оқилона будан ва асоснокии ҳамаи чизҳоеро, ки ман содир мекунам, риоя кунам<br>Танҳо он чизе, ки мантиқист, оқилонааст. | 6 | 6 | 4 | 2 | 1 | 2 | | |
| | Ман ҳақ дорам, ки бигӯям: «Ман ба донистани гузаштаи халқи худ шавқ надорам». Аз ин мебарояд, ки ман дилсард, бепарво ҳастам. | 5 | 2 | 1 | 9 | | | | |

Ҷадвали 2. Натиҷаҳои пурсиши «Рафтори ибратбахш» дар гурӯҳи назоратӣ.

| | Саволҳо | Розӣ ҳастам | | Қисман розӣ ҳастам | | Розӣ нестам | | Вариан ти худ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б | 8 А,Б |
| | Метавонам рафтори худ, фикрҳо ва эҳсосоти худро баҳогузорӣ кунам ва барои оқибатҳои онҳо ҷавоб гӯям.<br>Дар асл, дар ҳама ҳолатҳо шахсияти маро на худам, балки ягон нафари хирадмандтар ва соҳибэътибортар бояд баҳогузорӣ карда, муҳокима намояд. | 5 | 4 | | | | | | |
| | Метавонам, мустақилона мулоҳиза ронам, ки барои ҳаллу фасли мушкилоти миллати худ ҷавоб гӯям ё то кадом дараҷа ҷавоб мегӯям.<br>Нисбат ба худам, баъзе муассисаҳо ва одамон уҳдадориҳои бештар дорам. Хуб аст, ки шаъну шарафи худро фидо кунам ва худро ба шароит мутобиқ созам. | 4 | 8 | 2 | 3 | 1 | | | |
| | Метавонам, ки ақидаҳои худро оид ба миллатам тағйир диҳам. Агар ягон нуқтаи назарро аллакай баён карда бошам, ҳеҷ гоҳ набояд онро тағйир диҳам. Бояд бахшиш мепурсидам ё иқрор мешудам, ки хато карда будаам. | | 7 | 5 | 1 | 0 | 2 | | |
| | Метавонам хато кунам ва барои хатогиҳои худ ҷавобгар бошам. Агар ягон хато кунам, ман бояд худро гунаҳкор ҳис кунам. | 0 | 5 | 0 | 2 | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Метавонам, ки қарорҳои ғайримантиқӣ қабул кунам. Мантиқан, оқилона будан ва асоснокии ҳамаи чизҳоеро, ки ман содир мекунам, риоя кунам Танҳо он чизе, ки мантиқист, оқилонааст. | 6 | 6 | 9 | 0 | 3 | | | |
| | Ман ҳақ дорам, ки бигӯям: «Ман ба донистани гузаштаи халқи худ шавқ надорам». Аз ин мебарояд, ки ман дилсард, бепарво ҳастам. | 6 | 3 | 1 | 9 | | | | |

Натиҷаҳои бадастомада ба зарурати кори психологӣ-педагогӣ оид ба ташаккули малакаҳои рафтори ибратбахши хонандагон (этикаи худшиносии миллӣ ҳамчун зоҳиршавии шаъну эътибори инсонӣ ва на омили иродавӣ – «метавонам» ва аз ин рӯ бо ҳеҷ кас мувофиқа намекунам, муътақид сохтанд. Ин дар ҳаёт, дар касб ва аз ин рӯ, дар фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба рушди шахсияти хонандагон таъсиррасон буда, ҳамчун омили фарҳанги инноватсионӣ аз тариқи дарки худ дар байни дигарон, қобилияти шахсии худ, ки ба баланд бардоштани сатҳи эътимод ба худ, ба итминони асоснок ба рафтори худ нигаронида шудааст. Бо дарназардошти он, ки рафтори ибратбахш, аз як тараф барои ҳама матлуб аст ва аз тарафи дигар, барои ин ба хонандагон бояд мусоидат намуда, онҳо дастгирӣ карда шаванд. Дар масъалаи худшиносии миллӣ ба хонандагон дарки арзиши худогоҳии миллӣ, ки ҷиҳати ба даст овардани хислатҳои дахлдори шахсият мусоидат мекунанд, зарур аст. Бо ин мақсад дар муассисаҳои озмоишӣ якчанд саволҳо ба хонандагон дода шуд, ки намунаи ҷавобҳо чунинанд:

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №1 ш. Ваҳдат

Хонандаи синфи 8 «Б» Шарифи М. «Худшиносӣ гуфта-инсон бояд дар бораи ватан, аҷдоди гузаштагони худ донад. Инсон агар дар ҳар ҷое, ки бошад бояд ватан, аҷдоди, ва гузаштагони худро фаромӯш накунад. Ватан модари ҳар инсон аст, мо набояд ватани худро фаромӯш кунем» Назарова Н. хонандаи синфи 8 «Б» «Худшиносии миллии инсон гуфта, аввалан зодгоҳи худро донистан аст. Дуюм нишонаи худшиносии инсон - ин забони модариаш мебошад. Ба худшиносии миллии инсон, инчунин донистани миллати худ ва гузаштаи он, муқаддасоту фарҳанг ва маърифати худро донистан низ дохил мешаванд. Барои он, ки худшиносии миллии инсон васеъ, мукаммал шавад, бояд ҳамаи ин нишонаҳоро дониста ва қадр кунем». Саидов Фаррух хонандаи 8 «Б»

«Миллати худро донистан, муқаддасоти миллии худро шинохтан, Пешвои миллати худро шинохтан халқи худро, либоси миллии худро донистан аст». Шоев М. хонандаи 9 «Б» «Худшиносии миллӣ гуфта, ин маданияти фарҳанги миллии таърихи гузаштагони худро донистан аст. Худшиносӣ ин дараҷаи баланди хештаншиносӣ мебошад». Қаҳорова М. хонандаи 9 «Б» «Худшиносии миллӣ мардумдӯстӣ, дӯст доштани фарҳанги он ва ҳамзабони худро дӯст доштан аст. Ва ба ватани худ хизмат кардан, шаъну шарафи Ватанро дар байни дигар давлатҳо баланд бардоштан мебошад». Қаландаров М. хонандаи синфи 9 «Б» «Масалан, агар ман ба Русия равам, манро гӯянд, ки бояд ту ба забони русӣ гап занӣ ва либосҳои ба мисли мо пӯшӣ, ман бошам, мегуям, ки ман худшиносии миллии худро дорам ва миллати худамро бо мисли дигар миллатҳо эҳтиром мекунам».

Чорабинии беруназсинфии дигаре, ки барои хонандагон бениҳоят шавқовар ва таассуротбахш буд, ин ташкил намудани чорабинии «Рӯзе дар осорхона» мебошад. Хонандагон ба Муассисаи давлатии осорхонаи миллии Тоҷикистон рафта, дар он ҷо ҳар як нафар давраи таърихиеро интихоб намуда, дар бораи он давра ба рафиқони худ нақлҳои шавқовар мекарданд. Дар охир муайян гашт, ки чунин чорабинӣ басо хотирмон буда, ба таври мунтазам ташкил намудани он барои тарбияи худшиносии милии хонандагон мусоидат хоҳад кард.

Дар замони муосир бо пешравии илму технологияи нав ва инноватсионӣ гузариш ба усули кор бо тест ба анъана даромадааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар робита ба гузариши имтиҳонҳои дохилшавии тестӣ ва таъсис ёфтани Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, талабот ба ин усули таълим тақозои замон аст. Агар кор бо тестро кори хаттии хонанда гуфта тавонем, пас зарурат дар миён аст, ки дар раванди таълими фанни таърих низ кори хаттии тестиро истифода барем. Таҳлили корҳои хаттӣ низ дар саводнокии хонандагон аз фанни таърих, пешрафти кори идораи синф ва роҳбари педагогӣ таъсирбахш аст. Корҳои хаттии хонандагон намудҳои бисёре доранд онҳо асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Яке аз онҳо корҳои хаттии санҷишӣ, ки бо мақсади муайян кардани меъёри дониши хонандагон гузаронида мешаванд ва дигаре корҳои хаттии муқаррарӣ, ки дар ҷараёни дарс ва иҷрои вазифаҳои хонагӣ амалӣ мегарданд. Корҳои хаттии санҷишӣ аз фаннҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ дар синфҳои 5-8 барои ташаккули дараҷаи саводнокӣ, болоравии маҳорати таҳлилӣ ва мантиқии хонандагон мусоидат мекунанд ва ҳар замон барои такмили дониши таърихии хонандагон ҳарҷониба кӯмак мерасонанд. Корҳои хаттӣ барои ташаккули дониши васеи хонандагон, саводнокӣ ва баланд бардоштани савияи донишу маҳорати нависандагии онҳо мусоидат мекунад. Таҳлили ин намуд корҳои хаттиро омӯзгори фанни таърих ба дигар вақт нагузошта фавран иҷро мекунад. Бидуни саҳлангорӣ ба корҳои хаттии тестӣ ҷиддият ва қатъияти омӯзгор зоҳир мегардад. Ислоҳи рӯякӣ ва ё қалбакии корҳои хаттӣ, ки на бо ранги сурх, балки бо ранги кабуди хонандагон (ғамхорона) зуҳур мeёбад, хатои дағалест, ки ба такрору боз ҳам афзудани ғалатҳои дағали хонанда оварда мерасонад. Чунин муносибати омӯзгор, ки хатоҳои хонандаро бо ҳамон ранги ручкаи хонанда аз номи ӯ ислоҳ мекунад, на ба ислоҳи хатои хонанда, балки ба муносибати душманона нисбат ба худ ва хонанда оварда мерасонад. Чунин рафтори қалбакии омӯзгор на танҳо боиси паст шудани дараҷаи дониши хонанда мегардад, балки кори инкишофи интеллектуалии онҳоро душвору мураккаб мегардонад. Инчунин, муносибату эътибори дигар хонандагонро нисбат ба омӯзгор ба таври манфӣ тағйир медиҳад. Пӯшида нест, ки дар таълими дарсҳои фанни таърих корҳои хаттии тестӣ вақти зиёди гарони омӯзгорро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, тартибу ташкил ва таҳлили ҳамарӯзаи корҳои хаттӣ дар фаъолияти омӯзгор муҳим ва зарур аст. Дар ин маврид муҳтавои кори хаттии тестӣ вобаста ба дараҷаи миёнаи дониши хонандагон мувофиқ карда шуда, баҳо аз мавқеи хусусиятҳои гуногунтарафаи онҳо мушаххас гардида, боварибахш гузошта мешавад. Ҳамаи ин муҳокимаҳо ҳоло ҳам танҳо паҳлӯи як самти таълими тест аст. Сухан дар бораи он меравад, ки омӯзгор на ҳама вақт қудрати баҳои пасти дар дафтари шогирд гузоштаашро айнан ба журнали синф гузаронидан дорад. Дар чунин ҳолат ба омӯзгори пуртаҷриба ҳатман бояд дурандешӣ, пурсабрӣ ва тамкин ёрӣ расонад. Вагарна муносибати беадолатонаи хунукназарона ба рӯҳияи наврасон таъсири манфӣ мегузорад, онҳо зуд дилсарду рӯҳафтода ва ғамгин мешаванд, ки оқибат ислоҳи ин камбудӣ ва тағйиру табдири аз нав баргардонидани ҳолати рӯҳии хонанда вазъияти тӯлонию душвор ва мураккаберо ба миён меоварад. Барои сазовори муносибати некбинонаи омӯзгору шогирд гардидан ба муаллим лозим меояд, ки сабабҳои баҳогузориашро ба хонанда аз рӯйи ҳақиқат ва адолат фаҳмонида, боварӣ ва меҳру шафқати ӯро ҳам ба дарс ва ҳам худаш ба даст оварад. Он гоҳ чунин бовари тарафайн барои ташаккули хусусиятҳои мусбати хонанда нисбат ба зебо, бехато ишора ва интихоб намудани варианти дурусти ҷавоби тест ва тозаю озода навиштан мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, шароит ва имконияти ҳамкории тарафайн дар корҳои тарбиявӣ низ пайдо мегардад. «Вобаста ба нақши омӯзгор дар раванди таълим масъалаи эътиқоди демократӣ ва инсондустии ӯ ба миён меояд. Ин дар демократиконии раванди таълим, омӯзиши таърих, ташаккули шахсияти демократии хонандагон заминаи асосӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки дар баробари омилҳои дигар сифатҳои касбӣ ва инсонии омӯзгори фанни таърих дар масъалаи таълими таърих ва ташаккули шахсияти хонандагон ҷузъи муҳим ба ҳисоб меравад» [9, 36].

Дар раванди гузаронидани озмоиш муайян гашт, ки ин намуд кори хаттӣ барои

хонандагон шавқовар буда, ба болоравии қобилияти андешаронӣ, таҳлил ва дар амал татбиқ намудани дониши назариявӣ, салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунад. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №57, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо истифодаи варақаҳо натиҷаи тест ҷамъбаст намуда шуд.

Дар ин озмоиш 24 нафар хонандагони синфҳои 8 ва 32 нафар хонандагони синфҳои 9 иштирок намуданд. Мувофиқи тести пешниҳодгардида бояд онҳо ба 100 савол ҷавоб мегардониданд. Дар давраи озмоиш таълим бештар бо усули кор бо тестҳои гуногун: кушода, баробаркунӣ ва ғ. сурат мегирифт. Натиҷаи тест дар ҷамъбасти чоряки дуюм чунин буд:

| синф | Чоряки 1 | | | | | | | | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | A | B | C | D | A | B | C | D | |
| 8 «В» | 3 | 5 | 1<br>4 | 2 (24) | 5 | 9 | 1<br>5 | 1 | 5<br>2 |
| 8 «А» | 4 | 7 | 1<br>8 | 3 (22) | 8 | 9 | 1<br>3 | 2 | 4<br>3 |

Дар ин ҷо A муодил ба баҳои 5, B -4, C-3 ва D-2 дониста шуд. Кори мунтазам бо тест ба болоравии сатҳу сифати дониш ҳам таъсиррасон мебошад ва малакаҳои таҳлилӣ, андешаронии мантиқиро низ дар зеҳни хонанда рушду такомул медиҳад.

Дарси пурмазмун, пайдоиши боварии тарафайн, муносибатҳои ҳақиқии эътиқотмандӣ ҳамчун усули таълим дар навбати худ ба ҳамкории тарафайни омӯзгори фаннӣ ва роҳбари синф муҳити мусоид фароҳам меоваранд. Он гоҳ алоқамандии таълим ба тарбия таъмин гардида, ҳамкории роҳбари синф бо чунин омӯзгорони коромӯзи фаннӣ ва волидайни хонандагон ба пешрафту давомоти хуб ва идораи самараноки синф оварда мерасонад.

Ба фаъолиятнокӣ ҳидоят карда тавонистани хонандагон дар ҷараёни дарс далели идораи пураи таълимии хонандагон буда, аз навоварӣ ва эҷодкории омӯзгор гувоҳӣ медиҳад. Барои фаҳмонидани хонандагон дар синф ба омӯзгор лозим меояд, ки тамоми имкониятҳоро истифода бурда, онҳоро мунтазам ба хонишу омӯзиш ва машғулиятҳои бардавом андармон созад.

Хонандагон қариб ҳар ҳафта хоҳиш мекунанд, ки аз дарсҳои озоди саволу ҷавоб ва викторинаҳо аз фаннҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ гузаронида шаванд. Омӯзгори пуртаҷрибаи таърих ҳамеша мавзуъ ва мавзуъчаҳои китоби дарсиро барои қайд ва аз ёд кардан супориш медиҳад,то ин ки бо ёрии дар хотир нигоҳ доштани солшумориҳои таърихӣ минбаъд таҳлилу баррасии онҳо осон гардад. Аз худ намудани мавзӯъҳои китоби дарсӣ, таҳлили мазмуни он, аз худ кардани солшумориҳои таърихӣ минбаъд дониши сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва истеҳсолии хонандагонро пурра ва ғанӣ мегардонад.

Дар илми педагогика собит гаштааст, ки яке аз самтҳои фаъолияти масъулиятноки идораи синф ва роҳбарии педагогӣ ба хонандагон санҷишу баҳои мувофиқ гузоштан ба дараҷаи дониши онҳост. Ба эътибор нагирифтани меъёри баҳои хонандагон дар корҳои хаттӣ, аз он ҷумла тестӣ, ки далели раднашаванда дар фаъолияти амалӣ аст, албатта, коллективи хонандагонро ба иштибоҳ оварда, боиси пайдо гардидани ҳисси норозигӣ, муносибатҳои қалбакӣ, зиддият ва дар охири кор сабаби рафтору кирдори мухолифатомези онҳо мегардад.

Санҷишу баҳогузорӣ ба меҳнати хонанда дар шакли хаттӣ аз омӯзгор диққати зиёд ва муносибати ҷиддиро талаб мекунад.

Омӯзгори меҳнатдӯст ҳамеша дар корҳои хаттӣ се шарти асосӣ-дақиқ, бо як ранг ва бехато навиштанро ба роҳбарӣ гирифта, баҳои муносиб мегузорад.

Баҳогузорӣ ба дониши хаттии хонанда нуктасанҷӣ ва дурандешию ботамкинии омӯзгори рӯҳшиносро талаб мекунад. Дар ин ҷода омӯзгор бояд ҳам мустақилияти хонанда, ҳам саводнокӣ ва ҳам майли устувори онро нисбат ба ин ва ё он фанни таълимӣ

ташаккул диҳад.

Воқеият ва ҷараёни корҳои хаттӣ талаб мекунанд, ки муаллим нисбат ба меҳнати хонанда одилона ва ғамхорона муносибат кунад, бо роҳи серталабӣ нисбат ба худ ва хонандагон меъёри мувофиқи баҳоро муқаррар намояд.

Омӯзгор бояд бо далелу исботи қотеона сабаби гузоштани баҳоро ба хонандагон фаҳмонад, онҳоро аз баҳои гузошта ба кори хаттӣ қаноатманд гардонад. Мувофиқи қоидаҳои баҳогузорӣ ба дониши хаттии хонандагон то ҳол фақат ба корҳои санҷишии тестӣ меъёри гузоштани балл мақаррар буду халос. Дар дигар шаклҳои корҳои хаттӣ як баҳо гузошта мешуд. Ҳоло зарур аст, ки гузоштани балл ба ҳама шаклҳои корҳои хаттии хонандагон, аз қабили диктант, иҷрои машқҳои хонагӣ, эссе ва дигар намудҳои он амалӣ гардад. Чунончи шарти иҷрои тестҳо дар синфҳои 5-8 ҳамин тадбирро тақозо дорад.

Санҷишҳои экспериментали нишон медиҳанд, ки воқеан натиҷаи тафтишоти корҳои амалии хаттии хонандагонро ҳарчи бештар ба муҳокимаи умуми хонандагон гузоштан самараи хубтар медиҳад. Омӯзгори ботаҷриба ин корро то ба дараҷае, ки хонандагони синф қаноатманд шаванд, бояд идома диҳад.

Он гоҳ шавқмандӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ва фаъолияти меҳнатии хонандагон афзун мегардад, ғалатҳои кори хаттии тестиро мувофиқи миқдори савол ва ҳаҷми он муқаррар намуда, баҳои мувофиқ гузоштан лозим аст.

Дарси озод ва ё дарси кушод шакли самарабахши идораи боварибахши ҳайати пурраи синф, фаъолгардонии хонандагон ва пурмазмун гардонидани ҷараёни таълим мебошад. Ин шакли дарс дар таҷрибаи бисёр омӯзгорони пешқадам мақоми сазоворро ишғол кардааст.

Одатан дарси озодро омӯзгорон бештар бо мақсади намоиши таҷрибаи пешқадам мегузаронанд ва он набояд муҳлату шароитҳои ҳатмӣ дошта бошад, чунки омӯзгори пуртаҷриба ва ё нававар ҳамеша ба шавқовар ташкил кардану гузаронидани он тайёр аст. Мақсади дигари ташкилу гузаронидани дарси озод боз ба омӯзгорони камтаҷриба дастрас намудани амалияи эҷодкоронаи коромӯз аст, ки натиҷаи самараноки он бисёр омӯзгоронро ба тайёрии касбӣ роҳнамун месозад. Дар ҷараёни чунин дарс амалиёти асосиро на ҳаҷми лаҳзаҳои алоҳидаи дарс, балки мақсади пешгузоштаи омӯзгор ишғол мекунад. Вобаста ба маҳорати педагогии омӯзгор дарси озод на сохту низоми якхела, балки шаклу мазмун ва дараҷаи навини сохтори ҳалкунандаи фаъолияти таълими коллективонаи омӯзгорро бо шогирдон инъикос мекунад.

Аз таҳлилҳо муайян гашт, ки дарсҳои озодро омӯзгорон дар ду шакл мегузаронанд: якум, дарси озоде, ки мувофиқи салоҳдиди шурои педагогӣ ва роҳбарияти мактаб омӯзгорро барои гузаронидани он пешакӣ ба таври расмӣ тайёр мекунанд. Дуюм шакли дарси озодро омӯзгорони пешқадам бе маҳдудияти муҳлату низоми муайян ва мақсади ягона ғайрирасмӣ мегузаронанд. Баъзан омӯзгорони пешқадам аз оғози соли нави таҳсил бо тайёрии ҷиддӣ дарсҳои худро озод эълон намуда, иштироки ихтиёрии омӯзгоронро бемаҳдудият таъмин менамоянд, ки ниҳоят тадбири мураккабу душвор буда, эҷодкорӣ ва фаъолиятнокии мунтазаму муттасили ӯро тақозо мекунад.

Вале дарси озоде, ки бо супориши маъмурият ва шурои педагогӣ ба зиммаи муаллимони камтаҷрибаю ҷавон гузошта мешавад, дар аксар мавридҳо беэътибор мемонад. Ҳангоми таҳлил иштирокчиёни дарс бо роҳбарии маъмурият дастовардҳои муаллими ҷавонро хӯрдагирона ба норасоию камбудӣ табдил дода, муваффақияту комёбии дар дарс намоишдодаро рад мекунанд. Дар баробари ошкор намудани камбудию норасоӣ ҳатман муваффақиятҳои дарси озодро низ тавсифу таҳлил намудан аз фоида холӣ нахохад буд. Вале аксар вақт «муваффақиятатон аз худатон, мо камбудиҳоро ошкор мекунем, фоида ба шумо мерасад» гуфтани маъмурият ба муаллими ҷавон таъсири манфӣ мерасонаду бас. Чунин муносибат дили гарми муаллимро сард мекунаду рӯҳафтодагии ӯро меафзояд. Баъзан маъмурият ба таври бюрократӣ дархости худро дурусту нодуруст ба гардани ташакббускори дарси озод бор карданӣ шуда, аз самаранокии ҷараёни дарси ӯ чашм мепӯшад, ки ин фишоровариии ошкоро бараъло дар назари ҳама намоён мегардад. «Арзишҳои миллӣ ва умумибашариро қонун ва қоидаҳои

ҳаёти инсон пешакӣ муайян мекунанд, ки тибқи онҳо бояд тарбияи ҳамзамонон амалӣ карда шаваду рушди ҷомеаю аъзои онро таъмин намояд. Маҳз ҳамин самтҳои арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки дар заминаи мушкилоти педагогӣ қарор доранд, ба рушди ғояҳои таълиму тарбия мусоидат мекунанд ва имрӯз ба бисёр муқаррароти педагогии замони мо мувофиқат мекунанд» (Нуров, 23). Бояд иброз дошт, ки идораи инсонпарваронаи таълимгоҳ пеш аз ҳама аз сарварони олимартаба раҳму шавқат ва муносибатҳои ғамхорона нисбат ба мактабиёнро талаб менамояд. Такти педагогӣ ҷузъи ҷудонашавандаи чунин муносибат аст. Дурандешӣ, ботамкинӣ, сабру тоқат симои маънавии сарварони муассисаи таълимианд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар мактаби оянадаи миллии Тоҷикистон бояд мувофиқи замони демократиконии ҳаёти ҷомеа ва истиқлолияти бадастовардаи мамалакати ҳарҷониба қадима ва дорои арзишҳо ва муқаддасоти бою пурмазмуни умумибашарӣ муқаррар карда шавад. Азбаски мо дар замони гардиши қатъии муносибати бозаргонӣ, бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ва ҷараёни ислоҳоти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус мактабу маориф қарор дорем, мактабиояндаи миллии тоҷикро бе тайёрии касбӣ ва маҳорати амалии ҳунарӣ дар зарфи таълиму тарбияи 10 - 11 - солаи хонандагон тасаввур кардан амри маҳол аст. Талабот ва ё тартиби пешниҳоднамуда аз назари қолаб ва ё воҳиди шартӣ (модул)-и мактабиояндаи миллӣ чунин аст: Мактаби ибтидоӣ на синфҳои 1- 4 балки 0 - 4 - ро дарбар гирифта, таҳсил аз синни 6-солагӣ бояд сурат гирад. Сарфакорона истифода бурдани вақт ва ё як сол зиёд кардани муддати таҳсили ибтидоӣ баҳри ба зинаи сеюм пурра намудани афзалиятнокӣ зарур аст (сабаби зарурияту воқеиятро дар зинаи сеюми маълумот шаҳр медиҳем). Зинаи ибтидоӣ мисли мактаби ибтидоии кунунӣ қариб бетағйир монда, дар он саводнокӣ, ҳисоббарорӣ, оддитарин малакаҳои ҳалли мисолу масъалаҳои арифметикӣ, тасаввуроти умумӣ ҳосил намудани онҳо нисбат ба муҳити зист, табиати кишвар, техники ҳозирзамон, санъату маданияти миллии дохилӣ ва хориҷи кишвар, соҳаҳои гуногуни саноат, тандурустӣ, хоҷагии шаҳру қишлоқ, нақлиёт, алоқа, унсурҳои оддитарини муносибатҳои бозаргонӣ, ҳуқуқ ва ғайраҳо омӯзонида мешаванд. Меъёри асосии ноил гардидан ба мазмуни маълумоти ибтидоӣ агар ташаккули қобилияту маҳорати меҳнатии хонандагони хурдсол бошад, таълиму тарбияи меҳнатии онҳо асоси ҷараёни мазмуни маълумоти ибтидоиро ташкил мекунад, ки дар синфҳои болоӣ асоси тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии онҳо гардида метавонад.

## АДАБИЁТ


1.М. Лутфуллозода Педагогикаи миллии халқи тоҷик. - Душанбе Сифат.- 2015 703с

2.Матвеева, С. В. Педагогические условия формирования патриотизма у старшеклассников: учеб.-метод, пособие / С.В. Матвеева - Н Новгород. 2003.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе 22.12.2017- 47с.

4. Туронов С., Алиқулова С. Факторы формирующие девиантное поведение подростков / С. Туронов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф – №4 – Душанбе, 2019.

5. Макаренко А.С. Теория и методика коммунистического воспитания /Сост. А.А. Фролов. Киев: Рад. шк. 1985. 279 с.

6. Шарифзода Ф., Файзалиев Ҷ. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон- Душанбе «Ирфон».- 2012, 402 с.

7. Шахлои А. Т. Тарбияи худшиносии миллӣ дар раванди омӯзиши эҷодиёти Бозор Собир / А. Т. Шахлои. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф 2021, №1(31), С. 143.

8.Виготский Л. С. Педалогия подростка: проблемы возроста. Т. 4. – М.: Педагогика, 1931. – 433 с.

9. Зиёзода Т. Теоретическая обоснованность и практическая эффективность системы школьного исторического образования в Республике Таджикистан / Т. Зиёзода, автореф.дисс.докт.пед.наук, - Душанбе, - 2010. – 50с.

10. Нуров А. Национальные и общечеловеческие ценности и их роль в нравственном

воспитании подрастающего поколения. / А. Нуров. Дисс. к. пед. н., - Душанбе. – 2004.

## ТАТБИҚИ АМАЛИИ ТАШАККУЛИ ҲИССИ ХЕШТАНШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ УМУМӢ

Таҳқиқот ба муайянкунии шароити тарбияи ахлоқӣ дар мактаби муосир, ки ба воситаи вазифаҳо муносибати онҳо бо мактаб, омӯзгор ва хонандагон муайян мегарданд, бахшида шудааст. Дар мақола назария ва консепсияҳои асосӣ оид ба тарбияи ахлоқӣ дар мактаби муосир ба шахсияти хонандагон равона карда шуда, мафҳуми «тарбияи ахлоқӣ» муайян шудааст, вазифаҳои муассисаи таълимӣ, омӯзгорон ва таъсири тарбиявии ҷараёни таълимро дар ин радиф равшан карда, омӯхта шудааст.

Азбаски мо дар замони гардиши қатъии муносибати бозаргонӣ, бухрони шадиди иқтисодӣ ва ҷараёни ислоҳоти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус мактабу маориф қарор дорем, мактаби ояндаи миллии тоҷикро бе тайёрии касбӣ ва маҳорати амалии ҳунарӣ дар зарфи таълиму тарбияи 10 - 11 - солаи хонандагон тасаввур кардан амри маҳол аст. Талабот ва ё тартиби пешниҳоднамуда аз назари қолаб ва ё воҳиди шартӣ (модул)-и мактаби ояндаи миллӣ чунин аст: Мактаби ибтидоӣ на синфҳои 1- 4 балки 0 - 4 - ро дарбар гирифта, таҳсил аз синни 6-солагӣ бояд сурат гирад. Сарфакорона истифода бурдани вақт ва ё як сол зиёд кардани муддати таҳсили ибтидоӣ баҳри ба зинаи сеюм пурра намудани афзалиятнокӣ зарур аст (сабаби зарурияту воқеиятро дар зинаи сеюми маълумот шаҳр медиҳем). Зинаи ибтидоӣ мисли мактаби ибтидоии кунунӣ қариб бетағйир монда, дар он саводнокӣ, ҳисоббарорӣ, оддитарин малакаҳои ҳалли мисолу масъалаҳои арифметикӣ, тасаввуроти умумӣ ҳосил намудани онҳо нисбат ба муҳити зист, табиати кишвар, техники ҳозирзамон, санъату маданияти миллии дохилӣ ва хориҷи кишвар, соҳаҳои гуногуни саноат, тандурустӣ, хоҷагии шаҳру қишлоқ, нақлиёт, алоқа, унсурҳои оддитарини муносибатҳои бозаргонӣ, ҳуқуқ ва ғайраҳо омӯзонида мешаванд.

**Калидвожаҳо:** *мутобиқшавӣ, фаъолӣ, ҳамкорӣ, барқароркунӣ, омодагӣ, самти позитивии тарбияи кӯдакон, арзишҳои умумибашарӣ, неъматҳои моддӣ, неъматҳои маънавӣ, Ватан, тарбия, муҳити зист, хештаншиносии миллӣ, сарчашмаҳои таърихию фарҳангӣ иҷтимоишавӣ, воридшавии иҷтимоӣ.*

## ПРАКТИЧЕСКОЕ ПРИМЕНЕНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ ЧУВСТВА САМОПОЗНАНИЯ ПРИ ПРЕПОДАВАНИИ ПРЕДМЕТА ВСЕОБЩЕЙ ИСТОРИИ

Исследование посвящено определению условий нравственного воспитания в современной школе, которые определяют их взаимоотношения со школой, учителем и учениками через задачи. В статье теория и основные понятия нравственного воспитания в современной школе ориентированы на личность учащихся, определено понятие «нравственное воспитание», задачи образовательного учреждения, педагогов и воспитательный эффект образовательного процесса. уточняются и изучаются в этом отношении.

Поскольку мы переживаем время резкого изменения рыночных отношений, жесточайшего экономического кризиса и процесса реформ во всех отраслях экономики, особенно в школе и образовании, необходимо представить будущее таджикской национальной школы без профессиональной подготовки и практической художественной практики. навыков в период 10-11-летнего обучения студентов. Требования и/или предлагаемый порядок с точки зрения шаблона или условной единицы (модуля) будущей национальной школы таковы: В начальную школу входят не 1-4 классы, а 0-4 классы, и обучение должно проходить место с 6 лет. Необходимо эффективно использовать время или увеличить срок начального образования на один год, чтобы завершить его до третьего уровня приоритетности (причину необходимости и реальности мы дадим на третьем уровне информации). Начальный уровень, как и нынешняя начальная школа, остался практически неизменным, он включает в себя грамотность, умение считать, простейшие навыки решения арифметических примеров и задач, формирование общих представлений об окружающей среде, природе страны, современной технике, национальном преподаются искусство и

культура страны и зарубежья, различные отрасли промышленности, здравоохранение, городское и сельское хозяйство, транспорт, связь, простейшие азы рыночных отношений, право и т.д.

**Ключевые слова:** *адаптация, деятельность, сотрудничество, восстановление, подготовка, положительная направленность воспитания детей, общечеловеческие ценности, материальные блага, духовные блага, Родина, образование, окружающая среда, национальная идентичность, историко-культурные источники социализации, социальная инклюзия.*

## PRACTICAL APPLICATION OF THE FORMATION OF A SENSE OF SELF-KNOWLEDGE WHEN TEACHING THE SUBJECT OF WORLD HISTORY.

The study is devoted to determining the conditions of moral education in a modern school, which determine their relationship with the school, teacher and students through tasks. In the article, the theory and basic concepts of moral education in a modern school are focused on the personality of students, the concept of "moral education", the tasks of an educational institution, teachers and the educational effect of the educational process are defined. are being clarified and studied in this regard.

Since we are experiencing a time of dramatic change in market relations, a severe economic crisis and a process of reform in all sectors of the economy, especially in school and education, it is necessary to imagine the future of the Tajik national school without professional training and practical artistic practice. skills during the period of 10-11 years of student education. The requirements and/or proposed order in terms of the template or conventional unit (module) of the future national school are as follows: The primary school includes not grades 1-4, but grades 0-4, and education should begin from the age of 6. It is necessary to use time effectively or extend the duration of primary education by one year to complete it to the third level of priority (we will give the reason for the need and reality in the third level of information). The primary level, like the current primary school, has remained virtually unchanged, it includes literacy, numeracy, basic skills in solving arithmetic examples and problems, the formation of general ideas about the environment, the nature of the country, modern technology, the national art and culture of the country and abroad, various industries, healthcare, urban and agriculture, transport, communications, the simplest basics of market relations, law, etc.

**Key words:** *adaptation, activity, cooperation, restoration, preparation, positive orientation in raising children, universal human values, material goods, spiritual goods, Motherland, education, environment, national identity, historical and cultural sources of socialization, social inclusion*.

**Маълумотнома дар бораи муаллифон:** *Хуррам Раҳимзода – профессор, доктори илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Сурога: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А.Адҳамов 11/2.*

*Шарипова Санавбар - ходими калони илмӣ, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Сурога: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А.Адҳамов 11/2 .*

**Информация об авторах:** *Хуррам Рахимзода – профессор, доктор педагогических наук, ведущий научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами АТТ. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.А. Адхамова, 11/2*

*Шарипова Санавбар – научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова 11/2.*

**Information about the authors:** *Khurram Rahimzoda – Professor, Doctor of Pedagogical Sciences, Leading Researcher at the Institute of the Development of Education named after Abdurahmon Jomi, Academy of Education of Tajikistan,. Address: 734024, Republic of Tajikistan,. Dushanbe, A.Adkhamov st., 11/2*

*Sharipova Sanavbar - Researcher, Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi, Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A.Adkhamov st, 11/2.*

УДК 37.0.32.8(575.3)
ББК: 74.00

# ТАҲИЯИ МОДЕЛИ ПЕДАГОГӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ВА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИНФОРМАТСИОНӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ БАЙНИФАРҲАНГИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

*Аҳмадзода Б.С.*

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Вазифаи асосии таҷрибаи педагогӣ таҳияи барнома ва марҳилаҳои корҳои таҷрибавӣ оид ба санҷиши фарзияҳои тадқиқотӣ ва муайян намудани самаранокии модели назариявӣ, ки ба ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ нигаронида шудааст, ба шумор меравад. Ин метавонад ба якчанд марҳила тақсим шавад:

Дар марҳилаи 1 (диагностикӣ) асосноккунии аҳамияти проблемаи истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсиониро дар ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ муайян намуда, ба низом даровардани маводи воқеиро дар бар мегирад.

Дар марҳилаи 2 (пешгӯӣ) модели педагогӣ таҳия шудааст, ки ба ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ нигаронида шудааст. Инчунин меъёрҳои таҳлили натиҷаҳои бадастомада, тағйироти пешбинишударо муайян карда, барномаи таҷрибавӣ муҳокима ва ислоҳ мешавад.

Дар марҳилаи 3 (ташкилӣ) аз ташкили кори мустақилонаи донишҷӯёни донишгоҳи ғайризабонӣ дар синфҳои компютерӣ, омӯзиши шабакаҳои интернетӣ, таҳия ва санҷиши маводи методии курси махсуси «Захираҳои интернетии забони англисӣ барои донишҷӯёни ғайризабонии факултетҳо» (барномаи корӣ, нақшаҳои дарсӣ) дастури методӣ оид ба ташкили маълумотномаи сайтҳо) иборат аст.

Дар марҳилаи 4-ум (амалӣ) муаллиф яке аз донишҷӯёни курси 3-юми факултетҳо барои гузаронидани курси махсус дар мавзӯи «Захираҳои интернетии забони англисӣ барои донишҷӯёни факултетҳо» дарс дода, фаъолияти таҷрибавии педагогиро (сатҳи салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён дар гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ, ченкунии ибтидоӣ ва ниҳоии сатҳи салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ) муаррифӣ мекунад.

Дар марҳилаи 5-ум (умумкунӣ) маълумоте, ки дар рафти пурсиш, санҷиш, мушоҳида ва мусоҳиба ба даст оварда шудаанд, коркард ва ҷамъбаст карда мешавад.

Дар марҳилаи 6 (инноватсионӣ) бо муҳокимаи самаранокии курси махсуси «Захираҳои интернетии забони англисӣ барои донишҷӯёни факултетҳо» дар ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ, баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба омӯзиши забони хориҷӣ, баланд бардоштани сифат тавсиф карда мешавад.

Муҳимтарин вазифаи сиёсии дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин проблемаи амнияти миллӣ мебошад, ки амнияти технологиро муайян мекунад, ки дар навбати худ бидуни кадрҳои баландихтисос, ботаҷриба дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва донистани забонҳои хориҷӣ имконнопазир аст. Марҳилаи рушди тамаддун на танҳо баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, балки ташаккули тафаккур, забондонӣ ва муносибат ба воқеияти зудтағйирёбандаи истеҳсолӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мундариҷа ва усулҳои таълимро ба ташаккули малакаҳои оқилона ба таълимгирандагон оид ба кор бо иттилоот, азхудкунии технологияҳои компютерӣ ва коммуникатсионӣ ва тафаккури касбӣ ва амалӣ равона созем.

Яке аз хусусиятҳои ҳаёти иҷтимоии имрӯза иттилооткунонӣ мебошад, ки ба ҷомеаи муосир – ҷомеаи иттилоотӣ ном додааст. Дар ҷомеаи иттилоотӣ намуди пешбари фаъолияти истеҳсолӣ ҷамъоварии маълумот, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодаи иттилоот мебошад, ки дар асоси воситаҳои муосири микропросессорӣ ва технологияи компютерӣ, инчунин дар асоси воситаҳои гуногуни мубодилаи иттилоот ба шумор меравад. Хусусиятҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ аз инҳо иборатанд: - истифодаи фаъолонаи неруи афзояндаи зеҳнии ҷомеа, - ҳамгироии технологияҳои иттилоотӣ бо илм, истеҳсолот, зеҳнии фаъолияти меҳнатӣ, - сатҳи баланди хизматрасонии иттилоотӣ, мавҷудияти манбаъҳои боэътимоди иттилоот. Аз ин рӯ, раванди таълим дар ҷомеаи иттилоотӣ бояд на танҳо ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, балки ҳамчунин шахсоне равона карда шавад, ки қодиранд дар муҳити рақобат фаъолият карда, дар ҷараёни иттилоотии илмию техникӣ паймоиш карда тавонанд, технологияҳои навро аз худ кунанд дар шароити муосири бозор, ва мунтазам такмил додани ихтисоси худ фаъол бошанд.

Компютеркунонии соҳаи алоқа, иттилоотикунонии фаъолияти касбӣ, маориф ва илм зарурати мубодилаи хабарҳо дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва шабакаҳои интернетӣ, кор бо иттилооте, ки асосан бо забони хориҷӣ пешниҳод мешаванд, ба миён омадааст. Бо дарназардошти ин, раванди таълими забонҳои хориҷиро (ва пеш аз ҳама, забони англисиро) танҳо ба ташаккули салоҳияти нутқ ва салоҳияти забондонии донишҷӯён кам кардан мумкин нест. Дар шароити муосир таълими забони хориҷӣ бояд дар ҳама муассисаҳои таълимӣ омӯзонда шавад ва ба фарҳанги хориҷӣ ва амалияи иттилоотии фаъолиятро таъмин намояд.

Дар ҷомеаи муосир мутахассисон бояд малакаи таҳлил ва коркарди миқдори зиёди иттилоотро дошта бошанд, дар акси ҳол дар қабули қарорҳо сустӣ ба амал меояд ва агар вақт маҳдуд бошад, метавонад дар фаъолияти касбӣ ба хатогиҳо роҳ дода шавад. Барои муайян кардани моҳияти мафҳуме, ки мавриди омузиш карор гирифтааст, мо таҳлили мухтасари таърихию педагогии пайдоиш ва инкишофи равиши салоҳиятнокро муайян мекунем.

Равиши ба салоҳият асосёфта равиши моделсозии сифати тайёрии хатмкунандагони донишгоҳҳои ғайризабонӣ дар асоси категорияҳои «салоҳият» мебошад. Ин равиш аз зуҳури худ аз бисёр ҷиҳат ба равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф вобаста аст: «ғарқ» шудани таҳсилоти олӣ ба интернатсионализатсияи бозори меҳнат ва маориф; ҷорӣ намудани системаи бисьёрзинаи маълумоти олӣ ва таълими якумра»; амалӣ гардонидани «намудҳои нави натиҷаҳои таълим, ки аз доираи дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ берун мебароянд», «дар доираи васеи шуғл ва шаҳрвандӣ татбиқи худро пайдо мекунанд»; шакли модулии раванди таълим, ки ташаккули салоҳиятҳои дахлдор, таҳияи системаи ҷамъоварӣ ва интиқоли қарзҳоро таъмин менамояд, ба шумор меравад.

И.А.Зимняя равиши салоҳиятнокро ҳамчун як равиши системавӣ муайян мекунад, ки дар он салоҳият ҳамчун категория барои таъмини ҳамгироии системавии таълим пешбинӣ шудааст, ки афзоиши сифати системавӣ ва касбии хатмкунандаи донишгоҳро ифода мекунад. Аз ин рӯ, мақоми равиши ба салоҳият асосёфта як «чаҳорчӯба» мебошад, ки ҳаракатро аз «ҳадафи таълим» ба «натиҷаи таълим» ба расмият медарорад, то он дар санҷишҳои сертификатсия равона карда шавад. Ҳамзамон, равиши салоҳиятнокӣ дар робита бо равишҳои фарҳангӣ, донишомӯзии марказӣ, системавӣ-фаъолият алоқаманд аст, аз ин рӯ онро дар тавсифи сифати шахс дар фазои таълимӣ бартарӣ додан мумкин нест[ 5].

Азхудкунии самараноки фарҳанги забони хориҷӣ дар сурате имконпазир аст, ки корбарон тафаккури мустақили интиқодӣ, фарҳанги кори ақлӣ дошта бошанд ва малакаҳои худомӯзӣ (ҷустуҷӯи иттилоот ва коркарди он, аз ҷумла бо забони хориҷӣ) омӯзонида шаванд. Ин, дар навбати худ, малакаи ҷустуҷӯ ва сканкунии хонишро талаб мекунад. Дар Интернет, ҳама маълумот асосан ба забони англисӣ пешниҳод карда

мешаванд, бинобар ин, мушкилоти ташаккули малакаҳои муқаддимавӣ, дидан / ҷустуҷӯи хондан бо забони англисӣ пайдо мешавад. Хусусияти дигари муносибатҳои иҷтимоии муосир бисёрфарҳангӣ ва коммуникативӣ мебошад.

Донишҷӯёни дар замони муосир таҳсилдошта дар фазои таълимии серфарҳангӣ бояд тавонанд озодона дар муҳити забони хориҷӣ, аз ҷумла воқеияти виртуалӣ паймоиш кунанд. Барои ҳалли ин масъала дар раванди таълим шавқу рағбат ба воқеияти тафаккури бегона ва фарҳанги бегонаро ташаккул додан, муколамаи фарҳангҳо, дарки манзараи ҷаҳон, таҳаммулро омӯзидан лозим аст. Яъне сухан дар бораи омодагии донишҷӯён ба муоширати коммуникатсионӣ, муошират бо одамони забондон ва фарҳанги дигар меравад.

Дар ҷомеаи муосир забони хориҷӣ татбиқи мустақим дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ донишҷӯёнро ба истифодаи амалии донишҳои ҳосилшуда, малакаҳои кор бо системаҳои ҷустуҷӯӣ, ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои озмунӣ барои грантҳо, дархостҳо барои таҷрибаомӯзӣ, пешбурди тиҷорат равона кардан лозим аст. Қайд кардан зарур аст, ки омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ бо самт ба ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ хос аст, ки қобилияти мутахассиси ояндаро барои иштирок дар муколамаи фарҳангҳо, гуфтушунидҳои корӣ, таҷрибаомӯзии хориҷӣ, семинарҳо ва конфронсҳои касбӣ таъмин менамояд.

Ва чунон ки Г.А. Ферапонтов қайд мекунад, кӯшишҳои омӯзгорони амалкунанда ва намояндагони илми педагогӣ бояд ба муайян намудани шароиту усулҳои ташкилию педагогии ноил гардидан ба сифати нави таълим, ки ба талаботи муосири иҷтимоӣ-фарҳангии вобаста ба гузариши кишвар ба ҷомеаи кушода алоқамананданд, равона карда шаванд. [4]

Қайд кардан зарур аст, ки дар раванди таълим барои худшиносӣ ва рушди фарҳангии донишҷӯён тавассути ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва байнифарҳангӣ шароит фароҳам овардан лозим аст. Як зумра муҳаққиқон (Л. Андерсен, В. Книп, Р. Хенвей) салоҳиятҳои байнифарҳангиро дар мавқеъи байни салоҳиятҳои иҷтимоии фарҳангӣ ва психологию иҷтимоӣ ҷой медиҳанд.

Дар шароити ҷомеаи муосир таҳсилот барои ташаккул додани қобилиятҳои донишҷӯён пешбинӣ шудааст, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки ҷараёни иттилоотиро аз ҷиҳати касбӣ муҳим мустақилона паймоиш кунанд. Сифати тайёр кардани мутахассисон аз қобилияти кор бо адабиёти махсус (аз ҷумла бо забони хориҷӣ), истифодаи технологияҳои инфокоммуникатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани салоҳияти касбӣ ва фарҳанги умумӣ муайян карда мешавад.

Технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ татбиқи шаклу усулҳои интенсивии таълим, ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимро дар фазои виртуалӣ таъмин намуда, ба баланд шудани ҳавасмандии донишҷӯён да раванди омӯзиш мусоидат мекунанд. Муҳити иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи инсон нақши торафт муҳимро мебозад. Исифода шабакаҳои интернетӣ дар замони муосир миёни донишомӯзон ҳамчун як ҷузъи муҳити иттилоотӣ (ноосфера) киберфазо номида мешавад, ки дар он шаклҳои мушаххаси рафтори инсон амалӣ карда мешаванд. Субъектҳои фазои маҷозӣ на танҳо ба ҷустуҷӯ, коркард ва интиқоли иттилоот, ба даст овардан ва интиқоли дониш машғуланд, балки онро барои дигар корҳои барои ҷомеа нодаркор истифода мебаранд. Дар Интернет маҷмӯи пурраи фаъолияти инсон амалӣ карда мешавад, ки асоси онро фаъолиятҳои маърифатӣ, бозӣ ва коммуникативӣ ташкил медиҳанд.

Дар системаи глобалии иттилоотӣ донишҷӯёне, ки забони англисиро меомӯзанд, метавонанд аз иттилоот ва захираҳои гуногун истифода баранд: почтаи электронӣ, сайтҳои махсус, китобхонаҳои рақамӣ, маълумотномаҳо (InfoSeek / UltraSmart, LookSmart, Galaxy), муҳаррикҳои ҷустуҷӯӣ (Google, Alta Vista, HotBob, Матнро кушоед, WebCrawler, Excite), гуфтугӯи онлайн (Chat, Jabber) ва ғайра. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои

таълими забонҳои хориҷӣ пайдо кардани омезиши самараноки усулҳои классикӣ мебошад. Дар робита бо ин дар ҷаҳони бисёрфарҳангӣ шахсе, ки малакаҳои амалии муошират бо намояндаи фарҳанги дигар, иштирок дар муошırати байнифарҳангӣ дорад, талабот ба миён меояд, аҳамияти донистани забони хориҷӣ ҳамчун забони муошırати корӣ меафзояд.

Донишҷӯён дар фазои таълимии бой бояд тавонанд озодона дар муҳити забони хориҷӣ, аз ҷумла воқеияти виртуалӣ паймоиш кунанд. Барои халли ин масъала шавқу ҳаваси хонандагонро ба фарҳанги бегона инкишоф додан, ба онҳо муколамаи фарҳангҳо, дарки танқидии тасвири ҷаҳонро омузондан лозим аст. Аз ин рӯ, раванди муосири таълими забонҳои хориҷӣ бояд ба ташаккули малакаҳои намудҳои гуногуни муошırати касбӣ дар байни донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ нигаронида шавад.

Вобаста бо талаботи иҷтимоии ҷомеа, муошırати корӣ бо забони хориҷӣ яке аз муҳимтарин ҷузъҳои мундариҷаи тайёр кардани мутахассисон мебошад. Курси донишгоҳии забони хориҷӣ дорои хусусияти коммуникативӣ буда, бинобар ин мазмуни онро талаботи коммуникатсионӣ ва маърифатии мутахассисони соҳаи дахлдор муайян мекунад [Л.М.Босоева].

Солҳои охир соҳаи истеҳсолии алоқа хеле мураккаб шуда, соҳаҳои иқтисодӣ, идоракунӣ, тиҷоратӣ, ҳуқуқии фаъолияти касбӣ васеъ паҳн ва инкишоф ёфтанд, ки барои мутахассисони оянда азхуд кардани малакаи муошırати касбии байнифархангиро зарур мегардонад. Табиати тағйирёфтаи муошırати иҷтимоӣ ҷузъҳои нави мазмуни таълимро ошкор намуд. Истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар амалияи педагогӣ – таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён зарурати таъхирнопазирро ба миён меорад.

Чунон ки муҳаққиқон В. Байков, А.С.Лесневский, С.В.Глушаков, Л.И.Долинер, Е.И.Карелова, А.В.Могилев, О.Ю.Овакимян, А.Н.Тихонов, як навъи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсиониро метавон ҳамчун воситаи дастраси рамзӣ, визуалии таълим истифода бурд. Ҷанбаҳои гуногуни масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ барои таълими забони хориҷӣ дар корҳои Т.В.Карамишева, Е.С.Полат, Р.К.Потапова ва дигарон баррасӣ шудаанд [7]. Чунон ки мебинед, имрӯзҳо корҳои илмӣ, педагогӣ ва иқтидори таълимию методии ахбороти муосир ба воситаи технологияҳои компютерӣ, имкониятҳои технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ фаъолона омӯхта мешаванд.

Сарфи назар аз пажӯҳишҳои мавҷуда, аз нигоҳи истифодаи технологияҳои муосири информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар таҳсилоти олии касбӣ, мушкилоти зиёде, аз ҷумла истифодаи технологияҳои муосири инфокоммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ҳалли худро наёфтаанд. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои назариявӣ ва таҷрибаи педагогии худ фарзияе ба миён гузошта шуд, ки ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ ҳамчун раванди тағир додани ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯхтани забони хориҷӣ дар заминаи фаъолияти ояндаи касбӣ, аз худ намудани асосҳои фарҳанги забони омӯхташаванда, ташаккули малакаҳои муколама метавон дар мадди аввал нигаронида шавад. Бо ин раванд муваффақ хоҳад шуд, агар:

-истифодаи иқтидори таълимии технологияҳои муосири инфокоммуникатсионӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ бештар ҷорӣ карда шавад;

-таҳия ва татбиқи модели педагогии ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ дар асоси истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ ва захираҳои интернетӣ;

- амалӣ намудани курси махсуси Захираҳои интернетии забони англисӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои ғайризабонӣ

- дастури методӣ, ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бо сайтҳо (таълимӣ, тахассусӣ), таҳияи феҳристи захираҳои интернетӣ бо забони англисӣ.

Дар раванди татбиқи технологияи педагогӣ, ки дар асоси консепсияи фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ муташаккил сохта шудааст, унсурҳои гетерогенӣ, ҳатто унсурҳои технологияҳои компютерӣ метавонанд ба якпорчагии технология ворид карда шаванд. Омӯзгор аз ин мафҳум истифода бурда, мустақилона технологияи педагогиро бештар мукаммалтар таҳия ва амалӣ менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Абдулина, О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. Просвещение, 1990. С.25-26.

2. Выготский, Л.С. Собрание соченений в подготовке учителя. 1983. С. 281.

3. Зайцев, Г.К. Потребности информационный подход воспитании/советская педагогика №11, 1991-с. 29-32.

4. Леонтев, А.Н. Избранные психологические произведения. Педагогика, 1983-Т.2.-с176.

5. Столяров, В.И. Методологические принципы определения понятий в процессе научного исследования. Уч. Пособие -М: 1984 с.59

6. Шаймардонов, Р.Х. Теория и технология интенсивного развитии профессиональной личности учителя в вузе. Автореф.диссерт. д.п.н. Казань, 1998.-39с.

7. Степанская, Т. М. Лесневский А. А. // Барнаул: энцикл. Барнаул, 2000. С. 167.

8. Силина, И. Г. А. А. Лесневский (чертежник, городской голова, общественный деятель) // Алтайский архивист. Барнаул, 2000. С. 23-28.

9. Свободная, И. Н. 100 лет с начала театральной деятельности Кружка Любителей Драматического искусства А. А. Лесневского // Барнаульский хронограф. 1997 г.: календарь знаменат. и памят. дат. Барнаул, 1996. С. 33-35. Библиогр.: с. 35.


## ТАҲИЯИ МОДЕЛИ ПЕДАГОГӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ВА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИНФОРМАТСИОНӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ БАЙНИФАРҲАНГИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ


Дар мақолаи мазкур дар бораи хусусиятҳои ҳаёти иҷтимоии имрӯза, ки иттилооткунонӣ мебошад маълумоти мухтасар оварда шудааст. Дар ҷомеаи иттилоотӣ намуди пешбари фаъолияти истеҳсолӣ ҷамъоварии маълумот, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодаи иттилоот мебошад, ки дар асоси воситаҳои муосири микропросессорӣ ва технологияи компютерӣ, инчунин дар асоси воситаҳои гуногуни мубодилаи иттилоот ба шумор меравад. Хусусиятҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ аз инҳо иборатанд: - истифодаи фаъолонаи неруи афзояндаи зеҳнии ҷомеа, - ҳамгироии технологияҳои иттилоотӣ бо илм, истеҳсолот, зеҳнии фаъолияти меҳнатӣ, - сатҳи баланди хизматрасонии иттилоотӣ, мавҷудияти манбаъҳои боэътимоди иттилоот. Аз ин рӯ, раванди таълим дар ҷомеаи иттилоотӣ бояд на танҳо ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, балки ҳамчунин шахсоне равона карда шавад, ки қодиранд дар муҳити рақобат фаъолият карда, дар ҷараёни иттилоотии илмию техникӣ паймоиш карда тавонанд, технологияҳои навро аз худ кунанд дар шароити муосири бозор, ва мунтазам такмил додани ихтисоси худ фаъол бошанд.



**Вожаҳои асосӣ:** *иттилоот, технологияҳои муосир, паймоиш, техника, байнифарҳангӣ, маҳдуд, шабака, ихтисос, истеҳсолот, ғайризабонӣ, микропросессор, равиш, хуссусият.*


## РАЗРАБОТКА ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ МОДЕЛИ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ И КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ФОРМИРОВАНИИ МЕЖКУЛЬТУРНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ

**НЕЯЗЫКОВОГО ВУЗА**

В данной статье дается краткая информация об особенностях современной общественной жизни, которая является информационной. В информационном обществе ведущим видом производственной деятельности является сбор, обработка, хранение, передача и использование информации на базе современной микропроцессорной и компьютерной техники, а также на различных средствах обмена информацией. К основным признакам информационного общества относятся: - активное использование растущего интеллектуального потенциала общества, - интеграция информационных технологий с наукой, производством, интеллектуальной трудовой деятельностью, - высокий уровень информационных услуг, наличие надежных источников информации. Поэтому образовательный процесс в информационном обществе должен быть направлен не только на подготовку высококвалифицированных специалистов, но и на тех, кто способен действовать в условиях конкуренции, ориентироваться в потоках научно-технической информации, осваивать новые технологии. В современных условиях рынка, и проявлять активность в регулярном совершенствовании своей специальности. В статье рассматриваются учебно-методические основы и профессиональное развитие педагога, умение вести профессиональную деятельность в соответствии с рекомендациями психолого-педагогических наук и передовой практики, в процессе обучения развитие интеллектуальной образованности учащихся, а также совершенствование необходимых навыков и умений, создание благоприятных условий для профессиональной деятельности, требует рационального использования всех средств воспитания, планирования и организации различных мероприятий, регулярного взаимодействия с подрастающим поколением и специалистами, и в то же время, дисциплинированность в выполнении заданий.

**Ключевые слова**: *информация, коммуникативные технологии, навигация, техника, межкультурный, ограниченный, сеть, специализация, производство, неязыковой, микропроцессорный, подход, специфика.*

## DEVELOPMENT OF THE PEDAGOGICAL MODEL IN THE PROCESS OF TEACHING FOREIGN LANGUAGES AND THE USE OF MODERN INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE FORMATION OF INTERCULTURAL COMPETENCE OF NON-LINGUISTIC UNIVERSITY STUDENTS

This article provides brief information about the features of today's social life, which is information. In the information society, the leading type of production activity is data collection, processing, storage, transfer and use of information based on modern microprocessor and computer technology, as well as on various means of information exchange. The main features of the information society include: - active use of the growing intellectual power of society, - integration of information technologies with science, production, intellectual labor activity, - high level of information services, availability of reliable sources of information. Therefore, the educational process in the information society should be directed not only to the training of highly qualified specialists, but also to those who are able to operate in a competitive environment, to navigate the flow of scientific and technical information, to master new technologies in modern conditions, market, and be active in regular improvement of their specialty.

**Key words**: *information, communication technologies, navigation, technique, cross-cultural, limited, network, specialization, production, non-linguistic, microprocessor, approach, specificity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Аҳмадзода Бунафша Саймузафар – муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. E-mail: abunafsha@mail.ru, тел: +(992) 98 505 34 54*

**Информация об авторе:** *Ахмадзода Бунафша Саймузафар – проректор по воспитательной части Таджикского технического Университета имени академика М.С. Осими. E-mail: abunafsha@mail.ru, тел: +(992) 98 505 34 54*

**Information about the author:** *Ahmadzoda Bunafsha Saimuzafar – vice-rector for Educational parts of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi. E-mail: abunafsha@mail.ru, тел: +(992) 98 505 34 54.*

**ТДУ: 37.02 + 37.03 (575-3)**

## МАЗМУНИ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ХУДОМӮЗӢ

***Нарзулоев Ҳ. С.***

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Дар шароити муосир ризоият ва қобилияти давлат доир ба татбиқи сиёсат дар соҳаи тарбияи шаҳрвандӣ дар навбати худ аз ақидаи он нисбат ба баъзе масъалҳои барои давраи ҳозира муҳим вобастагӣ дорад.

Аввалан, ин муайян намудани ғояи миллӣ ҳамчун як бахши ҷаҳонбинии умумимиллӣ ва парадигмаҳои ахлоқию маънавие, ки орзуҳои шаҳрвандони моро дар бораи идеали миллӣ, таҳким бахшидани давлатдорӣ таҷассум мекунад ва метавонад, ҳамватанони моро ба корҳои бузург ба хотири ободонӣ ва тағйири ҳаёти маънавӣ барои беҳбудии ҳамаи ҷомеа водор кунад.

Дуюм, ин устувор гардондани ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии халқҳои кишварҳои олам мебошад, ки баробаршавии ҳисси миллию ватандӯстӣ, маҳдудияти мустақилияти миллӣ ва суннатҳои фарҳангиро, ки низоми зиндагии халқҳоро пойдор нигоҳ медоранд , дар назар дорад.

Сеюм, ин муайян кардани муҳтавои асосии хусусиятҳои ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташкил ва тавзеҳи вазифаҳои барои давлат ҳаётан муҳим мебошад.

Худомӯзӣ фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон ба мақсади ташаккули хусусиятҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, дарёфти камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани қобилияту малакаҳои касбӣ, аз худ кардани малакаи идора намудани раванди худтакмилдиҳӣ дар асоси таҷрибаи худ ба шумор меравад. Ба ақидаи педагог ва тарбиятгари машҳури шӯравӣ В. А. Сухомлинский, «худомӯзӣ ин на ин ки як чизи ёрирасон дар тарбия аст, балки таҳкурсии он аст. Ҳеҷ кас наметавонад инсонро тарбия кунад, агар вай худ худашаро тарбия накунад» [5: 65].

Ба ҷумлаи масъалаҳои асосии методологии тарбияи шахравандӣ бо усули худомӯзӣ, метавон, проблемаи ҳамгиросозии байнифаннии машғулиятҳо ва махсусиятҳои истифодаи усули умумиилмиро дохил кард.

Усули асосии роҳандозии муҳтавои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ин дарс аст. Дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, метавон, хусусиятҳои зерини дарси ҳамгироро нишон дод:

- ✓ мавҷудияти шароит барои ҳамгиросозӣ (проблема, метод ва объекти омӯзиш);
- ✓ бархӯрди ҳамагиросозӣ ба интихоби муҳтавои маълумот: донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳо, самтҳо (донишҳои илмӣ, фалсафӣ, санъат, диншиносӣ, мифология);
- ✓ интихоби шаклҳои ба муҳтавои дарс мувофиқ, ки метавонанд, рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандаро таъмин намоянд.

Мисоли ҷолиби ҳамгиросозӣ, ки қоидаҳои баҳснопазири дар боло зикршударо таҷассум мекунад, ҳамгиросозии дарсҳо маҳсуб меёбад.

Масъалаҳои дигари илмии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавссути худоӯзӣ масъалаҳои илмӣ - педагогӣ мебошанд, ки муҳимтаринашон инҳо ба шумор меравaнд:

- таъсис ва рушди системаи тарбияи шаҳрвандӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисоти дигар;
- беҳтар кардани мухтаво ва методикаи дорои тамоили тарбияи шаҳрвандии рушди таълиму тарбия;

- ташкили шаклҳои таълими муттасил, ки ба таври зарурӣ ба таълими шаҳрвандон равона шудаанд;
- беҳтар кардани сохтор ва идораи фазои иҷтимоӣ – педагогии чунин навъи тарбия;
- рушди ҷузъҳои иҷтимоии таркибии тарбия;
- тарбияи гароишҳои арзишии шаҳрвандӣ ва меҳвари онҳо – идеалҳо дар хонандагон ва ҷавонон;
- муҳтаво ва методҳои ташкили тарбияи шаҳрванд, муайян кардани меъёрҳои арзёбӣ ва нишондиҳандаҳои он;
- ба назар гирифтани ҷинс ва синни хонандагон ҳангоми ташкили раванди тарбияи шаҳрвандӣ;
- ҷойгоҳ ва нақши оила дар ин навъи тарбия ва ғайра.

Дар тарбияи шаҳвандии хонандагон масъалаи асоситарин беҳтар кардани худомӯзӣ ҳамчун раванди тарбия дар сатҳи ҳамаи қисмҳои таркибии он – мақсаднокӣ, субъекту объект, муҳтаво ва асоснокии илмӣ аст, ки дар сурати дуруст ҳаллу фасл шудани он натиҷаи хуб ба даст меоянд.

Асосгузори марксизм Карл Маркс ҳанӯз ҳангоми навиштани иншо дар гимназия дар мавзуи «Андешаҳои ҷавон ҳангоми интихоби касб» қайд карда буд: «...Табиати инсон чунин аст, ки ӯ метавонад, танҳо барои камолоти муосирони худ, ба фоидаи онҳо кор карда, худаш ҳам ба дараҷаи камол бирасад» [2:5].

Агар инсон танҳо барои худ кор кунад, вай имкон дорад, олими машҳур, донишмани бузург, шоири барҷаста шавад, вале ҳеҷ гоҳ ба дараҷаи пурра инсони бузург ҳақиқӣ шуда наметавонад.

Таърих он шахсонеро бузург эътироф мекунад, ки барои манфиати умумӣ заҳмат кашида, худашон дорои ахлоқи баланд ва фидокор гардиданд. Таҷриба нишон медиҳад, ки хушбахтарини одам он аст, ки теъдоди зиёди одамонро хушбахт кардааст.

Нависандаи бузурги рус Л. Н. Толстой ба худтарбиякунии қобилиятҳою хислатҳо ва хусусиятҳои зеҳнии худ аҳамияти калон медод. Аз синни наврасӣ сар карда, вай ба навиштани рӯзнома оғоз мекунад, ки дар он камбудиҳои худро қайд менамояд ва барои муҳлатҳои гуногун нақшаи худомӯзиро тартиб медиҳад, аз рафти корҳои марбут ба такмили шахсияти худ анҷомдода ҳисобот менависад, хатоҳоро таҳлил карда, нақшаҳои нави умумию шахсии худомӯзиро тартиб медод. Аз рӯйи он чизе, ки мавсуф худаш дар бораи худ навиштааст, маълум мешавад, ки ӯ дар хурдӣ тарбияю маълумоти хуб нагирифтааст. Ба шарофати кори ҳаррӯзаи собитқадамона аз болои худ ӯ тамбалию шуҳартпарастии беҳад, дурӯғгӯйӣ ва бисёр камбудиҳои дигари худро бартараф кард ва ҳамзамон бисёр хислатҳои нек, ба мисли инсондӯстӣ ва махсусан, муҳаббат ба халқ ва деҳқононро касб намуд ва қобилияту имкониятҳои худ, ба мисли мушоҳидакорӣ, зеҳни амиқ, тахаюли эҷодӣ ва хотираи худро вусъат бахшид [6: 58].

Тарбияи шахсияти инсон дар се соҳаи нисбатан муҳимми ҳаёт – шуур, муносибатҳо ва машғулиятҳо сурат мегирад. Агар натиҷаҳои тарбияи шаҳрвандӣ дар соҳаҳои шуур ва муносибатҳо дуруст нишон дода шуда бошанд ҳам, дар бораи рафтори шаҳрвандӣ ва фаъолияти шаҳрванд дар барномаҳо ба таври равшан маълумот оварда нашуадааст ва чунин фикри бисёр муҳим, яъне шаҳравандӣ дар навбати аввал бояд дар рафтори шаҳрвандӣ ва фаъолияти ҷамъиятӣ зоҳир гардад, зикр нашудааст. Маҳдуд кардани соҳаҳои тарбияи шаҳрвандӣ дар доираи шуур дар назария ва амалияи ин навъи тарбия дар ҳамаи сатҳҳо – идеяҳо ва барномаҳо, таҳқиқоти илмӣ, китобҳои дарсӣ ва коркардҳои методӣ мушоҳида мешавад.

Худи ҳаёт ва хусусиятҳои замони ҳозираи он нишон медиҳанд, ки самарбахшии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ асосан аз тарбия дар оила вобаста аст. Танҳо дар оила кӯдак маълумоти ибтидоиро дар бораи муҳаббат ба ҷомеаи хурди худ (оила), ватани хурди худ касб мекунад ва танҳо тавассути оила робитаи ирсии

наслҳо, мафкураи ватандӯстии халқҳо тавъам бо хусусиятҳои миллию динни таърихан шаклгирифтаи онҳо интиқол меёбанд. Ва маҳз оила дар маркази таъсири харобиовари механизмҳои иқтисоди бозории дар давраи рушди пасошӯравии кишвар ва сиёсати ахлоқӣ – маънавии воситаҳои ахбори омма қарор гирифт ва маҳз оила ҳамчун хурдтарин ҷомеаи иҷтимоӣ ва такягоҳи маънавии давлат дар давраи ҳозира бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст. Ба он додани мақоми яке аз субъектҳои пешбари тарбияи шаҳрвандии хонандагон, ворид намудани ҳифзи муҳити ахлоқӣ – маънавии оила бо мундариҷаи тарбияи шаҳрвандии илман асоснок зарурати ҳаётӣ ба шумор меравад.

Қувваи тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ дар оила аз ҳассосияти амиқи он иборат аст. Муносибат бо волидони дӯстдоштаю дӯстдоранда ҳамеша пурра эътимодбахш аст. Агар падар ва модар дар тарбия ба хато роҳ надиҳанд, дили кӯдак ҳамеша барояшон боз аст. Ин имкон медиҳад, ки сари вақт рафтори ӯро ислоҳ кунанд, дар кӯдак хислатҳои мусбатро тарбия карда, зуҳуроти манфиро боздоранд. Таъсири волидон ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути имкониятҳои худомӯзӣ хеле бузург аст, пеш аз ҳама, барои он ки онҳо нахустин шуда бо ӯ муошират мекунанд. Кӯдак ҳар қадар хурдсол бошад, ҳамон қадар вай аз муҳити атроф бештар таъсирпазир аст. Дуруст аст, ки таассуроти нахустин бештар пойдор мемонанд ва бунёди хислатҳои кӯдак, системаи муносибатҳои ӯ ба олам ва одамонро ташкил медиҳанд. Дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ падару модар, аз яктараф, ва кӯдак аз тарафи дигар, ҳамчун шахсиятҳои дар мувофиқа бо ҳам амалкунанда зуҳур мекунанд. Писарону духтаронро тарбия карда, волидон дар бораи дар онҳо пайдо шудани хоҳишу рағбати фаҳмидану аз худ кардани дастурҳо ва бо камоли майл иҷро кардани супоришҳо аз ҷониби онҳо ғамхорӣ мекунанд, онҳоро ба мустақилият одат мекунонанд ва барои дар кӯдак тарбия кардани қобилиятҳои эҷодӣ кӯшиш мекунанд.

Кӯдак орӣ аз хислатҳои шахсӣ ба дунё меояд ва ҳамчун шахсият дар рафти ҳаёти иҷтимоӣ ва аз худ кардани таҷрибаи меҳнатию ҷамъиятӣ ташаккул меёбад. Аломати асосии камолоти баланди шахсият қобилияти ӯ ба худидоракунӣ, яъне интихоби мустақилонаю бошууронаи амалу рафтори худ мутобиқ ба эътиқодот ва одатҳои психологии худ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, шахсияти кӯдакро ташаккул дода, бисёр муҳим аст, ки волидон ҳангоми дар ӯ тарбия кардани шуурнокӣ ва хислатҳои дигари мусбат ба аз ҳад зиёд манъ кардану маҷбуркунӣ роҳ надиҳанд. Бешубҳа, тавассути зӯроварӣ ва хушунат кӯдакро тарбия кардан мумкин нест.

Дар рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ нақши китобҳои дарсии фаннӣ хеле калон аст. Аз худ кардани мазмуни китобҳои дарсӣ аз ҷониби хонандагон боиси касб кардани чунин донишҳои марбут ба шаҳрвандӣ аз ҷониби онҳо мегардад:

- ✓ донистани таърихи Ватани бузург ва хурди худ;
- ✓ донистани оинномаҳои мардумӣ ва расму оин;
- ✓ донистани сохтори давлатии кишвари худ ва рамзҳои он;
- ✓ донистани меъёрҳои иҷтимоии рафтор дар ҷомеа;
- ✓ донистани табиати Ватан ва имкониятҳои ҳифзи он;
- ✓ донистани роҳҳои дар амал татбиқ кардани имкониятҳои шахсии худ ба фоидаи ҷомеа ва ғайра.

Ба ҳайси мақсад ва натиҷаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар раванди таълим, бешубҳа, ақидаҳо ва боварии (эътиқод) шаҳарвандӣ хизмат мекунанд. Калимаи боварӣ дар забони тоҷикӣ ба он гурӯҳи калимаҳои сермаъное дохил мешавад, ки дар онҳо ҳар яке аз маъноҳо яке аз тарафҳои ҳодисаҳои мураккабу чандпаҳлуи олами воқеиро инъикос мекунанд. Калимаи мазкур се маъноро ифода мекунад:

• якум, боварӣ гуфта, унсури муҳимми шуури ахлоқии одамон дар назар гирифта мешавад;

• дуюм, боварӣ гуфта, ақидаҳои нисбатан устувори дар таҷрибаи шахсӣ исботшудаеро меноманд, ки асоси ақидаҳои ҷаҳонбинии шахсро ташкил медиҳанд ва раҳнамои рафтори ӯ мебошанд. Бо ин калима худи рафти коркард шудани боварӣ дар шуури инсон ҳам ифода мешавад;

• сеюм, боварӣ ин усули асоситарини тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ аст.

Ақидаҳои шаҳрвандӣ хусусияти тағйирнопазири шахс маҳсуб мешаванд, ки боварии устувори инсон ба дурустии эътиқодоти ҳосилшуда ва аз ҷониби ӯ ҳимояшавандаи марбут ба шаҳрвандиро ифода мекунад. Хоҳиши омодагӣ ба пайгирӣ намудани эътиқодоти шаҳрвандӣ дар ҳаёти воқеӣ дар эътиқодоти шаҳрвандӣ зоҳир мегардад.

Дараҷаи ташаккули мақсад омодагии шахс ба анҷоми амали мавриди назарро муайян мекунад. Дар заминаи мақсад фаъолияти ватандӯстӣ метавонад, бидуни мавҷудияти амалҳои эмотсионалию иродавӣ тақвият ёбад.

Аҳамияти сифати ҳиссиёти шаҳрвандӣ дар таъсири тарбияи шаҳрвандӣ дар рафти омӯзиши хонандагон дар муқоиса ба ақидаҳою мақсади шаҳрвандӣ камтар нест.

Ҳиссиёт яке аз роҳҳои асосии эҳсос кардани муносибати худ ба предметҳо ва ҳодисаҳои олами воқеӣ ба шумор меравад. Онҳо бо хусусияти устуворӣ ва доимӣ будани худ фарқ мекунанд ва аз ҳамдигар ҳам мутафовит мебошанд. Ҳиссиётро баланд ҳисоб мекунанд, зеро онҳо ҳангоми қонеъ гардидани талаботи нисбатан баланд ба вуҷуд меоянд. Хусусиятҳои фарққунандаи ҳиссиёт ҳама вақт бо дарки бештар ва ё камтари меъёрҳои ҷамъиятӣ, ки ба ин ё он тарафи ҳаёти инсоният мансубанд, алоқаманд мебошанд. Зеро дар ҳиссиёти баланд то андозае муносибати инсон дар маҷмуъ ба олам ва ба ҳаёт зоҳир мегардад, онҳоро баъзан ҳамчун унсурҳои ҷаҳонбинӣ маънидод мекунанд [3:200].

Ҳиссиёти шаҳрвандӣ, ки ин дар навбати аввал муҳаббат ба Ватан ва садоқат ба манфиатҳои он мебошад, хеле баланданд ва бо ҷанбаҳои ахлоқӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ ва воқеият робита доранд ва паҳлуи эмотсионалию ҳиссиро ҳам дар ақидаҳою мақсадҳои шаҳрвандӣ ва ҳам дар мавқеъҳои шаҳрвандии хонандагон ташкил медиҳанд.

Муҳтавои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ аз амалисозии мақсаду вазифаҳои бамиёнгузошта ва пешниҳоду риояи мақсадҳои асосии муайянгардида иборат аст.

Асоси тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзиро эътиқодоти зерин ташкил медиҳанд:

➢ хусусияти ба худ хосси таъриху фарҳанг, ки рушди тарбия дар асоси расму ойинҳои таърихию фарҳангии ватанӣ, арзишҳо ва меъёрҳои фарҳанги миллӣ, суннатҳои этникии маҳаллиро дар назар дорад, мувофиқат ва созгорӣ бо афзалиятҳои умумибашарӣ, ки омода намудани насли наврас ба воридшавӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси идеалҳои баробарӣ, фарҳанги муоширати байни миллатҳо, ҳамкорӣ, муколамаи фарҳангҳо, ҳамзистӣ дар ҷаҳонро дар назар дорад;

➢ равона будан ба нафъи равандҳои дигари тарбия, ки аз гароиши он ба идеалҳои инсондӯстӣ ва амалисозии тасаввурот дар бораи тарбиягиранда ҳамчун шахсияти рушди тарбия, дар хонандагон тарбия намудани муносибати инсонпарварона ба таърихи кишвари худ, объектҳои фарҳанг, табиат, одамон ва нисбати худ ибора аст. Он кӯшиши кӯдакро ба худинкишофдиҳӣ, ангезиши ҳавасмандии ташаббуси кӯдакона, худфаъолият, ба кӯдакон додани имконияти мавқеъгирии фаъолонаи шаҳрвандӣ, мувофиқи тавоноӣ иштирок кардан дар меҳнати дорои аҳамияти иҷтимоии кӯдаконро равона ва дастгирӣ менамояд;

➢ фаъолнокӣ ва фаъолият дар роҳандозӣ намудани омӯзиши худтарбиякунӣ дар бахши тарбияи шаҳрвандӣ;

➢ муттаҳид намудани тарбияи шаҳрвндӣ ва навъҳои дигари тарбия барои таъсири ҳаматарафа ба ақидаҳо ва мақсадҳои хонандагон доир ба олами атроф [1 : 12].

Тарбияи шаҳрвандӣ тавассути методҳои худомӯзӣ дар ҳамаи сатҳҳо ҳамчун яке аз қисмҳои таркибии тарбия ва ба ҳайси ниҳоди иҷтимоӣ ягонагии ҷомеаро тавассути амалӣ намудани вазифаҳои зерин таъмин менамояд:

✓ ба таври мақсаднок фароҳам овардани шароит барои аз ҷиҳати тарбияи шаҳрвандӣ нисбатан дуруст равона кардани рушди ҳамаи аъзои ҷомеа ва иҷро кардани талаботи вазифавии онҳо;

✓ мувофиқ ба рушди ҷомеа омода намудани «сармояи инсонӣ», ки то андозаи кофӣ муносиби фарҳанги ҷомеа бошад;

✓ таъмини суботи ҳаёти иҷтимоӣ тавссути интиқоли фарҳангу арзишҳои шаҳрвандӣ ва ғайра.

Дар робита ба вазифаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ метавон, қайд кард, ки онҳо дар худ бахшҳои иттилоотӣ - маърифатӣ, ташаккулу инкишофдиҳӣ, исоҳкунӣ, ангезиши водоркунӣ ба худшиносии шахсӣ дар муҳити иҷтимоӣ - фарҳангии Ватани хурд ва ватини бузург, фароҳам овардани шароит барои худтакмилдиҳии хонандагонро фаро мегиранд.

Тарбияи шаҳвандии хонандагон тавссвути худомӯзӣ вобаста аз синни хонандагон ва дарҷаи маълумоти онҳо усулу шаклҳо ва методҳои махсуси худро дорад.

Дар синфҳои 1 – 4 дар мактаб кӯдакон мафҳумҳо дар бораи табиат, донишҳои ибтидоӣ дар бораи гузашта ваояндаи Ватани худ аз худ мекунанд. Мактаб ба хонандагони хурдсол донишҳои одӣ дар бораи табиат ва ҷамъият дода, ба таври мунназам ба хонандагон мушоҳида кардани умумият байни ҳодисаҳои мавриди омӯзиш ва рушди онҳо, ёфтани сабабҳои воқеии ба ҳам наздик будани онҳоро ёд медиҳад. Дар рафти омӯзиши тарбияткунанда хоанадагон мафҳумҳои одитарин дар бораи қоидаҳои рафтор ва сифатҳои маънавиро аз худ мекунанд, дар онҳо ҳисси ватанпарварӣ, дӯстӣ ва рафоқат, коллективизм, софдилӣ ва ҳақиқатхоҳӣ, одатҳои интизомнокӣ ва муназзамӣ тарбия меёбанд.

Дар синфҳои миёна ва болоӣ бо ёрии омӯзиши амиқу доимии фанҳои табиӣ – риёзӣ ва гуманитарӣ сатҳи ҳамаи корҳо доир ба дар наврасон ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, эътиқодоти шаҳрвандӣ, мақсад, нуқтаи назар, ақида ва гароиши арзишӣ, аз худ кардани меъёрҳои рафтори ахлоқӣ, рушди малакаҳо ва қобилиятҳои шаҳрвандӣ боло бурда мешвад.

Истифодаи имкониятҳои тарбияи шаҳрвандӣ тавассути усули худомӯзӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон, сатҳи рушди ҷаҳонбинии психологии онҳо, мафҳуми олам ва равандҳои иродавӣ, инчунин мувофиқ ба мухтавои маводи мавриди омӯзиш интихоб намудани шаклу методҳо ва усули таълим, ки имконияти воқеии муттасилӣ ва пайдарҳамии равандҳо ва муттасилии корҳои тарбиявиро доир ба дар хонандагон тарбия намудани хусусияҳои шаҳрвандиро талаб менамояд.

Ҳар як илм имкониятҳои зиёди тарбиявӣ дорад, ки мухтавои дигари он ба шумор меравад. Дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон илмҳои гуманитарӣ, яъне илмҳое, ки ҷамъият, фарҳанг, таърих ва амсоли инҳоро меомӯзанд, ҷойгоҳи хосса доранд.

Дар асоси донишҳои гуманитарӣ ҷаҳонбинии инсон, ақидаи ӯ доир ба зиндагӣ ташаккул меёбанд, яъне мафҳуми ҷойгоҳи инсон дар олам, дараҷаи масъулияти ӯ барои амалҳо ва рафтори худ аз нуқтаи назари муҳиммияти иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Фаро гирифтани донишҳои гуманитарӣ имкон медиҳад, ки фарҳанги умумии хосси инсони таҳсилкардаю соҳибмаълумот баланд бардошта шавад. Чунин донишҳо рушди ҳаматарафа ва ҳамаро фарогирандаи инсон: иҷтимоӣ, псхологӣ, ҷисмониро имконпазир мегардонанд ва омодагии ҳаматарафаи ӯро ба иҷрои вазифаҳои касбӣ ва инсонӣ таъмин менамоянд. Бешубҳа, ҳеҷ гуна донишҳои дигар наметавонанд, ба мисли донишҳои гуманитарӣ тағйирпазирии тафаккур, бархӯрди эҷодӣ ба меҳнати инсон, мустақилият дар интихоби стратегия ва роҳҳои рафтори ҳаётиро инкишоф диҳанд.

Маърифати гуманитарӣ инсонро бо донишҳо доир ба муносибатҳои байни ашхос ва ҳамкории байни онҳо мусаллаҳ мегардонад, меъёрҳои ҳаётии рафтор дар ҷомеа, ки шарти пешакии муносибатҳои муваффақона дар сатҳи «инсон – инсон» маҳсуб мешаванд, коркард мекунад. Танҳо бо такя ба донишҳои гуманитарӣ, мумкин аст, мутобиқан чунин хусусияҳои инсон, ба мисли шуурнокӣ, фаъолнокӣ, мустақилият, масъулият, ватнадӯстӣ ва ғайра, ки аз онҳо муваффақияти насли навраси муосир дар мутобиқшавӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ вобастагӣ дорад, табия ва рушд ёбанд.

Лаҳзаҳои муҳимме, ки дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар мавриди таълими фанҳои таълимӣ таъсиргузор маҳсуб мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- ✓ муҳтавои маводи таълимӣ, ба хусус мазмуни идеявӣ-сиёсии мақсадноки он;
- ✓ ташкили дурусти машғулиятҳо, гуногунии шаклу методҳо ва усули таълим;
- ✓ муносибатҳое, ки дар байни омӯзгор ва хонандагон, инчунин дар байни худи хонандагон сурат мегиранд;
- ✓ таъсири сифатҳои шахсии омӯзгор, таҷриба ва маҳорати педагогии ӯ;
- ✓ тартиботи умумӣ ва шароити муҳити раванди таълим дар мактаб.

Натиҷаҳои хуби ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ аз он вобаста аст, ки то кадом дараҷа воситаҳои тарбиявии ҳамаи лаҳзаҳои дар боло зикршуда дар маҷмуъ дар амал истифода мешаванд.

Ташкили оқилонаи машғулиятҳо ва корбурди методҳои гуногуни таълим дар сурате натиҷаҳои лозимаро медиҳанд, ки:

- ✓ мақсадҳои таълимию тарбиявии дарс дақиқан муайян карда шаванд;
- ✓ пайдарҳамии дуруст ва боварибахши кори таълимӣ таъмин карда шавад;
- ✓ усули гуногуни таълим, ки кори маърифатии хонандагонро ҷоннок менамоянд, хусусияти эҷодӣ ва наздик ба кори илмӣ доштаи онро тақвият ва ҳам ба кори дастҷамъона ва ҳам ба кори инфиродӣ ангезиш мебахшанд, ба кор бурда шаванд;
- ✓ натиҷаҳои дарс ҷамъбаст ва ба тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба дарки муҳтавои маводи таълимӣ ва таъсири тарбиявии он мусоидат мекунанд, ислоҳот ворид карда шаванд;
- ✓ рағбати зарурӣ ва ногузири педагогоӣ ба кори таълимӣ ба вуҷуд биёяд.

Хусусияти тарбияи шаҳрвандии таълим тавассути худомӯзӣ на танҳо тавассути муҳтавои мақсадноки идеявӣ – тарбиявии таълим, балки тавассути методҳо ва шаклҳои ташкили кори таълимӣ ва роҳҳои ҳаракати хонандагон аз ҳолати нодонӣ ба сӯйи донишҳо низ таъмин мегардад.

Дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ дар раванди таълимӣ – тарбиявӣ ба кор бурдани усули интерактивӣ ва ё худфаъоли таълимӣ аҳамияти калон дорад, ки дар онҳо ташкили ҳамкории педагогӣ на танҳо дар байни омӯзгор ва хонандагон, балки ташкили ҳамкорӣ байни худи хонандагон асосӣ ва муҳим ба шумор меравад. Инчунин дар методҳои мазкур ҳамкорӣ назар ба таъсиррасонӣ бартарӣ дорад [4 : 240].

Таълими интерактивӣ (анг.interactive learning) дар тарҷума ба забони тоҷикӣ маънои ташкили омӯзиш дар асоси ҳамкорӣ ва ё омӯзишро, ки дар натиҷаи рефелексия ташкил карда шудааст, ифода мекунад. Аломати фарққунанда ва асосии технологияи интерактивии таълим ҳамкории фанҳои таълимие, ки ба фаъолияти самарабахши эҷодӣ равона гардидааст, ба шумор меравад. Ба усули интерактивии таълим инҳо дохил мешаванд: муҳокима, кейс – технология ((аз анг. «case»-ҳолат,вазъият)- технологияи интерактивии таълиме, ки ба ташаккули донишҳо, қобилиятҳо, сифатҳои шахсӣ дар омӯзандагон дар асоси таҳлил ва ҳаллу фасли ҳолати проблемавии воқеӣ ва ё моделсозишудаи марбут ба фаъолияти касбӣ ва дар шакли кейс пешниҳод шуда равона гардидааст), тамрин, бозиҳои нақшдору коршиносӣ, фаъолияти коркард, усули рушди тафаккури интиқодӣ. Дар ҳама гуна технологияи интерактивӣ хонандагон ҳамчун иштирокчиёни қонунии раванди таълим ширкат меварзанд ва таҷрибаи онҳо ба мисли

таҷрибаи омӯзгор, ки на ин ки донишҳои тайёрро медиҳад, балки бештар хонандагонро ба ҷустуҷӯйи мустақилонаи маълумот роҳнамоӣ мекунад, аҳамият дорад. Кори дастҷамъонаю гурӯҳӣ, ки хосси ҳамаи методҳои таълими интерактивӣ мебошад, бегонагӣ ва канораҷӯйӣ дар байни хонандагонро пешгирӣ мекунад.

Дар нақши мутахассис – шиноскунанда омӯзгор маводи таълимии дар шакли матн таҳияшударо баён менамояд, маводи видиоиро нишон медиҳад, ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб медиҳад, натиҷаҳои кори иштирокчиёнро мушоҳида мекунад ва ғайра. Ҳамчун ташкилотчӣ – фасилитатор ((анг.facilitator, аз лот. facilis- осон, созгор)- шахсе, ки иртиботи муваффақонаи гурӯҳи одамонро таъмин менамояд), ӯ ҳамкории омӯзандагонро бо атрофиёни ҷамъиятӣ ва табиӣ ташкил мекунад: иштирокчиёни машғулиятро ба зергурӯҳҳо ҷудо мекунад, онҳоро ба мустақилона ҷамъ овардани маълумот моил месозад, дар мувофиқа кардани иҷрои супориш бо ҳамдигар ва омода намудани пешниҳодҳо ба онҳо мадад мерасонад ва ғайра . Дар нақши мушовир омӯзгор ба таҷрибаи касбии иштирокчиён рӯ меоварад ва дар ҷустуҷӯйи ҳалли масъалаҳои аллакай ба миёнгузошташуда ва мустақилона ба миён гузоштани масъалаҳои нав ва ғайра мадад мерасонад. Бартарияти муҳимми ҳамкорӣ дар гурӯҳҳо, ки хосси методҳои интерактивии таълим мебошад, моделсозии системаҳои аз ҳам вобаста ва муносибатҳои байниҳамдигарие, ки дар ҳаёти воқеӣ мавҷуданд, ба шумор меравад [7:60]. Инчунин ба хонандагон имкон медиҳад, ки мувофиқати психологии муошырату рафторро дарк ва баррасӣ намоянд, ки ба коркард кардани малакаҳои барқароркунии робита ва рушди иттиҳоди гурӯҳӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон хонандгон бо чунин ҳодисаҳое мувоҷеҳ мешаванд, ба мисли фишоровариии гурӯҳӣ, муросокорӣ ва дар рафти тасмимгирии гурӯҳӣ ширкат варзиданд. Дар ҳолати ғайрирасмӣ ҳар як иштирокчӣ метавонад, нуқтаи назари худро баён намояд ва ҳамзамон хонандагон худро ва ҳамдигарро хубтар мешиносанд ва сифатҳоеро нишон медиҳанд, ки барояшон дар рафти муошират ва ҳамкорӣ бо дигарон монеъ мешаванд. Ин чиз дар раванди худомӯзӣ хеле муҳим аст.

Дар омӯзиши фанҳои таълимӣ имрӯз ҳам методҳои анъанавӣ ва ҳам методҳои худфаъолият ба кор бурда мешаванд. Масалан, ҳагоми таълими фанни ҷамъиятшиносӣ барои аз худ кардани малакаҳои фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ аз ҷониби хонандагон лозим аст, методҳо ва усули зерин ба кор бурда шаванд:

- ✓ гирифтани маълумоти ҷамъиятӣ аз сарчашмаҳои мухталиф, аз ҷумла маълумоти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;
- ✓ дарки бархӯрдҳо ва дидгоҳҳои мухталифе, ки дар онҳо пешниҳод шудаанд;
- ✓ ҳалли масъалаҳои назариявӣ, маърифатӣ ва амалие, ки шароит ва ҳолатҳои маъмулии ҳаётиро инъикос кардаанд;
- ✓ ба таври мухтасар ва дақиқ баён намудани ақидаи арзёбии худ доир ба ҷомеаи муосир дар асоси муқоисаи далелҳо ва тавзеҳи онҳо;
- ✓ арзёбии амалҳои худ ва амалҳои одамони дигар аз дидгоҳи маънавӣ, ҳуқуқ ва фоидабахшии иқтисодӣ;
- ✓ ширкат дар бозиҳои омӯзишӣ (бозиҳои нақшдор, вазъиятӣ, коршиносӣ), намоишҳое, ки дар асоси ҳолатҳои ҳаёти рӯзмарра таҳия шудаанд;
- ✓ ташкили корҳои эҷодӣ доир ба мавзуъҳои ҷамъиятшиносӣ ва ғайра.

Чунин шаклу усули фаъолияти таълим барои амиқтар аз худ кардани донишҳои марбут ба шаҳрвандӣ аз ҷониби хонандагон, дар онҳо ташаккул додани ақида ва мақсад мусоидат мекунад.

Дар мавриди таълими фанҳои дақиқ намудҳои махсуси фаъолият ба кор бурда мешаванд. Қобили зикр аст, ки ҳангоми омӯзиши адабиёт аз ҷониби хонандагон чунин усул, ба мисли хониши мулоҳизакоронаю мустақилонаи асарҳои бадеии жанрҳои гуногун; хониши ифоданок, навъҳои гуногуни аз ёд кардани матнҳои назмӣ, ҷавоб ба саволҳое, ки дониш ва фаҳмиши матни асарро нишон медиҳанд, таҳлили ҳаматарафа ва

тафсири матнҳо, тартиб додани нақшаҳо ва навиштани тақризҳо ба асарҳои бадеӣ, навиштани нақли хаттӣ бо унсурҳои иншо ва ғайра ба кор бурда мешаванд.

Дар беҳтар намудани фаъолияти таълимии омӯзгорон доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ бояд ба таъминоти методии онҳо – донистани усули гуногунгуни педагогии онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд.

Аз рӯйи ҳаҷм, возеҳӣ, мақсаднокӣ ва самарабахшии педагогии истифодаи методҳои педагогӣ метавон, дар бораи маҳорати педагогии омӯзгор қазоват кард.

Усулҳои тарбияе, ки дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассати методҳои худомӯзӣ ба кор бурда мешаванд, вобаста аз равия ва хусусияти корбурди воситаю методҳо метавон, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

- ✓ воридкунӣ ба муҳтавои маводи таълимии тавзеҳшаванда;
- ✓ усуле, ки асосашонро ибрати шахсӣ ташкил медиҳад;
- ✓ талаботи мустақим ва бевоситаи педагогӣ;
- ✓ талаботи педагогии ғайрирасмӣ;
- ✓ талаботи педагогии бавосита.

Ба ҳайси усули муҳимми тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ метавонанд, усули зерин хизмат намоянд:

- ✓ мисол овардан (қаҳрамонии аскарон, аз ҷумла ҳамдиёрони хонандагон, бартарии техникаи ватанӣ, амалҳои мутахассисоне, ки дониши хуби касбӣ доранд дар шароити фавқулоддаи душвор амал менамоянд, иҷрои бовиҷдонона ва фидокоронаи қарзи конститутсионӣ);
- ✓ истифодаи муқоиса ва муқобилгузорӣ (сиёсати хориҷии давлатҳои гуногун, имкониятҳои илму маориф дар кишварҳои мухталиф, сатҳи рушди фарҳанг ва ғайра);
- ✓ нақли равшану образнок (анъанаҳои халқӣ ва расму ойини ватан ва зодгоҳ, ҳодисаҳои гуногуни корнамоиҳои ҷангие, ки шуърати на он қадар зиёд доранд, нақшаҳои ояндаи рушди минтақа, тавсифи бартарияти хизмат ба Ватан, симои ахлоқии шаҳрванди муосир ва ғайра;
- ✓ шарҳу фош кардани маълумоти бардурӯғи марбут ба таҳрифи таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ;
- ✓ таҳлили ҳаматарафаи далелҳо ва ҳодисаҳо (ҷиҳатҳои мусбату манфӣ дар рушди иқтисодии кишвар,ихтилофот дар рушди соҳаи маънавии ҷомеа.

Дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ шакли муносибатҳое, ки дар рафти дарс сурат мегиранд, ба хонандагон таъсири тарбиявӣ мерасонад. Принсипнокӣ, риояи одоб ва некхоҳӣ ба фаъолияти ғайратмандонаи ҳар як иштирокчии раванди омӯзиш мусоидат мекунад, дар ӯ хусусиятҳои зарурии шахсиро тарбия мекунад. Ба хусусиятҳои хосси муносибатҳои мазкур шахсияти омӯзгор ва маҳорати педагогии ӯ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Аз ҷумлаи хусусиятҳои асосии таъсиргузори омӯзгор эътиқодмандии ғоявӣ, тафаккури хуб инкишофёфтаи гуманитарӣ, ватадӯстӣ ва сифатҳои хуби шаҳрвандӣ, ахлоқи хуб, дониши хуби илмӣ, дараҷаи баланди фарҳанги умумӣ ва маҳорати баланди касбии омӯзгор ба шумор мераванд.

Дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон усули фарқкунандаи худомӯзӣ ва мавқеи шахсию иҷтимоии омӯзгор муҳим арзёбӣ мешаванд, ки аз инҳо иборатанд:

- ✓ муносибатҳои хуби шахсӣ ба муҳити калону хурд;
- ✓ мулоҳизаҳои созанда дар бораи стратегия ва афзалиятҳои рушди кишвар дар давраи ҳозира, амнияти экологии минтақа, зарурати хуб иҷро кардани вазифаи шаҳрвандию ҳарбӣ ва ғайра;
- ✓ муносибати хуб ба анъанаҳои мардумӣ, эътиқодоти динӣ, таърих ва ояндаи хатмкунандагони мактаб ва ғайра;
- ✓ суханони хуб дар бораи ҳолати корҳо дар мактаб ва аҳли синф;

✓ муносибати боэҳтиром ва боварибахш ба хонандагон, роҳ надодан ба маҳдудияти ҳуқуқи шахсии онҳо, гуфтори хубу пурэҳсос доир ба мавзуъҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.

Дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути усули худомӯзӣ муҳити атрофи хонанда, ки бо руҳия ва муҳтавои худ ба тарбияи ватандӯстии хонандагон мусоидат мекунад, ҷойгоҳи хосса дорад.

Дар мактаб ташкил кардани раванди таълиму тарбияи ҷудонопазир хеле муҳим аст, ки дар он баробари шакли муқаррарии машғулиятҳо, усули дигари таълиму тарбияи дастҷамъона ва фаъолияти инфиродии хонандагон, ки ба ҷоннок кардани фаъолияти эҷодии ватандӯстию шаҳрвандии хонандагон, рушди андешаронии мустақилона, тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ ва маънавии шахс, фарҳанги ахлоқию эстетикии ӯ ва ғайра равона гардидаанд, ба кор бурда шаванд.

Дар раванди рушди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, бешубҳа, ба ҳисоб гирифтани машғулиятҳои таълимии хонандагон ҳамчун субъектҳо, ҳавасмандӣ ва имкониятҳои онҳо дар фаҳмиши мавзуъҳои ватандӯстӣ ва тарбиявӣ муҳим дониста мешавад.

Кори фаъолонаи маърифатию амалии ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон нигаронидашуда,тақвияти нақши корҳои мустақилонаи амалӣ ба дурусту бошуурона аз худ кардани донишҳо ёрӣ мерасонад ва барои эъҷодкорона дар амал татбиқ кардани онҳо шароитро фароҳам меорад.

**АДАБИЁТ**

1. Давлатшоев И. Духовное воспитание школьников на современном этапе [Текст] / И.Давлатшоев. - Душанбе: Мавлави, 2006. -252 с.

2. Маркс К., Энгельс Ф. Избранные произведения [Текст] /К. Маркс, Ф. Энгельс. - М.: Госполитиздат, 1950. - С. 590.

3. Раҳмонов Э.Ш. Даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ [Матн]. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 2 / Э.Ш. Раҳмонов - Душанбе: Ирфон,2001. – 512 с.

4. Слободчиков В.И., Исаев Е.И. Психология человека [Текст]/ В.И. Слободчиков, Е.И. Исаев. - М., 1995. - С.273

5. Сухомлинский В.А. Разговор с молодым директором школы [Текст] / В.А. Сухомлинский. М.: Просвещение, 1973. 208 с

6. Усова А.В. Родительское собрание «Чтобы ребенок учился» [Текст] / А.В.Усова // Классный руководитель. - 2006. - № 7. - С. 92. .

7. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании [Текст] / К.Д. Ушинский //Журнал для воспитания. - 1857. - Т. 2. - № 7. - С.9-60.

## МАЗМУНИ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ХУДОМӮЗӢ

Мақолаи мазкур оид ба шароити муосир ризоият ва қобилияти давлат доир ба татбиқи сиёсат дар соҳаи тарбияи шаҳрвандии **хонандагон тавассути худомӯзӣ** ва дар навбати худ аз ақидаи он нисбати баъзе масъалҳои барои давраи ҳозира муҳим вобастагӣ дорад.

Инчунин муайян намудани ғояи миллӣ ҳамчун як бахши ҷаҳонбинии умумимиллӣ ва парадигмаҳои ахлоқию маънавие, ки орзуҳои шаҳрвандони моро дар бораи идеали миллӣ, таҳким бахшидани давлатдорӣ таҷассум мекунад ва метавонад, ҳамватанони моро ба корҳои бузург ба хотири ободонӣ ва тағйири ҳаёти маънавӣ барои беҳбудии ҳамаи ҷомеа водор кунад, сухан мерававд.

Усули асосии роҳандозии муҳтавои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ин дарс аст. Дар рафти тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, метавон, хусусиятҳои зерини дарси ҳамгироро нишон дод: мавҷудияти шароит барои ҳамгиросозӣ; бархӯрди ҳамагиросозӣ ба интихоби муҳтавои маълумот: донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳо, самтҳо (донишҳои илмӣ, философӣ, санъат, диншиносӣ,

мифология); интихоби шаклҳои ба муҳтавои дарс мувофиқ, ки метавонад, рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандаро таъмин намояд.

Ба ақидаи муаллиф дар мактаб ташкил кардани раванди таълиму тарбияи ҷудонопазир хеле муҳим аст, ки дар он баробари шакли муқаррарии машғулиятҳо, усули дигари таълиму тарбияи дастҷамъона ва фаъолияти инфиродии хонандагон, ки ба ҷоннок кардани фаъолияти эҷодии ватандӯстию шаҳрвандии хонандагон, рушди андешаронии мустақилона, тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ ва маънавии шахс, фарҳанги ахлоқию эстетикии ӯ ва ғайра равона гардидаанд, ба кор бурда шаванд.

**Калидвожаҳо:** *мактаб, хонандагон, сифатҳои шаҳрвандӣ, тарбияи шаҳрвандии хонандагон, худомӯзӣ, ҳамагиросозӣ, дониш, қобилият, малака, фаъолияти инфиродӣ.*

## ЦЕЛЬ ГРАЖДАНСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ ЧЕРЕЗ САМООБУЧЕНИЕ

Данная статья говорит о согласии и возможности государства реализовать политику в области гражданского воспитания учащихся посредством самостоятельной работы и, в свою очередь, зависит от точки зрения по некоторым важным для текущего периода вопросам.

Также говорится об определении национальной идеи как части национального мировоззрения и морально-духовных парадигм, воплощающих мечты наших граждан о национальном идеале, укреплении государственности и способных мотивировать наших соотечественников на великие дела в целях улучшения и изменения духовного мира, жизнь на благо всего общества.

Основным методом ознакомления с содержанием гражданского воспитания учащихся посредством самостоятельной работы является данный урок. В ходе гражданского воспитания учащихся посредством самостоятельной работы можно проявить следующие характеристики интеграционного урока: наличие условий для интеграции; интеграционный подход к выбору информационного содержания: знаний, умений, навыков, направлений (научные знания, философия, искусство, религия, мифология); подбор форм, соответствующих содержанию урока, способных обеспечить всестороннее развитие личности учащегося.

По мнению автора, очень важно организовать в школе неразрывный процесс воспитания и обучения, при котором наряду с обычной формой обучения используются иные методы коллективного воспитания и обучения и индивидуальная деятельность учащихся, что позволит Для оживления творческой активности патриотизма и гражданственности студентов следует использовать развитие самостоятельного мышления, воспитание гражданских качеств и духовности человека, его нравственной и эстетической культуры и т.д.

**Ключевые слова:** *школа, учащиеся, гражданские качества, гражданское воспитание учащихся, самообучение, интеграция, знания, умения, умения, индивидуальная активность.*

## THE GOAL OF CIVIL EDUCATION OF STUDENTS THROUGH SELF-STUDY

In this article the author gives his opinion about the consent and ability of the state to implement policies in the field of civil education of students through self-study and, in turn, depends on the point of view on some issues important for the current period.

It also talks about the definition of the national idea as part of the national worldview and moral and spiritual paradigms that embody the dreams of our citizens about the national ideal, strengthening statehood and capable of motivating our compatriots to great deeds in order to improve and change the spiritual world, life for the benefit of the whole society.

The main method of introducing students to the content of civic education through independent work is this lesson. During the civil education of students through independent work, the following characteristics of an integration lesson can be demonstrated: the presence of conditions for integration; integration approach to the selection of information content: knowledge, abilities, skills, directions (scientific knowledge, philosophy, art, religion, mythology); selection of forms that correspond to the content of the lesson and can ensure the comprehensive development of the student's personality.

According to the author, it is very important to organize an inseparable process of education and training at school, in which, along with the usual form of education, other methods of collective education and training and individual activities of students are used, which will allow the development of independent thinking to revive the creative activity of patriotism and citizenship of students. education of civil qualities and spirituality of a person, his moral and aesthetic culture, etc.

**Key words:** *school, students, civil qualities, civil education of students, self-study, integration, knowledge, skills, abilities, individual activity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф :** *Нарзулоев Ҳайбуло Саъдуллоевич муаллими калони кафедраи педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Телефон (+992) 918.90.37.20.эл.почта: khabibullo79@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Нарзулоев Хайбуло Садуллоевич, старший преподаватель кафедры педагогики Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзоды. Телефон (+992) 918.90.37.20.эл.почта: khabibullo79@mail.ru*

**Information about the author:** *Narzuloev Khaibulo Sadulloevich, senior lecturer at the Department of Pedagogy at the International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzoda. Phone (+992) 918.90.37.20. email: khabibullo79@mail.ru*

## ФОРМИРОВАНИЕ НРАВСТВЕННОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ У ПОДРОСТКОВ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОЙ СЕМЬИ

***Чобулова Н. М.***

**Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни**

Основатель мира и единства, Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон в своих выступлениях неоднократно обращал внимание на воспитание и обучение подростков в семье и в общеобразовательных учреждениях. Он подчеркнул: «Задача родителей-не только родить ребёнка, но и воспитать и создать условия для его воспитания и развития». Об этом заявил Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон на встрече с молодёжью страны, которая прошла в Кохи Борбад города Душанбе.

Затрагивая вопрос о воспитании подрастающего поколения, глава государства напомнил, что родители в этом вопросе играют важную и решающую роль.

Проблема нравственного воспитания подрастающего поколения в семье и в школе получили глубокое и разностороннее освещение в трудах выдающихся педагогов И.Арабова, М.Лутфуллозода, Б.Рахимова, Х.Афзалова, Ф.Гулмадова, А.Нурова, Б.Маджидовой, которые исходили из того, что *«сочетание общественного воспитания с воспитанием домашним должно быть очень крепким»* [1, 21].

Как известно, А.С.Макаренко разработал педагогические основы воспитательного процесса в школе и методику воспитания детей в семье, наметил пути разработки научной классификации семьи. Общие требования к воспитанию ребёнка в семье получили методическую инструментовку в его «Лекциях для родителей» на основе сформулированного им принципа: *«Надо всегда помнить, что ребёнок не только ваша радость, но и будущий гражданин, что вы отвечаете за него перед страной. Надо, прежде всего самому быть хорошим гражданином и вносить своё гражданское самочувствие в семью»* [2,50]. В этом направлении советская педагогика обобщала и изучала богатый опыт семейного воспитания, связь его с воспитанием детей в школе. А.С.Макаренко также подчёркивал, что *«...семья становится естественной первичной ячейкой общества, тем местом, где реализуется прелесть человеческой жизни, куда приходят отдыхать победные силы человека, где растут и живут дети - главная радость жизни»* [2, 35]. А.С.Макаренко также подчёркивал, что вопрос о структуре семьи, о её составе, о её характере имеет кардинальное значение.

Уже в дошкольном возрасте дети усваивают первоначальные моральные представления и на их основе дифференцирует поступки на хорошие и плохие. Успешное нравственное воспитание и развитие в младшем школьном возрасте осуществляется лишь при соблюдении единства моральных требований семьи и школы.

Так, в исследовании российского учёного О.С.Богдановой установлено, что *«...нормальное нравственное развитие подростка возможно при единстве моральных требований школы, семьи и объединения их в общие воспитательные усилия»*. Как уже отмечалось выше, традиции имеют определяющее значение в народной судьбе, а этническое сохранение нации исходит и благодаря народным традициям, которые на данном этапе развития государства являются важнее, традиции, особенно, духовные передаются от поколения к поколению через язык, который выступает как элемент традиционности. Традиции, как элемент общественной жизни обусловлены конкретно-историческими и этносоциальными условиями, имеющие свою специфику. Существует огромное и многообразное количество традиций, по которым можно определить сторону бытие. Важное место в народных обычаях и традициях наших предков, выполнение которых является обязательным, наглядно показывает уважительное и почтенное отношение, занимающее огромное воспитательное место и значение у разных народов. В состав традиций нашего народа вместе с обрядами входят исторически сложившиеся обязательные ритуальные действия.

Входя в современные религиозные системы традиционно в народе многие праздники с языческих времён дошли до наших дней. Исходя из этого, хотелось бы подчеркнуть, что таджикская семья имеет свои многовековые устойчивые традиции, обычаи и обряды, которые до сих пор сохраняются в быту таджикской семьи и применяются в воспитании детей.

Таджикский учёный Б.Р.Рахимов пишет: *«Многие народные традиции, обычаи и обряды, имевшие передовой прогрессивный характер, ещё полнее и ярче проявили своё значение в условиях демократического общества Таджикистана»* [3,].

Отмечая роль национальных и региональных особенностей в воспитании детей, необходимо указать не только на прогрессивные традиции, которые стали органической составной частью моральных норм в жизни народа демократического Таджикистана и способствуют нравственному развитию личности ребёнка в семье и в школе, но и на реакционные, пережиточные, пока ещё бытующие в определённой части семей. В этой связи важное место в нашем исследовании было отведено изучение проблем этнопедагогики, указанные в работах Г.Н.Волкова и этнопедагогических исследований ученых Таджикистана.

Нельзя забывать, что в семье ребёнок получает первоначальные направления в воспитание правил поведения, где под влиянием родителей формируется его отношение к взрослым членам семьи, к братьям и сестрам, к другим людям, к окружающей действительности.

Очень важно в условиях рынка самоценность и идея бескорыстного труда, который может быть полезен определёнными личностными качествами и нравственными свойствами, приобретенными в деятельности знаниями, умениями, навыками, присутствующего в традиционной культуре воспитания.

**Родители обязаны воспитывать детей в духе:**

- уважения и любви к труду, что и школа;
- приучать их к порядку и дисциплине;
- заботиться об их физическом, умственном и духовном развитии;
- во всем показывать личный пример.

Воспитание чувства уважения детей к старшим заключается в дальнейшей их заботе о родителях, старших, то есть почитать, уважать их, заботиться о них в старости. К сожалению, в современном мире не всегда воспитываются и не сохраняется такие качества, и, что самое страшное, не обращается должное внимание ни в семье, ни в школе на такие важные стороны воспитания, как забота детей о родителях.

Учитывая исключительно важную, воспитательную роль семьи для детей младшего школьного возраста, советско-российский философ А.Г.Харчев справедливо утверждает, что: ***«…ребёнок, особенно в раннем возрасте, больше предрасположен к воздействию семьи, чем к любому другому воздействию. Представляя собой малую группу, своего рода микрокосм, семья наиболее соответствует требованию постепенного приобщения ребёнка к социальной жизни и поэтапного расширения её кругозора, и опыта»*** [4, 291].

Необходимо отметить, что для достойного воспитания детей в семье с соблюдением семейных традиций и обычаев своего народа, семья должна прежде всего владеть педагогической культурой, которая проявляется и формируется в процессе педагогического просвещения, самообразования, педагогической семейной деятельности и общественного воспитания, в котором традиции и обычаи передаются из поколения в поколение.

**Система повышения педагогической культуры в семье осуществляется следующим образом:**

- ✓ через средства массовой информации - телевидение, радио, которые более доступны родителям в городской и сельской местности;
- ✓ через периодическую печать - современные газеты, просветительские журналы;
- ✓ через педагогов общеобразовательных учреждений и мероприятий, проводимые на их территории - родительские собрания, семинары и тренинги;
- ✓ через другие дополнительные воспитательно-образовательные учреждения - всевозможные курсы обучения.

В условиях современного развития Таджикистана важное значение имеет повышение педагогической культуры семей, определение путей, форм пропаганды и повышения их знаний и интереса к народным воспитательным традициям, обычаям и устному национальному народному творчеству. Говоря об устном национальном народном творчестве, необходимо отметить его немаловажное воспитательное воздействие в воспитании детей, оказывают герои данного жанра народного творчества.

Безоговорочное снятие всех мер ограничения на родные и национальные языки - региональные, официальные, государственные является первым и главным условием возрождения традиционной культуры воспитания всех этносов, проживающих на территории Таджикистана.

Родители и учителя в глазах своих детей должны заслуживать авторитет и уважение, совершёнными ими поступками нравственного поведения. Как метод убеждения формировать нравственное сознание и определять мораль, которая вырабатывается в процессе упражнения в правильном поведении. Характеризующий духовный облик, единство мысли и поступка, слова и дела говорят о методах воспитания в семье, которыми должны стать как методом подражания. Моральный климат семьи обладает незаменимым воспитательным воздействием, где отношения родителей между собой, к другим членам семьи являются для детей ничем другим как положительным примером образа жизни, а повзрослев - в свой жизненный и семейный.

Слово является величайшим духовным сокровищем в человеческом общении, и можно бесконечно обращать внимание на общение ребёнка с матерью, называя его «Материнским словом», которое носит в себе - Божество.

Говоря о методах морального воздействия и их приёмах, следовало бы отнести многочисленные обычаи, запреты, поверья, презрения, упрёк, клятва, проклятье, благословение, назидание, заклинанье, моленья и т.д.

*Назидание является одним из самых распространённых приёмов в педагогике, когда оно обращено от:* «старшего к младшему», «учителя к ученику», «народного мудреца к молодёжи», «отца, матери к своему ребёнку», «дедушки, бабушки к младшим по возрасту».

В народной педагогике ясно сознавались своеобразные условия действия «примера» на личность. Отрицательный «пример» имеет негативные последствия, отражаясь на неокрепшей психике подростка, к тому же, если он связан с тотальным насилием. Это всегда очень хорошо

понимали в народе, высказывая своё негодование таким образом: «Какой пример вы подаете своему сыну (дочери)», «Постыдитесь говорить так при детях».

Самыми устойчивыми, являются трудовые традиции, которые занимают особенное место в нравственном воспитании и формировании нравственных ценностей подрастающего поколения. Народная педагогика и народные традиции различным контекстом гармонично взаимодействует со всеми компонентами воспитания, так как в ней все факторы взаимосвязаны.

**Например, природа опоэтизирована, словом, она оживляет:**

- традиции, входит в быт, в игры, в праздники в качестве необходимой составляющей;
- является примером для подражания, так как её идеальный образ запечатлён в произведениях народного искусства и живёт в этническом сознании народа.

Благодаря личному вниманию президента Эмомали Рахмона и правительства Республики Таджикистан равновесие между традицией и современностью, которое содействует восстановлению теряемого наследия становится всё более необходимой потребностью восстановление и решения животрепещущей проблемы в науке и жизни Таджикистана. Как бы организуя связь традиций, на основе преемственности старших и младших поколений держится духовно-нравственная жизнь народов, объединяющая народ своими традициями, многообразием и духовным становлением.

Эстетический аспект один из важнейших изобразительных искусств художественного промысла в воспитании детей.

Роль народного искусства в семейном и школьном воспитании более значительно, чем можно себе представить, воспитание народным искусством занимало должное место, отводимым ему в народной педагогике. Как фактор воспитания, общая устремлённость таджикского народа к прекрасному свидетельствует о понимании воспитательной значимости искусства.

Религия является великим фундаментом человеческой культуры, которая близка такому рода итоговому фактору воспитания, как «пример - идеал», «пример - символ». Дети и их воспитание, а также их учение являются огромной и основной темой всех религий. Священные книги, также являются потенциалом воспитательных уроков нравственности для детей. Знания детей о вере их предков сыграют несомненно важную роль.

Великая мудрость, описанная в религии, является учителей всего человечества и обоюдно духовно обогащает и учителя, и ученика. В своё время светская школьная и семейная педагогика потеряли многое, отвернувшись от такого мощного фактора воспитания, каким является религия. Без изучения и анализа содержания религии невозможно найти того, кто исповедует народную педагогику. В современном демократическом обществе Таджикистана на сегодняшний день уделяется немалое внимание нравственному воспитания на основе изучения религии (Корана), с которой также связана наша национальная мораль. Мораль, в своей форме представляет устойчивые взгляды о поведении в обществе.

Организация семейного воспитания, его содержание, методы и средства имеют ряд социально-педагогических особенностей, связанных со следующими факторами:

- социально-экономическими;
- природно-климатическими;
- своеобразием демографических;
- этнических и национальных особенностей;
- прогрессивными традициями и обычаями, влияющими на духовную жизнь народа.

Всё перечисленное в совокупности влияет на каждую семью, и естественно на уровень готовности родителей к решению воспитательно-образовательной задачи, в последствии на развитие общества.

*Ряд изменений, которые внесли перестройка и в последующем изменения общественного строя показало уровень:*

- развития материальной, духовной общества и социальной жизни людей;
- нравственно-этических взглядов всех возрастов населения.

*Эти изменения оказывали немаловажное значение и влияние на:*

- состояние семьи:
- её условия в воспитании и формировании личности ребёнка;
- рост населения;
- безработицу.

*Социальной функцией семьи является воспитание детей и подготовка их к будущей жизни, в процессе реализации которой выдвигаются на первый план:*

Дар робита ба татбиқи ин нукта, ки Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, қонунгузории миллӣ ҷой ва мевқеи муассисаи таҳсилоти иловагиро ба сифати соҳаи тарбиятгар ва ташаккулдиҳандаи қобилиятҳои эҷодӣ ва салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар якчанд санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ муайян кардааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи ин санадҳои меъёрӣ таҳсилоти иловагиро ҷузъи таркибии низоми маориф дониста, мақсади фаъолияти онро инкишофи қобилияти зехнию эчодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, конеъ гардонидани рағбат, эхтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онхо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисахои таълимӣ арзёбӣ намудаанд.

Аз ҷорӣ гардидани муқаррарот оид ба таҳсилоти иловагӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", қабул ва мавриди иҷро қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Точиикистон "Дар бораи таҳсилоти иловагӣ", тасдиқ гардидани Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикистон ва таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хулоса кардан мумкин аст, ки нақш ва ҷойгоҳи таҳсилоти иловагӣ дар рушди қобилияти эҷодии хонандагон ногузир буда, омӯзиш ва таҳлили илмии соҳа дар самти мазкур, ба манфияти кор хоҳад буд. [6]

Таҳлилҳо дар самти мазкур баръало собит намуданд, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фазои созгори ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон шуда метавонанд. Барои мисол, фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» ба сифати объекти омӯзиш қарор дода шуда, дар самти ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд.

Ҳамин тариқ омӯзиши таҷрибаи Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» ҳамчун муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ дар самти дарёфт ва тарбияи истеъдодҳои наврас аз усули салоҳиятнокӣ бо роҳи эҷодкорӣ нишон доданд, ки он мунтазам аз пайи ташккул ва инкишофи салоҳиятҳои эҷодии хонандагон аст, ки ин амал самарабахш мебошад. [7]

Яъне фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» дар асоси принсипи ҳамгиро, ҳамкории ҳайати роҳбарикунандаву омӯзгорӣ бо таълимгирандагон асос ёфта, дар ҳама маврид дарёфт ва ташаккули қобилиятҳои эҷодии таълимгирандагон тавассути ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории онҳо роҳандозӣ карда мешавад, ки ин амал додани бартариятро ба мустақилияти эҷодии кӯдакон дар мадди аввал мегузорад.

Дар байни хусусиятҳои хоси системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон, «ҳуқуқи интихоби озод» ва «ҳамкории омӯзгор ва кӯдак» ҳамчун принсипҳои тобеъкунандаи педагогии падидаи мазкур аҳамияти аввалиндараҷа ва калидӣ доранд. [3, 60]

Албатта барои татбиқи принсипҳои мазкур шароити мусоиди педагогиву психологии муассисаи таҳсилоти иловагӣ ва таҷрибаи кофии ҳайати омӯзгорон, ки пеш аз ҳама худ бояд дорои қобилиятҳои эҷодкорӣ бошанд, асос шуда метавонад, ки он як навъ дастгирии педагогии раванди мазкур арзёбӣ мегардад.

Дастгирии педагогӣ - фаъолияти махсуси педагогие мебошад, ки инкишофи фардии кӯдакро бо дарназардошти эътирофи қобилияте, ки аллакай вуҷуд дорад, таъмин намуда, дар ин самт бо фароҳам овардани мустақилияти эҷодӣ тавассути ташаккули салоҳиятҳо мусоидат менамояд. [3, 328]

Бо дарназардошти ин нукта дар Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» раванди ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон пеш аз ҳама тавассути дарёфт ва рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо амалӣ гардида, аслан он тибқи тартиби зерин сурат мегирад:

-ҷалби хонандагон ба маҳфилҳо ва иттиҳодияҳои таълимиву эҷодӣ;

-ҷалби хонандагон ба чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ.

1.Ҷалби хонандагон ба маҳфилҳо ва иттиҳодияҳои таълимии Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» давраи муйян надошта, аслан ба тариқи зайл сурат мегирад:

- тавассути баргузории чорабинии оммавии «Рӯзи дарҳои кушод» дар як сол як маротиба бо давомнокии аз як рӯз то як ҳафта, ки одатан дар оғози соли таҳсил сурат мегирад;

- тавассути бурдани корҳои тарғиботӣ бо роҳи ташкили вохӯрии омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ё нашри эълонҳо дар ВАО ва сомонаҳои иҷтимоӣ, ки аслан дар натиҷаи ташкили маҳфил ва иттиҳодияҳои нав сурат мегирад;

- тавассути корбурди усули «Аз ҳамсол ба ҳамсол», ки он дар натиҷаи тарғиби фаъолияти муассиса аз ҷониби худи хонандагон миёни ҳамсолонашон сурат мегирад.

Ба воситаи роҳҳои зикргардида хонандагон нахуст ба як ва ё якчанд (то се) маҳфил ва иттиҳодияҳои таълимӣ аз рӯйи ҳавас ва завқ номнавис гардида, сипас дар натиҷаи аз ҷониби омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ бурдани корҳои инфиродӣ бо онҳо, дар доираи қобилиятҳои ошкоршудаашон ба таври доимӣ дар гурӯҳҳои мушаххас фаъолият менамоянд.

2. Яке аз роҳҳои дигари натиҷабахш дар дарёфти истеъдодҳо ва ҷалби онҳо ба маҳфилҳои муассисаи таҳсилоти иловагӣ бо мақсади рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва минбаъд ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон ин ташкилу баргузории чорабиниҳои фарҳангиву маърифатии оммавӣ ва озмуну мусобиқаҳо байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки мунтазам аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» доир карда шуда, дар натиҷаи онҳо гурӯҳи зиёди хонандагон ба фаъолияти маҳфилҳо ҷалб карда мешаванд.

Фарқи ин роҳи ҷалби хонандагон ба фаъолияти маҳфилҳо нисбат ба усули якумӣ дар он аст, ки бо ин восита хонандагони дорои қобилиятҳои муайян тавассути иштирок ва ҳунарнамоӣ дар чорабинӣ ва озмунҳои гуногун дарҳол ошкор ва барои сайқал додани фаъолияти минбаъдаи эҷодиашон ба маҳфил ва иттиҳодияҳои таълимӣ (дар ҳамкорӣ бо волидайнашон) ҷалб мегарданд, ки низ хеле самарбахш мебошад.

Ҳамин тариқ, бо ҷалб гардидани хонандагон ба фаъолияти таҳсилоти иловагӣ, ошкорсозии қобилиятҳои эҷодии онҳо ва дар ин асос тақсимбандиашон дар гурӯҳҳо вобаста ба маҳорату малакаҳо ҷараёни ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории таълимгирандагон дар Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» асосан бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

-ҷалби хонандагон ба ташкили чорабиниҳои фарҳангиву маърифатии оммавӣ;

-ҷалби хонандагон ба раванди идораи фаъолияти эҷодии муассиса;

-ҳавасмандагардонии фаъолияти эҷодии хонандагон.

Таҷриба нишон медиҳад, ки корбурди усули мазкур барои ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон созгор буда, дар рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо ба таври назаррас мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» дар самти ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон нишон дод, ки он ҳамчун муассисаи зерсохтори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ба кӯдакону наврасони пойтахт тавассути маҳфилҳо ва иттиҳодияҳои таълимӣ хизматрасонии таҳсилоти иловагиро пешниҳод намуда, дар баробари ин ба сифати баззаи асосии корҳои тарбиявӣ дар таъмини методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти мазкур ва ташкили чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ ва озмуну мусобиқаҳо байни хонандагон фаъолият менамояд.

Дар муассисаи мазкур ҳамасола то чил маҳфил бо фарогирии наздики 2000 таълимгиранда дар равияҳои эҷодиёти техникиву бадеӣ, сайёҳӣ – кишваршиносӣ, варзишӣ, ҳунаромузӣ, забондонӣ ва ғайраҳо ташкил карда мешаванд. Дар баробари ин дар назди муассиса ансамбли бачагонаи «Шукуфаҳои пойтахт» бо гурӯҳҳои навозандагиву овозхонӣ ва рақси миллӣ, лабораторияи инноватсионӣ ва рузномаи «Салом, оянда» фаъолият намуда, он дорои заминаи зарурии моддиву техникӣ, бинои алоҳидаи таълимии муҷаҳҳаз бо лавозимоти таълимӣ ва Боғи кӯдакон буда, инчунин пешбарандаи фаъолияти ҳаракати ҷамъиятии наврасон – Созмони хонандагони Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Душанбе мебошад.

Мавриди тазаккур аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба масъалаи дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва ташаккули қобилиятҳои эҷодии наврасон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд, ки фаъолияти муассисаи зери назар низ аз ин таваҷҷуҳ ва дастгириҳо мунтазам баҳравар мегардад.

Натиҷаи ин таваҷҷуҳ ва дасгириҳо дар санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ низ инъикос гардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» ва Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои давраи то соли 2025 гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд.

Илова бар ин баҳри дарёфт, рушди истеъдодҳо ва дастгириву ҳавасмандагрдонии онҳо ҳамасола дар мамлакат таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" барои китобдӯсторон ва ҷалби оммавии аҳолӣ ба китобхонӣ, озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» барои навоварон ва ихтироъкорон, озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – ватани азизи ман» барои эҷодкорон ва озмуни «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» барои донандагони таъриху тамаддуни миллӣ ташкилу гузаронида мешаванд, ки дар шаҳри Душанбе ин озмунҳо тавассути муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ доир мегарданд.

Дар шаҳри Душанбе таҳти сарпарастии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ тавассути ин муассиса ҳамасола озмунҳои «Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе», «Тоҷи сари ҷумла – ҳунарҳост илм», Форуми навқаламон ва эҷодкорони наврас таҳти унвони «Килки сабз» бо дарназардошти чопи асарҳои эҷоднамудаи адибони наврас, Фестивал - озмуни истеъдодҳои наврас бо номи «Шукуфаҳои пойтахт», олимпиадаи даставии хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз фанни технологияи меҳнат, мусобиқаи ҳарбӣ – варзишии ватандӯстонаи «Ватанпарвар» ва ғайраҳо ташкилу баргузор карда меешаванд, ки онҳо дар дарёфти истеъдодҳо ва ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон нақши муҳим мебозанд.

Дар баробари ин инак, тӯли чанд сол аст, ки таҳти сарпарастии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ муассисаи мазкур Форуми байналмилалии «Душанбе – шаҳри имконоти рушди кӯдакон», Фестивали байналмилалии дӯстии кӯдакону наврасони Иттиҳоди давлатҳои Мустақил – «Дар меҳмонии Душанбе» ва

«Фестивали байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон» - ро таҳти унвони «Истеъдодҳои наврас» баргузор менамояд.

Илова бар ин аз ҷониби ин муассиса ҳамасола дар давраи таътили тобистона барои кӯдакону наврасон лагерҳои истироҳативу омӯзишӣ ташкил гардида, инчунин хонандагони соҳибистеъдод ба ҳамоиш ва форуму фестивалҳои байналмилалӣ сафарбар карда мешаванд.

Бо таҳлили паҳлуҳои назариявӣ ва амалии мавзӯи зери назар, бо боварӣ метавон гуфт, ки истифодаи низоми интихобнамудаи Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» дар системаи таҳсилоти иловагӣ самарабахш буда, он имкон дорад бо ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон пеш аз ҳама дар тарбияи инсони комил, ки ҳар ҷомеа ба он ниёз дорад, мусоидат намояд.

## АДАБИЁТ:

1. Гильмутдинова Р. У. Креативная компетентность и ее структура [Электронный ресурс] https://cyberleninka.ru/article/n/kreativnaya-kompetentnost-i-ee-struktura

2. Дополнительное образование детей. Психолого – педагогическое сопровождение // отв. ред. Л.В. Байбородова. – 2-е изд., испр. и доп. - М. “Юрайт”, 2016. – 413 с.

3. Евладова Е.Б. Дополнителӣное образование детей // Евладова Е.Б., Логинова Л.Г., Михайлова Н.Н. - М. “Владос”, 2004. – 349 с.

4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94.

5. Культура и воспитание подротсков в современном мире // Под. ред. В.А. Березиной – М.: “Мегаполис”, 2015, - 488 с.

6. Раҳимӣ К.М. Нақши таҳсилоти иловагӣ дар рушди қобилияти эҷодии хонандагон // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №1 (41), 2023, саҳ. 140 – 146.

7. Раҳимӣ К.М. Низоми самарабахши рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон // Маърифати омӯзгор, №3, 2023, саҳ. 34 – 40.

8. Фадеева А.П. Развитие образовательной среды учреждений дополнительного образования как условие творческой самореализации детей и подростков: автореф. дис. ...канд. пед. наук // А.П. Фадеева. – Уляновск, 2010.

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

**(Дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе»)**

Мақола ба таҳлили вазъи ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ, ҳамчун падидаи наву муосири рушди қобилияти эҷодии кӯдакон дар фазо ва муҳити созгори эҷодӣ бахшида шуда, дар он паҳлуҳои назариявию амалии масъала баррасӣ гардидаанд.

Зарфиятҳои эҷодӣ дар кӯдак аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, дар баробари афзоиш ва рушд ташаккул меёбанд. Аммо, имконияти дарк кардани эҷодкорӣ дар кӯдакон яксон набуда, он аз табиат ва сифати ҳамкориҳои он бо калонсолон дар марҳилаҳои гуногуни давраи наврасӣ вобастгӣ дорад, ки низ дар маҷмуъ корбурди усули таълими босалоҳиятро талаб менамояд.

Агар ин усул тавассути эҷодкорӣ ба роҳ монда шавад, зарфияти бузурги ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ бо истифодаи корбурди салоҳиятҳои эҷодкорӣ ба даст меоянд.

Аз ин ҷо масъалаи ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон, ки маҷмӯйи донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳо ва сифатҳои шахсии ба эҷодкорӣ равонагардидаро дар бар мегиранд, дар низоми таҳсилоти иловагӣ падидаи нав буда, ҷорӣ кардани он дар пешбурди фаъолияти ин соҳа муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Дар мақола муҳиммияти ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ таҳлил гардида, шаклҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамчунин дар мақола масъалаи

фаро гирифтани хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳри Душанбе дарҷ гардидааст.

**Вожаҳои асосӣ:** *салоҳиятҳои эҷодкорӣ, қобилияти зеҳнӣ, қобилияти эҷодӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, таҳсилоти иловагӣ, маҳфилҳо, корҳои бернуазсинфӣ, корҳои беруназмактабӣ, марказҳои эҷодии кӯдакон, фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ КРЕАТИВНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ В УЧРЕЖДЕНИИ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

### (На примере деятельности Государственного учреждения «Детско-юношеский центр города Душанбе»)

Статья посвщена процессу формирования креативных компетенций учащихся в учреждении дополнительного образования, как новому и современному явлению развития творческих способностей детей в творческой среде, с учетом теоретическо - практического анализа данной проблематике.

Творческие способности у ребенка возникают с момента рождения и формируются по мере роста и развития. Однако способность понимать творчество у детей неодинакова, она зависит от характера и качества их взаимодействия со взрослыми на разных этапах подросткового возраста, что также требует использования компетентного метода обучения.

Если творчески подойти к использованию методов формирования компетентности, то будет получен значительный результат раскрытия и развития творческих способностей.

В этой связи формирование креативных компетенций учащихся, что исходит из совокупностей знаний, навыков, способностей и личностных качеств, в системе дополнительно образования явление новое и его внедрение для дальнейшей деятельности этой сферы является актуальным и своевременным.

В статье также анализируется значение формирования креативных компетенций учащихся в условиях учреждении дополнительного образования, путем практического анализа привлечния детей в деятельность учреждения дополнительного образования города Душанбе.

**Ключевые слова:** *креативные компетентности, интеллектуальные способности, творческие способности, выявление и развитие одаренности, дополнительное образование, кружки, внеурочная деятельность, внешкольная деятельность, детские творческие центры, привлечение учащихся в дополнительное образование.*

## FORMATION OF CREATIVE COMPETENCIES OF STUDENTS IN ADDITIONAL EDUCATION INSTITUTIONS

### (Based on the example of the activities of the State Institution "Children and Youth Center of the city of Dushanbe")

The article is devoted to the process of developing students' creative competencies in additional education institutions, as a new and modern phenomenon of the development of children's creative abilities in a creative environment, taking into account the theoretical and practical analysis of this issue.

A child's creative abilities arise from the moment of birth and are formed as they grow and develop. However, children's ability to understand creativity varies and depends on the nature and quality of their interactions with adults at different stages of adolescence, which also requires the use of a competent teaching method.

If you creatively approach the use of methods for developing competence, you will get a significant result in the disclosure and development of creative abilities.

In this regard, the formation of creative competencies of students, which comes from sets of knowledge, skills, abilities and personal qualities, is a new phenomenon in the additional education system and its implementation for further activities in this area is relevant and timely.

The article also analyzes the significance of the formation of creative competencies of students in the conditions of an additional education institution, through a practical analysis of the involvement of children in the activities of an additional education institution in the city of Dushanbe.

**Key words:** *creative competencies, intellectual abilities, creativity, identification and development of giftedness, additional education, clubs, extracurricular activities, extracurricular activities, children's creative centers, attracting students to additional education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Раҳимӣ К.М. – директори Муассисаи давлатии “Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе”, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к.Шотемур 54. E-mail: komiljon_83@mail.ru, тел: +(992) 93-851 1111.*

**Сведения об авторе:** *Рахимӣ К.М. – директор Государственного учреждения “Детско-юношеский центр города Душанбе”, соискатель Института развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образования Республика Таджикистан, город Душанбе,, ул.Шотемур 54. E-mail: komiljon_83@mail.ru, тел: +(992) 93-851 1111*

**Information about the author**: *Rahimi K.M. - Director of the State Institution "Children's and Youth Center of the City of Dushanbe", applicant of the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shotemur st. 54. E-mail: komiljon_83@mail.ru , tel: + (992) 93-851 1111*

**УДК:001:78.34(09)(575.3)**

# РУШДИ ИЛМ ВА ҲУНАРИ МУСИҚӢ ДАР ҲИРОТ ДАР АСРИ XV

***З.Ахмедов***

**Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов**

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ шаҳри Ҳирот яке аз марказҳои кадимтарини фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад ва дақиқан таърихи чандинҳазорсола дорад. Номи қадимии ин шаҳр аслан “Орӣ ё Арӣ” буда, баъдан бо мурури замон ва гардиши айём ба “Ҳарӣ” табдил ёфтааст. Ин шаҳрро ақвоми қадими ориёӣ пас аз ҳиҷрат ба эронзамин дар соҳили Орирӯд (Ҳарирӯд) бунёд карда будаанд ва он минбаъд пойтахти давлати Ориён гардид ва ҳудуди он қаламрави таърихии Хуросони таърихиро дарбар мегирифт. [1]

Дар яке аз сарчашмаи дигар низ ҳамчунин дар тавсифи шаҳри Ҳирот гуфта шудааст, ки Ҳирот аз қадимулайём яке аз шаҳрҳои бузурги билоди Хуросон аст. Ҳолдонҳо далел овардаанд, ки ҳанӯз дар асрҳои 5-6 ҳиҷрӣ бо ҷалолу азамат ва дар фахру ҳусн ва касрати (зиёд будани) аҳолӣ, инчунин доштани боғҳову мазоре (киштзор), Ҳирот макони басо ободе ба шумор мерафтааст, ки баъдан бо дасти чингизиён хеле хароб гардидааст.[1]

Ҳирот аз қадимулайём яке аз шаҳрҳои ободу зебо ва сернуфузи сарзамини Хуросон ба шумор мерафт ва дар тӯли мавҷудияташ ходиса ва фоҷиъаҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст. Масалан, маълум аст, ки соли 1221 милодӣ ин шаҳр дар қатори дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон мавриди ҳамлаи лашкари муғул қарор гирифта, мардуми он далерона бо чингизиён ҷангиданд, вале дар натиҷаи нобаробарии қувваҳо оқибат шикаст хӯрданд.

Вале шаҳри Ҳирот минбаъд, махсусан дар давраи ҳукмронии Султон Ҳусайни Бойқарои Темурӣ (1469-1506) ба маркази бузурги тамаддун ва фарҳанг табдил ёфт. Аз сарчашмаҳои таърихӣ аён аст, ки дар рушди фарҳанг ва ободии маърифати аҳли Ҳирот нақши Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва инчунин вазири вақт шоир Алишер Навоӣ хеле бузург аст. [2]

Шаҳри Ҳирот дар сояи маърифатпарварии ин ду шахсияти бузург ба маркази илмиву фарҳангӣ ва адабии на танҳо Хуросону Мовароуннаҳр, балки тамоми манотиқи

атроф мубаддал гардид. Ба дарбори сарварони Ҳирот ҳазорон нафар донишмандони машҳур, меъморон, мусиқишиносон, рассомон, наққошон, хушнависон, заргарон, саҳҳофон аз Мовароуннаҳр, Хуросон, Форс, Ироқ, Қафқоз, Ҳиндустон даъват мешуданд ва муддатҳои дароз дар ҳамин шаҳр зиндагӣ ва эҷод менамуданд.

Дар замони ҳукмронии Темуриён ба шаҳри Ҳирот бо даъвати бевоситаи Султон Ҳусайн Бойқаро теъдоди беандоза зиёди олимону шоирон, ҳунармандону косибон, аз ҷумла аҳли ҳунари мусиқӣ – сарояндагону мутрибон ҷалб гардида буданд.

Масалан, бино ба маълумоти Зайниддин Восифӣ дар баробари бузургони шеъру адаб ба мисоли Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мир Алишери Навоӣ, Мавлоно Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Мавлоно Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Мавлоно Наргисӣ, Камолиддини Беҳзод, Хоҷа Маҷдуддини Вазир, Мавлоно Алии Сафӣ, Мавлоно Мирхонд, Мавлоно Сайфии Бухорӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ ва дигарон дар шаҳри Ҳирот Ҳофиз Басир, Ҳофиз Мир, Ҳофиз Ҳасан Алӣ, Ҳофиз Ҷомӣ, Ҳофиз Султон, Маҳмуди Айшӣ, Шоҳмуҳаммади Хонанда, Ҳофиз Турбатӣ ва Ҳофиз Чароғдон, ҳамчунин Ҳасани Нойӣ, Устод Қулмуҳаммади Удӣ, Устод Ҳасани Балабонӣ, Устод Алии Хонақоҳӣ, Устод Муҳаммадӣ, Устод Аҳмади Ғиҷҷакӣ ва Устод Алии Танбӯрӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд, даъват шуда буданд. [3. с.57]

Дар ҳамин давра, чуноне ки Зайниддин Маҳмуди Восифӣ зикр менамояд, дар боғи маъруфи Хоҷа Маҷидуддин (воқеъ дар деҳаи Парза) маҷлисҳои хеле бошукӯҳ бо иштироки ҳунармандон баргузор мегардид, ки дар маҷмуъ як намуд фестивалҳои ҳунариро мемонданд. Дар ҳамин хусус Восифӣ менависад, ки "Хоҷа Маҷудуддин дар он ҷо боғе сохта буд, ки гулистони Ирам аз нузҳат ва хушии он ангушти таҳайюр дар дандони тафаккур мегазид ва дар он ҷо кӯшке бино ёфта буд, ки замона назири онро ҷуз дар миёни оби ойина мисолаш намедид... [3. с.57]

Вале чуноне, ки маълум мегардад, ин гуна рушди фарҳанг ва маърифат дар шаҳри Ҳироти бостон дер напоидааст ва дар натиҷаи ҳуҷуми Исмоили Сафавӣ дар ин мавзеъ истилову қатли омми аҳли суннати тамоми Хуросон, бахусус Ҳирот оғоз мегардад. Минбаъд аҳли илму ҳунари ин маркази бузурги тамаддун ва фарҳанги исломӣ як қисм куштаву ба асорат афтоданд ва зумрае бошад, аз кишвар фирор карданд ва ба сарзаминҳои Ҳиндустон, Мовароуннаҳр ва Рум паноҳ бурданд.

Аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ аён аст, ки маҳз дар ҳамон давра системаи маъруфи мусиқии "Дувоздаҳмақом" аз нав рушд пайдо карда, минбаъд зери таъсири бевоситаи ақоиди тасаввуф ва маъниҳои шеъри ирфонӣ санъати мусиқӣ низ тадриҷан бо навоҳои пардапӯш ривоҷ меёбад. Вале истилои муғул аҳли илму адабро водор намуд, ки ба манотиқи Эрон, Осиёи Сағир, ва Ҳиндустон фирор намоянд. Дар натиҷа шеъри классикии форсӣ–тоҷикӣ ва мусиқии устодонаи Дувоздаҳмақом аз сина ба сина убур намуда, таҷассумгари зиндаи орзуву омоли халқ ва садои пурмуаммои тамаддуни замони нав гардиданд. [4. с.186]

Азбаски дар ин гуна маҷлисҳои ҳунарӣ намояндагони манотиқи мухталиф – Самарқанду Фарғона, Хуҷанд, Машҳаду Бухоро доимо ширкат мекарданд, тадриҷан дар мазмуни суруду оҳангҳо, услуби иҷроӣ, истифодаи созҳои гуногун ва ғайра падидаҳои нисбатан нав – яъне пайдо шудани услубҳои тоза ба назар мерасиданд. Гуфтан мумкин аст, ки дар ҳамин давара ҳамон услуби маъруфи "мовароуннаҳрӣ" бо тарзи наҷиби "хуросонӣ" ба ҳам омада буданд.

Бояд ёдовар шуд, ки оид ба хусусиятҳои хосси услуби "хуросонӣ" ҳанӯз Абӯнасри Форобӣ (а. Х) маълумот оварда таъкид сохта буд, ки танбӯри хуросонӣ, яъне созе ки онро он замон аҳли Хуросон менавохтанд, аз танбури классикии бағдодӣ фарқи зиёд дорад. [5]

Вале мутаассифона, баъди андаке замон, дар зери таъсири лашкаркашиҳои Шайбониҳо ва парокандагии фарҳангиву забонӣ, тағйир ёфтани вазъи иҷтимоӣ дар олами ҳунар низ табаддулоти муайян ба вуқуъ мепайвандад. Яъне услубҳои асили ҳунари

мусиқӣ ва падидаҳои нодири фарҳангӣ тадриҷан ба парокандагӣ дучор мегарданд. Баъдан маълум мешавад, ки шояд маҳз бо ҳамин роҳ чанде аз падидаҳои асили суннати Дувоздаҳмақом ба Бухоро куч мебанданд. Шарҳи муфассали ин ҳолатро метавон дар навиштаҳои Наҷмиддин Кавкабии Бухороӣ ва Дарвешалӣ Чангии Бухороӣ мушоҳида намуд. [6. с.27]

Дар асри XV дар Ҳирот бо тасмими Ҷомӣ ва Навоӣ мактаби хоси ҳунарии шеъру мусиқӣ таъсис меёбад, ки шогирдони он пайваста осори хешро барои муҳокима ва шиносоӣ пешкаш мекарданд. Алишер Навоӣ, вазири Султон Ҳусайни Бойқаро ҳамеша ғазалҳо ва маснавиҳояшро ба устодаш - яъне Абдурраҳмони Ҷомӣ нишон медод ва аз ӯ маслиҳатҳои муфиди эҷодӣ мегирифт.

Бузургтарин намояндаи адабиёти ин давра шоир ва донишманди маъруф, муаллифи маснавиҳои нодир ва рисолаҳои илмӣ (аз ҷумла оид ба мусиқӣ) - Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) мебошад. Ҷомӣ дар деҳаи Ҷом, наздикии Нишопур, таваллуд ёфта, таҳсили худро дар Ҳирот ба анҷом расонид ва баъдҳо фаъолияти илмӣ ва адабиашро, асосан, дар ҳамин ҷо давом дод. Маълум аст, ӯ якчанд дафъа ба Самарқанд низ сафар кардааст. Аз он қасидае, ки Ҷомӣ дар соли 1487 оид ба шарҳи ҳоли худ навиштааст, чунин маълум мешавад, ки вай илми шеър ва қофия, сарфу наҳв, мантиқ, ҳикмати Шарқ ва Юнон, табииёт, риёзиёт ва илми ҳайатро омӯхта, баландтарин дараҷаи дониши замонаро азхуд карда будааст. "Баҳористон" ном асари ӯ, ки дар равияи "Гулистон"-и Саъдӣ таълиф ёфтааст, аз беҳтарин намунаҳои насри асри XV маҳсуб мегардад. Ҷомӣ дар асарҳои худ ҳамаи навъҳои адабиро моҳирона такмил дод ва бо ҳамин ба тараққиёти минбаъдаи адабиёти тоҷик таъсири хосае расонидааст. [7]

Маълум аст, ки Мавлоно Ҷомӣ дар баробари маснавиҳо, тазкираҳо, девони ғазалиёт ба таҳқиқи илмҳои гуногун – аз ҷумла илми арӯз, қофия ва мусиқӣ шуғл баста буданд ва то имрӯз масалан, Рисолаи мусиқии ӯ хеле машҳур аст. [4. с. 210]

Аз муҳтавои Рисолаи мусиқии Ҷомӣ бармеояд, ки муаллиф аз мазмуни рисолаи қадимии мусиқӣ – осори Ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Сафиуддини Урмавӣ дарак доштааст, яъне дар ин маънӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ идомадиҳандаи фаоли ҷараёни рушди назарияи мусиқии қадима ба шумор меравад.

Маҳз аз мундариҷаи рисолаи мусиқии Ҷомӣ маълум мешавад, ки ӯ аз таълимоти гузаштагони илми мусиқишиносӣ ошноии наздик пайдо карда буд, зеро осори бузургон (Форобӣ, Ибни Сино, Сафиуддин Урмавӣ, Қутбиддин Шерозӣ) қаблан танҳо ба забони арабӣ таълиф шудаанд, аммо Мавлоно Ҷомӣ нахустин шуда илми мусиқиро бо забони модариаш тоҷикӣ тарғиб намуд ва бо ҳамин ӯ асосгузори илми мусиқӣ ба забони тоҷикӣ ба шумор меравад. [4. с.211]

Масалан, бояд эътироф намуд, ки маҳз Ҷомӣ яке аз рукнҳои бунёдии илми мусиқӣ – яъне таърихи пайдоиши онро бо дониши комил аз осори Ибни Сино такрор намудааст:

"Чун овоз, ки нисбати дуриву наздикӣ ва равшаниву торикӣ ба он яксон аст ва ийсоли (расонидани) он ба ҷиҳоти мутақобила ва ҳудуди мутағойира осон (пас) ҳеҷ сотире монеъи он натавон шуд ва ҳеҷ монеъе дофеъи он натавон гашт". [4. с. 212]

Бино ба гуфтаҳои мусиқишинос А. Низомӣ шарҳи сифати асосии овоз, яъне аз ҳамаи монеаҳо убур намудани он – ҳамон назарияи машҳури Сино мебошад, ки дар "Ҷавомеъу илм-ал-мусиқӣ" баён намуда буд ва маълум мешавад, ки Мавлоно Ҷомӣ барҳақ дар овони ҷавониашон аз илми мусиқии замон баҳраманд гардидаанд. [4. с. 214]

Дар ҷойи дигар Ҷомӣ дар шарҳи мафҳуми "нағма" чунин навиштааст: "Нағма овозеро гӯянд, ки чандон диранг кунад, ки ҳисс замони онро дартавонад ёфт... ва мебояд, ки диранг кардани овоз бар он замон бар ҳадди воҳиди муайян бошад аз ҳиддат ва сиқал, яъне тезӣ ва гаронӣ, ки онро зеру бам гӯянд". [4. с. 214]

Дар ин ҳолат низ таъсири таълимоти Форобиву Сино эҳсос карда мешавад, зеро ин классикони илм қабл аз Гвидо Аретинӣ (ваф. 1050) ва дигар уламои Ғарб исбот намуда буданд, ки садои мусиқӣ (нағма) бояд дар як сатҳи муайяни баландиву пастӣ (тезиву

гаронӣ) як замони муайян қарор бигирад, то он, ки самъи инсон тавонад ин баландиро ҳис намояд. [4. с.214]

Таълимоти Мавлоно Ҷомӣ барои дарки чараёни таърихии рушди системаи Дувоздаҳмақом низ нақши махсус дорад, зеро Ҷомӣ бо назардошти ҷараёни аз Самарқанд ба Ҳирот кӯч бастани падидаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла Дувоздаҳмақом ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии ин шоҳасари бузурги мусиқӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда буд.

Ҷолиби зикр аст, ки орифи бузург дар мавриди шарҳи муаммои таъсири оҳангҳои мақомҳо ба шунаванда, ба таълимоти ба ҳамин масъала бахшидаи аҳли тасаввуф, ки дар он замон аллакай хеле васеъ тарғиб карда мешуданд, ишорае накарда, ин масъаларо баръакс, маҳз тибқи назари муаллифони рисолаҳои "академии" мусиқӣ шарҳ додааст.

Ва ниҳоят, насиҳати охирини Мавлоно Ҷомӣ ба аҳли ҳунари мусиқӣ чунин оварда шудааст: "Ва соҳиби амал мебояд, ки бо ҳар як аз ин маҷмуъ шеърреро муқорин гардонад, ки муносиби асари он бошад, то таъсири он дар нуфус бештар ва пештар бошад...". [4. с.216 ]

Оид ба моҳияти бузурги таърихӣ ва илмии рисолаи мусиқии Ҷомӣ сухан ронда, ҳатман бояд ҳамчунин эътироф намуд, ки нақши ин рисолаи ҳаҷман начандон калон дар рушди илм ва амали мусиқӣ хеле бузург аст, зеро маҳз дар Ҳирот бо ибтикори Мавлоно Ҷомӣ (ва инчунин Камолиддин Биноӣ) сабки бузурги таълифи рисолаҳои классикии мусиқӣ идома ёфта, бо ҳамин хотима ҳам мешавад, зеро баъдан дар осори Наҷмиддин Кавкабӣ, Дарвешалӣ Чангӣ тарзу услуб ва сохтори рисолаҳои мусиқӣ комилан дигаргун шуда бештар ба тазкира шабоҳат пайдо мекунанд.

Маълумоти бисёр ҳам дақиқи таърихиро оид ба ҳаёти фарҳангӣ, анъанаҳои фаолияти аҳли ҳунар, баргузории маҷлисҳои бузурги илму адаб ва дигар хусусиятҳои Ҳиротро ҳамчун маркази фарҳангӣ метавон дар осори Зайниддин Маҳмуди Восифӣ пайдо намуд.

Ин шахсияти маъруфи замон – шоир, мутафаккир, тазкиранавис ва муаллифи рисолаҳои мухталифи илмӣ махсусан дар китоби "Бадоеъ-ул-вақоеъ" аз рӯзгори теъдоди хеле зиёди ҳунармандони замонаш маълумоти нодир овардааст.

Ахборе, ки Восифӣ дар китобаш ба қалам додааст, барои хеле ҳам рӯшан тасаввур намудани ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон, хусусан, ошноии наздик пайдо намудан бо зиндагинома ва хислатҳои эҷодии аҳли ҳунар - ҳофизону навозандагон, раққосон, хаттотон, шоирон, рассомони аср манбаи хеле ҳам муҳим ва муфид ба ҳисоб меравад. Услуби воқеанигории Восифӣ хусусияти аҷиб дорад, зеро ӯ (шояд нахустин маротиба дар таърих) доир ба шахсиятҳои воқеӣ - сароянданону мутрибони номии давр, доир ба эҷодиёти онҳо - номгӯи суруду таронаҳояшон ва ҳамчунин доир ба чигуна дар маҷлисҳои хоссу ом пазируфта гардидани ҳунарнамоии онҳо маълумоти дақиқ меорад.

Яке аз ҳамасрони Восифӣ, шоир ва мусиқидони маъруф Камолиддин Биноӣ ба шумор меравад, ки дар мероси адабӣ ва илмии ӯ низ ҳаводиси муҳимми рӯзгори фарҳангии замон инъикос ёфтааст. Гуфтан мумкин аст, ки рӯзгори Биноӣ аз ҷиҳати вазъи иҷтимоӣ, ҷангу ҷидолҳои сиёсӣ ва таҳдиду фирорҳо айнан мисли зиндагиномаи Восифӣ мебошад..

Бино ба маълумот Камолиддин Биноӣ мусиқидони мумтоз ва хаттоти хеле моҳир будааст. Масалан, ӯ ҳамчунин дар бораи илми мусиқӣ рисолаи олиҷанобе иншо намуда, худаш онро бо хатти зебои настаълиқ рӯнавис кардааст. Биноӣ рисолаи мусиқии худро тақрибан дар охирҳои асри XV, замоне, ки дар дарбори Амир Алишер Навоӣ хизмат мекард, эҷод намудааст. Аз мазмуни рисола маълум аст, ки он дар аксари авроқ ба рисолаи Мавлоно Ҷомӣ шабоҳат дорад, аммо албатта бояд гуфт, ки Биноӣ асло онро рӯнавис накардааст, балки тибқи расми ҳамон замон аз мазмуни умумии рисолаҳои мусиқии мавҷуда истифода карда, дар айни замон кулли масоили марбут ба илм ва амали

мусиқиро устодона шарҳ додааст. Биноӣ низ айнан мисли Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Маҳмуди Ҳусайнӣ услуби тақсимбандии доираҳои лаҳнии мақомҳоро бо истифода аз низоми ҳуруфи абҷад тасвир намудааст.

Доир ба ҷараёни рушди ҳунарҳои мухталиф дар Ҳирот ҳамчунин дар "Бобурнома"-и Заҳириддин Бобур маълумоти муҳим оварда шудааст. Масалан, Бобур низ мисли Восифӣ дар қатори дигар муаллифон ҳатман дар ёддоштҳояш номи мутрибон ва сароянддагони машҳури Ҳирот ва қиссаҳоро аз шарҳи ҳоли онҳо зикр намудааст. Дар саҳифаҳои Бобурнома номҳои Абдуллоҳи Марворид, Қулмуҳаммади Удӣ, Ҳусайни Удӣ, Ғулом Шодӣ, Паҳлавон Муҳаммад Бӯсаъид, Ҷалолиддин Маҳмуд Нойӣ, Шодӣ Бачча, Мирҷон, Ҷонак зикр карда шудаанд.

Муҳим аст, ки Бобур хеле нуктасанҷона таъкид намудааст, ки муғанниёни Ҳирот хеле нарм, мулоим ва нозук месароянд. Тааҷҷубовар аст, ки Бобур аз ҷараёни яке аз маҷлисҳои шоҳонаро дар Ҳирот ёдовар шуда менависад, ки сароядае бо номи Ҷонак ногаҳон ба сурудани таронаҳои туркӣ оғоз намуд, яъне маълум мешавад, ки ин гуна ногаҳон ба туркӣ суруд хондани сароянда барои ҳозирин ғайриодӣ будааст, зеро аксари ҳолатҳо дар маҷлисҳои он замон ҳамеша ва аслан танҳо ба тоҷикӣ суруд мехондаанд. [10. с.103]

Айнан дар худи ҳамин давра (охири асри XV- аввали асри XVI) боз як рисолаи маъруф оид ба мусиқӣ таҳия гардидааст, ки "Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ" ном дошта, он ба қалами яке аз устодони мусиқии замон, мутриб ва сароянда Зайнулобиддин Маҳмуд Ҳусайнӣ тааллуқ дорад. Номи ин ҳунарманди маъруфро Восифӣ, А. Навоӣ, Хондамир дар осорашон ба сифати мутриб ва донандаи мусиқӣ зикр намудаанд. Ҳусайнӣ дар Ҳирот ва чанд сол дар Самарқанд зиндагӣ ва эҷод намудааст. Аз сарчашмаҳо бармеояд, ки Зайнулобиддин Ҳусайнӣ "нури маҷлиси адибон ва уламо" будааст ва ҳамеша дар маҳфилҳои хос бо иҷро намудани суруду таронаҳои нав ширкат мекардааст.

Рисолаи мусиқии Ҳусайнӣ аз ҷиҳати мундариҷа ва услуби нигориш, таҳлили масоили нағма, бӯъд, эҷоди ҷинсҳо ва ҷамъҳо тақрибан ҳамрадифи рисолаҳои А. Ҷомӣ ва К. Биноӣ мебошад. Аммо бояд зикр намуд, ки азбаски Мавлоно Ҷомӣ ба шарҳи созҳои мусиқӣ даст назадааст, аз ин лиҳоз маълумоти Ҳусайнӣ дар бораи созҳои маъруфи мусиқӣ масалан, доир ба сози дутор хеле муҳим аст. Маълум аст, ки дар Ҳироту Самарқанд гарчанде дар асрҳои XIV-XVI кулли намуди созҳои маъмули шарқӣ аз қабили уд, қонун, ғиҷҷак, чанг, най васеъ истифода карда мешуданд, вале мутаассифона, доир ба дутор маълумот хеле кам дучор мешавад.

Зайнулобиддин Ҳусайнӣ аввалин шуда дар рисолааш боби махсусро зери унвони "Дар баёни дутор" ба шарҳи ин соз бахшида, чунин менависад: "аммо олате, ки ду тор дорад, чунон соз кунанд, ки нисбати нағмаи тори аъло (тори боло-А.Н.) бо нағмаи тори асқал (тори поёнӣ) нисбати мисл ва сулс бошад...". [11. с.93]

Ҳусайнӣ "тори аъло" - яъне тори болотарин ва "тори асқал" (аз сақил - гарон) бошад, тори поёнӣ (пасттар, аз лиҳози садодиҳиаш) гӯён ҳар ду тори дуторро тавассути нисбати риёзии садоҳои онҳо шарҳ медихад. Яъне бино ба маълумоти Ҳусайнӣ, торҳои дутор тариқи нисбати риёзии "мислу сулс" ҷӯр карда мешаванд, ки ба истилоҳи имрӯзаи мусиқӣ ҷӯри "кварта" ба шумор меравад. Ҷолиби зикр аст, ки дутори имрӯзаи тоҷикӣ одатан айнан ба ҳамин минвол - яъне ба тариқи кварта ҷӯр карда мешавад (аммо дутори калон, дар баъзе мавридҳо тариқи "квинта", "унисон" низ ҷӯр карда мешавад).

Поинтар Ҳусайнӣ ҳамчунин ҷӯри сози торҳои удро муфассал шарҳ медиҳад ва дар ин маврид гӯё худро дар пайравии мазмуни рисолаҳои анъанавии мусиқӣ қарор медиҳад. Муҳим аст, ки аз шиносоӣ бо чунин шарҳи муфассали ҷӯри уд ва тарзи муайян намудани пардаҳои садо, ҳар як мутахассиси нотадон қодир аст, кулли пардаҳои мақомҳоро муайян намояд. Ёдовар мешавем, ки матни ин рисолаи нодирро муаррихи маъруф А.А. Семенов хеле нуктасанҷона ба русӣ тарҷима карда ба он шарҳе низ илова намудааст. Дастнависи ин тарҷима соли 1987 аз ҷониби А. Раҷабов якҷоя бо факсимилеи дастхати

рисола нашр карда шудааст. [12]

Хулоса, маълум мешавад, ки дар асри XV шаҳри Ҳирот махсусан дар давраи ҳукмронии Султон Ҳусайни Бойқарои Темурӣ (1469-1506) ба яке аз марказҳои бузурги тамаддун ва фарҳанги халқи тоҷик табдил ёфтааст. Дар ҳамин давра илми мусиқӣ, ҳунарҳои гуногуни мутрибӣ, сарояндагӣ авҷ гирифта бо ташкили маъракаҳои бузурги фарҳангӣ завқи бадеии оммаи васеъ хеле баланд меравад. Силсилаи дувоздаҳмақом бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш тарғиб мегардад, дар услуби сарояндагиву навозандагӣ зери таъсири минтақаҳои ҳамҷавор падидаҳои нав пайдо мешаванд.

Дар бунёди ин гуна навовариҳо, дар рушди илму фарҳанг ва ободиву сарсабзии Ҳирот саҳми орифи бузург Мавлоно Абдурраҳмон Ҷомӣ ба назар мерасад. Шаҳри Ҳирот дар сояи маърифатпарварии ин шахсияти бузург ба маркази илмиву фарҳангӣ ва адабии на танҳо Хуросону Мовароуннаҳр, балки тамоми манотиқи атроф мубаддал гардид. Ҳамин мероси бузурги фарҳангии асри XV баъдан бо роҳҳои гуногун бо ҳунару осори бузургони миллат ба Бухорову Самарқанд бармегарданд. Дар Бухоро Наҷмиддин Кавкабии Бухороӣ ( XVI) ва Дарвешалии Чангии Бухороӣ (а. XVII) анъанаи таълифи рисолаҳои мусиқиро идома додаанд, ки муҳтавои онҳо бо таълимоти олимони мусиқидони Ҳирот робитаи зич дорад. Яъне маълум мегардад, ки маданияти мусиқии Ҳирот баъдан ба рушди ҳунари сарояндагӣ ва бастакорӣ таъсири бевосита расонидааст.

## РУЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Халилуллоҳи Халилӣ. Осори Ҳирот. Чопи сангӣ, 1309 ҳиҷрии шамсӣ.
2. Аълохон Афсаҳзод. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуввуми асри XV. Душанбе. “Дониш”. 1987с. 262 саҳ.
3. Садриддин Айнӣ. Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ. Душанбе. “Ирфон”. 1977с. 162 саҳ.
4. Аслиддин Низомӣ. Таърихи мусиқии тоҷик. Душанбе. “Истеъдод”. 2018с. 382 саҳ.
5. (Иқтибос аз маҷаллаи илмӣ – назариявӣ) “Санъатшиносӣ”. №2 (6), 2022., №1 (7), 2023., №2 (8), 2023.
6. Дарвешалии Чангӣ. Туҳфат-ус-сурур. (Рисолаи мусиқӣ). Душанбе. 2022с. 197 саҳ.
7. Аълохон Афсаҳзод. Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ. Душанбе. “Дониш”. 1980с. 222 саҳ.
8. Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Душанбе. “Адиб” 2017с. 479 саҳ.
9. Аслиддин Низомӣ. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва илми мусиқӣ. Душанбе. “Дониш”. 2019с. 199 саҳ.
10. Бабурнаме. Тошкент, 1958с. (Тарҷумаи М. Салье), 529. саҳ.
11. Суратнусхаи дастхат, саҳ. 93 (бойгонии А. Низомӣ).
12. Зайнулобиддин Маҳмуд Ҳусайнӣ. Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ. Душанбе “Дониш”, 1987с. 72 саҳ.


## РУШДИ ИЛМ ВА ҲУНАРИ МУСИҚӢ ДАР ҲИРОТ ДАР АСРИ XV


Дар мақола муаллиф вазъи рушду ривоҷи мусиқии ҳирфавии тоҷикро дар асри XV дар мисоли рушди илм ва ҳунари мусиқӣ дар Ҳиротро таҳлил намудааст. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ дар нимаи дуюми асри XV дар Мовароуннаҳр инкишофи илму адаб ва фарҳанг коста шуда, вазъияти маънавии ҷомеа куллан хароб мешавад. Дар ин давра ба ҷои шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр – Самарқанду Бухоро шаҳри Ҳирот ба

маркази фарҳангӣ табдил меёбад ва илму адаб, маданияти мусиқии тоҷик рушду нумуъ мекунад, чунки фарзандони барӯманди халқи тоҷик – Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камолиддин Биноӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва садҳо дигар намояндагони илму адаб ва фарҳанг иқомат ва эҷод намудаанд.

**Калидвожаҳо:** *мусиқишиносӣ, Алишери Навоӣ, мусиқӣ, Исмоили Сафавӣ, дувоздаҳмақом, истилои муғул, Ҳофиз Басир, Зайниддини Восифӣ, Мавлоно Биноӣ, Ҳасани Нойӣ, Аҳмади Ғиҷҷакӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, созҳои мусиқӣ, Темур, най, ғиччак.*

## РАЗВИТИЕ НАУКИ И МУЗЫКАЛЬНОГО ИСКУССТВА В ГЕРАТЕ В XV ВЕКЕ

В статье автор проанализировал развитие таджикской профессиональной музыки в XV веке на примере развития музыкальной науки и искусства Герата. Согласно историческим источникам, во второй половине XV века в Моваруннахре замедлилось развитие науки, литературы и культуры, а духовное состояние общества было полностью разрушено. В этот период город Герат стал культурным центром вместо больших городов Моваруннахра - Самарканда и Бухары, а таджикская наука, литература и музыкальная культура развивались и процветали, потому что жили и творили выдающиеся дети таджикского народа - Абдуррахман Джами , Камолиддин Бинои, Зайниддин Махмуди Васифи и сотни других представителей науки, литературы и культуры.

**Ключевые слова:** *музыковедение, Алишер Навои, музыка, Исмаил Сафави, двенадцатая позиция, монгольское нашествие, Хафиз Басир, Зайниддин Васифи, Маулана Биной, Хасан Нойи, Ахмад Гиджаки, Абдуррахман Джами, музыкальные инструменты, Темур, най, гиджак.*

## DEVELOPMENT OF SCIENCE AND ART OF MUSIC IN HIROT IN XV CENTURY

In the article, the author analyzed the development of Tajik professional music in the 15th century as an example of the development of musical science and art in Herat. According to historical sources, in the second half of the 15th century, the development of science, literature and culture slowed down in Movarunnahr, and the spiritual state of society was completely destroyed. During this period, the city of Herat became a cultural center instead of the large cities of the Eastern Sea - Samarkand and Bukhara, and Tajik science, literature and musical culture developed and flourished, because the outstanding children of the Tajik people - Abdurrahman Jami, Kamoliddin Binoy, Zayniddin Mahmudi Vasifi, Kamoliddin Behzod and hundreds of other representatives of science, literature and culture lived and worked.

**Key words:** *musicology, Alisher Navoi, music, Ismail Safavi, duvozdahmaqom, Mongol invasion, Hafiz Basir, Zainiddin Vasifi, Maulana Binoy, Hassan Noyi, Ahmad Gidzhaki, Abdurrahman Jami, musical instruments, Temur, nay, gijjak*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Ахмедов Зуҳриддин, докторант (Phd)-и Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел: +992555559100. E-mail: zukhuriddinakhmed@yandex.ru*

**Сведения об авторе:** *Ахмедов Зухриддин, докторант (Phd) Таджикской национальной Консерватории им. Т. Сатторова. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр, Рудаки, 33. Тел. (+992555559100). zukhuriddinakhmed@yandex.ru*

**Information about the author:** *Akhmedov Zuhriddin, doctoral student (Phd) of the Tajik National Conservatory named after T. Sattorov. Address: Rudaki Ave., Dushanbe, 734025. Tel. (+992555559100). zukhuriddinakhmed@yandex.ru*

УДК 796:37.035.1 (575.3)

# КОММУНИКАТИВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СПОРТСМЕНА

*Каландарбекова Б. Х.*

**Таджикский институт физической культуры имени Саидмумина Рахимова**

Коммуникативная деятельность – одна из сторон спорта. Спортсмены общаются между собой и как партнеры, и как соперники, происходит также общение с тренером, от успешности которого во многом зависит судьба спортсмена. Спортсмен общается также с судьями, зрителями, болельщиками, журналистами и т.д. В командных видах функция общения наиболее сложная. Но и в индивидуальных видах спорта спортсмен выступает в составе команды, поэтому все виды общения есть и в них. Спортсмену важно правильно построить взаимоотношения со всеми участниками коммуникационного взаимодействия.

Рассмотрим основные понятия, относящиеся к коммуникации.

***Общение*** – процесс установления и развития контактов между людьми, порождаемый потребностями в совместной деятельности и включающий в себя обмен информацией, выработку единой стратегии взаимодействия, восприятие и понимание другого человека. Коммуникативный потенциал – системное свойство личности. В основе коммуникативного потенциала лежит ряд более простых характеристик, первичных характеристик, таких, как экстравертированность - интровертированность, общительность – замкнутость, пластичность, ригидность. Коммуникативный потенциал отражает способности человека устанавливать, налаживать, поддерживать общение с людьми, изыскивать каналы коммуникации, строит стратегию и тактику контактов и т.д. Коммуникативный потенциал является ведущим показателем при определении способностей к организаторской руководящей работе, лидерских устремлений личности.

В этой статье показаны аспекты взаимоотношений спортсмена в первую очередь с тренером, затем с партнёрами по команде и далее с соперниками как основными участниками взаимодействия в спорте.

В системе «тренер - спортсмен» тренеру принадлежит ведущая роль не только в организации тренировочной и соревновательной деятельности, но и в организации общения со спортсменом. Отношение спортсмена к тренеру во многом зависит от того, как тренер относится к спортсмену.

Одно из главных психологических профессиональных качеств тренера является коммуникативная активность [4].

Тренер часто играет символические роли отца (92%) или старшего брата (7,9%). В первом случае, когда есть большая разница в возрасте, «дети» готовы слушаться вплоть до полного подчинения, но в качестве ответа требуют отеческой заботы. Когда разница в возрасте невелика, тренер может играть роль старшего брата она особенно удается заслеженному мастеру, имеющему авторитет у подопечных как выдающийся спортсмен [5].

В коллективе есть формальная и неформальная структуры. Формальная структура строится на основе делового общения, выполнения социальных ролей, например, руководитель – подчиненный. Неформальная структура строится на отношениях симпатии – антипатии внутри коллектива.

Тренер, прежде всего формальный руководитель. Но он тогда пользуется авторитетом, когда является и неформальным лидером. Лидеры должны быт и среди самих спортсменов, но если тренер не является главным лидером, то такая команда будет малоэффективна.

В своем исследовании мы определили основные моменты деятельности лидера, которые обеспечивают успешность деятельности :

-прозорливый лидер видит то, чего пока не существует;

-мудрый лидер не боится выглядеть глупцом;

-сильный лидер не боится выглядеть слабым;

-успешный лидер не боится провалов;

-чем труднее кризис, тем больше возможностей;

-настоящий лидер – это слуга спортсменов.

Наши исследования уровня удовлетворенности спортсменами своих отношений с тренерами позволили выявить, какие качества тренеров наиболее импонируют спортсменам.

Опрос спортсменов выявлял их мнения по трём компонентам взаимоотношений с тренерами – *гностическому, эмоциональному и поведенческому.* Показатель по гностическому компоненту характеризует оценку спортсменом компетентности тренера, его восприятие тренера как специалиста (52,1%). *Эмоциональный компонент* дает представление о том, насколько тренер симпатичен спортсмену как человек (21,1%). *Поведенческий компонент* даёт представление об особенностях общения, взаимодействия тренера и спортсмена (26,8%.). Исследовались представители видов спорта: гимнастика, бокса, лёгкой атлетики, волейбола.

Проведение опроса исследуемых показало, что проблема взаимоотношений между тренером и спортсменами на уровне высокого спортивного мастерства стоит достаточно остро. Только четыре спортсмена, кандидаты в мастера спорта (три девушки и один юноша) полностью удовлетворены своими взаимоотношениями с тренером.

У юношей – спортсменов наибольшая степень удовлетворенности эмоциональным контактом с тренером (53,1%), ниже находится уровень оценки компетентности тренера (29,8%), и на третьем месте поведенческий компонент отношений (17,1%).

У девушек – спортсменок наиболее высокий уровень удовлетворенности по гностическому компоненту (65,1%), несколько меньший - по поведенческому (24,6%), а наименьший – по эмоциональному показателю (10,3%). Девушки больше юноши удовлетворены профессиональной квалификацией своих тренеров, более благоприятно складывается их реальное общение, и только в эмоциональном плане различия между юношами и девушками значительный (42,9%). В целом девушки в большей мере, чем юноши, не удовлетворены взаимоотношениями с тренером.

Таким образом, спортсмены, различного пола по-разному подходят к оценке своих взаимоотношений с тренером. Девушки более всего ценят своих тренеров как специалистов, но менее удовлетворены эмоциональной стороной взаимодействия.

В ходе тренировок складываются как деловые, формальные, так и неформальные отношения. Характер этих отношений во многом определяет тренер. Тренер должен наладить взаимоотношения с лидерами команды, уделить особое внимание аутсайдерам, включить в жизнь команды автономных, т.е. тех, кто хочет быть независимым от группы.

В структуре команды самое главное место занимает лидер. Существует несколько определений понятия лидер.

Лидер – член группы, который в значимой ситуации способен оказывать существенное влияние на поведение остальных участников группы.

Лидер – индивид, который способен играть центральную роль в организации совместной деятельности и регулировании взаимоотношений в группе.

Лидер – член группы, за которым она признает право принимать решения в значимых для нее ситуациях[3].

Между понятиями лидер и руководитель имеются существенные различия:

1) Лидер выдвигается стихийно в сфере межличностных отношений в рамках конкретной малой группы; руководитель назначается либо выбирается, но происходит это всегда в условиях социального контроля;

2) Лидер, осуществляя руководство, опирается на принятые в данной группе нормы, деятельность руководителя выступает как регламентируемый обществом правовой процесс;

3) Руководитель в отличие от лидера имеет в своем распоряжении определенную систему официальных санкций;

4) Лидерство в большой степени зависит от настроения группы, руководство – явление более стабильное;

5) Сфера деятельности лидера ограничена малой группой, руководитель представляет группу в более широкой социальной сфере [5].

Проблема лидерства часто обсуждается как спортсменами, так и тренерами. Иногда речь идёт о выявлении лидера среди членов команды, а иногда члены команды пытаются оценить эффективность работы самого тренера как лидера.

Тренеру необходимо знать характеристики (параметры) лидерства по следующим причинам:

1. Часто бывает полезно выявить потенциальных лидеров среди членов команды – тех её членов, которые примут на себя ответственность за деятельность команды, будут направлять энергию других членов команды в нужное русло и уравновешивать положение, если группа или её отдельные члены попадут в условия соревновательного стресса.

2. Это помогает формировать необходимые лидерские качества у отдельных спортсменов, когда в команде нет явного лидера. Тренер может также поработать с ними индивидуально, если команда неохотно выбирает того или иного лидера.


Дар асоси маълумоти пешниҳодгардида, чунонки гуфта шуд, метавон ба ин натиҷа расид, ки дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2016-2019 истифода шуданд, аз рӯйи меъёр миёна аст.

Донишманди рус М.Б. Челишкова алоқамандии байни нишондиҳандаи дараҷаи душворӣ ва неруи фарқгузории саволу масъалаи тестро зикр намудааст. Ӯ менависад [23, с. 313]: «Саволу масъалаҳои дорои неруи баланди фарқгузорӣ одатан нишондиҳандаи миёнаи душворӣ доранд, зеро пеш аз аз ҳама, барои ҳамин гуна савлу масъалаҳо неруи баланди фарқгузорӣ хос аст.»

Мо чунин нишондодро дар намунаи як варианти саволномаи забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД-и соли 2017 дида метавонем (расми 5).




**Расми 5. Нишондидҳандаи неруи фарқгузории саволу масъалаҳои тест**

Он гуна ки дида мешавад, нишондиҳандаи неруи фарқгузории қариб ҳамаи саволу масъалаҳо баланд ва мувофиқи меъёр мебошад, ба ғайр аз саволу масъалаҳои 8-ум ва 13-ум, ки нишондиҳандаашон **0,20 ≤ D ≤ 0,29** аст. Ин саволу масъалаҳо каме норасоӣ доранд ва барои истифода дар санҷишҳои минбаъда бояд таҳрир ва бознигарӣ шаванд.

Вобаста ба ин метавон гуфт, ки саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки нишондиҳандаи миёнаи душворӣ доранд, аз назари неруи фарқгузорӣ коршоямад: метавонанд довталабони бо дастовардҳои баланди таълимиро аз довталабоне, ки натиҷаи дастовардҳои таҳсилотиашон қонеъкунанда нест ҷудо намоянд.

Дар ин замина боз ҳам М.Б. Челишкова менависад [23, с. 312], ки нишондиҳандаи неруи фарқгузории саволу масъалаҳои тестро одатан бо тавсифи боэътиборӣ (коршоямӣ) айният медиҳанд (яке медонанд), чунки бо коршоямии он саволу масъалаҳо барои расидан ба ҳадафи гузошташудаи андозагирӣ хизмат мекунанд. Барои тестҳои ба меъёр нигаронидашуда чунин тафсир комилан табиӣ ба назар мерасад, зеро мақсади асосии таҳияи онҳо фарқгузории (ҷудо намудани) хонандагон ва дар низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ интихоби довталабони беҳтарин аз рӯйи дараҷаи омодагиашон барои идома додани таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ мебошад.

Аз рӯйи маълумоти омории субтестҳои забон ва адабиёти тоҷик метавон ба чунин натиҷа расид, ки таҳиягарон ҳангоми таҳияи саволу масъалаҳои тест талаботи таҳияро хуб риоя намудаанд ва миқдори саволу масъалаҳои дараҷаи душвориашон ба талаботи назарияи тест мувофиқро низ дуруст интихоб ва ҷобаҷо кардаанд. Аз ин рӯ тақсимоти холҳоро ба тақсимоти нормалӣ (симметрӣ) наздик ҳисобидан мумкин аст.

Вобаста ба ин тестҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД-и солҳои 2016-2019 истифода шудаанд, дар асоси принсипи функсионалӣ боэътибор (коршоям) дониста мешаванд ва ин имкон медиҳад, ки ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи дараҷаи аз худ кардани мундариҷаи фанни таълимӣ баҳои дурусту воқеӣ диҳем.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. *Аванесов В.* Критерии качества педагогических измерений. [электронный ресурс]. URL: http://testolog.narod.ru/Theory75.html (дата обращения: 15.10.2020 г.)

2. *Аванесов В.С.* Теория и методика педагогических измерений (материалы публикаций). Подготовлено ЦТ и МКО УГТУ-УПИ, 2005. – 98 с. [электронный ресурс]. URL: http://iedtech.ru.fstest.ru/files/journal/2013/3/ avanesov.pdf (дата обращения: 24.02.2018 г.)

3. *Акимова Л.Н.* Основы психометрии. Методические указания к курсу / Л.Н. Акимова // – Одесса, Студия «Негоциант», 2012. – 81 с.

4. *Балыхина Т.М.* Словарь терминов и понятий тестологии. – 2-е изд. стер. / Т.М. Балыхина // – М.: Рус. яз. Курсы, 2006, –160 с.

5. *Бетелл Дж.* Введение в теорию теста и статистика теста / Дж. Бетелл, А. Забулионис //

Подготовлен при поддержке проекта ИОО – Таджикистан, 2011. – 75 с.

6. *Ефремова Н.Ф.* Тестовый контроль в образовании: Университетская книга / Н. Ф. Ефремова // – Москва: Логос, 2007. – 263 с.

7. *Звонников, В.И.* Современные средства оценивания результатов обучения: учебное пособие для студентов высш. учеб. заведений / В.И. Звонников, Б. Челышкова // – М.: «Академия», 2009. – 224 с.

8. *Ингенкамп К.* Педагогическая диагностика: пер. с нем. / К. Ингенкамп // – М.: Педагогика, 1991. – 240 с.

9. *Карданова Е.Ю.* Моделирование и параметризация тестов: основы теории и приложения / Е.Ю. Карданова // – М., 2008.

10. *Ким В.С.* Тестирование учебных достижений. Монография / В.С. Ким // Уссурийск: Издательство УГПИ, 2007, – 214 с.:ил.

11. *Клайн П.* Справочное руководство по конструированию тестов. Введение в психометрическое проектирование / П. Клайн // – Киев, 1994. – 283 с.

12. *Краснов Ю.Э.* Руководство по разработке тестовых заданий и конструированию педагогических тестов. [электронный ресурс]. URL: http://charko.narod.ru/tekst/metodiki/krasnov.pdf (дата обращения: 24.02.2018)

13. *Крокер Л., Алгина Дж.* Введение в классическую и современную теорию тестов: учебник/ под общей ред. В.И. Звонникова и М.Б. Челышковой // – М.: Логос, 2012. – 668 с.

14. *Кудинова Н.Т.* Методика разработки и применения педагогических тестовых материалов. [электронный ресурс]. URL: http://pnu.edu.ru/ru/faculties/full_time/uf/iogip/science/nir/elcatalog2/text15/ (дата обращения: 07.10.2020).

15. *Майоров А.Н.* Основы теории и практики разработки тестов для оценки знаний школьников: лекции 1-4. / А.Н. Майоров // – М.: Педагогический университет «Первое сентября», 2010, – 128 с.

16. *Майоров А.Н.* Теория и практика создания тестов для системы образования. (Как выбрать, создавать и использовать тесты для целей образования) / А.Н. Майоров // – М.: Интелект-центр, 2001, – 296 с.

17. *Мамай С. П.* Методика составления тестовых заданий: Учеб. пособие. / С.П. Мамай / Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. проф.-пед. ун-та, 2001, – 58 с.

18. *Мендель А.В.* Разработка заданий в тестовой форме и их использование в учебном процессе: учеб.-метод. пособие / А.В. Мендель // – Хабаровск: Изд-во Тихоокеан. гос. ун-та, 2017, – 56 с.

19. *Михайлова Н.С.* Разработка тестовых материалов. Учебно-методический комплекс / Н.С. Михайлова, М.Г. Минин, Е.А. Муратова, Б.В. Илюхин // – Томск: Изд-во Томского политехнического университета, 2008. – 282 с.

20. *Назаров Р.С.* Тестгузаронии педагогӣ ҳамчун усули арзёбии объективонаи натиҷаҳои раванди таълим. / Р.С. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2017. –№1-4 (49). – С. 193-199.

21. *Примбетова Г.С.* Психометрический анализ результатов тестирования в рамках Внешней оценки учебных достижений в 2014 году. / Г.С. Примбетова, А. М. Искакова. // Качество образования в Евразии. – 2015. – №3. – С. 51-64.

22. *Хусравбеков Л.Д.* Санҷиши педагогӣ ҳамчун методи объективии арзёбии сифати дониши довталабон аз физика: автореф. ... дис. ном. илм. пед.: 13.00.02 / Л.Д Хусравбеков // – Бохтар, 2020, – 48 с.

23. *Челышкова М.Б.* Теория и практика конструирования педагогических тестов: Учеб. пособие / М.Б. Челышкова // – М.: «Логос», 2001, – 432 с.

## АРЗЁБИИ ДАРАҶАИ ДУШВОРӢ ВА НЕРУИ ФАРҚГУЗОРИИ САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТЕСТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Дараҷаи душворӣ ва неруи фарқгузорӣ аз нишондиҳандаҳои сифати саволу масъалаҳои тест ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар мақола оид ба ин ду нишондиҳандаи сифати саволу

масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд, маълумот медиҳад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД-и солҳои 2016-2019 истифода шудаанд, дорои дараҷаи миёнаи душворӣ ва неруи фарқгузориanд ва ин мувофиқи меъёр аст. Истифодаи саволу масъалаҳои дорои чунин нишондиҳандаҳо дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ имкон медиҳад, ки ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон баҳои дурусту воқеӣ дода шавад.

**Вожаҳои калидӣ:** *тест, субтест, саволу масъалаи тест, арзёбии дастовардҳои таълимӣ, озмоиш, нишондиҳанда, сифати тест, маълумоти оморӣ, неруи фарқгузорӣ, дараҷаи душворӣ, индекси дараҷаи душворӣ, боэътиборӣ, саволномаи тест, меъёр.*

## ОЦЕНИВАНИЕ КОЭФФИЦИЕНТА ТРУДНОСТИ И ДИСКРИМИНАТИВНОЙ СИЛЫ ТЕСТОВЫХ ЗАДАНИЙ ПО ТАДЖИКСКОМУ ЯЗЫКУ И ЛИТЕРАТУРЕ

Трудность и дискриминативная сила рассматриваются как показатели качества тестовых заданий. В статье автор приводит информацию об этих двух показателях качества тестовых заданий по таджикскому языку и литературе, которые использовались на централизованных вступительных экзаменах (ЦВЭ) с целью отбора студентов в образовательные учреждения среднего и высшего профессионального образования Республики Таджикистан. Статистические данные показывают, что тестовые задания по таджикскому языку и литературе, которые использовались на ЦВЭ 2016-2019 г., имеют **средний уровень трудности** и дискриминативной силы и **соответствуют норме.** Использование тестовых заданий с такими показателями на централизованных вступительных экзаменах позволяет дать правильную и реалистичную оценку знаний и умений абитуриентов.

**Ключевые слова:** *тест, субтест, тестовые задания, оценка учебных достижений, апробация, показатель, качество теста, статистические данные, дискриминативная сила, степень трудности, индекс уровня трудности, валидность, тестовая книжка, критерий.*

## ASSESSMENT OF THE DIFFICULTY AND DISCRIMINATIVE POWER TAJIK LANGUAGE AND LITERATURE TEST ITEMS

Difficulty and discriminatory power are considered as indicators of the quality of test items. In the article, the author provides information on these two indicators of the quality of test items in Tajik language and literature, which were used in the centralized entrance examinations (CEE) for the purpose of selecting students to educational institutions of secondary and higher vocational education in the Republic of Tajikistan.

Statistical data show that test items in the Tajik language and literature, which were used at the 2016-2019 CEE, have an average level of difficulty and discriminative power and correspond to the norm.

The use of test items with such indicators in centralized entrance exams allows us to give a correct and realistic assessment of the knowledge and skills of applicants.

**Keywords:** *test, subtest, test items, assessment of educational achievements, approbation, indicator, test quality, statistical data, discrimination, level of difficulty, difficulty level index, validity, test book, criterion*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Азимов Ҷамшед Аслиддинзода – сардори раёсати таҳияи маводи имтиҳони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ 13/2, кв.39. Тел. (+992) 909148488. E-mail: minuzod@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Азимов Джамшед Аслиддинзода – начальник управления по разработке экзаменационных материалов Национального центра тестирования при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, 734025, город Душанбе, ул. Фирдавси 13/2, кв.39. Тел. (+992) 909148488. E-mail: minuzod@mail.ru*

**Information about author:** *Azimov Jamshed Asliddinzoda – head of department (development of test items) National Testing Centre under the President of the Republic of Tajikistan. Address: Dushanbe, 13/2 Firdavsi Street, 39, 734025, Tajikistan. Phone: (+992) 90 914 84 88. E-mail: minuzod@mail.ru*

# ФУНКСИЯИ ТАЪЛИМИ ҲИССАҲОИ НУТҚ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Салимова Д. И.***

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Морфология яке аз бобҳои муҳимтарини омӯзиши фанни забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Тибқи барнома ҳиссаҳои нутқ дар синфҳои 5, 6, 7 омӯзонида мешаванд. Ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои нутқ хонандагон бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, зеро барои аз худ намудани ин мавзуъ мушкилоти дарки хонандагон, тафаккури абстракт бояд инкишоф ёфта бошад. Мувофиқи синну соли хонанда тафаккури конкретию образнок фарқ доранд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои хонандагон шароит пайдо намуд, то омӯзиши морфологияро самарабахш гузаронида, муваффақ шаванд ва барои омӯзонидани зинаи минбаъдаи таълим омода бошанд.

Яке аз шартҳои асосии азхудкунии самараноки ин мафҳумҳо ин аст: кӯшишу ҳаракати фаъоли равонии хонандагон барои азхудкунии дониш бештар ба усули фаъоли таълим вобастагӣ дорад. Усули таълими репродуктивӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, зеро он фаъолияти интерактивии маърифатиро таъмин карда наметавонад, асосан хонандаро ба ёддошт,яъне дониши андӯхтаи пешина равона месозад. Мо ба гуфтаҳои Л. В. Занков, Ю. Н. Бабанский, боварӣ ҳосил намудем. Дар забони адабии тоҷик калимаҳо бо тартиби муайян ҷойгир шуда, ҷумлаҳои дурустро ташкил медиҳанд. Дар ҷумла ҷойи ҳар як калима ниҳоят устувор мебошад.

Ҳамаи хонандагон вазъияту воқеаҳоро як хел мефаҳманд ва шарҳ медиҳанд, ки предмети ин ё он амал дорои кадом хислатҳо мебошанд. Мо амали иҷрошуда ва аломати ашёро ба осонӣ фарқ карда метавонем. Хонанда аллакай, пай мебарад, ки амал иҷро шуда истодааст.

Ҳамин тавр, дар забони адабии тоҷик ҳиссаҳои нутқ дорои хусусиятҳои ба худ хос ва низоми муайяне ҳастанд,ки ҳар кадоме дар ҷумла вазифаи худро иҷро менамоянд. Дар забони адабии тоҷик даҳ ҳиссаи нутқ мавҷуд аст, ки он ба ду гуруҳ ҷудо мешавад; шашто мустақил ва чорто ёридиҳанда. Ҳиссаҳои мустақилмаъно ба саволҳо ҷавоб шуда, маънои луғавӣ доранд. Исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, ҳиссаҳои ёридиҳанда пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо, муносибату алоқаи байни калимаю ҷумлаҳоро таъмин менамоянд. Ҳиссача ва нидо ҳиссиёту ҳаяҷонро ифода карда, ба ҷумла тобишҳои иродавӣ мебахшанд. Ҳамин тариқ морфология як қисми грамматика буда, шакл ва сохти калимаҳоро меомӯзад.

Калима як ҷузъи нутқ буда,дар он як қатор омилҳои гуногун муайян карда мешавад. Бисёр чизҳоро дар заминаи мушаххаси хусусиятҳои морфологӣ равшан кардан мумкин аст, ки таҳлили хеле нозуки забонро талаб менамояд.

Омӯзиши ҳиссаҳои нутқ дар синфи панҷум, омодагии хонандагон аз калима ва ҳиссаҳои нутқ оғоз ёфта, нутқи шифоҳӣ ва хаттиро фарқ карда метавонанд. Хонанда аз рӯйи расми дар китоб тасвир шуда савол гузошта аломат ва номи ашёро номбар мекунад. Хонандаи фаъол бо ёрии омӯзгор дар тахтаи синф номи ашёҳои дар тасвир дидаашро менависад, духтарак, мошин, дарахт, ниҳол, бародар, ба чӣ кор машғул будани онҳоро низ дар тасвир медонад ва савол мегузорад. Аз рӯйи тасвир хонанда аломати ашё, амали ашёро меомӯзад. Дар хонанда таваҷҷуҳ ба маънои семантикии калима ташаккул меёбад. Хонанда ба дарки маънои калима рафта ба калима савол гузошта метавонад. Омӯзгор то мавзуи исм ба хонанда таркиби морфологии калимаро меомӯзад. Пешванд, реша, пасванд, бандак мебошад.

Ҳамин тавр, ба омӯзиши боби морфология оғоз намуда, исмро ҳамчун ҳиссаи нутқ меомӯзанд. Хонандагон бо хусусиятҳои морфологии исм шинос шуда, исм номи ашё ва ҳодисаҳоро ифода мекунад ва ба саволҳои кӣ, киҳо? ва чӣ, чиҳо? ҷавоб мешавад. Мисол: Душанбе, истироҳат, китоб, бародар, барқ, офтоб, модар, дониш, деҳқон, хона ва ғайра Аллакай, хонанда аломатҳои морфологии исмро омӯхта, исму шумора, хона, хонаҳо, соҳибият, хонаам, номуайянӣ, хонае, савол гузошта ҷавоб медиҳад. Хонандагон ба калимаҳо савол гузошта метавонанд. Фаҳмиши хонандагон дар бораи категорияҳои лексикӣ ва грамматикии калимаҳо васеъ мешавад. Хонандагон мефаҳманд, ки исмҳо ба саволҳои кӣ, киҳо? ва чӣ, чиҳо? ҷавоб шуда, номи ашёро мефаҳмонанд, аломати ашё сифат мебошад. Калимаҳое, ки ба саволҳои чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ шуд? ҷавоб мешавад, амал ва ҳолати ашёро ифода мекунанд феъл меноманд. Хонандагон аз рӯйи аломат ва амали предмет, инчунин саволгузорӣ ҷудо кардани ҳиссаҳои нутқро ёд мегиранд. Ғайр аз ин, хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои нутқро аз якдигар ҷудо карда метавонанд. Давидан, рафтан, гиристан, кардан, роҳ рафтан ва ғайраҳо. Аломати морфологии феъл, шахсу шумора, замон, намуд, тарз ва сиға мебошад.

Хонандагон аз рӯйи саволҳо, аломат, амали предмет ҷудо кардани ҳиссаҳои нутқро ёд мегиранд. Инчунин, шиносоии онҳо бо баъзе хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои нутқ ба мушоҳида мерасад. Дар синфҳои дигар хонандагон бо шумора, ҷонишин, бандакҷонишинҳо, замонҳои феъл шиносоӣ пайдо менамоянд. Дар синфи ҳафтум хонандагон бо хусусиятҳои морфологии зарф ва навъҳои он шинос мешаванд. Ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои нутқ маълумоти умумӣ пайдо мекунанд. Ҳамин тавр, дар синфҳои панҷум, шашум, ҳафтум тартиби омӯзиши ҳиссаҳои нутқ сурат мегирад. Хонандагон бо ҳиссаҳои нутқ шиносои пайдо менамоянд, баъд ба онҳо луғат ва грамматика омӯзонида мешавад. Ин равиш барои муқоисаи ҳиссаҳои нутқ шароити мусоид фароҳам меоварад. Барои аниқ муайян кардани хусусиятҳои мафҳуми грамматикӣ мусоидат менамояд. Омӯзиши ҳиссаҳои нутқ пайдарҳам буда, ба гуфтаи олимон ва муҳаққиқон ба мақсад мувофиқ аст.

Дар раванди омӯзиши морфология хонандагон хусусиятҳои зерини ҳиссаҳои нутқро меомӯзанд:

1.Калима маъно дорад?

2.Ба савол ҷавоб мешавад?

3.Аъзои ҷумла шуда метавонад?

4.Тағйирёбанда аст,категория дорад?

5. Ба кадом ҳиссаи нутқ дохил мешавад?

Маънои луғавию грамматикии калимаҳо, ҳиссаҳои нутқ, хусусиятҳои шаклӣ ва вазифаи онҳоро дар ҷумла муайян менамоянд. Иваз кардани ҳиссаҳои нутқ системаи флексия мебошад. Дуруст истифода бурдани ҷиҳати услубӣ, воҳидҳои грамматикии омӯхташуда дар нутқ ва муошират омили инкишофи нутқи хонандагон мегардад.

Ба хонандагон маводҳое лозиманд,ки ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои нутқ, калимаҳо ба фаҳмиши онҳо дастрас бошанд ва ҳиссаҳои нутқро ташкил диҳанд. Вазифаҳои омӯзгор ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои нутқ аз он иборат аст, ки калимаҳо чӣ тавр тағйир меёбанд, диққати хонандаро ба шаклҳои грамматикӣ ҷалб намуда, тарзи дуруст истифода бурдани онҳоро дар нутқ омӯзонанд. Л. С. Выготский нутқи кӯдаконро омӯхта, чунин қайд намудааст, ки онҳо маънои шифоҳиро дарк мекунанд. А. Н. Гвоздев раванди эҷоди хонандаро омӯхта исбот намудааст, ки онҳо ба калима ва ибораҳои нав такя мекунанд. Ҳангоми нутқи шифоҳӣ морфемаҳои ҳосилшавиро пай намебаранд Ин вазифаҳо аз хусусиятҳои дарк кардани хонандагон вобаста аст. Вазифаи муаллим дар омӯзиши ҳиссахои нутк аз он иборат аст, ки хонандагонро ба шаклхои грамматикӣ ҷалб намуда, ба онхо тарзи дуруст истифода бурдани онҳоро мемӯзонад. Ин вазифаҳо ба хусусиятҳои дарк кардани калима аз ҷониби хонанда вобастаанд. Яке аз мушкилоти хонандагон дар вақти азхудкунии ҳиссаҳои нутқ - ин бисёрфунксионалӣ будани калимаҳо мебошад, ки душвориҳои назарраси забон ба категорияи мураккабтарин мегузарад. Пас, вожаҳо метавонанд дар таркиби овоз, ҳарф якхела, вале аз ҷиҳати грамматикӣ гуногун бошанд.

Вожаҳо метавонанд хусусиятҳои умумии маъноӣ гиранд. Маънои грамматикӣ метавонад ба маънои луғавӣ наздик бошад. Масалан: калимаи «китоб» - ин калима предметро мефаҳмонад, ба саволи чӣ ҷавоб мешавад, исм аст. Дар ин ҷо ба хонанда фаҳмо аст, ки исмҳо соҳибиятро мефаҳмонанд, хона, хонае, ба саволи чӣ, чиҳо, хонае номуайянӣ ба исмҳо ишора мекунанд. Ё ин, ки калимаи «торикӣ» нишона аст, аммо ба саволи чӣ ҷавоб мешавад, исм аст.

Агар хонанда ба маънои калима таваҷҷуҳ накунад ба хусусиятҳои шаклӣ - мантиқии ҳиссаҳои нутқ боиси нодуруст савол гузоштан ба калима мегардад. Масалан: «шод шуд» - чӣ шуд? «Насим шод шуд» - чӣ шуд? «шод шуд» ин сифат аст мегӯяд хонанда.

Маънои семантикӣ маънои худи калима ва маънои умумии дар реша бударо дар бар мегирад. Инчунин, «як лаълӣ себ» як табақест себ дорад.

Маъноҳои калимаҳои шинос, ки хонанда ҳаррӯза истифода менамояд хуб дарк мешаванд. Аммо гоҳе хонанда таҷрибаи кофии луғавӣ надорад, дар баъзе ҳолатҳо дар онҳо калимаҳои Ватан, модар, волидайн пайдо мешавад. Хонандагон умумияти калимаҳоро аз рӯйи реша набинанд ҳам, медонанд, ки Ватан ҷоест онҳо таваллуд шудаанд, волидон бошанд, падар ва модар, шахсони ба онҳо наздик. Хонанда бояд тафовути ин ду калимаро донад. Калима маънои грамматикӣ дорад, яъне барандаи категорияҳои муайяни грамматикӣ мебошад. синф, ҳиссаи нутқ, шумора, ҷинс ва ғ.

Маънои грамматикӣ метавонад ба луғавӣ наздик бошад, китоб - ин калима предметро номбар мекунад ва ба саволи чӣ, ҷавоб мешавад, бинобар ин исм мебошад.

Калимаҳо маънои луғавӣ доранд, яъне вазифаи яке аз аъзои ҷумларо иҷро мекунанд. Хонандагон аксар вақт онро бо маънои грамматикӣ омехта мекунанд, зеро амалҳои муайян кардани онҳо бо саволҳои шабеҳ асос ёфтаанд. Мисол; шамоли гарм, чӣ хел шамол ? «гарм», ин сифат аст. Дар ҷумлаи «Бобо аз тахтаҳо курси сохтааст.», хонанда курсии чӯбинро тасавур карда мепурсад, кадом? «Курсии, чӯбинро» аз чӣ? «Аз тахтаҳо», ҳамин тавр, калимаи тахтаҳо ба саволгузор дар ҷумла илова мешавад.

Дар раванди омӯзиши ҳиссаҳои нутқ мушоҳида ва дарк намудем, ки ҳар як мафҳуми дахлдор дар таърифи он инъикосёфтаро дар бар мегирад. Вазифаи ҳар як омӯзгор аз он иборат аст, ки дар азхудкунии ҳиссаҳои нутқ аз рӯйи нақшаи таълимӣ мавзуъҳоро тавре тақсим намояд, ки хонандагон аз рӯйи барнома ба омӯзиш машғул шаванд моҳияти онҳоро дарк намоянд, кадом аломатҳоро доранд, ба кадом савол ҷавоб мешаванд, бо онҳо корбарӣ намоянд.

Омӯзиши ҳар як ҳиссаи нутқ аз се марҳала иборат буда, маълумоти умумӣ, сохт ва вазифаҳо мебошад.




Дарси аввал омӯзгор хонандагонро бо ҷиҳати асосии мафҳум ,маънои умумии калимаҳои ба ин ҳиссаи нутқ дохилшуда шинос менамояд ва ин маънoро бо масъалаҳои грамматикӣ алоқаманд мегардонад. Хонандагон аз рӯйи параметри муайян фарқ кардани калимаҳоро ёд мегиранд. (номи ашёҳо, ба кадом савол ҷавоб мешавад? ҳамзамон, азхудкунии категорияи шумора оғоз мешавад, зеро он дорои асоси возеҳи аввалин мушоҳидаҳои робитаи семантикии калимаҳои баррасишаванда бо дигар

калимаҳо дар ҷумла мебошад. Дар баробари ин хонандагон истилоҳоти расмиро не, балки ивазкунандаи маънoии калимаҳоро истифода мебаранд. (калимаҳое, ки предметро ифода намуда, амал ва хусусияти онро номбар менамоянд). Дар матн калимаҳое, ки аломатҳояшон равшан ифода ёфтаанд: номҳои ашёҳо (миз, курси, дар, тиреза, китоб, ручка) ҳаракатҳо (ҷаҳидан, навиштан) ва аломатҳои ба бачагон шинос (ғамгин, бемор, дард) дохил мешаванд.

Давраи омодагӣ ва азхудкунии хонандагон, дар сатҳи фаҳмиш аз оғоз аз рӯйи барнома омӯхтани ҳиссаҳои нутқро дар бар мегирад. Дар давраи аввали омӯзиш хонандагон бо мафҳуми калима шинос шуда, ҳамчун воҳиди нутқ предметҳои гуногун, гурӯҳҳои предметҳоро бо калимаҳо (ашёҳо, гиёҳҳо, чизҳои тарбиявӣ ва ғайра) дастгирии комилан амалӣ буда, ба объектҳои мушаххаси хонанда асос ёфтааст. Омӯзгор аз хонандагон пурсон мешавад: дар синф моро бисёр чизҳо иҳота кардааст, ашёҳҳои рӯйи мизро муайян кунед. Хонандагон то ҷойи тавонистагиашон ашёҳҳои рӯйи мизро номбар мекунанд, мо ба онҳо кӯмак намуда, он чизеро, ки дар синф бо чашмонамон мебинем номбар менамоем. Дар гирду атрофи мо предмет бисёр аст. Аммо хонандагон намедонанд, ки дар бораи кадом мавзуъ сухан меравад. Мо ба калимаҳо савол гузошта, атрофи он суҳбат ороста барои мустаҳкам кардани дониши хонандагон ба китоб рӯ меорем.

Сипас, хонандагонро ба тасвири графикии калима шинос мекунем, дар тахтаи синф ашёеро мекашем, калимаҳоеро, ки хонандагон тасаввур мекунанд, дар тахтаи синф навишта, онҳо мехонанд. Ҳамин тавр, абстраксия ва омодагӣ барои хондани калимаҳо, мувофиқи ифодаи аслии онҳо тадриҷан сурат мегирад. Азхудкунии истилоҳот вуҷуд дорад» калима ба савол ҷавоб мешавад». Иҷрои машқҳо дар ин маврид, калимаҳо аз рӯйи маъно ва саволгузорӣ ба калимаҳо, истифодаи китоби дарсӣ сурат мегирад. Хонандагон аз китоби дарсӣ машқро иҷро карда доир ба мавзуъ фаҳмиш пайдо менамоянд, аммо ба хонандагони сустхон мушкили пеш меояд, бинобар ин ҳангоми шиносоӣ бо ҳиссаи нутқ як қисми мушаххаси он анҷом дода мешавад. Дар вақти савол гузоштан хонандагон (корҳои амалӣ) бо гурӯҳҳои дигари калимаҳо (аломатҳо, амалҳо) шинос мешаванд.

Мақсади асосии омӯзгор гузаштан аз сатҳи дарк ба сатҳи дониш аст. Ин вазифа бо мақсаднок омӯхтани категорияҳои грамматикии хоси ҳиссаҳои нутқ ва нақшаҳои синтаксии он мебошад.

Давраи омӯзиш аз ҷиҳати вақт бо ба плангирии тематикаи китоби дарсӣ мебошад, ки мувофиқи он хонандагон дар асоси барномаи забони тоҷикӣ ҳиссаҳои нутқро меомӯзанд. Дар забони тоҷикӣ категорияи исм бештар ба исм гузаштааст. Сабаби ба исм бештар дохил шудани сифат дар он аст, ки аз ҳиссаҳои дигари нутқ дида ба исм наздиктар мебошад. Сифатҳо гоҳо аломатҳоеро ифода мекунанд, ки хоси ин ё он предмет мебошанд. Дар ин гуна маврид ҳо аломат маълум мешавад, ки баробари ифодаи предмет он пеши назар, меояд. Ин гуна сифатҳо ишғол намуда, ба вазифаи вай меоянд. Аз як ҳиссаи нутқ ба дигаре гузаштани калимаҳо протсесси калимасозӣ мансуб мебошад, ки як намуди онро субстантивасия меноманд. Ин мафҳум ба конверсия маҳдуд буда, танҳо як намуди он-ба исм гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқро бар мегирад. Ин намуди калимаҳо шакли худро тағйир надода аз ҳиссаҳои дигари нутқ, ба исм мегузаранд. Калимаҳои бо усули калимасозии морфологӣ сохта шуда аксар аломатҳои калимасозе доранд, ки онҳо ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани он калимаро нишон медиҳанд, калимаҳое, ки бо усули субстантивасия шудаанд ин фикрро гуфтан мумкин нест. Мисол; калимаи «нодон»-ро шунидан замон сифат мегӯед, вале ин калима на танҳо сифат ,балки исм ҳам мешавад. Вақте ки «Ба доно ишорат», «ба нодон калтак» мегӯем вай исм аст, на сифат. Ҳангоми муайян намудани ин гуна калимаҳо ва ба кадом ҳиссаи нутқ дохил кардани онҳо ҳам маъно ҳам тасрифоти морфологӣ ва ҳам хусусияту вазифаи синтаксии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳамаи он сифатҳое, ки ба исм басо наздиканд, барои фаҳмидани онҳо як ишора кифоя аст ё ҷудо ё мустақилона истифода мешаванд. Мисол: калимаҳои маҳҷабин, хубрӯ, моҳталъат, сияҳабрӯ сифат бошанд ҳам, исмро ба хуби ифода

мекунанд. Мисолҳои забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи сифатҳое, ки ба инсон хосанд, ҳамчун исм истифода мешаванд. Исмшавии баъзе калимаҳоро фақат дар мавқеҳои муайян фаҳмидан мумкин аст, аммо сифатҳои зиёде ҳастанд, ки онҳо дар натиҷаи истифодаи алоҳидаи дуру дароз асосан ҳамчун исм истифода мешаванд. Калимаҳои пир, кампир, ҷавон, касал, бегона, азиз, қаҳрамон ва ғайраҳо ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд. Баъзе калимаҳо ҳамчун исм бисёр серистеъмоланд, ки гоҳо ба сифат будани онҳо шубҳа меафтад. Академик, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов дар таҳқиқоти илмии «Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик» (Душанбе, 1965с.) чунин изҳори ақида кардаанд, ки «калимаҳои ҷавон, муйсафед, ҳам исм ҳам сифат ҳисоб мешаванд. Калимаҳои ҷавон, муйсафед, сифатанд. Аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигар гузаштан якбора ба амал намеояд. Вай дар давоми асрҳо ва давраҳо воқеъ мегардад. Бинобар ин, калимаҳо дар, пояҳои гуногуни гузариш мебошад» [5, с.45]. Сифат ҳамин, ки ба исм гузашт ҳамаи категорияҳои онро қабул мекунанд, сифат, шумора ва ҷонишинро ба худ ба воситаи изофа ва гоҳхо бе он ҳам, тобеъ намуда ибораи исми месозад. Тадқиқотчиёни соҳаи забон қайд карданд, ки сифатҳо баъзан ба вазифаи мубтадо меоянд. Калимаҳои оқил, ҷоҳил, бадгуҳар, мӯйсафед, пир, бемор, нодон ва доно мебошанд. Мисол: Аз хурдон хато, аз калонсолон, ато. (зарбулмасал). Аз ин ҷо хулоса бармеояд, сифатҳои аслӣ ба исм ба воситаи пасванди ҷамъбандӣ мегузаранд. Чӣ хеле ки дар боло қайд намудем, калимаҳои доно ва нодон дар ҳамин шаклашон низ ба исм гузаштаанд. Дар ҷумла бошад, ҳамчун пуркунандаи бавосита истифода шудаанд. Дар забони адабии тоҷик сифатҳои исмшуда, ба вазифаи исм омада бештар шахсро далолат мекунанд. Сифатҳои ғайришахси исмшуда, ба вазифаи исм меоянд, нисбатан кам мебошанд. Мисол: каждум, хорпушт, сангпушт, нохун барин сифатҳо ба исм гузаштаанд. «То, кӯҳна нав шавад, кӯҳна ба кор ояд. Кӯтоҳро мону дарозро бур. Ба камаш сабр кун, бисёраш мерасад». Баъзе сифатҳо муштараквазифа буда, танҳо ба инсон, балки исмҳои ғайри инсон низ тааллуқ доранд: «Сер чӣ парвои гурусна дорад. Аз камхӯр, мемонад, аз пурхӯр не. Танашро об ба ҷойи ҷон аст». Баъзе сифатҳо ба исм гузашта, асосан ҳамчун исм истифода мешаванд. Қайд кардан ба маврид аст, ки сифатҳо, ба исм гузашта бошанд, ҳам табиати сифатиашонро гум накардаанд. Ин ҳам дар маъно ва ҳам дар шаклҳои морфологӣ ва дар муносибати он бо калимаҳо зоҳир мешавад. Сифатҳои предметонидашуда, ҳам предмет ва ҳам аломати онро дар якҷоягӣ ифода мекунанд. Бисёр сифатҳо ба исм бо аффиксҳои калимасозии сифат гузаштаанд, ки онҳо нишонаи грамматикии он ба шумор меравад. Аз сифатҳои исмшуда ҳангоми калимаи нав сохтан, қолиби аз сифат, сохтани калимаҳо истифода мешавад. Сифатҳои исмшуда ба воситаи пасванди «– ӣ» сохта мешаванд: гадоӣ, касалӣ, беморӣ, нодонӣ ва ғайраҳо.

Ҳамин тавр, ба ақидаи М. Турсунов, низ «дар забони тоҷикӣ на танҳо сифатҳо ба исм мегузаранд, балки исмҳо ҳам баъзан ба сифати аслӣ бармегарданд. Бо мақсади ифодаи ҳолату вазъият ё хислату аломат, ҳамчун хусусияти хоси шахс ё предмети бо худи калима номбурдашуда исмҳои ҷудогона ба маъно ва вазифаи сифат меоянд» [8, с.24]. Нишонаи грамматикии ба сифат баргаштани чунин исмҳо, ғайр аз тағйири маънои номӣ - предмети тавсифӣ боз дараҷаҳои сифати аслиро ба худ қабул кардан ва дар ибораву ҷумла бо исми дигар бо алоқаи тобеӣ ба вазифаи ҷузъи муайянкунанда омадани онҳо мебошад:

Чунон рафт дорои ганҷ аз ҷаҳон,<br>
Ки дарвештар кас равад дар ниҳон.

(Абӯшакури Балхӣ)

Бар ҷони ман зи дил душмантаре нест,<br>
Чу дил душман бувад, чун метавон зист?

(Лоҳутӣ)

Баъзан калима ҳам ба маънои сифат (исми сифатгардида) барои муайян намудани ҳолати шахс дар шакли дараҷаи муқоисавӣ оварда мешавад.

**АДАБИЁТ:**

1. Бабанский Ю. Оптимизация процесса обучения / Москва, - 1977. - 251с.
2. Бабанский Ю. К. Проблемное обучение школьников как средство повышения эффективности обучения, Ростов - на - Дону, - 2010. - 180с.
3. Выготский Л. С. Избранние психологические исследования. Под. Ред. А. Н. Леонтьева и А. Р. Лурия, - М.. Изд - во АПН РСФСР, 1986, - 386с.
4. Выготский Л.С. Педагогическая психология, - М; педагогика,- 1991 г.
5. Ниёзмуҳамадов Б. Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик / Душанбе, - 1965. - 134 с.
6. Рустамов Ш. Ба исм гузаштани сифат // Маҷаллаи илмӣ - методии «Мактаби Советӣ», №3, - 1970. - С. 45 - 51
7. Текучев А. В. Методика преподавания русского языка в средней школе / Изд. 2 - е, перераб, и доп. М. Просвещение,1986, - 356с.
8. Турсунов. М. Ба сифат гузаштани исм // Маҷаллаи илмӣ - методии «Мактаби советӣ», №9, - 1979. – С 24 - 25.
9. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С. Шербоев. Душанбе, Шуҷоиён, -2009. - 456с.

## ФУНКСИЯИ ҲИССАҲОИ НУТҚ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар мақола оид ба омӯзиши морфология, дар синфҳои панҷум, шашум, ҳафтум сухан меравад. Қайд кардан ба маврид аст, ки мувофиқи барнома ва синну соли хонанда морфология, ба хонандагон омӯзонида мешавад. Яке аз шартҳои азхудкунии он зина ба зина, таълим додани он мебошад. Инчунин, ба усули фаъоли таълим вобастагӣ дорад. Дар забони адабии тоҷик ҳиссаҳои нутқ дорои хусусиятҳои ба худ хос ва низоми муайян мебошанд, ки ҳар кадоме дар ҷумла вазифаи худро иҷро менамояд. Вазифаи омӯзгор ҳангоми омӯзиши морфология аз он иборат аст, ки диққати хонандаро ба шаклҳои грамматикӣ ҷалб намуда, тарзи дуруст истифода бурдани онҳоро омӯзонад.

Дар мақола раванди омӯзиши ҳиссаҳои нутқ, аз бар намудани мафҳумҳои дахлдор оварда шудааст. Азхудкунии ҳиссаҳои нутқ аз рӯйи нақшаи таълимӣ сурат гирифта салоҳияти он ба омӯзгор вобастааст, ки дар се марҳала омӯзонида мешавад.

**Калидвожаҳо:** *китоб, хонанда, омӯхтан, омӯзгор, барнома, забони тоҷикӣ, таълим, морфология, грамматика, вожаҳо, ҳиссаҳои нутқ, шакл, мафҳум.*

## ФУНКЦИИ ЧАСТЕЙ РЕЧИ НА УРОКАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье речь идет об изучении морфологии в пятом, шестом и седьмом классах. Следует отметить, что в соответствии с программой и возрастом школьников преподается морфология. Одно из условий поэтапного освоения — научить. Также это зависит от активных методов воспитания. В таджикском литературном языке части речи имеют свои особенности и определенный строй, каждая из которых выполняет в предложении свою функцию. Задача учителя при изучении морфологии состоит в том, чтобы обратить внимание учащихся на грамматические формы и научить правильно ими пользоваться.

В статье описывается процесс изучения частей речи, выведение соответствующих понятий. Овладение частями речи осуществляется по учебному плану и его компетентность зависит от учителя, который обучается в два этапа.

**Ключевые слова:** *книга, читатель, обучение, учитель, программа, таджикский язык, образование, морфология, грамматика, лексика, части речи, форма, понятие.*

## FUNCTIONS OF PARTS OF SPEECH IN THE LESSONS OF THE TAJIK LANGUAGE IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article deals with the study of morphology in the fifth, sixth and seventh grades. It should be noted that in accordance with the program and the age of schoolchildren, morphology is taught. One of the conditions for gradual development is to teach. It also depends on active methods of education. In the Tajik literary language, parts of speech have their own characteristics and a certain structure, each of which performs its own function in a sentence. The task of the teacher in the study of morphology is to draw students' attention to grammatical forms and teach them how to use them correctly.

The article describes the process of studying parts of speech, the derivation of relevant concepts. Mastering the parts of speech is carried out according to the curriculum and its competence depends on the teacher, who is trained in two stages.

**Key words:** *book, reader, teaching, teacher, program, Tajik language, education, morphology, grammar, vocabulary, parts of speech, form, concept.*

**Маълумот дар бора муаллиф:** *Салимова Дилором Исматовна – ходими илмии шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола)-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе кучаи А.Адҳамов 11/2, тел: 988665287.*

**Сведения об авторе:** *Салимова Дилором Исматовна – научный сотрудник отдела обработки, применения инновационных образовательных технологий (12-летнее образование) Института равития образования им. Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2, тел: 988665287.*

**Information about author:** *Salimova Dilorom Ismatovna - Researcher at the Department of Processing and Application of Innovative Educational Technologies (12-year education) of the Institute of the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Tajik Academy of Education, Dushanbe, 11/2 A. Adkhamov st., tel: 988665287.*

**УДК 378(075.8)**

## ПРОГРАММНО-ЦЕЛЕВЫЕ ЗАДАЧИ ЦЕННОСТНО-СМЫСЛОВОГО УПРАВЛЕНИЯ ВРЕМЕНЕМ, КАК ФАКТОР ДОСТИЖЕНИЯ ЦЕЛЕЙ СОЗДАНИЯ МОТИВАЦИОННОЙ СРЕДЫ В ВУЗЕ

***Джафарзода С.Ф.***

**Институт технологии и инновационного менеджмента города Куляб**

Согласно данным Всемирной конференции ЮНЕСКО, состоявшейся в Барселоне в 2022 году, общая численность студентов составляет более 235 миллионов с предположением того, что в обозримом будущем эти показатели будут в ближайшие годы находиться в динамике. Следовательно, вопросы, связанные с проблематикой времени и умение управлять временем, является актуальной для каждого студента в условиях динамически изменяющихся процессов в мире, включая, и для студентов Республики Таджикистан, стран СНГ, которые начиная с 2000 года постепенно входили в общее международное пространство, основанное на базовых принципах Болонского процесса, где в базовых документах приводятся такие целевые задачи, как «доступность образования для всех слоев населения, развитие системы образования в течение всей жизни, развитие единого образовательного пространства (содействие академической мобильности, создание единой квалификационной структуры, создание единой международной системы качества образования), развитие информационных технологий в системе образования и содействие дистанционному образованию, продвижение идеи общества, основанное на знаниях и образовании для устойчивого развития» [1, с. 13]. Если учитывать, что средний возраст поступающих в вузы, с условием продолжительности обучения в средних образовательных учреждениях будет составлять, согласно мирового опыта от 11 до 13 лет, то эти показатели возрастных особенностей студенческого состава составляют от 18 до 20 лет, а в условиях идеального завершения обучения в вузе, возрастные цензы будут находиться в пределах от 22 до 24-25 лет, которые, согласно принципам

установленными в Болонском процессе, продолжительность обучения согласно трехуровневой системе высшего образования, то есть степени «бакалавра» составляет до 4-х лет, в магистратуре по модели 4+2, в докторантуре по модели 4+2+3 лет. Следовательно, продолжительность обучения в вузе измеряется также временным фактором и, как отмечает Васильченко Ю.Л., «время – это первоначально заданный нами ресурс, который невозможно приобрести или восстановить. Им можно только распоряжаться – лучшим или худшим образом» [2, с. 7]. В этом аспекте, как отмечают Бакштанский В.Л. и Жданов О.И. «У каждого свои интересы, желания, цели на каждый период времени жизни. Но какими бы различными между собой мы не были, и как бы по-разному не устраивали свою жизнь, всех нас объединяет одно стремление – стремление к успеху. При этом каждый идёт своим собственным путём и каждый понимает успех по-разному, в то же время, чтобы каждая прожитая секунда имела значение, каждый человек должен четко представить себе какие цели ставить в жизни, кем быть и чего достичь» [3, с. 43]. В качестве условной характеристики для классификации поведения личности, можно принять за основу теорию множественного интеллекта Гарднера, в которой, как отмечает Томас Армстронг, существует 8 (иногда 9) видов интеллекта, то есть 8-9 разных способов быть умным и уметь определять собственные модели и технологии, цели и ценности управления временем, так как, у каждого из них определённые качества, сфера деятельности и интересы. Это «лингвистический интеллект (ЛИ), музыкальный интеллект (МзИ), логико-математический интеллект (ЛМИ), пространственный интеллект (ПИ), телесно-кинестетический интеллект (ТКИ), межличностный интеллект (МлИ), внутриличностный интеллект (ВлИ), интеллект естествоиспытателя (ИЕ)» [4, с. 6]. При сравнительно-сопоставительном анализе сущность и понятие «образование» с учетом того, что формирование личности студентов в указанных пределах жизненного цикла происходит в образовательно-воспитательной среде вуза, предложенных Бабанским Ю.К., Сластёненным В.А., Сорокиным Н.А., Тряпицинной А.П., Киряковой А.В., Коджаспировой Д.М., Подласый И.П., Митиным А.Н., Пидкасистым П.И., Шарифзода Ф., Лутфуллозода М., Кашириным В.П., Доценко Е.Л., Фомичевой И.Г., Криско В.Г., Маригодовым В.К., Гуревичем П.С., Островским Э.В., Зимняя И.А., Король А.Д., Хуторской А.В. и других. Применительно к задачам и целям исследования, нами принято наиболее предпочтительное определение, предложенное учеными В.И. Васильевым, В.В. Красильниковым, С.И. Плаксий, Т.Н. Тягуновой заключающегося в том, что «под понятием образования предлагается подразумевать способ вхождения в целостное бытие культуры, постижение индивидом значений и смыслов искусственно созданного мира артефактов» [5, с. 88]. В продолжении этой мысли авторы отмечают, что модель системы образования отображает существенные признаки культуры конкретной эпохи, то есть согласно мнению Сидорова Н.Р. «одним из результатов основного общего образования является расширение и закрепление в основных чертах индивидуального целостного образа мира в воспринятых нами, традициях философии Нового времени» [6, с. 10]. В процессе проведения социологических исследований нами, чтобы определить жизненные принципы и идеалы студентов по вопросу, каким образом они для себя определяли цели и ценности получения высшего образования, проведённых на базе пяти вузов Таджикистана, включая в этот процесс 3-х вузов технического профиля, в частности Институт технологии и инновационного менеджмента в городе Кулябе (ИТиИМ), Энергетический институт Таджикистана (ЭИТ), Технологический университет Таджикистана (ТУТ), а также в Дангаринском государственном университете (ДГУ), в Кулябском государственном университете имени А. Рудаки с участием 620 студентов и при опросе, что «какую главную цель вы ставите при получении образования», ответы респондентов распределялись следующим образом: 51% опрошенных указывают на осознанность обучения с учётом карьерного роста и может быть дальше обучение в магистратуре, 31% выразили мнение о том, что пока ещё чётко не определили свои жизненные планы, 18% выразили свое безразличие, как к результатам обучения, так и самореализации по мере окончания вуза, а при ответе на вопрос «в чём смысл и замысел обучения в вузе», то ответы респондентов были следующими: 47% студентов выразили своё

мнение о том, что получая диплом, человек становится более уверенным в жизни, 34% выразили мнение о том, что даже наличие диплома не даёт возможность трудоустроиться по специальности достойно, 19% не представляют смысла в том, что по мере завершения обучения как определить свои жизненные ориентиры и планы. Далее в вопросники были включены следующие вопросы: насколько вы себя считаете успешными с момента поступления до момента опроса по указанной тематике, то есть главное, что вы достигли, например, по владению иностранными языками. Из общего количества студентов на заданный вопрос положительно ответили лишь 18%, а при ответе на следующий вопрос, когда вы располагали достаточным количеством времени, почему вы не достигли этих качеств, то более 46% студентов ответили, что когда это станет необходимым, «тогда этого достигнем». Переходя на некоторый уровень сложности поставленных вопросов, проведённый опрос и их математическая обработка указывали на актуальность обращения внимания на проблемы, связанные с использованием фактора времени при достижении соответствующих профессиональных качеств, так как об этом указывал Ю.Л. Васильченко с учётом смысла и замысла данного ресурса, были проведены серии опросов по следующим вопросам, имеющие по характеру более сложное выполнение заданий, то есть: задание №1 «Проверьте свои способности и поставьте себе оценку, насколько являетесь способным при переводе с одного языка на другой, например, если с таджикского языка на русский и наоборот, с таджикского на английский и наоборот, например, текст состоящий из 50 и по этой же логике 60, 100 и т.д. слов, в предложенном случае 50», задание №2 «Предположим, что вы стали участником чемпионата по определению коэффициента IQ, и вам предложили, что самым сильным является IQ = 200 баллов, это означает, что вы за минуту сможете запоминать, как минимум изображение 30-ти предметов, и точь-в-точь скажете, как они расположены, попробуйте победить». Из общего количества опрошенных по первому заданию оценку A, A-, B+, B- соответственно ставили 14, 26, 31, 38 процентов опрошенных (из общего числа 620 студентов), а по второму заданию данный ряд обработки данных выглядел следующим образом: 4, 9, 13, 20 процентов. С учетом того, что во всех приведённых выше примеров и сравнительно-сопоставительного анализа взаимосвязи понятия образования с целями и ценностями управления временем в первом приближении разъяснения актуальности задачи под понятием **«ценностно-смыслового управления временем в условиях инновационной деятельности вуза подразумевается умение прогнозировать, планировать, оптимизировать временные затраты связанные со всеми видами учебно-воспитательной деятельности, а со стороны участников целостного педагогического процесса умения соотносить, согласовывать индивидуальное с общим резервом времени, отведенного изучению комплекса программ по набору профессиональной компетентности профессиональной мобильности и основ самореализации специалистов новой формации по избранной специальности».** С этой точки зрения, будущие специалисты должны обладать умениями управлять временем, в смысле того, что умение ставить цели и соотносить достигнутые успехи с факторами времени с позиции реализации эффективной модели профессиональной деятельности, т.к. в условиях глобализации и конкуренции именно фактор времени становится единицей измерения оценки успешности личности в сфере его интеллектуальной зрелости. Наши социологические исследования по данному вопросу показали, что более 70% респондентов указывают на особенности выбора методов и технологий в процессе реализации современных моделей воспитания и обучения в вузе, особенно системы вузов инженерно-технологического профиля, так как, как указывают российские ученые Т.Е. Степанова и Н.В. Манохина, тенденции, влияющие на современное образование в начале 21 века в обществе, основанное на знаниях с характерными признаками, требующими соответствующего уровня профессиональных качеств и умением реализовать опережающие модели развития отраслей включают в себе «возрастающий темп изменений во всех сферах деятельности, глобализации, непрерывные технологические и организационные инновации, развитие IT-технологий, а что касается формирования профессиональных качеств работников соответствующим уровнем образования, то в этом смысле следует учитывать

такие факторы, как развитие карьерного роста, повышение мобильности, навыки работы в командах и умение работать за пределами национальных границ, влияние IT-технологий, необходимость обучения в течении всей жизни, когда время становится жизненно важным ресурсом» [7, с. 39]. С учётом предложенного выше анализа, рассматривая во взаимосвязи понятия «цели», «ценности», «образование», «технология», «мотивы в смысле достижения карьерного роста», «развитие общества», «обучение в течение всей жизни» в контексте предложенной тематики научного исследования отмечаем, что в философском словаре приводится следующее сведение «время и пространство существуют не сами по себе в отрыве от материи, а находятся в такой универсальной взаимосвязи, в которой они теряют самостоятельность и выступают как относительные стороны единого и неделимого времени и пространства. Человеческие познания в своём развитии дают всё более глубокое и правильное представление об объективно реальном времени и пространстве» [8, с. 69]. В толковом словаре русского языка С.И. Ожегова и Н.Ю. Шведовой понятию «время, -мени, -мена, -мён, -менам» даются следующие определения: одна из объективных основных форм (наряду с пространством) существования бесконечно развивающейся материи; продолжительность, длительность чего-нибудь, измеряемая секундами, минутами, часами; промежуток той или иной длительности, в который совершается что-нибудь, последовательная смена часов, дней, лет; определённый момент, в который происходит чего-нибудь [9, с. 103]. Применительно к описанию процессов, существующих в области техники и технологии относительно понятию времени, существуют следующие виды описания и объяснения факторов, которые согласно сведениям, имеющихся в политехническом словаре «время – это система измерений, то есть единицы времени устанавливают с помощью некоторых устойчивых периодических процессов». Далее, с использованием представленной информации, понятие «времени» выражается также, как «время задержки – время запаздывания», «время обращения к запоминающему устройству – время для выполнения одной операции или чтения информации», «время реакции человека – время от момента поступления сигнала до ответной реакции организма, которое делится на 3 фазы: время прохождения нервных импульсов от рецептора до коры головного мозга; время, необходимое для переработки нервных импульсов и организации ответной реакции в центр нервной системы; время ответной реакции организма» [10, с. 94]. Следует отметить, что при разъяснении сущности понятия «цель», «цели», «ценности», «мотивы», «мотивации», «технологии» также имеются различные подходы и разъяснения авторов в области психологии развития, педагогики, профессиональной педагогики, философии и в сфере ряда других гуманитарных наук, из множества определений, наиболее близких по содержанию, нами приняты за основу следующее, то есть понятие «цель», по определению Дружилова С.А. это осознанный образ предвосхищаемого, желаемого результата, на достижение которого направлено действие человека, заранее мыслимый результат сознательной деятельности [11, с. 233]. В смысле взаимосвязи «цели» с «образованием», то согласно определению В.И. Васильева и группы ученых, это «формирование компетентностной личности, способной реализовывать свой жизненный сценарий в условиях универсализации, интерактивности и коммуникации, а также развитие рефлексивного уровня сознания через освоение универсального знания, которое отражает целостное и компонентное пространство духовной, социальной и технологической культуры» [5, с. 318]. То есть, в этом аспекте можно рассматривать понятие «успешной личности», а применительно к образовательной системе вуза «успешного студента», согласно определению Федякиной Л.В. «успешный студент» – это студент, «который добивается высоких результатов в обучении, обладает активной жизненной позицией, нацелен на эффективное овладение профессиональной деятельностью» [12, с. 254]. Понятие «ценность» как отмечается в философском словаре «по отношению к субъекту (человеку) ценности служат объектами его интересов, а для его сознания исполняют роль повседневных ориентиров в предметной и социальной действительности, обозначение различных практических отношений человека к окружающим предметам и явлениям» [8, с. 453]. Данное понятие в смысле и отражении особенностей методологических основ описания явлений и

Дети любят сказки, а если это сказки, где проза переплетается с поэзией – то это самое лучшее средство. Почему дети смотрят мультфильмы? Потому, что это сказка и неважно, что она на другом языке. Ребенок воспринимает эмоции героев и одновременно сопоставляет их с услышанными словами. И если бабушкины сказки звучат на родном языке, то мультфильмы становятся носителями другого языка. После просмотра мультфильма или сказки по телевизору, дети могут передать смысловое содержание просмотренного на родном языке. Далее, ребенок при пересказе использует высказывания героев на их родном языке. Бывает так, что ребенок не хочет переводить на родной язык слова, понравившиеся ему. И в любой ситуации, он будет использовать эти слова на другом языке, пусть даже с ошибками.

Существует еще один интересный факт, который невозможно отрицать – это «двуязычные» дети.

Двуязычные дети, которые изучают второй язык с раннего возраста, выступают «носителями» обоих языков.

Изучение иностранного языка в раннем возрасте наряду с практической значимостью развивает у детей способность лучше постигать и свой родной язык. Некоторые родители полагают, что не стоит «загружать» ребенка иностранным, пока он еще до конца не освоил свой родной язык. В этом случае не стоит забывать о том, что механизм запоминания у детей работает совсем не так, как у взрослых. Малыш с легкостью усваивает параллельные потоки информации, строит взаимозависимые мыслительные цепочки. Он, иногда неосознанно, сопоставляет оба языка, сравнивает выученные слова и выражения, делится с родителями впечатлениями от изученного, используя сразу все свои языковые ресурсы — и полученные благодаря родному языку, и благодаря иностранному. К тому же, нередки случаи, когда у малышей, изучающих иностранный язык в младшем дошкольном возрасте, улучшалась общая артикуляция и речевые навыки.

Стоит ли беспокоиться о смешивании ими слов из двух своих языков? Дети, изучающие два языка, часто переходят с одного языка на другой. Это называется «переключением кода» или «смешиванием кода», и это не повод для беспокойства. А также, это нельзя принимать как борьбу с двуязычием.

Фактически, это естественная форма использования языка среди людей, изучающих одновременно два языка, и воспринимается она как сложная, но богатая форма дискурса. Да, вы можете встретить точки зрения, осуждающие переключение кода, исходящее от специалистов в области образования и здравоохранения, которые рассматривают его как

препятствие для языкового развития детей. Тем не менее, данные показывают, что все двуязычные носители (независимо от их возраста) время от времени переключают коды, что не является признаком языкового расстройства или путаницы.

Когда дело доходит до дошкольников, изучающих второй язык, они могут переключать коды по множеству причин. Учитывая, что двуязычные дети традиционно владеют обоими языками на не одинаковом уровне, они будут переключаться, разговаривая с другими. Иногда выбирают слова, которые им более знакомы, интересны по звучанию, независимо от того, какой язык из них родной. Это, конечно, приводит к смешиванию в предложении слов обоих языков.

Следует также отметить, что двуязычные дети (даже двухлетние), хорошо знакомы с языковыми предпочтениями собеседника. Это дает им возможность использовать лучшее из обоих языков для передачи своих эмоций, идей другим. Так что, нередко можно увидеть детей, владеющих двумя языками, но говорящих на языке, который больше всего нравится их собеседнику!

По достижении четырехлетнего возраста «двуязычные» дети лучше понимают, какой язык использовать в обществе и общественных местах. Словарный запас у них достаточный (как на родном, так и на чужом языках). Они способны поддерживать разговор на одном языке, а не переключать коды. Известно, что маленькие дети свободно изучают язык с огромным потенциалом и способностями, в которые мы, взрослые, не верим,

Многие факторы могут способствовать успешному овладению вторым языком, при этом методы обучения, используемые в обучающей среде, выступают одними из лучших. Кроме того, «двуязычные» дошкольники, а затем и школьники чрезвычайно умны и могут переходить с одного языка на другой с относительной легкостью, чтобы обратиться к своему сверстнику, с которым они общаются.

В чем плюсы изучения иностранного языка дошкольниками?

- чем раньше ребенок начинает учить язык, тем меньше вероятность того, что он будет говорить с акцентом;
- в каждом ребенке заложен потенциал к интуитивному восприятию лексики и грамматических структур;
- ребенок учит иностранный язык так же, как родной, параллельно строит две отдельные лингвистические системы.

Кроме очевидной пользы от знания ребенком иностранного выявлены следующие изменения, происходящие благодаря работе над вторым языком: дети становятся более свободными и креативными; развивают гибкость речи и внимание; лучше понимают логические операции; совершенствуется образное мышление; развивается память; расширяется кругозор; благодаря использованию новых звуков в речи увеличивается количество артикуляционных упражнений, что улучшает четкость и чистота речи. Особенностью детей до 7 лет является то, что они не боятся сказать или сделать неправильно. Они с удовольствием используют новые конструкции и через исправление неправильных вариантов интуитивно понимают логику языка.

И хотя исследования по-прежнему неубедительны и противоречивы в отношении возраста, в котором ребенок начинает изучать второй язык, необходимо предоставить ребенку возможность учиться.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Воронина О. А., Медведева Н. И. Влияние современных мультфильмов на психику ребенка. – М.: Мир психологии, 2016. – С. 65.

2. Дмитриев Ю.Д. О природе для больших и маленьких. М., Педагогика, 1982, 7,125 с.

3. К. Г. Юнг. Аналитическая психология. Лондон, 1935

4. Кербелите Б. Историческое развитие структур и семантики сказок. Вилнюс, 1991

5. Масару Ибука. После трех уже поздно. М. «Руслит», 1991

6. Павлова Л. Фольклор для самих маленьких. Дошкольное воспитание. 2002, №4, 5, 6.

7. Сазонова И.Н., Коненко Е.А. Зачем изучать английский язык с дошкольниками? // Молодой ученый. – 2016. – №13. – С. 846-849. – Режим доступа: https://moluch.ru/archive/117/32196/

## ОСОБЕННОСТИ ИЗУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ ДОШКОЛЬНИКАМИ

В статье нашли отражение все стороны изучения иностранных языков дошкольниками. Многие специалисты сходятся во мнении, что дошкольный возраст является наиболее благоприятным для овладения иностранным языком по причине определенных психических и психолого-физиологических особенностей ребенка этой возрастной категории. Родителям предлагается множество разных программ по овладению иностранным языком, но проблема выбора методики преподавания, способа организации учебного процесса, подготовки методических материалов не теряет свою актуальность. Автор постаралась проанализировать доступные средства для знакомства дошкольников с инностранными языками. Отдельно приведены особенности использования метода “сказкотерапии”, раскрыто понятие “двуязычные дети”.

**Ключевые слова:** *дети дошкольного возраста, методика, изучение, инностранные языки, сказкотерапия, двуязычие, креативность, игра, ранная возрасть, обучение, беседа, психологические особенности.*

## ХУСУСИЯТҲОИ ОМУЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақола тамоми ҷанбаҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ инъикос ёфтааст. Бисёре аз мутахассисон бар он ақидаанд, ки синни томактабӣ бо назардошти хусусиятҳои муайяни психикӣ, равонӣ ва физиологии кӯдаки ин давраи синну сол барои азхудкунии забони хориҷӣ аз ҳама мусоидтар аст. Ба падару модарон барои азхудкунии забони хориҷӣ бисёр барномаҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд, вале масъалаи интихоби методҳои таълим, тарзи ташкили ҷараёни машғулият, тайёр кардани маводҳои таълим аҳамияти худро гум намекунад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки воситаҳои мавҷударо барои шиносоии кӯдакони синни томактабӣ бо забонҳои хориҷӣ таҳлил кунад. Дар алоҳидагӣ, хусусиятҳои истифодаи усули «табобат бо афсона» оварда шуда, мафҳуми «кӯдакони бо ду забон ҳарф мезадагӣ» ифшо шудааст.

**Калидвожаҳо:** *кӯдакони синни томактабӣ, методика, омӯзиш, забонҳои хориҷӣ, терапияи афсонавӣ, дузабонӣ, эҷодкорӣ, бозӣ, давраи барвақти кӯдакӣ, таълим, сӯҳбат, хусусиятҳои психологӣ.*

## FEATURES OF LEARNING FOREIGN LANGUAGES BY PRESCHOOL CHILDREN

The article reflects all aspects of learning foreign languages by preschoolers. Many experts agree that preschool age is the most favorable for mastering a foreign language due to certain mental, psychological and physiological characteristics of a child of this age category. Parents are offered many different programs for mastering a foreign language, but the problem of choosing teaching methods, how to organize the educational process, and preparing teaching materials does not lose its relevance. The author tried to analyze the available means for introducing preschoolers to foreign languages. The features of using the “fairytale therapy” method are separately presented, and the concept of “bilingual children” is revealed.

**Key words:** *preschool children, methodology, study, foreign languages, fairy tale therapy, bilingualism, creativity, play, early childhood, learning, conversation, psychological characteristics.*

**Сведения об авторе:** *Курбонова З.Ш. – кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры педагогики, психологии и методики преподавания РТСУ. Тел.: 919400958; e-mail: kzarinash75@gmail.com*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Қурбонова З.Ш. – номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия. Тел.: 919400958; e-mail: kzarinash 75@gmail.com*

**Information about the author:** *Kurbonova Z.Sh. – Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Pedagogy, Psychology and Teaching Methods of RTSU. Phone: 919400958; e-mail: kzarinash75@ gmail.com.*

**ТДК 371.015**
**ТДУ – 74.00**
**Ш – 30**

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ БОЗӢ ВА МАШҚУ СУПОРИШҲОИ МАНТИҚӢ ДАР ИНКИШОФИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН

***Шарифиён М. Х.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Ҳар як давраи синну солии инкишофи кӯдак дорои вижагиҳои ба худ хос аст ва гузариш аз зинаи ибтидоӣ ба зинаи миёнаи мактабӣ дар олами кӯдакон тағйироти куллиро ба миён меорад, зеро дар ин зинаи таълим талабот ба инкишофи зеҳнӣ (интелектуалӣ) ва рушди сифатҳои шахсии кӯдак қатъитар мегардад.

Олимону муҳаққиқони соҳаи педагогика собит кардаанд, ки маҳз бозӣ қувваи бузургу ивазнашавандаи инкишофи комили кӯдак аст. Кӯдакон ба бозиву машқҳои инкишофдиҳанда бештар майлу шавқ доранд, ки ин табиатан хосси онҳост. Ин равандро пояи асосии фаъолияти бадеии кӯдакон ҳам унвон кардаанд.

Педагоги барҷастаи рус В.А.Сухомлинский дар ин хусус чунин қайд намуда буд, ки “Бе бозӣ рушди ҳамаҷонибаи равонӣ вуҷуд надорад ва шуда наметавонад. Бозӣ як равзанаи бузурги равшанест, ки тавассути он ҷараёни ҳаётбахши ғояҳо ва мафҳумҳо ба ҷаҳони маънавии кӯдак ҷорӣ мешавад. Бозӣ шарораест, ки шуълаи ҷустуҷӯ ва кунҷковиро меафрӯзад” [7]

Дар илми педагогикаи томактабӣ Ф.Фребел нахустин маҷмуи бозиҳои дидактикиро коркард ва фаъолияти равонии кӯдаконро муътадил намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба дарс меафзояд, имконияти фарогирии маводи таълимиро бештар месозад, хасташавии онҳоро рафъ менамояд ва бо ин васила раванди таълимро осон мегардонад.

Маъмулан, дар самти педагогика, то охири солҳои 90, омӯзиш ва таҳлили қисми зиёди тадқиқотҳои илмӣ оид ба бозиҳои кӯдакона таҳти роҳбарии Д.Б.Элконин [12] гузаронида шудаанд. Ҳамзамон, дар тадқиқотҳои Г.Д.Лукова «Фаҳмидани хусусиятҳои нутқфаҳмии кӯдакон дар ҷараёни бозӣ» [2], А.Н.Леонтев «Асосҳои психологии бозии томактабиён» [1] ва дигарон сохтор, амалҳо, ваҷҳҳои рафтор, мақсад ва шароити бозиҳои кӯдакон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Оид ба аҳамияти бозӣ дар ҷараёни дарс донишмандон фикру мулоҳизаҳои ҷолиб баён кардаанд. Масалан, А.С.Макаренко дар ин бора чунин гуфтааст: “Ман фикр мекунам, ки бозиро аз машғулиятҳои кӯдак ҳисобидан хатост. Дар синну соли кӯдакӣ бозӣ меъёри ҳаёти кӯдак ба шумор меравад, ҳатто вақте ки ба ягон кори ҷиддӣ банд аст” [5].

Маҷмуи бозиҳои дидактикиро асосан бозичаҳову шаклҳои геометрӣ ташкил медоданд. Бозичаҳо, шаклҳои геометрӣ, маводи бозӣ пайдарҳам ва мунтазам ба бозиҳо дохил карда мешаванд, амалҳои бозӣ ва иҷрои вазифаҳо мураккаб мешаванд. Шеъру сурудҳо, қофиябозиҳое, ки худи Ф.Фребел ва шогирдонаш эҷод карда буданд, қисми таркибии бозиҳои дидактикиро ташкил мекарданд. Бо мақсади расондани ёрии амалӣ ба

мураббияҳо маҷмуи ин бозиҳои дидактикӣ бо истифодаи расмҳои ранга, матнҳо, сурудҳо нашр карда шуда буданд [9, с.47].

Дар солҳои 20-уми асри гузашта педагоги рус Е.И.Тихеева нисбат ба бозиҳои дидактикӣ андешаи худро чунин иброз намуд: «Бозиҳои дидактикӣ мисли машғулиятҳои расмкашӣ, сурудхонӣ, варзиш, меҳнат, суҳбат ба кӯдакон як ҷузъи кори таълиму тарбиявӣ мебошанд» [8]. Бозиҳои дидактикии пешниҳоднамудаи ӯ то ба имрӯз арзиши худро гум накардаанд ва ба иҷро намудани вазифаҳои зерин равона карда шудаанд:

- ташаккулдиҳии амалҳои фикрӣ (таҳлил, таркиб, муқоисакунӣ, хулосабарорӣ ва гурӯҳбандӣ);
- инкишоф ва ташаккулдиҳии нутқ (бой намудани захираи луғавӣ дар нутқ, тасвир намудани сифату хусусияти ашё, тартиб додани чистонҳо);
- инкишоф додани маҳорати дарк кардани масофа, вақт, фазо;
- таъмин намудани инкишофи хотир, диққат ва маҳоратҳои муоширатӣ [8].

Иҷрои ин вазифаҳо тағйир додани мазмун ва васеъ гардондани доираи истифодабарии бозиҳои дидактикиро талаб мекард. Аз ин рӯ, ба мазмуни бозиҳои дидактикӣ ҳодисаҳои табиат, муносибатҳои иҷтимоӣ, ашёе, ки махсули дасти одамон ҳастанд, ворид карда шуданд. Е.И.Тихеева маҷмуи маводи дидактикӣ, бозиҳои чопии руимизиро кор карда баромад, ки онҳо имрӯз низ дар таҷрибаи амалии кормандони муассисаҳои томактабӣ истифода бурда мешаванд. Лухтаки дидактикӣ (бо маҷмуи либосҳо мувофиқи фаслҳои сол), расмҳои ҷуфт ва буррида, мозаикаи геометрӣ маводи хуби таълиму тарбиявӣ ба шумор меравand [8, с.56].

Педагоги барҷастаи тоҷик М.Лутфуллоев истифода намудани усули зеринро дар раванди инкишофи нутқ ва тафаккури кӯдакон таъкид менамоянд: суҳбати айёнӣ; истифодаи расмҳо, ба саволҳои муаллим ҷавоби муфассал додан; ба ҷумлаҳои тафсилӣ баргардонидани ҷумлаҳои хуллас; тартиб додани ҷумлаҳо тавассути суҳбат; тартиб додани ҷумла аз калимаҳои пароканда; ба тартиб овардани ҷумлаҳои бетартибдодашуда; тартиб додани ибора аз калимаҳои бетартиб додашуда; ба ашё интихоб намудани аломатҳо; ба ашё интихоб намудани амалҳо [3].

Маҳз ин намуд машқҳо хонандагонро ба саволҳои муаллим ҷавоби ҳаматарафа доданро меомӯзонанд. Муаллим дар раванди дарс сӯҳбатро маҳаки асосӣ ҳисобида, аз хонандагон талаб менамояд, ки ҳангоми ҷавоб кӯшиш намоянд, ҷумлаҳои тартибдодаи онҳо мувофиқи меъёри забон бошанд, ба маданияти нутқ низ эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Академик Шарифзода Файзулло оид ба нақшу мавқеи бозиҳои дидактикӣ, ки дар тарбия ва рушди кӯдакону наврасон бағоят амиқу муҳим аст, таъкид намуда, чунин паҳлуҳои аҳамияти таълимӣ ва тарбиявии онҳоро номбар кардааст:

- талабагони хурдсолро ба фаъолияти мустақилона ва эҷодии фикрӣ водор месозанд;
- раванди дарсро шавқовару рангин менамоянд;
- талабҳои рӯҳӣ ва ҷисмонии шогирдонро қонеъ карда, ҷавобгӯи талаботи романтикии кӯдакон гашта, шиддати фикрии дарсро муътадил мегардонанд;
- раванди омӯзишро мушаххас ва ба ҳаёти кӯдак наздик менамоянд [11].

Аз сухбат бо муаллимони ҳалқаи миёнаи мактабӣ, ҳамзамон мушоҳидаҳои муаллиф тӯли таҷрибаи педагогии бардавом, бармеояд, ки дар хонандагони хурдсол хусусиятҳои ба таҳсили пурмаҳсул мусоидаткунанда хеле суст ташаккул ёфтаанд ва чунин ифода меёбанд:

- инкишофи нутқ (70% муаллимон дар чунин ақидаанд);
- техникаи хониш;
- хотира (53% муаллимони пурсидашуда);
- диққат (33% муаллимон чунин ақида доранд);
- мустақилият (23% муаллимони пурсидашуда);
- мушоҳидакорӣ;

- ташкилотчигӣ;
- қобилияти мутамарказ карда тавонистани таваҷҷуҳ ба иҷрои коре;
- вазифашиносӣ;
- шавқи маърифатӣ;
- кӯшишу ғайрат, хоҳиши бартарафкунии душвориҳо дар таълим.

Ин нишондиҳандаҳо гувоҳи онанд, ки дар хонандагони хурдсол тафаккури мантиқӣ то андозае ташаккул наёфтааст. Эшон муайянкунии аломатҳои ашё ва ҷамъбасткуниро ба дараҷаи бояду шояд уҳда карда наметавонанд. Бачагон дар муайянкунии муносибати байни мафҳумҳо бахусус, мафҳумҳои сабабу оқибат ба камбудиҳо роҳ дода, дар иҷрои он душворӣ мекашанд.

Барои он ки ҳанӯз аз зинаи миёнаи мактабӣ бачагон маҳсулнок таҳсил намоянд, бояд 3 паҳлуи асосии тафаккур ташаккул ёфта бошад, ки идроки мукаммали маводи таълимро таъмин мекунад:

1. Маҳорати баланди ба роҳ монда тавонистани унсурҳои амалиёти мантиқӣ, ки таҳлил, таркиб, муқоиса, ҷамъбасткунӣ, ҷудо карда тавонистани аломатҳои муҳимму асосии ашё ва монанди инҳоро фаро гиранд.
2. Дараҷаи баланди фаъолнокӣ, пешниҳод кардани фарзияҳои гуногун ва вариантҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо.
3. Дараҷаи баланди муташаккилӣ ва мақсаднокӣ, ки дар ҷудо кардани моҳияту хусусияти муҳимми ҳодисаву воқеаҳо, дар истифодаи схемаи умумии таҳлили онҳо ифода меёбад.

Агар ҷанбаҳои номбар кардашуда дар зинаи ибтидоии мактабӣ бо хубӣ ташаккул ёбанд, раванди азбаркунии донишҳо, ташаккули маҳорату ва малакаҳои фикрӣ хеле осону тез мешавад. Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки бачагон ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ бояд унсурҳои оддитарини муқоиса, таснифот, муҳокимаву ҷамъбасткуниро уҳда карда тавонанд.

Усули ташкилу гузориш ва азбаркунии амалиёти мантиқиро дар намунаи бозӣ ва машқу супоришҳои махсус дида мебароем.

1. Дар бораи шакл, ранг, таъми помидор, хурмо ва афлесун нақл кунед.
2. Дар калимаҳои додашуда чанд ҳарф ва чанд ҳиҷо ҳаст? Чор, мор, хор, хоро, чора.
3. Калимаҳо аз чанд ҳарф ва чанд овоз иборатанд? Яхё, Ёдгор, Саъдӣ, таъна, юрмон, елим. Онҳоро ба ҳиҷо ҷудо кунед. Миқдори садоноку ҳамсадоҳоро муайян намоед.
4. Аломатҳои ашёро аниқ кунед. (хелу ҷинс, миқдори ҳиҷо, овоз ва ҳарф): миз, қалам, курсӣ, дафтар, китоб, олу, хурмо.
5. Аломати умумии калимаҳоро ёбед: оҳу ва олу, гов ва гусфанд.

Дар ин радиф аз бозиву машқҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст, ба мисол:

Тартиб додани калима бо ҳиҷо:

1. Калимаҳоеро гирд оред, ки бо ҳиҷои «ла» тамом шаванд: (шула, шуъла, нола, хола, лола мола.)
2. Калимаҳоеро гирд оред, ки бо ҳиҷои «қо» сар шаванд. (Қодир, Қобил, қоғаз, қоқу, қолин, қозӣ.)
3. Калимаҳоеро нависед, ки ҳарфи дуюмаш «ӯ» бошад. Ҷавоб: мӯрча, сӯзан, сӯрох, хӯрок, пӯшок.

Маҳз тавассути машқҳои зиёди муайян кардани аломати ашё дар кӯдакон мушоҳидакорӣ ва маҳорати ба ҳар чиз таваҷҷуҳ зоҳир кардан инкишоф меёбад, ки он бидуни амалиёти таҳлил, таркиб ва муҳокима имконнопазир аст. Ё худ машқҳои муайян кардани номи ашё аз рӯйи аломатҳо барои ташаккул додани маҳорати аз байни аломату хусусиятҳои ашё ҷудо кардани аломатҳои муҳимму якумдараҷа замина тайёр мекунад.

Мақсади бозӣ ва машқҳои мазкур дар чист? Аз он талабагон чи баҳра- бардорӣ мекунанд?

1. Номбар кардани аломатҳои ашё, калима ва ададҳо;
2. Шинохтани ашё аз рӯйи аломатҳои додашуда;
3. Муайян кардани хусусиятҳои фарққунанда ва умумии ашё, калимаву ададҳо;
4. Ҷудо кардани аломатҳои муҳими ашё;
5. Муқоисаи ашёҳо, калимаҳо ва ададҳо;
6. Таснифот, гурӯҳбандӣ карда тавонистани ашё, калимаҳо ва ададҳо;
7. Муайян кардани пайдарҳамии рух додани ҳодисаву воқеаҳо;
8. Муҳокимаронӣ дар бораи ҳодисаҳои ба ҳам мухолиф – зид;
9. Муайян карда тавонистани муносибати байни ашё, аз қабили хелу ҷинс, ҷузъу кул, сабабу оқибат;
10. Инкишоф додани амалиёти фикрӣ – таҳлил ва таркиб;
11. Инкишофи нутқ, орифӣ ва ҳозирҷавобии бачагон.

Яке аз машқҳои паҳншудатарини шинохтани ашё аз рӯйи аломатҳои додашуда, ки дар инкишофи тафаккури мантиқӣ мавқеи муҳим дорад, чистон мебошад. Аз қадимулайём мардум чистон мегӯянд ва чистонёбӣ мекунанд. Ин намуди фаъолият барои кӯдакони синни хурди мактабӣ машғулияти дилхоҳ мебошад. Дар чистон аломатҳои асосиву дуюмдараҷаи ашёро оварда талаб карда мешавад, ки номи ашёи пинҳонбударо муайян кунанд. Барои ёфтани ҷавоби чистон амалиёти таҳлилу таркиб, муҳокимаву муқоиса,ҷамъбасту хулосакуниҳо нақши муҳим мебозад.

Намуди бисёр ҳам сабуки чистонро тариқи зайл ифода кардан мумкин аст:

Дар бораи кадом ашё чунин гуфтан мумкин аст:

а) сафед, пошхӯранда, дар таъм шӯр аст. Ҳеҷ кадом хӯроки бе он таъму лаззат надорад.

Он чист?

б) сахт, сиёҳ, ҷилодор, вазнин.

в) сап-сафед, мулоим, сабук.

г) сап сафеду мулоим,сабук ва хунук.

д) шаклаш кулӯла, рангаш ранги гули каду, чун пӯсташ гирифтӣ худаш ба қисмҳо ҷудо мешавад. Таъми хубу гуворо ва бӯйи хуш ҳам дорад. (Афлесун)

Чистонгӯиву чистонсозӣ яке аз василаҳои муҳимми ташаккули маҳорати шинохтани ашё аз рӯйи аломатҳои он мебошад. Барои бачагон чистонҳои мавҷударо пешниҳод намудан мумкин аст. Чистонҳоро бодиққат хонед ва аз рӯйи аломатҳои додашуда ҷавоби онҳоро ёбед.

1. Худаш куб-кулӯла, дарунаш ҳаммом, дар сар тоқича дорад, як дасташ доим дар миёнаш, аз димоғаш об мерезад. (Чойник)

2. Ҷавони қоқи лоғарандом, чашмонаш медурахшанду ашк мерезад, Ашки чашмонаш дар атрофаш ях мебандад. (Шамъ)

3. Баҳри сиёҳе дидам,
Заврақ чу моҳе дидам.
Шино кунад рӯйи об,
Бисёр хурад печу тоб.
Аз худ нақше мемонад
Доно онро мехонад. (Тахтаи синф,бӯр,навиштаҷот)

4. Забон надораду ҳарф мезадааст. (Китоб)

5. На аккос дораду на газад, вале ба хона даромадан намемонад. (Қулф)

6. Сиёҳак Мубин
Либосаш чӯбин
Он ҷое, ки фукаш расад
Аз худ нақше мемонад (Қалам)

Дар машқҳои ташаккулдиҳандаи маҳорати ҷудо кардани аломатҳои муҳимми ашё истифодаи ҷадвали зер мувофиқи мақсад аст.Дар сутунчаи аввал номи ашё ва панҷ-шаш аломату хусусияти он дода мешавад. Хонандагони хурдсол вазифадор карда мешаванд, ки аз калимаҳои додашуда дутоашро, ки аломати муҳимми номи ашёи додашуда мебошад, ҷудо намоянд.

| Калимаҳо | Ҷавобҳо |
|---|---|
| Боғ (растанӣ, боғбон, саг, девор, замин) | 1. Растанӣ, замин |
| Дарё (соҳил, моҳӣ, тӯри моҳидорӣ, моҳидор, об | 2. Об, соҳил |
| Куб (кунҷҳо, нақша, тарафҳо, санг дарахт) | 3. Кунҷ, тарафҳо |
| Хониш (чашм, китоб, расм, калима чоп-нашр) | 4. Чашм, чоп |
| Ҷангал (барг, арча, дарахт, шикорчӣ, бутта ) | 5. Дарахт, бута |
| Бозӣ (шоҳмот, бозингар, қоида, ҷарима) | 6. Бозингар, қоида |
| Варзиш (медал, мусобиқа, ғалаба, варзишгоҳ) | 7.Варзишгоҳ,мусобиқа |
| Шаҳр (мошина, бино, мардум, кӯча, велосипед) | 8. Бино, кӯча |
| Ҷанг (тӯпҳо, муҳориба, сарбозон, камон, тайёра) | 9.Муҳориба, сарбозон |
| Суруд (овоз, санъат, оҳанг, консерт) | 10. Овоз, оҳанг |
| Дорухона (бино фурӯшанда, бемор, дору, одам) | 11. Бино, дору |
| Корт (майдони бозӣ, бокс, футбол, даста, теннис) | 12.Майдони бозӣ |
| Хона (кӯча, бино, одамон, майдон, беморон) | 13. Бино, одамон |
| Беморхона (духтур, муассиса, беморон, радио) | 14.Муассиса, беморон |

Яке аз василаҳои муҳимми инкишофи нутқ ва тафаккури мактаббачагони хурдсол ташаккул додани маҳорати муқоисаи ашёҳо мебошад, ки бидуни он дигар амалиёти мантиқии дар боло зикршударо азбар кардан мумкин нест. Агар талаба аломатҳои ашёро ҷудо кардаву аз онҳо кадоме муҳиму асосӣ ва кадоме дуюмдараҷа аст надонад, амалиёти қиёсро низ дуруст ба роҳ монда наметавонад.

Мо медонем, ки ашёи қиёсшаванда метавонанд аломатҳои якхела дошта бошанд, вале ҳар ашё дорои аломатҳое мебошанд, ки маҳз тавассути он ашё аз ашёи дигар аниқ фарқ карда мешавад.

Масалан (муаллим пешниҳод мекунад)

«Он чист, ки рӯйи тахту ҳамвор дорад. Вай чоркунҷа, бисёркунҷа, доирашакл буда, онро ба девор меовезанд. Он калон, хурд, ҳатто киссагӣ ҳам мешавад» [7]

Аз аломатҳои зикршуда ба пеши чашм аввало соат намудор мешавад, зеро аломатҳои номбаршуда хоси ҳамон ашёст, вале чун мо нишонаи муҳим он «агар ба вай нигарӣ, аксатро мебиниро» овардем, аён мегардад, ки сухан дар бораи оина меравад.

Бояд гуфт, ки ба роҳ мондани муқоисаи ашё барои бачагони синни хурди мактабӣ хос аст, зеро онҳо аксар ашёҳоро бо ашёи дигар монандкунон ба хотир мегиранд. Тарҳи ашёро маҳз тавассути монандкунии он ба ашёи дигар хуб ҳифз менамоянд.

Инро мо дар омӯзиши овозу ҳарф дар давраи алифбо ба хубӣ мушоҳида карда метавонем [10]

Барои ба роҳ мондани амалиёти мазкур истифодаи машқҳои мазкур кӯмак мерасонанд.

**Ҳарфҳо ба чӣ монананд?**

Супориш: Ҳар як ҳарфро бо диққат аз назар гузаронед. Бигӯед он ба чӣ монанд аст? Барои ин ба Шумо расмҳо ва порчаҳои шеърии зер кӯмак мерасонанд.

1.Бо як пои оҳанин
Паргор давр занад зуд.
Хати сарбасте кашад,
Беохиру бемаҳдуд.
Бо симчӯбҳо бингаред,
Кадом ҳарфро орад ёд.
Аз шинохти ҳарфи **А,**
Дилҳоямон шавад шод.



2.Киштӣ бо бодбон бошад
Ронданаш осон бошад.
Айнаки бобома бин
Шакли ҳарфи **Б** барин.



**3.Г** ҳамранги дост аст
Дасташ доим рост аст.
Крани боркаш мисли «**Г**»
Кор кунад ногуфта «Не»
Мор мисли **Г** хам зад
Фишосзанон гап зад.





**Рақамҳо ба чӣ монанданд?**

1. Рақам гӯё ҳарфи **О**
Ин нул аст чӣ ҳоло?
Аҷаб кулулаву зебо
Гӯяд ман холӣ ҳоло.



2. Рақами як ё чангак
Ё шикастаест аз шохак



3. Адади ду аст ё ғоз
Гарданаш кунад дароз.



Ҳамин тариқ, муқоиса ёфтани аломатҳои шабеҳу ба ҳам монанди ашё низ яке аз амалиёти мантиқӣ буда, барои инкишофи тафаккури мантиқии кӯдакон кӯмак мерасонад. Кӯдак ҷаҳони воқеиро дар мушоҳида, дар муқоисаи образҳо меомӯзад. Маҳз

мушоҳидаву муқоиса дар тафаккури кӯдакон тарҳи шакли ашёҳоро меофаранд ва барои хубтар ба хотир гирифтани ашёҳо мусоидат мекунанд.

Аз ин рӯ, волидон, мураббиёни боғча, ҳанӯз то овони мактабӣ бояд чунин бозиву машқҳоро мураттаб сохта ба роҳ монанд, ки барои инишофи тафаккури мантиқии кӯдакон мусоидат намояд. Бояд гуфт, ки чунин бозӣ ва машқҳоро мунтазаму муназзам гузаронидан зарур аст, то ин ки яке давоми дигаре бошад ва барои иҷрои машқи оянда заминагузорӣ намояд.

## АДАБИЁТ

1. Леонтьев А.Н. К теории развития психики ребенка: Психологические основы дошкольной игры Т. 1. - М., 1983

2. Лукова Г.Д. Детство и общество. СПб., 1989 – 259с.

3. Лутфуллоев М. Методҳои таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, Душанбе, 2007.

4. Лутфуллоев М. Баъзе масъалаҳои таълими «Алифбо», Душанбе,1964.

5. Макаренко А.С. Воспитание детей в семье. Воспитательное значение детской литературы // Избр. Пед. Соч. в 2-х томах. Т.2. – М:Педагогика, 1977-269с.

6. Монтессори М. Метод научной педагогики, применяемый к детскому воспитанию в Домах ребенка. — М.: Тип. Госснаба, 1993. — 168с.

7. Сухомлинский, В.А. Избранные педагогические сочинения: В 3-х т. Т.2 М.: Педагогика, 1980. – 384с.

8. Тихеева, Е.И. Детский сад по методу Е.И. Тихеевой / Е.И. Тихеева. -М.: Л., 2000. - 182 с.

9. Фребель Ф. Детский сад. Пер. с нем. Я. Соколова. Пед. соч. М., 1913

10. Шарифов Э. «Алифбои шавқовар» дастури методӣ, Хуҷанд 2007

11. Шарифзода Ф. ва диг. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2. Душанбе: Ирфон. 2014

12. Элконин Д.Б. Детская психология 4-е издание, стереотипное, Москва. Издательский центр «Академия» 2007. – 312с.

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ БОЗӢ ВА МАШҚУ СУПОРИШҲОИ МАНТИҚӢ ДАР ИНКИШОФИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН

Мақола роҷеъ ба роҳҳои самараноки ташаккули нутқи кӯдакону хонандагони хурдсол тавассути бозиҳои дидактикӣ ва машқу супоришҳои мантиқӣ баҳс мекунад. Маълум аст, ки кӯдакон ба бозиву машқҳои инкишофдиҳанда майлу шавқи зиёд мекунанд ва такя ба ин муаллиф раванд пояи асосии фаъолияти бадеии кӯдакон унвон додааст. Муаллиф ба тадқиқоти олимон – педагогони ватаниву хориҷӣ такя намуда, чунин ақида дорад, ки барои ташаккули нутқ ва тафаккури кӯдакон аз волидон то муаллимон ҳама барои рушди амалиётҳои фикрӣ – таҳлил, ташхис, муқоиса, хулосабарорӣ кӯшиш бинмоянд. Дар ин росто кӯшиш бинмудааст, ки бозӣ ва машқу супоришҳои мантиқӣ, чистону шеърҳоро дар мақолаи мазкур ҳамчун намунаи дастурӣ рӯи кор оварад. Ба ақидаи муаллиф ба тарзи васеъ истифода бурдани онҳо дарсҳоро шавқовар гардонида, роҳҳои самараноки ташаккули нутқи кӯдаконро муҳайё месозад.

**Калидвожа:** *инкишофи нутқ, тафаккури мантиқӣ, амалиёти фикрӣ, бозиҳои дидактикӣ, машқ, супоришҳои мантиқӣ.*

## ЭФФЕКТИВНОЕ ПРИМЕНЕНИЕ ЛОГИЧЕСКИХ ИГР, УПРАЖНЕНИЙ И ЗАДАНИЙ ДЛЯ РАЗВИТИЯ РЕЧИ УЧАЩИХСЯ

В статье говорится о применении различных логических игр, упражнений и заданий для развития речи учащихся. Автор полагает, что для формирования логического мышления учеников, необходимо развивать мыслительные операции – анализ, синтез, сравнение, обобщение, абстрагирование. В младшем школьном возрасте важное место в

развитии перечисленных мыслительных операций занимают игры, упражнения и задания, построенные для активирования логического мышления ученика. Автором приведены примеры загадок, стишков, упражнений и заданий, которые могут использоваться учителями начальных классов в процессе обучения.

**Ключевые слова:** *развитие речи, логическое мышление, мыслительные операции, дидактические игры, упражнение, логические задание.*

## EFFECTIVE USE OF LOGIC GAMES, EXERCISES AND TASKS FOR THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' SPEECH

The article talks about the use of various logic games, exercises and tasks to develop students' speech. The author believes that in order to form the logical thinking of students, it is necessary to develop mental operations - analysis, synthesis, comparison, generalization, abstraction. At primary school age, an important place in the development of the listed mental operations is occupied by games, exercises and tasks designed to activate the student’s logical thinking. The author provides examples of riddles, rhymes, exercises and tasks that can be used by primary school teachers in the teaching process.

**Key words**: *speech development, logical thinking, mental operations, didactic games, exercise, logical task.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Шарифиён Муқаддас Холиқзода- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru*

**Сведения об авторе:** *Шарифиён Муқаддас Холиқзода - кандидат педагогических наук, доцент кафедры теория и методика дошкольного воспитания ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова», город Худжанд, Республика Таджикистан, тел: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru*

**Information about the author:** *Sharifiyon Muqaddas Kholiqzoda - candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of theory and methods of preschool education, State educational institution “Khujand State University named after academician Babajan Gafurov”, Khujand, Republic of Tajikistan, tel: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru*

## ТАРАННУМИ ТАҲАММУЛГАРОӢ - ҲАМЧУН СИФАТИ АХЛОҚӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

***Маҳмадқулова О. С.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз вазифаҳои муҳимми мактабу маориф ин тарбия намудани насли наврас дар руҳияи инсондӯстӣ мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст, инсондӯстӣ эҳтиром кардани қадру қиммати ҳар як фардро ифода мекунад, бинобар ин, он дар муносибати байниҳамдигарии одамон метавонад таҷассум ёбад. Инсондӯстӣ омили асосие ба ҳисоб меравад, ки дар шахс ҳисси ба назар гирифтани арзишҳои миллӣ ва умумбашарӣ, ҳурмату пазируфтани ақидаи дигарон, таҳаммул нишон дода тавонистан ба сахтиҳо, нисбат ба бурду бохти атрофиён тоқатпазир буданро талаб менамояд.

Дар таърихи тамаддуни тоҷикон мактабу маориф нақши муҳим дорад. Хусусияти хоси мактабу мактабдории тоҷикон дар он буд, ки асарҳои классикон аз ҷумлаи китобҳои дарсӣ буданд. Хонандагон тавассути шоҳасарҳои онҳо дониш ва тарбияи маънавӣ мегирифтанд.

Солҳои охир эҳёи афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс, алалхусус консепсияи таҳаммулпазирӣ дар шароити Тоҷикистони кунунӣ ҳамчун тамоюли намоёне дар рушди сифатҳои ахлоқии шахсият баромад мекунад. Пайдост, ки осори ҳазорсолаи классикони тоҷику форс масъалаҳои зиёде дорад ва солҳои охир кишвари мо паҳлуҳои

нав ва огоҳонаи онро кашф намуд. Айни замон, дар ҳазорсолаи нав дар шуури ҷомеа – дарки тамоили таҳаммулпазирии миллии ниёгон, ки аз осори гаронбаҳои халқи тоҷику форс маншаъ мегирад, тавонист дар оинаи ҳодисаҳои таърихӣ амалҳои наву тозаи дар ҳаёти халқ зарурро эҷод намояд. Адабиёти классикии асрҳои миёна хиради инсонӣ, инсон ҳамчун арзиши олӣ, озодидӯстӣ, инсондӯстӣ, таҳаммулпазирии инсонро васф намуда, адабиёти асрҳои миёнаи тоҷикӣ–форсиро зебу зиннати махсус бахшида, ҳамзамон ифтихори фарҳанги ҷавонӣ низ гардидааст. Дар маркази диққати онҳо он замон инсон қарор дошт. Шоирони асрҳои миёна бо ашъори худ ба муқобили онҳое, ки шахсияти инсониро таҳқир менамуданд, мубориза бурда, беадолатӣ ва зулмро маҳкум менамуданд.

Таъкид кардан лозим аст, ки тоқатпазирӣ низ яке аз сифати инсондӯстӣ буда, аз тарафи ин мутафаккирони классик ҳамчун қисми муҳими тарбияи ахлоқӣ эътироф шудааст ва онҳо тарафдори он буданд, ки ин хислатро дар тарбияи насли наврас аз хурдсолӣ оғоз карда ташаккул додан лозим аст.

Мушоҳидаҳо, таҷрибаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки алҳол ифодаи ҳисси таҳаммул дар наврасон кам дарк карда мешавад. Бинобар он дар байни онҳо якдигарфаҳмӣ, то охир шунидани фикри дигарон, ақидаи ҳамдигарро пазируфтан, ба атрофиён пуртоқат будан, дастовардҳои дигаронро эътироф намудан ва дигар сифатҳои ахлоқӣ торафт суст шуда истодааст. Бисёртар дар наврасон ҳисси пулу мол ва шуҳратпарастӣ, бепарвоӣ нисбат ба одам, бесабрӣ барои баровардани хулосаи даркорӣ боло рафта истодааст. Ин рафтор метавонад онҳоро ба сӯйи иштибоҳ барад ва сабаби воқеаҳои номатлуб ва нохуш гардад. Наврасону ҷавонон гоҳо фирефтаи тамаллуққорӣ, дурӯғгӯйӣ, лофу хушомадгӯйии атрофиён гашта, сифатҳои беҳтарини худро коҳиш медиҳанд.

Дар мактаб адабиёт дарси маънавият, одамият ба ҳисоб меравад. Ба воситаи дарси одамият, яъне адабиёт хонанда ҳамчун шахс ташаккул меёбад, дар ӯ хислатҳои хуби инсонӣ тарбия карда мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки мушкилоти ташаккули таҳаммулпазирӣ дар консепсияи классикони форсу тоҷик низ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Моҳияти таҳаммулпазирӣ ва истифодаи таҷрибаву малакаи инсониятро ҳаёти эҷодкоронаи ниёгони бузурги мо исбот менамояд. Махсусан, дар эҷодиёти А. Рӯдакӣ, А.Фирдавсӣ, А. Сино, Саъдӣ, Н. Хисрав, У. Кайковус, Имоми Аъзам А. Ҷомӣ, Ҳ.В. Кошифӣ, Бадриддин Ҳилолӣ ташаккули таҳаммулпазирӣ ҳамчун сифати ахлоқии шахс баррасӣ карда мешавад. Масалан, “Ҳамеша сабру таҳаммул, дили пурғунҷоиш ва рафтори нек дошта бош”. (Имоми Аъзам)

Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,
Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ! (Абӯабдуллои Рӯдакӣ)
Агар бурдборӣ сари мардумист,
Ба нобурдборон бибояд гирист. (А. Фирдавсӣ)

«Сабр талх аст, вале баъдан меваҳои ширини муфид меорад». (Ҷалолиддини Румӣ) Сабр барои инсон муҳимтар аз ҳама он аст, ки ӯ роҳи худро пайдо кунад расидан ба ӯ, на дар даъво эътибор ва арзиши инсон аст, Арзиши инсон дар қобилияти сабр кардан аст. (Ҳ. В. Кошифӣ)

Саодат бо шикебоӣ бувад ёр,
Зи бесабрӣ ба расвоӣ кунад кор. (Бадриддин Ҳилолӣ)

Таъкид кардан бо маврид аст, ки мутафаккирони адабиёти классикии форсу тоҷик ба масъалаҳои тоқатпазирӣ бобҳо ва китобҳои алоҳида бахшидаанд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки ҳамчун мутафаккири соҳаи маънавиёт эътироф шудааст, дар асарҳои машҳураш дар баробари ахлоқи дигари ҳамидаи инсонӣ бурдборӣ ва тоқатпазириро низ тарғиб мекунад. Аз ҷумлаи асарҳои машҳури ин муаллими ахлоқ «Ахлоқи Муҳсинӣ» аст, ки он аз чиҳил боб иборат буда, яке аз боби он ба масъалаҳои таҳаммул бахшида шудааст. Ҳоло аз нуктаҳои ин китоб як чанд мисолҳо меорем: «Сабр

сифати бағоят мақбул аст, - мегӯяд нависандаи тавоно, - таърифи сабр ҳамин аст, ки бо мазмуни он дар ахбор омада аст:

Сабр беҳтар мардро аз ҳарчи ҳаст,
То биёбад бар муроди хеш даст». [ 1.с.127]

Ҳусайн Воизи Кошифӣ таъкид мекунад, ки агар кас аз тирборонии ҳодисаҳои зиндагӣ таҳаммулро аз даст надиҳад, бар муроди хеш мерасад: «Ҳар кӣ дар тирборонии ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод мерасад, зеро ки сабр кушоиши кор аст ва дари хонаи роҳат ҷуз бад-ин калид накушоянд…»

[ 1.с.127-128]

Дар ин боб ду ҳикоят оварда шудааст, ки барои тарбияи тоқатпазирӣ хело муфид хоҳад буд. Яке аз ин ҳикоятҳои ибратомезро бо ихтисор мисол меорем: «Оварданд, ки як умаро пеши подшоҳе истода буд ва шоҳ ба ӯ дар муҳиме мушоварат мефармуд. Казоро каждуме дар пероҳани ӯ афтода буд ва ҳар соат амирро мегазид ва бо неши заҳролуди худ зарар мерасонид, то вақте ки неши вай аз кор биафтод ва ҳар заҳре, ки дошт, ба кор бурд. Вале он амир мутлақо дар он машварат қатъи сухан накард ва тағйире дар ӯ зоҳир нашуд. Ӯ ба хона омад ва каждумро аз ҷома берун кард. Ин хабар ба подшоҳ расид, мутааҷҷуб ва мутаҳайир гашт. Рӯзи дигар, ки амир ба мулозимати султон омад, фармуд, ки дафъи зарар аз нафс воҷиб аст. Ту чаро дирӯз озори ақрабро аз худ дур насохтӣ? Ҷавоб дод, ки ман он наям, ки шарафи муколамаи чун ту подшоҳеро ба сабаби алами заҳри каждуме қатъ намоям ва агар имрӯз дар маҷлиси базм бар неши каждуме сабр натавонам кард, дар маъракаи разм бар теғи заҳробдодаи душман чӣ гуна таҳаммул тавонам кард?

Подшоҳро ин сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонид ва бад- он миқдор таҳаммул кард, ки ба мароду мақсад расид.

Гарат чун Нӯҳи Набӣ сабр ҳаст дар ғами тӯфон,
Бало бигардаду коми ҳазорсола барояд.[1.с.128]

Ин ҳикояти ахлоқӣ басо муфид аст барои наврасон ва ҷавонон, зеро аксари эшон хизмати аскариро хуш надорад, хизмати Ватан қарзи ҳар як сокини он кишвар аст, ин хизматро адо накунад, фардо чӣ тавр бар муқобили душмани таҷовузкору истилогар истодагарӣ мекунад?

Сарбоз будан шараф аст. Аммо қисми ҳарбӣ истироҳатгоҳ нест, дар он ҷо азоб мекашӣ, аз машқҳои зиёд хаста мегардӣ, аммо таҳаммул кардан ин нишони ҷавонмардист. Дар ҳар сурату шароит таҳаммул бояд кард, чунончӣ амирро, ки яъне сардори ҷанговаронро дар назди подшоҳ каждум газид, тоқат карду сир бой надод, агар оҷизӣ мекарду менолид ва дар ҳузури подшоҳ каждумро рафъ мекард, маҷлис вайрон мешуд. Худи амир гуфт, агар ба неши каждум тоб намеовардам, фардо ба душман низ муқобилат карда наметавонистам. Ӯ сабр кард ва мартабааш боз ҳам баландтар гашт. Чӣ тавре ки мегӯянд:

Саодат ба шикебоӣ бувад ёр,
Зи бесабрӣ ба расвоӣ кунад кор.

Асари «Ахлоқи Муҳсинӣ»- и Ҳусайн Воизи Кошифӣ асари дидактикӣ – ахлоқӣ ба шумор рафта, он тарғибгари фазилатҳои олии инсон аст ва дар тарбияи шахси комил мавқеи хосе дорад. Аз ин сабаб ин асар имрӯз низ мақоми тарбиявии худро дар сатҳи баланд боз доштааст.

Яке аз асарҳои беҳтарини олам «Анвори Суҳайлӣ» («Калила ва Димна») – и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба ҳисоб меравад. Аз ибтидо то интиҳо ин китоб аз панду ҳикмат иборат буда, наслҳои инсониро дар руҳи таҳаммулгароӣ тарбия мекунад.

Аз китоби хониши синфҳои ибтидоӣ сар карда то китобҳои дарсии адабиёти синфҳои болоӣ ҳикоятҳои зиёде оварда шудаанд. Ҳоло чанд ҳикоятеро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Зирак ба буридани бандҳои Мутавакқа сар карда буд, ки ӯ гуфт: - Эй Зирак, агар ризои ман металабӣ, шарт он аст, ки аввал ёрони маро аз банд раҳоӣ диҳӣ. Метарсам, ки агар кушодани укдаҳои ман сар кунӣ зуд хаста шавию ёрони ман дар банд монанд. [2.129.]

Мо шоҳиди он мегардем, ки Мутавакқа бо таҳаммул, баҳри кӯмаки ёронаш омодаи қурбон кардани худ буд. Магар чунин таҳаммул ва чунин шуҷоату қавииродагӣ шоистаи таҳсину омӯзиш нест?

Боби чаҳоруми ин асар ҳикояти «Зоғ ва Бумон» боз ҳам таъсирбахшу омӯзондатар мебошад. Агар ин ҳикоятро хонандагон мутолиа ва таҳлил кунанд, боз ба чӣ будани таҳаммули ҳақиқӣ аниқтар сарфаҳм хоҳанд рафт. Ҳикояти мазкурро мухтасар пешниҳод мекунем.

Дар он дарахти бисёршоха ҳазорон зоғон ошён доштанд. Зоғон Пирӯз ном малике доштанд. Рӯзе подшоҳи бумон, ки Шабоҳанг ном дошт, бо лашкари ҷаррор ва сипоҳи хунхор бар зоғон шабеххун зад ва бисёре аз зоғонро бикушт.

Рӯзи дигар Пирӯз лашкари боқимондаашро ҷамъ карда, масъалаи ҳаёту мамотро дар миён гузошт. Баъди суханони Пирӯз панҷ зоғи зираку тадбир, ки вазир буданд назди ӯ омада маҷлис намуданд. Пирӯз ба онҳо гуфт: - Имрӯз рӯзи имтиҳони ақлу хирад, ҳар чӣ андешае дар ин мушкилии мо доред, ба миён ниҳед.

Зоғи якум гуфт: - Душман қавӣ аст, бояд ватанро тарк кунем, дар акси ҳол нобуд мешавем.

Зоғи дуюм гуфт:- Гурехтан ва холӣ гузоштани манзил лоиқи аҳли хирад набошад. Дурусттараш он ки тайёрии ҳарб намоем ва бо шавкати ҳар чӣ тамоман рӯй ба ҷанг орем.

Зоғи дигар гуфт:- Маслиҳат он мебинем, ки ҷосусон бифиристем ва аз ҳоли душман хабардор шавем. Бо онҳо сулҳ баста, боҷу хироҷ диҳем.

Вазири чорум гуфт: - Агар мо хироҷ диҳем душман боз далертар мешавад ва то хироҷи андак розӣ намешавад. Илоҷи ягона сабру оҳистагӣ аст ва зарурат бошад, ба ҷанг ҳам розӣ шудан мумкин аст…

Малик вазири панҷумро, ки Коршинос ном дошт, пеш хонд ва гуфт: - Ман ба ақли мушкилкушои ту эътимоди бисёр ва пои оламорои ту боварии бешумор дорам…

Коршинос гуфт: - Тадбири мо он аст, ки ҷанг ихтиёр накунем.

Малик гуфт: - Агар ба ҷанг нафрат дошта бошӣ, сипас чӣ меандешӣ?

Коршинос гуфт: - Дар ин кор тааммул бояд кард… Ман мехоҳам, ки баъзе маслиҳатҳои худро дар ин маҷлис ва баъзеи онҳоро пинҳонӣ танҳо ба ту бигӯям.

Коршинос гуфт: - Ман худро фидои ин кор мекунам. Барои манфиати ҷомеа агар як кас худро ҳалок созад, ҷоиз бошад. Роҳи дуруст он аст, ки Малик дар пеши ҷамъият ба ман хашм гирад ва бифармояд, то пару боли ман биканананд, хунолудаву захмзада дар зери ҳамин дарахт, ки ошёнаи мо болои он аст, партофта, худ ба сӯи дигар парвоз карда раванд ва одамони маро мунтазир бошанд. Ман доми ҳила дар роҳи бумон монда, аз аҳволи онҳо хабардор шуда меоям ва пас шуморо низ воқиф хоҳам кард. [2.152-157.]

Ҳамин тавр, вазири панҷум худро ба азобу машаққати сахту зиёд гирифтор карда, ҳамҷинсонашро аз ғорату таҷовуз, маргу таҳқири бумҳо халос мекунад ва байрақи зафарро ҷилвагар месозад.

Баъди таълими ҳикояти «Зоғ ва Бумон», ки бачаҳо аз мазмунаш бохабар шуданду ба тоқатпазирии зоғ қоил гаштанд, ба онҳо бояд гуфт, ки на ҳар кас худро ба азоб гирифтор кардан мехоҳад. Агар ба пояшон хоре халад, аз озори он бетоқат шуда нола мекунанд, пару бол кандану тамоми баданро захми кунондан, хуншор гардондан ва ба дарду азоб тоб овардан фақат хаёлан саҳл метобад. Барои азобро мардонавор паси сар кардан таҳаммул лозим аст. Ҳар кӣ таҳаммул надорад, вай далер нест, буздили оҷизу нотавон аст.

Бачаҳо дарк мекунанд, ки пару бол кандан, худро қурбон кардан аст. Барои ба ин қадар дарду азоб тоб овардан иродаи қавӣ ва таҳаммули устувор бояд дошт. Айнан Коршинос бо ёрии иродаи қавӣ ва таҳаммули устувор қаҳрамонии оличаноб кард.

Дар муқоиса бо ҳикояи дар боло зикргардида қаҳрамонии Шеракро, ки дар ҳикояти ҷолиби мардуми мо ҳамешазиндааст ва мисол шуда метавонад, овардан айни мудаост.

Шерак эронинажод ва аз қавми озодагон мебошад. Вай баҳри ҳифзи диёри худ аз ҳамқавмонаш талаб кард, ки гӯшу бинияшро буранду тамоми баданашро захмӣ намуда, дар сари роҳи душман партоянд.

Албатта, буридани гӯшу бинӣ кори саҳл нест, ин иродаи қавӣ ва матонати устувор доштани Шеракро нишон медаҳад, ки бешубҳа сабру таҳаммулро тақозо мекунад. Баҳри Ватан ҷонро фидо намудан, ин гувоҳ аз ҷавонмардию фурутанӣ, далерию ҷасурӣ огаҳ месозад, ки мардони ватандӯст Шерак ва Коршинос ҷони худро нисор ва қурбон кард.

Ҳамин тариқ, аз мазмуни ҳикоятҳои мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки симои мусбати қаҳрамонҳо таҷассумгари инсони далеру шуҷоъ, таҳаммулгарову наҷотбахши инсоният ҷилвагар мебошад. Образи мусбати Коршинос ва Шерак насли ҷавони имрӯзаро ба дӯстию рафоқат, луфу марҳамат, раҳму шавқат, устуворию шикебоӣ ташвиқу тарғиб менамояд. Воқеан ин ҳикоя хонандагонро на танҳо ба таҳаммул ҳидоят мекунад, балки метавонад, шогирдонро дар руҳияи ватандӯстӣ, мардонагӣ, далерӣ, шуҷоатмандӣ ва тавоноарӣ тарбия намояд.

Аз офарида шудани асарҳои Ҳ.В.Кошифӣ чандин асрҳо гузашт, инсон бо бисёр дастовардҳои бузург ноил гаштааст ва гашта истодааст, аммо ҳанӯз ҳам ақидаҳои педагогии ин мутафаккири бузург ба аҳли олам зиё мебахшад ва қимати худро дар тарбияи тоқатпазирӣ гум накардааст

Ҳамин тариқ, мо баҳри тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон аз осори гаронмояи бузургони аҳли адаб истифода барем, албатта аз манфиат холӣ нест, зеро бузургони мо тавассути хусусият ва амалҳои неки худ мақому манзалати баландро сазовор гаштаанд. Осори панду ахлоқӣ ва рангини ин мардони накӯкор баҳри тарбияи тоқатпазирии насли наврас ва ҷавонон як дарси ибрат буда, таъсирбахш мебошад.

## АДАБИЁТ:


1. Ҳ.В.Кошифӣ «Ахлоқи Мӯҳсинӣ». Душанбе, «Адиб», соли 1991.
2. Ҳ.В.Кошифӣ. «Калила ва Димна» (Аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»). Душанбе, “Адабиёти бачагона”, 2019.
3. «Барномаи таълимии адабиёти точик дар мактаб, Душанбе- 2008.
4. Тоҳиров У., Зикиров Х., Мусоев М. Адабиёти тоҷик барои синфҳои 7, Душанбе, 2008 с.


## ТАРАННУМИ ТАҲАММУЛГАРОӢ-ҲАМЧУН СИФАТИ АХЛОҚӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Дар ҷомеаи муосири пешрафта омӯзиш ва таҳлили мероси илмии мутафаккирони бузурги гузашта аҳамияти худро гум намекунанд, баръакс, яке аз талаботи замон мегардад.

Дар мақола мероси илмии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва ташаккули неруи маънавии зарурӣ барои тарбияи насли баркамол мавриди таҳлил қарор гирифта, инчунин истифодаи мероси илмии мутафаккир барои тарғиби арзишҳои поки маънавии онҳо, аз қабили тоқатпазирӣ нишон дода шудааст.

Адиби номдори тоҷик Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки чӣ тавре қайд намудем, аз ҷумлаи мутафаккири соҳаи маънавиёт эътироф шудааст, дар осори худ бурдборӣ ва тоқатпазириро ҳамчун сифати беҳтарини инсонӣ тарғиб мекунад. Яке аз асарҳои машҳури ин муаллими ахлоқ «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» аст, ки аз чиҳил боб иборат буда, яке аз бобҳои он ба таҳаммул бахшида шудааст.

Нависандаи тавоно аз ҷумла чунин мегӯяд: «Ҳар кӣ дар тирборонии ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар ҳаданги умедаш ба ҳадафи мурод мерасад, зеро ки сабр кушоиши кор аст ва дари хонаи роҳат ҷуз бад-ин калид накушоянд…». Яъне шоир таъкид мекунад, ки агар кас аз тирборонии ҳодисаҳои зиндагӣ таҳаммулро аз даст надиҳад, бар муроди хеш мерасад.

**Калидвожаҳо:** *тоқатпазирӣ, адабиёт, мактаб, дарс, инсондӯстӣ, мардӣ, мутафаккир, тамаддун, наврасону ҷавонон, сифатҳои ахлоқӣ.*

## ВОСХВАЛЕНИЕ ТОЛЕРАНТНОСТИ КАК МОРАЛЬНОЕ КАЧЕСТВО В ТВОРЧЕСТВЕ ХУСАЙНА ВОИЗ КОШИФИ

В современном развитом обществе изучение и анализ научного наследия великих мыслителей прошлого не теряет своего значения, а наоборот, становится одним из требований времени.

В статье анализируется научное наследие Х.В.Кашифи и формирование духовных сил, необходимых для воспитания зрелого поколения, а также использование научного наследия мыслителя для пропаганды своих чистых духовных ценностей, таких как толерантность.

Известный таджикский писатель Х.В. Кашифи, который, как мы уже упоминали, признан одним из мыслителей в области духовности, в своих произведениях пропагандирует терпение и выдержку как лучшее человеческое качество. Одной из известных работ этого учителя этики является «Ахлоки Мухсини», состоящая из сорока глав, одна из которых посвящена толерантности.

Среди прочего влиятельный писатель говорит: «Тот, кто носит щит терпения перед лицом воздушных бомбардировок, быстрее достигнет своей цели, потому что терпение – залог успеха, а дверь в уютный дом можно открыть только этим ключом…». То есть поэт подчеркивает, что если человек не потеряет терпения от шквала жизненных событий, он добьется своего.

**Ключевые слова:** *толерантность, литература, школа, урок, гуманность, мужественность, мыслитель, цивилизация, подростки и молодежь, моральные качества*.

## PRAISING TOLERANCE AS A MORAL QUALITU IN THE WORKS OF H.V. KOSHIFI

In a modern, developed society, the study and analysis of the scientific heritage of the great thinkers of the past does not lose its importance, but, on the contrary, becomes one of the requirements of the time.

The article analyzes the scientific heritage of H.V.Koshifi and the formation of spiritual forces necessary for the education of a mature generation, as well as the use of the thinker's scientific heritage to promote his pure spiritual values, such as tolerance.

Among other things, the influential writer says:

"He who wears the shield of patience in the face of aerial bombardment will achieve his goal faster, because patience is the key to success, and the door to a cozy home can only be opened with this key...". That is, the poet emphasizes that if a person does not lose patience with the flurry of life events, he will achieve his goal.

**Key words:** *tolerance, literature, school, lesson, humanity, masculinity, thinker, civilization, teenagers and youth, moral qualities*.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Маҳмадқулова Ойша Саидовна – омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: 985-88-73-22. E-mail: oisamahmadkul@mail.ru*

**Сведения об авторе:**– *Махмадкулова О.С. - старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Тел: 985-88-73-22. E-mail: oisamahmadkul@mail.ru*

**Information about the author:** *Mahmadkulova O.S. - senior lecturer. Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Тел: 985-88-73-22 E-mail: oisamahmadkul@mail.ru*

**УДК 78.072 (575.3)**

# К ВОПРОСУ ТРАКТОВКИ МАЛОГО ПОЛИФОНИЧЕСКОГО ЦИКЛА В ТВОРЧЕСТВЕ ФИРУЗА БАХОРА

***Убайдзода Б.А.***

**Таджикская национальная консерватория имени Т. Сатторова.**

В истории музыки циклический жанр «прелюдия и фуга» не раз привлекал внимание композиторов. Несмотря на принадлежность к различным композиторским школам, композиторы опирались на жанр, зародившийся в европейской музыке, следуя традиции, берущей начало от великого И.С. Баха. Подобных циклов в истории музыки не так уж и много «Хорошо темперированный клавир» И.С. Баха (1722), «48 прелюдий и фуг» К. Черни (1830), «Ludus tonalis» П. Хиндемита (1944). А циклы под названием «24 прелюдии и фуги» написали В. Задерацкий (1937) [4], Д. Шостакович (1951) [2], Р. Щедрин (1964) [6], И. Ельичева (1970) [3], Г. Мушель (1975) [7], К. Сорокин (1977) [10], С. Слонимский (1994) [9], Н. Капустин (1996) [5] и другие. Таким образом, жизнь большого цикла прелюдий и фуг охватывает два столетия – конец XVIII – конец XX.

Композитор Фируз Бахор, является одним из двух центральноазиатских авторов, написавших циклическое произведение в столь сложном полифоническом жанре. Он написал свой цикл в конце XX века. Таджикский композитор ввел в данную традицию свои особенности: мелодика, ритмика и другие выразительные средства музыки основаны на таджикской традиционной музыке и создают своеобразие его цикла. В тональном плане цикл основывается на квинтовом круге. Его цикл не повторение предыдущих больших полифонических циклов, а новое толкование, новое видение.

Первоначально, в 1985 году, композитор написал шесть прелюдий и фуг, а по прошествии более десяти лет, вдохновлённый композитор, вернувшись к жанру прелюдии и фуги, сразу доводит этот цикл до двадцати четырёх. Так, в 2002 году он завершает свой цикл [8].

Полифоничность мышления характерна этому композитору в целом. Эта склонность ярко проявляется во многих его камерных и симфонических произведениях, и даже в музыке для детей. Стремление овладеть к полифоничностии мышления вырабатывается у студента-композитора с первого года обучения. С этой точки зрения изучение опыта композитора Фируза Бахора чрезвычайно полезно молодым композиторам. В данной статье этот опыт мастера прослеживается на примере малого цикла прелюдии и фуги (D-dur №5) большой циклического произведения «Нақши паранд» («Рисунки по шёлку» – 24 прелюдии и фуги [1].

Данный пример привлекает внимание, прежде всего, своей особой колоритностью. Это произведение – яркий опыт совмещения западного и восточного начал. Композитор представляет западного происхождения жанр в толковании средств, присущих таджикской традиционной музыке. Известно, что фуга сугубо полифонически-канонизированный жанр, тогда как прелюдия достаточно свободный жанр инструментальной музыки. В нашем же случае жанр прелюдии рассматривается в контексте полифонического жанра «прелюдия и фуга».

Двухголосная прелюдия основана на диалоге двух тем, каждая из которых образует самостоятельный раздел формы. Несмотря на разность, контрастируя друг-другу, темы не конфликтуют между собой, а дополняют друг друга своей различностью и создают единую композицию в духе импровизации.

Двухголосная фактура первого раздела содержит функционально неравнозначные голоса. Верхний голос, представленный в двенадцатидольном метре восьмыми нотами, вводит слушателя в общий характер Прелюдии. Но уже в третьем такте превращается в ритмический пульс данного раздела произведения:




*Пример 1.*

Второй голос, вступающий несколько позже, семантически делится на два. В нем нижний голос выполняет роль органного пункта, тогда как средний голос ведёт мелодию:




*Пример 2.*

Такая фактура напоминает монодическую. Обычно при исполнении таджикских Шашмакома и Фалака мелодический музыкальный инструмент выдерживает тонический звук, голос ведёт мелодию, а ритмическая пульсация отстукивается ударным инструментом.

Вторая особенность, близкая монодической, проявляется в диалогичности композиционного решения Прелюдии. Эта диалогичность имеет место между первым и вторым разделами формоструктуры. Второй раздел Прелюдии представляет собой традиционную импровизацию в медленном темпе. Поначалу на фоне выдержанного тонического звука, а затем без него, звучит импровизационный монолог. Этот монолог мелизматичен и нетороплив, он обладает большой внутренней динамикой:




*Пример 3.*

Повторенный дважды диалог и формирует структуру Прелюдии. Прелюдия написана в простой двухчастной форме (A+B)+($A_1$+$B_1$). Каждая часть двухчастной композиции представлена периодом, состоящим из двух и трёх предложений.




*Схема 4. Структура I части (A).*




*Схема 5. Структура II части (В).*

Контраст присутствует на масштабном уровне частей (А и В), но не внутренних их составных. Отмеченная степень контрастности частей обусловлена в первую очередь контрастностью фактуры. Хотя обе фактуры относятся к монодическому типу, первый раздел (А) представляет традиционную инструментальную, тогда как второй раздел (В) – традиционную вокальную фактуру. Во-вторых, контрастирует друг другу и мелодика разделов. В разделе А она метрически организованная, поступенная преимущественно нисходящая, основана на секундовых ходах, а в разделе В – свободная, динамичная, охватывающая широкий диапазон, различные ритмические рисунки и мелодические ходы, образующие единую мелодическую линию с определённым пафосом. В-третьих, два раздела Прелюдии инициируют два типа традиционной формоструктуры – свободно-импровизационную (В) и строго канонизированную (А). В целом композиция Прелюдии содержит контраст между разделами А и В где раздел А (и $A_1$), определяется подвижностью, текучестью, а раздел В (и $B_1$) наоборот, характеризует «стоячее» состояние: отсуствие равномерной ритмики, неторопливость «высказывания» с наличием фермат олицетворяет размышление. Однако контраст между разделами не приводит к его развитию. Здесь имеет место экспонирование контраста, вероятно двух состояний человеческой души. Культ состояния – в природе макомата. Вспомним замечание исследователя (Н. Г. Шахназаровой) [12, с. 92], не впервой причислившего эстетику макомата к «эстетике состояния».

Основным ладовым устоем раздела А является нота d. С учётом ключевых знаков, это тональность D-dur. Лад представлен с пониженным II и VI ступенями, то есть в дважды гармоническом виде. Этот лад свойственен традиционной музыке горных таджиков. Как правило, эта особенность ладов проявляется уже при первом знакомстве с музыкой горных таджиков. В частности, композитор М. Цветаев отмечал: «неустойчивые ступени лада – II, III, VI и VII в различных участках мелодии могут выступать в своих вариантах (пониженном или повышенном)» [11, с. 114]. В ладо-функциональных соотношениях главенствует плагальность (в разделе В):






*Пример 6.*

Наличие органного пункта с постоянным педализированием тонического звука имеющее место в прелюдии, характерно и традиционному музицированию, в особенности, таджикскому макомату.

Кроме отмеченной ладовой функции, линия «органного пункта» имеет здесь и ритмически акцентную функцию, которая проявляется, в большой степени, в соотношении к верхнему голосу. Соотношение ритмического оформления нижнего и верхнего голосов построено таким образом, что басы поначалу подчёркивают каждую первую и седьмую, а затем – десятую доли в двенацатидольном метре. Это подчёркивание осуществляется длительностью нот, совпадающих с соответсвующими метрическими долями. В результате вначале двенадцатидольный метр представляется басами шестидольностью (пример *а*), а затем трехдольностью (пример *б*):




*Пример 7.*

Шестидольные и трехдольные метры очень характерны традиционной танцевальной музыке, в частности таджикской.

Фуга находится в неразрывном единстве с прелюдией. Композитор показывает здесь самые глубокие скрытые связи. Тематическое родство зиждется на образном уровне, делающим прелюдию и фугу циклом глубокососредоточенным, чувственным. Течение темы Фуги спокойно и строго. Трехголосная однотемная фуга по строению простая двухчастная. Композиционно она относится к роду классических. В фуге тонических проведений четыре –

два в экспозиции, два в заключении, доминантовых одно – в экспозиции, субдоминантовых два и в параллельной тональности одно – в свободной части:




*Схема 8.*

Композитор в фуге использует семь интермедий. Все эти свойства свидетельствуют о том, что фуга во всех композиционных параметрах базируется на классические нормы.

Общий ритм голосов образует непрерывное движение на протяжении всей фуги. Полифоническая фактура обеспечивает постоянную текучесть.

*Схема экспозиции:*




*Схема 9.*

Казалось бы, все отмеченные особенности фуги ничем не отступают от классических норм. Однако заметим, что мелодико-интонационная и ладовая основа самой темы придают фуге восточно-таджикский нюанс. Мелодия темы рождает характер задумчивости, покоя и легкой грусти. Распевность и сдержанность характерны интонационной сущности темы. Тема довольно проста, но протяжена, шестнадцатитактова.

В теме фуги можно увидеть пять мотивов. Эти пять мотивов чётко членятся фразеологически. Этот приём построения мелодики – многомотивность имел место в разделе В Прелюдии, но в отличии от Прелюдии, здесь они отделены друг от друга паузами. Это придаёт особую неторопливость изложению темы фуги.

Что касается ладовой основы фуги, то с точки зрения европейской ладовой системы – ладотональность из разновидностей мажора. Однако, внутриладовая организация традиционной таджикской музыки больше тяготеет к тетра-пентахордной ладовой единице. Это выражается в склонности автономного толкования тетра-пентахордных составляющих единиц. Ярким примером этой особенности является тема данной фуги. Каждый из пяти мотивов фуги демонстрирует один участок лада. Отметим, что синхронное ладо- и формообразование также яркая черта традиционной таджикской музыки.

В первом мотиве нижнее тонико-доминантовое соотношение демонстрируется через нижний охват пятой ступени. Несмотря на то, что фраза начинается и завершается пятой ступенью, местонахождение тонического звука на сильной доле, с крупной длительностью (продолжительностью в целую ноту), экспонирует в большей степени тонический устой:



*Пример 10.*

Второй мотив основан на тетрахорде, представленный в общем ладозвукоряде как нижний. Он построен в пределах чистой кварты. Пониженная вторая ступень и образующаяся от неё увеличенная секунда, интонационно характеризует таджикскую музыку:



*Пример 11.*

Третий мотив – трихорд с нижним охватом вводного тона, появляющегося лишь в конце фразы как дополнение, и превращающего трихорд в тетрахорд:



*Пример 12.*

Мотив четвертый – также трихорд, экспонирующий субдоминантовую группу. Концентрируется на трихорде от второй ступени с опорой на вторую и четвёртую ступени:



*Пример 13.*

Пятый мотив – самый протяженный. Его ладовая основа нижний пентахорд общего ладозвукоряда. Мелодическая основа образуется верхним и нижним опеванием тонического звука:



*Пример 14.*

Таким образом, тема не выходит за пределы нижнего пентахорда, экспонируется им. В мелодике пятого мотива опевается почти каждая ступень этого пентахорда. Сам же тонический звук (d) представлен не только опеванием, исходящим от него пентахордом, но и охватом нижнего доминантного и нижнего вводного тонов. Таким образом, процесс ладообразования происходит постепенно – тетра-пентахордно, что позволяет говорить о том, что в самом процессе ладообразования композитор также придерживается традиционного способа, характерно таджикской музыке.

В целом в теме фуги преобладают секундовые мелодические ходы. Скачки приходятся на грани построений, из-за чего они не ощутимы как мелодические ходы.

В пользу классических композиционных норм отметим реальный ответ (в экспозиции фуги), горизонтально-подвижной контрапункт.

Третье проведение темы в главной тональности, становится для экспозиции кульминационным. Тема, контрапунктируя с двумя противосложениями, приводит к завершению экспозиции.

В каденции наличествует мотив из раздела *B* Прелюдии. Здесь он даётся в ритмическом ускорении. Внедрение мотива прелюдии в фугу способствует тематической цельности цикла:




*Пример 15.*

Каденция заканчивается в параллельной тональности. Таким образом, композитор связывает экспозицию со свободной частью.

В отличии от экспозиции, в свободной части, активизируется тональный фактор. Тема последовательно проводится в субдоминантовой, параллельной и в главной тональностях:




*Схема 16.*

Все проведения темы перемеживаются с секвенционными интермедиями. В третий раз тема проводится октавно в нижнем голосе, одновременно с двумя противосложениями в верхних голосах. Октавное проведение темы в басу вносит особую торжественность и значимость. Фактически, это кульминация всей фуги.

Так в целом, тема фуги написана в духе второго раздела, что также способствует тематической целостности всего цикла.

Подытоживая, отметим, что в толковании Фируза Бахора европейский жанр (фуга) композиционно сохраняется. Однако в отношении лада, тематики, мелодико-интонационной основы композитор отдает предпочтение таджикскому началу. Этот опыт композитора можно оценит как пример прочтение фуги по-таджикски. Большой полифонический цикл «Нақши паранд» – 24 прелюдии и фуги Фируза Бахора в целом – это учебное пособие по прочтению и толкованию большого полифонического цикла европейского происхождения таджикским музыкальным языком, монодическим типом мышления. Именно этот аспект делает освоение этого произведения Фируза Бахора обязательным в учебном процессе Таджикской национальной консерватории.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Баҳор Ф. Нақши паранд (24 прелюдия ва фуга) барои фортепиано. – Берлин: «Peermusic classic», 2013. – 163 с.
2. Должинский А. 24 прелюдии и фуги Д. Шостаковича. – Ленинград: «Сов. композитор», 1970. – 130 с.
3. Ельчева И. 24 прелюдии и фуги для фортепиано. Тетради I, II. – Москва: «Сов. композитор», 1972. – 154 с.
4. Задерацкий В. Полифония в инструментальных произведениях Д. Шостаковича. – Москва: «Музыка», 1969. – 272 с.
5. Капустин Н. 24 прелюдии и фуги для фортепиано. – Москва: «Композитор», 1995. – 218 с.
6. Лихачёва, И.В. 24 прелюдии и фуги Р. Щедрина. / И.В. Лихачёва. – Москва: «Музыка», 1975. – 113 с.
7. Мушель Г. Двадцать четыре прелюдии и фуги для фортепиано. –Москва: «Сов. композитор», 1978. – 116 с.
8. Мусоҳиба бо Ф. Баҳор 24.01.2016 // Б.А. Убайдзода. Бойгонии шахсӣ.
9. Слонимский С. 24 прелюдии и фуги для фортепиано. Тетради I, II. – Санкт-Петербург: «Композитор», 1995. – 134 с.
10. Сорокин К. Прелюдии и фуги для фортепиано. – Москва: «Музыка», 1977. – 127 с.
11. Цветаев М.А. О некоторых особенностях таджикских народных мелодий. Сборник статей посвященных искусству таджикского народа. Труды АН Тадж. ССР. Том 42. – Сталинабад: «Издательство АН Тадж. ССР», 1956. – С.107-123.
12. Шахназарова Н.Г. Музыка Востока и музыка Запада. Типы музыкального профессионализма. Москва: «Сов. комп.», 1983. – 92 с.

## К ВОПРОСУ ТРАКТОВКИ МАЛОГО ПОЛИФОНИЧЕСКОГО ЦИКЛА В ТВОРЧЕСТВЕ ФИРУЗА БАХОРА

Большой полифонический цикл – 24 прелюдии и фуги, является одним из сложных жанров композиторской музыки. Как правило, к нему обращаются мастера-композиторы, владеющие полифоническим мышлением. Устойчивое начало данного жанра связывают с творчеством великого композитора И.С.Баха. В истории музыки эту традицию поддержали композиторы В. Задерацкий, Д. Шостакович, Р. Щедрин, И. Ельичёва, Г. Мушель, К. Сорокин, С. Слонимский, Н. Капустин и др. Фируз Баҳор является одним из двух центральноазиатских композиторов, обратившихся к данному жанру. Данное обращение обусловлено двумя факторами: наличие полифонического мышления (1), ощущение пульса композиторской музыки последних десятилетий XX века – начала XXI (2). Обретение первичных навыков этих двух факторов молодым композитором ещё во время учёбы очень значимо. Поэтому учебный процесс направлен в данное русло.

В данной статье анализируется опыт из творчества Фируза Бахора на примере прелюдии и фуги D-dur (№5). Композитор представил данный малый цикл как яркий образец совмещения начал западной и восточной музыки. Он создал произведение в западном жанре на таджикском языке. Двухголосная прелюдия имеет монодическую фактуру и основана на принципе диалогичности. Двухчастная форма прелюдии способствует этой диалогичности. Прелюдия базируется на двух видах формоструктуры традиционной музыки – свободно-импровизационной (а) и канонически метрической (б). Трёхголосная фуга имеет таджикскую мелодико-интонационную основу. Фируз Бахор представляет образец использования мелодико-интонационных переливов в жанре фуга. Весь большой цикл в целом – это учебное пособие по совмещению элементов западной и таджикской музыки. И эта особенность делает обязательным изучение данного произведения в учебном процессе Таджикской национальной консерватории.

**Ключевые слова:** *прелюдия, фуга, полифонический цикл, фактура, монодия, интермедия, пропоста, риспоста, тоническая ступень, контрапункт.*

# ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАЛҚИНОТИ СИЛСИЛАИ ХУРДИ ПОЛИФОНӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ФИРУЗ БАХОР

Силсилабузурги полифонӣ – 24 прелюдия ва фуга, яке аз жанрҳои мураккаби полифонӣ дар мусиқии композиторӣ маҳсуб меёбад. Одатан ба ин жанр композиторони пуртаҷриба ва дорои тафаккури полифонӣ рӯ меоваранд. Ибтидои устувори ин силсилабузургро бо эҷодиёти композитори маъруф И.С. Бах мепайванданд. Дар таърихи мусиқӣ ин анъанаро композиторон В. Задерацкий, Д. Шостакович, Р. Шедрин, И. Ельичева, Г. Мушел, К. Сорокин, С. Слонимский, Н. Капустин ва дигарон идома додаанд. Фирӯз Баҳор яке аз ду композитори осиёимарказист, ки ба ин жанр рӯ овардааст. Дар ин амал ду омили асосиро мушоҳида кардан мумкин аст: дороии тафаккури полифонӣ (1), эҳсоси набзи мусиқии композиторӣи даҳсолаҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI (2). Дар раванди тарбияи композитори ҷавон дар консерватория ба даст овардани малакаи аввалини ин ду хусусият хеле муҳим аст. Бинобар ин таълим ба ин самт равона мегардад. Дар мақолаи мазкур таҷрибае аз эҷодиёти Фирӯз Баҳор дар мисоли прелюдия ва фугаи D-dur №5 таҳлил мешавад. Композитор ин асарро ҳамчун намунаи хуби омезиши унсурҳои мусиқии Ғарб ва Шарқ пешниҳод менамояд. Ӯ дар жанри ғарбӣ асаре бо забони тоҷикӣ навиштааст. Прелюдияи дуовоза дар баёни монодист ва он бо услуби муколама эҷод шудааст. Сохтори дуқисмаи прелюдия ба муколама мусоидат мекунад. Прелюдия дар асоси ду навъи сохтории суннатӣ – озоду импровизатсионӣ (а) ва мушаххаси мавзунӣ (б) асос ёфтааст. Фугаи сеовоза асоси оҳангии интонатсионии тоҷикиро дорад. Фирӯз Баҳор намунаи истифодаи тобишҳои оҳанги-интонатсионии тоҷикиро дар фуга офаридааст. Аз ин ҷиҳат, дар умум силсилаи бузург – дастури таълимиест доир ба омезиши унсурҳои мусиқии ғарбӣ ва шарқӣ. Ва ин хусусият зарурати муфассал омӯхтани ин асарро дар ҷараёни таълими Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба миён меоварад.

**Калидвожаҳо:** *прелюдия, фуга, силсилаи полифонӣ, фактура, монодия, интермедия, пропоста, риспоста, дараҷаи тоникӣ, контрапункт.*

# ON THE ISSUE OF INTERPRETATION OF THE SMALL POLYPHONIC CYCLE IN THE WORK OF FIRUZ BAHOR

The large polyphonic cycle – 24 preludes and fugas – is one of the complex genre of composer's music. As a rule, master-composers, who has master polyphonic thinking turn to him. The stable beginning of this genre is associated with the work of the great composer J. S. Bach. In the history of music this tradition was supported by composers V. Zaderatsky, D. Shostakovich, R. Shchedrin, I. Elicheva, G. Mushel, K. Sorokin, S. Slonimsky, N. Kapustin and others. Firuz Bakhor is one of two Central Asian composers turned to this genre. This appeal is due to two factors: the presence of polyphonic thinking (1), a sense of the pulse of composer's music of the last decades of the 20th century - the beginning of the 21st (2). The acquisition of primary skills of these two factors by a young composer during his studies is very significant. Therefore, the educational process is directed in this direction.

This article analyzes experience from the work of Firuz Bakhor using the example of the prelude and fuga in D-dur (No. 5). The composer presented this small cycle as a vivid example of combining the principles of Western and Eastern music. He created a work in the Western genre in the Tajik language. The two-voice prelude has a monodic texture and is based on the principle of dialogism. The two-part form of the prelude contributes to this dialogic nature. The prelude is based on two types of form structure of traditional music – free-improvisational (a) and canonically metrical (b). The three-voice fuga has a Tajik melodic-intonation basis. Firuz Bakhor presents an example of the use of melodic-intonation modulations in the fuga genre. The entire large cycle as a whole is a textbook on combining elements of Western and Tajik music. And this feature makes it mandatory to study this work in the educational process of the Tajik National Conservatory.

**Keywords:** *prelude, fuge, polyphonic cycle, texture, monody, interlude, proposta, risposta, tonic sound, counterpoint.*

**Сведения об авторе**: *Убайдзода Бахтиёр Ахрори – докторант (PhD), Таджикская национальная консерватория имени Талабхуджи Сатторова, научный руководитель доктор искусствоведения, профессор Азизи Фарогат Абдукаххорзода. Адрес: г.Душанбе, Хусейнзода, 155. e-mail: ahrorb93@mail.ru, телефон: +(992) 917406046.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ – докторант (PhD), Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов, роҳбари илмӣ доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода. Суроға: шаҳри Душанбе, Ҳусейнзода 155. e-mail: ahrorb93@mail.ru, телефон: +(992) 917406046.*

**Information about author:** *Ubaidzoda Bakhtiyor Ahrori – doctorant (PhD) of the Tajik National conservatory, scientific supervisor doctor of art history, professor F.A.Azizi Faroghat Abduqahhorzoda. Adress: Dushanbe, Khuseynzoda Str., 155. e-mail: ahrorb93@mail.ru, телефон: +(992) 917406046.*

**УДК:372.878 (575.3)**

## ТАЛҚИНИ НАВИ СОХТОРИ КУПЛЕТӢ АЗ ТАҶРИБАИ ПЕДАГОГИИ КОМПОЗИТОР ШУҲРАТ АШӮРОВ

### (дар мисоли суруди «Ливои мо»)

***Эмомалӣ Абдуллозода***

**Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов**

Композитор Шуҳрат Ашӯров яке аз чеҳраҳои намоёни мусиқии профессионалии тоҷик дар охири асри XX – аввали асри XXI ба ҳисоб меравад. Ӯ ба насли панҷуми композиторони тоҷик тааллуқ дорад [10, с. 10]. Ҳаёт ва эҷодиёти хеле пуравҷи Шуҳрат Ашӯров ногаҳон фоҷиавӣ қатъ шуд.

Роҳи эҷодии ӯ ҳамагӣ 20 солро дар бар мегирад. Дар ин роҳи хеле кӯтоҳи эҷодӣ, хусусан даҳсолаи охир фаъолияти ӯ хеле пурсамар аст. Ин даҳсоларо мо шартан *давраи ватанӣ* (давраи душанбеӣ) номидем. Фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров ба даврае рост омад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол қадамҳои нахустини худро мегузошт. Бинобар ин, таҳлили эҷодиёти ӯ ба муайян кардани шавқу завқи насли композиторони давраи соҳибистиқлолӣ имкон медиҳад. Бесабаб нест, ки Шуҳрат Ашӯров дар ин давраи ҳаёт ба жанри суруди ватанпарастӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Ба ин васила композитор замони соҳибистиқлолии Ватанро васф мекард. Одатан ӯ чунин сурудҳоро ба муносибати ҷашнҳои миллӣ ва фарҳангӣ менавишт. Мавзуи ватанпарастӣ ба «лейтмотив»-и ин давраи эҷодиёти ӯ табдил ёфта буд.

Жанри суруд дар мероси мусиқавии ӯ мавқеи марказиро ишғол накунад ҳам, композитор сурудҳои зиёд навиштааст. Мавзуъҳои сурудҳои ӯ ба сулҳ, дӯстиву рафоқат, ватандӯстиву ватанпарварӣ, пойтахти Ватани азиз – шаҳри Душанбе, Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз ҷумлаи ин сурудҳо «Сулҳ» (ш. М. Турсунзода), «Тоҷикистон» (ш. Н. Қосим), «Оли Сомон» (ш. Н. Амриддин), «Ориёи ман» (ш. Н. Қосим), «Ватан» (ш. М.Турсунзода), «Тоҷикистон» (ш. М. Файзалӣ), «Ватан» (ш. С. Уроқӣ), «Эй Ватан» (ш. Н. Қосим), «Шукӯҳи тоза медамад» (ш. К. Насрулло), «Пешвои миллат» (ш. Н. Исҳоқӣ), «Қаҳрамони Ваҳдат» (ш. Н. Қосим), «Шаҳри Нур» (ш. М. Файзалӣ) ва диг. мебошанд. Бо ин офаридаҳои дилнишини худ Шуҳрат Ашӯров яке аз шахсиятҳои муътабаре дониста шуд, ки баҳри Ҷумҳурии Тоҷикистон сурудҳои беҳтаринро навиштааст. Сурудҳои композитор барои баланд бардоштани маънавиёти миллӣ ва тарғиби арзишҳои инсондӯстӣ заминаи муҳим фароҳам оварда, меросбарони ин марзу бумро дар руҳи ватандориву ватанпарварӣ тарбия менамоянд. Онҳо дар чорабиниҳои зиёди сиёсиву фарҳангӣ дар иҷрои ҳунармандони касбии тоҷик садо дода, рисолати худро ба таври шоиста иҷро кардаанд. Байни мардум онҳо имрӯз ҳамчун нишонаҳои ҳунари

композитори маҳбуб Шуҳрат Ашӯров маълуму маъмуланд. Дар ҷомеаи муосири тоҷик корномаи ӯро зинда нигоҳ медоранд.

Суруди «Ливои мо» бар шеъри Нуриддин Амриддин яке аз сурудҳои ватанпарастии Шуҳрат Ашӯров мебошад. Он дар жанри суруди тантанавӣ барои яккахон ва хор навишта шудааст [2.]. Соли эҷоди ин суруд мушаххас маълум нест, лекин аниқ аст, ки композитор онро дар даҳсолаи охири ҳаёти худ навиштааст.

Шеъри мазкур дар жанри *мусаммати мураббаъ* – («*марворидмӯҳраи чоргона*») эҷод шудааст [11, с. 400]. Бо ин унвон навъи шеъреро меноманд, ки банди он чаҳормисраӣ буда, дар ҳар банд се мисраи аввал озод ва танҳо мисраҳои чаҳоруми ҳамаи бандҳо ҳамқофияанд [11, с. 401]. Дар натиҷа шеъре бо чунин сохтор ба вуҷуд меояд:

***ааав, вввб, гггб.***

Бахри шеъри мазкур *ҳазаҷи мураббаъи солим* мебошад:

| | |
|---|---|
| *Ҷи ло и ас<br>Ни шо ни вас* | *ли о ри ё,<br>ли о ри ё* |
| v — — — | v — — — |
| ма-фоъ-ӣ-лун | ма-фоъ-ӣ-лун |

*Ҷадвали 1. Баҳри шеърӣ дар пешниҳоди шоир.*

Вале композитор байти шеъри шоирро ба як мисраоҳанг табдил дода, онро чун баҳри *ҳазаҷи мусаммани солим* истифода бурдааст. Дар ин маврид матни шеърии суруд иваз мешавад ва сохтори зеринро пайдо мекунад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| *Ҷи ло и ас<br>Ка мо ли нас* | *ли о ри ё,<br>ли о ри ё,* | *ни шо ни вас<br>Ли во и мо,* | *ли о ри ё·<br>Ли во и мо.* |
| v — — — | v — — — | v — — — | v — — — |
| ма-фоъ-ӣ-лун | ма-фоъ-ӣ-лун | ма-фоъ-ӣ-лун | ма-фоъ-ӣ-лун |

*Ҷадвали 2. Баҳри шеърӣ дар пешниҳоди композитор.*

Сабаби иваз кардани баҳри шеърӣ дар он аст, ки мисраҳои оҳангии суруд дарозтару фарохтар шуда, шукуҳу шаҳомати оҳангро фузунтар гардонанд. Бамаврид аст, хотиррасон бикунем, ки маънии луғавии калимаи «ҳазаҷ» – «овози хуш», «суруд», «хушоянд» мебошад [12, с. 716]. Адабиётшиносони тоҷик қайд мекунанд: «ҳазаҷ серистеъмолтарин баҳри арӯзи тоҷикист ва шеърҳои дар ин вазн эҷодшуда оҳанги хушу фараҳбахш доранд» [11, с. 83].

Сохтори умумии суруд куплетӣ аст. Новобаста ба ин композитор сурудро бо *рушди ягонаи динамикӣ* таъмин кардааст. Ин суруди тантанавӣ суруди хорист. Дар куплети дуюм хор ба яккахон ҳамроҳ шуда, аввал дуовоза ва сониян, ба хори сеовоза табдил меёбад.

Муқаддимаи созии суруд ҳаҷман калон, иборат аз 22 мизон аст. Шаш мизони аввали он характери фанфаравӣ дошта, функсияи *муқаддима бар муқаддимаи созиро* иҷро мекунад. Оҳанги фанфаравӣ дар ду мизони аввалӣ – яковоза ва дар чаҳор мизони баъдӣ – аккордӣ-октаваӣ баён гардидааст. Такнавозӣ низ дар чунин навъи бофт қарор дорад:



*Мисоли нотавии 3. Муқаддима бар муқаддимаи созӣ*

Баёни октаваии чунин ибтидо дар хати басии такнавозӣ то охири суруд нигоҳ дошта шудааст. Оҳанги асосии муқаддимаи созӣ шонздаҳ мизони дигарро дар бар мегирад. Муқаддима дар шакли *периоди мураккаб* сохта шудааст. Он навъи *периоди сохтори такрории мураббаъ* мебошад. Оҳанги он бори аввал ба таври яковоза хеле равшану бурро пешниҳод гардида, ҷо-ҷо ба дуовоза табдил ёфтааст:



*Мисоли нотавии 4. Муқаддимаи созӣ. Оҳанги асосӣ.*

Дар мавриди такрор (мизонҳои 9-16) оҳанги суруд се-чаҳоровоза аккордӣ-октаваӣ баён мегардад:



*Мисоли нотавии 5. Муқаддимаи созӣ. Такрори оҳанги асосӣ*

Новобаста ба сохтори *такрории мураббаъ*, давра дорои *рушди ягона* аст. Дар рафти муқаддима аз диди драматургӣ шартан се давраи рушд мушоҳида карда мешавад: оғози фанфаравӣ (1), периоди якум дар баёни яковоза (2), периоди дуюм дар баёни чаҳоровоза (3). Аз ҷиҳати сохторӣ муқаддимаи созӣ тақсимоти 6+8+8 - ро дорад.

Ба андешаи мо, дар таъмини *рушди ягона* ду омил хеле фаъоланд: 1. *хати рушди ягонаи* онро композитор тавассути услуби баён (фактура) таъмин намудааст; 2. ҳам дар оҳанги фанфаравӣ ва ҳам дар оҳанги асосии муқаддимаи созӣ композитор аз *як принсип*

истифода бурдааст. Ӯ баёни оҳангро дар ҳарду маврид яковоза сар карда, бори дуюм, дар такрори он, оҳангро дар услуби бисёровоза як октава боло меоварад.

Оҳанги асосии суруд ба монанди муқаддима аввал яковоза (банди якум) ва баъд дуовоза (банди дуюм) садо медиҳад. Чунин менамояд, ки композитор ин услубро [*яковоза бисёровоза*] ҳамчун *принсипи асосии баён* интихоб кардааст. Василаҳои дигар – аккомпанементи октаваии басӣ, тадриҷан васеъшавии диапазон, аккордишавии аккомпанемент, зиёдшавии шумораи хатҳои овозӣ (дар бахши овозӣ) ва динамизатсияи умумии оҳанг низ зери истифодаи ин услуб қарор гирифта, ба кулминатсияи суруд меоваранд:




*Мисоли нотавии 6. Хати авҷии якум*

Одатан, сохтори куплетӣ дар умум статикӣ аст. Вале композитор онро дар драматургияи *рушди ягона* пешниҳод намудааст. Ба ин якчанд василa мусоидат мекунад:

1) куплетҳоро – яккахон ва нақароти авҷиро ҳар дафъа – хор иҷро мекунад;

2) гузариш аз яккахон ба хор тадриҷӣ аст: байти якум – яковоза, байти дуюм – дуовоза ва нақарот – бисёровоза омадааст.

Ҳамаи ин ҷараён бо чунин сохтори умумии суруд ташаккул ёфтааст:

| | | |
|---|---|---|
| 1. банди аввали композитсионӣ | | |
| воҳиди сохтории таркибӣ | муқаддимаи созӣ | |
| | муқаддима ба муқаддима | банди асосӣ |
| хатҳои таркибӣ | a a | b b¹ |
| миқдори мизонҳо | 2 + 4 | 8 + 8 |
| 2. банди дуюми композитсионӣ | | |
| воҳиди сохтории таркибӣ | куплети якум | нақарот |
| хатҳои таркибӣ | c + c | d |
| миқдори мизонҳо | 8 + 8 | 8 |
| 3. банди сеюми композитсиноӣ | | |
| воҳиди сохтории таркибӣ | куплети дуюм | нақарот |
| хатҳои таркибӣ | c + c | d |
| миқдори мизонҳо | 8 + 8 | 8 |
| 4. банди хотимавии композитсионӣ | | |
| воҳиди сохтории таркибӣ | Coda | |
| | кулминатсияи маҳаллӣ («қуллаи авҷӣ») | кулминатсияи умумӣ («қуллаи уфуқӣ») |
| хатҳои таркибӣ | e + e¹ | f |
| миқдори мизонҳо | 8 + 8 | 2 + 4 |

*Ҷадвали 7. Сохтори композитсионӣ*

Дар ин сохтор куплети дуюм такрори куплети якум аст. Байни сохтори муқаддимаи созӣ ва Coda таносубияти симметрӣ мушоҳида мешавад:

муқаддимаи созӣ: a + b b¹
6 8 + 8

Coda : e e¹ f
8 + 8 + 6

*Ҷадвали 8. Мутаносибии симметрӣ байни муқаддима ва Coda*

Сохтори Coda аз чаҳор мисраоҳанг ва хотимабанди вокализӣ иборат аст. Coda ба банди авҷии суруд рост меояд. Чунин интихоби композитор бо якчанд васила ба амал оварда мешавад:

1) ҳарчанд ки суръати Coda иваз нашуда бошад ҳам, композитор тавассути бузургтар кардани воҳиди асосии зарбӣ (табдил додани ҳаштякӣ ба чаҳорякӣ) суръати Coda-ро сусттар карда, динамикаи садоии онро меафзуна;

2) байни мисраоҳангҳо ҳамеша оҳангбандакҳои болораванда ҷойгиранд:

а) байни мисраоҳангҳои якум ва дуюм:



б) байни мисраоҳангҳои дуюм ва сеюм:



в) байни мисраоҳангҳои чаҳорум ва панҷум:



*Мисоли нотавии 9. Оҳангбандакҳои болораванда (а,б,в)*

3) аккомпанементи созӣ пайваста талоши афзоиши бисёровозагиро дорад.

а) периоди якуми муқаддимаи созӣ:



б) периоди дуюми муқаддимаи созӣ:



в) интерлюдия байни мисраоҳангҳои сеюм ва чаҳорум:



*Мисоли нотавии 10. Рушди аккомпанемент (а,б,в)*

4) миёни хатҳои аккомпанемент иборaҳои оҳангии таъкиддор даровaрда шуда, якҷоя бо зарби триолии оҳангбандакҳои мобайнӣ динамикаи ҷараёнро фузунтар мегардонад:

а) периоди дуюми муқаддимаи созӣ:



б) мисраоҳанги дуюми нақарот:



в) мисраоҳанги дуюми кулминатсия:



*Мисоли нотавии 11. Ҷараёни фаъолшавии мисраъоҳангҳои созӣ*

5) ниҳоят, дар сохтани чунин фазо асоси лаҳнии Coda нақши муҳимро бозидааст. Дар охири он гузариш аз лаҳни минорӣ ба лаҳни мажорӣ ба амал меояд:



*Мисоли нотавии 12. Гузариши лаҳнӣ дар Coda*

Дар Coda композитор баҳри дигари шеъриро истифода мебарад. Он дар баҳри *рамали мусаммани аҳаз* навишта шудааст. Сохтори он чунин аст:

| | | | |
|---|---|---|---|
| *Пар-ча-ми мо*<br>*О ф - то-би* | *шуъ-ла-и ну*<br>*пар-фи-шо-ни* | *ри ни- ё - го*<br>*дав-ру дав-ро* | *наст,*<br>*наст.* |
| —v — — | — v — — | — v — — | ~ |
| *фоъилотун* | *фоъилотун* | *фоъилотун* | *фоъ* |

*Ҷадвали 13. Баҳри шеърӣ дар Coda*

Ивазшавии баҳри шеър, ба андешаи мо, бо функсияи хотимавии Coda алоқаманд аст (1); Coda ба банди авҷии суруд рост омадааст (2).

Байти охирин бар васфи ливо/парчам аст. Бо вуҷуди ин композитор ба иҷрои ҳадафи худ на яку якбора, балки тадриҷӣ мерасад. Ӯ ба ҳайси иқдоми *аввалӣ* табдили *ҳазаҷи мусаммани мураббаъро* ба *ҳазаҷи мусаммани солим* иҷро намудааст. *Дуюм* – агар рукни аслии ҳазаҷро (мафоъӣлун v – – –) бо рукни аслии рамал (фоъилотун – v – –) муқоиса кунем, зуд пай мебарем, ки барои таъкиди зарбаи аввал рамал бештар мусоидат мекунад, чунки ҳиҷои аввали он дароз аст ва дар мусиқӣ он ҳамеша имкони зарбаи қавӣ шуданро медиҳад. Ҳаминро композитор ба назар гирифта баҳри шеъриро дар Coda иваз кардааст. Васеъшавии Coda ба қабули он ҳамчун банди авҷӣ мусоидат мекунад. *Сеюм* он

аст, ки дар Coda баъди байт хотимабанди вокализӣ илова шудааст. Ба ин васила композитор ҳаҷман Coda-ро васеъ кардааст.

Ҳамаи ин иқдомҳои композитор баҳри мантиқи композитсионӣ иҷро шудаанд. Барои амалӣ кардани ин мантиқ ӯ тавонистааст ҷараёни хати драматургиро пайопай ба натиҷаи ягона оварад. Ва ин хеле муҳим аст.

Баҳри мантиқи композитсионӣ дар татбиқи амалии ин ҷараён композитор ба василаи кулминатсия (авҷ) таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Кулминатсияи якуми суруд ба аввали Coda рост меояд. Ин кулминатсияи «*қуллаи авҷӣ*» ва (навъи дуюми кулминатсия дар радабандии мусиқишиноси маъруф Л. А. Мазел) аст. Барои композитсияи суруд он навъи *кулминатсияи маҳаллӣ* махсуб меёбад. Кулминатсияи умумии суруд дар хотимаи суруд омадааст, дар радабандии ҳамон мусиқишинос он навъи сеюми кулминатсия – «*қуллаи уфуқӣ*» шуморида мешавад [8, с. 96]. Чунин навъи кулминатсияро Л. Мазел бештар хоси жанрҳои вокалӣ мешуморад. Ӯ қайд мекунад: «қуллаи уфуқӣ бо савти бузургдеранди хеле қавӣ (аз ҷиҳати функсияи лаҳнӣ шояд тоника бошад – Э. А.) ва регистри болоӣ одатан зоҳир мешавад. Ба он дуршавии тадриҷӣ зимни такнавозии оркестрӣ хос аст» [8, с. 92]. Хусусияти ин шарҳ дар хотимабанди вокализии Coda-и суруди «Ливои мо» бараъло дида мешавад. Ба даст овардани чунин гунаи кулминатсияи сурудро композитор на танҳо тавассути оҳанг ба амал меоварад: дар баробари динамизатсияи такнавозии оркестрӣ (васеъшавии регистрӣ, фаъолгардонии зарбиву агогӣ ва диг.) композитор, хусусан аз василаи лаҳнӣ хуб истифода мебарад. Лаҳни асосии суруди мазкур f-moll гармонӣ аст. Дар хотимабанди Coda лаҳни минорӣ (f-moll) ба лаҳни мажорӣ (F-dur) табдил ёфта, сурудро ба анҷом мерасонад. Аз ин бармеояд, ки ворид кардани Coda дар суруд тасодуфӣ нест. Композитор инро бо ҳадафи драматургӣ пайвастааст.

Суруди «Ливои мо» яке аз он намунаҳоест, ки маҳорати бузурги пайдокардаи композитор Шуҳрат Ашӯровро дар давраи ватанӣ дар ин жанри вокалӣ нишон медиҳад. Чунин таҷрибаи ғанӣ ба дониши мукаммале, ки ин композитор оид ба хору оркестр дошт, замм гардида ба ӯ имкони офаридани чунин сурудҳои дилнишину дилрабоbooro медод. Аз ин рӯ, дар суруд садодиҳии хеле хуби хор ва оркестр низ ҷо дорад.

Шахси зиндадил Шуҳрат Ашӯров ҳамеша дар робита бо шоирони ҳамзамонаш ҳамкорӣ мекард. Ба ин васила ӯ ба жанри суруди ватанпарастӣ имкони ворид кардани мазмуни навтаринро муҳайё сохта, бо замони худ ҳамқадам мегардонад. Барои ба ин мақсад расидан композитор дар мусиқӣ василаи фавқуззикри лаҳниро – гузариш аз лаҳни минорӣ ба лаҳни мажориро, ҳамеша истифода мебарад. Тавре дар боло қайд шуд, суруди «Ливои мо» дар ин қатор истисно нест. Дар хотимаи он ҳам чунин ҳалли композитсионӣ-драматургӣ ҷо дорад. Бо истифодаи ин гузариш гӯё композитор бо сурудҳои ватанпарастиаш касро ба сӯи равшанӣ равон месозад. Дар натиҷа, ин суруд бо мазмуни баланду муосири худ аз як тараф ва бо ҳалли хеле моҳиронаи композитсионӣ аз тарафи дигар, фаҳмиши набзи замонро хеле равшан таҷассум намудааст. Аз лиҳози мазмуни баланди шеъриву мусиқавӣ суруди «Ливои мо» репертуари хори консертии муосирро арзишмандона пурра мегардонад. Ҳамчун маҳсули эҷод, он намунаи ҳалли устодонаи сохтори куплетиро пешниҳод менамояд. Дар ҷараёни таълим ин талқиноти композитор Шуҳрат Ашӯров ба ҳайси таҷрибаи нодири педагогӣ истифода бурда шуда метавонад. Чунин мисолҳо дар эҷодиёти Шуҳрат Ашӯров хеле зиёданд. Онҳоро дар дарсҳои «Композитсия», «Таърихи мусиқии композитории тоҷик», «Таҳлили асарҳои мусиқӣ» ва дигар ҳамчун таҷрибаи ғановатманди эҷодӣ бояд омӯхт.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Абдуллозода, Э. А. Композитор Шуҳрат Ашӯров: ҷустуҷӯҳои эҷодӣ. Рисолаи магистрӣ. Дастнавис. / Э.А.Абдуллозода. – Душанбе, 2021. – 109 с. // Китобхонаи

Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов. Фонди корҳои дипломӣ, №533.

2. Ашӯров, Ш. «Ливои мо», шеъри Н. Амриддин. Суруд барои яккахон ва хор. Дастнавис. / Ш. Ашӯров. // Хазинаи шахсии композитор. Кафедраи композитсияи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов. – 8 с.
3. Азизӣ, Ф. А. Назарияи мусиқӣ. Китоби дарсӣ. / Ф. А. Азизӣ. – Душанбе: «ЭР-граф». – 2021. – 304 с.
4. Козловский, О. П. Анализ вокальных произведений: Учеб. пособие / О. П. Козловский. – Ленинград: «Музыка». – 1988. – 352 с.
5. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: «Адиб». – 2007. – 400 с.
6. Композиторон ва мусиқишиносони Тоҷикистон. Маълумотнома. Мураттибон: Азизӣ Ф. А., Ҳикматов Қ. С., Ҳакимов Н. Ғ. – Душанбе, 2011. – 288 с.
7. Костарёв, В. П. Вокальное произведение как синтез искусств. Учебное пособие по анализу вокальных произведений. / В.П. Костарёв. – Екатеринбург, 2005. – 310 с.
8. Мазель, Л. Строение музыкальных произведений. / Л. Мазель. – Москва: «Музыка». – 1986. – 528 с.
9. Музыкальная энциклопедия. В шести томах. – Том 3. – Москва: «Сов. энцикл». – 1976. – 1104 с.
10. Назиров, М. Баррасии силсилаасарҳои бачагонаи композитории тоҷик барои фортепиано. Рисолаи хатм. Дастнавис. / М. Назиров. – Душанбе, 2015. – 98 с. // Китобхонаи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов. Фонди корҳои дипломӣ, №433.
11. Тоиров, У. ва диг. Каломи манзум. / У. Тоиров. – Душанбе: «Шарқи озод». – 2005. – 454 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Мураттибон Шукуров, М. Ш. ва диг. Дар ду ҷилд. – Ҷ. 2. / М. Ш. Шукуров. – Москва: «Сов. энцикл.». – 1969. – 920 с.

## ТАЛҚИНИ НАВИ СОХТОРИ КУПЛЕТӢ АЗ ТАҶРИБАИ ПЕДАГОГИИ КОМПОЗИТОР ШУҲРАТ АШӮРОВ
### (дар мисоли суруди «Ливои мо»)

Дар давраи душанбеии эҷодиёт (2006-2016) композитор Шуҳрат Ашӯров ба жанри суруди ватанпарастӣ аҳаммияти хоса зоҳир намудааст. Суруди «Ливои мо» яке аз онҳост.

Ин суруд намунаи талқини олии сохтори куплетиро таҷассум менамояд. Суруд аз муқаддима, ду куплет ва Coda иборат аст.

Бо вуҷуди маълум будани дороии статикии сохтори куплетӣ дар умум, сохтори куплетии суруд дорои рушди ягонаи динамикӣ гардидааст.

Сохтани чунин мавзунии драматургӣ ба композитор бо якчанд василаҳо муяссар гардидааст.

Якум, бо иваз кардани баҳри шеърӣ. Композитор ду маротиба, бори аввал *ҳазаҷи мурраббаъи солимро* ба *ҳазаҷи мусаммани солим* (дар куплетҳо) ва бори дуюм *ҳазаҷи мусаммани солимро* ба *рамали мусаммани аҳаз* (дар Coda) иваз кардааст.

Дуюм – баён (фактура). Муаллиф як принсипи асосии баёнро интихоб карда, онро дар ҷараёни рушд риоя намудааст: ӯ баёни оҳангро яковоза сар карда, бори дуюм (дар охири куплет) онро ба дуовоза табдил дода, дар регистри баландтар ҷойгир мекунад. Ва ниҳоят, пешниҳоди банди нақаротиро бисёовоза қарор медиҳад.

Сеюм – бо тарзи иҷро: дар суруд куплетҳоро – яккахон, банди авҷии нақаротиро ҳар дафъа – хор ва Coda-ро яккахону хор якҷо иҷро мекунанд.

Чаҳорум – интихоби хоссаи рушди драматургӣ. Композитор асарро хеле мутантан оғоз намуда, ҷараёни рушдро ҳамеша зери рушди ягона қарор дода, кулминатсияи асарро дар Coda ҷойгир мекунад ва пайиҳам ду навъи кулминатсияро дар он истифода мебарад.

Истифодаи ин василаҳои одӣ ба муаллиф ба даст овардани рушди ягонаи динамикии драматургиро имкон додааст. Ва он аз маҳорати бузурги ин композитори маъруф шаҳодат медиҳад.

**Калидвожаҳо:** *суруди ватанпарастӣ, оҳанги фанфаравӣ, такнавозӣ, баёни аккордӣ-октавaӣ, Coda, мисраоҳанг, интерлюдия, оҳангбандак, кулминатсияи маҳаллӣ, вокализ.*

## НОВАЯ ИНТЕРПРЕТАЦИЯ КУПЛЕТНОЙ СТРУКТУРЫ ИЗ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОПЫТА КОМПОЗИТОРА ШУХРАТА АШУРОВА
### (на примере песни «Ливой мо»)

В душанбинский период творчества (2006-2016) композитор Шухрат Ашуров особое внимание уделял жанру патриотической песни. Песня «Ливои мо» – одна из них.

Эта песня является интересным примером интерпретации куплетной формы. Песня состоит из вступления, двух куплетов и коды.

Несмотря на известную статичность куплетной структуры в целом, куплетная структура песни наделена единым динамическим развитием.

Подобная драматургическая стройность достигнута композитором несколькими средствами.

*Во-первых,* изменением поэтической парадигмы стиха. Композитор дважды меняет арузную парадигму, в первый раз – *хазаджи мураббаъи солим* на *хазаджи мусаммани солим* (в куплетах), а во второй – *хазаджи мусаммани солим* на *рамали мусаммани аҳаз* (в Коде).

Во-вторых, через фактуру. Выбрав основной принцип фактурного изложения, автор следует ему в процессе развития: начиная изложение мелодии одноголосно, во второй раз (к концу куплета), помещая её в более высокий регистр, излагает двухголосно. И только после этого (в припеве), мелодия достигает своего многоголосного изложения.

В третьих, способом исполнения: куплеты исполняются солистом, припев – хором, а кода – солистом и хором совместно.

В-четвёртых, выбором специфики драматургического развития. Торжественно начав вступление, процессу развития придав единое сквозное развитие, кульминацию всей песни автор помещает в Коду, где использует последовательно два вида кульминации.

Использование этих простых средств позволило автору добиться в этой песне единой динамики развития драматургии.

И это свидетельствует о высоком мастерстве этого известного композитора.

**Ключевые слова:** *патриотическая песня, фанфарная мелодия, сопровождение, октавно-аккордовая фактура, Coda, мелодическая строка, интерлюдия, мелодическая связка, местная кульминация, вокализ.*

## A NEW INTERPRETATION OF THE VERSE STRUCTURE FROM THE PEDAGOGICAL EXPERIENCE OF COMPOSER SHUKHRAT ASHUROV
### (using the example of the song “Livoy mo”)

During the Dushanbe period of creativity (2006-2016), composer Shukhrat Ashurov paid special attention to the genre of patriotic songs. The song «Livoi mo» is one of them.

This song is an interesting example of the interpretation of the verse form. The song consists of an introduction, two verses and a coda.

Despite the well-known static nature of the verse structure as a whole, the verse structure of the song is endowed with a unified dynamic development.

The composer achieved such harmonic dramaturgy by several means.

Firstly, by changing the poetic paradigm of verse. The composer changes the aruz paradigm twice, for the first time – *khazaji murabbai solim* on *khazaji musammani solim* (in couplets), and in the second – *khazaji musammani solim* on *ramali musammani* ahaz (in the Code).

Secondly, through the musical texture. Having chosen the basic principle of textural presentation, the author follows it in the process of development: starting the presentation of the melody in one voice, the second time (towards the end of the verse), placing it in a higher register, he presents it in two voices. And only after this (in the chorus), the melody reaches its polyphonic presentation.

Thirdly, the method of performance: the verses are performed by the soloist, the chorus by the choir, and the coda by the soloist and the choir together.

Fourthly, the choice of special development of musical dramaturgy. Having solemnly begun the introduction of the song, giving the development process a single end-to-end development, the author places the culmination of the entire song in the Coda, where he uses two types of culmination in succession.

The use of these simple means allowed the author to achieve in this song a unified dynamic of development in the dramaturgy.

And this testifies to the high skill of this famous composer.

**Key words:** *patriotic song, fanfare melody, accompaniment, octave-chord texture, Coda, melodic line, interlude, melodic link, local culmination, vocalise.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Эмомалӣ Абдуллозода, докторанти Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов, тел:988 57 57 30*

**Информация об авторе:** *Эмомали Абдуллозода, докторант Национальной консерватории Таджикистана имени Талабхуджи Сатторова, тел: 988 57 57 30*

**Information about the author:** *Emomali Abdullozoda, doctoral student at the Talabhuji Sattorov National Conservatory of Tajikistan, tel: 988 57 57 30*

## 20-СОЛАИ ОМУЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
## 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
## 20 YEARS OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

# ШАКЛҲО ВА МЕТОДҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ МОДЕЛСОЗИИ КОМПЮТЕРИИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪЛИМӢ АЗ ФАННИ МЕХАНИКА

*Ҷӯраев Х.Ш.*
**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**
*Сайдаҳмадов И.С.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Такмили таълим ва инкишофи фанни механика дар асоси тадбирҳо бо мақсади иҷрои дастуру пешниҳодоте, ки аз мулоқотҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндаҳои зиёиёни мамлакат, вохуриҳои судманд дар ноҳияҳою шаҳрҳо ва Паёмҳо ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ки амалигардонии усулҳои муосири таълим ва саҳми онҳо дар ташаккули тафаккури техникии донишҷӯёну хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олию миёнаи умумӣ муҳим ва мубрамият дорад. Муҳимият ва мубрамияти ин масъала пеш аз ҳама аз баланд бардоштани ташаккули тафаккури донишҷӯёну хонандагон, ҷалби толибилмон ба омӯзиш ва шинохти фарҳанги миллӣ, таърих, тиб, табиатшиносӣ, экология, техника ва технология аст. Дар дуюм бошад, барои равнақу ривоҷи илму техника, баланд бардоштани иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, гулгулшукуфии Ҷумҳурии азизамон саҳмгузор мегардад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, яке аз ин масъалаҳои «Шаклҳо ва методҳои амалигардонии моделсозии компютерии ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика дар ташаккули тафаккури техникии донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ» ворид мешавад, ки суханҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кормандони соҳаи маорифро овардан мумкин аст: «Назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд». Ин тадбир барои аҳли илму маорифчиён муҳим буда, амалигардонии усулҳои муосири таълим ва саҳми онҳо дар ташаккули тафаккури техникии донишҷӯёну хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олию миёнаи умумӣ ба шумор меравад.

Дар асоси гуфтаҳои боло таҳқиқ, коркард ва ҷамъоварии маълумотҳо оид ба беҳтар намудан, дар ин самт барои дар сатҳи баланд тайёр намудани кадрҳои баланихтисос ва мустаҳкам намудани таҳкурсии заминавӣ, бартараф намудани мушкилиҳое, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олию миёнаи умумӣ дида мешавад, мубрамияти ингуна масъалаҳоро тасдиқ мекунанд.

Мо Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда, дар татбиқу иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», Стандарти давлатии таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ, Стандартҳои фаннӣ, Барномаҳои таълимӣ, «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоишҳои дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

саҳмгузору масъул мебошем. Бинобар ин аз соли 2020 асоси корҳои таҳқиқотиро татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат, риояву иҷро ва таъмини қонунҳои амалкунанда, нақшаи кори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи фаъолиятҳои инноватсионӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд», «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2015-2020, «Низомномаи намунавии тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоишҳои дахлдори Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ташкил медиҳад.

Бо мақсади амалигардонии усулҳои муосири таълим ва саҳми онҳо дар ташаккули тафаккури техникии донишҷӯён аз фанни механика амалиётҳои зеринро пешниҳод менамоем:

- гузаронидани корҳои амалию лабораторӣ дар ҳалли масъалаҳо аз механика бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва ҷорӣ намудани моделсозии компютерӣ дар раванди таълиму тарбия;
- омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи моделсозии компютерӣ доир ба амалӣ гардонидани усулҳои муосири таълим аз фанни механика;
- таҳқиқ ва омӯзиши вазъи мавҷудаи базаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ дар раванди таълими фанни механика;
- истифодаи воситаҳои аёнию дидактикӣ дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни механика ва пешниҳоди тавсияҳо;
- ҷалб ва ҳавасманд намудани донишҷӯён ба омӯзиш ва рушди фанни механика.

 [1] 2.828427 2.645751 2.449490 2.236068 2.000000 1.732051 1.414214 1.000000
 [9] 0.000000       NA       NA       NA       NA       NA       NA
```

*Натиҷаи компютерӣ*

**Мисоли 6.**

```
> x=rep(c(1,2,3,4),4)
> x=matrix(x,4,4)
> z=cos(ifelse(1<x,x*pi,x*pi/2))
> z
              [,1]          [,2]          [,3]          [,4]
[1,]  6.123032e-17  6.123032e-17  6.123032e-17  6.123032e-17
[2,]  1.000000e+00  1.000000e+00  1.000000e+00  1.000000e+00
[3,] -1.000000e+00 -1.000000e+00 -1.000000e+00 -1.000000e+00
[4,]  1.000000e+00  1.000000e+00  1.000000e+00  1.000000e+00
```

*Натиҷаи компютерӣ*

## АДАБИЁТ

1. Зарядов И.С. Учебно-методическое пособие. Введение в статистический пакет R: типы переменных, структуры данных, чтение и запись информации, графика. -М: 2010 – 191 с.

2. Идиев, Ғ. А., Одинаев, Ф. А., Ташпулатова Ф.А. Операторҳои шартӣ ва даврӣ дар забони барномасозии R i386 // Таҳлили компютерии масъалаҳои илм ва технология: Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи, бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»// - Душанбе: ДМТ -2023. - 257-261 с.

3. Идиев Ғ.А.,Туманова Ш.С. Технологияи информатсионии омӯзиши масъалаҳои математикӣ ва татбиқи онҳо дар СКМ // Конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни ДМТ-“Ҳафтаи илм” бахшида ба “Солҳои рушди саноат”(солҳои 2022-2026) ва “Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ”// –Душанбе: ДМТ, 2022.- 28-31с.

4. Идиев Ғ.А., Ташпулатова Ф.А. Оиди як усули ёфтани масофаи байни хатҳои суфта // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ // Душанбе: 2022. - 387-394с. - №2 (14).

5. Идиев Г.А., Давлатов Д.М. Методика обучения программного обеспечения решения проблем науки и техники в учебном процессе на «База знание», 10-ая Международная конференция по компьютерному анализу проблем науки и технологии, ТНУ, НИИ, Душанбе: 2015. -130-133 с.

6. Идиев Ғ.А., Латипов С.О. Тадбиқи табдилдиҳии айниятии ифодаҳо дар системаи компютерии математикии Maple. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва методии “Масъалаҳои муҳими рушди илми информатика ва мушкилиҳо дар ҷараёни таълими он дар муассисаҳои таълимӣ” (“Бахшида ба бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040). Душанбе: 2020.- 7-11с.

7. Идиев Ғ.А., Давлатова Ш.Ш. Системаи компютерии математикӣ ва имкониятҳои онҳо барои ҳалли масъалаҳои математикӣ. Конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни ДМТ-"Ҳафтаи илм", ки бахшида ба "Солҳои рушди саноат"(солҳои 2022-2026) ва "Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ". ДМТ: 2022, - 29-32с.

8. Идиев Ғ.А., Саидов И.М. Татбиқи методҳои вариатсионӣ барои ҳисоб намудани масофаи байни хатҳои суфта. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. Матбаи ДМТ. –Душанбе: -2019. -84-89 с.

9. Идиев Г. А., Туманова Ш. С. Методика преподавания изопериметрических задач //Вестник Таджикского национального университета // Душанбе: ТНУ – 2019. – С. 279-282. № 10-2.

10. Латипов С.О., Идиев Ғ. А., Наимов Н. М. Усулҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ дар системаи компютерии математикии Maple. Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ. -2019. – 385-389 с.

11. Одинаев А. Ҳ., Идиев Ғ. А. Методҳои тадбиқи аломат ва амалҳои математикӣ дар забони барномасозии R //Таҳлили компютерии масъалаҳои илм ва технология: Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи, бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон», Душанбе, 24 октября 2023 года// – Душанбе: ТНУ- 2023. – С. 209-214.

12. Одинаев, А. Ҳ. Усули компютерии омӯзиши амсилаҳои физикӣ. //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф//. Душанбе: 2021.–203-208с. 4(36).

13. Рауфов И., Мирзоев С. Программасозӣ дар забони алгоритмии Паскал. Душанбе: 2001.- 75 с.

14. Юнусӣ М.Ю., Идиев Ғ.А. Корҳои лабораторӣ аз фанни информатика ва технологияи информатсионӣ. М.ҶДММ "Баҳодуриён-2004". Душанбе: 2004. -33с.

15. Brian S. Everitt and Torsten Hothorn (2005). A Handbook of Statistical Analyses Using R, London and Erlangen, http://www.R-project.org.

## ТАТБИҚИ ОПЕРАТОРИ ШАРТӢ ВА СОХТАНИ ФУНКСИЯҲОИ ШАХСИ ИСТИФОДАБАРАНДА ДАР ЗАБОНИ АЛГОРИФМИИ R I386 3.6.3.

Мақолаи мазкур ба сохторҳое бахшида мешавад, ки имконияти коркарди маълумотро ҳангоми идоракунӣ тавассути оператори шартӣ доранд.

Солҳои 80-уми асри XX ин забони алгоритмӣ барои системаи амалиётии UNIX аз нав коркард шуда ба муштариён пешниҳод карда шуд. Маҳз ҳамон вақт забони алгоритмии S дар ҷомеаи илмӣ ба паҳн шудан шурӯъ намуда буд. Соли 1988 версияи сеюми ин забони алгоритмӣ ба муштариён пешниҳод карда шуд, ки татбиқи он бо номи S-PLUS машҳур гашт.

Мақола ду шакли навишти оператори шартӣ, кӯтоҳ ва пурраро дар забони алгоритмии R i386 3.6.3. дар бар мегирад.

Оператори If else имкон медиҳад, ки тағйирёбанда вобаста ба иҷрои шарти муайян қиматҳо қабул намояд. Фарқи байни оператори if ва If else аз он иборат аст, ки дар ин ҷо шарт андозаи дилхоҳи додашуда мебошад.

**Калимаҳои калидӣ:** *оператор, компютер, шарт, if, else, for, забони алгоритмӣ, алгоритм.*

## ПРИМЕНЕНИЕ УСЛОВНОГО ОПЕРАТОРА И СОЗДАНИЕ ПОЛЬЗОВАТЕЛЬСКИХ ФУНКЦИЙ НА АЛГОРИТМИЧЕСКОМ ЯЗЫКЕ R I386 3.6.3.

Данная статья посвящена конструкции, которая используется для обработки данных при использовании условных операторов.

В 80-х годах XX–го века этот алгоритмический язык был переработан и предложен клиентам для операционной системы UNIX. Именно тогда в научном сообществе начал распространяться алгоритмический язык S. В 1988 году заказчикам была предложена третья версия этого алгоритмического языка, ее реализация стала известна как S-PLUS.

В статье описана форма написания условных, коротких и полных операторов в алгоритме в языке программирования R i386 3.6.3.

Оператор If else позволяет переменной получать значения в зависимости от выполнения определенного условия. Разница между оператором if и оператором If else заключается в том, что здесь условием является желаемый размер заданного.

**Ключевые слова:** *оператор, компьютер, if, else, for, условие, язык программирования, алгоритм.*

**IMPLEMENTATION OF THE CONDITIONAL OPERATOR AND CREATION OF USER FUNCTIONS IN THE R I386 ALGORITHMIC LANGUAGE 3.6.3.**

This article is devoted to the design that is used to process data when using conditional statements.

In the 1980s, this algorithmic language was redesigned and offered to clients for the UNIX operating system. It was then that the algorithmic language S began to spread in the scientific community. In 1988, the third version of this algorithmic language was offered to customers, its implementation became known as S-PLUS.

The article presents two forms of writing a conditional operator - short and full - in the algorithmic language R i386 3.6.3. includes

The If else statement allows a variable to receive a value depending on whether a certain condition is met. The difference between an if statement and an If else statement is that here the condition is the desired size of the given one.

**Key words:** *computer, operator, if, else, for, cycle, programming language, algorithm.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Ташпулатова Фируза Ахтамбоевна – НИП, дотсенти кафедраи асосҳои технологияи информатсионӣ (умумидонишгоҳӣ)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 121. Тел.: (+992) 919026576, E-mail: Firuza09@mail.ru*

*Одинаев Алимурод Ҳомидович – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии ДМТ. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 17, ДМТ. Телефон: (+992)918– 52– 72– 63, (+992)900– 91– 17– 03; E–mail: oalimurod@mail.ru*

**Сведения об авторах:** *Ташпулатова Фируза Ахтамбоевна – КПН, дотсент кафедры основ информационных технологий (общеуниверситетская) Таджикского государственного педагогического Университета имени Садриддина Айни. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 121. Телефон: (+992) 919026576, E-mail: Firuza09@mail.ru*

*Одинаев Алимурод Хомидович – кандидат технических наук, доцент кафедры математического и компьютерного моделирования Таджикского национального Университета. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, Телефон: (+992)918527263, (+992) 900 911703, E–mail: oalimurod@mail.ru,*

**Information about the authors:** *Tashpulatova Firuza Akhtamboevna – CPS, dotsent, department of fundamentals of information technologies (University-wide) of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 121. Phone: (+992) 919026576, E-mail: Firuza09@mail.ru*

*Odinaev Alimurod Khomidovich – Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Mathematical and Computer Modeling of the Tajik National University.*

*Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17, Phone: (+992)918–52–72–63, (+992) 900 9117 03, E–mail: oalimurod@mail.ru,*

## ▪ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ АМАЛҲОИ АРИФМЕТИКӢ ТАВАССУТИ ПРИНСИПҲОИ ОМӮЗИШИ САМАРАБАХШИ МАТЕМАТИКА ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Маҳкамова Машҳура***
**Унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Вобаста ба ислоҳоти мазмуни таълим дар соҳаи маориф, ки дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ вобаста ба Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст) ба амал омад, стандартҳои фаннӣ, маводи таълимию методӣ барои татбиқи он дар соҳаи математикаи синфҳои ибтидоӣ таҳия гардид ва талаботи асосии он ташаккули салоҳиятҳои хонандагон ба шумор меравад. Дар стартегияи мазкур чунин омадааст: *“Барои таъмини амалӣ сохтани мазмуни нави маориф, пурра кардани камбуди захираҳо, аз ҷумла захираҳои кадрӣ, дар соҳаи маориф гузариш ба технологияҳои нави таълимӣ, бо дарназардошти дастовардҳо дар илму техника ва технология амалӣ карда мешавад, ки ба инҳо асос хоҳанд ёфт:*

*– таҳсилоти ба ташаккули салоҳиятнокӣ равонагардида, ки ҳадафу вазифаҳои таҳсилотро вобаста ба натиҷаи он муайян намуда, дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои асосии талабаро дар баробари дониш, маҳорат ва малака ба сифати яке аз натиҷаҳои таҳсилот баррасӣ менамояд; ...”[10, с.36].*

Талаботи мазкур вобаста ба ислоҳоти соҳаи маориф дигаргуниҳои куллиро дар самти омӯзиш ва методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд овард ва дар мақолаи мазкур яке аз самтҳои ин тағйирот -омӯзиши амалҳои арифметикиро таҳлил намуда, пешниҳодҳои худро манзур медорем. Дар самти методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ пажӯҳишгарони рус П.У. Байрамукова, С,А. Зайтсева, муҳаққиқи тоҷик М. Нугмонов ва дигарон зарурати омӯзиши амалҳои арифметикиро ба таври хос дар корҳои худ инъикос намудаанд. П.У. Байрамукова ба масъалаҳои ташаккули муносибати эҷодӣ ба таълими математикаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, қобилияти баҳодиҳии системаҳои гуногуни пешниҳоди мавод аз нуқтаи назари педагогика, психология ва дидактика барои омӯзгоронро пешниҳод намудааст. Ӯ сохтори курси математикаи синфҳои ибтидоиро дар шаш хусусият мебинад ва маводи арифметикиро асоси курси *математика медонад: “Курси математикаи ибтидоӣ хусусиятҳои хосси сохтории худро дорад.*

*Хусусияти 1. Маводи арифметикӣ мазмуни асосии курсро ташкил медиҳад...”[6,с.9-12].*

Муҳаққиқи рус С.А. Зайтсева бошад, дар масъалаи методикаи таълими “масъалаҳои матнӣ” дар системаи гуногуни омӯзиш, ҳамчунин ташаккули малакаҳои мустақилонаи ҳал карда тавонистани “масъалаҳои матнӣ” дар асоси моделсозӣ таваҷҷуҳи бештар намудааст. Тибқи андешаҳои ин муҳаққиқ дар доираи дилхоҳ мавзуъ малакаи хонандагон тавассути машқҳое, ки системаи мукаммали пайдарпайӣ дошта, супориш қадам ба қадам душвор мегардад, ташаккул дода мешавад. Аз ҷумла, чунин дарҷ мекунад: *“Малакаҳо тавассути машқҳо ташаккул меёбанд ва мустаҳкам карда мешаванд, ки онҳо бояд системаи аниқи вазифаҳои нисбатан мураккабро таъмин кунанд ва набояд маҷмуи тасодуфии амалҳои монанд бошанд”[2,с.14].*

Яке аз аввалин докторони илм дар соҳаи назария ва методикаи таълими математика дар ҷумҳурӣ Мансур Нугмонов буда, дар самтҳои сохтори системаи методии таълими математика, фалсафа ва методологияи таҳсилот, фалсафа ва таърихи

математика, робитаи байнифаннӣ, проблемаҳои муосири дидактика, психологияи математика саҳми беназир гузоштааст. Махсусан, қайд намудан зарур аст, ки муаллиф қонуниятҳои раванди омӯзишро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки бунёди методика тавассути ба роҳ мондани фаъолияти нав бо назардошти тағйир додани фаъолияти мавҷудбуда ба амал меояд. "*Ҳамзамон, барои назариётчӣ (олим-методист) ва барои онҳое, ки ба фаъолияти методӣ машғул ҳастанд, методика пеш аз ҳама ҳамчун воситаи муайян кардани хусусияти донишҳои тавлидшуда амал мекунад.*

*Азбаски маъно ва мақсади методика ҳамчун тавсифи фаъолияти таълимӣ муайян карда мешавад, мутаносибан метавон тахмин кард, ки он ҳамчун як нишондод амал карда, таҳияи фаъолиятро аз унсурҳое, ки дар методика аллакай маълуманд, имкон медиҳад" [5,с.134].*

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ нишон медиҳанд, ки саҳми донишмандони асримиёнагии форсу тоҷик дар рушду нумӯи илми математика хеле назаррас аст. Онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки шогирдони худро ба масъалаҳои моҳияти илмидошта ҷалб намуда, барои ҳалли вазифаҳои риёзии дар ҳаёти рӯзмарра ба вуҷуд омада равона намоянд. Муҳаққиқон Сираждинов С.Х. ва Матвиевская Г.П. доир ба нақши Ал-Хоразмӣ дар рушди масоили илмии арифметика, алгебра, геометрия чунин менигоранд: "*Рисолаи арифметикии Ал-Хоразмӣ ба рушди илм дар кишварҳои Шарқ ва сипас дар Аврупо таъсири бузург гузошт. Он ба модели асосӣ табдил ёфт, ки тибқи он дар тӯли асрҳо олимони шарқ китобҳои дарсиро оид ба арифметика навиштаанд" [7,с.23].*

Ривоҷу равнақи илмҳои дақиқ дар кишварҳои Шарқ, махсусан саҳми мутафаккирони тоҷик диққати тамоми олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб намуда, барои омӯхтан, таҳлил ва таҳияи рисолаҳои илмӣ заминаи воқеӣ гузоштааст. Ба масоили мазкур рисолаҳо, китобҳои таълимию методӣ ва мақолаҳои хеле арзишмандро олимони даврони Шӯравӣ таълиф намудаанд. Яке аз чунин муҳаққиқон - таърихнигори илми даврони Шӯравӣ, доктори илмҳои физика ва математика А. П. Юшкевич ба шумор меравад. А.П. Юшкевич дастовардҳои математикаи Шарқро бо Аврупо муқоиса карда, баҳои воқеъбинона ба он пешниҳод мекунад. Махсусан, ба масъалаи он ки дар пешрафти илми математика аксари олимон нақши математиконни форсизабононро бо арабҳо омехта менамоянд, онро ба дурустӣ арзёбӣ мекунад. Нуктаи муҳимми дигари таҳқиқ ва муқоисаи ташаккули омӯзиши математикаи замони гузаштаи Шарқ ва Аврупо, ки А.П. Юшкевич дарҷ намудааст, дар ҷойи аввал гузоштани арифметикаи амалӣ мебошад. Ӯ чунин менигорад: *"Муқоиса кардани математикаи Осиёи Марказӣ бо математикаи аврупоии асрҳои X – XV ба мо имкон медиҳад, ки дастовардҳои Шарқи асрҳои миёнаро ба таври возеҳ арзёбӣ кунем. Ҳам дар ин ҷо ва ҳам дар он, арифметикаи амалӣ дар ҷои аввал гузошта мешуд ва ташкили системаи мавқеи ҳисобкунӣ бо кушодани касрҳои даҳӣ ба поён мерасад"[3,с.486].*

Дар масоили таҳқиқоти яке аз олими дигари тоҷик Г. Собиров диққати моро омӯзиши фанни математика ва рушди он дар муқоисаи арифметикаи Юнони қадим ва Осиёи Миёна бештар ҷалб намуд. Г. Собиров фарқияти омӯзиши математикаи юнониҳои қадимро дар мавҷуд будани фанҳои арифиметикаи назариявӣ ("риёзиёт") ва амалӣ ("логистика") дониста, дар математикаи Осиёи Миёна бошад, мавҷуд набудани ҷудокунии арифметикаро дарҷ намудааст. Ҳамчунин ӯ қайд менамояд, ки дар асрҳои IX–X математикони Осиёи Миёна асарҳои математикии олимони Юнон ва Ҳиндустони қадимро ба забони арабӣ тарҷума карда, номи онро мухтасар "ҳисоб" номидаанд. Ба андешаи ӯ тақсимоти математикаро ба се предмети асосӣ – арифметика, алгебра ва геометрияро "ба воситаи номаълум ҳал кардани масъалаҳо" ба миён овардааст: *"Дар назди математикони асрҳои IX – X –и Осиёи Миёна мафҳуми дигар, ба воситаи номаълум ҳал кардани масъалаҳо ба миён омад. Баъд онҳо предметҳои нав фикр карда баромада, онҳоро "Ҷабр ва муқобила" (алгебра) ва "Илми ҳандаса" (геометрия) номиданд. Хулоса,*

*математика дар асрҳои IX – X дар Осиёи Миёна ба се предмети асосӣ – арифметика, алгебра ва геометрия ҷудо шуд”[1,с.45].*

Аз овардани далелҳои болоӣ мехостем, таваҷҷуҳи хонандаро ба якчанд навгониҳо доир ба методикаи таълими амалҳои арифметикӣ тавассути принсипҳои омӯзиши самарабахши математика, ки дар маводи таълимӣ овардаем, равона намоем. Дар маводи мазкур таҷрибаҳои аврупоӣ доир ба принсипҳои самарабахши омӯзиши математика *[4]* таҳлилу баррасӣ шуда, намунаҳои амалии татбиқ вобаста ба таҷдиди стандартҳои фаннӣ (соли 2023) ба таври мукаммал оварда шудааст.

Омӯзиши самарабахши математика ба принсипҳои таълим асос ёфтааст, ки таълими математикаро дастгирӣ намуда, салоҳиятҳоро дар бахши таълими математика инкишоф медиҳанд. Бо истифодаи принсипҳои омӯзиши самарабахш дарсҳои математика осонфаҳм, босифат, диққатҷалбкунанда, рангоранг ва ба мавриду рӯзмарра гузаронида мешавад. Дар ин принсипҳо муносибати математика бо ҳаёт бо ёрии рамзҳои махсус, аз ҷумла рақамҳову ададҳо, хатҳою порчаҳо, ифодаҳо, воситаҳои аёнӣ, маводҳои иловагӣ ва бо намудҳои муодилаву формулаҳо, нақшаву ҷадвалҳо, диаграммаҳо ифода ёфтаанд (нигаред ба диаграммаи 1).

Диаграммаи 1. Принсипҳои самарабахши таълими математика




Истифодаи 8 принсипҳои дарҷшуда дар раванди дарсҳои математика барои рушди малакаҳои математикӣ нақши муҳим бозида, шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯзиши ин фанни дақиқ ва шавқовар афзун мегардонанд. Дар иҷрои онҳо бештар мустақилият ба хонанда дода шуда, барои дарки маъно мусоидат мекунанд ва барои иштироки хонандагон дар озмунҳо ёрӣ мерасонад.

Дар мақолаи мазкур мо танҳо намунаеро доир ба таълими амалҳои арифметикӣ меорем, ки аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва алоқамандии принсипҳои самарабахши омӯзиши математика таълими амалҳои арифметикӣ ба таври сода пешниҳод карда шудааст.

Дар қисми аввал номи мавзӯъ дарҷ мешавад, ки дар намунаи мо ин “Методикаи таълими амалҳои арифметикӣ тавассути принсипҳои омӯзиши самарабахши математика” аст.

Сипас, мазмуни таълим ва шарҳи истилоҳҳое, ки ҳангоми таълими амали арифметикӣ омӯзгорон бо он дучор мешаванд, ба як баёни содафаҳм оварда шудааст:

**Мазмуни таълим.** Ёфтани як адади нав аз якчанд адади додашуда амали арифметикӣ номида мешавад. Дар синфҳои ибтидоӣ чор амали арифметикӣ омӯзонда мешавад: дар синфи 1 хонандагон бо амалҳои ҷамъ ва тарҳ, дар синфҳои 2–4 бо амалҳои зарб ва тақсим шинос мешаванд.

1. **Ҷамъ** — амале, ки иборат аз якчанд адади додашуда — ҷамъшавандаҳо ва адади ҳосил шударо ҳосили ҷамъи онҳо меноманд.

Масалан: 5 + 2 = 7, ки дар ин ҷо, 5 ва 2 ҷамъшавандаҳо ва 7 ҳосили ҷамъи онҳост.

Аз иваз кардани **ҷойи ҷамъшавандаҳо** ҳосили ҷамъ тағйир намеёбад.

Масалан: 8+7=15, 7+8=15

2. **Тарҳ** — амале, ки иборат аз ададҳо — адади якум тарҳшаванда ва адади дуюм тарҳкунанда буда, адади ҳосил шударо ҳосили тарҳ ё фарқи онҳо меноманд.

Масалан: 8 – 6 = 2, ки дар ин ҷо, 8 тарҳшаванда, 6 тарҳкунанда ва 2 фарқ ё ҳосили тарҳ аст.

3. **Зарб** — амале, ки иборат аз аз якчанд адади додашуда - зарбшавандаҳо ва адади ҳосил шударо ҳосили зарби онҳо меноманд.

Аз иваз кардани **ҷойи зарбшавандаҳо** ҳосили зарб тағйир намеёбад.

Масалан: 2 · 3 = 6, ки дар он 2 зарбшавандаи якум, 3 зарбшавандаи дуюм ва 6 ҳосили зарб аст.
(2 · 3 = 2 + 2 + 2 = 6) Мисол: 2 · 3 = 3 · 2, яъне (2 + 2 + 2 = 3 + 3)

4. **Тақсим** — амале, ки иборат аз ададҳо — адади якум тақсимшаванда ва адади дуюм тақсимкунанда буда, адади ҳосил шударо ҳосили тақсими онҳо меноманд.
Масалан: 8 : 2 = 4, ки дар он 8 тақсимшаванда, 2 тақсимкунанда ва 4 ҳосили тақсим аст.

Баъд аз ин, натиҷаҳои таълим ва ё салоҳиятҳои фаннӣ аз стандарти фан оварда мешавад, ки он бо мақсади алоқамандии ҳуҷҷатҳои расмӣ ва бо тартиби он шинос шудани омӯзгорон оварда шудааст:

**Натиҷаҳои таълим/Салоҳиятҳои фаннӣ.** Дар Стандарти фанни математика барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба амалҳои арифметикӣ натиҷаҳои таълим/салоҳиятҳо (синфҳои 1–4) пешбинӣ шудаанд, нигаред ба намунаи зерин:

- хонанда амалҳоро бо истифодаи ададҳо иҷро карда метавонад;
- хонанда ҷойи ҷамъшавандаҳо ва зарбшавандаҳоро иваз карда метавонад.

Сипас, варақаи методӣ ба омӯзгорон пешниҳод мешавад, ки дар он шарҳи амалҳои математикӣ оварда шуда, алоқамандии принсипҳои омӯзиши самарабахши математика ва шарҳи мухтасари он бо мисолҳои мушаххас дар ҷадвал нишон дода шудааст:

**Варақаи методӣ. Методикаи таълими амалҳои арифметикӣ тавассути принсипҳои омӯзиши самарабахши математика**

<table>
<tr><td colspan="2">Аломатҳои математикӣ ишораҳои шартӣ буда, барои навиштани мафҳумҳои математикӣ, ҷумлаҳои математикӣ ва ҳисоб таъин шудаанд. Масалан, аломати амалҳое, ки ба ҷойи калимаҳои ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим, калон, хурд ва баробар истифода мешаванд, мувофиқан онҳоро бо аломатҳои «+, –, ·, : , >, <, =» ишорат мекунанд.</td></tr>
<tr><th>Принсипи омӯзиши самарабахши математика</th><th>Шарҳи мухтасар</th></tr>
<tr><td><br>Муайян кардани пешрафти омӯзиш</td><td>Барои муайян ва чен кардани пешрафти омӯзиш арзёбии ташаккулдиҳанда гузаронда, ниёзи хонандагон дар асоси натиҷаҳои бадастомада маводи таълим пешниҳод карда мешавад. Хонанда:<br>- Ашёро бо рақамҳо навишта метавонад.<br>- Ададҳоро ҷамъ карда метавонад.<br>- Мафҳуми маротиба зиёдро дарк карда метавонад.</td></tr>
</table>




Барои ишораи зарб аломати махсус нуқта (•) истифода мешавад. Навишти 2 • 3 ин тарз хонда мешавад: 2-той 3 маротиба. Дар амали зарб адади 2 ҷамъшаванда буда, адади 6 миқдори ҷамъшавандаҳои якхеларо мефаҳмонад.




Хонанда кортҳои омӯзишӣ ва ҷадвали зарбро медонад ва истифода мебарад.




Алоқаманд кардани математика бо ҳаёт

Дар тахтаи синф расмҳои зерин овезон карда мешавад. Ба расмҳо нигоҳ карда хонанда супоришҳоро иҷро мекунад.

Намуна:




Мисолҳо:






| | |
|---|---|
| Ба воситаи ҳалли масъалаҳо ба роҳ мондани омӯзиш | Барои инкишоф додани тафаккур ва мулоҳизаронии математикӣ роҳҳои ҳалли масъала тавассути расм пешниҳод карда мешавад. Хонандагон аз рӯйи расм масъаларо ҳал мекунанд.<br>**Масъала:** Ба расм нигаред. Чандто нон ҳаст? Нархи як нон чанд сомонӣ аст? Нархи сето нон чанд сомонӣ аст?<br>  <br>2 сомонӣ 2 сомонӣ 2 сомонӣ<br>Саид бо нархи 2 сомонӣ 3-то нон харид. Саид барои ин харид ҳамагӣ чанд сомонӣ дод?<br>Ҳал: $2 + 2 + 2 = 2 \bullet 3 = 6$.<br>**Ҷавоб:** Саид барои ин харид ҳамагӣ 6 сомонӣ дод. |
| Ташвиқи хонанда барои шарҳ додан ва асоснок кардани муҳокимаҳои математикӣ | Хонандагон барои ҳалли масъала аз кадом роҳу усул (амал ё тартиб, алгоритм) истифода бурданд, шарҳ медиҳанд ва таҳлил менамоянд.<br>Омӯзгор ба хонандагон чунин саволҳо медиҳад ва муҳокимарониро оғоз мекунад.<br>Барои ҳалли масъала чӣ кор кардед?<br>Баъд ба шумо чӣ кумак кард?<br>Чаро ин роҳи ҳалро интихоб кардед?<br>Тартиби иҷрои кори худро шарҳ диҳед.<br>Ба фикри Шумо боз ягон роҳи дигари ҳалли масъала мавҷуд аст? |
| Истифода намудани воситаҳои аёнӣ ва маводи иловагӣ | Хонандагон математикаро тавассути амал, яъне бо истифода аз ашёҳои мушаххас ҷиҳати сохтани модел (суроб, қолиб)-ҳо ва ақидаҳои математикӣ (математикаи дар намуди шаклҳо сохташуда) ва кортҳои таълимӣ меомӯзанд.<br><br><br><br>Квадратҳоро ҳисоб кунед. Миқдори квадратҳоро ба намуди зарб нависед. |
| Рушди ҳисоби равон тавассути мулоҳизаронӣ ва таҷриба | Хонандагон равиши ба таври равон иҷрокуни (ҳисобҳои математикӣ)-ро тавассути муҳокимаронӣ бо гузаронидани машқҳо, иҷрои бозӣ, супоришҳои тестӣ ва корҳои амалӣ ба роҳ мемонанд.<br>Мисол:<br><br><br>$3 \bullet 2 + 3 \bullet 2 + 3 \bullet 2 = 6 + 6 + 6 = 18$<br>$6 + 6 + 6 = 6 \bullet 3$<br>$6 \bullet 3 = 18$ |

<table>
<tr>
<td></td>
<td>




Аз хонандагон амали дар машқ иҷрокардаашон пурсида мешавад.<br>
Чӣ тарз амали зарбро иҷро кардед?<br>
Чаро ин тавр навиштед? Шарҳ диҳед.<br>
Машқро чӣ тарз иҷро кардед?<br>
Тавассути чунин намуди машқ боз кадом намудҳои машқро таҳия ва иҷро карда метавонед.
</td>
</tr>
</table>

Азбаски принсипҳои мазкур дар якчанд дарсҳо татбиқ карда мешаванд ва ба ҳам алоқамандaнд, барои омӯзгор нишон додани намунаи он дар нақшаи дарсӣ низ муҳим аст. Намунаи нақшаҳои дарсӣ низ барои омӯзгорон дар маводи методӣ пешниҳод карда шудааст.

Бо дар назардошти таҳлили андешаҳои мазкур гуфтан мумкин аст, ки ҳамин таҳлилҳо боис ба он гардиданд, ки мутобиқсозии маводди таълимии математика яке аз заминаҳои муҳимми давра ба давра ворид кардани амалияи бештар ба таълими фан ва умуман ба таҳсилоти математикӣ дар ҷумҳурии мо гардиданд ва он ба ислоҳоти мазмуни таълими матемтика як заминае муфиде гузоштаанд.

Нишон додани алоқамандии принсипҳои омӯзиши самарабахши математика ва шарҳи мухтасари он имкон медиҳанд, ки омӯзгорон дар амалия татбиқ намудани назарияҳоро бо хонандагон бештар кор намоянд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Г. Собиров. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XV – XVII), нашри 2. – Душанбе: “Ирфон”, 1966. – 136 с.
2. Зайцева С.А. Методика обучения математике в начальной школе/ С.А. Зайцева, И.Б. Румянцева, И.И. Целищева. – М.: Гуманитар. изд. Центр ВЛАДОС, 2008. – 192с.
3. Историко-математические исследования, Выпуск IV, под редакцией Г.Ф. Рыбкина, А.П.Юшкевича. – М: Технико–теоретической литературы, 1951. – 512 с.
4. Муносибати мусбат – асоси самарнокии таълим. Маҷмуи маводди методӣ барои омӯзиши омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба тақвияти таълими хониш ва математика/ Ҳасанов С., Ниёзов Ф., Раҷабов З. ва диг. [матн]. - Душанбе 2023. - 192 с.
5. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как наука: Монография (переработанное и дополненное). – Душанбе: «Ирфон», 2011. -290 с.
6. П.У. Байрамукова. Методика обучения математике в начальных классах: курс лекций/ П.У. Байрамукова, А.У. Уртенова –Ростов н/Д: Феникс,2009. – 299 с.
7. Сираждинов С.Х., Матвиевская Г.П. Ал-Хорезми – выдающийся математик и астроном средневековья: Пособия для учащихся. – М.: Просвещение, 1983. -79с.
8. Стандарти таълими фанни «Математика» барои синфҳои 1–4-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / М. Нугмонов, М. Маҳкамова, Д.Назаров. [матн]. - Душанбе 2023. - 52 с.

9. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ / Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов ва диг. [матн]. - Душанбе: Маориф, 2017. - 116 с.

10. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334. - 93с. - С. 36

11. Сир, С., Эванс, Н. и Спенсер, А. Переход к принципам (2+6): Пособие по разработке комплексных и инклюзивных программа по обучению счету), 2021.

▪

## ▪ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ АМАЛҲОИ АРИФМЕТИКӢ ТАВАССУТИ ПРИНСИПҲОИ ОМӮЗИШИ САМАРАБАХШИ МАТЕМАТИКА ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ бо мақсади беҳтар татбиқ намудани ислоҳоти соҳа дар самти мазмуни таълим равона шудааст. Вобаста ба таҳлили якчанд ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф ва таҷрибаҳои ҷаҳонӣ дар асоси маводи илмӣ, таълимию методӣ намунаҳо оварда шуда, хулосаҳои зарурӣ пешниҳод карда шудааст.

Муаллиф чунин мешуморад, ки бо ворид шудани стандартҳои нави фаннӣ ва таҳияи маводи методӣ ҷанбаҳои методии таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ тағйир ёфта, масъалаи ба математикаи амалӣ такя намудан ва истифодаи принсипҳои самараноки таълими математика барои рушди салоҳиятҳои математикии хонандагони хурдсол замина фароҳам меорад.

Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур дар асоси таҳлили маводи илмӣ ва таълимию методӣ хулосаҳо доир ба маводи математикаи синфҳои ибтидоӣ ворид ё мутобиқ намудани принсипҳои самараноки таълими математика пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** *арифметика, фан, математика, самт, синфҳои ибтидоӣ, ташаккул, дониш, малака, курси математикаи ибтидоӣ, принсипҳо, принсипҳои самараноки таълими математика.*

## МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ АРИФМЕТИЧЕСКИХ ДЕЙСТВИЙ НА ОСНОВЕ ПРИНЦИПОВ ЭФФЕКТИВНОГО ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКИ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

Данная статья посвящена вопросу методики преподавания математики в начальных классах с целью более эффективной реализации реформ в этой области по направлению содержания образования. На основе анализа ряда нормативно-правовых документов в сфере образования и мирового опыта приведены примеры на основе научного, учебно-методического материала и сделаны необходимые выводы.

Автор считает, что с введением новых предметных стандартов и разработкой методических материалов изменились методические аспекты преподавания математики в начальных классах, а вопрос практической направленности изучения математики и использования эффективных принципов обучения математике создает основу для развитие математических способностей младших школьников.

Также в данной статье на основе анализа научно-учебных и методических материалов представлены выводы относительно внедрения или адаптации эффективных принципов математического обучения в материалы по математике начальной школы.

**Ключевые слова:** *арифметика, предмет, математика, направление, начальные классы, формирование, знания, навыки, курс начальной математики, принципы, принципы эффективного преподавания математики*.

## THE METHOD OF TEACHING ARITHMETIC OPERATIONS THROUGH THE PRINCIPLES OF EFFECTIVE LEARNING OF MATHEMATICS IN PRIMARY CLASSES

This article focuses on the issue of mathematics teaching methods in primary grades at primary school with the aim of better implementation of reforms in the field of teaching

concepts concentration. Based on the analysis of several normative and legal documents in the field of education and world experiences, examples are given based on scientific, educational and methodological materials, and the necessary conclusions are presented.

The author believes that with the introduction of new academic standards and the development of methodological materials, the methodological aspects of teaching mathematics in primary grades have changed, and the issue of relying on practical mathematics and using effective principles of teaching mathematics provides a basis for the development of mathematical skills of young students.

Also, in this article, on the basis of the analysis of scientific and educational and methodical materials, conclusions are presented on the introduction or adaptation of effective principles of mathematics instruction in primary school mathematics teaching resources.

**Key words:** *arithmetic, subject, mathematics, concentration, primary grades, formation, knowledge, skills, primary mathematics course, principles, effective principles of mathematics teaching.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Маҳкамова Машҳура Раҳимовна, унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2, 734025, Тел.: +992-938-32-00-68. E-mail: mashhura.86@mail.ru.*

**Сведение об авторе:** *Махкамова Машхура Рахимовна, соискатель Института развитии образования имени Абдурахмона Джами АОТ, Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2, 734025, Тел.: +992-938-32-00-68. E-mail: mashhura.86@mail.ru.*

**Information about the author:** *Mahkamova Mashhura Rahimovna, competitor of the Education Development Institute named after Abdurakhmon Jomi AET, Tajikistan, Dushanbe, A.Adhamov st., 11/2, 734025, Tel .: +992-938-32-00-68. E-mail: mashhura.86@mail.ru.*

# МУНДАРИҶА
# СОДЕРЖАНИЕ
# CONTENTS

## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
## ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
## PEDAGOGY AND PSYCHOLOG

**Амонӣ Салоҳуддин** Ҷашни Сада дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ.............. 5 – 10
**Джафарзода С.Ф.** Образовательно-инновационный потенциал ценностно-смыслового управления временем в контексте реализации мотивационно-развивающих технологий в вузе.............................................. 10 – 19
**Д. Маҳкамов** Бозтоби андешаҳои педагогии Сайидои Насафӣ дар паёми Пешвои миллат.............................................. 19 – 24
**Асҳобиддини Шералӣ** Асосҳои ташкили таълими иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумии миёна.............................................. 24 – 30
**Абдурашитов Н. Ф. Раҷабов Д. А.** Мушоиати психологию педагогии донишҷӯёни курси якум дар раванди мутобиқшавии онҳо ба талаботи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.............................................. 31 – 41
**С. Абдусамадов** Технологияҳои инноватсионӣ-иттилоотии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ.............................................. 42 – 50
**Зайтметов Х.А. Фозилова М.Ҷ.** Таъсири муносибатҳои оилавӣ ба рушди агрессия дар наврасон.............................................. 51 – 58
**Тошматов Р.Н.** Роль самоуправления в становлении и развитии общности университета.............................................. 58 – 64
**Давлатова Н.Ҳ. Иззатова М.И.** Моҳияти омӯзиши осори ниёгон оид ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ.............................................. 65 – 72
**Ахмедова Ф.В.** Консепсияҳои назариявии худамалисозӣ дар синни ҷавонӣ.............. 72 – 77
**Хуррам Раҳимзода** Сабабҳои вайрон гардидани муносибатҳои оилавӣ ва оқибатҳои он.............................................. 77 – 85
**Эмомова М.Н.** Ақидаҳои педагогии А.С. Макаренко ва ҳамзамононаш оид ба тарбия ва бозпарварии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда.............................................. 85 – 91
**Макнуна Ниёзи** Особенности формирования уверенности в себе и самоэффективной личности в процессе реализации интеллектуально патриотического воспитания будущих специалистов в культурной сред вуза.............................................. 91 – 98
**Сафаров Ш.А., Тошматов Р.Н.** Роль самоорганизации в организационном развитии современного высшего учебного заведения.............................................. 98 – 104
**Х.Хасанов** Подготовка детей с общим недоразвитием речи к звуковому анализу и синтезу при помощи игры.............................................. 105 – 109
**Назиров Н.Д.** Угрозы и вызовы, исходящие от «Национальный Альянс», «Велаят – Хорасан», ячейки «Исламского Государства», исламское движение Узбекистана и джамаат «Ансаруллох» странам Центральной Азии.............................................. 110 – 115
**Ғоибов К.Ш.** Мавқеи технологияи инноватсионӣ дар инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон.............................................. 116 – 122
**Каримзода Ш.К.** Таъмини самаранокии фаъолияти таълимӣ ва рушди салоҳиятҳои хонандагон дар машғулиятҳои иловагӣ.............................................. 122 – 132
**Расулов С.Х., Ҷурабоев Ҷ.М.** Ҷанбаҳои психологии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ................ 133 – 140
**Раҷабова З. Б.** Роҳҳои ташаккул додани қобилияти фикрии хонандагони синфҳои ибтидо дар ҷараёни таълим.............................................. 141 – 147
**Луфов М.Т., Камолова М.З.** Салоҳиятҳои касбӣ-психологии омӯзгори оянда дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ.............................................. 148 – 154
**Сахиёр Раҳимуллоҳ** Омилҳои бавуҷуоварандаи афсурдагӣ ва роҳҳои пешгирӣ намудани онҳо.............................................. 155 – 160

**Раҳимов Ш.** Рушди фаъолияти эҷодии хонандагон ва самаранокии раванди таълим........................................................................................................ 160 – 164
**Х.Раҳимзода, С.Шарифова** Татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими фанни таърихи умумӣ.................................................................... 165 – 175
**Аҳмадзода Б.С**. Таҳияи модели педагогӣ дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ ва истифодаи технологияҳои муосири информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ...... 176 – 181
**Нарзулоев Ҳ. С.** Мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ 182 – 192
**Чобулова Н. М.** Формирование нравственной ответственности у подростков в условиях современной семьи............................................................................ 192 – 199
**Лундукова Дж. Н.** Формирование у детей старшего дошкольного возраста нравственных ориентиров в пространстве экономических ценностей................. 199 – 203
**Ҳасанова Ш.** Хусусиятҳои равонию педагогии омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ............................................................................ 204 – 208
**Раҳимӣ К.М.** Ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ (дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе»)....................................................................... 209 – 214
**З.Ахмедов** Рушди илм ва ҳунари мусиқӣ дар Ҳирот дар асри XV............................. 215 - 221
**Каландарбекова Б. Х**. Коммуникативные особенности деятельности спортсмена... 222 - 228
**Каримова Д. Д.** Сущность здорового образа жизни как социально культурного феномена и пути его формирования средствами физической культуры и спорта...... 228 - 235

## МЕТОДИКА
## МЕТОДИКА
## METHOD

**Ҷ. Азимов** Арзёбии дараҷаи душворӣ ва неруи фарқгузории саволу масъалаҳои тест забон ва адабиёти тоҷик.................................................................................. 236 – 242
**Салимова Д. И.** Функсияи таълими ҳиссаҳои нутқ дар дарсҳои забони тоҷикии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ............................................................ 243 – 249
**Джафарзода С.Ф.** Программно-целевые задачи ценностно-смыслового управления временем, как фактор достижения целей создания мотивационной среды в вузе………………..…………………………………………………….. 249 – 257
**Шарипова Б. А.** Технология ва методҳои ташаккули салоҳиятҳои омӯзгор дар муассисаи таълимӣ…...................................................................................……... 258 – 264
**Курбонова З.Ш.** Особенности изучения иностранных языков дошкольниками 264 – 269
**Шарифиён М.Х.** Истифодаи самараноки бозӣ ва машқу супоришҳои мантиқӣ дар инкишофи нутқи хонандагон............................................................................. 270 – 277
**Маҳмадқулова О. С.** Тараннуми таҳаммулгароӣ - ҳамчун сифати ахлоқӣ дар эҷодиёти Ҳусайн Воизи Кошифӣ…………..…………………………………..…… 277 – 282
**Убайдзода Б.А.** К вопросу трактовки малого полифонического цикла в творчестве Фируза Бахора…………………………………………………………………..... 283 – 291
**Э. Абдуллозода** Талқини нави сохтори куплетӣ аз таҷрибаи педагогии композитор Шуҳрат Ашӯров (дар мисоли суруди «Ливои мо»)................................................... 292 – 302

## 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
## 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
## 20 YEARS OF STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

**Ҷӯраев Х.Ш., Сайдаҳмадов И.С.** Шаклҳо ва методҳои амалигардонии моделсозии компютерии ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика............................. 303 – 311

**Қодиров Н. М.** Рушди салоҳият, қобилияти эҷодӣ (креативӣ)-и хонандагон дар дарсҳои биология.............................................................................................. 311 – 320

**Пӯлотова Г.И., Шомамадова Ҳ.А.** Технологияи нави иттилоотӣ дар ташкили салоҳияти таълимии хонандагон ........................................................................ 321 – 327

**Одинаев Р.Н., Туманова Ш.С.** Моделирование на уроках информатики в старших классах как способ развития логического мышления.................................. 328 – 337

**Файзуллоев А.М.** Усули методологӣ ва истифодаи воситаҳои аёнӣ- моделӣ дар раванди таълими математикаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ....................................................................................................... 337 – 345

**Ташпулатова Ф.А., Одинаев А.Ҳ.** Татбиқи оператори шартӣ ва сохтани функсияҳои шахси истифодабаранда дар забони алгорифмии R i386 3.6.3............... 346 – 353

**Маҳкамова М.** Методикаи таълими амалҳои арифметикӣ тавассути принсипҳои омӯзиши самарабахши математика дар синфҳои ибтидоӣ.............................................. 354 – 362

# МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

## Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф» пешниҳод мегарданд.

Тамоми мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

**Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:**

– индекси ТДУ (УДК) (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарифзода М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 36]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 36.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;

– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Института развития образования»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

**Требования к оформлению научных статей:**

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

**Статья должна иметь следующую структуру:**

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарифзода М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с. 36]. То есть, литература №4 и страница 36;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора);

– авторы несут ответственность за содержание статей.

# INFORMATION FOR THE AUTHORS

## Requirements for scientific articles submitted to scientific journal "Bulletin of the Institute for the Development of Education»

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements: a) the article should be written in compliance with the established requirements of the journal; b) the article should be the result of scientific research; c) the article must correspond to one of the areas (sections) of the journal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open sources (plagiarism) and the verification is performed using the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are automatically withdrawn from the consideration, and the authors are deprived of the opportunity to publish their work in the journal.

**Requirements for the design of the scientific articles:**

The article should be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1.5.

The volume of the article (including the annotation and the list of references) should be in the range of 10 to 12 pages of A4 format.

**The article should have the following structure:**

– UDC index (the index can be obtained in any scientific library);

– the title of the article;

– the surname and initials of the author (for example, Sharifzoda M.);

– the name of the organization where the author of the article works;

– the main text of the article;

– when citing a particular material, references are indicated in square brackets []. Sample: [4, p.36]. That is, the referenced source # 4, page 36.

– tables, schemes, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures should have a name.

– the list of the used literature (no less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). References are made in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008 state standards;

– the title of the article, annotation and keywords are made in three languages (Tajik, Russian and English). Annotation is made in the volume of at least 25 lines, keywords from 7 to 10 words or phrases;

– information about the author in Russian and English (here the full name of the author, academic degree, academic title (if available), the name of the organization where the author (or authors) works, the position of the author (or authors) in this organization, phone number, E-mail, and postal address of the place of work);

– The authors are responsible for the content of the articles.

**ПАЁМИ**
**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
**2023, № 4 (44), 369 с.**

**ВЕСТНИК**
**ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
**2023, № 4 (44), 369 с.**

**BULLETIN**
**OF THE INSTITFTE FOR EDUCATIONAL DEVELOPMENT**
**2023, № 4 (44), 369 р.**

**Шахси масъули чоп:** Гадоев И.
**Муҳаррири матни тоҷикӣ:** Амонӣ С.
**Муҳаррири матни русӣ**: Лутфуллоева П.
**Муҳаррири матни англисӣ**: Лутфуллоева П.
**Муҳаррири техникӣ:** Ҳайдаров Р.
**Мусаҳҳеҳ:** Ҳайдаров Р.

**Ответственное лицо за номер**: Гадоев И.
**Редактор таджикского текста:** Амонӣ С.
**Редактор русского текста:** Лутфуллоева П.
**Редактор английского текста:** Лутфуллоева П.
**Технический редактор:** Ҳайдаров Р.
**Корректор:** Ҳайдаров Р.

Ба чоп 10.10.2023 имзо шуд. Супориши №7 . Ҳуруфи навъи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи шартию чопӣ – 30. Теъдоди нашр - 75 .
Матбааи “Фасл-4”,7734024,к. А. Навоӣ, 16.

Подписано в печать 10.10.2023. Заказ№ 7. Гарнитура Time New Roman Tj.
Печать офсетная. Формат 60x84 1/8 .Условно-печатный лист – 30. Тираж - 75.
Типография “Фасл -4”, 7734024, улица А. Навои, 16

On pablications issued 10.10.2023. Assignment № 7 . Font Format Time New Roman Tj.
Offset printing, size 60x84 1/8. Printer’s sheet – 30. Edition - 75.
Publishing office “Fasl-4”, 7734024, 16 A.Navoi street.